**Комил Бекзода**

# ФАЛСАФАИ МАРГ ВА ЗИНДАГӢ

**Душанбе–2015**

**Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва**
**оянданигарии илмии АИ ҶТ.**

**Комил Бекзода**

# Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ

**Зери назари академик Мусо Диноршоев ва доктори илми фалсафа (PhD) Ҳафиз Бобоёров**

**Душанбе–2015**

# <u>ШИНОСНОМАИ КИТОБ</u>
## (МАҶМӮАИ ҶАШНӢ)

Ин китоб ҷилди аввали асарҳои муаллиф аст, ки ба муносибати 70 солагиаш ба нашр тавсия шудааст. Мавзӯъҳои китоб гуногун ҳастанд. Вале ҳадди аксари мавзӯъҳо ба мушкилоти зиндагии рӯзмарра ва маънавии ҷавонон бахшида шудаанд. Зиёда аз 50 номгӯи мавзӯъҳо мушкилоти ҷавононро дар бар мегирад. Аз ин гузашта масъалаҳои доғи рӯзе аз қабили: фалсафаи ҷаҳонбинӣ, фалсафаи таърих, фалсафаи фарҳанг, фалсафаи шеър ва фалсафаи зиндагӣ барин мавзӯъҳо қисматҳои дигари китобро фаро гирифтаанд. Дар қисмати фалсафа ва зиндагӣ чанде аз мунаққидон ва соҳибназарони тоҷик нисбат ба муаллиф ва мавзӯъҳои гуногуни ин китоб изҳори андеша намудаанд.

Китоби мазкур барои устодони мактабҳои олӣ, аспирантҳо, донишҷӯён ва ҳаводорони афкори фалсафии гузашта ва ҳозираи халқи тоҷик пешкаш карда мешавад.

**Муҳаррири масъул: Нозим Нурзода**
**Тартибдиҳандаи китоб ва танзими суратҳо: Дидавар Бекзода**

**Ҳамаи ҳуқуқ барои муаллифи китоб маҳфуз аст.**

**Нашриёти “Дониш”–2015**

## Тақдим

**Ин китоб барои ҳаводорони имрӯза ва ояндаи маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша” тақдим мегардад.**

**(Муаллиф)**

❖❖❖

**Саҳифаи эпиграфҳо**
**(Ишорае чанд ба мавзӯи асосии ин китоб)**

**Ҷамшед:** **“Маъно ва ҳадафи зиндагӣ, ин Худи Зиндагӣ аст”.**

❖❖❖

**Румӣ:** **Нуктаҳо чун теғи пӯлод аст тез,**
**Гар намефаҳмӣ, зи пеши мо гурез!**

❖❖❖

**Волтер:** **“Парастиши мавҳумот ва хурофот ҳамаи дунёро ба оташ мекашад. Фалсафа шӯълаҳои ин оташро фурӯ менишонад”.**

❖❖❖

**Ҳафиз Бобоёров**
**(Файласуф)**



## Татбиқи методологияи бехатарии вуҷудӣ дар Фалсафаи Ҷамшедии Комил Бекзода (Сарсухан)

Файласуфи соҳибмактаби тоҷик Комил Бекзода дар мусоҳибаи худ дар мавзӯи “Ҷамшедро соли 1971 шинохтам” эътироф мекунад, ки баъди омӯзиши фалсафӣ дар мавзӯъҳои дин ва атеизм ва “баъди шакку тардидҳо ва ҷустуҷӯҳои фаровоне охирҳои соли 1971 ба фалсафаи Ҷамшедӣ расидам. Фалсафаи Ҷамшедӣ як фалсафаи оптимистӣ, воқеъбинона ва реалистӣ аст. Асосҳои онро аз дидгоҳи назарӣ дар китоби “Бозгашти Ҷамшед ё фалсафаи оптимистӣ” баён намудам. Ин китоб соли 2001 дар шаш шумораи маҷаллаи “Шоҳроҳи Ваҳдат” дар Душанбе ба нашр расид” (рӯзномаи “Садои мардум”, 11 ноябри соли 2006; инчунин маҷмӯаи мазкур бо номи “Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ).

Ҳадаф аз ин мақола низ баррасии Фалсафаи Ҷамшедии ин файласуфи тоҷик аз дидгоҳи методологияи бехатарии вуҷудӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар байни Фалсафаи Ҷамшедӣ ва методологияи бехатарии вуҷудӣ фарқият вуҷуд надорад, балки аввалӣ назария ва дуюмӣ усулу шеваи татбиқ кардани ин назария ба шумор меравад. То чӣ андоза ин назария метавонад ба мактаби комилиёри фалсафӣ табдил ёфта, бароиояндаи миллати тоҷик ва умуман инсоният хизмат кунад, саволи асосии ин мақола ба ҳисоб меравад.

Чандин дафъа дар навиштаҳои дигари худ таъкид кардаам ва ин ҷо бори дигар таъкид мекунам, ки мактаби фалсафии Комил Бекзода, ки онро худаш “Фалсафаи Ҷамшедӣ” меномад, яке аз

ҷаҳонбиниҳои мустақили фалсафӣ мебошад, ки айни ҳол дар Тоҷикистон вуҷуд доранд. Худи муаллиф ҳам дар китоби “Бозгашти Ҷамшед...” ва ҳам дар мақолаи “Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?” тасдиқ мекунад, ки “тоҷик ҳам ба мисли юнонӣ, олмонӣ, ҳиндӣ, хитоӣ... фалсафаи миллии тоҷикии худро дорад” (саҳ. 43).

Ин ҷо дар навбати аввал саволе пайдо мешавад, ки *мактаби фалсафӣ чист*? Мактаби фалсафӣ дониши илмие мебошад, ки ҷаҳон ва падидаҳои онро ба таври хоси худ тафсиру тасвир ва аз ин рӯ, барномаи хоси зиндагии инсонро низ пешниҳод мекунад. Аз ин нуқтаи назар, динҳо низ ҷаҳон, падидаҳои он, моҳияти инсон ва ҳадафи зиндагии ӯро ба таври хос тафсиру тасвир мекунанд. Аммо онҳо мактаби фалсафӣ буда наметавонанд, чунки дониши илмӣ нестанд. Дастовардҳои охири илмӣ собит мекунанд, ки мактаби Фалсафаи Ҷамшедӣ аз ҷиҳати илмӣ исботшаванда ва амалипазир аст. То ҳанӯз илм мавҷудияти ҷаҳон ва қувваҳои ғайримоддӣ ва ғайритабиӣ, аз он ҷумла худо ва охиратро исбот накардааст, вале рафъ кардани хатарҳои вуҷудии инсон, аз он ҷумла барҳам додани марги ҷисмонии ӯро имконпазир медонад. Фалсафаи Ҷамшедӣ барҳам додани маргро ҳадафи марказии барномаи зиндагии одамон қарор медиҳад. Мавзӯи баҳси аксарият навиштаҳои Бекзода, аз он ҷумла маҷмӯаи ҳамакнун дар дасти хонанда гузошташуда бо номи “Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ” низ ҳамин масъала ва мушкилоти дарпешистода барои расидан ба ин ҳадаф мебошад. Яке аз эҷодиёти марказии файласуф дар ин маҷмӯа “Бозгашти Ҷамшед: Зиндагӣ ба марг чӣ гуфт? (Посух ба китоби “Чунин гуфт Зардушт”-и Фридрих Нитше)” унвон дорад, ки мавзӯи асосии баҳсу баррасии ин мақола ба шумор меравад. Дар ин китоб ба тариқи саволу ҷавоб дар байни Марг ва Зиндагӣ ин мушкилиҳо ба миён гузошта ва роҳҳои ҳал низ пешниҳод карда мешаванд.

Гуфтугӯ дар байни Марг ва Зиндагӣ рамзист. Он садои эҳсосу андешаи худи муаллифи китоб мебошад, ки аз як тараф, шакку тардиди худро дар мавриди масъалаи асосии фалсафа – ҷовидонагии зиндагии инҷаҳонии инсон баён мекунад ва аз тарафи дигар, ҷониби Зиндагиро мегирад, яъне имконияти дониши илмиро дар ҷиҳати амалӣ кардани орзуи фалсафии инсон

– бемаргӣ таъкид мекунад. Новобаста ба ин, муаллиф як қатор масъалаҳои ба истилоҳи фалсафӣ субъективӣ ва объективиро дар роҳи ҳифзи зиндагии инсон ба риштаи баҳсу баррасӣ низ мекашад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки файласуф аз номи Марг баён мекунад, ***хатарҳои вуҷудӣ,*** яъне эҳтимолиятҳои маҳву нобуд гардидани Инсон баъди чанд муддате аз рӯи кураи Замин мебошад. Ин воқеияти объективие мебошад, ки ба зиндагӣ таҳдид мекунад ва он чандин паҳлу дорад, аз он ҷумла хатарҳои заминӣ ва кайҳонӣ. *Воқеияти объективӣ чист*? Дар фалсафаи классикӣ мафҳуми объективият ба таълимоти Кант бармегардад, ки онро чун зуҳури шароити априории (тотаҷрибии) ҷаҳони апостериорӣ (баъдитаҷрибӣ) муайян мекунад. Ин биниш ба таълимоти теологӣ бармегардад, ки объективият чун таҳаққуқи моҳияти худо дар ҷаҳони моддӣ дониста мешавад. Аммо тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ ва Фалсафаи Ҷамшедӣ, объективият ба воқеияти зиндагӣ ва марг рабт дорад. Инсон вуҷуд дорад, вале дар айни замон хатарҳои вуҷудӣ, яъне хатарҳое, ки ҳастии ӯро таҳдид мекунанд, низ вуҷуд доранд ва маҳз онҳо шароити объективиро ташаккул медиҳанд.

Айни ҳол хатарҳои асосие, ки ба зиндагии инсон дар сайёраи Замин таҳдид мекунанд, ҷангҳои миллию мазҳабӣ, мусаллаҳшавии давлатҳо бо яроқи қатли ом (аз он ҷумла яроқи ядроӣ), гармшавии иқлими ҷаҳон, ҳаракати бесомони метеору астероидҳо, дуршавии моҳ ва сияҳчолҳои атрофи системаи офтобӣ ва дохили галаситораи Каҳкашон ба шумор мераванд. Ба монанди заминҷунбӣ, кай сар задан ва дар чӣ миқёс сурат гирифтани ин хатарҳо номаълум ва номуайян боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, бо тавоноие, ки илму технологияи муосир дорад, пешгӯӣ, идора ва маҳдудсозии онҳо аз тарафи инсон хеле мушкил аст. Дар баробари ин, мардумони ҷаҳон огоҳию худшиносӣ ва иродаи кофии сиёсӣ ва маънавӣ надоранд, ки сари вакт ба пешгирии ин хатарҳо пардозанд.

Дар чунин вазъияти буҳронӣ фалсафа мақому мартабаи худро, ки аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба ин тараф аз даст дода буд, боз дар байни равшанфикрон ва донишмандон барқарор мекунад. Вазифаи фалсафа на фақат огоҳонидани мардум аз хатарҳои

вуҷудии инсон, балки пешниҳоди роҳи ҳалли назариявӣ ва амалӣ низ ба шумор меравад. Кайҳо дар охири асри XIX файласуфи рус Николай Фёдоров роҳи ҷолиби ҳалли марг ва дигар хатарҳои вуҷудии инсонро пешниҳод карда буд. Аммо дар он замон инсоният ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ аз хатарҳо огоҳӣ надошт ва ё онҳо ба назар ҷиддӣ наменамуданд. Аз ин рӯ, бештар он таълимотҳои фалсафие дар ҷаҳонбинии одамон нуфуз доштанд, ки муборизаҳои синфӣ, табақотӣ ва миллию нажодиро тарғиб мекарданд. Дар натиҷа, дар асри XX ва оғози асри XXI шадидтарин ҷангҳои миллию мазҳабӣ ва инқилобҳои синфӣ ба вуқӯъ пайвастанд ва табиату инсон ба таври бераҳмона, ки таърих ёдашро надорад, истисмор ва истило гардиданд. Дар даврони Ҷанги сарди ду абарқудрат – ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ моҷарои Куба қариб буд ҷаҳонро ба ҷанги атомӣ печонад. Солҳои охир бархӯрди абарқудратҳо дар Ховари Наздик ва Миёна аз нав мушоҳида мешавад, ки мусаллаҳшавии давлатҳо ва ҳатто гурӯҳҳои террористӣ бо яроқи қатли омро метезонад.

Дар баробари бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо, мушкилии дигаре, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад, ба эътиқоди динӣ ва мазҳабии одамон марбут мебошад. Эътиқоди динӣ ва мазҳабӣ на камтар аз манфиатҳои абарқудратҳо боиси афзоиши нофаҳмӣ ва нооромӣ дар байни одамон гардидааст. Мусаллам аст, ки ҳеч гоҳ дар масири таърих одамон ба як дину ба як мазҳаб итоат намекарданд. Балки хосияти дину мазҳаб ҳамеша чунин будааст, ки ҳатто падару писарро аз ҳамдигар ҷудо карда, дар сангарҳои мухолифи ақидавӣ ва идеологӣ гузоштааст. Аммо воқеияти ҷаҳони муосир талаб мекунад, ки дар навбати аввал одамон новобаста ба тааллуқияти динию мазҳабӣ ва қавмию нажодӣ бо ҳам муттаҳид шаванд. Муттаҳидию ҳамзистӣ шарти аввали раҳоии инсоният аз хатарҳои иҷтимоӣ, табиӣ ва кайҳонӣ мебошад. Мутаассифона, мо ҳолати тамоман хилофро мушоҳида мекунем: яке аз омилҳои асосии ҷангҳое, ки дар гӯшаву канори сайёра рух медиҳанд, эътиқодоти динию мазҳабӣ ба шумор меравад. Агар ин ҷангҳоро канор гузорем, мебинем, ки инсоният масъалаҳое дорад, ки онҳоро бояд ҳарчи зудтар ҳаллу фасл кунад. Бояд дар зудтарин фурсат ба доди мардуми бехонумон ва бенаво расем, бесаводӣ ва илмситезиро рафъ кунем, пеши роҳи

биёбоншавии заминҳои кишт ва ҷангалзорҳоро бигирем, гармшавии иқлимро чора созем ва монанди инҳо. Онгоҳ хоҳем дид, ки мо одамон қудрати илмию техникии худро на барои корҳои ободонию созандагӣ, балки бештар барои харобкорию ҷанг бар зидди якдигар истифода бурдаем. Онгоҳ хоҳем дид, ки на фақат барои гузаштагону ояндагони худ, балки ҳатто барои рӯзи фардои зиндагии худ ҳеч гуна нақшаи ҷиддие ҳам надорем. Мисли динозаврҳо барои ҳамин рӯз ва аз рӯи ғаризаҳои вахшии худ зиндагӣ мекунем, аммо аз тасодуфи маргзо бехабар ва бепарво ҳастем.

Барои аз ин бехабарӣ ва бепарвоӣ раҳо ёфтан, инсони асри XXI ба ***ҷаҳонбинии алтернативии фалсафӣ*** ниёз дорад. Албатта, дар таърихи тафаккури фалсафӣ намунаҳои ҷаҳонбинии гуманистӣ ва зиндагимеҳвар вуҷуд доштаанд, вагарна инсоният ҳеч гоҳ аз зулму истибдод ва ҷаҳолати асримиёнагӣ раҳо намеёфт. Маҳз кӯшишҳо ва ҷонфидоиҳои донишмандони давраи Ренессанс ва Маорифпарварии Аврупо буд, ки инсоният аз юғи ғуломӣ ва ҷаҳолат наҷот ёфт ва ба дараҷаи имрӯзаи озодӣ ва огоҳӣ ноил гардид. Акнун марҳилаи дигари мубориза ва муқовимат фаро расидааст, ки инсон худро аз Марг ва шаклҳои гуногуни зуҳури он наҷот диҳад. Илму техникаи муосир чунин қудратро доранд. Аммо тафаккур ва тасаввури на фақат одамони одӣ, балки бисёре аз равшанфикрон инро қабул карда наметавонад.

Дар чунин вазъият дар баъзе марказҳои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳон ниҳодҳое арзи ҳастӣ мекунанд, ки ба ҳалли мушкилии марг пардохтаанд. Мақсади ҳамаи онҳо барҳам додани марги ҷисмонии инсон мебошад. Институти ҷовидонагӣ ва Ҳаракати трансгуманизм дар Амрико, Аврупо, Русия ва маҳфили “Ҷаҳони андеша” дар Тоҷикистон намунаи чунин ниҳодҳо мебошанд. “Даъво”-и онҳо, яъне ҷовидона кардани ҷисми инсон дар ин ҷаҳон барои аксарияти доираҳои илмию фарҳангӣ чун нописандӣ, худписандӣ ва девписандӣ (девонагӣ) ба назар мерасад. Аммо инсоният роҳи дигаре надорад ба ҷуз (1) мубориза барои зиндагии фардӣ ва (2) мубориза барои зиндагии коллективӣ бурдан дар сайёраи Замин ва дар фаросӯи Кайҳон. Агар ӯ барои зиндагии фардии худ мубориза барад, вале наслҳои гузаштаву оянда,

ҳаммилат ва ҳамсайёраи худро фаромӯш кунад, ба инсони худпараст (эгоист)-е табдил меёбад, ки Аврупоро ба ҷое магар ба худкушӣ нарасонд. Агар ӯ моҳияти худро дар коллектив, аз он ҷумла дар ҳамдину ҳаммазҳаб ва ҳамсояву ҳаммаҳали худ бинад ва худро қурбонии онҳо кунад, ба инсоне табдил меёбад, ки Шарқро бегонапараст кард. Инсоне, ки дар ҳамин ҷаҳон ҷовидонагӣ металабад, бояд ҳам худ ва ҳам дигаронро ҳифз кунад.

Дар 500 соли охир инсони огоҳ шаҳрванди сайёраи Замин буд, акнун инсоне, ки аз хатарҳои вуҷудӣ дар сурати комили онҳо огоҳ шудааст, "мавҷуди кайҳонӣ шудааст" (саҳ. 61).Барои ба шаҳрванди Кайҳон табдил ёфтан, вале дар айни замон аз решаҳои миллӣ ва заминии худ бегона нашудан, одамон ба ҷаҳонбинии нави фалсафӣ ниёз доранд. Тибқи ин ҷаҳонбинӣ, ки нақша ва барномаи нави зиндагиро пешниҳод мекунад, ҳамаи мафҳумҳо ва категорияҳои фалсафӣ бояд бознигарӣ шаванд. Ҳадафи методологияи бехатарии вуҷудӣ аз ҳамин иборат аст: бознигарии категорияҳои фалсафӣ ва арзишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба онҳо вобаста. Бо ин мақсад дар ин мақола баъзе категорияҳои калидии Фалсафаи Ҷамшедӣ бо ченаки ин методология санҷида мешаванд. Ин категорияҳо, пеш аз ҳама, моҳияти ҳастӣ, ҳадафи вуҷуд, ҳақиқати абадӣ, тағйиру таҳаввул, худшиносӣ, огоҳӣ, ирода, хушбинӣ, худкушӣ ва монанди инҳо мебошанд, ки дар маҷмӯаи "Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ" ва бахусус дар "Бозгашти Ҷамшед..."-и Комил Бекзода вомехӯранд.

Дар тӯли таърих ***ҳастишиносӣ*** ё худ моҳият ва асли ҳастӣ яке аз масъалаҳои марказии баҳсҳои фалсафӣ ва теологӣ ба шумор мерафт. Ҷараёни маърифатмеҳварии фалсафаи Юнони Бостон, ки бо номи Арасту маъруф аст, моҳиятро бар вуҷуд пештар мегузорад. Яъне инсон, табиат, кайҳон ва ҳар чизи дигар моҳияти пешакӣ дорад, ки онро тақдиру сарнавишт низ меноманд. Дар ин асос, таълимот дар бораи рӯҳ, худо, ҷаҳони идеяҳо, ҳаюло, қувва (потенсиа) ва монанди инҳо дар ҷаҳони қадим ба вуҷуд омада, тавассути метафизика ва теология то замони нав расиданд. Дар аҳди нав Декарт пешниҳод кард, ки бигузор худо вуҷуд дошта бошад, вале баҳси моҳияти он мавзӯи фалсафа буда наметавонад. Балки он мавзӯи теологӣ мебошад, ки

бо афзорҳои мантиқ ҳеч гоҳ исботи худро пайдо карда наметавонад. Ба чунин хулоса расидани Декарт ва минбаъд файласуфони вуҷудгаро (экзистенсиалист), ки вуҷудро бар моҳият муқаддам гузоштанд, на ба хотири рад кардани идея ва моҳияти худо ва дин, балки ба хотири ҳалли мушкилоти инсон буд, ки бо баҳси чунин мавзӯъҳои схоластикӣ ҳаллу фасл намеёфтанд. Имрӯз низ баҳси схоластикӣ (метафизикӣ ва теологӣ) моро ба нокуҷо расондааст. Мо аз мушкилоту хатарҳои вуҷудии худ, ки ҳамакнун моро иҳота кардаанд ва дар оянда ба таври экспоненциалӣ (ҳисоби геометрӣ) афзоиш меёбанд, бехабар ва бепарво мешавем. Дар фалсафа чунин бехабарӣ ва бепарвоӣ *такаббури маърифатӣ* мебошад. Дар гузашта сӯфиҳои мо чунин такаббури маърифатӣ доштанд, ки дар рӯёрӯи мушкилоти ҷомеа ва мардум гӯшанишинӣ ва чиланишинӣ ихтиёр карда буданд.

Беҳудагии баҳси моҳият ё аниқтараш муқаддам будани моҳият бар вуҷуд, ки боиси тавлиди идеяҳои бепоя ва бесамари метафизикӣ ва теологӣ гардидааст, дар Фалсафаи Ҷамшедӣ низ баҳс мешавад. Бекзода аз номи Зиндагӣ ба Марг мегӯяд: “Муаммое вуҷуд надорад. Ҳарчи ҳаст, ҳамин Инсон аст. Бо Инсон шурӯъ мешавад ва бо Инсон тамом мешавад. Ҷаҳону Кайҳони ту бе Инсон чӣ арзише дорад? Мо одамон ҳастем, ки ба ҷаҳон маънӣ ва арзиш медиҳем. Вагарна Кайҳони бе Инсон чӣ маъное дорад? Кайҳон худ намедонад, ки Кайҳон чист? Мо инсонҳо ҳастем, ки Кайҳонро бо худаш шинос менамоем” (саҳ. 49). Дар идомаи ин баҳси маргу зиндагӣ ва нестию ҳастӣ, файласуф мавзӯи “моҳият”-ро ба “муаммо” иваз мекунад... “Муаммои ҷаҳон вуҷуди марг буд” (саҳ. 50).

Аз дидгоҳи методологияи бехатарии вуҷудӣ, *моҳият* унсурҳое чун ҳадаф, маъно, арзиш, мақсад ва заруратро фаро мегирад. *Ҳадаф* ба зиндагии инсон маъно мебахшад ва таносуби ҳадаф ва маъно *арзиш* мебошад. *Маъно* робитаи ҳар як чиз ва рафтор ба ҳадаф ва *мақсад* бошад, нақшаи барқарор кардани ин робита аст. Дар ин маврид *зарурат* ногузирии фаъолияти мушаххаси инсон ва ё истифодаи ин ё он чиз барои ба даст овардани ҳадаф мебошад.

Баҳси Кул, Ҷузъ ва Хос низ ба ҳамин мавзӯъ бармегардад. *Кул* – моҳият, *ҷузъ* – маъно ва *хос* ҳадаф мебошад. Арзиши ҳамаи

онҳо дар робитаи байниякдигарӣ ва сатҳу сифати ноил шудан ба ҳадаф мебошад. Яъне арзиш хусусияти амалии моҳият ва маъно мебошад. Ҳадафе, ки ба даст оварда нашавад, арзиши худро аз даст медиҳад. Дар ин ҷо Хос фарди инсонӣ аст, ки бояд ба бемаргӣ расад, дар акси ҳол аз арзиши хоси худ маҳрум мешавад. Дар ин сурат, кул ва ҷузъ низ беарзиш мешаванд.

Моҳият, яъне бемаргии инсон инчунин муайянкунандаи меъёрҳои *мантиқ ва гуфтор* низ ҳаст. Сухане, ки ба моҳият оид набошад, умумигӯӣ ва зиёдагуфторӣ аст (саҳ. 77). Куллигӯӣ ё худ умумигӯӣ, ки Комил Бекзода ба он ишорат мекунад (саҳ. 57), аз он сабаб аст, ки мо моҳиятро на дар бемаргии инсон, балки дар дигар ҷо (худо, инкишофи таърихӣ ва монанди инҳо) меҷӯем. Аз ин нигоҳ, теология ва метафизика умумигӯӣ мебошанд. Баҳси мафҳумҳои “ҷон”, “нафс”, “равон”, “рӯҳ”, “зот”, “ҷавҳар” ва ғайра низ умумигӯӣ мебошанд, чунки истилоҳоти муғлақ ва бемуҳтаво ҳастанд, дар ҳоле ки вуҷуд надоранд. Онҳо шуури инсонро фиреб медиҳанд ва аз мавзӯи асосӣ парешон ва бероҳа мекунанд. Инро муаллиф аз забони Раймонд Моудӣ собит мекунад (саҳ. 87).

Дар баробари он ки моҳият қонунҳо ва меъёрҳои мантиқ ва гуфторро муайян мекунад, ҳамин гуна *рафтори инсон*ро низ муайян ва ба ҳадафи бемаргӣ равона мекунад. Яъне ҳама гуна рафтору кирдори инсон бояд барои ба даст овардани бемаргӣ равона карда шавад, дар акси ҳол он аз ғаризаи ҳайвонӣ фарқ надорад (саҳ. 76). Барои ҳамин аст, ки дар бештари маврид диндорон бадахлоқ ва табаҳкор мешаванд ва хилофи ахлоқи динии худ амал мекунанд.

Кайҳон ва ҳар чизи ғайри инсон ба худии худ (яъне бе Инсон) моҳият надоранд, балки маъно доранд. Дар ин маврид саволи фалсафӣ чунин гузошта мешавад: ҳадафи Инсон ба маънои вуҷуди онҳо чӣ рабте дорад? Аз ин нигоҳ, Кайҳон ва унсурҳои таркибии он арзишманд мебошад, чунки Инсон танҳо дар доираи он ҳадафи худ, яъне бемаргиро амалӣ карда метавонад. Беарзиш хондани Кайҳон ва ҳар чизи табиат, ки моро иҳота кардааст, маънои “дар сари дарахт нишастану даъвои аз бех буридани он”-ро дорад (саҳ. 69).

Агар ба таълимотҳои метафизикӣ ва теологӣ дар борaи моҳият муроҷиат кунем, арзиш мафҳум ва категорияи меҳварӣ мебошад. Барои моҳияти чизеро муайян кардан, арзиши онро бояд муайян кард. Арзиши чиз дар муқоиса ба моҳияти чизе гузошта мешавад, ки ҳақиқати абадӣ дорад. Чунончи, Суқрот зебоии занро ба идеяи мутлақи зебоӣ, ки хоси зан ва табиат намедонист, муқоиса мекунад. Ҳамин гуна, динҳои осмонӣ арзиши чизҳоро дар муқоиса ба сифатҳои худо ва дигар мавҷудоти қудсӣ муайян мекунанд. Аммо аз дидгоҳи Фалсафаи Ҷамшедӣ ва методологияи бехатарии вуҷудӣ чунин муқоиса бемаъно ва беҳуда аст. Худи арзишгузорӣ бахусус дар мавриди зиндагӣ ба баҳси схоластикӣ (метафизикӣ ва теологӣ) бармегардад. "Оё зиндагӣ арзиш дорад ё не, дар асл саволи бемантиқ аст ва сазовори посух додан нест. Чун ҳамин зиндагист, ки ба ҳамаи ҷузву кулли ҷаҳон арзиш ва маънӣ мебахшад... Решаи иштибоҳ дар ин аст, ки ҳадаф ва маъноро аз моҳияти Инсон ҷудо тасаввур кардаанд" (саҳ. 50). Дар сурате ки ҷаҳон ва тамоми мавҷудоту идеяҳои он бе вуҷуди инсон моҳият надоранд.

Баҳси ҳадаф ва маънои зиндагӣ аз дидгоҳи схоластикии марг (яъне теология ва метафизика) хобу хаёл ва сароб мебошад. Балки он ҳадаф ва маъноро дар олами ғайримоддӣ (охират, нирвана) мебинад. Аз нигоҳи Фалсафаи Ҷамшедӣ, ҳадафу маъно на ба охират, балки ба худи зиндагӣ тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, ҳадафу маъно воқеӣ ва ноилшаванда мебошанд. Ҳадафу маъно худи зиндагӣ, яъне ҳифзи зиндагии инҷаҳонии инсон дар тамоми самтҳои он мебошад. Инсонҳо набояд ба умеди биҳишт дар он дунё нишинанд, балки бо истифода аз қудрати дониши илмӣ биҳиштро дар ҳамин дунё созанд.

Комил Бекзода дуруст таъкид мекунад, ки иваз шудани ҳадафу маъно ва арзишҳо низ на айбу нуқсон, балки фазилат аст. Он ба хотири ҳифз ва пешрафти зиндагии инсон мебошад. Баръакс, мутлақ кардани ҳадафу маъно, ки хоси ҷаҳонбинии динӣ мебошад, боиси афзоиши хатарҳо ва мушкилиҳо мегардад. Инсон бояд худаш дар иваз кардани ҳадафу арзишҳо ҷаҳд кунад. Ин ба маънои *релятивизм* (нисбигароӣ) нест, чуноне ки хоси фалсафаи Ғарб аст. Тибқи релятивизм, дар олами ҳастӣ ҳеч гуна ҳақиқат ва аз ин рӯ, ҳадафу арзиши мутлақ вуҷуд надорад. Балки вобаста ба

фаҳмиши фардҳо, ҷомеаҳо ва тамаддунҳои инсонӣ ҳақиқатҳо ва аз ин рӯ, ҳадафу арзишҳои бисёре вуҷуд доранд. Бигузор, ҳар як инсон ва ҳар як мардум бо ҳақиқатҳо ва ҳадафҳои худ зиндагӣ кунад. Чунин масъалагузорӣ асоси консепсияи *плюрализм* (касратгарой)-ро ташкил медиҳад.

Аммо мувофиқи методологияи бехатарии вуҷудӣ ва Фалсафаи Ҷамшедӣ, зиндагии инҷаҳонии инсон *ҳақиқати мутлақ* мебошад. Дар ин асос, ҳадафи инсон ҳифзи ин зиндагӣ мебошад. Зарурати иваз кардани ҳадафу арзишҳо низ ба хотири ба ҳамин ҳақиқат ва ҳадафи ниҳоӣ расидан мебошад.Беруntар аз зиндагии инсон дигар ҳақиқати мутлақ ва абадие вуҷуд надорад. Чуноне ки худи Бекзода аз номи Ҷамшед мегӯяд: “Аввал зиндагӣ ва баъд ҳикмат”. Ва ё дар ҷои дигар мегӯяд: “Ҳақиқати абадӣ ва доимӣ вуҷуд надорад. Ҳамин як мафҳуми “тағйир” образи абадият асту бас. Ҳамчун мафҳум, на воқеият. Зеро худи воқеият ҳамеша дар тағйири доимӣ мебошад. Ин истилоҳ, яъне истилоҳи “тағйир” ва “таҳаввул” ба забони арабӣ “Сайрура” ва дар забони русӣ “Становление” номида мешавад.” (саҳ. 43).

Тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ, дар таърихи фалсафа, мафҳуми “шудан” (сайрура; становление) яке аз мавзӯъҳои меҳварии *ҳаракат ва тағйиру таҳаввул* будааст, ки аз Зардушту Ҳераклит шурӯъ шуда, то Нитше сайр кардааст. Ин мавзӯъ аз тасаввуроти динӣ дар бораи такомули рӯҳонии инсон ва интиқолу тағйири моҳият ва аз ин рӯ, аз нестӣ раҳо ёфтани ӯ реша мегирад. Мувофиқи ин биниш, марг низ як василаи муҳими камоли инсон мебошад. Бе он инсон наметавонад марҳилаи сифатан нав ва бартари ҳастиро шурӯъ кунад. Консепсияи энтропия дар физикаи назариявӣ низ ба ҳамин эътиқоди динии инсон бармегардад.

Ҳамин гуна, методологияи бехатарии вуҷудӣ ин консепсияи эътиқодии (на илмии!) ҳаракат, тағйиру таҳаввул, такомул ва шуданро нақд мекунад. Дар таърихи тафаккури фалсафӣ, баҳси мавзӯи ҳаракат масъалаҳое чун логос, генезис, айдос, атом, диалектика, дуализм, монизм, монотеизм, бисёрхудой, касратгарой (плюрализм), релятивизм, историтсизм ва дигарро ба миён гузоштааст. Аз байни ҳамаи ин мафҳумҳо ва консепсияҳо Комил Бекзода ба *дуализми зардуштӣ (эронӣ)* таваҷҷӯҳи хосса дорад ва мегӯяд, ки он асоси фалсафаи тоҷикро ташкил медиҳад.

Дар ҳақиқат, назар ба дигар бинишҳо дуализми эронӣ воқеиятро дурусттар ва ба манфиати инсон наздиктар ифода мекунад. Инсони дуалист худро дар муқобили қувваҳои ваҳшии табиат мегузорад ва ба онҳо муқобилат мекунад. Ин аст, ки файласуф мегӯяд: “Аз калимаи *муқобилият* наҳаросед. Тамоми зиндагии мо дар ҳамин як калимаи муқобилият таҷассум гардидааст. Мо ҳамеша дар муборизаем” (саҳ. 107). Аммо дуализми ибтидоӣ бештар ҷанбаи динӣ дошт, аз ин рӯ, тамоми қувваҳои табиӣ, аз он ҷумла талаботи нафсонии инсонро қувваҳои аҳриманӣ эълон кард. “Бо ин андешаи дуалистии динӣ ва хурофотии худ ваҳдат ва ягонагии зиндагии инсониро дар Замин халалдор намуд” (саҳ. 115). Минбаъд бошад, дуализми динӣ (зардуштӣ ва монавӣ) ба фалсафаи Юнон ва тавассути он ба дини Масеҳӣ ва фалсафаи нави Аврупо роҳ ёфта, дуализми Декарт дар бораи субъект ва объект, диалектикаи Ҳегел ва таълимоти Маркср о дар бораи зиддияти синфӣ асос гузошт.

Бо вуҷуди он ки Бекзода чунин ҷанбаҳои манфии дуализмро тасдиқ мекунад, аммо дар баъзе шеърҳо ва тарҷумаҳояш (махсусан дар “Достони беном” – шеъри тарҷумашуда аз арабӣ) ба шеваи Иқболи Лоҳурӣ ба доми дуализму муқобилгузории Шарқу Ғарб, Арабу Яҳуд, наслҳои гузаштаву имрӯза, образи манфии Фиръавн ва бутпарастӣ, ки реша дар таълимоти динии яккахудоӣ (монотеистӣ) доранд, меафтад, ки фаҳмиши *эпизодии воқеияти хатарҳои вуҷудӣ* мебошад. Ин пешниҳодҳои шеърии Бекзода, мутаассифона, наметавонанд ормонҳои Фалсафаи Ҷамшедиро таҷассум кунанд.

Бояд таъкид кард, ки идеяи тавҳид дар шаклҳои гуногуни он (монотеизм, материализм, идеализм) хатарноктар ва бунбаститар аз дуализми динӣ аст. Монотеизм сарчашмаи худкомагии сиёсӣ, тоталитаризми маънавӣ ва террори маънавии дигарандешӣ мебошад. Бинобар ин, Бекзода дуруст мефармояд, ки мо набояд аз дурустии тафаккури дуалистии худ ноумед шавем. Бо бархӯрди илмӣ ва воқеӣ ба дуализм ва канор гузоштани дуализми динӣ (дар шакли зиддияти азалии ду қувва ва ахлоқи неку бад), мо дармеёбем, ки “фалсафаи асили халқи тоҷикро фалсафаи дуализм ташкил медиҳад” (саҳ. 119). Файласуф ин мавзӯъро ба таври алоҳида дар мақолаи худ бо номи “Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ

доранд?” баррасӣ кардааст. Зардуштия ва мероси фалсафии Эронро тавҳидӣ ва яккахудоӣ гуфтан ин бешубҳа “хушомад задан ба ислом ва идеологияи ҳукмрони замон” аст (саҳ. 128).

Дар Фалсафаи Ҷамшедӣ баҳси мавзӯъҳои ***маърифатшиносӣ*** низ дар доираи мавзӯи зиндагӣ ва марг сурат мегирад. Дар “Бозгашти Ҷамшед...” Марг ба Зиндагӣ чунин саволгузорӣ мекунад: “Кадом худро шинохтаӣ? Аз чӣ огоҳӣ ёфтаӣ? Ба кадом дониш расидаӣ? ... Чаро ки мирандаӣ. Боз ба ман бармегардӣ...” (саҳ. 49)

Асли маърифатшиносӣ ва ё худ *худшиносиро* инсон ташкил медиҳад, ки ба ҳама чизи дигар моҳият ва қобилияти ба худ монандро мансуб медонад. Худоро низ ӯ офаридааст, ки сад дар сад тимсоли инсон мебошад. Тасаввури он ки дигар мавҷудот қудрати шинохт доранд, хато мебошад. Яке аз категорияҳои марказии худшиносӣ *огоҳӣ* аст, он ҳамчун мафҳуми куллии шинохт,шинохти марг чун масъалаи асосии фалсафа ба шумор меравад. Баръакст, *ноогоҳӣ* бехабарӣ аз ин масъала мебошад. Нодонӣ ва ҷаҳл шаклҳои муқаррарӣ ва хоси зуҳури ноогоҳӣ дар байни мардум мебошад. *Нодонӣ* иборат аз ҳолати бехабарии бетарафона аст. *Ҷаҳл* бошад, рӯ гардондан, нахостан ва якравона инкор кардани марг чун масъалаи асосии фалсафа ба шумор меравад. *Таассуб* (чи динӣ ва чи дунявӣ) аз ҳамин шакли ноогоҳӣ ба вуҷуд меоянд. Ҷузъи дигари баҳси огоҳӣ масъалаи *одат* мебошад. Қисмати бузурги одамон то охири ҳаёти худ дар ҳолати нодонӣ зиндагӣ мекунанд ва ба падидаи зиндагӣ ва марг ба тариқи одат муносибат ва бархӯрд мекунанд. Одат хурофот ва расму ойинро ба вуҷуд меорад, ки аксарияти одамон мавҷудияти худро аз рӯи он сохтаанд. Муайянкунандаи асосии хурофот *ҳадду ҳудуд ва андоза* мебошад. Инсони хурофотӣ қадамҳои худро ба ҳадду ҳудуде месанҷад ва мегузорад, ки гузаштагон муқаррар кардаанд. Берун аз онҳо по гузоштан барояш айбу гуноҳ ва куфру ширк дониста мешавад, ки аҳкоми диниро ба вуҷуд меоранд. “Ҳадду ҳудуд ба инсон оромиш ва эътимод мебахшад. ... Ин аст, ки аксарияти инсонҳо аз дониш рӯй мегардонанд ва ба имону эътиқод мепайванданд” (саҳ. 71).

Дар Фалсафаи Ҷамшедӣ фарқияти асосӣ ва усулӣ дар байни огоҳӣ ва ноогоҳӣ дар шакли *дониш* ва *имону эътиқод* зоҳир

мегардад, ки ба шинохт ва ҳалли мушкилии асосии фалсафа – марг марбутанд. Дониш маргро мушкилии асосии инсон дониста, роҳи илмӣ ва воқеии ҳалли онро пешниҳод ва ҷустуҷӯ мекунад. Имону эътиқод бошад, роҳи ҳалли диниро дуруст дониста, таскину худфиребии инсонро афзоиш медиҳад. Чаро ки имону эътиқод, ки асоси динҳоро ташкил медиҳад, аз *тарс* реша мегирад. "Тарс аз оянда. Азояндаи зиндагии худ дар дунё ва азояндаи тақдири вуҷудии худ баъд аз марг..." (саҳ. 72). Сабаби ба *дин*, ки шакли аз ҳама бештар паҳнгардидаи ноогоҳӣ мебошад, рӯ овардани аксарият ваъдаи бемаргӣ баъди марг мебошад, ки мувофиқи он ҷисми инсон мемираду рӯҳи инсон ба осмон ба назди Парвардигор меравад ва дар он ҷо абадӣ боқӣ мемонад. *Боварӣ ба зиндагии баъди марг* асоси 4500 динеро ташкил медиҳад, ки то ҳанӯз дар ҷаҳон ба вуҷуд омадаанд, гарчанде тасаввурот дар бораи чӣ гуна баъди марг зинда шудан (дар шакли ҷисм, дар шакли рӯҳ, таносух ва ғайра) гуногун аст. Вазъи ҷаҳони муосир чунин аст, ки илму техника ҳам бештар дар хизмати имону эътиқоди динӣ ҳаст.

Категорияи дигари худшиносӣ *нофаҳмӣ* мебошад. Агар нодонӣ ба одамони одӣ мансуб бошад, ҷаҳл ба диндорон ва эътиқодмандони оташину мутаассиб ва нофаҳмӣ бошад ба донишмандону файласуфон хос аст. Ҳамаи онҳо ба таври хоси худ нафаҳмидаанд, ки марг мушкилии асосии инсон аст. Бо чунин нофаҳмӣ, донишмандону ҳунармандон ва файласуфон *муаммо* мебофанд. Яке аз ин муаммобофон Ҳофиз буд, ки мегуфт:

Вуҷуди мо муаммоест, Ҳофиз,
Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.

Ҳамин гуна нофаҳмӣ ва муаммобофӣ дар таърихи тафаккури фалсафӣ назарияи *агноститсизм*, яъне шинохтнопазирии олами ҳастиро ба вуҷуд овардааст. Хайём яке аз намояндаҳои барҷастаи ин таълимоти бунбастӣ буд, ки ба ҳамин хотир Фалсафаи Ҷамшедӣ онро накд мекунад. Вале накди таҳқиромез не, балки накди одилона, дар ҳоле ки Хайём дар муқоиса ба шароити замони худ бештар аз ҳама огоҳ ва воқеъбин буд. Ӯ муамморо дар инсон меҷуст, вале Ҳофиз муаммои ҳастиро ба олами ғайриинсонӣ густариш медиҳад. Бинобар ин, ӯ низ мисли бисёр донишмандону ҳунармандон ба дин дар шакли бисёр тирарангу

фиребандаи он бармегардад. Афзорҳои маърифатии чунин нофаҳмӣ ва муаммобофиро тасаввур ва тахайюл ташкил медиҳад. *Тасаввур* ҳамеша шинохти кӯру мавҳум ва тарсомез дар бораи ҳақиқати чизҳо ва ё ба истилоҳи дигар ҷустуҷӯи ҳадаф дар чизҳои моддӣ ва идеяҳои дар ҷаҳони моддӣ дастрас мебошад. *Тахайюл* бошад, ҷустуҷӯи ҳадаф (бемаргӣ) дар падидаҳо ва идеяҳои дар ҷаҳони ғайримоддӣ дастрас (аз қабили биҳишт) аст. Агар тасаввур чизҳои моддӣ ва идеяҳои дар ҷаҳони моддӣ дастрасро ба ҳадаф ё худ *объекти парастиш* табдил диҳад, тахайюл қувваи маърифатие мебошад, ки аз падидаҳои ғайримоддӣ ва идеяҳои дар ҷаҳони ғайримоддӣ дастрас, ки аксаран моҳияти динӣ доранд, объекти парастиш месозад.

*Дониш* бошад, баръакс, пеш аз ҳама *ҷасорати* пурсиш дар мавриди масъалаи асосии инсон – марг ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли воқеии он мебошад. Он талаб мекунад, ки тасаввури худро дар бораи чиз-ҳадаф (чиз ҳамчун ҳадаф, масалан: сарват барои шуҳрату қудрат, санъат барои санъат) ба чиз-восита (сарват ва санъат чун воситаи расидан ба бемаргӣ) иваз кунем. Дар робита ба тахайюл низ, дониш моро вомедорад, ки онро ҳамчун фиреби назар шиносем ва орзуву омоле, ки ба он нисбат медиҳем, бозпас гирем ва дар хизмати зиндагӣ гузорем.

Огоҳӣ дараҷаи олии тафаккури инсон мебошад, ки инъикоси олами ҳастӣ ҳамагӣ ҳолати ибтидоии он мебошад. *Инъикос* хоси набототу ҳайвонот низ мебошад. Аммо фарқияти огоҳии инсон хусусияти “*инъикоси эҷодкорона*”-и он мебошад.Дар ин марҳилаи огоҳӣ шинохт ва амал бо ҳам як мешаванд. Ҳар чизеро ки тафаккур дар шакли маънавӣ эҷод кард, амалан месозад. Ҳамин гуна робита дар байни илм ва техника вуҷуд дорад.

Инъикоси эҷодкорона *таърифи “Инсон Кист?”*-ро низ медиҳад. Вагарна он аз ойина ва ҳар чизе, ки чизи дигарро ба таври оинавӣ ва механикӣ инъикос мекунад, фарқ дошта наметавонад. Аз ин рӯ, *хотира* яке аз муҳимтарин хусусиятҳои тафаккур ва эҳсоси инсон мебошад. Боз ҳам, хотира дар ҳамаи мавҷудот ҳаст, аз он ҷумла дар ҷисмҳои мурда дар шакли қувваҳо ва майдонҳои электромагнитӣ ва дар растаниҳою ҷонварон дар шакли фотосинтез, ғариза ва рефлексияи шартӣ.

Фарқияти хотираи инсон дар *образофаринӣ* ё худ қудрати офаридгории он зоҳир мегардад. Инсон образи шахсияти худ, маъшуқаи худ ва ҷаҳони атрофи худро ба таври хоси худ меофарад, то ки ба зиндагии кӯтоҳ ва гузарандаи ӯ маънои абадӣ бахшанд. *Ҳунари* бадеӣ, рассомӣ, мусиқӣ, театр, механика, нанотехнология ва монанди инҳо аз ҳамин образофаринӣ (офаридгорӣ) сарчашма мегирад.

*Шеър* чун дигар навъҳои ҳунар (санъат ва техника) ҳамчун қувваи тахайюл воситаи баён кардани ҳадаф (бемаргӣ) тавассути образҳои забонӣ мебошад. Масалан, дар адабиёт як образе бо номҳои "вартаи фаромӯшӣ" ва "фаромӯшии абадӣ" вуҷуд дорад, ки ифодагари марг ҳастанд. Ин образ ҳама гуна умедҳои инсонро, ки баъди мурдан дар охират зинда мешавад, барбод медиҳад. Шеър бо ҳамин роҳи образноки ҳиссӣ ва эстетикӣ тахайюли ботили инсонро мешиканад ва ӯро ба расидан ба ҳадафи бемаргӣ дар ин ҷаҳон водор мекунад. Афзори бадеии шоир санъати *муболиға* мебошад, ки ба воситаи он зиштию зебоӣ ва дигар категорияҳои маърифати эстетикиро бузургу кӯчак нишон медиҳад. Ба ин васила, дар зеҳни хонанда ба зиштӣ нафрат ва ба зебоӣ ишқро мепарварад. Мутлақсозӣ ва абадигардонии ин падидаҳои эстетикӣ ҳадафи шеър мебошад. Яъне ба ин васила шоир мекӯшад воқеияти наверо ба вуҷуд орад.

Ин мавзӯъро Бекзода дар мақолаи худ бо номи "Шеър чист?" равшан ва муфассал баён кардааст. Он ҷо мегӯяд: "Шеър нақшаи нави ҷаҳон ва зиндагии нави инсонҳост, ки шоир ба таври худ офаридааст. ... Идеал ва ҳадафи ин ё он шеър чизест, ки бояд бошад, вале ҳоло дар воқеият вуҷуд надорад. Пас ҳамаи шеърҳо нақшаанд" (саҳ. 344). Аммо шеъру шоирӣ як мушкилии шинохти ҳақиқат ва ҳадаф дорад, ки онро дар таърихи фарҳанги мо "риндӣ" номидаанд, ки ба андеша ва маслаки Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ ва бисёре аз шоирони сӯфимашраби эронӣ (аз он ҷумла Муҳаммад Иқбол, ки Бекзода ӯро сӯфимашраб намеҳисобад) марбут аст. Чуноне ки Бекзода баён мекунад, риндигарӣ ҷаҳони куҳанро аз байн мебарад, вале дар иваз ҷаҳон ва ҷаҳонбинии алтернативиеро пешниҳод карда наметавонад. Хайём, Ҳофиз ва Иқбол ба сақфи фалакро шикофтан ва тарҳи нав

дарандохтани он даъват мекунанд, вале якум худи онҳо аз саф мегурезанд.

Риндигарӣ хоси мардуми тоҷик (эронӣ) аст, ки дар масири таърих аз арсаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ берун ронда шудааст. Риндигарӣ дард аст, вале ин дарди кӯр ва ташхисношуда аст, ки тафсилоти он дар адабиёти ҳазорсолаи мо ҷо ёфтааст. Аз ин рӯ, ба ҷуз Фирдавсӣ қариб ҳеч як шоири бузурги форс-тоҷик, аз он ҷумла Мавлоно Румӣ ҳам барои зиндагии инсон "барномае мушаххас ва конкретӣ пешкаш накард. Пешниҳодоти ӯ ва дигар шоирони классикии мо аксаран динӣ, тасаввуфӣ ва дар беҳтарин ҳолат утопиявӣ буданд" (саҳ. 349). Дар замони муосир шоирону адибони мо пешниҳоди мушаххасе ба ҷуз тақлиди Аврупо надоштанд. Муаллиф дуруст мегӯяд. Бинобар ин, мо ба фалсафаи наве ниёз дорем, ки дарди инсонро ташхис ва барномае барои дармони он пешниҳод кунад. Бешубҳа, ин Фалсафаи Ҷамшедӣ аст, ки усулҳои он дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ тарҳрезӣ шудаанд, аз он ҷумла "Аввалан, барҳам задани низоми қабилавӣ-падаршоҳӣ дар сарзаминҳои Эронвиҷ; Дуюм, аз нав афрӯхтани чароғи илму дониши ҳақиқӣ; Сеюм, ҷудо намудани дин аз давлат ва барҳам задани ҳамагуна хурофот аз матни ҷомеаҳои ориёитаборон" (саҳ. 349). Мутаассифона, бо сабаби бо зӯроварӣ ҷорӣ шудани дини ислом ва дар натиҷаи он мазҳабӣ ва тақдирпараст шудани мардумони эронӣ ин пешниҳодот тӯли ҳазор сол фаромӯш шуда буд. Ҳадафи Фалсафаи Ҷамшедӣ ва методологияи татбиқии он (бехатарии вуҷудӣ) бозгашт ба ҳамин усулҳо ва албатта бознигарии дигар усулҳое мебошад, ки метавонанд ба зиндагии инсон созгор бошанд ва ё набошанд. Чуноне ки Комил Бекзода дар асари худ "Фалсафаи Ҷамшедӣ..." баён мекунад, "*Бозгашт ба асли хеш*" барои мо маҳз ҳамин бозгашт ба идеология ва фарҳанги ҷамшедиро дар назар дорад" (саҳ. 115).

Фалсафаи Ҷамшедӣ ва умуман *фалсафа* ба маънои ростини он як намуди олии образофаринӣ ва ё худ эҷодкорие мебошад, ки дар муқоиса ба шеър ва дигар навъҳои ҳунар (образофаринӣ) бо ду ҷиҳат бартарӣ дорад: 1) шинохти воқеият ва ҳақиқати он ки инсон миранда аст ва 2) амал ва фаъолияти инсон барои чи аз роҳи маънавӣ ва чи аз роҳи ҷисмонӣ мубориза бурдан бар зидди

марг ва онро шикаст додан. Ин баландтарин шакли эҷод аст. Дар раванди инъикоси эҷодкорона ва фаъол инсон образ меофарад, ки муболиғаомез мебошад. Дар ин маврид муболиға шарт мебошад, то ки бо тасаввур ва таҳаққуқи он воқеият тағйир дода шавад. Ҷои зиштиро зебой, пириро ҷавонӣ, бемориро тандурустӣ, ҷаҳолатро огоҳӣ ва маргро зиндагӣ ишғол кунад.

Ин биниш тасаввуроти анъанавии метафизикӣ ва теологиро зери савол мебарад, ки тибқи он азнавсозии олами ҳастӣ зарур нест, чунки онро ақли бартаре чун Худо, Зурвон, Логос, Рӯҳи Мутлақ ва ё Эволютсия ба таври олӣ ва комил сохтааст. Аммо инсони огоҳ ба натиҷа мерасад, ки на ӯ ва на олами атроф комил нестанд. Пур аз камбудӣ, нуқс ва мушкилот мебошанд, ки зиндагии фардӣ ва ҷамъии одамонро ба хатар ва марг рӯ ба рӯ мекунад. Акнун огоҳӣ ба марҳилаи амал мегузарад, ки бо ирода шурӯъ мешавад. Иродаи инсони огоҳ, на иродаи инсони ноогоҳ, ки ҳамеша ба ҷангу куштор ва кашмакашиҳо меанҷомад.

Тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ, ***ирода*** ҳамчун категорияи татбиқии (на ахлоқии!) худшиносӣ мебошад, ки ҳадаф ва маънои зиндагиро амалӣ месозад. Яъне, он дар байни моҳият (бемаргӣ) ва огоҳӣ (зарурати бемаргӣ) робита ба вуҷуд меорад. Назарияи бемаргиро бо амалияи он мепайвандад. Ирода ифодагари устуворӣ дар роҳи ҳадаф, яъне ҷовидонӣ ва бехатар кардани зиндагии инҷаҳонии инсон мебошад. Ҷанбаҳои муҳими ирода ва устуворӣ дар роҳи ҳадаф *истифодаи донишҳои илмӣ ва дастовардҳои техникӣ* ба шумор меравад.

Дар идомаи баҳси ирода мавзӯи *орзу* ба миён меояд, ки тибқи Фалсафаи Ҷамшедӣ дар ҳар шакле ки он зуҳур накунад, амалӣ мешавад. “Ҳар он чизе, ки дар доираи орзуи инсон ғунҷоиш дошта бошад, таҳаққуқ меёбад” (саҳ. 56). Орзу дар хаёл ва нովобаста ба хоҳишу талаби дигарон нақшаи амали фардӣ кашидан мебошад. Ин тарзи шинохти орзу дар фарҳанги тоҷик бесобиқа мебошад. Мутафаккирони тоҷик аксаран ба ин ақида буданд, ки ё орзу аҳёнан сурати амал мепазирад ва ё ҳамеша дар хаёли мо боқӣ мемонад. Ин гуна фаҳмиши орзу ба тасаввуроти динӣ асос ёфтааст, ки кӯшишҳои инсонро дар ин ҷаҳон беҳуда ва беҳадаф мешуморад. Аз ин рӯ, мо дар мавриди ин ҷаҳон орзу

намекунем ва агар кунем ҳам, аз амалӣ кардани он меҳаросем ва худдорӣ менамоем. Дар натиҷа, орзу ҳамеша як хаёли дастнорас ва ҳавой диниста мешавад. Бе орзу кардан ва барои амалисозии он *нақша* кашидан, оқибат мо ба хурофоту ҷоду бовар карда, дар роҳи ба даст овардани ҳадаф ноком мегардем. Беҳадафӣ ва нокомӣ моро танбалу осоишталаб мекунад. Моҳияти *танбалӣ* дар ҳамин ҳолат нуҳуфтааст, ки хоси инсонҳои диндор ва тақдирпараст мебошад.

Иваз кардани фаҳмиши эътиқодӣ дар мавриди *тақдир* бисёр муҳим аст, то ки инсон соҳиби орзу шавад ва бо ирода ва устуворӣ онро ба ҳадаф табдил дода, амалӣ созад. Онгоҳ мо метавонем дер ё зуд биҳиштро дар рӯи замин созем. Аммо ин биҳишти заминӣ, пеш аз ҳама, ба "саломативу ҷавониву озодӣ" ва бемаргии инсон марбут аст. Хӯрдану хуфтан ва лаззат бурдан масъалаи дуюмдараҷа мешавад. *Тақдирситезӣ* яке аз ҷиҳатҳои муҳими фаъолияти инсон мебошад, ки ба хотири барқарор кардани *адолат ва озодӣ* ҳам ба маънои маҳдуд (адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ) ва ҳам ба маънои васеи он (бемаргӣ) мебошад. Тақдирпараст нафаре аст, ки бар зидди беадолатии сиёсию иҷтимоӣ ва хатарҳои вуҷудӣ (аз он ҷумла марг) мубориза намебарад. *Мубориза* ҷузъи муҳими адолатпарварӣ, тақдирситезӣ, худшиносӣ ва ҳадафмандӣ аст, ки бояд бо риояи талаботи *гуманизм* анҷом гирад. Ҳама гуна муборизае, ки ба қатлу озори инсон меанҷомад, хилофи ин талабот мебошад.

Донишмандони гузаштаи мо чун эътиқодмандони одӣ ба ин бовар будаанд, ки инсон пойбанди тақдир дар шакли *табиати инсонӣ* аст. Гӯё нафси инсонро аз азал бо табиати хосе офаридаанд. Аммо назари Комил Бекзода дар ин маврид хеле ҷолиб аст, ки "мафҳуми табиати инсон истилоҳи илмии дақиқ нест. ... Аслан инсон табиате надорад" (саҳ. 75). Дар идома файласуф тавзеҳ медиҳад, ки майлу хоҳишҳо ва ғаризаҳои биологии инсон табиати инсон ҳастанд, ки онҳоро барҳам дода намешавад, вале метавон онҳоро ба манфиати фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ истифода бурд. Масалан, ишқ дар байни зану мардро. Сабабҳои худпарастӣ, худкомагӣ ва шахсиятпарастӣ на ба табиати инсон, балки ба мушкилии маргу мирандагии ӯ марбут аст. "Шахсияти худро мепарастем. Чаро? Барои он ки шахсияти

ҳар яки мо дар назари худамон дорои арзиш ва аҳамияти МУТЛАҚ мебошад. Ҳар яки мо мехоҳем, ки худи мо, шахсияти мо, фардияти тани танҳои мо ҳамеша ва тbabри доимӣ ЗИНДАЮ ҶОВИДОН бошад” (саҳ. 76). Пойбандӣ ба чангал ва ғаризаҳои ҳайвонӣ низ ба мушкилии марг бармегардад. Барои зинда ва абадӣ мондан, “инсонҳо аз ҳайвонҳо бераҳмтар ва ваҳшитар мешаванд” (саҳ. 77). Барои ҳамин, аз Фиръавнҳои Миср сар карда то Ленину Сталин ҳама худкома ва шахсиятпараст буданд. Ҳамин аст, ки таълимоти Марксизм, дар мавриди он ки тағйири муносибатҳои иқтисодӣ табиати инсонро ҳам иваз мекунад, ҳеч гоҳ амалӣ нашуд.

Баҳси орзу, тақдир ва табиати инсонӣ ногузир ба мавзӯи *лаззат ва лаззатпарастӣ,* ки дар дин *нафс* номида мешавад, низ дахл мекунад. Оё лаззат ва лаззатпарастӣ ҳолати манфӣ аст ва зиндагии инсонро табоҳ мекунад? Ин саволе аст, ки ҳамеша файласуфон аз худ мепурсиданд ва динҳо низ дар мавриди ҳамин савол ҷавобҳои хоси худро доштаанд. Фалсафаи Ҷамшедӣ лаззатро ба худии худ падида ва ҳолати бад намеҳисобад, аммо онро чун ҳадафи асосии зиндагӣ қабул кардан инсонро ба роҳи хато мебарад. Сабаби лаззатпараст шудани инсон, яъне ба ҳадафи ниҳоӣ табдил додани сарват, роҳат ва шаҳват ҳам қашшоқии маънавӣ ва ҳам бенавоии моддии одамон мебошад. Онҳо гумон мекунанд, ки бо пулу мол ва қудрат ба даст овардан хушбахт мешаванд ва аз тамоми ранҷҳо раҳо меёбанд.

Дар заминаи ҳамин баҳси татбиқи амалии моҳият, масъалаи *хушбахтӣ* низ пайдо мешавад, ки аз дидгоҳи мирандагии инсон маҳол аст. Ҳам ҳадафҳои инҷаҳонӣ (пулу мол, ҷоҳу ҷалол, қудрату тавоноӣ ва осоиш) ва ҳам ҳадафҳои ухравӣ (биҳишт, наҷот ва абадият), ки инсони миранда дар пеши худ мегузорад, инсонро хушбахт карда наметавонанд. Аммо аз дидгоҳи Фалсафаи Ҷамшедӣ, инсон хушбахт буда метавонад ва ин хушбахтӣ, чуноне ки Бекзода таъкид мекунад, дар саломатӣ, ҷавонӣ ва озодӣ зоҳир мегардад. Сабаби эҳсоси доимӣ ва таскиннопазири бадбахтӣ марг мебошад, ки тӯли умр ақлу ҳуши инсонро мехарошад ва оқибат ҷисми ӯро дар банд мегирад. Аз ин рӯ, “марг чизи ваҳшатнокест ва даҳшатноктар аз он дилбастагӣ ба зиндагии дунёст” (саҳ. 53). Дар ин сурат, инсон ҳадафу маънои

зиндагиро гум мекунад, чунки бо моҳияти марг зиндагӣ мекунад. *Ӯвоқеъбинии* худро низ аз даст дода, баояндаи худ ва инсоният *бадбин* мешавад. Инсоне, ки ҳадафи зиндагиро нодуруст дар биҳишти ухравӣ ва ё лаззатҷӯии инҷаҳонӣ ташхис дода буд, оқибат бадбахту пушаймон мешавад ва ба худкушӣ даст мезанад. Ҷустуҷӯи биҳишт ва ё лаззат низ аз навъҳои худкушӣ мебошанд.

*Худкушӣ* навъҳои гуногун дорад. Навъҳои асосии он худкушии зуд ва худкушии тадриҷӣ мебошанд. Худкушии тадриҷӣ ҳамаи он амалҳоест, ки барои ба даст овардани ҳадаф (бемаргӣ) равона нагардидаанд. Дар таърихи фарҳанг ва фалсафаи инсонӣ худкушӣ ба тарзҳои гуногун баҳогузорӣ шудааст. Баъзеҳо, махсусан диндорон онро накӯҳиш мекунанд ва гуноҳи азим меҳисобанд. Донишмандоне чун Албер Камю ва Содиқ Ҳидоят худкуширо ҷасорат ва бузургӣ мешуморанд. Аммо Фалсафаи Ҷамшедӣ онро ба тарзи дигар баҳо медиҳад: на маҳкум мекунад ва на васф. Балки худкушӣ роҳи ҳалли мушкилии инсон нест. Баръакс, роҳи гурез ҷустан аз мушкилӣ мебошад. Бинобар ин, худкушӣ наметавонад муайянкунандаи *бузургии* ин ё он донишманд ва ё ҳунарманд бошад, мегӯяд Бекзода дар мақолаи “Бузургӣ чист ва бузургон кистанд?”.

Воқеияти ҷаҳони имрӯза, яъне пешрафти бемисли илму техника барои зинда кардани инсон *хушбинӣ* (оптимизм)-ро бар *бадбинӣ* (пессимизм) бартар мегузорад. “Агар бемор воқеъбин бошад, бе ҳеҷ ваҳму ҳарос умедвори оянда мешавад, ки илму дониши башарӣ, ҳам саратон ва ҳам маргро аз байн хоҳанд бурд” (саҳ. 67). Дар ин сурат, инсон метавонад бо *бозӣ, ханда ва ишқ* зиндагии худро ороиш диҳад ва дар айни замон барои ҳалли мушкилии асосии худ камари ҳиммат бандад.

Ба ҷуз асарҳое, ки дар ин мақола мавриди баррасӣ қарор додем, дар маҷмӯаи Комил Бекзода бо номи “Фалсафаи Марг ва Зиндагӣ” як қатор мақолаҳо ва мусоҳибаҳои солҳои гуногуни ӯ ва ҳамчунин мақолаҳо ва ёддоштҳои дӯстону ҳамкоронаш аз Маҳфили “Ҷаҳони андеша” ҷо карда шудаанд. Онҳо хеле ҷолиб ҳастанд, ки аз як тараф, тарҷумаи ҳол ва сурату сирати муаллифро бо забони худи ӯ ва дигарон баён ва аз тарафи дигар, таҳаввули фикрӣ ва фалсафиашро аз солҳои ҷавонӣ ба ин тараф ошкор

месозанд. Баъзеи онҳо (чун “Ибни Сино дар ҷаҳони муосири араб”, “Фидокориҳои Носири Хусрав”, “Шамси Табрезӣ кист?” ва “Ҷалолиддини Румӣ дар талоши инсони худшинос”) парешонгуфторҳое низ ҳастанд, ки дар системаи ягонаи Фалсафаи Ҷамшедӣ ворид ва бо методологияи бехатарии вуҷудӣ таҳлил кардани онҳо мушкил аст. Шояд чунин муносибат ба он рабт дошта бошад, ки шахсиятҳои мавриди таваҷҷӯҳи мақолаҳо худ “рӯҳи саргардон” (истилоҳи худи муаллиф) доранд ва аз таълимоти онҳо паёми мушаххасеро дарёфтан ғайриимкон аст.

Аммо боз ҳам мавзӯъҳои монандеро тез-тез вомехӯрем. Масалан, мақолаи “Фирдавсӣ – файласуфи ношинохта” яке аз он мақолаҳои ҷиддие мебошад, ки моро ба шинохти дурусти андешаи ин Ҳаким даъват ва маънои ростини “бозгашт ба асли хеш”-ро ошкор мекунад. Дар мусоҳибаҳо (“Ҳастӣ ва нестӣ (Ҷавоби номаҳо)”, “Ҷаҳд бинмо, то ки бедорам кунӣ!” ва “Зарби путку осоиши Намруд”) мавзӯи марг чун мушкилии асосии инсон таъкид шудааст. Ин мавзӯи баҳси “Гуфтушуниди фалсафӣ бо Ҳаким Умари Хайём” низ мебошад.

Баъзе нуктаҳои дурушт, санҷиданашуда ва хилофи зиндагидӯстии Комил Бекзода низ ба назар мерасид. Яке аз онҳо накӯҳиши ишқу муҳаббат мебошад. Ба гумони ман, ин ба талаботи жанри мусоҳиба вобастагӣ доштааст, ки баъзе пурсандагон ишқу муҳаббатро чун рафтори номуносиб мефаҳманд ва мусоҳиби онҳо (Комил Бекзода) низ на ба ишқу муҳаббати асил, балки ба рафтори густохонаи онҳо ҷавоб мегӯяд.

Дар маҷмӯаи мазкур Бекзода мақолае бо номи “Бузургӣ чист ва бузургон кистанд?” дорад, ки дар кул такондиҳанда, вале баъзе нуктаҳои он густохона ва баҳснок ҳастанд. Аммо муҳимтар он аст, ки ин мақола зеҳни ҳар як хонанда, бахусус бузургон ва бузургнамоҳоро метавонад такон диҳад ва онҳоро ба масъулиятшиносӣ даъват кунад.

Як бахши маҷмӯаро “Фалсафа ва таърихи равшанфикрӣ” ташкил медиҳад, ки фишурдае аз баҳсҳои файласуф дар китоби пешинаи ӯ “Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ” (Душанбе: Дониш. 2012) дар мавриди заминаҳои худшиносии тоҷикон пеш аз ислом, шуубияи фалсафии Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ, Абуҳайёни Тавҳидӣ – равшанфикри

Шероз ва Абулқосими Фирдавсӣ  фароҳам омадааст. Ин бахши хеле муҳимро дар ин мақола баррасӣ накардем, ба он хотир ки дар мақолаи алоҳида бо номи “Зарурати бозгашт ба ҷаҳонбинии Ҷамшед ва фалсафаи Ибни Ровандӣ” (“Ҷаҳонбинии оянда” ва бархурди андешаҳо”. Душанбе: Дониш. 2015) онро баҳс карда будем.

Дар охир, бори дигар таъкид мекунем, ки муаллиф дар боби якуми ин китоби худ зери сарлавҳаи “Бозгашти Ҷамшед: Зиндагӣ ба Марг чӣ гуфт? (Посух ба китоби “Чунин гуфт Зардушт”-и Фридрих Нитше)” ошкоро изҳор доштааст, ки дар масъалаи ҷовидонагии Кайҳон ва Инсон бо Нитше, Ҷуброн Халили Ҷуброн ва Муҳаммад Икбол мухолиф аст.

Файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше “бозгашти ҷовидона”-и шахсияти инсониро дар робита ба такрори абадии Ҷаҳон ва Кайҳон медонад. Ба ин маъно ки ҷисмҳои табиӣ ва кайҳонӣ дар фазои мутлақ ва абадӣ маҳдуданд. Ва борҳою борҳо такрор мешаванд. Аз ҷумла ҷисми ҳар инсони мушаххаси рӯи Замин ҳам баъди миллионҳо сол боз аз нав такрор мешавад. Нитше ҷовидонагии ҷисмӣ ва рӯҳии ҳар як инсонро дар ҷаҳон аз такрори бардавоми ҷисмҳои заминӣ ва ҷирмҳои кайҳонӣ иборат медонист. Ин масъаларо дар китоби “Методологияи бехатарии вучудӣ: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб” (Душанбе: Дониш. 2015) муфассал баён карда будам.

Мутафаккир ва нависандаи масеҳии араб Ҷуброн Халили Ҷуброн китоби “Паёмбар”-и худро дар ҷавоби китоби Нитше навишт. Қаҳрамони китоби Нитше Зардушт буд.  Қахрамони китоби Ҷуброн Мустафо ном дошт. Ба назари ӯ, масъалаи абадияти инсон роҳи ҳалли динӣ дорад.

Шоир ва файласуфи исломӣ Муҳаммад Иқбол дар ҷавоби Нитше иқдом ба навиштани китобе кард бо номи “Паёмбари фаромушшуда”. Пораҳое аз ин китоб навишта шуданд, вале ба чоп нарасиданд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки “паёмбари фаромушшуда”-и Иқбол маҳз ҳамон Зардушти Спитамони ориёӣ будааст. Баъди рӯй овардани Иқбол ба ирфон ва тасаввуфи исломӣ, ӯ аз навиштани китоб даст кашид. Дар як мақолаи худ (Ҳофиз Холикзода, “Баъзе масъалаҳои ҷахонбинии Муҳаммад Иқбол”, дар маҷмуаи “ҷаҳонбинии оянда” ва бархурди андешаҳо”.Душанбе:

Дониш. 2015; саҳ. 664-691) нишон додем, ки назарияи ин шоир дар мавриди абадият динӣ мебошад.

Комил Бекзода бощад, роли созандаи ақлу хиради инсониро дар масъалаи ҷовидонагарии Инсон ва Ҷаҳон аз омилҳои асосӣ ва ҷавҳарӣ меҳисобад. Ин тарзи нигариш сад дар сад бар хилофи ақидаҳои Нитше,Ҷуброн халили Ҷуброн ва Муҳаммад Иқбол мебошад.  Қаҳрамони китоби Бекзода на паямбар ва на шоҳ, балки файлосуф аст, ки дар симо ва образи Ҷамшед ҷамъбаст гардидааст.

Боқӣ, мутолиа ва қазовати маҷмӯаи файласуфи соҳибмактаби тоҷик Комил Бекзода ба ихтиёри хонандаи гиромӣ  гузошта мешавад. Ба ҳар ду – ҳам муаллиф ва ҳам хонанда беҳтарин орзуҳои ҷамшедӣ, яъне саломатӣ, ҷавонӣ, озодӣ ва бемаргиро дар ин ҷаҳони зебо ва нотакрор таманно дорам.

**шаҳри Душанбе**
**1-6 августи соли 2015**

## ТАҚРИЗ
## ба дастхати китоби Комил Бекзода таҳти унвони «Фалсафаи марг ва зиндагӣ»-Душанбе, 2015, 675 с. (А4)

Аз замоне, ки худамро дар фазои фалсафа дарёфтам, устод Бекзодаро мешиносам. Шахсест ба номаш мувофиқ: Комил, пухта, дорандаи андешаи хос сари ҳар мавзӯи муҳими фалсафӣ, фарҳангӣ ва зиндагӣ.

Дар замони Шӯравӣ, бо сабабҳои маълуми идеологӣ маҳдудияту дастнорасии иттилоотӣ роҷеъ ба фалсафаи муосири Ғарбу Шарқ вуҷуд дошт. Танҳо дар бахши адабиёти хориҷии китобхонаи он вақт давлатии ба номи Фирдавсӣ ва китобхонаи Академияи илмҳо равзанае буд, ки ба забонҳои арабию форсӣ тарҷумаи навтарин матнҳои фалсафаи муосири хориҷӣ вориду дастраси хонандагони интихобӣ мешуд. Устод чун забони арабиро медонанд, дар хати форсӣ балад ҳастанд, китобу мақолаҳои калидии фалсафию филологӣ, адабӣ-бадеиро гирифта мутолиа мекарданд. Ва аз ин ҷиҳат дар муқоиса бо аксарияти файласуфони Душанбешаҳр аз фазои фалсафаи муосири ҷаҳон бохабар буданду ҳастанд. Аз ин ҷиҳат дар баҳсҳои илмӣ назари озод ва навоварона доштанду доранд. Ва ҳар гоҳе, дар замони Шӯравӣ агар ҷаласаҳои илмӣ доир мешуд, назару гузоришҳои устод барои файласуфони ҷавон хеле ҷолиб, аммо барои файласуфони функсионер, барандагони идеологияи ҳукмрон чандон хушоянд набуд ва ишонро баъди ҳар баромади рӯшанфикронаву озодандешонаашон сарзаниш мекарданд, зери тозиёнаи танқид мегирифтанд. Имрӯз низ баромаду гузоришҳои устод аз ин қабил фишорҳо озод нест. Вале дидему, ҳанӯз ҳам мушоҳида мекунем, ки устод мубориз аст, нотарс аст, дар мавқеи худ устувор, соҳибандеша ва соҳибмактаб аст.

Китобе, ки ба чоп тавсия мешавад, нишондиҳандаи ана ҳамин сифатҳои ибратомӯзи устод аст.

Табиист, ки хонанда наметавонад ба ҳамаи андеша ва консепсияи фалсафии устод мувофиқ шавад. Яке бо

сабабҳои камсаводӣ, нодонӣ, таассуб, дигарӣ бо сабабҳои мавқеи мухолифи мазҳабию идеологӣ доштан, сеюмӣ бо сабаби дигаре. Аммо бузургтарин дастоварди Тоҷикистони кунунӣ ин аст, ки гуногунандешӣ ва касратгароиро (плюрализмро) нисбатан мепарастад, ақидаҳои рӯшанфикрию дунявиро дифоъ мекунад. Боиси ифтихор аст, ки китоби устод ҳамин фазои ақлию фарҳангии кишварро нерӯ ва такони дигар мебахшад. Дар ҷаҳони андеша ва ақидаҳои фалсафӣ устод Бекзода парҳез надоранд. Балки ҳама фикру ақоиди муфидро мепазиранд. Ба ҷуз фикри пуртаассуб, кунд, мурда. Мавқеъ ва меъёри устод Инсон аст, инсонгароӣ аст. Китоби ба чоп пешниҳодшаванда нишондиҳандаи ҳамин ҷавҳар аст.

Дар гузоришҳои дӯстону ҳамфикрони Комил Бекзода оид ба фаъолияти ишон мақолаҳои муфиду ҷолиб зиёд аст. Вале гузориши муқаддимавии доктор Ҳафиз Бобоёров аз нигоҳи ҷамъбасти ҷаҳонбинии устод, ба назарам, хеле ба маврид ва амиқу пажӯҳишгарона омадааст. Номбурда мафҳум ва масоили калидии фалсафаи устодро, ки дар матнҳои гуногун чун дурдона пош хӯрдаанд, гулчин ва табақабандӣ кардааст. Аз ин хотир, барои мутолиаи матнҳо, хонанда бо омодагии муайян ҳозир мешавад.

Яке аз бурдҳои китоб тарзи пешниҳоди баҳс аст. Бояд гуфт, ки забони академӣ-абстрактии файласуфон имрӯз хонандаро аз мутолиаи асарҳои муҳими фалсафӣ дур кардааст. Ҷолибияти баррасиҳои ақоиди устод Бекзода дар ин аст, ки забони онҳо, новобаста аз он ки масоили мураккаби фалсафӣ мавриди муҳокима қарор мегирад, сода, равон, образнок аст. Ҳарчанд матнҳо ва андешаронии устод бештар шакли оммафаҳмро касб кардаанд, яъне, новобаста аз мураккабии мавзӯъ, баёни он баъзан шеваи суқротиро дорад, яъне дар шакли гуфтугӯ, шакли гиро ва ҷолиб омадааст. Ва ҳатто баъзе аз масоил дар шакли шеъру шеъргуна тасвир шудаанд. Аммо на ҳама гуна хонанда ба ҷавҳари аслии андешаҳои устод ва ба ҷамъбасти он расида метавонад. Баъзан устод усули ба

истилоҳ «зери коса нимкоса»-ро истифода кардаанд, ки хонандаи раҳгумзада тавзеҳе мехоҳад дигар. Аз ин ҷост, ки мақолаи Бобоёров мисли харитаи сайёҳиест ба фалсафаи рангоранги «Ҷамшедии» Бекзода.

Бо камоли қаноатмандӣ китоби Комил Бекзодаро ба чоп тавсия намуда, дар охир чанд нуктаеро барои мулоҳиза пешниҳод мекунам:

1. Хуб мебуд агар пеш аз ба матбаа супоридан матни китобро корректор бодиққат аз назар мегузаронид. Чуноне ки мушоҳида шуд, гоҳ-гоҳ калимаҳо ба ҳам часпидаанд ва хатогиҳои имлоӣ низ яке-яке ҷо доранд.
2. Бахши «Албоми суратҳо» аз нигоҳи касбӣ (дизайн) комил нест. Сурати чандин шахсиятҳо борҳо такрор шудаанд. Акси классикони аҳли андеша борҳо дар матбуот ва китобҳои алоҳида чоп шудаанд, ва зарурати дар ин китоб дубора пешкаш намуданашон вуҷуд надорад.
3. Ҳаҷми саҳифаҳои китоб барои як ҷилд зиёд аст. Матни асари пешниҳодшуда агар дар ду ҷилд баррасӣ мешуд, мувофиқтар мебуд. Якум сирф матнҳои худи муаллиф ва дуюм-назари дӯстон роҷеъ ба фаъолияти устод ба ҳайси файласуф ва адиб. Ин тарзи чопи асар барои кори матбаа ва истифодаи китоб аз ҷониби хонанда осонтар мешуд.
4. Дар мавриди мундариҷаи китоб чунин бояд гуфт, ки устод назари васеъ ва ҷолибу навин доранд дар шинохти ақоид ва таърихи фарҳанги эронитаборон. Дар ин радиф, масалан, дӯст доштам назари устодро дар мавриди арзу мақоми ҳаким Фирдавсӣ. Бароям гапи нав аст, вақте ки устод ӯро натанҳо ҳамчун як шоири бузург, таърихнигор, балки ҳамчун файласуфи таърихшинос муаррифӣ менамоянд.

Баъзе масъалагузории устод баҳсталаб ва баҳсоро мебошанд. Ва фикр мекунам, ин тарзи баррасии таърихи фарҳанги миллат ҳадафмандона аст, то ин ки хонанда барои зиёдтару дақиқтар омӯхтани таъриху фарҳанг ва

ҷаҳони андешаи ниёкон саҳму талош кунад. Яъне маҳз бо ҳамин хусусияташ китоб баҳсоро ва ҷолиб шудааст.

Яъне китоб арзишнок ва бамавриду зарур аст. Аз ин рӯ чопи онро тавсия мекунам.

**Мудири Шӯъбаи фалсафаи фарҳанги**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови**
**АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа**
**Раҳимов С.**

## Боби якум

## ФАЛСАФА ВА ҶАҲОНБИНӢ

- Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Зиндагиномаи фалсафӣ.
- К. Бекзода: "Ҷамшедро соли 1971 шинохтам!".
- Бозгашти Ҷамшед: Зиндагӣ ба Марг чӣ гуфт? (Посух ба китоби "Чунин гуфт Зардушт"–и Фридрих Нитше).
- Оё халқи тоҷик фалсафаи миллӣ дорад?

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ:**
**файласуф–арабшинос**



## ЗИНДАГИНОМАИ ФАЛСАФӢ

Мо аъзоёни маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша” сар аз соли 1993 то имрӯз (июни 2009) борҳо аз устод Комил Бекзода дар мавзӯъҳои зиндагии хусусӣ ва робитааш ба илми фалсафа савол карда будем. Ӯ ба саволҳои мо бисёр саховатмандона ҷавобҳои дақиқу муфассал медод...хулосаи он чи дар ёдам мондааст, аз нуктаҳои зер иборатанд:

Зодгоҳаш деҳаи Узбай аз деҳшӯрои Водхуди ноҳияи Ванҷ аст. Воқеъ дар Бадахшони Тоҷикистон...

Соли таваллудаш: 9 январи соли 1945. Дар хонавода 4 писар ва 4 духтар будаанд. Падараш омӯзгор ва донишманди масъалаҳои динӣ буд...Мегӯяд, ки ҳангоми синфи 10–ум буданаш китоби “Материя ва шуур”–и устод Болтаевро мутолеа намуда, нисбат ба илми фалсафа шавқу рағбат пайдо намудааст...Солҳои 1962–1967 донишҷӯи бахши арабии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон буд. Солҳои 1965–1966 дар Донишгоҳи Давлатии Миср дар шаҳри Қоҳира таҳсил кард...

Мегӯяд дар рӯзномаи деворении қисми адабиёти Донишгоҳи Қоҳира мақолаеро хондам зери сарлавҳаи: “Ман ва Сталин”. Нависандаи мақола донишҷӯи курси сеюми адабиёт Иброҳим Ҳасан аз Сурия буд. Дар ин мақола Иброҳим даъво дошт, ки ӯ аз Сталин бузургтар аст. Ба ин далел, ки Сталин ягон забони хориҷиро намедонист ва ба ягон давлати хориҷӣ низ сафар накарда буд. Дар сурате ки Иброҳим чанд забони хориҷӣ медонист ва ба чандин кишвари хориҷӣ сафар карда буд...Ин донишҷӯ дар соли чаҳоруми таҳсил, рубоиёти Хайёмро аз забони форсӣ ба арабӣ тарҷума карда чоп кард...Устод Бекзода мегӯяд, ки фаъолияти Иброҳим ва чандин нафар аз дӯстонаш дар

ҷаҳонбинии ман таъсир гузоштанд...Ва пеш аз ҳама вусъати мутолеа ва ҷасорати маънавии онҳо дар изҳори назар мояи ҳайрат ва шигифтзадагии ман мегардид...Аз вуҷуди ин ангеза ман бештар китобҳои фалсафиро зиёда аз сесад номгӯй харидорӣ намуда, бо худ ба Душанбе овардам...Зери ин таассурот соли 1967 мавзӯи рисолаи дипломии худро "Динҳои пеш аз исломии араб"–ҳо интихоб намудам. Рисоларо дифоъ кардам (1967) ва маро барои давом додани кори илмӣ ба шӯъбаи фалсафаи Академия таклиф намуданд. Китоби "Ҷараёнҳои фалсафӣ ва фирқаҳои динии Муҳаммади Шаҳристонӣ"–ро (асри XII) мавзӯи рисолаи илмӣ интихоб намуда, онро соли 1988 дифоъ намудам. Аз соли 1988 то соли 2009 дар шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳо дар мавзӯъҳои равшанфикрӣ, озодандешӣ, таърихи динҳо ва худшиносии миллӣ таҳқиқро давом додам. Соли 2006 китоби "Аз таъри худшиносии тоҷикон"–ро ба нашр расонидам...

Аз соли 1993 то имрӯз (2009) устод Бекзода сарвари маҳфили фалсафии "Ҷаҳони андеша" мебошад. Таълифоти ӯ аз асарҳои зерин иборатанд: "Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ" (Душанбе–1986); "Муҳаммад Шаҳристонӣ муаррихи фалсафа" (Душанбе–1987); "Пайёмбарони фарҳанги мо" (Душанбе–2000); "Гурез аз Хайём" (Душанбе–2002); "Бозгашти Ҷамшед: Зиндагӣ ба марг чи гуфт?" (Душанбе–2001); (Маҷаллаи "Шоҳроҳи Ваҳдат" дар шаш шумора, соли 2001); Солҳои 2008–2009 таҳқиқи муфассали фалсафие дар ин мавзӯъ (Марг ва зиндагӣ) анҷом дода, зери сарлавҳаи "Зиндагӣ чӣ мегӯяд" дар рӯзнома "Зиндагӣ" ба нашр расондааст.

Аз байни ин китобҳо бо эътирофи худаш китоби "Гурез аз Хайём" муҳимтарин мебошад. Устод ду писар ва ду духтар дорад: Ҷовидон, Дидавар ва Нозанину Сабзина. Хонумаш Арус бинти Сафӣ машғули баргардон ва таҳияи китобҳои фарҳангӣ аз алифбои форсӣ ба алифбои сириллик мебошад...Устод мегӯяд, ки ман нақшаҳои илмӣ ва фалсафии худро дар синни 50 солагиам ба анҷом расонидаам. Ҳоло 64 сола ҳастам...14 сол аст, ки дар ҷаҳон ба шеваи ройгон (берун аз масъулиятҳои иҷтимоӣ) зиндагӣ дорам. На вазифае ва на масъулияте...

Мехонам...меандешам...ва менависам. Ин аст, тарзи зиндагии файласуфона.

**Соли 2009**

## КОМИЛ БЕКЗОДА: “ҶАМШЕДРО СОЛИ 1971 ШИНОХТАМ!” (МУСОҲИБА)



**Шаҳрияи Адҳамзод**
**(Шоир ва рӯзноманигор)**

**Савол:** Мехоҳам саволро аз аслу насаб ва зодгоҳатон оғоз кунам. Аз он чӣ хотироте доред?

**Ҷавоб:** Бо арзи ташаккур аз шахси Шумо ва кормандони муҳтарами рӯзномаи «Садои мардум» ин чанд мулоҳизоти мухтасарро барои хонандагони арҷманд пешкаш менамоям: Номам Комил аст. Номи падарам Бек. Ҳоло Комил Бекзода. Бибиям Лоҷвард ном дошт. Аз деҳаи Мдехарви Ванҷи Боло. Ҳамеша падарамро Бегиҷон хитоб мекарданд. Ман то 7-солагӣ дар тарбияи шабонарӯзии ҳамин бибиям будам. Аммаи падариям Сарвхоним ном дошт. 94 сол умр дид. Мегуфт, ки насли падариам аз Балх ё Бухоро омадаанд. То соли 1921 бобокалони падарам Мавлоно Шафеи Кӯҳистонӣ дар яке аз мадрасаҳои Бухоро аз илми астрономия (ба истилоҳи онрӯза «Фалакиёт») ба шогирдон дарс медодаанд. Соли 1961 хабар ёфтем, ки ду духтари ӯ бо номҳои Сафармоҳ ва Ҳалима то ҳол дар Бухоро зиндагӣ доранд. Ин ривоятҳоро аз калонсолон шунидаам. Ва дар ин мавзӯъ ҷустуҷӯе анҷом надодаам.

Номи деҳаи мо Узбай аст. Аз забоншиноси маъруфи тоҷик шодравон Ҷобулқои Додалишоҳ маънояшро пурсидам. Гуфт: «Деҳае дар поёни чашма». Ин калимаи паҳлавӣ аст. Ва дар ҳақиқат, мавқеи ҷуғрофии деҳа чунон аст, ки устод Ҷобулқо гуфт. Деҳаи хеле бузург аст. Пештар зиёда аз 80 хонавода дошта. Ҳоло 25-30 хонавода дораду бас. Пештар бо он машҳур буд, ки ҳамаи рӯҳониёни деҳшурои (маҳаллаи) Водхуд аз ин деҳа буданд. Маънои номашро аз фарҳанги чаҳорҷилдаи Авесто ёфтам. Вотхуд-яъне, «Худи худ». «Вот»

дар забони авестоӣ ба маънои «худ» будааст. Ба маънои якрав, худсар, ҷасур, бебок...

Дигар маҳаллаҳои Ванҷ, мо Водхудиҳоро бо ибораи «Водхудии сари худ» хитоб ва ҳазлу шӯхӣ мекунанд. Росташ ҳамин аст. Шахсиятҳое чанд аз Водхуд дар сатҳи ҷумҳурӣ машҳуранд. Шоир Басир Расо, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев, мунаққид Салом Нуриёни Баравнӣ, рассом Муҳаммад Карим Раҷибов, донишманди илми физика Абдураҳим Раҳимов, устодони варзиш Мурувватшо Бачабеков, Давлатшо Бачабеков...

Соли таваллудамро дар ҳуҷҷатҳо нуҳуми январи соли 1945 навиштаанд. Дурусташ ҳамин аст. Дар деҳаи Узбай намояндагони нӯҳ минтақаи Осиёи Миёна ва аз он берун зиндагӣ кардаанд. Аз Самарқанд, Бухоро, Ҳисор, Кӯлоб, Файзободи Афғонистон, Балх, Варфади Афғонистон, Тоҷикобод ва Қошғари Чин.

Синфи якумро назди падарам хондам. Падарам маълумоти олии нопурра дошт. 12 сол машғули омузгорӣ буд. Баъдҳо ба илмҳои маҳзабӣ рӯй овард ва донишманди динӣ шуд. То синфи чаҳорум дар деҳаи Узбай таҳсил кардам. Синфҳои 5-6- ро дар деҳаи Лугад. Аз синфи 7 то 10 дар маркази ноҳияи Ванҷ -деҳаи Роҳарв таҳсилро давом додам.

**Савол:** Дар кадом донишгоҳи олӣ таҳсил кардед?

**Ҷавоб:** Дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин. Ҳоло Донишгоҳи давлатии миллӣ ном дорад. Дар шӯъбаи арабии факултаи таъриху филология. Аз соли 1962 то 1967. Аз курси дуюм то курси панҷум сардори кружокҳои фалсафа ва атеизми илмӣ будам. Ба масъалаҳои дин ва фалсафа таваҷҷӯҳи хос доштам. Ва ҳоло ҳам дорам. Бештар маводи чопкардаи ҷамъияти «Дониш»-ро мехондам. Маводи тарғиботӣ буданд. Баъди нимсолаи аввал ба хондани китобҳои илмӣ-оммавӣ дар соҳаи биология, астрономия, фалсафа, физика, иқтисод ва ғайра машғул будам... Ин маводҳо ба забони тоҷикӣ зиёд набуданд. Дар курси дуюм ноилоҷ, ба мутолиаи китобҳои илмӣ-атеистӣ ба забони русӣ оғоз намудам. Забони русиро хуб намедонистам. Ҳоло ҳам он қадар пешрафт накардаам. Вале ба ҳар ҳол китобҳои хондаамро каму беш мефаҳмидам. Имрӯзҳо дар синни 61-

солагӣ эҳсос мекунам, ки ҳам аз дин ва ҳам аз атеизм дар он замон азоби рӯҳии фаровон кашидаам. Баъди шакку тардидҳо ва ҷустуҷӯҳои фаровоне охирҳои соли 1971 ба фалсафаи Ҷамшедӣ расидам. Фалсафаи Ҷамшедӣ як фалсафаи оптимистӣ, воқеъбинона ва реалистӣ аст. Асосҳои онро аз дидгоҳи назарӣ дар китоби «Бозгашти Ҷамшед ё фалсафаи оптимистӣ» баён намудам. Ин китоб соли 2001 дар шаш шумораи маҷаллаи «Шоҳроҳи Ваҳдат» дар Душанбе ба нашр расид.

**Савол:** Аз Институти фалсафаи Академияи илмҳо чӣ гуфтаниҳое доред?

**Ҷавоб:** Гуфтаниҳои бисёр дорам. Солҳои бисёреро дар он сипарӣ кардам. Аниқтараш соли оянда расо 40 сол мешавад. Аз аспирантӣ сар карда, то номзаду дотсент расидам. Аз нигоҳи фалсафа ин ному нишонҳо ва унвонҳо аҳамияте надоранд. Ва мушкилеро ҳал намекунанд. Ба гуфти аллома Иқбол ҳамеша эҳсос мекунам, ки:

«Сад фусун аз баҳри дил бастанду дил хушнуд не».

**Савол:** Чаро? Ин чаро шарҳу тафсили зиёд дорад?

**Ҷавоб:** Дар Институти фалсафаи мо ба ғайр аз фалсафа дигар ба ҳама масъалаҳо таваҷҷӯҳ доранд. Ман дар ин чиҳил соли кориям ягон бор шоҳиди баҳси амиқи фалсафӣ нашудам. Ё завқи фалсафӣ надоранд ва ё қасдан фалсафаро сарфи назар мекунанд. Ман борҳо сари ин мавзӯъ андешидаам ва бо дӯстон баҳс кардаам. Имрӯз бар ин назар ҳастам, ки ин шеваи кори онҳо аз «ҳикмат» холӣ нест. Муаммояшро аз китоби «Дӯзахиёни рӯи Замин» - асари донишманд ва табиби алҷазоирӣ Франс Фанон хондам.

Ман борҳо шоҳиди он будам, ки ҷавонони соҳибзавқе ба кор омаданд ва баъди чанде бо сабабҳои «номаълум» ин боргоҳро тарк карданд. Хуб, ин мусибати ҳамагонии ҳамаи шаҳрвандони кишварҳои истеъморзада мебошад.

Институти фалсафаи мо на намуна асту на истисно.

Ин аст, ки илми фалсафа дар Тоҷикистон фарзанди «угай» (ғайрихудӣ) аст. Касе ба он таваҷҷӯҳ надорад... Мақом надорад... Дар барномаҳои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна дохил нест... Дар кишварҳои дигари дунё (пешрафта ё ақибмонда) фалсафа яке аз илмҳои асосии таълимӣ мебошад.

Фалсафаро метавон ба оина ташбеҳ кард. Инсонҳои бадшаклу намуд аз оина мегурезанд. Ҳамин тавр инсонҳои маҳдуд, кӯрзавқ ва камсавод аз фалсафа ҳарос мекунанд... Намехоҳанд, ки ҳақиқати ҳоли худро бифаҳманд... Ба як калима фалсафа дар Тоҷикистон мухолифони фаровон дорад. Вале ин вазъият ба манфиати имрӯза ваояндаи Тоҷикистон нест... Миллати бефалсафа худшинос нест ва ба худшиносӣ ҳам намерасад... Маҳкум ба ғуломии моддӣ ва маънавӣ аст. Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд давлатдории миллии худро аз илми фалсафа оғоз кунад... Чун ниёгони мо ҳамеша фалсафимашраб буданд:

Ҷамшед, Зардушт, Монӣ, Маздак, Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Мавлоно, Дониш, Айнӣ. Ва муаммои бузургии равшанфикрони гузаштаи мо ҳам дар ҳамин буд: Аз бузургии илми фалсафа ва ҳикмат.

Ҳамин ҳикмати офтобии бузургони мо буд, ки баъдҳо Юнонро Юнон ва имрӯзҳо Урупоро Урупо сохтааст.

Ҳамин ҳикмате, ки файласуфони Юнони қадим аз Эрон гирифта, баъдҳо онро ба дасти Урупоиён расониданд...

**Савол:** Ихтисоси арабшиносиатон чӣ шуд?

**Ҷавоб:** Ба ман хеле кӯмак кард. Маводи фалсафии бузургони гузаштаи худро ба забони арабӣ мутолиа намудам. Се маротиба ба кишварҳои арабӣ сафар доштам... Маводи фаровоне хондам ва гирдоварӣ намудам. Ҳоло ҳам мутолиаам ба забони арабӣ давом дорад.

Соли 1965 ба сифати таҷрибаомӯзи забони арабӣ ба шаҳри Қоҳираи давлати Миср сафар кардем. Ду нафар аз Душанбе ва чаҳор нафар аз Москва ва Ленинград. Нафари дуюм аз Тоҷикистон, донишҷӯи курси панҷуми Донишгоҳи Душанбе Мирзо Тоҳиров буд, ки имрӯзҳо яке аз устодони барҷаста ва варзидаи забони арабӣ дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мебошад, ман соли 1965 курси сеюм будам. Моҳи сентябри соли 1965 буд. Ба Қоҳира расидем. Моро ба мадрасаи Саидия дар назди Донишгоҳи давлатии Миср вобаста карданд. Аз 108 кишвари дунё дар он Мадраса намоянда буд ва ҳама забони арабӣ меомӯхтем. Донишҷӯёни Шӯравӣ хеле мӯҳтарам буданд. Зеро дар он солҳо мутахассисони мо барои Миср Обанбори Асувонро

месохтанд. Мо озодона зиндагӣ ва таҳсилро давом медодем. Муддати таҳсил як сол буд. Дар Қоҳира ба назари ман ҳама чиз нав менамуд: Зиндагӣ, таҳсил, муомила, ахлоқ, дарс, устодон, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, радио, телевизион, барномаҳо, донишҷӯёни хориҷӣ ва араб...

Албатта, ин барои як ҷавони деҳотие мисли ман, хеле табиӣ аст. Қоҳира яке аз шаҳрҳои бузурги Шарқ, ба ҳисоб меравад. Он замон ёздаҳ, миллион аҳолӣ дошт. Ҳатто панҷ нафар ҳамсафарони ман ҳам изҳори тааҷҷуб ва ҳайронӣ мекарданд.

Фикр мекардам, ки мо, донишҷӯёни Шӯравӣ нисбат ба донишҷӯёни араб ва дигар кишварҳо хеле ақибмонда ҳастем. Илми муоширатро намедонем. Аз адабиёти ҷаҳонӣ огоҳӣ надорем... Дар ақидаҳои сиёсии худ хеле таассуб меварзем. Байни мо, шӯравиҳову хитоиҳо ва чеххо ҳамеша баҳси сиёсӣ давом дошт. Баъзан кор ба ҷанҷолҳои лафзӣ мекашид. Онҳо моро «истилогар» мегуфтанд... Мо онҳоро “оппортунист”. Ман камтар дар баҳс иштирок мекардам. Чаро ки ин масъалаҳоро хуб намедонистам. Ман бештар бо донишҷӯёни Сурия, Лубнон, Кения, Афғонистан, Ҳиндустон, Индонезия гуфтугӯ доштам. Аммо аз Эрон донишҷӯ набуд. Аз устод доктор Аҳмад Шалабӣ пурсидам, ки чаро аз Эрон донишҷӯён дар ин ҷо намехонанд? Ӯ бо тамасхур гуфт: «Эрониён мегӯянд, ки мо забони арабиро аз худи арабҳо беҳтар омӯхтаем ва беҳтар медонем!» Дӯстони ҳамсабақи хориҷии мо кӯшиш мекарданд, ки ба мо ёрӣ расонанд. Худи онҳо чандин забонро медонистанд.

Ҳамин тавр, аз вуҷуди баъзе китобҳои ҷаҳонӣ огоҳ шудам. Дар ин феҳраст ба номҳои Байрон, Фихте, Шопенгауэр, Нитше, Бергсон, Фрейд, Камю, Сартр, Кафка, Дюрант, Бовуар, Ясперс, Хайдеггер, Унамуно, Гассет, Вилсон, Рассел ва ғайра дучор омадам. Имконияти китобхарӣ ҳам доштем. Сарфиёти якмоҳои мо барои хӯрок панҷ (5) фунти мисриро ташкил мекард. Мо 37 фунт маош мегирифтем. Атташеи фарҳангӣ ҳам ба мо кӯмаки пулӣ мекард...

Баъдҳо низ бо шарофати ошноӣ ба забони арабӣ Ямани Шимолӣ (Санъо) ва Ямани Ҷанубиро (Адан) саёҳат намудам. Солҳои 1969-1970 дар минтақаи Сурдуди Ямани Шимолӣ ба

сифати тарҷумони забони арабӣ кор кардам. Мо як биёбонро барои пахтакорӣ омода мекардем. 7 километр канали бетонӣ сохта, аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ (чоҳҳои артезианӣ) онҳоро обёрӣ намудем. Аз соли 1976 то 1979 дар Ямани Ҷанубӣ (Адан) дар соҳаҳои гуногун ба сифати тарҷумон адои вазифа намудам.

**Савол:** Мехостам дар боби маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» чанд сухан мегуфтед. Ҳадафи таъсиси ин маҳфил чӣ буд?

**Ҷавоб:** Қиссаи мухтасари ин маҳфил аз ин қарор аст, ки дар авҷи ҷанги шаҳрвандӣ соли 1993 дар Институти фалсафаи Академияи илмҳо дигар ҳамаи маҳфилҳо бекор шуданд. Дар давраи пеш аз ҷанг дар Институти фалсафа 170 нафар кор мекард. Ҳоло 70 нафар корманд дорад. Дар ҳамин соли 1993 маҷлиси Иттифоқи касабаи институт баргузор гардид. Вазъияти таҳқиқотҳои илмиро муҳокима намуданд. Баҳои умумии корҳо манфӣ буд. Аз 8 маҳфили ихтисосӣ (дар шӯъбаҳо) ҳеҷ як фаъолият намекард...

Ман ташаббуси шахсӣ нишон дода, пешниҳод намудам, ки як маҳфили умумӣ ва озод таъсис додан лозим аст. То ин ки анъанаи илмӣ аз байн наравад. Онҳо қабул карданд ва маро сардори маҳфил интихоб намуданд. Номашро «Ҷаҳони андеша» гузоштем. Андеша ба маънои фикр, ақл, маърифат, дониш, хирад, ҳикмат, фалсафа... Аввалин гузоришгари маҳфил устоди шодравон ва файласуфи тавоно Нозир Арабзода буд. Хотироти худро аз саёҳати Эрон нақл мекард. Ҳамин тавр машғулияти аввалинро ману устод гузаронидем. Касе аз ҳамкорон ва кормандони институт иштирок намекард. Зуд-зуд дари ҳуҷраро нимроғ карда, як нигоҳ мекарданду боз мебастанд. Кори маҳфил ба ҳамин шева оғоз гардид. Дар як ҳафта як бор дар рӯзи ҷумъа аз соати 12 рӯз то ба баъд.... Аввал ёру дӯстон ҷамъ омаданд. Баъдтар донишҷӯёни курсҳои болоии Донишкадаҳои шаҳри Душанбе ва аспирантҳо. Баъзан меҳмонони хориҷӣ ҳам доштем. Аз Эрон, Афғонистон, Россия...

Мавзӯъҳои баҳс рангоранг буданд. Шеър, фалсафа, дин, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, озодандешӣ, равшанфикрӣ, худшиносии миллӣ, Иқбол, Хайём, Мавлоно, Фирдавсӣ,

Ҳофиз, Гегел, Шопенгауэр, Нитше, Камю, Сартр, Кафка, Бердяев, Достоевский, Толстой, Николай Федоров, Ясперс, Хайдеггер, Халилӣ, Нимо, Ихвони Солис, Нодирпур, Ҷамолуддини Афғонӣ, Абдураҳмон Бадавӣ, Закӣ Наҷиб Маҳмуд, Анис Мансур, Мустафо Маҳмуд, Закариё Иброҳим, Лоиқ, Бозор, Қаноат, Гулрухсор, Фарзона, Аҷамӣ, Исфандиёр, Рустам Ваҳобниё...

Маҳфили “Ҷаҳони андеша” муддате чанд дар Донишгоҳи миллӣ (4 сол) ва дар радиои ҷумҳурӣ (2 сол) фаъолият дошт. Ҳадафи маҳфил ҳадафи сирф фарҳангӣ буд. Маҳфил ҳоло ҳам фаъол аст ва дар бинои Институти фалсафаи Академияи илмҳо баргузор мегардад. Рӯзи сешанбе, соати 12 рӯз, дар ҳуҷраи рақами 31. Дар тӯли сенздаҳ сол (1993-2006) чанде аз истеъдодҳои ҷавон фаъолияти фарҳангии худро аз ин маҳфил оғоз бахшиданд. Хонандагони матбуоти даврӣ ба ному навиштаҳои онҳо дучор омадаанд. Ҳафиз Бобоёров, Нуриддин Шаҳобуддинов, Ёрмуҳаммад Ниёзов, Нозим Нуров, Озоди Абдусабур, Меҳринисо Маҳмадова, Ҷамшед Азимпур, Исомуддин Шарифов, Усмоналӣ Камолов, Дилшод Раҳимов, Оқилшо Хиромонов, Меҳмоншо Шарифзода, Абдуғаффор Ҷабборов, Веркани Музаффарӣ, Нусратшо Зокиров ва дигарон.

Сабаби пешрафти маҳфил чанд омил буд: Якум, гузоришгарон дар интихоби мавзӯъ озод буданд. Дуюм, мавзӯъҳоро аҳли маҳфил дар асоси машварати коллективӣ интихоб мекарданд. Сеюм, дидаю дониста дар мавзӯъҳои сиёсӣ баҳс намекардем. Чаҳорум, ҳар касе озодона нуктаи назари худро баён мекард. Ва касе ҳақ, надошт, ки ақидаи худро бар дигарон таҳмил кунад. Панҷум, нуқтаи меҳварӣ, ки озодии андеша ва баён буд, аз ҷониби аҳли маҳфил ба таври ҷиддӣ риоя мегардид.

**Савол:** Мисли он ки хонандагони китоби «Гурез аз Хайём» ба хулосае нарасидаанд. Оё чунин нест?

**Ҷавоб:** Ҳақ, бо шумост. Ба хулосае нарасидаанд. Ба назари ман решаи мушкилӣ ҷои дигар аст. Якум, китоб ба ҳама дастрас нест. Дуюм, на ҳама китобро то охир хондаанд. Сеюм, бисёриҳо фирефтаи танҳо номи китоб шудаанд. Чорум, баъзеҳо ба мавзӯъ аз назари эътиқодӣ менигаранд на илмӣ.

Назари мо илмӣ аст. Панҷум, Ҳакими фарзонаи мо Хайём дар асри XII зистааст. Мо дар асри XXI зиндагӣ дорем. Ин таъкид бояд маъное дошта бошад. На танҳо Хайём, балки ҳамаи мутафаккирони Шарқу Ғарби ҷаҳон, ки дар асри XII зиндагӣ кардаанд, ақидаҳои фалсафиашон аз нигоҳи асри XXI ноқис ва нотамом аст. Чун илм ҳамеша дар таҳаввул мебошад. Ва ҳама аз ин қоидаи умумӣ истисно нест. Фалсафаи Арасту то асри XV ва Сино то асри XVII таъсир дошт. Ҳоло моли таърихи илм ва фалсафаи ҷаҳон ҳастанд. Дар рубоиёти ҷавобии дар китоб омада, ин нуктаҳо таъкид шудаанд. Шашум, ман аз ин баҳсҳо хеле истифода кардам. Баъзе аз танқидҳои хонандагонро самимона қабул намудам. Ва чанде аз ақидаҳои худро дар мавзӯи асосии китоб тағйир додам. Ва баҳсу андеша сари ин мавзӯъҳо ҳоло ҳам давом дорад.

**Савол:** Бисёре аз хонандагон аз китоби дигаратон огоҳӣ надоранд. Ман китоби «Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ»-ро дар назар дорам. Шумо чӣ мегӯед?

**Ҷавоб:** Ин китоб номи дигаре ҳам дорад: «Бозгашти Ҷамшед». Пешбинӣ кардам, ки рӯзе мерасад, ки илм Ҷамшеди афсонавиро эҳё мекунад. Ва худи Ҷамшед ба зиндаҳо муаммои маргу зиндагиро мекушояд. Инҳо назорати ман ҳастанд, ки аз номи Ҷамшед гуфта мешаванд. Ин китоб соли 2001 дар шаш шумораи маҷаллаи «Шоҳроҳи Ваҳдат» (апрел–сентябр) ба нашр расид. Ман ин китобро муҳимтарин китоби фалсафии худ мешуморам. Ҳасту буди фалсафии ман дар ҳамин китоб таҷассум ёфтааст. Аз ин беш чизи гуфтание надорам.

**Савол:** Яъне, дар масъалаи марг ҳам китоб навиштаед ва ҳам мақола. Ман мақолаи Мавлоноро дар назар дорам. «Марг аз нигоҳи Мавлоно». Ҳамин тавр не?

**Ҷавоб:** Бале, ҳамин тавр аст. Масъалаи марг ва мурдан яке аз мавзӯъҳои асосии таҳқиқотҳои ман аст. Ва бисёр чизҳое ҳам навиштаам, ки то ҳол чоп нашудаанд. Мавлоно ва ҷаҳони маънавии ӯ мавзӯи ҳамагонӣ аст. Ман соли 1988 мақолае ба нашр расонидам, бо номи «Ҷалолуддин Балхӣ дар талоши Инсони худшинос». Яъне, мо 18 сол пеш ҳам нисбат ба Мавлоно назари ситоишомез ва танқидӣ доштем. Ва ҳоло ҳам дорем. Хусусияти хоси кори илмӣ ҳамин аст. Таҳлил ва

танқид. Арзёбии холисона ва бетарафона. Ба хотири ҳақиқат. Ба хотири ростӣ. Мебинед, ки дар мақолаи соли 1988 мадҳу сано зиёд асту танқид андак... Аммо дар мақолаи соли 2005 баръакс шудааст. Танқид зиёду таъриф кам. Сабаб чист? Сабаб ин аст, ки мо солҳои 1988 доир ба Мавлоно сарчашмаҳои асосӣ ва лозимӣ надоштем. Мутолиаи мо дар ин мавзӯи густурда сахт андак буд. Ҳоло вазъият беҳтар шуда. Ҳама гуна сарчашмаҳои илмӣ дар бораи Мавлоно дар Тоҷикистон ҳам пайдо шудаанд. Мутолиаи ин китобҳо назари шахсии моро тағйир дод. Ба маҳдудияти маълумот ва мутолиаи худ огоҳ шудам. Ин мақола андешаи соли 2005 ман аст. Дар мақолаи соли 2010 доир ба Мавлоно шояд чизҳое нависам, ки ба мақолаи ҳозира мувофиқ набошад. Қонуни пешрафт дар ҳама соҳаҳо чунин аст. Ҳақиқати абадӣ ва доимӣ вуҷуд надорад. Ҳамин як мафҳуми «тағйир» образи абадият асту бас. Ҳамчун мафҳум, на воқеият. Зеро худи воқеият ҳамеша дар тағйири доимӣ мебошад Ин истилоҳ, яъне истилоҳи «тағйир» ва «таҳаввул» ба забони арабӣ «Сайрура» ва дар забони русӣ «Становление» номида мешавад.

Дар ҷавоби мақолаи «Марг аз нигоҳи Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ» дар рӯзномаи «Зиндагӣ» 31 мақолаи ҷавобӣ ба нашр расид. Дар идораи ин рӯзнома боз чандин мақолаи дигар ҳаст, ки то ҳол ба чоп нарасидаанд. Баҳс давом дорад. Соли 2007 аз ҷониби ЮНЕСКО 800-умин соли зодрӯзи Мавлоно дар ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад. Давоми баҳсро ба соли оянда мавқуф мегузорем.

**Савол:** Дар баъзе доираҳои фарҳангӣ доир ба ду мақолаи дигаратон назарҳои мухталиф изҳор намудаанд. Ман ин мақолаҳоро дар назар дорам: «Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?» ва "Истилоҳи "тоҷик" дар устураҳои ориёӣ". Назари шумо чист?

**Ҷавоб:** Шояд ҳамаи хизматҳои 40 солаи фарҳангии ман барои Тоҷикистони азиз аз ҳамин ду мақола иборат бошад. Ба ин маъно, ки дар мақолаи якум исбот кардам, ки тоҷик ҳам ба мисли юнонӣ, олмонӣ, ҳиндӣ, хитоӣ... фалсафаи миллии тоҷикии худро дорад. Дар мақолаи дуюм исбот кардам, ки номи тоҷик як номи сохта ва бофта набуда, балки саравлоди миллати мо як шахсияте буда бо номи Тоҷ писари Фаравоки

ориёӣ... Яъне асолати миллӣ ва фикрии мо ба исбот расид... Миллати тоҷик ва фалсафаи тоҷик соҳиби шиноснома (паспорт) гардид..

**Савол:** Ба хонандагони рӯзнома чӣ таманниёте доред?

**Ҷавоб:** Ҳамин як мисраи Ҳофизро барояшон орзу мекунам:

**Умратон бодо дароз, эй соқиёни базми Ҷам...**

**Савол:** Чаро мисраи дуюмро зикр накардед?
**Ҷавоб:** Зеро ки шикваю шикоятро дӯст намедорам!

P.S. (Иловаи баъд аз таҳрир)
Мисраи дуюми ин байти Ҳофиз чунин аст:

**“Гарчи ҷоми мо нашуд пурмай ба даврони Шумо”**

***Шаҳрияи АДҲАМЗОД***
***«Садои мардум»***

**11 ноябри соли 2006.**



## БОЗГАШТИ ҶАМШЕД: ЗИНДАГӢ БА МАРГ ЧӢ ГУФТ?

(Посух ба китоби Фридрих Нитше бо номи “Чунин гуфт Зардушт”)

### ҶАМШЕД ПИСАРИ ВИВАНГАҲОН
**(Асрҳои XX-XXI пеш аз мелод)**

### ОҒОЗИ МУЛОҚОТ

Марг аз куштани Одамӣ хаста ва безор шуд...

Дид, ки Инсон сарсахтона муқобилият мекунад...

Ба худ андешид: Оё Инсон бо ин зиндагии кӯтоҳ ва ночизи худ умедвор аст, ки рӯзе бар ман ғолиб ояд? Ин албатта хаёле хом ва фикре ботил аст! Ҳамзамон барои ман ҷолиб аст бидонам, ки худи Зиндагӣ дар ин масъала чи андеша дорад. Ҳамин тавр, Марг бо Зиндагӣ вориди гуфтушунид, мубоҳиса ва мунозира гардиданд.

### ГУФТОРИ ЯКУМ

**МАРГ:** Ҷаноби Зиндагӣ, як чанд пурсише доштам аз Шумо...

**ЗИНДАГӢ:** Марҳамат, бифармоед...

**МАРГ:** Вақтҳои охир аз ҷониби Шумо даъвоҳое мешунавам, ки бовар карданӣ нестанд... Ва Шумо тавре вонамуд мекунед, ки гӯё ҳақ ба ҷониби Шумост...

**ЗИНДАГӢ:** Ман даъвоҳои бисёр дорам. Шумо кадом даъвоҳоро дар назар доред? Марҳамат, бигӯед, бишнавам. Агар зарурат бошад, ба саволҳоятон ҷавоб гӯям...

**МАРГ:** Саволҳо бисёранд... Вақти бисёр ва сабру таҳаммули зиёд ҳам талаб мекунад. Оё Шумо барои баҳсу мунозираи амиқ ва ҳамаҷониба омода ҳастед?

**ЗИНДАГӢ:** Бар ин назарам, ки омода ҳастам…

**МАРГ:** Оё аз ҷониби Шумо кӯҳтоҳназарӣ нест, ки бо ин умри ночиз ва кӯтоҳи худ чунин даьвоҳои худписандонаро ба муқобили ман равона мекунед? Ман метавонам ба он даъвоҳо ҷавобе ҳам надиҳам. Зеро барои ҷавоб арзиш надоранд. Даъвоҳои ту мисли шабнами субҳгоҳӣ баъди лаҳзае нопадид мегарданд. Зеро умри онҳо ба мисли умри ту кӯтоҳ ва бебақост.

Лекин ман ба худ фикр кардам, ки барои як бор ҳам ки бошад, ҷавобатро бидиҳам ва аз ин дарди сар ба таври ҳамешагӣ халос шавам. Акнун аз Шумо мепурсам:

Оё эҳтимоли он нест, ки зиндагии Инсон баъди чанд муддате аз рӯи кураи Замин маҳв ва нобуд гардад? Дар ин сурат ин даъвоҳои ту чӣ арзише доранд?

**ЗИНДАГӢ:** Ҳақ ба Шумост. Чунин эҳтимол ҳаст. Донишмандони табиатшинос, кайҳоншинос ва дигарон ин назари Шуморо ба ҳақиқат наздик медонанд…

**МАРГ:** Пас, ҳама масъалаҳо ҳал шудаанд… Мемонад даъвоҳои беасос ва лофу газофи Шумо…

**ЗИНДАГӢ:** Ҷаноби Марг, ба назар чунин мерасад, ки Шумо аслан ҳавсалаи баҳсу андеша надоштаед… Ва одат кардаед, ки ҳамеша бо лаҳни амру фармон бо мусоҳибони худ рафтор кунед. Муносибати Шуморо дар замони мо муносибати тоталитарӣ ва истибдодӣ меноманд. Ин натиҷаи Ҳокимияти мутлақи Шумост, ки ҳамеша яккатози майдони вуҷуд будаед… Вале ҳоло вазъият андак дигар шудааст.

**МАРГ:** Шумо муҳобот мекунед. Ҳеҷ дигаргуние нест, ҳамин чанд садсола, ки Инсон дар рӯи замин зиндагӣ мекунад, чи аҳамияте дорад? Сад, ҳазор, миллион сол барои империяи

ман аз чанд лаҳза ва ё дақиқае беш нестанд… Садҳо ва ҳазор сол барои ту аҳамият доранд, вале барои ман дар шумор ҳам намеоянд. Пас, чи ҷои ташвиш ба хотири чанд лаҳза, ки ба забони Шумо асру даврон ном доранд…

**ЗИНДАГӢ:** Бигузор чунин бошад. Вале ин империяи мутлақи ту бо ин бузургӣ ва азамат империяи сукут, торикӣ ва хомӯшӣ аст. Дар Замини мо минтақаи пайравони туро «водии хомӯшон» (қабристон) меноманд. На, дақиқтар агар гӯям онҳо пайрави ту нестанд, балки қурбониёни ту ҳастанд. Ту аслан пайрав ва тарафдоре надорӣ. Ту танҳоӣ. Ҳеҷ кас зулму истибдодро тарафдорӣ намекунад. Ана, инро такаббур ва худписандӣ меноманд. Такаббур аз истибдод, такаббур аз худкомагӣ, такаббур аз зулму бедоди беасос!

**МАРГ:** Хуб, адабгуфторӣ бас аст! Мулоҳиза кунед: Агар пазирем, ки тамоми кӯшишҳои мо бе натиҷа, бе ғоят ва беҳадаф аст, пас Зиндагӣ бемаънӣ ҷилвагар хоҳад шуд. Ва вақте мо фикр кунем, ки ҳама чиз дар ғубори Марг нобуд мешавад, он вақт Зиндагӣ барои мо аҳамияте нахоҳад дошт…

Аз ин ҳам гузашта, бисёре аз мутафаккирон бар ин ақида устуворанд, ки агар Худое набошад ва Инсон бо омадани марг ба куллӣ нобуд шавад ва рӯҳи ӯ баъд аз марг низ боқӣ намонад, пас дигар зиндагӣ маънӣ ва арзише нахоҳад дошт ва тамоми кӯшишу талошҳои мо як навъ худфиребӣ ва хушбоварии беасос асту бас…

**ЗИНДАГӢ:** Ба назари мо ҳам маънӣ ва ҳам ҳадаф доштани зиндагӣ чизи асосӣ аст. Вақте зиндагӣ ҳадаф ва маънӣ дошта бошад, дигар Инсон аз марг намеҳаросад. Бемаъноӣ бо худии худ баробар бо маргу нестист… Ин аст, ки мардум аз марг мегурезанд. Чаро ки мардум мехоҳанд, зинда бошанд, зиндагӣ кунанд, вуҷуд дошта бошанд, зиндагиашон маънӣ ва ҳадаф дошта бошад. Вале марг ҳамаи ин масъалаҳои муҳимро рад мекунад, инкор менамояд ва мардумонро аз ҳаёт маҳрум месозад. Ин рафтори марг бо худи худ рафтори бемаънӣ, беҳадаф ва бемантиқ аст. Аслан, ҷаноби Марг худаш ҳам намедонад, ки чӣ мехоҳад, чӣ кор мекунад ва ин корҳо ба хотири чист! Ҳамин ғафлат ва ноогоҳӣ аст, ки худи маргро то ба ин ҳад худписанд ва мағрур кардааст…

**МАРГ:** Оё ин суханони Шумо гувоҳи равшани худписандии Шумо нест? Ба ҷои далелу бурҳон ба таънаву маломат рӯй овардаед!.. Ҳадафу маънои зиндагии Инсон аслан чӣ аҳамияте дорад? Фарз кардем, ки зиндагии Шумо ҳадафе дорад ва Шумо ба сӯи он кӯшиш мекунед ва оқибат мерасед… Баъд чӣ? Бо ҳамин тамом? Боз мебинед, ки дар рӯбарӯятон ҷаноби Марг нишастааст. Чун ҳамеша. Бе тағйир. Доимӣ. Бо виқор. Бе аввал, бе охир. Ором… Хомӯш…Сокит…Бе савол, бе ҷавоб… Мисли он ки ҳодисае рӯй надода бошад. Имрӯз ба мисли дирӯз ва дирӯз ба мисли имрӯз ва имрӯз ба мисли фардо ва фардо ба мисли гузашта ва ҳозира… Боз чӣ мехоҳӣ? Оё ҷое дигар барои савол боқӣ мемонад? Чӣ саволе? Барои кӣ? Барои чӣ? Ба чӣ маъно? Ба хотири чӣ? Ба хотири зиндагӣ? Худи зиндагӣ чист? Чӣ арзише дорад? Агар арзише ҳам дошта бошад, чӣ мушкилеро ҳал мекунад? Танҳо мушкили як инсонро! Як инсони танҳоро! Ё чанд инсонро! Аз ин моҳияти масъала дигар намешавад. Инсон ва инсонҳо дар ин олами бе аввалу охир чӣ мақоме доранд? Мисли чанд дона реге дар биёбони беохир…Оё аз ҳастиву нестии ин чанд дона рег биёбон тағйир меёбад? …Ин аст, ки аввал андешаву баъд гуфтор… Вале чуноне ки ман мулоҳиза мекунам, Шумо ҷаноби зиндагӣ, аввал мегӯеду баъд андеша мекунед. Дурусттараш шояд ин бошад, ки ба Шумо бигӯям: Дар гуфтори Шумо аслан андеша ва тафаккур вуҷуд надорад! Ин нишонаи бепоягии вуҷуди Шумост… Аслу реша надоред. Чун ҳубобе дар рӯи оби ҳавз лаҳзае худнамоӣ мекунеду аз байн меравед… Намедонед, ки аз куҷо омадаеду ба куҷо меравед. Ҳамин тавр наслҳои одамӣ чун ҳубобҳо яке пас аз дигаре меоянду мераванд… Ва намедонанд, ки чаро! Бо вуҷуди ин лофи доноӣ ва огоҳӣ мезананд… Аслан ин доноӣ ва огоҳии Шумо–фарзандони Одам–чӣ арзише дорад? Аз ҳудуди ҳамин кураи хокӣ, ки Замин ном дорад, Шумо дуртарро намебинед ва намедонед… Хаёл мекунед, ки ҳамаи Кайҳон ва оламҳои дигар ҳам аз рӯи қонуну қоидаҳои Замини Шумо амал мекунанд? Чи фикри ботил ва содалавҳонае! Худ гуфтаӣ ва ба гуфтаат бовар кардаӣ! Инро мегӯянд: худмеҳварӣ!

**ЗИНДАГӢ:** Ман Шуморо бо диққат ва таваҷҷӯҳи зиёд гӯш кардам. Ва инкор намекунам, ки саволҳоятон хеле ҷиддӣ

ҳастанд. Дар ҷавоби ин саволҳои муфассали Шумо хеле бо ихтисор гуфтанӣ ҳастам, ки ин саволҳоро бо шарофати мо инсонҳо ёд гирифтаед. Пеш аз мо Шумо ҷаноби Марг доир ба савол, ҷавоб, масъала, аввал, охир, маъно, ҳадаф, арзиш, гузашта, ҳозира, оянда, имрӯз, фардо, сол, моҳ, аср, зиндагӣ, озодӣ, озодагӣ, ишқ, муҳаббат, меҳр, хайр, шар, некӣ, бадӣ ва ҳазорҳо маънӣ ва мафҳумҳои дигар хабар ва огоҳие надоштед. Ин масъалаҳоро ба шарофати Инсон ва ҳамин чанд дона реге, ки дар биёбони ҳастӣ ҷилва мекунад, (ба таъбири худи Шумо) донистед ва ҳоло чизи моро ба худамон баргардонда боз ба гардани мо миннат ҳам бор мекунед! Куҷост довари боинсофе, ки дар ин баҳси мо қазоват кунад!...

**МАРГ:** Хаёл мекунӣ, ки ба ҳалли муаммое расидаӣ?

**ЗИНДАГӢ:** Муаммое вуҷуд надорад. Ҳарчи ҳаст, ҳамин Инсон аст. Бо Инсон шурӯъ мешавад ва бо Инсон тамом мешавад. Ҷаҳону Кайҳони ту бе Инсон чӣ арзише дорад? Мо одамон ҳастем, ки ба ҷаҳон маънӣ ва арзиш медиҳем. Вагарна Кайҳони бе Инсон чӣ маъное дорад? Кайҳон худ намедонад, ки Кайҳон чист? Мо инсонҳо ҳастем, ки Кайҳонро бо худаш шинос менамоем. Кайҳон бузургӣ ва ночизии худро намедонад. Инсонро намешиносад. Ақлу хирад надорад. Чашм надорад. Ҳадаф надорад. Мақсад надорад. Худи кайҳон асири вазну ҳаҷму кашишу қувваю таҳаввулоти дарунии худ аст. Ҳатто инро ҳам намедонад, ки қувва чист ва ҷозибаи ҷаҳонӣ кадом аст? Мулоҳиза мекунед, ки Шумо ҷаноби Марг ба сифати як мусоҳиби туфайлӣ бо ман сӯҳбат доред. Аз мо инсонҳо чизе ёд мегиреду ҳамон чизи худамонро ба худамон қисса мекунед. Ин баҳс нест. Ҳикояти кӯдакона аст. Сарчашмаи он ноогоҳӣ ва бехабарии Шумост доир ба мавзӯе, ки баҳс оғоз кардаед… Назари мо инсонҳо ба худамон ва ба кайҳон возеҳу равшан аст. Мо огоҳии ҷаҳонем. Мо ҷаҳонро бо худаш ошно кардем. Ҷаҳон оғози мост, мо давоми ҷаҳонем… Танҳо марг аст, ки аз Инсону Ҷаҳон бегона мебошад. Сабаби бегонагии марг тарс аст. Тарс аз дониш, тарс аз огоҳӣ ва тарс аз худшиносӣ…

**МАРГ:** Маҷбурам суханатро қатъ кунам. Туро чию худшиносиат чӣ, ҷаноби Зиндагӣ! Кадом худро шинохтаӣ? Аз чӣ огоҳӣ ёфтаӣ? Ба кадом дониш расидаӣ? Ҳамаи онҳо, ки

мегӯӣ роҳҳое ҳастанд, ки ба ҷое намебаранд. Ҳадафе надоранд. Аз танҳоӣ ва бегонагӣ худро ба ҳар дару девор мезанӣ… Чаро ки мирандаӣ. Боз ба назди ман бармегардӣ… Бемории ту беилоҷ аст. Ин аст мушкилии асосии ту… Вале эътироф кардан намехоҳӣ… Зеро эътироф карданат баробар ба марги ту аст. Мехоҳӣ, ки мисли ман ҷовидон бошӣ. Вале нестӣ ва буда ҳам наметавонӣ…

**ЗИНДАГӢ:** Акнун хаёлат ором шуд. Тасаввур кардӣ, ки муамморо ҳал кардӣ… Дар сурате ки муаммое набуд ва нест. Муаммои ҷаҳон вуҷуди марг буд. Баъди омадани зиндагӣ, муаммо ҷаҳонро тарк кард. Ҷаҳон ҳадаф ва маъно пайдо кард. Ҳадафи зиндагӣ худи зиндагӣ аст. Зиндагӣ маънои Ҷаҳон ва Кайҳон мебошад. Ҷаҳону кайҳон киштзори зиндагианд. Зиндагӣ дар он нашъунамо мекунад. Чаҳони бе инсон маъное надорад. Инсон – худшиносии ҷаҳон аст. Бо ақлу заковати мо чаҳон худро мешиносад. Ҷаҳони беинсон сарзамини марг ва нестист…

**МАРГ:** Ба ақидаи яке аз ҳамсояҳои ту зиндагӣ аз дидгоҳи муқоисавӣ шояд арзиши идома доданро надошта бошад, зеро ҳаёт ба марг хотима меёбад ва чи басо умедҳо, ки ба ноумедӣ мубаддал мегарданд. Зиндагӣ ранҷу кӯшиш аст. Бинобар ин дар мақоми муқоиса шояд беҳтар буд, ки аслан ба дунё намеомадем ва ё дар кӯдакӣ мемурдем. Аз тарафи дигар, чӣ касе метавонад бигӯяд, ки як лаҳзаи хуши ишқварзӣ ё роҳ рафтан ва нафас кашидан дар ҳавои субҳгоҳӣ ба ранҷҳо ва кӯшишҳои зиндагӣ намеарзад?

**ЗИНДАГӢ:** Ҳамсояи ман бояд бидонад, ки зиндагӣ ҳадяи аҷибест, аз гардиши фалак, ки онро бо ҳеҷ чизе дар ҷаҳон санҷидан ва муқоиса кардан мумкин нест. Пурсишҳое аз қабили ин ки: Оё зиндагӣ арзиш дорад ё не, дар асл саволи бемантиқ аст ва сазовори посух додан нест. Чун ҳамин зиндагист, ки ба ҳамаи ҷузву кулли ҷаҳон арзиш ва маънӣ мебахшад. Ин баробар бо он аст, ки растание ба шарофати гармию нури Офтоб нашъунамо кунад ва боз бипурсад: Оё вуҷуди Офтоб арзиш ва маъное дорад? Решаи иштибоҳ дар ин аст, ки ҳадаф ва маъноро аз моҳияти Инсон ҷудо тасаввур кардаанд. Дурусташ ин аст, ки маънии ҷаҳон дар худ маънӣ ва

ҳадафи инсониро таҷассум кардааст. Маъно маънои инсонист ва ҳадаф ҳадафи инсонӣ мебошад.

**МАРГ:** Ҷаҳон чизест, ки намебоист ба вуҷуд меомад. Мо аз вуҷуди ҷаҳон набояд хушҳол бошем, балки барои он бояд гиря кунем. Зеро нестии ҷаҳон аз вуҷудаш беҳтар ва афзалтар аст. Пас, беҳуда аст, ки мо аз зиндагӣ ба сифати як ҳадя ва армуғони рӯзгор сӯҳбат кунем. Ҳар касе, ки ҳадяро пеш аз ин ки дарёфт кунад, мечашид, бе ҳеҷ шакку шубҳа онро бармегардонд. Агар далел пеш оваранд, ки зиндагӣ як дарс аст, шахсан ман ба чунин дарсе эҳтиёҷ надоштам!

**ЗИНДАГӢ:** Бо ин ҷумлаҳои парешону муғлақ ва фикрҳои хилофи якдигар чӣ мехоҳӣ бигӯӣ?

**МАРГ:** Инҳо суханон ва фикрҳои ман нестанд. Инҳоро намояндагони фалсафаи ҳаёт аз ҳамҷинсони ту баён кардаанд. Мехоҳам ба забони бузургтарин соҳибназарони олами инсонӣ бароят собит кунам, ки даъвоҳои ту дар боби арзиши ҳаёт ва зиндагӣ хобу хаёлҳои кӯдакона мебошанд. Давоми қиссаро бишнав. Яке аз файласуфони номдори ҷаҳон доир ба зиндагӣ ва арзиши он чунин мегӯяд: (Ман ақидаашро озод нақл мекунам, то барои фаҳми он заҳмат накашӣ!):

**«Хушбахтӣ барои аксарияти инсонҳо муяссар намешавад. Хушбахтӣ дар рӯи кураи Замин боиси шикасту бадбахтии инсон мешавад ва хушбахтӣ дар ҳақиқат сароб ва хаёли ботил аст. Масъала чунин аст: Мардум ё дар расидан ба ҳадафҳое, ки барои ҳосил карданашон кӯшиш мекунанд, шикаст мехӯранд ва ё вақте ба он расиданд, боз аз нав ноумед мешаванд. Инсон, ҳамин ки бифаҳмад ҳадафе, ки он қадар барояш кӯшиш карда буд, арзиши ин ҳама талошро надоштааст, дубора фикри худро ба сӯи ҳадафи дигаре мекунад ва боз бо расидан ба он, ҳадафро пуч ва беҳуда мепиндорад ва боз аз сари нав ноумед мешавад. Ин такрори пай дар пайи ноумедӣ ҳамеша дар инсон вуҷуд дошта ва хоҳад дошт. Хушбахтӣ ҳамеша дар оянда ё гузашта қарор дорад ва замони ҳозира барои хушбахт будан кофӣ нест ва имкон намедиҳад. Замони ҳозир ҳаммонанди як абри сиёҳ аст, ки бод онро бар рӯи даштҳои сӯзон ва офтобӣ мебарад. Пеш ва баъд аз он ҳама чиз дурахшон ва зебост. Аммо замони ҳозир худ соя ва тирагиро бар даштҳо афканда ва офтобро мепӯшонад. Пас замони ҳозир барои хушбахтӣ кофӣ ва басанда**

**нест ва оянда ташвишовар ва ваҳмангез ҷилва мекунад ва гузашта низ ғайри қобили баргашт аст…**

**Инсонҳо умуман бо ваъдаи биҳишт ва зиндагии беҳтар худро фиреб медиҳанд ва ҳатто ононе, ки оқилу аҳли мантиқанд ба орзую умед такя намуда, ҳама чизро ба ақиб ронда, худро чун дигарон мефиребанд.**

**Ин биҳиштҳо ва гулу гулзорҳои хаёлӣ хеле зуд нопадид мешаванд ва инсон дармеёбад, ки чи бераҳмона ӯро масхара кардаанд. Далели бадбахтии инсон яке ин аст, ки мудом фикр мекунад: ҳамсояи ӯ хушбахт аст. Яке аз муҳимтарин далелҳои бадбахтии инсонҳо ин аст, ки наметавонанд касеро бубинанд, ки ҳамеша хушбахт бошад…»**

**ЗИНДАГӢ:** Боз чӣ?

**МАРГ:** Андаке сабр кун, давомашро мешунавӣ…

Хушбахтии баъзе шахсон хушбахтии нисбӣ ва гузаранда аст. Чунин хушбахтӣ дар баробари бадбахтии мутлақи ҳамаи инсонҳо арзише надорад.

Аммо саодатҳои бузурги зиндагӣ аз қабили: саломатӣ, ҷавонӣ ва озодӣ аз вуҷудашон вақте огоҳ мешавем, ки онҳоро кайҳо аз даст додаем. Он чи лаззат ва ризоят меномем, набудани гуруснагӣ ва ранҷ аст. Вале мо вақте ба ин шодмонӣ ва ризоят огоҳ мешавем, ки инҳоро кайҳо аз даст дода бошем.

Ҳатто кайфу сафо, дамро ғанимат шумурдан ва лаззати ҳамин лаҳза низ фиреб аст. Зеро он дар ҳоли ҳозир аст дар лаҳзаи дигар вуҷуд надорад ва фавран нопадид мешавад ва монанди як хобу хаёли гузаранда ҳаргиз арзиши як кӯшиши ҷиддиро надорад. Инсон бо марг нобуд мешавад ва ин ниҳояти табиати ҳар инсон аст. Ба ҳамин сабаб инсон ҳамеша аз марг мегурезад ва ин худ нишон медиҳад, ки ҳеҷ чиз арзиши талоши инсонро надорад. Марг ва нобудӣ ҳамаро фурӯ хоҳанд бурд. Аз он ҷои гурезе нест. Тамоми чизҳои хуб беҳудаанд. Оқибати ҷаҳон нокомӣ ва шикаст аст. Зиндагӣ тиҷоратест, ки харҷаш бештар аз дахлаш мебошад…

**ЗИНДАГӢ:** Гумон мекунам ҳамаи гуфтаниҳоятро гуфтӣ ва мо метавонем ҷавоби худро бигӯем?

**МАРГ:** Танҳо хулосааш монд. Иҷозат диҳед, хулосаашро ҳам бигӯям.

**ЗИНДАГӢ:** Марҳамат, гӯш мекунам.

**МАРГ:** Хулосааш ин ки зиндагӣ як шӯхии даҳшатнок мебошад. Он чи то кунун дар ҷаҳон иттифоқ афтода ва меафтад, бе ҳадаф ва бе мақсад аст. Ин дунёи пири фартут ва фарсуда бо таваллуд, зиндагӣ ва марг ба пеш меравад ва тамоми ин корҳо аз ибтидо то интиҳо кӯр-кӯрона ва бе маъниву ҳадаф аст. Зиндагӣ монанди киштии рӯи дарёст. Ба ҳар мавҷу боде ба тарафе меғалтад. Киштиест, ки ҳадафи он ҳеҷ соҳилу бандаре нест. На дастгоҳи идорӣ дораду на қутбнамо ва на нохудо. Фақат барои муддате рӯи об шиновар аст ва баъд дар амвоҷ ва тӯфон гум мешавад. Чи дарёи бесоҳиле ва чи андӯҳи беҳосиле! Илова бар беҳадафии зиндагӣ ва ҷаҳон, ҳақиқати марг низ вуҷуд дорад. Ман ба тамоми дӯстонам алоқамандам. Аммо ҳама бояд ба анҷом ва ниҳояти як фоҷеа ва даҳшат бирасем. Марг чизи ваҳшатнокест ва даҳшатноктар аз он дилбастагӣ ба зиндагии дунёст. Зиндагӣ арзиш надорад, зеро ҳаёти инсон чизе ҷуз қатъи муваққатии нестӣ намебошад. Яъне нестии мутлақ ҳангоми падид омадани зиндагӣ, лаҳзае аз байн меравад. Зеро ҷои нестиро ҳастӣ мегирад. Ҳастӣ яъне худи зиндагӣ. Аммо ин амал чандон давом намекунад ва ҳастӣ боз ба нестӣ мубаддал мешавад. Ана, ин буд, он чи мехостам ба ҷои хулоса бароят бигӯям.

**ЗИНДАГӢ:** Шуморо бодиққат гӯш кардам. Ва омодаи ҷавоб ҳам ҳастам. Танҳо як бор таъкид кунам, ки гуфтугӯи мо аз қолаби гуфтугӯ ва муколама ба дур рафтааст. Шумо пай дар пай назароти худро бар гардани ман бор мекунед. Ба ман фурсат намедиҳед, ки як ба як ба саволҳои Шумо ҷавоб диҳам. Ҳоло ки кор ба ин дараҷа расидааст, ман маҷбурам, ки ба ҳамаи саволҳои Шумо як ба як ва ба таври муфассал ҷавоб гӯям. Аз ин Шумо дилгир ва хаста намешавед?

**МАРГ:** Ҳеҷ гоҳ дилгир намешавем. Шумо қолабпараст ҳастед. Баҳс, баҳс аст. Дар ҷаҳон ду мусоҳибаи ба ҳам монанд вуҷуд нахоҳад дошт. Пас чӣ зарурат аст, ки мо дигаронро тақлид кунем? Ҳадафи мо сари масъалаи мушаххас ва муайян аст: Оё зиндагӣ падидаи пуч ва бемаъност ва ё ин ки маънӣ ва ҳадафе дорад? Ба назари ман, баҳси мо хусусияти хоси худро дорад. Бигзор бо ҳамин шакл давом кунад.

**ЗИНДАГӢ:** Хуб, ман ҳам розӣ. Бигзор баҳси мо ба ҳамин шевае, ки оғоз кардаем, давом кунад. Дар ҷавоби саволҳо ва назароти Шумо ман ақидаи худро ба таври мушаххас дар нуқтаҳои зерин баён мекунам:

1. Хушбахтӣ дар рӯи Замин барои ҳама дастрас аст. Вале вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаҳои башарӣ монеи ин ҳадаф мегардад. Зеро ҳар ҷомеае дар муставо ва сатҳи муайяни тараққӣ қарор дорад. Ҳадафи хоси худро дорад. Зиндагӣ ва арзиши онро ба таври худ мефаҳмад. Дар сурате ки ҷомеаҳои дигар низ ин масъалаҳоро ба таври худ мефаҳманд. Ҳамин фаҳмишҳои гуногуни як масъала, сабаби мухолифати онҳо бо якдигар мегардад. Яке аз онҳо ормонҳои ҷомеаи дигарро ботил ва хурофотӣ эълон мекунад. Ин ҷомеа дар навбати худ ормонҳои ҷомеаи дигарро бепоя ва бемоя мешуморад. Ҳамин тавр ҷангу кашмакашҳои байни арзишу ормонҳои ҷомеаҳо, қавмҳо, нажодҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, асрҳо… оғоз мегардад. Ва ин низоъ ва мухолифат кайҳо оғоз шудааст ва баҳси мо ҳам гӯшае аз ин ҷидолро ташкил медиҳад.

2. Зиндагӣ сароб нест, балки воқеият аст. Ҳадаф ва маънӣ ҳам, ки зодаи зиндагӣ мебошанд, чизи мушаххас ва муайян ҳастанд. Ҳадаф хаёлу хоб нест. Балки ҳадаф воқеъӣ ва мушаххас аст. Маънии зиндагӣ худи зиндагӣ аст. Чаро? Барои ин ки мо берун аз зиндагӣ ҳадаф ва маъное намебинем. Ин уқёнуси зиндагӣ аст, ки ҳадафҳо, арзишҳо, мақсадҳо, маъниҳо, орзуҳо ва ормонҳоро ва идеалҳоро чун мавҷҳои пай дар пай ба паҳнои ҳастӣ равона мекунад. Худи арзишҳо ва ҳадафҳо низ як ҷаҳони хоси худро ташкил медиҳанд. Пайдо мешаванд, нашъунамо мекунанд ва ба ҳадафҳои волотар ва арзандатар мепайванданд. Арзишу ҳадафҳо ҳам дар тағйир ва таҳаввул мебошанд. Аммо Шумо ҷаноби Марг дар баҳси худ ҳамаи масъалаҳоро ба сӯи бесӯӣ, ба уфуқи беуфуқӣ ва ба маънии бемаъноӣ равона мекунед! Ин равиши Шумо аз назари илми муосир равиши солим ва солеҳ нест.

3. Иваз шудани ҳадафу арзишҳо айбу нуқсон нест, балки фазилат аст. Шоири мо мегӯяд:

**«Дамодам нақшаҳои тоза хезад;**
**Ба як сурат қарори зиндагӣ нест»;**

**(Иқбол)**

Мо ҳам ба ақидаи шоир мувофиқем. Ҳадафҳои қавмҳо, миллатҳо ва фарҳангҳо вобаста ба давру замонашон тағйири шакл кардааст. Ҳамин масъалаи ҷовидонагӣ ва умри абадӣ, ки ҳамаи инсонҳо талабгори он ҳастанд, аз бомдоди таърих то имрӯз дар қолабҳои устуравӣ, динӣ ва фалсафӣ давом кардааст. Ноумедии одамон аз ҳадафҳо дар ин аст, ки он ҳадафҳоро амалӣ карда наметавонанд. Ин айбро ба гардани кӣ бор кунем? Киро гунаҳгор ҳисоб кунем? Ин айбро ҳеҷ кас ба гардан намегирад. Дар сурате ки худи мо одамон гунаҳкорем. Чаро, ки ирода надорем. Устуворӣ дар роҳи ҳадаф ба харҷ намедиҳем. Аз донишҳо истифода намебарем. Таносоиву танбалиро афзалтар мешуморем. Ин аст, ки ормонҳои мо ба нокомӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ва бе асос ба хулосае меоем, ки чаҳон бемаънист ва зиндагӣ арзише надорад. Ҳол он ки кӯшишҳои мо беарзишанд. Ба ҷои иродаву илм ба хурофоту ҷоду дил мебандем.

4. Маъно ва ҳадафи воқеӣ ҳамаи гузашта, ҳозира ва ояндаро дар бар мегирад. Зиндагии инсонӣ як мафҳуми том ва кул аст. Онро ба қисматҳои ҷудогонае аз кабили: гузашта, ҳозира ва оянда тақсим намудан дуруст нест. Зиндагӣ ҷунбиш ва ҳаракат аст. Аз роҳҳо ва марҳалаҳо мегузарад ва бояд гузарад. Ин мафҳумҳо барои Марг бегонаанд. Империяи Марг ҳамеша дар сукут аст. Дар нестии мутлақ. Ҷунбишу ҳаракатеро намешиносад ва эътироф намекунад. Марг миллиардҳо сол дар сукут нишаст ва бо касе лаб ба сухан накушод. То ин ки зиндагӣ дар саҳнаи олам пайдо шуд. Ва акнун бо зиндагӣ ба гуфтушунид нишастааст. Агар зиндагӣ намебуд, марг то имрӯз аз худ садое ба гӯшҳо намерасонд. Боз даъвои ҳастӣ мекунад. Ҳастии марг ба нестӣ баробар аст. Лекин зиндагӣ дар ин баҳси нобаробар ҷавонмардона ширкат мекунад.

5. Ба умеди биҳишт нишастани инсонҳо шеваи зиндагӣ нест. Зиндагӣ биҳиштро худаш месозад. Дар ҳамин дунё, бо қудрати илму дониш ва ақлу хирад. Онҳое, ки биҳиштро дар хаёлашон сохтаанд, онҳо муридон ва тарафдорони Марг мебошанд. Ин қабил одамон дар зиндагӣ ноком, фиребхӯрда

ва бадбахтанд. Лекин бадбахтии худро намефаҳманд. Хаёл мекунанд, ки хушбахттарин мавҷудоти рӯи заминанд. Ҳисоби зиндагӣ аз ҳисоби аҳли хурофот ҷудост. Ҳамин афсонаи биҳишт ҳам ёдгоре аз таърихи зиндагӣ аст. Инсонҳо дар бомдоди зиндагӣ аз ранҷу шиканҷаи рӯзгор ба танг омада, орзу намуданд, ки зиндагии бофароғате дошта бошанд. Ҳамин орзуи зиндагии бофароғат образи биҳиштро дар хаёли онҳо зинда нигоҳ дошт ва ба он шаклу қолаби эътиқодӣ бахшид. Ин орзу дар таърихи ҷаҳон дар либоси эътиқодоти динӣ зоҳир гардид. Орзуи расидан ба биҳишт тақозои зиндагии башарист. Мо инсонҳо аз маргу мир, гуруснагӣ, гармию сардӣ, бемориу ранҷуриҳои гуногун дар изтиробем. Ин нуқсонҳо то ҳол ҳал нашудаанд. Мо то ҳол аз вуҷуди онҳо ранҷ мебарем. Вале умеди ободӣ ва озодиро аз даст надодаем. Талоши мо ҳамвора давом дорад. Рӯзе биҳиштро дар замин барпо хоҳем кард. Ҳар он чизе, ки дар доираи орзуи инсон ғунҷоиш дошта бошад, таҳаққуқ меёбад. Сохтани биҳишт ҳам яке аз он орзуҳост… Мутаассифона, мо одамон дар таърих хоста ё нохоста, огоҳона ва ё нохудогоҳ бештар дар сохтани ҷаҳаннам ва дӯзах талош кардаем, на барои сохтани биҳишт! Ин аст, ки марг моро дар ин масъала мулзам мекунад ва масхара менамояд. Қудрати душманро бояд эътироф кард. Эътирофи қудрати ҳариф яке аз бузургтарин фазилатҳои муборизон буд ва ҳоло ҳам ҳаст. Ин аст, ки таҷрибаи инсонӣ дар сохтани биҳишт хеле андак аст…

6. Ҷаноби марг фармуданд, ки лаззатпарастӣ ҳам худфиребии маҳз аст. То андозае ҳақ ба ҷониби ӯст. Ба ин маъно, ки агар лаззатпарастиро ба сифати ҳадаф ва арзиши асосии зиндагии башарӣ қабул кунем, ба роҳи хато рафтаем. Лаззат ҳам марҳалае аз силсилаи беохири марҳалаҳои зиндагии инсон аст. Мақоми лаззатро ба ифрот расонидан ҷоиз нест. Зеро таносуб халалдор мешавад. Лаззатпарастӣ дар таърих аксуламали зиндагии қашшоқонаи одамӣ будааст. Файласуфон ин мафҳумро рангу бори идеалогӣ дода, аз он як мактаб ва равияи фалсафӣ сохтаанд. Бо вуҷуди ин намешавад аз лаззатҳои зиндагӣ рӯй гардонд. Лаззатҳо бояд ҷои худро дошта бошанд. Онҳо мояи рангорангии зиндагӣ ва илҳомбахши ҷаҳони эҳсосотии моанд.

7. Саломативу ҷавониву озодӣ ҳамеша ҳамсафари инсонҳо мебошанд. Медонем ва эътироф дорем, ки меоянду мераванд. Мо бошем минигарему меравем. Вазъи реалии вуҷуди инсон дар ҷаҳон чунин аст. Ин вазъиятро мо интихоб накардаем. Балки мо дар хидмати ин воқеият ҳастем. Мо бояд ирода намуда, ин воқеиятро ба салоҳдиди худ тағйир диҳем. Дар ҳамин ҳангомаи тағйирдиҳии вазъият аст, ки низоъ ва мухолифати маргу зиндагӣ оғоз мегардад. Мо инсонҳо роҳи дуру дарозе дар пеш дорем. Бояд биҳишт бисозем… Бояд маргу мурданро аз байн бардорем… Бояд ҳамагонро хушбахт гардонем… Инҳо ҳадафҳое ҳастанд, ки одамон аз даҳшати марг ва мурдан дар бораашон чиз намегӯянд. Вале ҳама медонанд, ки чи мехоҳанд…

Ҷаҳду талош дар роҳи амалӣ намудани ин ҳадафҳои асосӣ хомӯшона давом дорад… Ва рӯзе мерасад, ки ҳамагон аз ин бобат сухан хоҳанд гуфт. Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Сино, Хайём, Сӯҳравардӣ, Румӣ, Ҳофиз, Бедил, Дониш ва бисёр дигарон аз гузаштагон ва муосирони мо дар ин боб суханҳо гуфтаанд. Ҷаноби марг хайёл кардааст, ки ҳама корҳо ба анҷом расидаанд. Вале ин тавр нест. Корҳо акнун оғоз гардидаанд. Мо дар ибтидои роҳ қарор дорем. Ҷаҳду талошҳои асосӣ моро интизор аст. Мо хунсардона дар ин набард ширкат хоҳем кард.

8.Фирдавсӣ ҳадаф дошт ва ба ҳадафи худ расид. Ҳадафи ӯ навиштани «Шоҳнома» буд. Ӯ аз ин кори худ пушаймон набуд. Ва худро хушбахт ҳисоб мекард. Агар имрӯз ҳам Фирдавсӣ зинда шавад, боз ба «Шоҳнома»-и худ ифтихор хоҳад кард. Ҳол он ки ҳазор сол гузаштааст. Яъне ҳадафҳои асил ва ҷавҳарӣ тағйир намеёбанд, балки такмил меёбанд. Албатта ҳадафҳои бепоя ва кӯдакона иваз мешаванд. Чаро ки санҷида ва дақиқ нестанд. Ҷаноби Марг ҳамин қабил ҳадафҳоро чун далели бесуботии орзуҳои инсонӣ ба рухи мо мекашад. Ҳол он ки асли масъала чунин нест.

9. Он ҷо ки мегӯед «ин дунёи пиру фартут ҳадафе надорад», ҳақ ба Шумост. Ин ҷаҳон ва ин кайҳон бо ин бузургӣ ва азамат ҳадаф ва мақсаде надорад. Ҳамин ҷост, ки мо зиндагии инсониро ҳадафи ҷаҳон ва кайҳон мешуморем. Зеро инсон ҳам порае аз кайҳон аст. Кайҳони бедор, худогоҳ,

худшинос, чаҳоншинос, кайҳоншинос, маънишинос, ҳадафшинос, арзишшинос, инсоншинос, зистшинос… Ба воситаи Инсон дунё худро шинохт. Агар Инсон намебуд, Ҷаҳон ва Кайхон то ҳол дар ҳамин хоби азалии худ ғарқ боқӣ мемонданд. Дар ҷаҳон шӯру ҳангомае ба вуҷуд намеомад. Ҳама дар баҳри сукут ғӯтавар мемонд. Аммо Инсон ин тилисми сукут ва хомӯширо шикаст. Навовариҳое кард, ки Ҷаҳон назирашро надида буд: Ақл, Хирад, Мантиқ, Ишқ, Дӯстӣ, Маъно, Мақсад, Ҳадаф, Арзиш, Нақша, Орзу, Ормон, Илм, Техника, Фатҳи Кайҳон, Укёнусшиносӣ, Компютер, Генетика, Клонирование (Шабеҳасозӣ), Реаниматсия, Ҷарроҳиҳои мураккаб ва печидаи тиббӣ. Дарозумрии нисбӣ… ва ғайра. Ҳамаи ин кашфиётҳои Инсонианд. Инҳо ҳадафанд. Арзишанд. Маъноанд. Мақсаданд. Орзуанд. Ормонанд. Идеаланд. Маънои зиндагианд. Ҳадафи зиндагианд. Мақсади зиндагианд…

Зиндагии инсонӣ берун аз ин кашфиётҳо маъное нахоҳад дошт. Зиндагӣ он чи худ мехост, офарид. Он чи мехоҳад дар оянда меофарад…

Мулоҳиза мекунед, ҷаноби Марг, Шумо дар байни ин навгониҳо ва кашфиётҳои инсонӣ ҳеҷ мақому мартабае надоред. Ба Шумо эҳтиёҷе надоранд. Бе Шумо ҳам кору зиндагиашонро ба субут мерасонанд… Аслан дунё, дунёи инсонӣ аст… Бо Инсон ин ҷаҳон арзанда аст. Бо Инсон ин ҷаҳон маънӣ пайдо мекунад. Ҷаҳон буданашро мешиносад… Бо Инсон пайваст мешавад. Ҳамкор мешаванд. Якдигарро такмил медиҳанд. Ба пеш мераванд. Комёб мешаванд. Эҷод мекунанд. Ҳарду соҳиби маъно, мақсад ва ҳадаф мешаванд. Ин аст, ки мо мегӯем: <u>Ҳадаф ва маънои олами вуҷуд, ИНСОН аст!</u>

10. Дуруст фармудед, ки: «Марг чизи ваҳшатнокест!» Бале чунин аст. Вале чаро даҳшатнок аст? Барои кӣ? Барои Ҷаҳон? Барои Кайҳон? Барои олами вуҷуд? На, Ҷаҳону Кайҳон чӣ будани маргро намедонанд!!! Маргро эҳсос намекунанд. Аз даҳшати он огоҳӣ надорад. Пас, даҳшати марг барои кист? Ба ақидаи мо марг ба зиндагии инсонӣ дахл дорад. Чаро ки танҳо инсон қодир аст ваҳшати маргро бидонад ва эҳсос кунад. Зеро инсон аз ҳоли худ огоҳ аст. Ҷаҳон ба ҳоли худ огоҳ нест. Инсон орзу дорад. Ҷаҳон орзу надорад ва чӣ

будани орзуро намедонад. Инсон ошиқ аст… Инсон ба ҳамнавъони худ меҳр меварзад. Онҳоро дӯст медорад. Бо онҳо будан мехоҳад. Вале ин марг аст, ки инсонро аз дӯстонаш ҷудо мекунад… Ишқро ба ҳиҷрон мубаддал мекунад. Писаронро аз падару модар ҷудо мегардонад. Занонро аз шавҳарон, ошиқонро аз маъшуқон ва инсонҳоро аз инсонҳои дигар дур мекунад… Ҳамин дурӣ, ҳиҷрон, ҷудоӣ ва парешонӣ афкандан дар олами инсонӣ кор ва вазифаи марг аст. Ин аст, ки инсонҳо аз бомдоди таърих то имрӯз мухолифи марг буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Доираи нуфузи марг рӯз ба рӯз танг мешавад… Инсонҳо бо кашфиётҳои рӯзафзуни худ ҳокимияти маргро маҳдуд мекунанд… Ҳадафи ниҳоии онҳо ба куллӣ барҳам задани марг аст… Ба ин ҳадаф рӯзе даст хоҳанд ёфт.

**МАРГ:** Дар ин росто мехоҳам назари як нависандаи машҳурро бароят нақл кунам, шояд ба моҳияти саволҳои охирини ман бирасӣ.

**ЗИНДАГӢ:** Марҳамат, гӯшам ба Шумост.

**МАРГ:** Нависандаи машҳуре мегӯяд:

***«Имрӯз ё фардо беморию марг ба суроғи ман ва касоне хоҳад рафт, ки бисёр дӯсташон дорам ва баъд аз мо ҷуз кирму хок чизи дигаре боқӣ намемонад. Дер ё зуд ман ва зиндагиам фаромӯш мешавад ва дигар вуҷуд нахоҳам дошт. Пас, аслан чаро талош кунем ва худро даргиру овораи кӯшиши беҳуда намоем?»***

Ин нависанда сарнавишти инсонро шабеҳ ва монанди мусофире медонад, ки дар биёбон гирифтори таҳдиди ҳайвони ваҳшие мешавад. Ва мусофири бечора аз тарси он ҳайвон ва ҷонвари даранда ба чоҳи хушку беобе паноҳ мебарад. Аммо дар таҳи чоҳ мебинад, ки аждаҳое даҳанашро боз карда, то ӯро фурӯ барад. Мусофир барои гурехтан аз он ҷонвари дарандаи болои чоҳ ва аждаҳои поёни чоҳ ба шохае, ки дар канори чоҳ рӯидааст, мечаспад. Баъд аз ин ки ба шоха мечаспад, мебинад, ки ду муш таҳи шохаро бо дандон мехоянд ва мебинад ва медонад, ки ба зудӣ шоха мешиканад ва ӯ ба вартаи ҳавлнок фурӯ хоҳад рафт. Аммо дар ҳамон ҳол мебинад, ки чанд қатра асал рӯи баргҳои шоха нишаста аст ва сари худро ба тарафи онҳо мебарад, то ба забон онҳоро бичашад.

Бинобар ин ман ҳам дар ҳоле ки ба шохаи зиндагӣ часпидаам ва медонам аждаҳои марг дар интизори ман аст ва ҳар лаҳза маро тика-тика хоҳад намуд… Саъю кӯшиш менамоям, то қадре аз ин асалҳо барои тасаллии хотири худ бихӯрам, аммо ба зудӣ асал лаззати худро бароям аз даст медиҳад ва ман фақат аждаҳои хобида ва мушҳоро мебинам ва наметавонам чашм аз онҳо бардорам.

Нависанда мегӯяд: инҳо афсона нестанд, балки ҳақиқате ҳастанд, ки ҷавобе надоранд. Ин масъалаҳо сабаб мешаванд, то инсон фикр кунад ва бифаҳмад, ки зиндагӣ як бозии аҳмақона аст ва ҳеҷ маънову мантиқе надорад. Барои саволҳое аз қабили: Зиндагӣ чист? Баъд чӣ мешавад? Чаро бояд зиндагӣ кунем? Ва ғайра ҷавобе вуҷуд надорад ва зистану зиндагӣ кардан беарзиш аст.

Чӣ бояд кард, чун роҳи ҳалле барои инсоне, ки худро дар ин вазъият мебинад, вуҷуд надорад!!!

## ГУФТОРИ ДУЮМ

**ЗИНДАГӢ:** Аз назариёти ин нависанда ман огоҳам.

Ҳамзамон бо ин бояд бигӯям, ки нависандаи мазкур мунтазири ҷавоби дигарон нашуда, ба саволҳои худ худаш ҷавоб додаст. Ҷавобҳои ӯ ба мисли саволҳояш маро қонеъ намекунанд. Вале чун Шумо саволҳояшро пешкаш кардаед, ман ҳам ҷавобҳояшро нақл мекунам ва баъд аз он ҷавобҳои худро пешниҳод менамоям…

**МАРГ:** Дар ин шакл ҷолибтар хоҳад буд. Марҳамат, бифармоед. Қавл медиҳам, ки ҷавобҳоятро бо камоли ҷиддият гӯш хоҳам кард.

**ЗИНДАГӢ:** Роҳи ҳалли пешниҳодкардаи нависанда аз чаҳор нукта иборатанд:

**Аввал**, нодонӣ ва ҷаҳл: Касоне, ки ин роҳи ҳалро мепазиранд, аслан бо пурсишҳои нороҳаткунанда худро дучор наменамоянд. Аммо ба маҳзи ин ки ин шахсон мафҳуми маргро ташхис диҳанд, дигар худро ба нодонӣ ва чаҳолат намезананд. Ба назари мо, дар ҷомеаи башарӣ чунин гумроҳоне ҳеҷ гоҳ вуҷуд надоштаанд ва вуҷуд нахоҳанд дошт. Чизе, ки инсоният аз зиндагӣ ёд гирифта ва зиндагиро ба воситаи он шинохтааст, маҳз ҳамин падидаи марг мебошад. Ба таърихи дину фалсафаҳои қавму миллатҳои ҷаҳон назар

кунед. Фарҳанги башарӣ ба таври куллӣ корномаест ҳамагонӣ дар муқобили маргу мурдан.

**Дуюм**, тариқи Эпикур-файласуфи Юнони қадим, ки 2300 сол пеш аз замони мо зиндагӣ карда буд. Вай ба сахтиҳои зиндагӣ эътироф дошта ва бар ин эътиқод буд, ки бояд аз лаззатҳои зиндагӣ, ки дар дастраси мост, баҳраи кофӣ бардорем. Аз ин тариқ муш ва аждаҳоро таҳқир намуда, мавриди беэътиноӣ қарор медиҳем ва фақат ба хӯрдани асал мепардозем. Нависанда боварӣ дошт, ки ин роҳи ҳалли бисёре аз равшанфикрони муосири ӯ будааст. Аммо худи нависанда ин роҳи ҳалро рад мекунад, чун ба амали дурусти инсонҳо ва ба асали дар дастрас эътиқоде надорад. Зеро фақат тасодуф аст, ки инсонро дар муқобили асал қарор медиҳад; Аммо инсоне, ки асал надошта бошад, мусалламан аз лиҳози рӯҳӣ ва маънавӣ шадидан хаста мешавад, зеро дигар зиндагӣ барои ӯ лаззате надорад. Чун аксарияти мардуми дунё аз асал маҳруманд... Асал гуфта нависанда рифоҳу осудагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар назар дошт. Эътирози мо ба нависанда ин аст, ки ӯ имкониятҳои халлоқи инсониро дар зиндагӣ ба эътибор намегирад… Хаёл мекунад, ки инсонҳо як умр дар ин кураи тангу тори Замин маҳбус хоҳанд монд. Вале воқеият чизи дигар аст. Инсон мавҷуди кайҳонӣ шудааст. Ин ҷаҳон ва кайҳони нопайдоканор майдони фаъолиятҳои азалӣ ва абадии инсон хоҳад буд. Лаззатпарастие, ки нависанда барои инсоният тавсия мекунад, дар асл як пешниҳоди кӯтоҳназарона аст. Як навъ худкушӣ аст. Мисли он ки шахси ба марг маҳкумшударо мепурсанд, ки ОХИРИН хоҳиши ту чист? Ҳамин охирин хоҳиш ҳар чи бошад, аҳамияте надорад. Чаро ки баъди иҷрои он хоҳиш маҳкумро ҳатман қатл мекунанд…

**Сеюм**, роҳи сеюмро нависанда худкушӣ ҳисобидааст. Ба назари ӯ, ин роҳи ҳалли инсонҳои тавоно, қавӣ, ҷасур ва истисноӣ аст. Зеро онҳо бо ин бозии масхараомез, ки зиндагӣ ном дорад, хотима медиҳанд ва беҳтар мешуморанд, ки аз чунин зиндагӣ дида, мурдан беҳтар ва афзалтар аст. Василаи худкушӣ низ дар ихтиёри ҳама ҳаст. Аммо аксарияти мардум буздил ва тарсон ҳастанд ва ба худкушӣ даст намезананд.

Мо мегӯем: не, мардум тарсу ва буздил нестанд, балки онҳо оқибатандеш, ҳаётдӯст ва хушбин ҳастанд. Ба хотири зиндагӣ, ба хотири шахсияти худ, фарзандон ва наслҳои оянда ҳама нобасомониҳои зиндагиро таҳаммул мекунанд. Аз ҳама муҳимаш онҳо баояндаи инсонҳо БОВАРӢ ва УМЕД доранд. Рӯзе мерасад, ки ин мушкилот ҳалли худро меёбад ва инсонҳо дарвоқеъ хушбахт мешаванд.

**Чорум,** нависанда худро ба гурӯҳи чорум мансуб медонад, ки ин гурӯҳро шахсони заъиф ва бечора ташкил медиҳанд. Нотавонии ин гурӯҳ бад-он маъност, ки ҳақиқати ваҳшатнокро мебинанд, мефаҳманд, эҳсос мекунанд, вале боз ба зиндагӣ мечаспанд. Ин гурӯҳи одамон аслан наметавонанд мантиқӣ фикр ва амал намоянд. Ба ақидаи мо, асли масъала ин аст, ки инсонҳо бо фитрати солими худ дарк мекунанд, ки *ЗИНДАГӢ* болотар, волотар, муҳимтар ва арзандатар аз маргу нестӣ мебошад. Ин аст, ки тан ба худкушӣ намедиҳанд. Ва ин кори оқилонаи онҳост. Ҷавоби бе савту садои Зиндагӣ ба Марг аст… Ҷавоби хеле сазовор ва арзанда…

Фирдавсӣ бо навиштани «Шоҳнома» ва Хайём бо навиштани «Рубоиёт» амалан маргро барҳам заданд. Онҳо ҳамеша зиндаанд. Яъне номашон, рӯҳашон зиндааст, на ҷисмашон. Вале, агар рӯзе илм ба дараҷае пешрафт кунад, ки мурдаро зинда кунад, мо боварӣ дорем, ки пеш аз ҳама, боз Фирдавсӣ ва Хайёмро зинда хоҳанд кард. Чаро ки онҳо ба зиндагӣ ва зиндагон хидмат карда буданд ва наслҳои баъдина хидмати онҳоро тақдир мекунад…

Ин аст, ки инсони бедор, офаранда, огоҳ ва ҳаётдӯст ба ҳама маъно: ҳам ба маънои рӯҳонӣ ва ҳам ҷисмонӣ имкони ҷовидонӣ зинда монданро дорад. Ин аст асос ва решаи фалсафаи оптимизм ва ҳаётдӯстӣ дар чаҳон…

**МАРГ:** Назари нависандаро донистӣ. Шояд ба андозаи кофӣ ҷиддӣ набуд. Вале ман гумон мекунам, ки хеле ҷиддӣ буд. Ба ҳар сурат биниши нависандаҳо аз муболиға холӣ нест. Барои баҳси ҷиддитар ин навбат ҳикояти воқеии як муҳаққиқи соҳибназарро пешниҳод менамоям.

**ЗИНДАГӢ:** Қатъи назар аз ҳирфа ва ихтисос ҳамаи мардум аз афкори ҷиддӣ бархӯрдоранд. Ман ба ақидаи

нависанда арҷ мегузорам ва омода ҳастам, ки ҳикояти муҳаққиқро низ бишнавам. Марҳамат, бифармоед.

**МАРГ:** Як муҳаққиқи соҳибназар мегӯяд:

«Ман бисту як сол доштам ва ба Донишкадаи Ҳуқуқ мерафтам. Ва дӯсте доштам, ки аз давраи дабиристон (мадраса) бо ман ҳамдарс буд. Ӯ аз ҳамон овони (замони) дидор дар мадраса ҷузви дӯстони самимии ман шуд ва хусусиёти мо он чунон буд, ки ба назар мерасид мо дар домани як модар бузург шудаем. Ӯ дар мадраса шеър мегуфт, аз истеҳкоми (устувории) ақл, идрок ва мантиқ бархурдор буд ва заминаи тарбиятии қавӣ ва андешаҳои баланд ва бузург дошт. Чашмони мушкӣ ва дурушти ӯ гӯёи салобат ва футуввати (ҷавонмардии) рӯҳии ин ҷавон буд ва дар уфуқи зиндагӣ ояндаи равшане дар интизори ӯ буд. Дар он сол ҳеҷ донишҷӯе ҳаққи мусофират ба хориҷ аз кишварро надошт ва ӯ бо давандагии бисёр ва супурдани зомин (кафолат) муваффақ шуд, роҳии хориҷ шавад. Инсоне ба шодобӣ ва заковати ӯ ҳаргиз надида будам.

Фаридун бо мо худоҳофизӣ кард ва бо ҳавопаймо ба Италия рафт. Дар аввалин шаби вурудаш (дохил шуданаш) ба Рим бо як автомобил бархурд ва дар ҷо кушта шуд. Ин хабар барои мо такондиҳанда буд. Бигзарем, ки шаби иди Наврӯзии мо ба азо ва мотам табдил шуд. Муҳимтар аз ҳама ин ки падараш як сол баъд аз марги ӯ сакта кард ва хонаводаи ӯ аз ҳам пошид ва имрӯз вақте фикр мекунам ӯ ҳангоми сӯҳбат бо ман барои ояндааш чӣ нақшаҳо ки намекашид. Лабханди талх бар рӯи лабонам менишинад ва бо худ мегӯям: оё зиндагӣ як бозии нашнохта нест?

Аммо беихтиёр ба фикр фурӯ меравам, оё дар паси ин шиканҷаҳо, фурӯрехтанҳо, барбод рафтани орзуҳо ва шикасти тамоми умедҳо ва ашк рехтанҳо, навъе андешаи такомул ва ҳаракат ба чашм намерасад?

Оё сарнавишти башар чизе ҷуз такомул ва комил шудани ӯ ҳаст? Ва оё ӯ дар ин роҳ, ки ба сӯи камол мешитобад, набояд ранҷҳо ва дардҳоро, ки хасиса ва нишонаи нуқсу ноқис будан аст, таҳаммул кунад?

Ба назари ман ҷавоб мусбат аст ва метавон рӯи якояки онон фикр кард ва ба андеша нишаст.

Агар марги Феридун дӯсти ман бароям дарднок буд ва хонаводаи ӯ бо азоб онро таҳаммул кард, ё тоб наёвард ва мурд, аммо ин барои андешаи ҳоким бар кулли табиат навъе интиқол ва тағйири моҳият аст, ки барои такомули инсон зарурист. Ин дуруст нест, ки Инсонро бо марги дарахтон муқоиса кунем ва бигӯем ҳамон гуна, ки барги дарахтон дар тирамоҳ ба замин мерезанд ва сабаби борвар шудани хок мегарданд ва ҳамон хок мавҷиби тақвияти баргҳои тоза мутаваллидшуда мегарданд, пас инсон ҳам мемирад, то аз хок василаи рушди дигар инсонҳо шавад. Инсон мавҷуди чандҷониба аст. Ӯ мемирад чун бояд бо марг такомул ёбад ва ин камол, сарнавишти инсон аст. Агар касе камол ва роҳи такомулии инсонро дарк кунад, ҳар гуна дарду ранҷ, ӯро нисбат ба зиндагӣ бадбин накарда ва ӯро ба сарҳади ҷунун ва девонагӣ намекашад. «Зиндагӣ як дафтари пур аз шеър аст». Агар касе маънои ин ашъорро фаҳмидан хоҳад, набояд аз шабзиндадориҳо ва ранҷҳои худ барои дарки он ашъор шикоят кунад.

Бо вуҷуди ин нависандагони бадбин (пессимист) ва зиндагигурез мегӯянд, агарчи инсон набояд бо таассуб бигӯяд, ки ояндаи инсон ҳеҷ уфуқи равшане надорад, аммо инқилобҳои гузаштаи кишварҳо, ки ҳадафашон наҷоти башар аз бадбахтӣ буд, чизи тозае барои инсон ба армуғон наёварданд ва фикри марг ҳамчунон ба сурати як муаммои ҳалношуданӣ, инсонро озор медиҳад. Ба хусус вақте инсон ба назарияи физикии энтропӣ фикр мекунад ва мебинад ба хотири зиёдшавии бардавоми энтропӣ (кӯҳнашавӣ ва кам шудани энергияи ҷаҳон) саранҷом зиндагӣ дар ҳар ҷое аз коинот аз байн меравад ва нестӣ ҷои ҳастиро мегирад. Ин масъалаҳо Бертран Расселро барангехт, то мақолаи машҳурашро ба номи **<u>«Парастиши як Инсони озод»</u>** бинвисад. Дар ин мақола менависад, ки тамоми заҳматҳои асрҳои гузашта, фидокорӣ, аз худ гузаштанҳо, илҳомот ва тамоми нубуғи (бузургии) дурахшони инсон бо марг аз байн меравад ва манзумаи шамсӣ (галактикаи мо) маҳкум ба феност ва тамоми дастранҷи инсоният бояд саранҷом дар зери харобаҳои ҷаҳоне вайроншуда дафн гардад».

Табиист, вақте Инсон ин назарияҳоро мехонад, қалбаш ногаҳон тира мешавад, зеро мефаҳмад, ки ибодатгоҳи бузурги ин ҷаҳон рӯзе фурӯ мерезад ва замоне хоҳад расид, ки ба ҷои ин ҳама шӯру ҳарорат, рафту омад ва савту садо, сукуту марг бар дунё ҳоким хоҳад шуд.

Вале оё ҳамаи ин сабаб хоҳад шуд, бигӯем, ки зиндагӣ беҳадаф ва бемаънӣ аст? Оё агар ҷода ва роҳе беинтиҳо ба назар бирасад ва поёнии он бар мо маълум набошад, бояд бигӯем қадам гузоштани мо аз аввал дар ин роҳ иштибоҳ буда ва аслан ин роҳ беҳуда ва бемаънист? Чи касе медонад интиҳои роҳ чист? Ва чи касе метавонад дар ниҳоят, моҳияти ин роҳеро, ки меравем, таъйин кунад?

Бадбинҳо ҳамеша бар рӯи марг такя мекунанд ва мегӯянд марг чизи ваҳшатнокест, чунки ба тамоми таҷрибаҳои хуби зиндагии мо поён мебахшад…

Ба ақидаи нависандагони бадбин, зиндагӣ пеш аз пайдоиши марг дорои арзишҳои мусбат аст, аммо вақте инсон аз мирандагии худ огоҳ мешавад, марг барояш ғайри қобили таҳаммул мегардад. Ва ин мушкили асосӣ аст, барои ҳама ва ҳамеша. Инсон ин умедро дар сар мепарваронад, ки пас аз марг, гарчи андомҳои вай аз байн меравanд, аммо андеша ва шуури ӯ, ки созандаи шахсияти воқеии вай мебошад, аз миён наравад. Агар чунин бошад, оё боз метавон гуфт, марг ғайри қобили таҳаммул аст?

Ғайр аз исботи бақои шахсияти инсон пас аз марг, ки худ ба худ мафҳуми зиндагии инсонро тағйир медиҳад, ҷавоби содатаре низ метавон бад-ин назар дод, ки тарс аз марг зиндагиро бемаънӣ кардааст. Тамоми ашхоси одӣ дар зиндагии худ ба ин воқеият, ки рӯзе хоҳанд мурд, огоҳ ҳастанд ва ин тақдир ва сарнавишти ҳатмиро наметавонанд аз ҳаёти худ биронанд. Аммо ба ҷуз беморони равонӣ (девонагон) ва ё чанде аз файласуфони мутафаккир, каси дигаре он қадар онро (маргро) бузург намекунанд, зеро ҷузъи одати зиндагии инсон шудааст. Ин ашхос бо ин фикр зиндагӣ мекунанд ва дар ҳадди худ кӯшиш мекунанд, ки аз неъматҳои зиндагӣ, агарчи медонанд, муваққатӣ аст, истифода намоянд ва лаззат бибаранд. Агар гуфта шавад, чунон ки касе шабу рӯз ба марг

фикр накунад, расман зиндагӣ намекунад, таҳқире ба ҳаёти инсон аст.

Инсон ҳақ дорад аз зиндагии худ, (ҳарчанд ҳиссаи ночизе бошад), лаззат бубарад, чунки ин ҳаққи табиии ӯст.

**ЗИНДАГӢ:** Дар мавриди Фаридун мо ба ақидаи муҳаққиқи фозил мувофиқем. Он чи изофа карданӣ ҳастем, ин аст, ки дар ҷаҳони мо ҳар сол садҳо фаридунҳо ба чунин сарнавиште рӯ ба рӯ мешаванд. Вале он чизе, ки қиссаи Фаридунро сазовори ёдоварӣ намудааст, шояд ин буда бошад, ки Фаридун ҷавоне соҳибистеъдод ва зирак буд ва дӯстону бастагони ӯ дар нисбати вай умедвориҳои мусбате доштанд. Чун ӯ ҳалок гардид, ҳамаи он умедҳо барбод рафтанд ва ин ҳодиса дорои ҳассосияти махсус гардид. Падар аз ғаму ғуссаи Фаридун вафот кард ва муҳаққиқ баъди гузаштани бист сол аз он ҳол ҳам ин ҳодисаро фаромӯш карда наметавонад. Яъне агар Фаридун зинда мемонд, яке аз шахсиятҳои машҳур мегардид ва хидмати ӯ ба падару модар ва ҳамаи ёру дӯстонаш мерасид. Дар ҳамин пешбинӣ ҳам боз мақоми зиндагӣ дар ҷои аввал аст. Чунки Фаридун дар майдони зиндагӣ мебоист корнамоиҳо нишон медод. Аммо марг монеаи роҳи ӯ гардид. Дар сурате ки марг дар ин ҳодиса мақому мартабаи арзандае надорад. Баъди нақли ин ҳодиса муҳаққиқи фозил меафзояд:

«Агар инсоне дар зиндагӣ хушҳол аст, масалан, ошиқ буда ва ё дар мусобиқае баранда мешавад, зиндагӣ барояш мафҳум дорад ва ҳаргиз онро бо марг муқоиса намекунад.

Дар Фаронса яке аз нависандагон ба ман мегуфт: ман аз интизории ин ки дари як қуттии консервро боз кунам, лаззат мебарам. Мунтазирам либосҳоямро аз либосшӯӣ бигирам ва чашми интизорам, ки ширфурӯши маҳалла як қуттии шир канори дари хонам бигзорад ва аз ҳамаи инҳо лаззат мебарам. Инҳо мумкин аст зоҳиран чизҳои сода ва рӯзмарра ва такрори маъмулӣ бошад, аммо ҳамин барои он кас, ки зиндагиро дӯст дорад, лаззатбахш аст. Агар шахсоне фақат бо сафар ба кураи Миррих ва аъмоқи укёнусҳо, даври дунё, ҷанҷолҳои телевизионӣ, матбуотӣ, мубориизоти интихоботӣ ва ё сармоягузориҳои калон розӣ ва хушҳол мешаванд, гурӯҳе аз мардум низ ҳастанд, ки бо дарёфти номае аз як дӯст ва аз

дидани барфҳои зимистонӣ, ки нуқра бар тани дарахтон мекунад ва ҳаракати парандагон дар ғуруб ва ё аз салом-алейк бо ҳамсояи худ хушҳол ва розӣ мегарданд. Пас, зиндагӣ дар чашми ҳар кас гуногунмаъност. Аммо дарёест жарф ва амиқ, ки ҳар кас ба нисбати тавоноии худ метавонад дар он шино кунад.

Тамоми зебоиҳо, офариданҳо ва фаъолиятҳои башардӯстона, хайрхоҳона ва илмӣ агар ҳам аз байн бираванд, боз далели беҳудагии онҳо намебошад, балки боиси борвар шудани зиндагии инсон аст.

Болотар аз ин, агар кӯшишҳои мо ба мақсуд ва ҳадафи худ бирасад, беҳуда нахоҳад буд, гарчи дорои натиҷаи олӣ набошад. Усулан ҳадаф доштан ба зиндагии инсон маънӣ медиҳад, ҳадаф ҳатто метавонад дар чизҳои бисёр сода бошад, мисли ҳадаф дар хайру саховат ва бахшиш дар ҳадди бисёр ночиз».

**МАРГ:** Ба ақидаи Шумо, фарқ байни инсони хушбин аз бадбин дар чист?

**ЗИНДАГӢ:** Инсони бадбин нисбат ба зиндагӣ монанди касест, ки ҳар рӯз бо ваҳшат ба тақвими девориаш менигарад ва ҳар рӯз, ки мегузарад ва вароқе аз он ҷудо мекунад, шадидан ғусса мехӯрад; аммо хушбин касест, ки ҳар варақеро, ки меканад бо шодӣ ва лаззат ҷамъ намуда ва авроқи онро ганҷи бисёр пурқиммате медонад. Ин инсон дигар аз пирӣ намеҳаросад ва ба ҷои таассуф, баргашта мегӯянд: «На, муташаккирам, ман дар гузашта ба ҷои имконот, воқеиятҳоро доштаам!»

**МАРГ:** Ин суханҳо барои марде, ки мубтало ба бемории саратон (рак) аст ва дар ҳоли ҷон кандан аст дар баробари гузаштаи ӯ, ки солим ва хушбахт буда, тасаллии бисёр ночизест ва ё суханони хирдмандон дар дифоъ аз пирӣ ниқобест, ки чеҳраи марг ва солхӯрдагиро мепӯшонад.

**ЗИНДАГӢ:** Агар бемор воқеъбин бошад, бе ҳеҷ ваҳму ҳарос умедвори оянда мешавад, ки илму дониши башарӣ, ҳам саратон ва ҳам маргро аз байн хоҳанд бурд.

**МАРГ:** Инсон шабеҳи қаҳрамони афсонавии Юнони Қадим Сизиф аст. Зеро ӯ маҷбур буд аз тулӯи офтоб то шом санги бузургеро бар дӯш бикашад, то ба болои кӯҳе бибарад

ва вақте бад-он боло мерасид, санг ба поин меафтод ва ӯ дубора бармегашт ва ҳамон корро аз нав такрор мекард. Санг кашидан бар дӯш ва ранҷу заҳмати бардавоми инсон, маънои зиндагии якнавохт ва малоловари башариро дорад, ки ӯро ба каҳрамони афсонаҳои Юнони Қадим-Сизиф монанд кардааст. Ҳоли инсон дар ин ҷаҳон зиндагиро барои вай бемаънӣ, пуч, абас, беҳуда ва холӣ аз ҳама гуна маъною мазмун ҷилва медиҳад, ба тарзе ки ҳар лаҳзаи зиндагӣ азобе дарднок хоҳад буд.

**ЗИНДАГӢ:** Вуҷуди Сизифҳо дар саҳнаи зиндагӣ натиҷаи ноадолатиҳои иҷтимоист дар соҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии золимонаи дунёи қадим ва муосир, ки инсонро барои як луқмаи нон аз субҳ то шом кори якнавохт фармоиш медиҳанд. Дар сурате ки худи корфармоён ва пайравонашон намедонанд аз бекорӣ чӣ тавр рӯзашонро бегоҳ кунанд. Бо тантанаи сохти иҷтимоии одилона ҳама метавонанд аз неъматҳои зиндагӣ ба иаври дилхоҳи худ истифода намоянд, ҷомеаҳои технологии асри мо намунаи беҳтарини зиндагии Сизифиро таҷассум мекунанд.

**МАРГ:** Маъниро ба зиндагии Инсон худи Инсон медиҳад ва ё Худо?

**ЗИНДАГӢ:** Маъниро худи Инсон медиҳад. Ва онҳое, ки фикр мекунанд маънии зиндагиашонро аз Худо гирифтаанд, агар дурусттар таваҷҷӯҳ кунанд, боз пайдоиши Худоро аз худ хоҳанд ёфт!

**МАРГ:** Инсон таърихро месозад ё таърих инсонро?

**ЗИНДАГӢ:** Инсон таърихро сохтааст ва ин таърихи хеле арзанда аст… Таърих – таърихи инсонист…Решаи таърихсозӣ дар огоҳии инсон таҷассум меёбад.

**МАРГ:** Таърих маъно дорад?

**ЗИНДАГӢ:** Бале, дорад. Маънои таърих бедор ва огоҳ нигоҳ доштани ақлу хиради Инсон аст.

**МАРГ:** Вильям Шекспир гуфтааст, ки: «Зиндагӣ достонест, ки як аҳмақ онро навишта ва он достон саршор аз ҳаёҳую хашм аст ва ҳеҷ маъное надорад».

**ЗИНДАГӢ:** Он аҳмақи достоннавис бузургтарин достонависи ҳамаи давру замонҳост! (Ҳамон достоннависи аҳмақбоб, Инсон аст ва соҳиби фикру андешаи мустақил).

**МАРГ:** Зиндагии инсон дар нисбат ва муқоиса бо кайҳон чӣ аҳамият ва арзише дорад?

**ЗИНДАГӢ:** Инсон мағз ва ҷавҳари Кайҳон аст. Кайҳони бе инсон як ҷуссаи мурда аст…

Оё ҷаҳон ва зиндагӣ барои мо бояд мафҳум ва маъное дошта бошад? Оё вуҷуди ҷаҳон бо худи худ бузургтарин маъно нест? Чаро Коинот бояд барои мо дорои маънӣ, фоида ва ҳадаф бошад? Магар онҳо барои вуҷуди инсон офарида шудаанд? Мо дар онҳо ба дунё омадаем ё онҳо дар мо? Ин мо, одамон ҳастем, ки ба кайҳон ва ҷаҳон ранги эътибор ва беэътиборӣ мезанем, вагарна вуҷуди воқеии онҳо бо худи худ далели кофӣ барои мафҳум ва маънои онҳост. Ин ба он монанд аст, ки бигӯем: оё вуҷуди манзумаи шамсӣ ва ё миллиардҳо галаситора дар коинот маъно доранд ё надоранд? Зарурияте нест, ки барои мо маъное дошта бошанд. Вуҷуди реалӣ ва воқеии каҳкашонҳо худ нишона, эътибор, маъно ва мазмуни онҳоро дар худ таҷассум кардааст. Ё ба таври дигар: Агар каҳкашонҳо набошанд, оё маргу зиндагӣ аслан вуҷуд дошта метавонанд? Дар он сурат, марг чӣ маъно хоҳад дошт? Зиндагӣ чӣ тавр арзи вуҷуд мекард? Инсонро аз куҷо пайдо мекардем? Ин саволҳо аз мағзу хайёли кӣ таровиш меёфтанд? Яъне ин саволҳоро чӣ касе ба миён меовард? Кӣ медонист, ки чаҳон чист, кайҳон кадом аст, инсон чӣ мақом дорад ва мафҳумҳои маргу зиндагӣ аз чӣ иборатанд? Нашавад, ки дар сари шохи дарахт нишаста, даъвои буридани шохро аз бехаш дар сар парварем! Инсону Ҷаҳону Кайҳон аз нуқтаи назари вуҷуд бо ҳам баробаранд. Моя ва ҷавҳари ҳар серо 114 элементи Менделеев ташкил медиҳад. Ин се пораи олами вуҷуд аз ҷиҳати миқдорӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Вале фарқашон ҷавҳарӣ нест. Андак фарқе, ки дар инсон аст, ин аст, ки инсон дар байни мавҷудоти олам мавҷудест, ки қобилияти инъикоси эҷодкоронаро дорад. Яъне бо ақлу мантиқ ва таҷрибаи таърихии худ чаҳони худ ва олами гирду атрофи худро эҷодкорона аз нав месозад. Азнавсозӣ ва офаридагории хастагинопазир хусусияти фарққунандаи Инсон мебошад. Ба ин маъно ба ҳам муқобил гузоштани Инсон ба Ҷаҳон ва Ҷаҳон бо Инсону Кайҳон хилофи ақлу мантиқи солим аст.

**МАРГ:** Пас, барои Инсон мушкиле боқӣ намонда… Ҳамин тавр нест? Яъне ба аввалу охири кори ҷаҳон дастрасӣ дорад?

**ЗИНДАГӢ:** Бале, ҳамин тавр аст… Вале мушкилоти ҷузъӣ ҳамеша вуҷуд хоҳанд дошт…Ҳақиқатҳои бо ном “мутлақ” аз ҳамин ҳақиқатҳои “ҷузъӣ” ташкил меёбанд...Ба таври ҳамеша...

**МАРГ:** Ба назари ман, мушкилоти инсонӣ фаровонанд… Мушкилии асосии инсон яке ин аст, ки зинда буданашро донистааст ва аз ҳама муҳимтараш ин ки медонад: рӯзе хоҳад мурд! Аз ин дониш ва огоҳии худ ҳамвора дониста ё надониста, ба таври худогоҳ ва ё нохудогоҳ аз ин тақдиру сарнавишти фардии худ ранҷ мебарад. Ин ранҷи оддӣ нест. Ин ранҷи метафизикист. Як навъ девонагист. Ин ранҷи нохудогоҳ ҳамаи башариятро ба беморони рӯҳӣ мубаддал кардааст. Ин беморон аз бемории худ огоҳ нестанд. Танҳо олами атроф ба назарашон шубҳанок менамояд: Офтоб, ситораҳо, сайёраҳо, шаб, рӯз, замон, макон, ҳаракат…Ҳамаи инҳо чизе намегӯянд… Танҳо меҷунбанд… Рӯшноӣ медиҳанд… Гармию сардӣ медиҳанд… Вале якнавохт. Бардавом… Беист…Инсон намедонад, ки дар рӯ ба рӯи ин даҳшати ҷунбанда чӣ бигӯяд; Ин чист? Ҷаҳон аст? Ҷаҳон чист? Кайҳон аст? Кайҳон чист? Ситораҳоянд? Ситораҳо чианд? Ситораҳо ҷирмҳои осмонанд – дорои вазну ҳаракати рӯшноӣ… Ҷирм чист? Осмон чист? Баъди мушоҳидаҳои тӯлонӣ инсонҳо маҷбуранд бо як овоз бихонанд, ки «Менигарему меравем»… Ҳамин аст ҷаҳон ва ҳамин аст маънои зиндагӣ дар ҷаҳон? Чунин ҷаҳону чунин маъно чӣ арзише дорад? Инсон чун ҳубоби рӯи оби ҳавз як лаҳза пайдо мешаваду боз нобуд мегардад… Бо ҳамин як умри онӣ ва лаҳзагии худ ин ҳама ҳангомаю ҳаёҳу чӣ маънӣ дорад?

**ЗИНДАГӢ:** Он чӣ ҳаст ҳамин аст, ки худат гуфтӣ. Беҳтараш ҳанӯз пайдо нест. Хаёли мо аз он болотар ва муҳимтарашро тасаввур карда наметавонад. Ва донистани ҳамин қадараш ҳам ба аксарияти одамон муяссар нест. Аксарият масти хоби хурофотанд. Замину осмони хурофотии худро доранд. Арзишу ҳадафҳои хурофотии худро мепарастанд. Сари ин арзишҳо бо ҳам дар ҷангу ҷидоланд.

Оддитарин ашёҳо ва ҳодисоти чаҳони худро бо чашми ақл наменигаранд. Пешопеш эҳсос менамоянд, ки ба ин саволҳо ҷавоб ёфта наметавонанд ва агар ҷавобе ҳам пайдо кунанд, қонеъкунанда нест… Аз ин нотавонии фитрии худ дар назди ин олами нопайдоканор ба олами ботини худ фурӯ рафтаанд… Берунро дигар дидан намехоҳанд. Аз дидану фаҳмидани олами атроф ноумед шудаанд. Олами ботин дар ин ҳолат муносибтар аст. Зеро ҳадду ҳудуд дорад. Ҳадду ҳудуд ба инсон оромиш ва эътимод мебахшад. Чаро ки дониши инсон маҳдуд аст. Чизи маҳдуд ҳамеша ҳудуду сарҳад ва ҳадду марз мехоҳад. Сарзамини ботини инсон бо донишаш созгор аст. Ҳатто хайёлаш ҳам дар ҳудуди осмони ботинаш парвоз дорад. Ин аст, ки аксарияти инсонҳо аз дониш рӯй мегардонанд ва ба имону эътиқод мепайванданд.

**МАРГ:** Магар имону эътиқод бад аст? Оё дину мазҳаб сабабгори оромишу дили мардум нест? Чаро ки илму дониш дилу виҷдон ва орзую армони онҳоро қонеъ карда наметавонад. Пас, мардум маҷбуранд, ки ба дину имон паноҳ бубаранд!

**ЗИНДАГӢ:** Ҳоло вазъи одамӣ чунин аст. Мақоми илму донишро ҳам мешиносад. Вале боварӣ дорад, ки илм ҳам орзуи асосӣ ва ҳамешагии ӯро ба амал бароварда наметавонад. Мепурсӣ, ки орзуи асосии одамӣ чист? Одамон ҳамеша ин орзуро доштанд, доранд ва хоҳанд дошт, ки зиндагии худро аз маргу мурдан наҷот диҳанд. Илм дар вазъи имрӯзааш аз ӯҳдаи ин кор намебарояд. Дар ин масъала одамон воқеъбинанд… Ва чунин ҳам ҳаст. Вале ин ҳамеша чунин боқӣ намемонад… Илм пеш меравад… Ҷаҳонро дигар мекунад… Инсон ҳам дигар мешавад… Худро бештар мешиносад… Ба илм бештар эътимод мекунад… Аз хурофот бо тадриҷ наҷот меёбад… Ба кори ҷиддӣ машғул мешавад… Дар нисбати кайҳон ва мавҷудоти он, таърихи башар хеле ҷавон аст. Бо вуҷуди ин ҷавонӣ, инсонҳо хеле пеш рафтаанд. Суръати пешрафти одамон нисбат ба мавҷудоти дигар ба таври ҳайратангез тезу тунд аст. Бо ин далелҳои воқеӣ метавон бовар кард, ки инсон дар асрҳои наздиктарин метавонад муҳимтарин орзуҳояшро амалӣ кунад.

Дар асри мо деворҳои дин хеле шаффоф шудаанд… Аз дарун ба берун ва аз беруни он ба дарунаш нигаристан имкон пайдо шудааст. Дин ҳам дар мақоми худ як навъ ҷаҳонбинӣ аст. Ҷаҳонбинии мутлақ ва бунбастӣ. Марзи аввалин ва охирини динро марг ташкил медиҳад. Вале инсони асри XXI аз марг камтар метарсад. Ин аст, ки ба дин ҳам камтар таваҷҷӯҳ дорад… Қасдан густохӣ мекунад…Эътироз менамояд… Ба кӣ? Ба худаш. Ба нотавонии худаш. Аз ин нотавонии маънавӣ виҷдони худро ҷароҳатдор мебинад… Ғурури инсонии худро шикаста меёбад… Ин аст, ки ба муқобили дин исён мекунад…

**МАРГ:** Ман динро қабул дорам. Дин фалсафаи ман аст. Фалсафаи доимӣ ва бетағйир. Пеш аз инсон ҳам буд ва баъд аз инсон ҳам боқӣ мемонад. Дин чаҳонбинии ҷузъии куллӣ ва куллии ҷузъӣ мебошад. Яъне дин чунон ғунҷоише дорад, ки ба ҳама мавҷудият муносиб аст. Барои ҷоҳил ҳам ҷой дораду барои оқил ҳам. Вале дониш чунин нест. Дониш ҷоҳилонро дар сарои худ роҳ намедиҳад. Онҳоро меронад. Вале дар домани дин ҳатто ба файласуфон ҳам ҷой ҳаст. Файласуфоне, ки дили бузург доранду дониши андак. Хайёли баланд доранду ҳиммати паст. Орзуҳои рангоранги кӯдакона доранду мантиқи ақлии заиф. Бо вуҷуди ин мо ҳамаи онҳоро хуш қабул дорем…Бигузор ҳама бошанд… Чун оқибати ҳама яксон аст. Чи оқилу чи ҷоҳил! Дин аслан тарс аст. Тарс аз оянда. Аз ояндаи зиндагии худ дар дунё ва аз ояндаи тақдири вуҷудии худ баъд аз марг… Яъне баъд аз марг ҷисму ҷони ман ба чӣ аҳволе дучор мешаванд… Ба ин саволҳо танҳо дин ҷавоб медиҳад. Ҷавоби возеҳи равшан: Баъди марг ҷисми одам ба хок яксон мешавад у ҷони ӯ ба осмон ба назди Парвардигор ва фариштагон меравад ва дар он ҷо ба таври абадӣ боқӣ мемонад. Диндорони оддӣ боварӣ доранд, ки ҷисму ҷонашон якҷоя дар ҷаннат зиндагиро аз нав давом медиҳанд. Аммо диндорони ориф ва суфӣ эътиқод доранд, ки ҷонашон ба назди фариштагон меравaду, ҷисмашон дар замин ба хок мубаддал мегардад.

Ҳоло ки дар ҷаҳони мо зиёда аз чаҳор ҳазору панҷсад дин фаъолият кардаанд, наметавон гуфт, ки ҳамаи онҳо ба ҳамин як эътиқод буданд. Аслан дар чаҳон ду нафар диндоре

наметавон пайдо кард, ки ҳарду зиндагии ояндаашонро баъди марг як хел тасаввур кунанд. Суфиён мегуфтанд, ки ҳар инсон ба сӯи Худо аз пайраҳаи хоси худ меравад. Ҳар кас роҳи худро дорад. Ду кас бо як роҳ намераванд. Аммо диндорони одӣ ҳамагӣ аз як роҳ мераванд: Аз Саҳрои Маҳшар, Тарозугоҳ, Пули Сирот, Биҳишт, Дӯзах...ва дар як ҷой боқӣ мемонанд: Некӯкорон дар Биҳишт ва бадкорон дар Дӯзах. Чаро роҳи сӯфиён аз роҳи диндорони оддӣ фарқ мекунад? Ҷавоб ин аст: Фарқ дар тасаввурот ва ҷаҳонбинии ин ду гурӯҳ аст: сӯфӣ, ки савод дорад кори он дунёро аз рӯи сатҳи дониши худ тасаввур мекунад. Яъне ҷони поки сӯфӣ ба назди ҷони авлиёву анбиё меравад. Диндори одӣ дар он дунё ҳам худро бе каллаву сала, бе зану фарзанд, бе кабобу шароб тасаввур карда наметавонад. Ин аст, ки диндори одӣ дар ҷаннат ба мисли Замин дорои нозу неъматҳои гуногун мебошад. Бо ҳурони биҳиштӣ ва зани дунёияш зиндагӣ мекунад…Ин тасвири зиндагии биҳиштӣ дар динҳои гуногуни миллатҳои ҷаҳон аз якдигар каму беш фарқ мекунанд. Вале ин фарқҳо ҷузъӣ мебошанд ва моҳияташон якест. Моҳияташон ин ки Парвардигор инсонҳоро баъди маргашон аз нав зинда мекунад ва мувофиқи рафтори савобу носавобашон дар охират ба Биҳишту Дӯзах тақсим мекунад. Онҳо дар Биҳишту Дӯзах ба таври абадӣ боқӣ мемонанд. Ҳамин аст аввалу охири ҳамаи динҳои ҷаҳон…

**ЗИНДАГӢ:** Хеле хушҳолам, ки назари куллии Шуморо ба таври равшан ва ошкоро мешунавам. Шояд ба ин хотир ошкорбаёнӣ мекунӣ, ки маро низ ба ошкорбаёнӣ водор намоӣ. Дар сурате ки ман ҳамеша назари худро возеҳу равшан баён намудаам. Чун хоҳишат ин аст, инак бишнав:

Мардуме, ки Ҷамшед дар байни онҳо ба камол расид, як масъалаи маъруф доштанд. Ба ин мазмун:

«Аввал зиндагӣ ва баъд ҳикмат». Аз ин ҳикмат пайдост, ки аксари мардуми ҷаҳон зиндагиро мепарастиданд ва ҳоло ҳам чунин аст. Сухан ба дарозо накашад, он чи Шумо гуфтед, ҳамагӣ акси садои зиндагӣ буд. Ба ин маъно ки агар зиндагӣ набошад, марг ҳам вуҷуд надорад. Марг сояи зиндагӣ аст. Соя мустақилона вуҷуд надорад. Соя ҳамеша сояи чизе мебошад. Бе чиз, бе ҷисм, бе тану пайкар сояи онҳо вуҷуд дошта

наметавонад. Вақте мо Маргро мадҳу сано мехонем, ки худро бохтаем. Худро фаромӯш кардаем. Аз худ бегона шудаем… Вале чун фурсате даст диҳад, ки ба худ оем, худро бишносем, бедор шавем… он гоҳ Марг мақому манзалати худро дар чашми мо аз даст медиҳад… Тафсилашро баъдтар мегӯям…

## ГУФТОРИ СЕЮМ

**МАРГ:** Росташ аз ин баҳсҳои хушку холӣ дилгир шудам. Агар сухани мушаххасе дорӣ бигӯ…

**ЗИНДАГӢ:** Ҳамаи суханони ман муайян, мушаххас ва воқеӣ мебошанд. Намедонам шумо сухани мушаххас гуфта чиро дар назар доред?

**МАРГ:** Мехоҳам баҳси мо дар мавзӯъҳои конкретӣ бошад, номи ҳодисоту шахсиятҳоро зикр кунем, то баҳси мо дорои мазмуни воқеӣ гардад. Ба ман таъна мезанӣ, ки марг нестии маҳз аст, бемуҳтавост, раду инкори сирф аст ва ғайра. Агар ман чунин ҳастам, пас шодобию рангорангии ту дар куҷост? Мавзӯъҳои баҳси ту аз чӣ иборатанд? Ҷаҳонро чӣ тавр мебинӣ? Таърих чист? Одамон кистанд? Сарнавишташон чист?Ояндашон кадом аст? Аз куҷо омадаанд ва ба кӯҷо мераванд? Ва садҳо аз ин қабил саволҳо ҳаст, ки дар давоми баҳси оянда аз Шумо хоҳам пурсид… Агар ҳарифи сазовор ва арзанда бошӣ, ба ин пурсишҳои ман ҷавобҳои возеҳу равшани конкретӣ бидеҳед…Чаро ки ман баҳсҳои хушку холӣ, бемуҳтаво, схоластикӣ ва мутлақу мубҳамро хуш надорам. Агар ба фалсафаи ошкорбаёнӣ эҳтиром дошта бошӣ, бароят ошкоро бигӯям, ки он чи то ин лаҳза бо ҳам гуфтем, ба назари ман хеле сатҳӣ ва парешон буд. Аслан ба ҷое нарасидем. Чизеро хотирнишон накардем. Аз чизи мушаххас ном набурдем. Агар муболиға нашавад, аз схоластикҳои асримиёнагӣ ҳам безавқтар баҳс кардем…

**ЗИНДАГӢ:** Мутаассифона, бояд эътироф кунам, ки ҳақ бо Шумост. Мо дар ҷаҳони воқеӣ қарор дорем. Доир ба таърихи воқеии инсонҳо сухан меронем. Ман пешниҳод ва дақиқтар бигӯям, интиқоди Шуморо қабул дорам ва омодаам, ки ба саволҳои минбаъдаи Шумо ҷавобҳои конкретӣ бидиҳам. Марҳамат бифармоед, гӯш мекунам.

**МАРГ:** Аз дарёдилиатон хеле муташаккирам. Ва умед мекунам, ки баҳсҳоиояндаи мо хастакунанда набошанд. Ҳоло

мехоҳам аз ин нуқта баҳсро давом диҳам, ки яке аз тарафдорони фалсафаи зиндагӣ ҷаноби доктор Карл Маркс ин тасаввурро доштааст, ки агар авзои иқтисодиро иваз кунед, табиати инсониро ҳам тағйир медиҳед ва аз он ба баъд ихтилофи байни одамон аз миён меравад. Ба андешаи Маркс, ҳамин ки он сохти иқтисодиро аз миён бардорем, ихтилофи манфиатҳои ману шумо ҳам аз байн меравад. Аммо мутаассифона чунин ба назар мерасад, ки ин гуфта дуруст нест. Метавонед асоси иқтисодиро тағйир бидиҳед, аммо шикоф байни ақлу хоҳишҳои нафсонӣ ва ихтилоф байни манфиатҳои ману Шумо ё байни фард ва ҷамъият аз миён намеравад. Дар воқеъ, ҳамин ки мардум бубинанд рақобат барои касби сарват муҳол ё бисёр мушкил шудааст, барои касби мақом ё қудрат шурӯъ ба рақобат мекунанд ва ин ба ҳеҷ ваҷҳ беҳтар аз ҳолати пешина нест, чунон ки дар ҷомеаи таҳти ҳукумати Сталин исбот шуда, ки борҳо ҳатто бадтар аст. Бинобар ин, ман фикр мекунам, ки эътиқоди Маркс ғалат будааст ва сиришти инсон тағйир намеёфтааст.

**ЗИНДАГӢ:** Шояд ҳақ ба рақиби Маркс, яъне Михаил Бакунин (1814-1876) буд, ки аз ҳамин ҷанбаи андешаи Маркс интиқод мекард. Маркс мегуфт бояд бигузорем ҳукумат кунанд, чун коргарон аз тарафи тӯдаи мардуми ҷомеа, яъне табақаи коргар ҳукумат хоҳанд кард. Бакунин мегуфт, ки на! Ҳеҷ кас набояд ҳукумат кунад, чун ***агар коргарон ҳукуматро ба даст бигиранд, аз он ба баъд ҳоким хоҳанд буд, на коргар ва аз манфиатҳои ҳокимон пайравӣ хоҳанд кард, на аз манфиатҳои синфи коргар…*** Агар нигоҳ кунем ба он чи дар давлатҳои коммунистии дунё пеш омада, назарияи Бакунинро дар хусуси табиати инсон тасдиқ мекунанд. Ба назари ман, мафҳуми табиати инсон истилоҳи илмии дақиқ нест. Мутафаккирон аз ин истилоҳ сӯъистифода менамоянд. Аслан инсон табиате надорад. Он чи ба номи «табиати инсон» маъруф шудааст, ҳамон майлу хоҳишҳо ва ғаризаҳои биологии ӯ ҳастанд, ки аз давраи зиндагии ҷангалиаш дар ниҳоди ӯ боқӣ мондаанд. Бо гузаштанаш ба ҷомеаи инсонӣ ин ғаризаҳо (инстинктҳо) коҳиш меёбанд. Вале набояд пиндошт, ки ин майлу хоҳишҳои табиӣ-фитрии инсон бо куллӣ аз байн хоҳанд рафт. Касе бо роҳи илму мантиқ дорую давое ба ҷои

ишқу муҳаббати байни зану мард пайдо карда наметавонад. Агар пайдо ҳам шавад, аз нигоҳи арзишҳои зиндагӣ мақоме нахоҳад дошт. Мақсад аз он иборат аст, ки ин майлу хоҳишҳои ҷангалии инсонро ба хоҳишҳои ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ табдил намоем. Он гоҳ метавон бовар кард, ки ҳамбастагии инсонӣ ба сӯи як ҳадаф равона гардидааст.

Лекин Михаил Бакунин намегӯяд, ки чаро коргар вақте, ки ба мақоми президентӣ мерасад, синфу табақаи худро фаромӯш мекунад. Ӯ ин ҳолатро вобаста ба табиати тағйирнопазири инсонӣ медонад. Вале масъала аз ин печидатар аст. Ба таърих муроҷиат кунем: Ленин чунон талоше кард, ки шахсияти худро ба мақоми фиръавнҳои Мисрӣ расонд… Ҷуссаи ӯро (яъне тани беҷонашро) мумиёӣ карданд… Сталин хост, ки ақаллан ӯро дар паҳлӯи Ленин ҷой диҳанд… Чунин ҳам шуд… Дар замони Брежнев ҷаҳон чеҳраи дигаре ба худ гирифта буд… Ӯ наметавонист ба мумиёӣ кардани ҷуссааш умед бандад… Танҳо дар сояи девори Кремл дафн шуданро барои худ шарафи бузург меҳисобид… Ва чунин ҳам шуд… Акнун Владимир Путин ба ҳамин ҳам хушнуд аст, ки агар мардум баъд аз маргаш, бигӯянд, ки аввалин Президенти ҷавони миллатдӯсти Россия дар охири қарни бистум ва аввали қарни бисту якум буд!

Инҳо ҳодисотанд на моҳиёт! Оё мешавад аз ин пештар рафт? Чаро мо инсонҳои асри бистуякум саргузашти фиръавнҳои (подшоҳони) Мисри қадимро такрор кунем? Масъала ин аст, ки мо одамон, фард-фарди мо худкома ва худпарастем. Шахспарастем. Шахсияти худро мепарастем. Чаро? Барои он ки шахсияти ҳар яки мо дар назари худамон дорои арзиш ва аҳамияти МУТЛАҚ мебошад. Ҳар яки мо мехоҳем, ки худи мо, шахсияти мо, фардияти тани танҳои мо ҳамеша ва ба таври доимӣ ЗИНДАЮ ҶОВИДОН бошад. Ҳамаи мо ҳамин орзуро дорем. Аз шоҳ то гадо. Аз коргар то Президент. Вале воқеият чунин аст, ки мо ба ин орзуи худ намерасем. То ҳол касе нарасидааст. Вале ҳамагӣ талош дорем. Талош дар роҳи ҷовидонагӣ моро ба мавҷудоти ҷангалӣ табдил додааст. Чаро ки марг бераҳм аст. Шафқат надорад. Ҳар яки моро танҳо ба танҳо мебарад. Чорае надорем. Ҳамаи мо гирифтори ин балои ҳамагонӣ мебошем.

Ва ҳама ба таври яқин медонем, ки марги мо рӯзе фаро хоҳад расид. Ин аст, ки мо аз марги якдигар парвое надорем. Чаро ки худи мо ҳам мирандаем. Мо ҳам ба роҳи рафтагон хоҳем рафт. Мусибати онҳо ба сари мо ҳам хоҳад омад… Пас, дар рӯ ба рӯи ин мусибат ҳамаи мо баробарем. Касеро нисбат ба дигарон имтиёзе нест. Ҳатто пай дар пай омадем ва боз пай дар пай хоҳем рафт… Ин аст, ки ҳама худро дар баҳри нестӣ ғарқ мебинем ва ҳар кас дар талоши раҳоӣ додани ҷони худаш аст… Ҳар чи коре аз дасташ биёяд, ба хотири зинда мондан, анҷом медиҳад… Дар ҷангал барои зинда мондан талош мекунанд. Аммо дар ҷомеа зинда мондан басанда нест, одамон бояд зидагии худро абадӣ ва ҷовидонӣ гардонанд… Ин аст, ки инсонҳо аз ҳайвонҳо бераҳмтар ва ваҳшитар мешаванд. Ваҳшонияти ҳайвонҳо нисбатан сусттар аст. Чаро ки онҳо чи будани марг ва даҳшати нестиро тасаввур карда наметавонанд…Чун ақл ва фантазия надоранд. Бо қонеъ кардани талаботи ғаризиашон ором мешаванд… Ормони дигаре надоранд… Аммо инсонҳо бо хӯрдану нӯшидан қонеъ намешаванд. Ишқварзиҳо ҳам барояшон басанда нест. Чаро ки ҳамаи ин машғулиятҳоро муваққатӣ медонанд… Онҳо дар ҷустуҷӯи лаззати доимӣ ва абадӣ ҳастанд…Зиндагие, ки ҷовидонӣ бошад… Ишқе, ки ҷовидонӣ бошад… Дӯстие, ки ҳамешагӣ бошад… Ҷавоние, ки доимӣ бошад… Зебоие, ки абадӣ бошад… Умре, ки бе охир бошад… Хулоса, ҳамаи инсонҳо ба таври фитрӣ ва модарзод дар дил ин орзуҳоро мепарваранд, ки ҳамеша дар ин ҷаҳон зинда бошанд. Ҳамин орзу, вақте ба монеаҳо дучор меояд ва аз роҳи табиии худ бероҳа ва мунҳариф мешавад, ба худ шаклҳои хаёлӣ, хурофотӣ ва афсонавӣ мегирад. Дину мазҳабу ҷоду… ва аз ҳамин қабил боварҳо ва эътиқодот натиҷаи ба бероҳа рафтани орзую ормони ростини инсонӣ мебошад. Ин аст, хулосаи ҷавоби ман. Тафсилашро дар оянда меоварам.

**МАРГ:** Мешавад гуфт, ки баҳси ҷиддии мо акнун оғоз гаштааст. Бо вуҷуди ин хайёл мекунам, ки дар гуфтугӯи мо як чизи муҳим намерасад. Ин чизи муҳим ба ақидаи ман кӯтаҳбаёнӣ аст. Муҳовара, гуфтугӯ ва диалог бояд кӯтоҳ, дақиқ ва ҷасурона бошад. Муҳовараи мо то ҳол чунин нест. Орзу мекунам, ки гуфтушуниди зинда, озод, мунсифона ва

амиқ дошта бошем. Ман албатта назари худро ба гардани Шумо бор карданӣ нестам. Ин танҳо пешниҳод аст. Метавонед қабул кунед ё қабул накунед. Ихтиёр доред.

**ЗИНДАГӢ:** Чаро не, қабул дорам. Пешниҳодатон хеле ҷолиб аст. Ман ҳам ба таври худ аз гуфтугӯи пешинаамон эҳсоси хастагӣ мекардам. Хуб шуд, ки Шумо ин масъаларо ба миён гузоштед. Бояд инро ҳам изофа кунам, ки дар баъзе ҳолатҳо аз шарҳу баёни нисбатан муфассал ҷои гурезе нест. Чун баъзе масъалаҳо шарҳу тафсилро тақозо доранд…

**МАРГ:** Мавридҳои истисноӣ, ҳамеша вуҷуд доранд. Дар ин боб эътирозе надорам.

**ЗИНДАГӢ:** Пас, ба мувофиқа расидаем…

**МАРГ:** Бале, танҳо дар боби қонуну қоидаҳои баҳс… Вале доир ба мавзӯъҳои баҳс назари мо ба куллӣ хилофи якдигар аст…

**ЗИНДАГӢ:** Гумон намекунам ба куллӣ. Шояд дар баъзе мавридҳо назари муштараке дошта бошем. Ин эҳтимол ҳамеша вуҷуд хоҳад дошт…

**МАРГ:** Бале, бале. Аҷаб не сари нуқтае бо ҳам муросо кунем, на мувофиқа. Чаро ки як шоири ориф гуфтааст:

**«Нуктаҳо чун теғи пӯлод аст тез ,**
**Гар намефаҳмӣ, зи пеши мо гурез».**

**(Ҷалолиддини Румӣ).**

**ЗИНДАГӢ:** Ман ба инаш ҳам розӣ. Чун медонам, ки бадгумонӣ дар андешаи ту як падидаи фитрӣ ва сириштӣ аст. Ба ҳама кори зиндагӣ шак дорӣ. Муросоҳои ту гузаро, сатҳӣ, рӯякӣ, муваққатӣ ва фиребо мебошанд. Чаро ки ту ҳамеша оқибатро пеши назар дорӣ. Ҳол он ки оқибате вуҷуд надорад. Ҷаҳони мо ҳамеша дар ҷараёни бардавом ва бепоёни худ аст… Оқибатро ҳам ба ҳоли худ намегузорад… Оқибатро ба оғоз табдил медиҳаду оғозро ба оқибат… Ҳардуро ба ҷараён…Ҷараёнро ба воқеият… Воқеиятро ба падидаҳо… Падидаҳоро ба зуҳур…Зуҳурро ба моҳият… Моҳиятро ба падидаҳо… ва ҳамин тавр… аз азал то абад… На марге вуҷуд дораду на нестӣ. Марг ҳам як падидаи гузаранда аст… Марг ин зиндагиест, ки ба худ ниқоб гирифтааст… Зиндагиест, ки аз худ бегона шудааст… Нохудогоҳ шудааст… Худро фаромӯш кардааст… Худро гум кардааст… Ноумед

шудааст… Гирифтори шаку шубҳа гардидааст… Бо вуҷуди ин, мо гумон дорем, ки марг рӯзе ба худогоҳӣ мерасад ва бо зиндагӣ ҳамқадам мешавад… Вале ин танҳо тахмин, гумон ва орзу аст. Ҳақиқати ин масъаларо рӯзгори ояндагон маълум хоҳад кард. Он чи мо медонем, ҳамин буд, ки гуфтем.

**МАРГ:** Ҳоло барвақт аст доир ба ин мавзӯъҳо сухан оғоз кардан. Мо масъалаҳое дар пеш дорем, ки шояд ҳеҷ гоҳ ба ҳам созиш накунем. Чи расад ба худогоҳии ман. Аҷабо, Шумо ҷаноби Зиндагӣ дирӯз ба арсаи вуҷуд по гузоштеду, имрӯз ба ман дарси худогоҳӣ медиҳед! Аз рӯи кадом мантиқ? Оё ақли солим инро қабул мекунад? На, ин тавр нест. Мантиқи Зиндагӣ маҳдуд аст. Танҳо дар ҳудуди Манзумаи Шамсӣ (Системаи Офтобӣ) ба кор мераваду бас. Олами вуҷуд танҳо аз Замину Офтоб иборат нест. Миллионҳо галактикаҳои дигарро ба эътибор намегиред? Оё дар сарнавиштиояндаи Системаи Офтобии Шумо таъсире надоранд? Оё вуҷуди миллиардҳо ситораю сайёра ва дигар ҷирмҳои кайҳоние, ки мо дар бораашон тасаввуроте надорем, ба Шумо ва мантиқи Шумо дахле надорад? Магар ин муносибати Шумо ба олами вуҷуд кӯтоҳназарии маҳз нест? Мисли он аст, ки аз пеши поятон ду қадам дуртарро намебинед ва ё дидан намехоҳед! Ин худписандӣ ва такаббури маҳз аст! Худшефтагӣ аст. Ин маҷзубӣ ва нимадевонагист… Худмеҳварист… Ин ҳолати мавҷудотест, ки дар фаҳми оламу одам ба бунбаст расидаанд… Дигар чи кор кардану чи гуфтанашонро намедонанд… Ба таври нохудогоҳ ба бероҳа рафтаанд ва худ хабар надоранд… Ва аз бехабарӣ моро ҳушдор медиҳанд, ки ба бероҳа наравем. Аз мантиқу ақли солим пайравӣ намоем… Агар он чи гуфтам, воқеият дошта бошад, пас ин ҳама қоидаҳою мантиқҳою ақлҳои солими башарӣ арзише надоранд. Ба хотири ин ки як ё чанд падидаи ночизи муваққатӣ ва гузарандае мебошанд, ки ба ғайр аз Системаи Офтобӣ дар дигар минтақаҳои олами вуҷуд арзишу аҳамияте надоранд. Оё мешавад ба хотири ин кайк пӯстинро оташ зад?

**ЗИНДАГӢ:** Ман суханҳои Шуморо бо ҷиддияти том гӯш кардам. Инкор намекунам, ки масъалаҳо хеле ва хеле печида, мураккаб ва баҳсталабанд. Агар мувофиқ бошед, дар давоми гуфтугӯ ба ҳар яки ин масъалаҳо ба таври алоҳида ва дақиқ

назар меафканем... Чаро ки куллигӯӣ, яъне умумигӯӣ ва муғлақбаёнӣ офати баҳси ҷиддӣ ва илмист...

**МАРГ:** Монеае намебинам, бигзор чунин шавад.

**ЗИНДАГӢ:** Пас, ихтиёр доред аз кадом масъалае, ки мехоҳед, баҳсро идома диҳед. Ман барои шунидани саволи Шумо омодаам. Бифармоед.

**МАРГ:** Мехоҳам ин масъалаи бузургро баррасӣ кунем: Акнун ки дигар худоён мавриди баҳс нестанд, зиндагӣ чӣ маъно ва мафҳуме дорад ва кадом шеваи зистан барои инсони оқил бештарин арзишро доро аст? Боз таъкид мекунам, ки масъала хеле густурда ва доманадор аст. Бояд, ки дар саволу ҷавобамон кӯтоҳбаёниро риоят намоем... Ва аз гуногунӣ ва рангорангии мавзӯъҳо ва гузариш аз мавзӯе ба мавзӯи дигар нигарон набошем. Ба назари ман, ин тарзи мубоҳиса беҳтар аз тарзи якнавохтӣ мебошад...

**ЗИНДАГӢ:** Бисёр пешниҳоди ҷолиб аст... Ман ҳам айнан ҳаминро мехостам... Акнун бифармоед.

**МАРГ:** Чаро баъзе аз мутафаккирон, шоирон, нависандагон... қасдан аз андешаҳои худ муаммо месозанд, гӯё зиндагӣ ба андозаи кофӣ муаммо надорад ва гӯё хеле возеҳу равшан аст?

**ЗИНДАГӢ:** Ба гуфти ҳазрати Исо, «онҳо маъзуранд, чун намефаҳманд!» Онҳо аз рисолати худ огоҳӣ надоранд. Ҳунармандони ноқисанд. Ман як шоири ҷавонеро медонам, ки дар маҳфили «Ҷаҳони андеша» барои мо шеър хонд. Шеъри нав, шеъри сафед, шеъри озод... Чанд нафар аз аҳли маҳфил кӯшиш карданд, ки шеърро таҳлил кунанд. Вале шоир ҳар дафъа мегуфт, ки маънои шеъри ман чунин нест. Оқибат, мо ҳама аз ӯ хоҳиш намудем, ки худаш маънои шеърашро ба мо баён кунад. Хоҳ бовар кунед ё не, баёни шоир як чиз буду шеъраш чизи дигар. Шоир дар дил чизе дошта, аммо дар банду басти шеърӣ тамоман чизи дигаре зоҳир шудааст. Мо аз ин таҷрибаи ғайричашмдошт хеле ҳайрон шудем. Худи шоир беш аз мо ҳайратзада шуд. Чаро ки мо ҳама аз рӯи ақлу мантиқ ба ӯ собит кардем, ки байтҳои шеър ба чизи дигаре далолат мекунанд, на ба муҳтавое, ки ту дар дил дорӣ. Шоир баъди эътирозҳои парешоне ба иштибоҳи худ пай бурд ва эътироф кард, ки дар ҳақиқат шеъри мазкур дар шакли

ҳозирааш мазмуни дар дил доштаи маро дар бар нагирифтааст. Вале ҳунармандоне, ки барои мо ба ҷои шарҳу баёни равшан, муаммо ва масъалаҳои печида пешниҳод менамоянд, бар ин боваранд, ки он муамморо худашон медонанд ва мо хонандагони сода ва гумроҳро бо ин роҳ маҷбур мекунанд, ки дар назди онҳо зону хам кунем ва нодонии хешро эътироф намоем. Он гоҳ дар китоби дигар ва ё шеъру ҳикояи дигар он муамморо барои мо ҳал мекунанд.

Вале ман бар ин боварам, ки ҳалли онҳо аз қабили ҳамон ҳаллест, ки шоири ҷавон мавзӯи шеърашро ба мо шарҳ дод. Яъне тасаввур кардааст, ки ҳалли он муамморо медонад, аммо дар асл намедонистааст… Ин ҳисси такаббур ва худмеҳварӣ аст, ки баъзе эҷодкоронро ба ин иқдом водоштааст ва ин иқдоми солим нест. Ҳунарманди асил он аст, ки ба мо кӯмак мекунад… Мушкилотро барои мо ҳал менамояд… Моро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Чаро ки мо хонандагон ба ёрию кӯмаки онҳо ниёз дорем. Онҳое, ки муаммо мебофанд, ҳунарманди асил нестанд, ҳунарро ба ғаразҳои худнамоӣ ва худбузургбинӣ истифода мекунанд… Бузургӣ дар сохтакорӣ ва такаббур нест. Бузургӣ чун Офтоб сода, равшан ва дилгармкунанда аст. Мо хонандагон худро муридону пайравони ҳунармандони офтобӣ мешуморем…

**МАРГ:** Ман аз ин тафсир хеле мутаассир шудам. Вале чӣ илоҷ, ки воқеъият чунин аст. Ва шояд баъзан рост ҳам гуфта бошанд… Ва эътирофи содиқона ҳам карда бошанд. Дар ҷое Ҳофиз гуфта:

**Вуҷуди мо муаммоест Ҳофиз,**
**Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.**

Ман хаёл намекунам, ки Ҳофиз қасдан чунин гуфта бошад. Олами вуҷуд бе муаммо нест…

**ЗИНДАГӢ:** Олами вуҷуд худи Кайҳон ва худи мо инсонҳоем. Ҳофиз ҳам «вуҷуди мо» мегӯяд. Яъне вуҷуди мо инсонҳо… Ҳалли муаммо худшиносии мо инсонҳо мебошад… Ҳар гоҳ ки худро шинохтем, муаммоҳо ҳам шинохта мешаванд. Ҳофиз муамморо ба берун аз инсон вусъат ва густариш медиҳад. Ҳадду марзи муамморо берун аз одаму

олам тасаввур мекунад. Дар сурате ки муаммо дар ҳудуди одаму олам ҳалли ниҳоии худро меёбад. Ва бисёранд касоне, ки ҳоло ҳам чунин тасаввур мекунанд… Тасаввур василаи дин аст. Дин ҳам ба воситаи тасаввур мушкилот ва муаммоҳои оламро ташхис медиҳад… Ин аст, ки муаммоҳои динро аввалу охире нест. Чаро ки худи тасаввур ҳам аввалу охире надорад. (Чун пояи воқеӣ надорад. Ба ақлу мантиқ такя намекунад). Барои тасаввур меъёр ва ченаке пайдо кардан мумкин нест. Воқеиятҳои тасаввур дар хаёланд, на дар олами моддӣ. Ангезаи хаёли динӣ тарс аст. Мегӯянд, ки тарс ҳазор чашм дорад. Ҳамеша ҳаросон аст. Тарс ақлу мантиқи солимро фалаҷ мекунад. Танҳо ба тасаввур майдони парвоз медиҳад. Парвозҳои тасаввур парешон, беҳадаф, беасос, мубҳам, мутағайир ва сатҳӣ мебошанд. Ба онҳо эътимод кардан намешавад… Аммо дониш асос ва эътимодро тақозо мекунад. Мо инкор намекунем, ки муаммоҳо вуҷуд надоранд ва даъво ҳам надорем, ки ҳама чиз возеҳу равшан аст… Мо танҳо ин нуктаро таъкид карданӣ ҳастем, ки дар майдони зиндагӣ худро дар паси сипари муаммоҳо пинҳон насозем… Ин пинҳонкорӣ натиҷае намедиҳад ва самаре ба бор намеоварад…

**МАРГ:** Муаммоҳоро мо намебофем. Муаммоҳо вуҷуди худашонро бар мо таҳмил мекунанд. Наход чизе беасос асрҳои аср мавҷудияти худро давом диҳаду мо ҳукм барорем, ки вуҷуди он хобу хаёл ва тасаввуроти бепоя аст? Шумо ҳоло ҳам дин гуфта хурофотро дар назар доред. Ҳисоби дин аз хурофот ҷудост. Дин ҳам дорои решаҳои ҳаётӣ мебошад. Танҳо басирати фалсафӣ лозим аст, ки ин решаҳои ҳаётии динро бишносед. Шумо ҷаноби Зиндагӣ хеле содалавҳона муҳокима меронед. Масъалаҳои мавриди баҳс ба ин содагӣ нестанд!

## ГУФТОРИ ЧАҲОРУМ

**ЗИНДАГӢ:** Мебинам, ки ба далелу бурҳонҳои ман қонеъ нестӣ. Боз даъво дорӣ, ки дин сарчашмаҳои ҳаётӣ дорад. Ман дар давоми баҳс назари худро дар ин мавзӯъ баён кардам. Шумо боз маро ба такрори он чи гуфта будам, водор менамоед…

**МАРГ:** Бале, чунин аст. Ман ба далелҳои Шумо қонеъ нестам. Ба назарам он далеҳо хеле сатҳӣ менамоянд. Баҳсро бояд давом дод… Шояд дар ҳалли ин муаммоҳо кушоише рух диҳад…

**ЗИНДАГӢ:** Дар ин сурат ман пешниҳоде дорам. Пешниҳод ин аст, ки «суханро аз забони Луқмон бишнавем». Яъне аз забони қаҳрамононе, ки дар майдони маргу зиндагӣ ба шаҳодат расидаанд…

**МАРГ:** Фикр мекунам, ин пешниҳоди бад нест. Танҳо ба ин хотир ки ба мо фурсат медиҳад аз ин баҳси бесамари тӯлонӣ чанд лаҳзае биосоем…ва як нафаси озоде бикашем...

**ЗИНДАГӢ:** Бале, аз ин баҳс хеле афсурда шудем… Ва сабабаш, ба назари ман, ин аст, ки ба ягон натиҷаи муайян ва мушаххас нарасидем. Шояд гӯш фаро додан ба қаҳрамони асосии ин мавзӯъ кори моро осонтар кунад ва дар охир битавонем ба хулосаҳои мушаххас ноил гардем…

**МАРГ:** Гумонам, ки беш аз андоза хушбин ҳастӣ ва поёни ин роҳро хеле қариб тасаввур мекунӣ... Ба ҳар ҳол ин иқдомро ҳам месанҷем. Бубинем, чӣ мешавад...

**ЗИНДАГӢ:** Дар ин сурат барои он ки баҳси мо конкрет ва мушаххас бошад, мо аз қаҳрамонон ҷавоби се саволро тақозо мекунем: **Саволи аввал: Зиндагӣ чист? Саволи дуввум: Марг чист? Саволи сеюм: Барои ҳалли низои маргу зиндагӣ чӣ бояд кард?** Бигзор баҳси мо баҳси озод бошад ва ҳар ширкаткунанда назари худро озодона сари ин се мавзӯъ баён кунад. Мо ин фурсатро дорем, ки оромона ба суханони онҳо гӯш диҳем…

**МАРГ:** Ба ин се савол алоҳида ҷавоб гуфтан баҳси моро хеле тӯлонӣ мекунад. Ман ҳавсалаи шунидани ин гуфтугӯи дуру дарозро надорам. Танҳо ба ҳаминаш розӣ мешавам, ки дар доираи ин се савол ба таври мухтасар изҳори назаре бикунанд. Яъне ба таври фишурда доир ба ин се савол як ҷавоби мухтасар ва конкрет бидиҳанд. Вагарна, ин баҳс ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад. Бе ин ҳам, хеле тӯлонӣ баҳс кардем ва худ ва дигаронро хаста кардаем. Ман бесаброна мунтазири ба охир расидани баҳс мебошам, ва-с-салом...

**ЗИНДАГӢ:** Эътирозе надорам. Бигузор чунин шавад. Акнун қаҳрамонони майдони маргу зиндагӣ, ки муддати панҷ

ҳазор соли охир зиндагӣ кардаанд ва мо андак чизе дар бораи онҳо медонем, омодаанд, ки назари худро доир ба ин саволҳои мо иброз намоянд. Мо бо камоли майл ба суханҳои онҳо гӯш медиҳем.

(Ҳар ду ором мешаванд. Лаҳзае чанд мегузарад. Маргу зиндагӣ меандешанд, ки кист он нафаре, ки аввалин шуда, изҳори назар мекунад. Интизории онҳо дер давом накарда, овози Зардушт ба гӯшашон расид. Ӯро шинохтанд…)



**Зардушт писари Спитамон–паёмбари қавмҳои эронитабор. (Асрҳои 17–18 пеш аз мелод).**

**ЗАРДУШТ:** Марг хатарноктарин душмани одамон аст. Ман ҳамеша ин нуктаро таъкид мекардам ва ҳоло ҳам бар ин ақидаам. Инсоне метавонад бо марг муқобилият кунад, ки тамоми вуҷудаш аз хайру некӣ иборат бошад. Афкору гуфтору рафтораш хайр бошад. Яьне ҷое барои марг ва бадӣ дар вуҷудаш боқӣ намонад. Он гоҳ метавонад ҷасурона ба муқобили марг мубориза намояд. Вале мутаассифона, пешвоёни қавму миллатҳо бо марг муросо кардаанд ва аз муборизаи ҳақиқӣ даст кашидаанд. Дар амал таслими марг гаштаанд. Мебинем, ки баъди чаҳор ҳазор сол ҳам аксаран мардуми ҷаҳон пойбанд ва гирифтори хурофоти қавмӣ ва замонии худ мебошанд. Ҳайфи ин ҳама илму маърифату дониш, ки дар хизмати марганд, на дар хизмати ҳаёт. Дар баъзе мамлакатҳои дунёи имрӯза корхонаҳои аслиҳаи атомӣ вуҷуд дорад ва дигарон ҳам дар талоши он ҳастанд, ки дар кишвари худ чунин корхонаҳоеро бисозанд… Вале барои зинда кардани мурдаҳояшон дар ягон давлати дунё кӯчактарин лабораторияи илмӣ ҳам таъсис накардаанд. Бо ин

ҳол чӣ тавр метавонанд ба муқобили маргу мурдан мубориза баранд? Не, наметавонанд. Зеро ҳамаи онҳо дар назди марг таслим шудаанд. Маргро мепарастанд, ӯро ситоиш мекунанд, вале намедонанд, ки чи кор мекунанд. Чунин мардум беморанд. Аз ҳоли худ хабар надоранд. Он чи медонанд, дониш нест, пиндор аст, хаёл аст. Меояд ва меравад. Ба мисли беморони молихулиё. Сабаби бемории онҳо ҷисмӣ нест, руҳӣ аст. Тарс аст, Тарс аз марг. Тарс аз мурдан. Тарс аз зиндагии баъд аз марг. Ҳамаи ин тарсҳо ҷисм ва руҳи инсонро ба таври нохудогоҳ фалаҷ мекунад. Инсонро аз худ бегона мекунад. Ба бемории руҳӣ гирифтор менамояд. Дар натиҷа инсон аз даҳшату тарс маргро зиндагӣ ҳисоб мекунаду зиндагиро марг мепиндорад. Ин куҳантарин вабоест, ки то ҳол дар ҷомеаҳои башарӣ роҳи табобати онро пайдо накардаанд. Шиддати тарс ба дараҷаест, ки ҳатто дар ин мавзӯъ, фикру андеша кардан ҳам намехоҳанд! Афсӯс, ки мардуми ҷаҳон ба худогоҳӣ нарасидаанд. Ҳамагӣ душмани худ ва дӯст бо марганд. Умед мекунам он рӯз зудтар фаро расад ва мардум ба худшиносӣ бирасанд ва оқибат бидонанд, ки дӯст кисту душман кист...

Ин суханони Зардушт дар байни ширкаткунандагон ғулғула андохт… Иброҳиму Мӯсо ва Исои Масеҳ оромона лабханд заданд…Буддо ҳеҷ оромишашро тағйир надод... Дар чеҳраи Эпикур, Хайём, Нитше, Содиқи Ҳидоят ва доктор Раймонд Моудӣ хушҳолӣ ҳувайдо гашт... Афлотуну Августин ва Имом Ғаззолӣ сукут ихтиёр карданд... Дар чеҳраҳои дигарон аломати нигаронӣ ҳувайдо буд... Аз ин байн Эпикур бепарвоёна ба сухан оғоз кард.



**Эпикур**
**(файласуфи Юнони қадим)**
**(341–270 пеш аз мелод)**

**ЭПИКУР:** Зардушт марди хеле ҷиддист. Аз ҳамаи Шумо даъват мекунам, ки ақидаҳои ӯро ба таври муфассал мавриди арзёбӣ қарор диҳед. Аммо он чи ба шахси ман дахл дорад, аз вуҷуди марг парвое надорам. Зеро вақте ки ман зиндаам, марг вуҷуд надорад. Вақте ки марг меояд, дигар ман зинда нестам. Таваҷҷӯҳ мекунед, ки мулоқоти ману марг имкон надорад. Ман ҳастам, ӯ нест. Ӯ меояд ва ман нестам! Аз ин ҷиҳат ман аз боби марг ташвише надорам... (Ҳамагон беихтиёр табассум намуданд. Эпикур ҳам ҳолати хуше дошт. Аз ин суханронӣ аз ҳама бештар чеҳраи доктор Моудӣ афрӯхта шуд… Ҳаким Суқрот бадоҳатан оғоз ба суханронӣ намуд).



**Суқрот –файласуфи Юнони қадим**
**(470–399 пеш аз мелод)**

**СУҚРОТ:** Дӯстони фозил ва арҷманд! Ба гумони ман, ҳамаи Шумо ба мавзӯе даст задаед, ки роҳи ҳалле надорад. Мулоҳиза кунед: Барои ҳар шахс марг як бор аст. Дигар такрор намешавад. Он чи ҳангоми мурдан рӯй медиҳад, ба касе гуфтан наметавонӣ. Ҳар каси мо ҳамин ҳолро дорад. Агар шахсе баъди мурдан аз нав зинда мешуд, ӯ метавонист бигӯяд, ки мурдан хуб аст ё бад. Осон аст ё мушкил… Вале мутаассифона, рафтагиҳо, рафтанд, ки рафтанд. Касе аз онҳо барнагаштааст. Пас, чи тавр мо метавонем дар бораи марг ва мурдан баҳс кунем. Ин баҳси мо як баҳси бесамар ва бенатиҷа

хоҳад буд. Мисли он ки ду бангӣ ва нашъаманд хобҳои дидаашонро бо ҳам нақл мекунанд ва таъбиру тафсир менамоянд… Наход мо ба хобҳои дидаи шахси бангӣ ва тарёкӣ бовар кунем! Оқилони ҷаҳон бар ин назаранд, ки тани мо миранда ва ҷони мо абадӣ ва ҷовидон аст. Ман дигар чизе дар ин бора гуфтанӣ надорам…

Ҳама сукут варзиданд. Гӯё сукути онҳо аломати ризоятмандии онҳо буд. Танҳо дар чеҳраи чанд нафаре аломати эътироз ба мушоҳида мерасид. Вале онҳо ҳам кӯшиш мекарданд, ки оромиро халалдор накунанд. Касе ба доктор Моудӣ нигарист. Доктор хаёл кард, ки аз ӯ изҳори назар мехоҳанд. Баъди андак тараддуд ба ҳозирон чунин гуфт:



**Раймонд Моудӣ–табиби соҳаи реаниматсия**

**МОУДӢ:** Ман табиб ҳастам. Яъне, баҳс ба мо ҳам дахл дорад. Маъзарат мехоҳам, ки наметавонам ба ақидаи ҳаким Суқрот розӣ бошам. Зеро таҷрибаҳои асри XX, аз он чи ки дар давраи Суқрот татбиқ мешуд, хеле фарқ мекунад. Дар дунёи қадим калима ва истилоҳоти «ҷон», «нафс», «равон» ва «рӯҳ» мушкилкушои ҳамаи муаммоҳои зиндагии одамӣ буданд. Мардумони дунёи қадим, асрҳои миёна ва бисёре дар асри мо ҳам мусибати маргу мурдани одамиро дар паси пардаи ин истилоҳоти муғлақ ва бемуҳтаво пинҳон мекарданд ва ҳоло ҳам пинҳон карданӣ мешаванд.

Аз назари имрӯз, дар ҷисми одамӣ чунин чизе аз қабили ҷон, нафс, равон ва рӯҳ вуҷуд надорад. Он чи ҳаст, фаъолиятҳои физиологӣ ва биологии бадани мо мебошанд, ки дар натиҷаи бархурд бо муҳити атроф аз худ аксуламал нишон дода ва дар иваз муҳити берунаро ба таври эҷодӣ инъикос мекунад. Набототу ҳашароту ҳайвонот низ муҳити

атрофро инъикос мекунанд, вале инъикоси онҳо заъиф, механикӣ, ғайрифаъол ва ғайриэҷодӣ аст. Инъикоси фаъол он аст, ки таъсири олами берунаро бипазирӣ ва он таъсирро дар шаклу мазмуни дигар ба олами беруна баргардонӣ. Мо аз зебоиҳои олами беруна лаззат мебарем ва дар ҷавоб рассомони мо ба таври эҷодӣ манзараҳое меофаранд, ки дар тамоми олами атроф назир ва монандие надоранд. Рассомон аз манзараҳои олами атроф илҳом мегиранд ва бо ақлу дониш ва илҳому таҷрибаи инсонии худ манзараҳои дигар меофаранд. Вале ҳашароту ҳайвонот кори рассомони моро анҷом дода наметавонанд. Чаро ки онҳо муҳити атрофро механикӣ ва оинавор инъикос мекунанд, ба мисли инсон, дониш, таҷриба, хаёл, орзу ва ҳадафи муайяне дар зиндагии худ надоранд. Ин аст, ки онҳо ҳазорҳо сол боз наметавонанд қомати худро рост кунанд. Дар сурате ки инсон дар як муддати кӯтоҳе ба осмон парвоз намуд. **<u>Дар партави таҷрибаи тибби башарӣ метавон гуфт, ки муаммои маргу мурдан ҳам ҳалшаванда аст.</u>** Мо табибон аз соли 1977 боз таҷрибаҳое дар ихтиёр дорем, ки гумон мекунам, ба ақидаҳои ҳаким Суқрот созгор нестанд. Бо ду калимаи мухтасар таҷрибаи мо ин аст. Ман ва ҳамкоронам дар шифохонаи корҳои таъҷилӣ садҳо нафар шаҳрвандони ба фалокат дучоршударо аз марг наҷот додем. Ин фалокатҳо иборат буданд аз ғарқшавӣ, сӯхтор, садамаҳои гуногуни нақлиётӣ, афтидани одамон аз дарахтон ва ошёнаҳои баланд ва ғайра. Таҷрибаи ҳамарӯза гувоҳи он аст, ки агар мо онҳоро кӯмаки тиббӣ намерасонидем, онҳо ҳалок мешуданд. Шумо ҳамагон медонед, ки дар он минтақаҳои дунё, ки аз ёрии таъҷилии тиббӣ маҳруманд, ҳамаи ин бечораҳои ба фалокат дучоршуда, мемиранд. Вале мо фалокатзадагони худро аз марг наҷот додем. Вале таҷрибаи мо ба ин маъност, ки мо ҳамаи он фалокатзадагонро ба таври муфассал пурсидем. Ин ҳолатро пурсон шудем, ки онҳо ҳангоми ба фалокат дучор шудан чи чизеро мушоҳида ва эҳсос намудаанд. Қариб ҳамаи онҳо ҳамин назарро тасдиқ намуданд, ки ҳангоми фалокат ҳеҷ дарду алами ҷисмиро ҳис накарда, баъди шунидани садои баланд пеши назарашон аз дур нуреро дидаанд ва гӯё ба сӯи он нур барқвор ҳаракат мекардаанд. Ҳангоми ин ҳаракат онҳо худро хеле ором, роҳат

ва хушнуд эҳсос мекардаанд. То ба он нур нарасида, хобашон мебурдааст. Хоби хеле хуш ва роҳат… Дигар ҳеҷ чизро дар ёд надоранд. Ҳамаи фалокатзадаҳо ҳамин як қиссаро нақл мекунанд.

Агар мо ба ёрии онҳо намерасидем, онҳо ҳеҷ гоҳ аз «хоб» дигар бедор намешуданд. Ҳамон хоб марги онҳо ҳам буд. Вале мо онҳоро аз «хоб» (марг) «бедор» намудем ва онҳо ба зиндагии пешинаи худ баргаштанд. Ҳамаи онҳо гуфтанд, ки ҳеҷ Мункару Накиреро дучор нашуданд. Касе бо номи малоика, фаришта, Азроил ва Малак-ул-мавтро надиданд... Ҳарчи диданд, мушоҳида карданд, эҳсос намуданд, ҳамаашро бо тафсил ба мо нақл карданд. Саргузашти «мурдан»–и онҳо сад дар сад ба якдигар монанд буд... Мисли он ки ҳангоми фалокат аз шиддати зарба ба таври бебозгашт аз ҳуш рафтаанд... Агар ёрии тиббии мо намебуд, онҳо мемурданд. Пас, марги одамӣ аз ҳушравии бебозгашт аст. Мо дар зиндагӣ борҳо аз ҳуш рафтаем ва боз ба ҳуш омадаем. Вале аз ин ҳолат парвое надорем. Борҳо хобидаем ва аз хоб бедор шудаем. Танҳо фарқи марг аз беҳушӣ он аст, ки шахси мурда дигар ба ҳуш намеояд ва аз хоби марг дигар бедор намешавад. Дар сурате ки шахси зинда баъди хоб ва беҳушӣ аз нав бедор мешавад ва аз нав ба ҳуш меояд...

Шоире гуфтааст, ки «Хобро марги сабук дон, маргро хоби гарон». Ва дуруст гуфтааст. Шумо фозилони арҷманд, ки бо назариёти печида ва баландпарвозе доир ба масъалаи маргу мурдан одат кардаед, шояд ин гуфтори ман сабаби табассуми истеҳзоомези Шумо гардад. Дар ин боке нест.

Вале ман он чи дидаам ва мушоҳида намудаам, бе каму кост ба Шумо арз намудам. Ва даъво ҳам надорам, ки ҳақиқати мутлақи маргу мурданро кашф кардаам. Шоири Шероз чи хуш гуфта:

**Кас зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон огаҳ нест,**
**Аввалу охири ин кӯҳнакитоб афтодаст.**

Ширкаткунандагон аз ин суханронии доктор Моудӣ шигифтзада шуда, ба ҳамдигар нигаристанд. Нигоҳи онҳо чунин маъно дошт: Масъалаи марг ин қадар осон будааст? Мо

ҳамагӣ ба андозаи ин табиб басират надоштаем? Вагарна ҳаким Суқротро масхара карданаш чӣ маъно дошт?

Наход ҳамаи таълимоти пайғамбарон, ки ба абадияти нафсу ҷон ва рӯҳ такя мекунад, беҳуда бошад? Ҳатто аксари файласуфони гузашта ва ҳозира ҳам қатъи назар аз пешрафтҳои илмҳои биологӣ ва инсоншиносӣ ба ҷовидонӣ ва абадияти ҷон боварӣ доранд! Ин табиб бо ин нақлу суханпардозиҳои содалавҳонааш чӣ мехоста бошад? Ва ё маргу мурданро масхара карданӣ аст? Ин мардумони асри XX ҳама чизро истеҳзо ва масхара кардаанд: Илмро, ҳикматро, сиёсатро, диёнатро, адабиётро, таърихро ва ҳатто маргу мурдану рӯзи қиёматро!... Баъди лаҳзае аз андеша ва тафаккур чеҳраи Нитше барафрӯхт ва бебокона бонг зад:)



**Фридрих Вилгелм Нитше – шоир ва файласуфи Олмон дар асри 19**

**НИТШЕ:** Чаро аз суханони ин марди одӣ ва заминӣ ба тааҷҷуб омадаед? Ӯ ба Шумо аз ҲАҚИҚАТҲОИ ЗАМИНӢ сухан гуфт. Сухан аз таҷрибаҳои ҳамарӯзаи зиндагӣ. Бо забоне равшан ва лаҳне самимӣ. Чаро бадгумон шудаед? Нияти ӯ соф ва холис аст. Даъвое надорад, вале чизи гуфтанӣ дорад. Пас гӯш кунед ва андеша намоед. Дуруст гуфтаанд, ки: «Бишнав, ки чӣ мегӯяд, мангар, ки кӣ мегӯяд»... Умед мекунам, ки ин суханони ман мояи ранҷиши хотири Шумо нашавад ва пешопеш аз ҳамаи Шумо узр мехоҳам... Вале имрӯз вақти бараҳна гуфтан аст... Ва мегӯям: - Эпикур дуруст мегӯяд, ки ба суханони Зардушт таваҷҷӯҳ кунед. Ӯ бузургтарин марди фарҳанги ҷаҳон аст. Ҳамаи мо шогирдони ӯ ҳастем. Ман дар китоби худ: «Чунин гуфт Зардушт», ҳамагӣ чаҳор калимаи ӯро тафсир кардам:

1. бозгашти абадӣ;

2. ҳикмати абармард;

3. таҷдиди арзишҳои суннатӣ;

4. иродаи қудрат.

Мардуми асри XX аз фарти бесаводӣ ва хурофотзадагӣ аз хондани тафсири ин чаҳор калима ба сарҳади ҷунун ва девонагӣ расиданд. Асри XIX ба девонахонаи бузург мубаддал шуд... Домани илму хирадро раҳо кардем... Бо ҳам даст ба гиребон шудем... Чаро? Барои он ки Зардушт моро аз хоби хуш, вале хоби ботил ва бардурӯғ бедор кард... Ҳама худро дар замини сахт ва осмони баланд ёфтанд... Биҳиште, ки дар хоб дида буданд, ба дӯзах мубаддал шуд... Ҳама ба по хестанд... Вале ҷои рафтан набуд... Дасту пои худро дар банд ёфтанд... Дубора тарсиданд... Боз бо умеде рӯ ба сӯи осмон намуданд... Бар Замин таънаҳо заданд... Аҳли заминро нафрин карданд... Ин ҳаёҳу ҳоло ҳам давом дорад. Дар мавзӯи баҳси имрӯза ман дар китоби «Чунин гуфт Зардушт» ақидае пешниҳод намуда будам, ки онро аз «Яштҳо»-и Зардушт ёфтам. Бо илҳом аз ин ақида чандин шоху барге аз худ бар он афзудам, ки хулосааш ин аст: Олами вуҷуд бениҳоят аст. Аввалу охир надорад. Вале ҷирмҳо ва ҷисмҳои олами вуҷуд муайян, маҳдуд ва дорои аввалу охир мебошанд.

Ҷавҳари олами вуҷуд ҳаракат аст. Ҳаракат ҳам аввалу охир надорад. Кайҳон яъне олами вуҷуд, чуноне ки гуфтем, беохир ва абадӣ аст. Агар ин фарзияи мо то ин ҷо дуруст, мантиқӣ ва илмӣ бошад, пас натиҷаи баҳси мо ба ин меанҷомад, ки:

а) вақту фазо беохир аст;

б) кайҳон, коинот ва олами вуҷуд беохир аст;

в) ҳаракат абадӣ ва беаввалу беохир аст;

г) вале ҷисмҳо маҳдуд ва аввалу охир доранд;

Пас, ин ҷисмҳои маҳдуд дар ин коиноти номаҳдуд ҳамеша дар таҳаввул ва тағйир мебошанд. Аз он ки вақту фазо абадианд

- аз он ки ҳаракат низ беохир ва абадӣ мебошад - пас ин ҷисмҳои маҳдуд дар ин фазои номаҳдуд ва абадӣ ҳама гуна шаклҳои имконпазирро ба худ гирифтаанд. Ва бояд аз рӯи мантиқ ба ин натиҷа расид, ки ҷисмҳо маҷбуранд боз аз сари

нав шаклҳои пешина ва кӯҳнаашонро такрор кунанд. Чаро ки воқеият чунин аст. Олами вуҷуди мо чунин аст. Табиати вақту фазо чунин аст. Табиати ҳаракат чунин аст. Табиати ҷисмҳои маҳдуд чунин аст. Мо ҷисмҳо гуфта ҳамаи ашёҳои замин: об, хок, дарахт, ҳашарот, ҳайвонот, инсонҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, уқёнусҳо, сайёраҳо, ситораҳо, Моҳ, Офтоб, Муштарӣ, Зуҳал... ва дигар ҷирмҳои дар Кайҳон бударо дар назар дорем. Ҳамаи ин ҷисмҳо ва ҷирмҳо дар нисбати вақту фазои абадӣ ва мутлақ ашёҳои нисбӣ, маҳдуд ва дорои аввалу охир мебошанд... Ин аст, ки мо мегӯем ин ашёи нисбӣ ва маҳдуд дар фазои абадӣ ва мутлақ шаклҳои худро борҳо такрор кардаанд ва дар оянда ҳам борҳо такрор хоҳанд кард. Ман ки Нитше ҳастам ва миллатам олмонӣ аст, бо ҳамин қаду қомат ва мӯйлаби дурушту чашмони заиф миллионҳо бор такрор шудаам ва дар оянда ҳам миллионҳо бор ва дурусттараш ба таври беохир такрор хоҳам шуд... Ин аст, ки масъалаи марг дар шакли динӣ ва имрӯзааш дар фалсафаи ман вуҷуд надорад... Ман ҳамеша будаам ва ҳамеша хоҳам буд. Яъне ман абадӣ ва ҷовидониям. Ба биҳишти худоии Шумо эҳтиёҷ надорам. Маргу зиндагии ман аз рӯи зарурат аст. Зарурати ҳаракати ҷисмҳо дар Кайҳон. Ман аз ин кор на хурсандам ва на нигарон. Чаро ки чорае надорам. **Қонунҳои олами вуҷуд ба маротиб аз ман тавонотаранд. Ман дар итоати онҳо мебошам.** Албатта, ман аз ин такрори бардавом ва маҷбурӣ ранҷ мебарам, вале чуноне ки гуфтам, қудрати онро надорам, ки сарнавишти худро дигар кунам. Файласуфони баъдина бар ман таъна задаанд, ки ман фаталист (тақдирпараст) ҳастам. Вале ин дуруст нест. Тақдирпарастӣ хоси дин аст. Худое аз рӯи ҳикмати худ барои шахсе тақдир муайян мекунад. Он шахс маҷбур аст, ки он тақдири худоиро итоат кунад. Зеро дар итоати тақдири худоӣ ҳикмате нуҳуфтааст, ки пешопеш аз ҷониби Худо муайян шудааст. Вале тақдири ман самараи гардиши ҷисмҳои олами вуҷуд аст. Олами вуҷуд ҳикмате надорад. Ҳадафе надорад. Олами вуҷуд намедонад, ки ҳикмат чист ва ҳадаф кадом аст. Он чи рӯй медиҳад, натиҷаи табиии ҳаракати ҷисмҳо ва ҷирмҳои ҷаҳон ва кайҳон мебошанд. Ин аст, ки шахсияти Нитше ва тамоми олами вуҷуд арзиши баробар доранд. Он чи ман дорам, дар олами вуҷуд ҳам ҳаст. Он чи олами вуҷуд дорад, дар ҷисми ман ҳам ёфт мешавад.

Ману олами вуҷуд танҳо шаклан фарқ дорем. Аммо мазмунан ҳарду як ҳастем. Ба забони мардуми асри XX бояд гуфт: «Ҷисми Нитше ва ҷисмҳои кайҳон аз элементҳои системаи даврии Менделеев иборатанд. Танҳо вақту фазо аст, ки ин унсурҳоро ба шаклҳои Нитшеву Ҷеймсу Ҷамшеду дарахту ҳашароту Ҳимолою Дамованд мубаддал месозад... Ин ақидаро ман шартан назарияи «Бозгашти ҷовидонӣ» номидаам... ва гумон дорам, ки агар дар ҷузиёташ иштибоҳе рафта бошад, боке нест. Вале дар куллиёташ саҳеҳ ва воқеъбинона мебошад. Ин бовари шахсии ман аст. Шумо дар рад ва қабули он озод ҳастед... Дар робита бо мавзӯи баҳс бояд бигӯям, ки барои инсонҳои хурофотии Замини мо, ки аксаран аз бесаводӣ ва бадбахтиҳои иҷтимоӣ ранҷ мебаранд, ақидаҳои доктор Раймонд Моудӣ то андозае қобили қабуланд. Ман аз онҳо пуштибонӣ мекунам ва аз Шумо низ даъват ба амал меорам, ки ҳангоми арзёбии онҳо аз ҷодаи инсоф ва ҳақиқат хориҷ нашавед... Гуфтаниҳо бисёранд ва мебинам, ки гӯяндаҳо ҳам кам нестанд...

Аз ин таҳлилу тафсири Нитше ҳама ба худ ҳолат ва ваҷоҳати ҷиддӣ гирифтанд... Гӯё ин суханон ба шахси фард-фарди онҳо равона шуда буд... Баъди лаҳзае ба худ омаданд. Ҳар яке мехост ҳарчи зудтар ба ӯ ҷавоби дандоншикан бидиҳад... Вале Бертран Рассел бо басирати расо ва ҳамешагии худ дарёфт, ки агар дахолат накунад, одоби баҳс халалдор хоҳад гардид... Ин аст, ки бо табассуме ҳакимона аз ҷой бархост ва ба ҳозирин руй овард:



**Бертран Рассел–бузургтарин файласуф ва риёзидони англис дар асри 20.**

**РАССЕЛ:** Фозилони арҷманд! Мехоҳам барои равнақи бештари ин баҳс пешниҳодеро ба арзи Шумо бирасонам. Ба назари ман, чунин менамояд, ки суханварони

пешин яъне: Зардушт, Эпикур, Суқрот, Моудӣ ва Нитше ҳақи матлабро адо намуданд. Агар Шумо ба ин назари ман мувофиқ бошед, давоми баҳсро ба музокира ва таҳлилу арзёбии гузоришоти нотиқони пешин равона намоем. Дар масъалаи марг ба андозае, ки ба ман маълум аст, маҳз ҳамин панҷ ақида дар таърихи фарҳанги башарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Агар назароти дигаре вуҷуд дошта бошад, ҳангоми таҳлил баён хоҳад гардид… Ширкаткунандагони баҳс бо аломати ризо сар ҷунбониданд. Ҳамин тавр довталабони баҳс ба таҳлилу арзёбии назариёти гузоришгарони пешин оғоз намуданд…

## ГУФТОРИ ПАНҶУМ

*Устод Насрин-устоди фалсафаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба ҳозирон гуфт: Мехоҳам як тозахабари илмиро ба Шумо арз кунам. Шояд барои баҳси ояндаи мо судманд бошад. Ҳама пазируфтанд.*



**Устод Насрин Идибеков–муҳаққиқи масъалаҳои озодии ирода дар фалсафаи асрҳои миёна.**

**УСТОД НАСРИН:** Гурӯҳе аз донишмандони Ҳинд, Тибет ва Ҷопон бо роҳи махфӣ дар як минтақаи дурдасти Тибет таҳқиқоти дастаҷамъӣ анҷом доданд. Ҳадафи дарпешгузошта ба таври мусбат анҷом ёфт. Ҳадафи онҳо зинда кардани инсон буд. Онҳо тавонистанд бо роҳи лабораторӣ инсони чандин асрҳо пеш мурдаро аз нав зинда кунанд. Ин таҳқиқот зиёда аз панҷоҳ сол давом кард. Идеяро донишмандони Ҳиндустон пеш гузоштанд. Ҷои таҳқиқ, лаборатория ва қабристонро донишмандони Тибет пешниҳод намуданд. Васоили таҳқиқ,

техника, абзорҳои тиббӣ, таҳлилӣ, савтӣ ва дигар маълумоту маъхазҳои гуногунро донишмандони Япония бар ӯҳда доштанд. Хулоса, таҳқиқот бо муваффақият анҷом ёфт ва ин гурӯҳи донишмандон аввалин бор даҳ нафар аз намояндагони ЮНЕСКО-и Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳидаро барои шиносоӣ ба Тибет даъват намуданд. Комиссияи ЮНЕСКО баъди таҳқиқ ва таҳлили хеле ҷиддӣ ва муфассал ба Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид тавсия намуд, ки ин кашфиётро ба аҳли ҷаҳон ба таври ошкоро ва расмӣ эълон намоянд. Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид баъди фиристодани чандин комиссияҳои ихтисосӣ аз ҷумлаи намояндагони илмҳои гуногун, оқибат ба ин натиҷа расид, ки пинҳон доштани ин кашфиёт дигар зарурияте надорад. Ба кормандони худ супориш дод, ки дар марказҳои муҳимми илмии кишварҳои ҷаҳон симпозиумҳо ва конференсияҳои умумиҷаҳонӣ ташкил диҳанд ва аҳли илм ва ҷомеаи ҷаҳониро бо ин донишмандон аз наздик ошно намоянд. Ин супориш амалӣ шуд ва мо мусоҳибаҳо, гузоришот ва номаҳои гуногуни ин симпозиумҳоро ба таври мухтасар ба хонандагони худ пешкаш менамоем.

## МУСОҲИБАИ ЯКУМ

**Шаҳри Мадрид.** Маҷлисгоҳи Фарҳангистони Улуми Испания. Аввалин шуда донишмандони ин фарҳангистон пешниҳод намуданд, ки конфронси аввалинро дар коргоҳи онҳо гузаронанд. ЮНЕСКО инро пазируфт.

Инак мусоҳибаи аввалин:

**Мигел де Унамуно–шоир ва файласуфи Испания дар асри 20.**



**Сарвари фарҳангистон:** Ҳозирони муҳтарам ва меҳмонони азиз! Иҷозат диҳед, аз номи маъмурияти Фарҳангистони Улум, шаҳрдории шаҳри Мадрид, ҳукумати Испания ва аз номи ҳамаи Шумо донишмандони пажӯҳишгоҳи махфии кишвари Тибетро, ки бо номи рамзии «Ҷамшед» шинохта шудааст, хайра мақдам гӯям:

(Ҳама аз ҷой бармехезанд. Касе ба забони испанӣ бонг мезанад: Зинда бод дониш! Зинда бод донишмандон! Ҳама ин ибораро дуборӣ такрор мекунанд). Сарвари маҳфил ҳамагонро ба нишастан даъват мекунад. Ҳама ба ҷойҳои худ менишинанд.

**Сарвари фарҳангистон:** Ҳозирони арҷманд! Файласуфи овозадори мо мардуми испонӣ Мигель де Унамуно ном дошт. Ӯ дар соли 1936 аз ҷаҳон даргузашт. Китобе барои мо навишт бо номи «Дарди ҷовидонагӣ». Аҳли дониши Испания ҳамагӣ зери таъсири ин китобанд. Ва худи Унамуно ҳам ин китобро шоҳкори асосии худ мешуморид. Вақте ки мо аз кашфиёти пажӯҳишгоҳи «Ҷамшед» огоҳӣ ёфтем, аввалин аксуламале, ки дар фикри аксарияти мо инъикос ёфт, мавзӯи марг, умри ҷовидон ва навиштаҳои Унамуно доир ба ин мавзӯъ буданд. Шояд ба ҳамин сабаб, мо пеш аз дигар ҳамкасбонамон азм намудем, ки донишмандони пажӯҳишгоҳи «Ҷамшед»-ро ба шаҳри Мадрид даъват намоем. Ба ҳар ҳол ин тафсилот агар ба чизе далолат кунад, он чиз ин аст, ки мо имкон дорем имрӯз бо ҳам гуфтугӯ кунем.

Бо иҷозаи ҳамаи Шумо конфронси илмиро кушода эълон менамоям. (Ҳама кафкубӣ мекунанд). Пешниҳоди шахсии ман ин аст, ки бевосита ба мусоҳиба, саволу ҷавоб ва гуфтгӯи мустақим дар мавзӯи «Муаммои марг» оғоз намоем ва дар

давоми баҳс, ҳар касе метавонад шахси хешро ба аҳли маҷлис муаррифӣ намояд.

Абзорҳои техникаи компютерӣ ва мутарҷимони синхронӣ дар хизмати Шумоянд. Ва бори дигар ҳамаи Шуморо хайра мақдам мегӯям ва ба мусоҳибаи илмӣ оғоз менамоем.

-Марҳамат, бифармоянд, кӣ майл дорад аввалин саволро пешкаш кунад? (Ҳама лаҳзае хомӯш мешаванд ва ба якдигар менигаранд). Мисли он ки одобро риоя мекунанд:

**Дар маҳфиле, ки хуршед андар шумори зарраст,**
**Худро бузург дидан, шарти адаб набошад.**

Сарвари Фарҳангистон аз мушоҳидаи ин ҳолат эҳсоси масъулият намуда, барои аз байн бурдани ин вазъи ба амал омада, мепурсад, ки:

-Воқеан, чаро номи озмоишгоҳи махфии худро «Ҷамшед» номгузорӣ кардед? Оё ин иқдом маъное дошт ва ё тасодуфе маҳз буд?

(Намояндаи озмоишгоҳи «Ҷамшед», ки тақрибан пирмарде 70-75 сола буд, бо оромӣ микрофонро ба даст мегирад ва калима-калима ба сухан гуфтан оғоз менамояд).

- Ин номи тасодуфӣ набуд. Озмоишгоҳи мо солҳои тӯлонӣ аслан номе надошт. Чун ҳама кор пинҳонӣ буд. Ҳар кас ба таври худ аз он ном мебурд: Озмоишгоҳ, Пажӯҳишгоҳ, Лаборатория, Коргоҳ, Соҳили дарёча, Лонаи уқобон, Насими кӯҳсор, Водии сабзпӯш, Водии серчашма ва ғайра. Бисёре аз ҳамкорони мо бо забони худ ба ин озмоишгоҳ номҳои гуногуне медоданд ва ҳар кас ба таври худ аз он ном мебурд. Вале ҳодисае рӯй дод, ки ҳамаи мо ба ин озмоишгоҳ номи ягона гузоштем. Яъне: «Ҷамшед». Масъала аз ин қарор буд: Вақте солҳои охир таҷрибаҳоямон барор гирифтанд ва акнун боварӣ ҳосил намудем, ки одамро зинда карда метавонем, ба ин мушкилӣ рӯ ба рӯ шудем, ки аввалин шуда киро зинда кунем? Муддате чанд баҳсу мунозира кардем. Дар охир ба ин хулоса расидем, ки аз роҳи таҳқиқоти компютерӣ шахсиятҳои гузаштаро мавриди таҳлил қарор диҳем ва аз рӯи системаи сад баллӣ шахси арзандаро интихоб намоем. Чандин моҳ маълумотҳои гировардаи компютериро доир ба шахсиятҳои машҳури ҷаҳон мавқеи муқоиса қарор додем. Дар охир ҳамин ҷаноби Ҷамшед дар системаи садбалӣ ғолиб омад (Ба сӯи

пирмарде 90 сола нигарист. Пирамард аз ҷой бархост ва ба тарафи аҳли маҷлис бо эҳтиром таъзим кард. Ҳама аз ҷой бархостанд. Ва муддате кафкӯбӣ намуданд). Сардори маҷлис ҳозиронро ба нишастан даъват намуд. Ҳама нишастанд. Донишманди пирсол бо чеҳрае афрӯхта ба сухани худ давом кард: Ҳамин тавр оғои Ҷамшедро зинда кардем. Хуб, ин қиссаи дуру дароз аст. Вале ман ба саволи Шумо ҷавоб доданӣ ҳастам, ки чаро озмоишгоҳи мо «Ҷамшед» ном гирифтааст. Гумон мекунам, агар ба ҷои ӯ Суқрот ва ё Синоро зинда мекардем, шояд номи коргоҳи худро «Суқрот» ва ё «Сино» мегузоштем. (Хушҳолӣ дар маҷлисгоҳ. Ҳозирин бо аломати ризоятмандӣ ба сӯи якдигар менигаранд...)

-Оқои Ҷамшед, Шуморо табрик мекунем!

(Марде миёнасол саросема аз ҷой бархоста ин суханро мегӯяд ва ба ҷои худ менишинад).

Ҳозирин ҳар як ба садое паст ва беҷуръатона мегӯянд: Муборак бошад! Табрик мекунем!

(Ҷамшед бо нигоҳе фотеҳона сар меҷунбонад ва мегӯяд:

-Ташаккур, Миннатдорам. Зинда бошед!

Ҳодисоти ҷаҳон бешуморанд. Ҳар ҳодисаро баҳонае ҳаст. Шояд вуҷуди ман дар таърихи озмоишгоҳи ин донишмандон аз баҳонае беш набошад. Вале ман аз вуҷуди худ дар байни Шумо эҳсоси лаззат ва саодатмандӣ мекунам. Чи баҳонаи арзандае ва чи тасодуфи хушбахтонае. Як фарзонамарди Шумо дар асри XX гуфтааст, ки:

**Хештанро вонамудан, зиндагист,**
**Зарби худро озмудан, зиндагист.**

**(Иқбол)**

Алҳақ, ки рост гуфтааст. Ва ман дар шахси худам ба ин маъно гувоҳӣ медиҳам! (Ҳама бо меҳр ба сӯи Ҷамшед менигаранд ва гӯё зимнан назари ӯро тасдиқ менамоянд).

## НОМАИ АВВАЛИН БА ҶАМШЕД

Аввалин шуда ҷавонони Тоҷикистон ба номи Ҷамшед нома фиристоданд. Онҳо аз Ҷамшед дархост намудаанд, ки ба даҳ саволи онҳо ҷавоб гӯяд. Ҷавобҳои Ҷамшед ба саволҳои ҷавонони тоҷик аз ин қароранд:

## <u>Саволи I:</u> ФАЛСАФА БАРОИ ҶАВОНОН ЧӢ ЗАРУРАТ ДОРАД?

Фалсафа барои ҷавонон зарур аст. Чаро? Барои он ки барвақттар роҳи ояндаи зиндагии худро беҳтар муайян кунанд. Чун роҳи дарозе дар пеш доранд. Барои пирон ва кӯҳансолон фалсафа зарурате надорад. Чаро ки онҳо роҳро ба охир расонидаанд. Фалсафа барои онҳо ёрӣ ва кӯмаке расонида наметавонад. Зеро ки онҳо дер кардаанд. Зиндагии онҳо ба охир расидааст. Фалсафа ба зиндагӣ сару кор дорад. Агар мавзӯи фалсафа зиндагии инсонӣ набошад, пас ӯ фалсафа нест. Одатан шахсони кӯҳансол нисбат ба зиндагӣ назари нек надоранд. Чаро ки зиндагиро бохтаанд. Назари чунин шахсон ғаразнок аст. Аз рӯи инсоф нест. Аз ҳамин нигоҳ мо фалсафаро ба ҷавонон тавсия менамоем ва умед дорем, ки дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ ба онҳо кӯмак хоҳад кард.

## <u>Саволи 2:</u> ФАЛСАФА ЧИСТ?

1. Фалсафа илм аст.

2. Фалсафа яке аз қадимтарин илмҳои башарӣ будааст.

3. Мавзӯи илми фалсафа таҳқиқи зиндагии инсонист. Аз нуқтаи назари ҳастӣ ва нестӣ.

4. Фалсафа яке аз илмҳои дақиқ ва конкретӣ мебошад.

5. Фалсафа доир ба сарнавишт ва тақдири ҳар як инсон ва ҳамаи инсонҳо баҳс мекунад.

6. Мавзӯи дақиқтарин ва амиқтарини фалсафа масъалаи мирандагӣ ва номироии (ҷовидонии) инсони фард ва ҳамаи инсонҳо мебошад.

7. Фалсафа таърифи ҳафтум надорад.

## <u>Саволи 3.</u> ФАЛСАФАИ ҲАЁТ АЗ ЧӢ ИБОРАТ АСТ?

1.Фалсафаи ҳаёт мавзӯъҳои зеринро дар бар мегирад:

а-Се фаъолияти асосии инсонӣ: афкор, кирдор ва гуфтор;

б-Се лаззати асосии зиндагӣ: бозӣ, ханда, ишқ;

в-Се хафв ва хатари асосии заиндагӣ: хафв аз нобарорӣ ва нокомӣ, хафв аз пирӣ ва хафв аз марг;

г-Се маънои асосии ҳаёт: амалӣ намудани идеалҳои шахсии худ дар зиндагӣ; исбот намудани қудрат ва тавоноии ҷисмӣ ва фикрӣ дар ҳаёт; иҷро намудани рисолати (вазифаи) инсонии худ дар зиндагӣ.

## Саволи 4: ФИКР КАРДАН ЧИСТ?

Файласуфони бисёр ҷиддӣ чунин ақида доранд, ки «Муаммои бузургии инсон дар фикр кардани ӯст»... Инсон маҳз ба шарофати фикр дар олами вуҷуд сазовори ин мақоми арҷманд гаштааст. Доир ба инсон таърифҳои зиёде вуҷуд дорад: барои намуна бояд гуфт, ки баъзе файласуфон инсонро ҳайвони забондор (гӯё) гуфта, дигарон онро ҳайвони сиёсӣ, ахлоқӣ, диндор ва ғайра номидаанд. Ин таърифҳо каму беш моҳияти инсонро ифода мекунанд. Вале таърифи пурра нестанд. Таърифи пурраи инсон чунин аст:

Инсон мавҷудест, ки дорои қобилияти инъикоси фаъолона мебошад. Маънои ин таъриф чунин шарҳ дорад: Мо акси худро дар об ва оина мебинем. Вақте ки аз назди оина дур шудем, оина дар ҳолати пешинааш боқӣ мемонад. Моро фаромӯш мекунад. Ҳар чизе, ки аз пешаш гузарад, ҳамонро инъикос мекунад. Аз ҳамаи онҳо чизеро дар хотир нигоҳ намедорад. Чаро? Барои он ки оина хотира надорад. Инъикоси вай инъикоси механикӣ ва мурда аст. Худаш ҳам намедонад, ки инъикос мекунад. Чаро ки фикр надорад. Чаро ки фикр кардан наметавонад. Аммо инсон фикр дорад ва фикр кардан метавонад. Инсон чизи инъикос намудаашро дар хотирааш нигоҳ ва онро таҳлил мекунад, тараққӣ ва сайқал медиҳад. Як ҷавон ҳар рӯз дар кӯчаҳои шаҳр садҳо духтарро мебинад, вале фикру хотираи ӯ машғули ҳамон духтарест, ки ӯро аз сидқи дил дӯст медорад. Агар бо забони фалсафӣ гӯем, он ҷавон образи он духтарро дар фикри худ эҷодкорона ва фаъолона инъикос менамояд. Яъне ба он духтар зебоие нисбат медиҳад, ки шояд дар он духтар вуҷуд надошта бошад. Ба ӯ рафтору ахлоқи ҳамидае нисбат медиҳад, ки шояд дар ҳамаи масъалаҳои зиндагӣ аз садҳо духтари гирду атроф болотар ҳисоб мекунад. Ана, ҳамин ситоишҳои муболиғаомези ҷавонро нисбат ба маҳбубаи худ дар фалсафа инъикоси фаъол ва эҷодкорона меноманд. Инсон оламро на танҳо инъикос менамояд, балки тағйир низ медиҳад. Ин аст, ки мегӯем: «Инсон мавҷудест, ки олами ашёҳои гирду атрофи худро ба таври фаъолона инъикос менамояд». Ба умеди он ки масъалаи фикр

барои хонандагони ҷавон равшан шуда бошад, ба мавзӯи кирдор мегузарем.

**<u>Саволи 5:</u> РАФТОР ВА КИРДОР БА ЧӢ МАЪНОСТ?**

Рафтор, кирдор, амал ва феъл ҳама дорои як маъно мебошанд. Рафтори одамӣ рафтори ҳадафнок аст. Барои мақсаде талош мекунад. Аммо рафтори мавҷудоти зиндаи дигар аз қабили ҳайвонот аз рӯи ғариза аст. Ғариза яъне майлу хоҳиши табиӣ, ки дар он ақл дахолат надорад. **Ҳадафнокии рафтори одам натаҷаи фикри ӯст.** Ҳадафи инсонро фикри инсон муайян мекунад. Фикр дар навбати худ давоми мантиқии майлу хоҳишҳои ҷисмонии инсон мебошад. Ҷисми инсон роҳат, лаззат ва осоиш мехоҳад. Фикри инсон барои ҷисми ӯ осоишгоҳ, нозу неъмат ва хӯрокҳои лазиз пешбинӣ мекунад. Дар ин асос ҳамкории афкору кирдор амалӣ мегардад. Баъди он ки ҳамаи хоҳишҳои ҷисмонӣ дар ин дунё амалӣ шуданд, ақл дар пайи орзуи аз ин болотар меафтад. Чаро ки медонад ҷисм миранда аст. Рӯзе аз ҳаракат боз мемонад. Аз ҳамаи лаззатҳои руҳӣ ва моддӣ маҳрум мегардад. Гӯё, ки қариб нест мешавад. Вале ақл ба ин воқеият тан доданӣ нест. Мехоҳад, ки шахсияти инсон ҳамеша зинда ва ҷовидон бошад. Пас ақл дар ин ҳолат чӣ кор мекунад? Дар ин ҳолат аз қобилияти фаъолонаю эҷодкоронаи худ истифода карда, барои одами миранда ҷаҳони доимӣ ва абадӣ ихтироъ менамояд, ки ин ҷаҳонро дар гузашта «биҳишт» меномиданд. Дар ин ҷаҳони биҳиштӣ инсон метавонад ба таври абадӣ аз нозу неъматҳои моддӣ ва маънавӣ лаззат барад. Ҳамин тавр, динҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамаи онҳо як ҳадаф доранд: Барои инсони миранда, зиндагии абадӣ ато кунанд. Ҳар қавму миллате дар асоси собиқаи фарҳангии худ ва бо кӯмаки тахайюл хаёл ва фантазия он ҷаҳони ормонӣ ва ҷовидониро меофаранд. «Он ҷаҳон» ҳам нусхаи ҳамин ҷаҳон аст, вале бо рангу бори муболиғаомез... Дар ин сатҳ аст, ки инсон аз афкор ва кирдори табиии худ бероҳа меравад ва ба олами орзуҳои ширини бебунёд фирефта мегардад. Дар ҳифз ва пойдории ин ҷаҳони ормонӣ, хавф аз мурдан ва табиати танбалу кунду карахти одамӣ саҳми фаровоне дорад. Ҷавонон ин ҳолро камтар эҳсос мекунанд. Вале калонсолон дар сари ҳар қадам онҳоро ҳушдор медиҳанд, ки аз **«ҷодаи савоб»** берун пой

наниҳанд! Вале ҷавонон ба ин ҳушдорҳо камтар таваҷҷӯҳ доранд. Оқибат, ҷавонон дар шакли гуфтор эътирози худро баён медоранд. Агар мавзӯи рафтор равшан шуда бошад, ба мавзӯи гуфтор мепардозем.

## <u>Саволи 6:</u> ГУФТОР ЧИСТ?

Гуфтор, сухан, калом, қавл, калима... як маъноро ифода менамоянд. Ба ақидаи доноёни ҷаҳон сухан нишонаи аз ҳама барҷастаи одамӣ мебошад. Сухани одамӣ дар нисбати садову овозҳои дигар мавҷудоти зинда, воқеан як мӯъҷиза аст. Суханро сеҳр гуфтаанд. Сеҳри ҳалол. Яъне сеҳри ростин ва ҳақиқӣ. Мо одамон майлу хоҳишҳои худро ба воситаи сухан баён медорем. Ба дигарон мушкилоти худро ба воситаи сухан ба миён мегузорем. Нақшаҳоиояндаи худро ба воситаи сухан барои наслҳои баъдина ба мерос мегузорем. Сухан дар ҳаёти ҷавонон мақоми арҷманде дорад. Ҷавонӣ ба табиати худ, майли муболиғакориро меparварад. Чаро ки қувваҳои моддӣ ва маънавии ҷавонон рӯ ба сӯи боло ва оянда нигаронида шудаанд. Калимаҳо дар фаҳмиши ҷавонон илова бар маънои маъмулии худ боз маъниҳои иловагӣ ҳам доранд. Ҳамин маъниҳои «иловагӣ» инъикоси рӯҳи ҷавонӣ мебошанд, ки дар мазмуни калимаҳо ифода гардидааст. Ба воситаи гуфтор мо майлу хоҳишҳои мубҳами дили худро баён медорем. Ҳайвонот ҳам шояд мушкилоте доранд: Аз дард ранҷ мебаранд; Гирифтори беморие мешаванд ва ғайра. Вале ба сабаби надоштани гуфтор ин мушкилот ҳалли худро намеёбад. Ҳамон як мушкилӣ дар олами ҳайвонот асрҳои аср боқӣ мемонад. Вале мо одамон ба сабаби сухан ва гуфтор доштанамон, метавонем мушкилоти худро ба якдигар баён кунем ва бо якдигар кӯмак расонем. Ва дар шакли навишта ва китобҳо барои наслҳои оянда боқӣ гузорем. Ҳамин тавр маҳз гуфтору қавли мо мушкилкушои ҳамешагии мо шуда мемонад. Гуфтор яке аз аслиҳаҳои тавонои илми фалсафа аст. Фалсафа маҳз ба воситаи сухан ва гуфтор розу ниёз ва мушкилоту муаммоҳои зиндагии инсониро мавриди омӯзиш ва баҳсу андеша қарор медиҳад. Дар қисмати лаззатҳои зиндагӣ хоҳем дид, ки сухан ва гуфтор то чӣ андоза барои зиндагии саодатманди инсонӣ муҳим ва зарур будааст.

## <u>Саволи: 7.</u> МАҚОМИ БОЗӢ ДАР ҲАЁТИ ҶАВОНОН АЗ ЧӢ ИБОРАТ АСТ?

Бозӣ аз синни тифлӣ то давраи 20-солагӣ яке аз рукнҳои асосии зиндагии ҷавонон мебошад. Вале баъди 20-солагӣ қонуну қоидаҳои иҷтимоӣ ҷавонро маҷбур месозад, ки ба хотири таъмини зиндагии ояндааш, ҷаҳони зебои бозиро оҳиста-оҳиста тарк кунад. Ҳасрати ин тарки маҷбурӣ дар дили ҷавонон то охири умр боқист... Вале чораи дигаре надоранд. Чаро ки зиндагӣ онҳоро бо панҷаҳои оҳанини худ ҳамвора мефишорад. Рӯҳи озодӣ ва озодагии бозии давраи ҷавониро баъзеҳо дар айёми камол дар шакли осори адабӣ ва ҳунарӣ инкишоф медиҳанд. Вале ин бозии ҳунарӣ аз он лаззатҳо ва саодатҳои бадавӣ ва маъсумонаи кӯдакона маҳрум аст. Зеро дар айёми булуғ ва камол таҳдиди пирӣ ва марг сафои ҷаҳони бозиҳои кӯдакона ва ҷавониро тира мегардонад. Ҳунар, санъат, адабиёт, рассомӣ ва ғайра гӯё мехоҳанд, ки олами саодатманди кӯдакиро аз нав эҳё намоянд. Вале, ҳайҳот ва ҳайҳот! Ин орзу акнун ғайриимкон аст. Аз ин баъд бозиҳои кӯдаконаи мо дар муқобили бозиҳои тақдир ва сарнавишт сафоройӣ ва муқобилият менамоянд. Бозӣ ба ҷангу даҳшат табдил меёбад. Вале мо, одамон аз орзуҳои ширини аввалини худ даст кашиданӣ нестем. Бозӣ ҳамвора давом мекунад. Баъзе аз мо таслими сарнавишт ва тақдир мешавем. Баъзе густохона дар ақидаи ҷавонии худ пофишорӣ мекунем. Баъзе бозиҳои ҷавониро бо бозиҳои тақдир созиш медиҳанд. Баъзеҳо аз ҳарду ноумед шуда, худкушӣ менамоянд… Мебинем, ки бозиҳо дар охир ба ваҳшату даҳшати ҳамагонӣ мубаддал мешаванд… Ин ҳолат дар рӯҳияи ҷавонон таъсире фаромӯшнашуданӣ боқӣ мегузорад. Ҳоло ки ҷавонон аз вуҷуди чунин масъалае огоҳ шудаанд, шахсияти онҳо оҳиста-оҳиста барои истиқболи ин пешомадҳои ногувор омода хоҳад гашт. Ҳадафи мо ҳам аз навиштани ин қисмати савол аз ҳамин иборат буд. Яъне огоҳ намудани ҷавонон аз ин пешомади ҳатмӣ. Мардуми араб мегӯянд, ки «шинохтани мушкилӣ, бо худии худ ниме аз ҳалли онро ташкил медиҳад». Ҳамин тавр мо ҳам ниме аз мушкилиро ҳал намудаем. Ба ин маъно ки аз чӣ иборат будани мушкилиро аниқ ва дақиқ медонем. Ҳамин донистани асли мушкилӣ, ниме аз ҳалли онро

дар бар мегирад. Баъди ин талошҳои печида ва амиқ, барои мо осон хоҳад буд, ки ба дунёи зебо ва бепарвои ханда ворид гардем.

## Саволи 8. ҶАҲОНИ ХАНДА КАДОМ АСТ?

Ханда ба фалсафа чӣ дахл дорад? Намедонам. Аввал бишнавем, ки муҳаққиқон чӣ мегӯянд. Онҳо мегӯянд, ки ханда дар табиат вуҷуд надорад. Кӯҳу саҳро намехандад. Вақте шоири тоҷик мегӯяд, ки: «Шаҳрро дар ханда дидам баъди борон ин саҳар» [Боқӣ Раҳимзода] маънои ханда дар ин шеър маҷозӣ аст. Яъне шаҳр баъди борон аз чангу ғубор пок гашта, босафову ботароват шудааст… Вале дар асл ханда аз мафҳумҳои олами инсонист… Инсон аст, ки механдад! Чаро механдад? Барои он ки ранҷ мекашад! Ибни Сино ҳам мегӯяд, ки ханда хислати хоси инсон буда ва бо ин хислаташ аз ҳайвон фарқ мекунад. Як файласуфи асри XIX гуфтааст, ки «Зиндагӣ ба сари фарзанди одам ин андоза гарон омад, ки аз ранҷ маҷбур шуд, хандаро ихтироъ кунад!» Пас, ханда натиҷаи ранҷу азоб аст… Воқеият чунон аст, ки мо одамон маҷбурем дар доираи қонунҳои оҳанини зиндагӣ бо камоли ҷиддият амал кунем… Вале ин ханда аст, ки моро аз ин зиндони қонунҳо наҷот медиҳад… Баъд чӣ? Баъд моро ба олами ҳазлу шӯхӣ, бозиву хушдилӣ ва хаёлпарастиву бепарвоӣ равона менамояд… Табассуми маъсумонаи кӯдаконро мо ҳама медонем… Хандаҳои ошиқона, қаҳқаҳаҳои базму тӯйҳо ва садҳо навъи ханда… Ҳамаи ин ба ҷои худ дуруст аст… Як муҳаққиқ гуфтааст, ки аз давраи Афлотун то давраи Муҳаммад Иқбол донишмандон 57 таърифи хандаро ба қайд гирифтаанд: хандаи ғолибият, хандаи интиқом, хандаи имтиёз, хандаи таҳқиромез ва ҳамин тавр панҷоҳу ҳафт навъи ханда… Вале, чаро одамӣ механдад? Ҷавоб ин аст, ки одамӣ бар мушкилоти худ механдад. Хандаи инсон чунин маънӣ дорад, ки: «Ман таслим намешавам», «Ман ғалаба хоҳам кард!», «Ин нокомиҳои ман гузарон ва муваққатианд», «Рӯзи ғалаба фаро хоҳад расид!» ва ғайра. Ана, хандаи одамӣ чӣ маъно доштааст. Ҳақ ба ҷавонон аст, ки ҳамеша механданд ва бояд биханданд… Фалсафа ҳам ин шеваро пуштибонӣ мекунад… Дар китобҳои қадим ривояте омадааст, ки гӯё Зардушт аз модар хандон таваллуд шудааст… Ва гӯё мӯъҷизаи

пайғамбарии ӯ маҳз ҳамин ханда будааст. Ва ӯро «Пайғамбари хандон» лақаб додаанд. Ин албатта афсона аст. Лекин ин афсона мехостааст нишон диҳад, ки Зардушт аз ибтидо шахсияте хушбин, нек, озода, далер, хандон ва зиндагипараст будааст. Мардуми мо, ки ворисони ҳақиқии ин фарҳанги бузурги ҳаётпарастанд, дар тиратарин давраҳои таърихӣ ҳам дар лаб табассум ва дар дил шавқу шӯри зиндагӣ доштаанд. Ҷавонони имрӯзаи мо ҳам чунинанд… Ва ҳамеша чунин хоҳанд буд. Чун ин тақозои фитрии фарҳанги баруманди мост…Мо душманонро бо шеъру ханда (сухани рост) куштаем ва мекушем. Шоири тоҷик дуруст фармудааст:

**Тирборон кардани мо кӯшише беҳуда аст,**
**Ҳарки моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!**

**(Лоиқ)**

Ба ҳамин оҳанг боистӣ ба ҷаҳони ишқу муҳаббат дохил шавем, ки фурсатест муносиб.

## <u>Саволи 9:</u> ҶАҲОНИ ИШҚУ ОШИҚӢ КУҶОСТ?

Ҳамин бӯсу канори ҷавонон ишқ аст. Ишқ боз ҳазорҳо таърифи дигар ҳам дорад. Вале таърифи фалсафии ишқ ҷудогона мебошад. Таъриф чунин аст: «Моҳияти ишқ кӯшишест барои барҳам задани танҳоӣ». Ба ин маънӣ инсон дар зиндагӣ аз танҳоӣ ранҷ мекашад. Давои ин танҳоӣ ишқ аст. Масалан, писар ва духтари ҷавон дар дил розу ниёзҳое доранд, ки ба падару модарашон гуфта наметавонанд. Шарм мекунанд. Аммо ба дӯстон ва дугонаҳояшон мегӯянд. Чаро? Зеро ин розҳо махфӣ ва маҳрамона мебошанд. Метарсад, ки ӯро айб мекунанд. Масхара мекунанд. Накӯҳиш мекунанд. Ва ё ҷазо медиҳанд. Ин аст, ки ҷавонон худро танҳо ҳис мекунанд… Ҳамин тавр ба маҳрами роз эҳтиёҷ пайдо менамоянд. Оқибат онро меёбанд. Он маҳрами роз кист? Он ин аст: Духтар барои писар ва писар барои духтар! Ана, ишқ аз ҳамин ҷо оғоз мегардад…

Ишқ чунин амалест, ки ба воситаи он танҳоиро аз зиндагии як шахс дур мекунад... Он шахс хоҳ духтар бошад, хоҳ писар, хоҳ баркамол бошад, хоҳ пир... Дар ишқ, як қисмати ҷисмонӣ ва биологӣ ҳаст, ки ба ҳамаи одамон ва ба ҳамаи синну сол хос аст. Решаи он майлу хоҳишҳои ҷисмонии

инсонҳост, ки аз давраи ҷангалӣ барои мо мерос мондааст. Ва ин мероси хеле арзанда мебошад. Ишқҳои ирфонӣ ва осмонии мо одамон ҳам решаи худро аз ҳамин ишқи ҷисмонӣ мегиранд. Вале дидаю дониста ин реша ва асосро инкор менамоянд. Дар давраи ҷавонӣ, албатта камтар касе ба ин ишқҳои ирфонӣ, тасаввуфӣ, илоҳӣ, худоӣ, осмонӣ, малакутӣ, мовароуттабиӣ, афлотунӣ... майл мекунад. Ишқи ҷавонӣ, ишқи ҳақиқӣ мебошад, ишқҳои ирфонӣ ва осмонӣ сояи ҳамин ишқи ҷавонӣ ҳастанд. Чаро ишқи осмонӣ? Барои он ки инсон аз ишқи заминӣ қонеъ намешавад ва дониста ё надониста орзуи ишқи осмониро ба сифати ишқи алоҳида эҷод менамояд.

Ҷавонон бояд бидонанд, ки ишқи осмонии кӯҳансолон ҳамин ишқи ҷавонии худи онҳост, ки акнун онро аз даст додаанд. Мисли ҷавоне, ки шаб маҳбубаи худро хоб мебинаду ногаҳон аз хоб бедор мешавад... Аз ин бедоршавӣ норизо аст ва боз маротибаи чандум кӯшиш мекунад, ки боз хоб раваду боз ҳамон хобро бубинад... вале бе натиҷа.

Кӯҳансалон ҳам, ки ишқи ҷавониро аз сар гузаронидаанд, вале аз он сер нашудаанд, боз мехоҳанд, ки он айёми ҷавониро аз нав такрор кунанд. Вале ҳайҳот! Хоби ишқу ошиқиашон ба поён расидааст! Вале ба ин воқеият тан намедиҳанд. Ишқро дар шакли нав меофаранд: Дар шакли ишқи ирфонӣ, ишқи илоҳӣ, ишқи сӯфиёна... Ҳамон орзуҳои заминиро мехоҳанд, ки дар осмон амалӣ намоянд... Ин як ҳолати табиӣ аст. Ҳар як ҷавон, ки ба синни пирӣ расид, ин таҷрибаро дар шаклҳои гуногун аз сар мегузаронад... Вале ин таҷрибаи хеле сангин ва талх аст... Ва мо чорае надорем. Ҳеҷ як сухан дар он ҳолат моро тасалло бахшида наметавонад. Аз ноилоҷӣ сабр мекунем... Марг ба ин сабру таҳаммули мо хотима мебахшад. Вале дар айёми ҷавонӣ охири ин қиссаро тасаввур карда наметавонем... ва гумон мекунем, ки ҳамеша ҷавон хоҳем монд! Кошки чунин бошад! Бо ин ибораи охирин мо бо минтақаи тарсу ҳароси зиндагӣ дохил мешавем, ки аввалини онҳо хавф аз нобарорӣ дар зиндагӣ аст.

## Саволи 10. ХАВФ ДАР ЗИНДАГӢ АЗ ЧИСТ?

Хавф ба маънои тарс, ҳарос, ташвиш, изтироб, бим, хатар, таҳдид… аст. Аммо муродифҳои калимаи нокомӣ дар забони

тоҷикӣ аз инҳо иборатанд: нобарорӣ, шикаст хӯрдан, бемуваффақиятӣ, ноумедӣ, бебаҳра, бенасиб, маҳрум, номурод, маъюс…

Бо вуҷуди тавоноии ҷисмӣ ва фикрӣ бисёре аз ҷавонон азояндаи худ дар тарсу ҳаросанд... Донишмандон чунин ақида доранд, ки тарсу ҳарос аз мушкилоти зиндагӣ ба ҳамаи одамон дахл дорад: Ба зану мард, пиру ҷавон, писару духтар... Масалан, кӯдаки хурдсол аз торикии хона метарсаду пирамарди хурофотӣ аз торикии гӯр... Ҷавони бистсола азояндаи зиндагии худ дар ҳарос асту марди баркамол азояндаи фарзандони хеш... Хулоса ҳама метарсанд... Баъзеҳо ин тарсро пинҳон медоранд. Ҳамонҳое, ки тарсро пинҳон медоранд, тарсутар ва заифтаранд... Дурусташ ин аст, ки дар зиндагӣ хавфу хатарҳои гуногун вуҷуд дорад... Ва ин ҳам дуруст аст, ки мо инсонҳо имкониятҳо, истеъдодҳо, чораҳо ва роҳу василаҳои гуногун барои муқобилият намудан дорем... Мо бояд ҷасорат, ҳушёрӣ ва зиракии худро аз даст надиҳем. Он гоҳ хавфу хатари зиндагӣ монеаи роҳи мо шуда наметавонад. Вале бисёриҳо бе ҳеҷ мубориза ва муқобилият таслим мешаванд... Чаро? Барои он ки хаёл мекунанд ба душвориҳо зӯрашон намерасад. Имкониятҳои фикрӣ ва ҷисмии худро хеле ночиз тасаввур мекунанд. Ҳол он ки ин тавр нест. Инсон як мавҷуди фавқулода ҷасур ва тавоно аст. Ба шарте ки ба қудрати худ боварӣ дошта бошад. Эътимод ба худ махсусан, дар давраи ҷавонӣ калиди ҳама гуна комёбиҳо ва пешравиҳо шуда метавонад. Ин аст, ки ҷавонон бояд бидонанд, ки мушкилӣ танҳо барои онҳо нест. Ҳар инсоне дар зиндагӣ мушкилии хоси худро дорад. Ва ҳар шахсе бояд мушкилии шахсии худро бо раҳу василаи хоси худ ҳал намояд. Мушкилиҳо роҳҳои муайяни ҳал надоранд. Дар ҳар давру замоне ҳамон як мушкилӣ шаклу намуди дигар ба худ мегирад. Роҳи ҳалли асосӣ ин аст, ки ба қувваи ақлӣ ва ҷисмии худ такя намуда, ба муқобилият бархезем. Аз калимаи муқобилият наҳаросед. Тамоми зиндагии мо дар ҳамин як калимаи муқобилият таҷассум гардидааст. Мо ҳамеша дар муборизаем.

Бо кӣ? Бо худамон ва бо олами беруна... Бо шакку шубҳаҳои худ, бо ноустувориҳо ва дудилагиҳои худ, бо ақлу

эҳсоси худ, бо ишқу рашки худ, бо майлҳои ақлонӣ ва шаҳвонии худ, бо умеду ноумедиҳои худ... Ҳамеша дар майдони мубориза қарор дорем.

Аммо дар нисбати олами беруна мо мушкилоти аз ин бештар дорем: олами берун бо гарму сарди худ моро таҳдид мекунад... Гардиши шабу рӯз, ҳаракати Офтобу Моҳтоб, тағйироти бардавом, гузашти вақт, гузашти зиндагӣ, гузашти умр, нокомиҳои рӯзафзуни башарӣ дар сатҳи ҷаҳон, ҷангҳо, қаҳтиҳо, заминларза, тӯфонҳои баҳрӣ ва биёбонӣ, куштор, терроризм, нажодпарастӣ, фанатизм, таассуби динӣ ва мазҳабӣ, миллатгароӣ, тоталитаризм, истибдоди сиёсӣ, вабоҳо, бемориҳои муоличанашаванда, маргу мири ҳамагонӣ ва ҳазорҳо мушкилот ва таҳдидҳои дигар... Дар ин ҷаҳони даҳшатбор, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад, онро бо гулу райҳон тасвир кунад, ақлу заковат ва иродаю ҷасорати ҷавонӣ ягона илоҷи ин дардҳо шуда метавонад. Албатта, ҳамаи ин мусибатҳо барои як кас нест. Ҳар касе ҳиссаи худро дорад. Мо бояд аз қудрати худ ноумед набошем. Чаро? Чун то имрӯз бори зиндагиро таҳаммул карда омадаем ва чаро онро минбаъд натавонем таҳаммул кардан? Яъне мо дар мисоли зиндагии наслҳои пешин исбот намудаем, ки қудрати муқобилият дорем ва имрӯзҳо ва минбаъд бояд ин қудрати мо бештар гардад. Ба ин сабаб, ки таҷрибаи таърихии мо ҳар лаҳза зиёда мегардад ва мо барои мубориза омодатар мегардем. Дар сурате ки мушкилот нобино ва якнавохтанд... Онҳо дер тағйир мепазиранд. Дар сурате ки ақли мо ва таҷрибаи мо бо суръати фавқулода ба сӯи пеш равона аст. Дар ин замина бояд гуфт, ки ҷавонон метавонанд ҷасурона ба сӯи ҳадафҳои худ равона шаванд. Ҳадаф аз ҳадаф фарқ дорад. Мо ҷавононро ба сӯи ҳадафҳои солим ҳидоят менамоем. Ҳадафҳои солим кадоманд? Ҳадафи солим он аст, ки барои соҳиби худ ва дигар инсонҳо саодат ва хушбахтӣ оварад. Агар чунин набошад, ҳадаф–ҳадафи солим ва ростин нест. Оянда аз они ҷомеа аст.

## НОМА АЗ ШАҲРИ ҚОҲИРА

Ҷаноби оқои Ҷамшед, ал–муҳтарам. Баъд аз салом. Бозгашти дубораатонро ба ин ҷаҳони одамӣ, самимона табрик мегӯям.

Бозгашти Шумо мужда ва паёми муборак аз корвонҳои рафтаест, ки умрҳо дар дил ин орзуро мепарвариданд. Ва ҳоло ҳам мепарваранд.

Ман, Рамсис Мансур, набераи нависандаи машҳури Миср, Анис Мансур ҳастам. Падарбузургам дар гуфтор ва навиштаҳои худ чизе шабеҳ ба сарнавишти Шумо ва ҳамаи инсонҳоро ҳамвора зикр мекард. Дар бисёр кишварҳо навиштаҳои ӯро иҷозати нашр намедоданд...

Борҳо аз Ӯ шунида ва хонда будам, ки ҷавҳари дини қадимаи мисрии мо орзуи ба абадият расидан будааст. Дар китобҳои таърихӣ ривояте омада, ки чанд ҳазор сол пеш дар ноҳияи Саъид дар шимолии Миср табибон ва файласуфон бо ҳам лаборатория ва озмоишгоҳи илмие таъсис додаанд, ки ҳадафи он иборат аз зинда кардани мурдагон буд. Мо кӯдакон ва наврасони хонавода ин нақлу ривоятҳои падарбузургамонро бо шуру шавқ гӯш мекардем. Ва ӯро саволборон менамудем. Ӯ ҳам бо суханони сода ва одӣ, ки ба дарки мо осон бошад, ба саволҳои мо ҷавоб медод. Гуфт, ки он ду гуруҳи муҳаққиқон дар натиҷаи таҷрибаҳои чандинсола доруи мумиёро аввалин бор кашф ва ихтироъ намудаанд. Номи мумиё шакли вайроншудаи номи маркази озмоишгоҳ–минтақаи Омониум будааст. Дар давоми нақл гуфт, ки мардуми он замон ба ояндаи ин тадқиқот сахт таваҷҷӯҳ доштаанд. Бо шунидани ин хабар қавмҳои ваҳшӣ ва биёбонгарди гирду атрофи Миср бо ҳам муттаҳид шуда, ба ин кишвар ҳуҷум оварданд. Дар натиҷа он озмоишгоҳ ва кормандони онро пароканда ва нести нобуд намуданд.

Гуфтаниҳо бисёр дорам, вале инҷо маҷолаш нест. Бояд саволи худро арз кунам. Ва ҳамзамон ман аспиранти риштаи фалсафаи муосири Шарқ дар университети Қоҳира мебошам. Саволи ман ин аст: “Оё марг ва мурданро ба таври куллӣ барҳам задан имкон дорад ё не?”

**ҶАМШЕД:** Марг ва мурдан дар олами ҳайвонот аввалу анҷоми як раванди биологӣ ва табиӣ аст. Вале ҳайвонот инро дарк намекунанд. Аммо барои Инсон марг даҳшатноктарин ҳодисае аст, ки аз он бузургтарашро хаёл ва фантазияи инсонӣ тасаввур карда наметавонад. Сабаби ин ҳассосияти афсонавӣ ва даҳшатбори инсонӣ дар муқобили марг, маҳз огоҳӣ ва

худшиносии худи ӯст. Инсон агар ба огоҳӣ намерасид, ба мисли ҳайвонот чи будани даҳшати маргро тасаввур карда наметавонист. Маҳз ҳамин худшиносӣ аст, ки боз инсонро барои зиндагии абадӣ ва бемарг водор мекунад. Дилу ҷони ӯро бар зидди марг бармеангезад. Ҳамин талошҳои ҳамешагии инсоният барои ба даст овардани бемаргӣ дину фалсафа ва илму донишро ба вуҷуд овард. Таърихи маънавии башар, ба як маъно, талоше дар роҳи ҷовидонагии ҷисмонии башар буда ва ҳаст. Мояи ифтихор аст, ки донишмандони муосир чандин роҳҳои ба ҷовидонагӣ расидани башарро ихтироъ намудаанд. Аз ҷумла, равиши ҳамсонасозӣ ё худ клонирование. Ҳамин иқдомҳои илмиро яке аз имтиёзҳои асосии асри XXI дар нисбати дигар асрҳо ба шумор овардан ҷоиз аст. Ба ҳукми одат ва анъана, ҳоло ҳам навад дарсади мардуми олам аз марг метарсанд ва ҷои тарс ҳам ҳаст. Чаро ки то имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ намунае аз ин кашфиёт ба намоиш гузошта нашудааст. Чун мардум омодаи қабули чунин кашфиёт нестанд. Вагарна соли 1979 дар ИМА инсонро ва соли 1997 дар Британияи Кабир гӯсфандро аз роҳи лабораторӣ нусхабардорӣ карданд. Яъне як ҳуҷайраи ҷисми гӯсфандро дар лаборатория "парвариш" намуда, баъди чанд моҳе як гӯсфанди зиндаро ба вуҷуд оварданд. Он гӯсфандро Долӣ ном гузоштанд. Долӣ номи муҳаққиқе буд, ки дар лабораторияи худ Долиро парвариш карда буд. Ин гӯсфанд шаш сол умр дид. Инсони муосир сахт бадгумон аст. То чизеро ба чашм набинад, бовар намекунад. Вале далелҳои бисёре дар даст дорем, ки ин масъала сахт мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дорад.

Ҳамаи мардум аз вуҷуди марг ва мурдан ранҷ мебаранд. Пеш аз ҳама, рӯшанфикроне аз қабили Гераклит (535-475 то мелод), Демокрит (460-370 то мелод), Эпикур (341-269 то мелод), Лукретсий (99-55 то мелод), Ибни Ровандӣ (827-911 мелодӣ), Закариёи Розӣ (865-925 мелодӣ), Ибни Сино (980-1037 мелодӣ), Умари Хайём (1048-1131 мелодӣ), Нитше (1844-1900 мелодӣ), Фёдоров (1829-1903 мелодӣ), Достоевский (1821-1881 мелодӣ), Сартр (1905-1980 мелодӣ), Камю (1913-1960 мелодӣ), Муҳаммад Иқбол (1877-1938 мелодӣ), Содиқ Ҳидоят (1903-1951 мелодӣ), Шуҷоуддини Шифо (1918-2010 мелодӣ), Масъуд Ансорӣ, Садриддин Айнӣ (1878-1954 мелодӣ), Лоиқ

Шералӣ (1941-2000), Тоҳири Абдуҷаббор (1946-2009 мелодӣ) ва бисёр дигарон. Масъала маълум ва ошност. Чӣ тавр бояд мардумро аз маргу мурдан наҷот дод? Вале ҳама аз ин мавзӯъ метарсанд. Садо баланд намекунанд. Ва сукут ихтиёр менамоянд.

Ва боз, пеш аз ҳама, худи рӯшанфикрон аз баҳс сари ин мавзӯъ дар ҳаросанд. Чун роҳи ҳалли илмии ин масъаларо намедонанд. Дар сурате ки мардум ба ин масъала парвое надоранд. Гӯё ин муамморо кайҳо ҳал кардаанд. Бо ин бовар ва эътиқод, ки онҳо (мардум) бо Худои худ аҳду паймон бастаанд, ки дар ивази тоату ибодат, аз қабили намозу рӯза ва ҳаҷ, ба ҷовидонагӣ ва умри абад мерасанд. Вале илму дониши башарӣ ба рӯшанфикрон иҷозат намедиҳад, ки онҳо низ аз пайи мардуми авом бираванд. Пушт ба Офтоб карданро ақлу мантиқ қабул надорад. Ба ҳақиқатҳои зиндагӣ бояд ба чашми бедор нигарист.

Рӯшанфикрони қадим, асрҳои миёна ва ҷаҳони муосир (Лукретсий, Фёдоров ва Камю) нисбат ба маргу мурдани инсон аз мавқеи илму дониш нигоҳ мекарданд. Яъне мухолиф ва муқобил ба ақидаҳои хурофотии мардуми авом буданд. Онҳо даъват мекарданд, ки мушкилоти маргу мурданро бо ёрии илму дониш ҳал кунанд, на аз рӯйи фармоишҳои дину мазҳаб. Навтарин китобҳои илмӣ дар мавзӯи абадият ва ҷовидонагии Инсон «Фалсафаи марг»-и Сергей Рязансев (соли 1994) ва маҷмӯаи 18 олими соҳаҳои гуногун бо номи «Пирӯзии илм бар марг» (соли 2004) мебошанд. Маҷмӯаи «Пирӯзии илм бар марг» аз тарафи Институти Ҷовидонагӣ дар Буенос Айрес нашр шуда, имкониятҳои биологӣ, генетикӣ, ҳамсонасозӣ, наномедитсинаро барои барҳам додани марг нишон медиҳад. Ҳамчунин, дар маҷмӯа ҷиҳатҳои ахлоқӣ, афзоиши аҳолӣ ва дигар мушкилоти вобаста ба ҷовидонагии ҷисми инсон баррасӣ мегарданд.

Китоби Сергей Рязансев – «Фалсафаи марг» дар Петербург чоп шудааст. Дар боби 21-уми ин китоб зери сарлавҳаи «Дар ҷустуҷӯи иксири ҷовидонагӣ» («В поисках эликсира бессмертия») аз 24 (бисту чор) роҳу равиши навин барои расидан ба абадияти ҷисмонӣ ва рӯҳонии Инсон суҳбат мекунад.

Хулосаи китобро бо чанд ҷумла метавон гуфт, ки илми муосир дар арафаи ҳалли масъалаҳои ҷовидонагии ҷисм ва фикри инсон қарор дорад:

Бори дигар ёдовар мешавем, ки дар даврони фиръавнҳои Миср мардум бар ин ақида буданд, ки рӯҳ ҷовидонӣ аст, вале бадан миранда ва нобудшаванда мебошад. Барои ҳалли ин мушкилӣ, файласуфон ва табибони мисрӣ доруи мумиёро кашф карданд. Лабораторияи табибон дар шимолии Миср, дар минтақаи Омониум қарор дошт. Калимаи «мумиё» шакли таҳрифшудаи номи ҳамин ноҳияи «Омониум» мебошад. Мумиёро барои аз нобудӣ нигоҳ доштани бадани Инсон ихтироъ карда буданд. Вале мо дар асри XXI – асри техника ва фановарӣ, ин имкониятро дорем, ки бадани инсонро айнан бо тамоми ҷузъиёташ такрор намоем. Роҳи ҳалли масъалаи ҷисмониро пайдо намудем. Акнун мо ба мушкилии дигар рӯ ба рӯ гардидаем. Чӣ гуна ақлу хиради ҳамин як фарди мушаххасро, ки ҷисмаш сад дар сад ҷисми пешинааш аст, дар бадани нав барқарор намоем? Яъне, мушкилии барқарор намудани шахсияти маънавӣ ва ахлоқии инсон дар ҷисми нав. Мо аз роҳи муҳандисии генетикӣ (генная инжинерия) ҷисм ва бадани Инсонро метавонем бо усули лабораторӣ аз нав такрор намоем. Зеро ҳар як ҳуҷайраи ҷисми зинда дар ядрои худ (ҳастаи ҳуҷайра) ҳамаи ахбор (информатсия)-и генетикиро ҳифз ва нигоҳ медорад. Барои мисол, илми муосир метавонад аз инсони навадсола ҳастаи ҳуҷайраашро гирифта, дар ҳуҷайраи нави беядро парвариш диҳад. Ва баъди гузаштани муддате аз вақт нусхаи Инсони мушаххасро ба вуҷуд биоварад.

Аз марги фиръавнҳо – шоҳони Миср, чаҳор ҳазор сол мегузарад. Ҷисми 17-тои он фиръавнҳо дар музеи шаҳри Қоҳира нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҷисми се нафари онҳо як порча пӯсти баногӯшашон то ҳануз боқист. Мешавад аз ин пӯсти боқимонда ядроашро ҷудо карда, дар ҳуҷайраи нав парвариш кард. Аз ин тариқ ҷисми он фиръавнро пайдо мекунем. Барои мисол ҷисми фиръавни Тутанхамонро.

Ба андешаи олимони муосир, мешавад 20 - 40 нусхаи айнии Тутанхамонро аз ин роҳ ба вуҷуд овард. Мушкилӣ дар ин шакл боқӣ мемонад, ки ин Тутанхамонҳо худашонро

намешиносанд. Дар сурате ки бадан ҳамон бадани пешина аст, вале ақлу тамиз ва ахлоқи пешинаашро аз куҷо пайдо кунем? Ҷавоби ин саволро имрӯзҳо фарзияи донишманди машҳури рус П.К. Анохин (1898 - 1974) медиҳад.

Ба ақидаи ин олим дар нусхаҳои нави бадани Тутанхамон ҷаҳони маънавии ӯ – ақл, хирад, характер, одоб, ахлоқ ва ғайра ба таври ирсӣ -генетикӣ нигоҳ дошта шудааст. Бо гузашти андаке замон ва кӯмакҳои тиббӣ-психологӣ оқибат Тутанхамон худро мешиносад. Ин аст, ки ба ақидаи муҳаққиқони ин соҳа масъалаи маргу мурдан ҳал мешавад ва дигар касе аз мурдан наметарсад.

Мо мегӯем, ки вазифаи рӯшанфикрон аз он иборат аст, ки мардуми ҷаҳонро ба қабули зиндагии ҷовидонӣ омода кунанд. Ба ҳалли ин масъала мушкилии ҳамаи инсоният ҳалли ниҳоии худро меёбад, ки Ибни Сино дар як рубоияш гуфтааст:

**...Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал!**

## НОМА АЗ КИШВАРИ КАНАДА

Бо арзи салом ба мистер Ҷамшед ва инро гуфтанӣ ҳастам, ки ман устоди фалсафаи муосир дар яке аз донишгоҳҳои кишвари Канада мебошам. Номам Ҷон Лесли аст. Дар робита бо хабарҳое, ки дар бораи Шумо аз интернет хондам, пурсиданӣ ҳастам, ки: "Баъди ин таҷрибаи илмие, ки аз сари Шумо гузашт, рисолати равшанфикрони ҷаҳон дар оянда аз чӣ иборат хоҳад буд? "

P.S. Иловаи баъд аз таҳрир.



**Ҷон Леслӣ–файласуфи машҳури Канада ва муаллифи китобҳои: "Арзишҳо ва вуҷуд" ва "Дифоъ аз абадияти Инсон".**

**Шояд аз 8 миллиард сокини имрӯзаи рӯи замин як ё ду миллиардаш идеяи бозгаштро қабул кунад. Бо 6 миллиарди дигар чӣ бояд кард? Дар сурате ки лаҷоми ин 6 миллиард дар дасти рӯҳониён ва сиёсатмадорон аст, ки ба хотири манфиатҳои гуруҳии худ ин**

**идеяро ба ҳеҷ сурат қабул нахоҳанд кард. Дар ин вазъият оё андеша ва оянданигарии илмии донишмандон ва муҳаққиқони идеяи бозгашт ба инобат гирифта мешавад ё не? Ман фикр мекунам, ки ин мардум аз ғафлати маънавӣ ва танбалии ҷисмие, ки доранд, зиндагии дубораи дунёиро ҳам қабул нахоҳанд кард. Биҳишти хаёлӣ ва осону муфти осмонӣ ба табиат ва фитрати кунду карахти онҳо мувофиқтар ва созгортар аст. Ман пешниҳод мекунам, ки амалӣ намудани идеяи бозгаштро ба муддати 200 соли дигар ба таъхир андозанд. Ин назари шахсии ман аст. Ва ин назарро ба касе таҳмил карданӣ нестам! Бо салом ва эҳтироми муҷаддад, Ҷон Леслӣ.**

**ҶАМШЕД:** Дар ҳамаи давру замонҳои таърихи гузашта рӯшанфикрони ҳақиқӣ ва асил виҷдони қавму миллати худ буданд. Ҷаҳонбинии ин озодандешон ҳамеша як ҷаҳонбинии илмӣ ва дигарандешӣ (алтернативӣ) буда, ба муқобили хурофоти авомонаи ҷомеа нигаронида шудааст. Рӯшанфикр дар ҷомеаи худ ҳамеша танҳост. Вале ба хотири манфиати ҳамаи мардум ҷаҳду талош менамояд. Мардум ба ӯ рӯйи хуш нишон намедиҳанд. Чунки равшанфикр бо андешаҳои бедоркунандаи худ «хоби ширин»-и мардуми ғофилро парешон мекунад. Дар воқеъ, зиндагии маъмулии одамӣ ниёз ба огоҳӣ дорад. Чароки моро дар ин саҳрои нопайдоканори Олами вуҷуд хатарҳо ва мусибатҳои даҳшатбори эҳтимолие иҳота кардаанд. Рӯшанфикрон он фардҳои ҷомеаи худ мебошанд, ки аз вуҷуди ин хатарҳо огоҳӣ пайдо намудаанд. Онҳо аз рӯи масъулияти таърихӣ ва виҷдонии худ маҷбуранд, ки барои огоҳ намудани мардум садо баланд кунанд. Ва чунин ҳам кардаанд. Аммо касоне, ки ба хурофоти авом созиш ва муросо мекунанд, озодандешони ҳақиқӣ нестанд. Онҳо озодандешони дурӯғин, сохта, замонасоз, фурсатталаб, шуҳратпараст, мансабталош ва гирифтори бемории равонии худбузургбинӣ (мания величия) мебошанд. Ин рӯшанфикрони дурӯғин аз роҳи реформа ва ислоҳоти қалбакии дин ва сиёсат барои мардум хизмати хирсона намуда, умри дину хурофот ва истибдодро боз ҳам дарозтар мекунанд ва бар мушкилоти ҷомеаи башарӣ боз мушкилоти нав ба нав илова менамоянд. Ин аст ки мо бояд ҳамеша ба суханон ва навиштаҳои

рӯшанфикрони асил ва ростин таваҷҷӯҳ дошта бошем. Чун қоида навоварӣ ҳамеша иборат аз ҷаҳонбинии нав аст. Илм, адабиёт ва сиёсат аз ҳисоби ин ҷаҳонбинии нав муҳтавои худро нав ва рангоранг мегардониданд. Мисол: Фарҳанги ориёӣ дар симои Ҷамшеди пешдодӣ, (яъне дар симои ман!) ки тақрибан 8 ҳазор сол пеш аз замони мо зистааст, аз Инсони озод, хирадманд, соҳибназар, парастандаи Замин ва Ҳаёт ҳимоят кард. Он замон барои амалӣ шудани ин ғояҳо муносиб ва созгор набуд. Қудратҳои ҷангалӣ ва харобкор ба неруҳои созандаи инсонӣ ғалаба карда буданд. Барои ҷуброни ин шикаст Зардушт чун паёмбар ба миён омад. Зардушт нақшаҳои заминии Ҷамшедро ба Осмон кӯчонд. Хост, ки ба ёрӣ ва кӯмаки қувваҳои илоҳӣ ва ғайриинсонӣ он идеяҳо ва ғояҳои заминии ҷамшедиро амалӣ намояд. Вале натавонист. Аз ин гузашта, нақшаҳо ва ғояҳои Ҷамшедро таҳриф кард. Дар ҳақи Ҷамшед суханҳои носазо гуфт. Ин гуфторҳои Зардушт дар китоби «Авесто» зикр шудаанд.

Инқилоби динии Зардушт ҳам шикаст хурд. Зеро ба талаботи зиндагӣ ва замон тоб наовард. Таассуби динӣ нисбат ба илм, мухолифати меҳробу минбар, зиддияти диндорон ва сиёсатмадорон ва ҷудоии табақотии ҷомеаи зардуштӣ дини ин паёмбарро ба бунбаст кашонид. Оқибат биёбонгардоне аз Арабистон ин империя ва идеологияи тоталитарии пӯсидаро аз байн бурданд.

Аз ин гузашта Зардушт барои мардуми зиндагидӯсти ориёӣ истилоҳот ва мафҳумҳои хурофотӣ овард: Дӯзах, Биҳишт, Пули Чинвот (Сирот), Аъроф, Малоика, Растохез, Аҳурамаздо, Аҳриман… Бо ин андешаи дуалистии динӣ ва хурофотии худ ваҳдат ва ягонагии зиндагии инсониро дар Замин халалдор намуд. Адабиёт ва фарҳанги ориёиро ба ин мавзӯъҳои бебунёд андармон кард. Мавзӯъҳои хушки динӣ ва хурофотӣ. Кӯшишҳои баъдинаи эҳёи зардуштӣ натиҷае надод.

Дар асри XXI қавмҳои ориёӣ ва ғайриориёиро зарур аст, ки ба асли хеш, ба идеяҳо ва ғояҳои инсонпарваронаи Ҷамшед баргарданд. «Бозгашт ба асли хеш» барои мо маҳз ҳамин бозгашт ба идеология ва фарҳанги ҷамшедиро дар назар дорад. Асосҳои ин ғоя дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (940-1020) дар боби «Подшоҳии Ҷамшед» омадааст. Равшанфикрони

эронӣ, ки берун аз Эрон иқомат доранд, соли 2000-и мелодӣ ин «бозгашт»-ро дар шакли «мубориза ба муқобили хурофот» оғоз намуданд. Нашрияе, ки ин ғояҳоро тарғиб мекунад, «Бедорӣ» ном дорад. Дар оянда барои рӯшанфикр, олим, адиб ва роҳбари сиёсӣ салоҳи кор дар он аст, ки бо ҳам ҳамкории самимӣ ва содиқона дошта бошанд. Ба ин сабабҳо: Рӯшанфикр ба пуштибонии олимон, адибон ва роҳбарони сиёсӣ ниёз дорад. Чароки ҳамаи онҳо ҳадафи муштарак доранд. Ин ҳадаф ободии ҷомеаи башарӣ аст. Рӯшанфикри асри XX дар бунбасти сиёсӣ ва динӣ қарор дошт. Рӯҳониён ва сиёсатмадорон бар ӯ фишор ворид мекарданд. Дар пушти ин рӯҳониён ва сиёсатмадорон мардуми ноогоҳ, бесавод ва хурофотӣ қарор доштанд.

Рӯҳониён ва сиёсатмадорон, лидерҳо, роҳбарони мардуми бесаводанд. Мардум шабеҳи як сел ва тӯфони бебанду бор аст. Идорашаванда нест. Чаро ки аз воқеияти зиндагии худ ва дигарон тасаввури дақиқ ва воқеӣ надоранд. Бо категорияҳо ва мафҳумҳои хурофотӣ ва хаёлпарастона фикр мекунанд. Аз фаҳмиши илмӣ ва воқеии ҳодисаҳо фарсангҳо дуранд. Сухани ҷиддӣ ва илмиро қабул карда наметавонанд. Ба хотири ваъдаҳои кӯдакона дилу димоғи худро хуш нигоҳ медоранд. Ин ваъдаҳоро ба авом рӯҳониён ва сиёсатмадорон медиҳанд. Чароки аз нигоҳи равоншиносӣ (психологӣ) ҳам рӯҳонӣ ва ҳам сиёсатмадор шахсиятҳои худпараст ва ҳангоматалаб мебошанд. Унсурҳои асосии андешаи онҳоро хаёл, орзу, шуҳрат, худнамоӣ, бузургманишӣ ва дигар баландпарвозиҳои бепоя ташкил медиҳанд. Ин аст ки рӯҳониҳо ва сиёсатмадорон дар таърих ҳамеша (ва ҳоло ҳам) ба рӯшанфикр, олим, адиб ва ҳунарманд муносибати содиқона ва ростин надоштаанд. Дар натиҷа, ҳар ҷомеае дар таърих ба ду қутб ҷудо шуда буд: Якум, авом бо сарварии рӯҳонӣ ва сиёсатмадор; дувум, фарҳангиён бо сарварии файласуфон, олимон, адибон, ҳунармандон ва дигар шахсиятҳои худогоҳи ҷомеа. Дар асри XXI бояд ин гурӯҳбандӣ барҳам дода шавад. Набояд ҷомеаро аз рӯи ақидаҳои хурофотии рӯҳониён ва нақшаҳои моҷароҷӯёнаи сиёсатмадорон ба танзим даровард. Балки роҳи дуруст ва илмӣ бояд пеш гирем, яъне ҷомеаи асри XXI-ро аз рӯи барномаҳои муштараки файласуфон, равоншиносон

(психологҳо) ва ҷомеашиносон сомон бахшем. Таърих гувоҳ аст, ки рӯҳониён ва сиёсатмадорон аз гумроҳӣ ва нодонии мардуми авом сахт сӯистифода намудаанд. Бо дастгирӣ ва дахолати ин мардуми ноогоҳ, беҳтарин намояндаҳои содиқи илму донишро ба нобудӣ маҳкум намудаанд. Рӯҳониён ва сиёсатмадорон ду гурӯҳи иҷтимоии бесамар ва безурётанд. Ҳарчанд ки зоҳиран зарурӣ менамоянд, барои ҷомеа чизе «истеҳсол» намекунанд. Асли масъала ин аст, ки ин ду гурӯҳи иҷтимоӣ бо сеҳру ҷодуи қудрат, ҳокимият, сарват, шуҳрати сатҳӣ ва муфт ба доми худфиребӣ афтодаанд. Ин орзу ва сеҳру ҷодуи қудрат аст, ки харгӯш ва рӯбоҳ хобҳои «шерона» мебинанд. Бо шикасти идеологияи истибдодӣ ва тоталитарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ин ду гурӯҳ ҳам батадриҷ ҷойгоҳи лоиқ ва сазовори худро соҳиб мешаванд. Идея ва ғояи қудраталабӣ аз боқимондаҳои зиндагонии аҷдоди ҷангалии мост. Бисёре аз осори он дар вуҷуди наслҳои имрӯза ҳам боқист. Муаррихи машҳури англис Арнолд Тойнбӣ (1889 - 1975) мегӯяд, ки мутамаддинтарин инсони Аврупои имрӯза дар чеҳраи худ 9 (нӯҳ) ниқоб дорад. Агар ин нӯҳ ниқобро аз рӯи ӯ бардорем, чеҳраи шимпанзе ва ё орангутанро хоҳем дид! Рӯҳонӣ фирефтаи қудрати мутлақи Худои худ асту сиёсатмадор мағрур аз пуштибонии мардуми нодон ва хушомадҳои дарбориён!

Оё равшантар аз ин мешавад ин масъалаи печида ва мураккабро бозгӯ намуд?

Таълими илму дониш дар асри XXI тавре мешавад, ки ҳамаи табақаҳо, гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаро дар сатҳи ҷаҳон фаро мегирад. Бо расидани огоҳӣ ба доираҳои васеи мардум, рӯҳи худшиносии онҳо бедор мешавад ва дар таъйини сарнавишти худ ва ҷомеаи худ роҳро аз чоҳ фарқ мекунанд. Он гоҳ аст, ки метавон гуфт: Инсоният бо ҳамаи қавму миллатҳо ва гурӯҳҳои мухталифи худ бо ҳадафи муштарак ва ягонаи зиндагисоз ба сӯйи ояндаи дурахшон раҳсипор мегардад.

**(Симпозиумҳо, конфронсҳо ва радду бадали номаҳо ба муносибати бозгашти дубораи Ҷамшед ҳоло ҳам давом дорад...)**

**Баҳори соли 2001,**
**шаҳри Душанбе**

ꙮ

# ОЁ ТОҶИКОН ФАЛСАФАИ МИЛЛӢ ДОРАНД? (ТАҲҚИҚ)

Хулосаи баҳси мо дар мавзӯи: «Фалсафаи асили халқи тоҷик кадом аст?» иборат аз ин нукта мебошад, ки фалсафаи асили халқи тоҷикро фалсафаи дуализм ташкил медиҳад. Бо ин чанд далел:

**Якум:** Дуализм ҷаҳонбинии фалсафиест, ки падидаҳои оламу одамро дар саҳнаи вуҷуд ҳамеша дар таҳаввулу тағйирот мебинад. Дуализм ба забони фаҳмо ва таъбире равшан ба маънои ҳамкорӣ ва ҳамзистии одам бо олам аст. Яъне ин фалсафа ду асоси реалӣ дорад: Якум: Ҷаҳон; Дуюм: Инсон; Шарти асосии вуҷуди чунин фалсафае вуҷуди Инсон аст. То вақте ки дар Кайҳон Инсони оқил вуҷуд надошт, фалсафаи дуалистӣ ҳам пайдо нагардид. Инсон ба вуҷуд омад ва фалсафаи дуалистӣ ҳам зуҳур намуд. Бо нест шудани одамӣ аз саҳнаи вуҷуд, фалсафаи дуалистӣ низ аз байн меравад.

Фалсафаи дуалистӣ дар бомдоди зиндагии башарӣ дар ҳамаи таълимотҳои қавму миллатҳои ҷаҳон каму беш вуҷуд дошт. Вале дар минтақаи Ориё (Эронвиҷ) ба сабабҳои муайяни ҷуғрофӣ, динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фалсафаи дуалистӣ ба шаклу қолаби расмӣ дохил шуд. Дар таърихи минбаъдаи фалсафаи ҷаҳонӣ ин ҷаҳонбинӣ дар шакли дуализми зарвониву зардуштӣ арзи вуҷуд намуд. Дар марҳалаи исломии таърихи фарҳанги мо, фалсафаи дуалистӣ дар шакли пинҳонӣ дар таълимоту ақоиди динӣ, сиёсӣ ва фалсафии монавӣ, маздакӣ, ирфонӣ, тасаввуфӣ, ишроқӣ, шуубӣ, шиӣ, исмоилӣ ва ғайра ҷилвагар гардид.

Ҷавҳари таълимоти дуалистиро Инсон ва ҳаёти заминии Инсон ташкил медиҳад. Инсон, инсоният ва ақл дар фалсафаи дуалистӣ намояндаи Хайр аст. Ҷаҳон ва Кайҳон намояндаи шар мебошанд, зеро ҷаҳони сангу хишт ақлу идрок надорад ва чи будани Хайру шарро намедонад. Дар ин муодила ва муқоиса Инсон дар ҷои аввал меистад. Табиат ва Кайҳон дар ҷои дуюм. Ҳарчанд, ки ҳар се (Инсон, Ҷаҳон, Кайҳон) дар якҷоягӣ, Ҳастии кулро ташкил медиҳанд.

Фалсафаи дуалистӣ аз Эронзамин ба Юнон гузашт. Гераклити юнонӣ онро инкишоф дод. Вале Афлотун онро таҳриф намуда, ба он шаклу симои динӣ ва идеалистӣ дод. Диалектикаи гераклитӣ шакли юнонии дуализми ориёӣ буд.

Аз Юнон ин фалсафа ба олами ислом интиқол ёфт. Дар олами исломӣ фалсафаи дуалистӣ ба таъқиботи шадид гирифтор гардид. Бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилоти воқеӣ ва сохта, фалсафаи дуалистӣ дар шакли ирфону ишроқ пеш рафт. Шахсиятҳое чун: Ҳаллоҷ, Шамси Табрезӣ, Аттор, Саноӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Сӯҳравардӣ, Айнулқузот, Садрои Шерозӣ ва дигарон ба таври огоҳона ва нохудогоҳ онро ривоҷ доданд. Дар ҷаҳони муосир ба таври зимнӣ баъзе ҷилваҳои ин фалсафаро дар эҷодиёти шахсиятҳои фарҳангие чун: Аллома Иқбол, Ихвони Солис, Кадканӣ, Надушан, Маҳдии Муҳаққиқ, Касравӣ, Алии Даштӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Шаҳобуддини Маҷрӯҳ, Халилуллоҳи Халилӣ, Борик Шафеӣ, Нодирпур ва дигарон метавон мушоҳида кард.

**Дуюм:** Дуализм (dualism) ба сифати як биниш, равия, ҷараёни фикрӣ ва мактабу мазҳаби фалсафӣ дар бомдоди рӯзгори инсоният ба вуҷуд омада буд. Вале ба сабаби он ки ҳамеша дар худ сояравшане аз шакку тардид дошт, идеологияҳои дағал ва мутаассиби дунёи қадим ва асрҳои миёна онро напазируфтанд ва ҳамеша дуализмро ҳамчун мактаб ва ҷараёни фалсафии бесубот, ноустувор, машкук, зидди тавҳид ва мухолифи яккахудоӣ мавриди накӯҳиш, фишор ва таъқиб қарор медоданд. Имрӯзҳо (моҳи октябри соли 2001 мелодӣ) вазъи фарҳангии ҷаҳон андаке дигар шудааст. Ҳарчанд ба дуализм, ба мисли пешина таваҷҷӯҳе нест, вале бозёфтҳои илмӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ, инсоншиносӣ (антропологӣ), физикӣ, табиатшиносӣ, мардумшиносӣ ва ғайра шароитеро фароҳам овардаанд, ки хоҳ нохоҳ биниши дуалистиро ба доварӣ металабад. Ҷараёнҳо ва мактабҳои маъруфи пешина аз қабили: идеализм, материализм, монотеизм, пантеизм, теизм, прагматизм, индивидуализм, экзистенсиализм, персонализм ва ғайра наметавонанд печидагиҳои улуми мухталифи фарҳанги муосири ҷаҳонро дар қолабҳои маҳдуд ва танги худ ғунҷоиш диҳанд. Ҳатто илми Худошиносии муосир ҳам рӯ ба сӯи

биниши плюралистӣ (бисёрҳақиқатӣ) дорад. Ин аст, ки ба назари мо зарурияти таваҷҷӯҳ ба мактаби фалсафии дуализм фаро расида аст. Ин тақозои замон ва ниёзи ҷустуҷӯҳои улуми инсоншиносӣ мебошад.

**Сеюм:** Вазъи истилоҳи дуализм [dualism] ба маънои: дугароӣ, ду ҳақиқатӣ, дугавҳарӣ, дуаслӣ, дубунёдӣ ва ғайра дар муқоиса бо дигар истилоҳоти фалсафие аз қабили: идеализм, материализм, пантеизм, позитивизм, монотеизм, прагматизм ва ғайра хеле ноҳамвор ва буҳронӣ аст.

Сабаб ин буд, ки монизми материалистӣ ва идеалистӣ, ки моҳиятан ба дуализм мухолифанд, дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ҳамеша дар симои фалсафаи дуалистӣ душмани ғоявии худро медиданд. Чаро ки монизм дар ҳама шаклҳои худ охири охирон ба ҳимояти Худо ва рӯҳи Мутлақ паноҳ

мебурд. Аммо дуализм, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат аз мақом ва манзалати Инсони заминӣ дифоъ менамуд ва ҳоло ҳам дифоъ менамояд. Ин аст, ки дар баҳсҳои фалсафӣ майдони мубориза дар ихтиёри ҷараёнҳо ва равияҳои монистӣ ва тавҳидӣ буд. Чаро ки аксарияти сокинони кураи Замин ба сабабҳои маълуми таърихӣ аз неъмати илму дониш бебаҳра буданд ва ин нокомии иҷтимоӣ сабабгори равнақу ривоҷи ҷаҳонбиниҳои хурофотӣ мегардид.

**Чаҳорум:** Дар китоби бузурги «Авесто» истилоҳи «дуализм» дар ҳамин шакле, - ки мо имрӯз ин вожаро (калимаро) ба кор мебарем, истеъмол нашуда, балки дар «Готҳо»-и Авесто аз ин мафҳум ба таъбири «ду гавҳари ҳамзод» ном бурдаанд. Дар Ясно, ҳоти 30, фақраи 3 омадааст: «Дар оғоз он ду минуи ҳамзод ва дар андеша ва гуфтор ва кирдор яке нек ва дигаре бад бо якдигар сухан гуфтаанд. Аз он ду некогоҳон ростро баргузидаанд ва дужогоҳон (бадогоҳон) бадро». Ҳамин маънӣ дар Ясно, ҳоти 45, фақраи 2 чунин омадааст:

«Инак сухан мегӯем аз ду мину (гавҳар); дар оғози офариниш Спиндомину он дигаре минуи нопокро чунин гуфт: «На маниш, на омӯзиш, на хирад, на бовар, на гуфтор, на кирдор, на дин ва на равони мо ду мину бо ҳам созгоранд» (Авесто, ҷилди 1 саҳ. 20, нашри Ҷалили Дӯстхоҳ, Теҳрон, 1996). Ин маънӣ бо шаклу таъбирҳои гуногун дар бисёр ҳотҳо

ё сураҳои Авесто омадааст. Дар маҷмӯъ ин ибораҳо ба назари мо далолаткунандаи он ҳастанд, ки нигоҳи фалсафии китоби Авесто ва адабиёти авестоӣ биниш ва дидгоҳи дуалистӣ аст. Дар баҳсҳои таҳқиқӣ ва фалсафии донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ назароте вуҷуд дорад, ки дуализми фалсафии Зардуштро куллан ва ё қисман инкор мекунанд. Мехоҳанд исбот намоянд, ки дини Зардушт ҳам ба мисли дигар диёноти бо ном «осмонӣ» (яҳудият, масеҳият ва ислом) дини тавҳидӣ ва монотеистӣ аст. Вале кашфиётҳои илми таърихи муқоисавии адъён бар он далолат мекунад, ки ҳамагуна дин дар ибтидо аз бисёрхудоии мутлақ бо тадриҷ ба дуализм ва сипас ба монотеизм (тавҳид) расидаанд. Бе шак, дини Зардушт ҳам баъди бисёрхудоии мутлақ ба як ҷаҳонбинии зоҳиран тавҳидӣ, вале ботинан ва дар асл дуалистӣ гироид. Баъдҳо қудратҳои сиёсӣ ва динии давлатҳои сомӣ ақидаҳои монистии динҳои яҳудӣ, масеҳӣ ва исломро бар гардани пайравони диёнати зардуштӣ таҳмил намуданд. Бисёре аз сарчашмаҳои хаттии дини зардуштӣ баъдҳо зери ин фишори ҳамаҷониба ба худ рангу ҷилои тавҳидӣ касб кард. Бисёре аз донишмандони дини зардуштӣ дар марҳалаи исломӣ кӯшиш намуданд, ки аз дини Зардушт як дини тавҳидии ба истилоҳ «осмонӣ» ба вуҷуд биоваранд. Вале ҳақиқат он аст, ки дини Зардушт дорои зоҳире динӣ ва ботине фалсафӣ мебошад. Фалсафааш - фалсафаи дуалистӣ аст. Чаро ки ба қарибӣ аз бисёрхудоии мутлақ берун омада буд. Аксари муҳаққиқони гузашта ва муосири фарҳанги авестоӣ бар ин ақидаанд, ки ҷавҳари таълимоти Зардуштро ҷаҳонбинии дуалистӣ ташкил медиҳад.

**Панҷум:** Муҳаққиқон ва файласуфони Юнони қадим дар осори худ, он ҷо ки сухан дар боби Авесто, Зардушт ва дини зардуштӣ рафтааст, ҳамагӣ аз ин таълимот бо номи таълимоти дуалистӣ ёдоварӣ намудаанд. Дар он айём дар ҷаҳони сиёсат ва фарҳанг ду ҳарифи варзида дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолият доштаанд: яке Эрон ва дигаре Юнон. Бо гувоҳии сарчашмаҳо байни Эрон ва Юнон ҷангҳо, созишҳо ва тамосҳои рангоранги сиёсӣ ва фарҳангӣ борҳо рух додааст. Бисёре аз бузургони илму фарҳанги Юнони қадим нисбат ба фалсафаи Эрони бостон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, шахсан худ ба Эрон рафтаанд. Баъзе аз муаррихон гуфтаанд,

ки ду қутби бузурги фалсафаи Юнон: Афлотун ва Арасту нисбат ба фалсафаи Зардушт таваҷҷӯҳи хосса доштаанд. Ва гӯё Арасту дар ҷавонӣ дар пайравӣ ва ситоиши фалсафаи Зардушт ду рисола таълиф намудааст. Албатта, баъзе аз ин ақоид аз дидгоҳи муҳаққиқони муосир то андозае муболиғаомез ба назар меоянд ва ба таври ниҳоӣ ба исбот нарасидаанд.

Вале вуҷуди чунин ривоёте қатъи назар аз воқеӣ ва ё сохта буданашон, гувоҳи он буда метавонанд, ки фалсафаи бостонии Эрон мавриди таваҷҷӯҳи доираҳои фарҳангии миллатҳо ва давлатҳои он рӯзгор қарор доштааст.

**Шашум:** Дар асрҳои миёнаи исломӣ фалсафа ва ақоиди фирқаҳои дини зардуштиро бо истилоҳоти «санавия» - дутогароӣ, «ас-санавия ал-форсия»-дуализми форсӣ, «ас-санавия ал-ирония» - дутогароии эронӣ ва ғайра ном бурдаанд. Дар ҳар таъбире аз ин таъбирҳо ҳатман калимаи «санавия»-дуализм (дутогароӣ) ҳамроҳ карда шудааст. Осори муҳаққиқони диншинос ва муаррихони фалсафаи асрҳои миёнаи исломӣ аз қабили: Ибни Надим, Абулҳасани Ашъарӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Ибни Қифтӣ ва дигарон борҳо ин истилоҳотро бо сиға ва таъбироти гуногун истифода намудаанд. Хулосаи фикри онҳо ин аст, ки ҷаҳонбинии пайравони Зардушт асосан ва ҳақиқатан санавӣ, яъне дуалистӣ будааст. Илми адёни муосир низ назари муҳаққиқони гузаштаро тасдиқ мекунад.

**Ҳафтум:** Дар таҳқиқотҳои муосири шарқӣ махсусан олами исломӣ роҷеъ ба аслу ҷавҳари фалсафаи қадими мардуми форсу тоҷик ҳамон таъбири асримиёнагии «санавият», яъне: дугароӣ - дуализмро истеъмол менамоянд. Аз китоби «Сайри фалсафа дар Эрон»-и (1908) аллома Муҳаммад Иқбол то ба «Таърихи фикри арабӣ»-и (1966) доктор Умар Фаррухи араб истилоҳи дуализмро чун истилоҳи дақиқ ва эътирофшуда кор фармудаанд. Маънӣ ва мафҳуми истилоҳи «дуализм» дар таҳқиқотҳои муосири урупоӣ ва шӯравӣ нисбатан муфассал ва печида шарҳ ва эзоҳ ёфтааст. Китобҳои асосҳои илми фалсафа, луғатномаҳои фалсафӣ, доират-ул-маорифҳои улуми инсонӣ ва ғайра мувофиқи имконот ва ғунҷоиши барномаҳои худ истилоҳи «дуализм»-ро тафсир ва таҳлил намудаанд.

А-Дар «Энсиклопедияи фалсафӣ»-и шӯравӣ, нашри соли 1983 дар Масква (саҳифаи 78) зери унвони «дуализм» омадааст: «Дуализм аз калимаи лотинии dualis - «дуалис» ба маънии дугонагӣ ё дугароӣ гирифта шуда, таълимоти фалсафиеро меноманд, ки ду мабдаъ, яъне: рӯҳ ва модда, идеалӣ ва метериалиро баробарҳуқуқ мешуморад. Аз ин ду мабдаъ яке ба дигаре тобеъ нест. Ҳарду дар мақоми худ мустақил аст. Дуализм ба монизм мухолиф мебошад. Дуализм ҳамчунин хилофи мабодии монизми материалистӣ ва монизми идеалистӣ аст. Ин ду монизм яке аз мабодиро асоси дигаре ҳисоб мекунад. Истилоҳи «дуализм» аввалин бор дар илми фалсафа аз ҷониби файласуфи олмонӣ Ф.Волф ворид карда шуд. Ба ақидаи ӯ дуализм иборат аз эътирофи ду субстансия (гавҳар) мебошад; Субстансияи моддӣ ва субстансияи рӯҳӣ. Файласуфи фаронсавӣ Декарт ҳам ҳастиро ба ду гавҳар (субстансия) тақсим намуда буд. Якум: Гавҳари фикркунанда (рӯҳ); Дуюм: Гавҳари дарозо (модда); Мафҳуми дуализм ба таълимоти зерин ҳам татбиқ мешавад: дуализми Хайру Шарр дар монавият; дуализми фалсафаи Кант доир ба ҷаҳони табиат ва ҷаҳони озодӣ.

Фалсафаи материализми диалектикӣ дуализмро рад ва инкор мекунад. Материализми диалектикӣ монизми материалистиро эътироф дорад, ки ҳамаи падидаҳои оламро шаклҳои гуногуни зуҳури моддаи мутаҳаррик мешуморад»

Б - Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони демократӣ доир ба масъалаи фалсафаи дуалистӣ пеш аз ҳама бояд аз навиштаҳои профессор Муҳаммад Ҳазратӣ ва донишманди авестошинос Ҳамдами Мӯъминзода ном бурд. Шояд дар адабиёти фалсафии муосири тоҷик муҳаққиқ Ҳамдам Мӯъминзода аввалин шахсе бошад, ки бевосита дар заминаи фалсафаи Зардушт ва ҷараёни дуализм ва таносуби он бо монотеизм изҳори назар кардааст.

В- Дар адабиёти фалсафии муосири хориҷӣ чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб зимни таҳқиқотҳои гуногун доир ба ҷараёни дуализм ва муҳтавои фалсафии истилоҳи он назарияҳои гуногуне изҳор шудааст. Бо вуҷуди ин наметавон гуфт, ки доир ба фалсафаи дуализм таҳқиқи нав ва ҷолибе анҷом гирифта бошад.

Муҳаққиқони урупоӣ чун: Ҷон Ҳерман Рондел, Ҷостус Боклер, Ҷон Луис, Освалд Кулпа, Мери Бойс, Ричард Фрай, Ниберг, Чарлз Дорместетер, Гилднер, Милз, Гейгер, Бенвенист, Ҷексон ... дар ин мавзӯъ осоре таълиф намуда, аз муҳаққиқони муосири Шарқӣ низ чун: Умар Фаррух, Ҷамил Салибо, Абдурраҳмон Бадавӣ, Закариё Иброҳим, Тавфиқ ат-Тавил, Ҳусайн Мурувва, Алӣ Асғари Ҳалабӣ, Абдулкарими Суруш, Алии Шариатӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошим Разӣ. Дориюши Ошурӣ, Фаридуни Ҷунайдӣ, Маҳдии Фаршод, Аллома Муҳаммад Иқбол, Диншоҳи Эронӣ, Муҳаммад Тақӣ Ҷаъфарӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Эҳсон Табарӣ, Саид Содиқи Гавҳарин, Манучеҳри Ҷамолӣ, Саид Хусайни Наср, Саид Нафисӣ, Маҷиди Яктоӣ, Ҷалолуддини Оштиёнӣ, Пури Довуд, Ҳусайни Ваҳидӣ, Қозим Имом, Алии Даштӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ва бисъёр дигарон пиромуни ин мавзӯъ изҳори назар кардаанд.

**Ҳаштум:** Фалсафаи дуалистӣ дар байни мактабҳои дигари фалсафӣ

мақоми ба худ хос дорад. Таҳқиқотҳои муосири улуми фалсафӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки китоби Авесто сарчашмаи асосии аксар фирқаҳои динӣ ва маҳзабҳои фалсафии ҷаҳони қадим будааст. Асрҳои миёна ва олами муосир ҳам нисбат ба фалсафаи Зардушт ва мабдаи дуалистии он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард. Вале баъд аз Авесто ҳеҷ гоҳ фалсафаи дуализм мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифта буд. Ин ду сабаб дошт: Якум: Шикасти сиёсии империяи сосониён, ки дини зардуштӣ дар он дини расмӣ ва давлатӣ ба шумор мерафт;

Дуюм: Мояи илмӣ доштани фалсафаи дуалистӣ, ки ба завқи оммаҳои хурофотии дунёи қадим ва асрҳои миёна созгорӣ надошт. Дар даврони муосир муҳаққиқи араб доктор Тавфиқ ат-Тавил ва дар асри XIX донишманди олмонӣ Освалд Кулпа чунин назар додаанд, ки мактаби дуалистӣ нисбат ба ҳамаи ҷараёнҳои фалсафии дигар ҷолибтар, илмитар, дақиқтар ва ҳаётитар будааст.

Муқоисаи сарчашмаҳои гузашта ва ҳозира бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки истилоҳи дуализм аввалин бор дар шакли фалсафиаш дар «Готҳо»-и Авесто омадааст. Баъдҳо бо

гузашти айём ва ба сабаби аз эътибори сиёсӣ ва динӣ афтодани дини зардуштӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ин истилоҳ аз фалсафа ба ахлоқ интиқол ёфт ва дар шакли Хайру Шар ва неку бад боқӣ монд.

Дар Юнони қадим Анаксагор назариёте шабеҳ ва монанд ба дуализм баён намуда буд. Вале тобишҳои фикрии ӯ бештар ба табиат нигаронида шуда буданд. Дар асрҳои миёнаи масеҳӣ дуализмро дар шакли пайравӣ аз диёнати Монӣ мешинохтанд. Ба монавият гоҳе меҷангиданд ва гоҳе муросо мекарданд.

Дар асрҳои миёнаи исломӣ дуализмро бо истилоҳи «санавият» (дугавҳарӣ) ифода мекарданд. Ин истилоҳ ва ин ақида дар сурати диниаш дар фирқаҳои ифротии аҳли ташайюъ ба муқобили аҳли суннат нигаронида шуда буд. Ин фирқаҳои динӣ аз боби забонӣ ва нажодӣ аксар эрониён ва форсизабонон буданд. Дар доираи равшанфикрӣ бузургтарин файласуфҳои дуалисти асримиёнагӣ, яке Муҳаммад Закариёи Розӣ буд, ки бо «қудамои хамсааш» (панҷ қадим) - и худ олами вуҷудро дар партави ҷаҳонбинии дуалистӣ таҳлил ва тафсир мекард.

**Нуҳум:** Дар дунёи қадим ва асрҳои миёна, ки зимоми маънавиёт ба дасти рӯҳониёни мутаассиб, мардуми авом ва авомфиребон буд, бо номи тавҳид идеологияи куллӣ ва шомиле сохта, ба мисли шутурмурғ дар ҳама ҷо худнамоӣ мекард. Вале дар амал на кори шутурро анҷом дода метавонисту на ҳунари мурғро дошт. Лекин бо вуҷуди ин, ному нишон дошт: монизм; тавҳид; тавҳиди идеалистӣ; модда; идея; Яъне ҳама чиз дар ихтиёраш: ҳам модда ва ҳам рӯҳ! Бо ҳар кадомаш, ки бихоҳад, бозӣ мекунад...худнамоӣ мекунад... риёкорӣ мекунад... фазлфурушӣ мекунад... авомфиребӣ мекунад... фалсафа метарошад... тасаввуф ва ирфон мебофад... Ва боз бисёр чизҳои дигар, ки на дар рӯи заминанду на дар зери осмон! Ана ин буд мақоми тавҳид ва назариёти тавҳидӣ дар дунёи қадим ва асрҳои миёна!

**Даҳум:** Вале дар ҷаҳони имрӯз вазъ андаке дигаргун шудааст. Донишмандон айбу нуқсони мабодӣ ва гавҳарҳои (субстансияҳои) абадиро фош намудаанд. Файласуфон худоҳои тавҳидиро дар ҳолати ҷаниниашон мурда эълом

намудаанд (Ф.Нитше)! Аносири нахустин ва абадиро ҳамроҳ бо худоёнашон аз арши парастиш фаровардаанд. Бояд як интихоби воқеӣ ва асоснок сурат гирад. Ҳама ҷараёнҳои фикрӣ ҳуқуқи иштирок дошта бошанд. Аз ин ҷост, ки мо ба намояндагӣ аз фарҳанги бостонии худ -дуализм- сухан мегӯем.

Чаро дуализм ва маҳз дуализм? Ҷавоб: Якум: Биниш ва ҷаҳоншиносии дуалистӣ аз ибтидо решаи ҳаётӣ дошт. Чаро ки маҳз худи таърих дар ҷодаи дуалистӣ қадам мезад ва дар ибтидо ва пеш аз ҳама худи Одамро ба Олам муқобил гузошт. Таззод байни одам ва олам аввалин падидаи фалсафаи дуалистӣ буд. Дуюм: Дар асри бистум ин тазод ба худ шакли дигар гирифтааст: Ҳастӣ ва Нестӣ! Вале Инсон дар куҷост? Инсон дар қисмати ҳастӣ ба худ панохгоҳ ҷустааст. Ин Инсони асри XX мехоҳад, ки Оламро ба нестӣ ҳавола кунад. Гӯё ин ҳадаф, бозёфт, навоварӣ ва кашфиёте бошад! На, ин ҷо кашфиёте нест: Танҳо бозгаштест ба сӯи сароғоз, худфиребӣ ва хурофот!

**Ёздаҳум:** Таҷрибаҳои талхи рӯзгор қавми ориёиро ба он водор намуд, ки арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии худро дар кӯраи тафсони зиндагӣ озмояд. Ва озмуд. Натиҷае, ки аз ин озмоиш ба даст овард, дуализм ном дошт. Ин натиҷаро бистуяк ҷилд китоби Авесто дар худ сабт кардааст. Пораҳое аз ин китоб то имрӯз боқӣ мондаанд. Ва он пораҳо аз ин маънӣ ҳикоят мекунанд. Ҳикоят мекунанд, ки бунёди ҷаҳони мо дуалистӣ аст. Чаро ки назари дуалистӣ ба воқеияти ҷаҳони ҳақиқӣ (реалӣ) мувофиқтар ва созгортар аст. Дуализми авестоӣ решаи амиқи фалсафӣ дорад. Ибтидои он аз даврони Ҷамшед оғоз гардида буд. Зардушт танҳо ба сифати як пайғамбари ислоҳталаб, ақидаҳои пешинаи бузургони қавми худро ба қолаби дин ва ахлоқи нав даровард. Қолаб нисбатан ҷадид буд, вале мазмун ва муҳтавои онро назариёти устувор ва аз имтиҳони рӯзгор гузаштаи ниёкони қавми ориёӣ ташкил медод. Рӯҳониёни зардуштӣ бештар дар татбиқи ҷанбаҳои догматикии дини худ пофишорӣ менамуданд.

Аз ҷумла назарияи дуалистиро дар бомдоди таърих, ки мардуми ориёӣ ба ҷаҳон нигоҳе воқеъбинона ва реалистӣ доштанд, ба таври возеҳ дарк намуданд, ки масъалаи бузурги одамӣ дар ин олами вуҷуд иборат аз муносибати Одам ва

Олам, Зиндагӣ ва Марг мебошад. Барои ҳалли ин масъалаи асосӣ талошҳо намуданд.

Қавмҳои дигар низ дар саҳнаи таърих зуҳур карданд... Онҳо ҳам масъалаҳои муҳим ва асосии худро доштанд. Мунозираҳо ва мубориза̣ҳо давом карданд. Дар ниқобҳои динӣ, ҷабҳагириҳои ақидатӣ ва нажодӣ амалӣ мегашт. Фалсафа ҳам гоҳ-гоҳе аз вуҷуди хеш дарак медод. Асрҳо паси ҳам сипарӣ шуданд... Акнун дар ибтидои асри бисту якуми мелодӣ ба гузаштаи фикрӣ ва фалсафии худ назаре меандозем. Вале чиро мебинем? Мебинем, ки ибтидои мо аз интиҳоямон хеле фарқ мекунад; Мебинем, ки аз худамон дида мо бегонагонро беҳтар ва хубтар мешиносем... Мебинем, ки мероси фалсафии аҷдодони худро ба куллӣ фаромӯш кардаем... Мебинем, ки аз гузаштаи фарҳангии худ ҳазар мекунем... Дар асрҳои миёнаи исломӣ бисёр аз донишмандони эронинажод кӯшидаанд, ки зардуштиёнро аҳли китоб эълон кунанд ва дини маздоиро дини тавҳидӣ ва яккахудоӣ ба шумор оваранд! Барои чӣ? Барои хушомад задан ба ислом ва идеологияи ҳукмрони замон. Мебинем, ки бо ниқоб гаштану бо ниқоб зистанро одат кардаем ва намехоҳем, ки чеҳраи ҳақиқии моро касе бубинад ва бишносад! Чаро? Барои он ки маҳрумиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии чандсадсола моро гирифтори бемории укдаи худкамбинӣ кардааст. Мебинем, ки боз чандин гирифториҳои дигар моро дар пеш аст, вале мо ба андозаи кофӣ омодаи муқобилият ба онҳо нестем.

Пас, айб ва иштибоҳи фалсафаи дуалистӣ дар чӣ буд? Айбаш дар он буд, ки дар замони худ нисбат ба дигар мактабҳои фикрӣ каму беш воқеъбинона буд. Як муҳаққиқи урупоӣ менависад: «Дар ҳақиқат аҷибу ғариб аст, ки баъди фаъолияти Арнолд Ҷинк (ба соли 1669 мелодӣ) то имрӯз касе аз фалсафаи дуализм дифоъ намекунад. Яъне на дифои ҷиддӣ мекунанду на онро ба таври амиқ ва дақиқ баён медоранд» (Тавфиқ-ут-Тавил. «Асосҳои фалсафа», Қоҳира. 1964, саҳ. 191, ба забони арабӣ).

Гуфтем, ки фалсафаи дуалистӣ дар замони пайдоиши худ каму беш илмӣ буд. Чаро ки инсони ориёӣ тавониста буд худ ва шахсияти худро аз табиат ҷудо ва мустақил тасаввур

намояд. Ҳамин вазъи таърихӣ, биниши фалсафии ӯро густурда кард. Худро шинохт. Инсон мақоми табиатро дарк кард.

Ҳамчунин медид, ки монеъаҳое дар пеш аст: Душманон, бегонагон, ҷаҳл, хурофот, зулм, табиат, сармо, гармо. Инҳоро ҳам донист ва шинохт. Ба ҳамаи ин мухолифини худ як ном дод: Аҳриман! Яъне қувваҳои бадӣ ва харобиовар!

Дар муқобил худро Аҳуромаздо тасаввур мекард! Яъне офаридагори Некӣ ва Хайру адолат! Аз ҳамин ҷо фалсафаи дуалистии қавми ориёӣ оғоз гардид: Ҳам дар фикр ва ҳам дар амал: Дуализм - яъне: Инсон ва Кайҳон; Одам ва Олам; Аҳуромаздо ва Аҳриман; Хайр ва Шарр; Некӣ ва Бадӣ; Зиндагӣ ва Марг; Ҷисм ва Ҷон; Тавҳид ва Ширк; Ваҳдат ва Касрат; Ростӣ ва Дурӯғ; Имон ва Куфр; Кова ва Заҳҳок; Худо ва Шайтон; Ҳақ ва Ботил; Илм ва Ҷаҳл; Озод ва Банда; Ҳастӣ ва Нестӣ; Рушноӣ ва Торикӣ...

Ин аст саргузашти мухтасари фалсафаи ориёӣ - авастоӣ ва зардуштӣ, ки ба забони фалсафӣ онро фалсафаи дуалистӣ меноманд. Ин ибтидои асри бистуяк аст, ки фалсафаи дуалистӣ боз аз нав мавриди таваҷҷӯҳи аҳли илм қарор мегирад. Бошад, ки ворисони ин фалсафа сари ин мавзӯъ ба таври ҷиддӣ биандешанд.

**Хулосаҳои баҳс:**

1–Фалсафа ва фарҳанги Ҳиндустону Чин аз нигоҳи ҷуғрофиёӣ дар гузашта нисбат ба мо дар фосилаи хеле дур қарор доштанд...

2 – Дини яҳудиву насронӣ идеологияи қавми сомӣ буданд.

3 – Ислом дини арабӣ буд…

4 –Илми калом низ идеологияи арабӣ аст.

5 –Фалсафаи машшоъ-фалсафаи юнониён мебошад.

6–Шиа ва исмоилия насабпараст ва арабпараст буданд...Суннат низ тақлиди одатҳои мардуми бадавӣ буд.

7–Танҳо шеър (Фирдавсӣ, Хайём) ва ирфон (Мавлоно) аст, ки тавонистаанд, идеалҳои фалсафаи дуалистии моро то андозае дар худ биғунҷонанд...

8 - Диалектикаи фалсафаи урупоӣ шакли лотинӣ ва юнонии ҳамин дуализми қадимаи халқи тоҷик аст...

9 - Ҳамин истилоҳи «худӣ» ва «бехудии» фалсафаи аллома Муҳаммад Иқбол тарҷумаи ҳозираи истилоҳи «дуализм» аст.

«Худӣ» ба маънои «Шахсияти Инсон» ва «Бехудӣ» ба маънои «Ҷамъият ва табиат», Ваҳдат ва ягонагии «Худӣ» (Инсон) ва «Бехудӣ» (Ҷамъият) ҷавҳари аслии фалсафаи дуалистии моро ташкил медиҳад.

10 - Ба ин савол, ки «Фалсафаи асили халқи тоҷик чӣ ном дорад», мо ҷавоб медиҳем, ки: фалсафаи асили халқи тоҷик - **<u>фалсафаи худӣ</u>** ном дорад. Фалсафаи худӣ аз назари истилоҳӣ тарҷумаи ҳамон ду гавҳари ҳамзод ва азалӣ: Спентомайну ва Ангромайну мебошад.

Спетомайну яъне: Аҳурамаздо, Инсон, некӣ, хайр, зиндагӣ, худӣ, худшиносӣ...

Ангромайну яъне: Аҳриман, табиат, шар, бадӣ, марг, бехудӣ, ғафлат...

Чизи гуфтанӣ ин аст, ки фалсафаи дуалистӣ дар гузашта ва фалсафаи «Худӣ»-и Иқбол дар асри XX имкон наёфтанд, ки ҳақиқати таълимоти худро ошкоро баён намоянд. Бо ҳама даъвоҳое, ки Иқбол дошт:

**Хештанро вонамудан, зиндагист,**
**Зарби худро озмудан, зиндагист!**

Бо як калима, дуализм, ин афзалият додан ба мақоми Инсон ва нигоҳ доштани робитаҳои оқилона бо Олам ва Кайҳон аст.





**Аҳуромаздо** **Аҳриман**

**Аҳуромаздо–худои некиҳо ва Аҳриман–худои бадиҳо аз рӯи як ривояти ориёии қадим дар як вақт аз як модар зода шудаанд. Модари ҳардуи онҳо Зарвон яъне “Замон” ном дошта аст. Ҳарду сурати дар боло омада симои рамзии Аҳуромаздо ва Аҳриман бо чеҳраи инсонӣ тасвир ёфтааст.**

## Сарчашмаҳо:

1. “Ҳикмати Хусравонӣ”. Таълифи Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 2001.
2. Ҳенри Корбен. «Равобити ҳикмати ишроқ ва фалсафаи Эрони бастон». Теҳрон, 1947 (ба забони форсӣ).
3. «Авесто». Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Душанбе, 2001(ба забони тоҷикӣ).
4. Меҳрдоди Баҳор. «Асотири Эрон». Теҳрон, 1974 (ба забони форсӣ).
5. Иқболи Лоҳурӣ. «Сайри фалсафа дар Эрон». Теҳрон 1979, (ба забони форсӣ).
6. Диншоҳи Эронӣ. «Фалсафаи Эрони бостон». Теҳрон, чопи панҷум, 1983 (ба забони форсӣ).
7. «Таъсири фарҳанг ва ҷаҳонбинии эронӣ бар Афлотун». Таълифи Стефан Паноси. Интишороти анҷумани ҳикмат ва фалсафаи Эрон. Теҳрон 1978, (ба забони форсӣ).
8. Комил Бекзода. «Бозгашти Ҷамшед». (Мубоҳисаи Марг бо Зиндагӣ). Маҷаллаи «Шохроҳи Ваҳдат», моҳҳои: апрел-май-июн-июл-август-сентябри соли 2001. Душанбе, 2001, (ба забони тоҷикӣ).
9. Умар Фаррух. «Таърихи фикри арабӣ» Бейрут, 1966. (ба забони арабӣ).
10. Артур Крестенсен. «Маздопарастӣ дар эрони қадим». Теҳрон, 1958, (ба забони форсӣ).
11. Муҳаммад Мӯъин. «Маздиясно ва адаби порсӣ». Теҳрон, 1985, (ба забони форсӣ).
12. Ҳ.С.Ниберг. «Динҳои эрони бостон». Теҳрон, 1981, (ба забони форсӣ).
13. Алиасғари Ҳалабӣ. «Таърихи фалсафаи эронӣ». Интишороти Заввор. Теҳрон, 1973 (ба забони форсӣ).
14. Маҳдии Фаршод. «Ирфони эронӣ ва ҷаҳонбинии системӣ». Бунёди Нишопур, 1368-1990, (ба забони форсӣ).

**20 сентябри соли 2002**

## Боби дуюм

## ФАЛСАФА ВА ТАЪРИХИ РАВШАНФИКРӢ

- Заминаҳои худшиносии тоҷикон пеш аз ислом.
- Шуубияи фалсафӣ. (Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ).
- Абуҳайёни Тавҳидӣ–равшанфикри Шероз.
- Абулқосими Фирдавсӣ ва шуубиён.
- Бузургӣ чист ва бузургон кистанд?

# ЗАМИНАҲОИ ХУДШИНОСИИ ТОҶИКОН ПЕШ АЗ ИСЛОМ

«Шуубия» ба сифати як истилоҳи таърихӣ-фарҳангӣ дар аввали аҳди ислом ба вуҷуд омад. Барои равшан шудани решаҳои таърихӣ, ғоявӣ, миллӣ ва фарҳангии шуубия зарур аст, ки решаҳои ин ҳаракатро дар марҳалаҳои таърихии пеш аз исломӣ ҷустуҷӯ ва баррасӣ намоем. Сарфи назар кардани ин заминаи таърихӣ, мавзӯи асосии мавриди баҳси моро печида ва мураккаб хоҳад кард.

Баҳси ин боб шомили методологияи таърихӣ-муқоисавӣ буда, вазифае, ки дар назди хеш гузоштем, пайгирии худшиносии миллӣ аз қадимтарин замон то охири давраи Сомониён дар асоси навтарин таҳқиқоти донишмандони муосири шарқу ғарб мебошад. Зимни баёни ҳамин матлаб маълумоти таърихӣ дар муқоиса бо фарҳанги дигари ҷаҳон мавриди муқоиса қарор хоҳад гирифт, **зеро миллат ва ғояи миллӣ яке аз рукнҳои асосии ҷаҳонбинии таърихии ин ё он қавмро ташкил медиҳад.**

Дар воқеъ, баъзе идеологияҳои сиёсии асри XX ба мисли фашизму натсизм ғояи миллиро ба ҳадди ифрот мерасониданд, баъзеи дигарашон монанди идеологияи коммунистӣ дар кишварҳои сотсиалистӣ ба миллат ва ғояи миллӣ ба чашми камбинӣ менигаристанд. Мо кӯшиш дорем, ки ба ифроткориҳои идеологӣ фирефта нашуда, масъалаи ҳассоси иҷтимоию фарҳангиро бо диди воқеъбинона ва аз назари таърихӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳем.

Фарҳанги халқи тоҷик аз қадим то имрӯз ду рукни асосӣ доштааст: яке ғояи худшиносии миллӣ, ки асосгузораш Ҷамшед писари Вивангаҳон буд ва дигаре ғояи худшиносии динӣ, ки асосгузораш Зардушт писари Спитамон аст.

Ин ду ғоя дар тӯли таърих бо ҳам дар рақобати гоҳ пинҳону гоҳ ошкор будаанд ва ҳоло ҳам дар ин рақобат қарор доранд. Барои нишон додани ҳамин масъала ба таври хеле мухтасар фаъолияти миллӣ ва динии Ҷамшед ва Зардуштро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

## §1. Пешинаи тафаккури фалсафӣ, равшанфикрӣ ва худшиносӣ дар Осиёи Миёна ва Эрони бостон

Чаро баъди ислом байрақи равшанфикрӣ ва озодандешӣ маҳз дар дасти мардуми форс-тоҷик буд? Барои шинохти воқеӣ ва илмии ин масъала бояд ба заминаҳои пешинаи ин андеша муроҷиат кунем.

Аз куҳантарин замонҳои таърихӣ, дар Эрон фалсафа ба маънии диде дар бораи ҷаҳони ҳастӣ ва оғозу анҷоми мавҷудот вуҷуд доштааст.[1] Маълум аст, ки дар аҳди бостон назарияҳои фалсафӣ аз тафаккуроти динӣ ҷудо набуд. Аз назаргоҳи таълимоти зардуштӣ, ҷаҳони маҳсус (воқеӣ) таҳти султаи ҷаҳони нуронӣ ва малакутӣ қарор гирифта ва барои ҳар навъе аз вуҷуд дар ин олам ҳомӣ ва нигаҳбон ё худ раббуннавъе дар олами фаришта (олами мисол ё фраваҳар) мавҷуд аст. Асоси тафаккури зардуштиро набарди байни ду неруи некӣ ва бадӣ ва пирӯзии ниҳоии қувваи некӣ - Аҳуромаздо бар неруи аҳриманӣ ташкил медиҳад. Ин набард то ба итмом расидани як сикли кайҳонӣ, ки баробар ба 12 ҳазор сол аст, идома пайдо хоҳад кард. Дар ин давра он чи дорои аҳамият аст, ҳамон таҳлили воқеъияти ин олам ба ду асли нуру зулмат ва идораи умури ин ҷаҳони гетӣ ба василаи фариштагони олами минойӣ мебошад. Ин ду асл аст, ки ҳакимони ишроқии давраи исломӣ онро асоси назариёти ҳукамои паҳлавӣ ё хусравонӣ шумурда, нуру зулматро ба вуҷуду моҳият таъбир кардаанд ва олами фариштагонро ҳамон силсилаи тӯлию арзии анвори муҷаррад донистанд. Гарчи аз лиҳози таърихӣ исботи ҳувияти дақиқи ҳакимони бостонии Эрон, ки номи баъзе аз онҳо монанди Каюмарс, Фаридун, Кайхусрав ва Ҷомосп[2] дар афсонаҳои миллӣ боқӣ мондааст, мақдури исбот намебошад, лекин шакке нест, ки дар Осиёи миёна ва Эрони бостон мактаби бисёр қадимӣ дар ҳикмат вуҷуд дошта ва ҳатто дар баъзе мавридҳо дар афкори халқу миллатҳои ҳамҷавор (монанди анҷумани махфии Орфей дар Юнон, ки сарчашмаи пайдоиши тафаккури фалсафӣ ва ирфонии пифагориён аст), асаре аз худ ба ҷо гузоштааст.

---

[1] Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон. Теҳрон, 2009.-С.21-23.
[2]Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 2004.-С.335-365.

Ақидаи Форобӣ мубтанӣ бар ин ки фалсафа дар ибтидо аз Эрону Бобул ба Юнон рафт ва ба назари Сӯҳравардӣ, роҷеъ ба он ки фалсафа дар асл мактабе воҳиде буда, баъдан ба ду шӯъба тақсим ёфт, яке дар Юнон қарор гирифт ва дигаре дар Эрон нашъунамо кард, чандон аз ҳақиқат дур нест.[3]

Албатта, агар мақсуд аз фалсафа як дастгоҳи сирфан истидлолӣ ва комилан ҷудо аз дину ирфон бошад, бояд Юнонро ихтироъкунандаи он донист. Лекин фалсафа ё ҳикмат бо маънии куллӣ иборат аз маърифати ҳақоиқи ашёст ва назари муайян дар бораи мабдаъ ва маъод ва аслу сарнавишти мавҷудотро дар бар мегирад. Ба ин маънӣ, он дар Эрони бостон вуҷуд дошта, дар заминаи маърифати олами малакут ва эътиқод ба ин ки ин олами маҳсус (воқеӣ)-ро мавҷудоти муҷарраду нуронӣ аз ҷаҳони боло идора мекунад, назарияи бисёр муҳиме матраҳ шудааст, ки нуфузи он ҳамвора дар мазоҳиб ва фирқаҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ баръало ҳувайдост.

Дар наҳзатҳои баъдии динӣ дар Осиёи миёнаву Эрони бостон, ки муҳимтарини онҳо меҳрпарастӣ ва монавият мебошад, як ҷаҳонбинии куллӣ нуҳуфта аст, ки аз лиҳози фалсафӣ дорои аҳамияти фаровон мебошад. Дар меҳрпарастӣ омезише аз афкори оини маздопарастӣ ва ситорапарастии бобулӣ ва фалсафию оини юнонӣ мушоҳида мешавад, ки заминаро барои нуфузи афкори шарқӣ дар Мағрибзамин ва баракс, нуфузи бархе ақоиди юнонӣ дар Машриқзаминро омода сохт ва низ мардумшиносӣ ва ҷаҳоншиносии диниеро ба вуҷуд овард, ки дар афкори бисёре аз мактабҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ дар Шарқу Ғарб таъсири босазо дошт. Ин таъсирро махсусан дар оини меҳрпарастӣ дидан мумкин аст, ки бо суръати фаровоне дар сарзамини императории Рум густариш ёфт ва ба василаи сарбозони Румӣ бо дуртарин билоди Мағрибзамин сафар кард.

Монавият низ як ҷаҳоншиносии ирфониро дар бар дошт ва оламро ба сурати зиндоне медид, ки зарраҳои нур, ки аз олами боло сарчашма гирифта аст, дар он маҳбус шуда ва инсон фақат ба василаи тарбия ва такомули рӯҳ, аз ин олам

---

[3]Ҳамон ҷо. саҳ.14-27.

наҷот меёбад[4]. Назари монавиён дар бораи ин ҷаҳон, ки онро аҳриманӣ медонистанд, боби навине дар мактабҳои динӣ ва фалсафии баъдӣ кушод ва ҷӣ басо наҳзатҳое, ки аз ғарби Чин то ҷануби Франсия густариш ёфтанд ва маъмулан мухолиф бо адёни расмӣ, монанди масеҳият ва кеши будоӣ буданд ва афкори онон аз таълимоти монавӣ сарчашма гирифта буд. Монавия дар айни ҳол ки баъзе афкори ирфониро дар ҷаҳонбинии худ ғунҷонида буд, дар саҳнаи таърих бештар ба сурати муқобилу мухолифи фалсафаҳои динӣ ҷилвагар шуд ва бо вуҷуди баъзе мутаффакирон (аз қабили Августини қадис дар Мағрибзамин ва бархе аз мутаффакирони исмоилия дар ҷаҳони исломӣ)-ро таҳти нуфуз қарор доданаш, бо мухолифати онон низ рӯ ба рӯ шуд ва дар асрҳои миёна фалсафаи монавӣ ба сурати фалсафаи аҳриманӣ ҷилва ёфт.

Дар домони мазҳаби зардуштӣ низ, наҳзати навине ба вуҷуд омад, ки ба номи наҳзати Зарвонӣ шӯҳрат ёфт. Аз як сӯ, афкори юнонӣ монанди табиати чаҳоргонаи Эмпедокл ва бархе аз усули мактаби Ҳермесӣ (Гермесӣ) дар ин аср дар Эрон ривоҷ ёфт ва аз сӯи дигар, ақоиди ҳиндию будоӣ низ дар асари тамоси наздик бо Ҳиндустон, вориди ҷаҳони фикрии Эрон шуд. Чунон ки аз тарҷумаи матнҳои санскрит ба паҳлавӣ бармеояд, пайдоиши фирқаҳои масеҳӣ монанди настуриён ва табаъиён, ки аз калисои марказӣ ҷудо шуда ва баъзе аз онҳо ба императории Эрон паноҳ оварда буданд, боиси истиқрори мадориси расмӣ дар хоки Эрон шуд, ки дар он фалсафа ва улуми юнонӣ ба забони сириёнӣ тадрис ва тарвиҷ мешуд.

Дар Донишгоҳи Гундишопур низ, ки Шопури аввал (ҳукмр. 241-271 мелодӣ) ба манзури рақобат бо императори Рум ва Донишгоҳи Антиохия таъсис карда буд, батадриҷ донишмандони настурӣ тамаркуз ёфтанд. Дар ин марказ, ки ҷанбаи байналмилалӣ дошт, фалсафа ва улуми тамаддунҳои (минтақаи) баҳри Миёназамин бо маъорифи эронӣ ва ҳиндӣ бо ҳам омехта ва бо ин сурат ҷиҳати пайдоиши мактабҳои давраи исломӣ, бавижа дар тиббу улуми табиӣ, замина ба вуҷуд омад. Дар воқеъ наҳзати илмии аҳди Анушервон, ки

---

[4] История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Том 1. Душанбе, 2010.-С.234.

машҳууртарин воқеаҳои он фиристодани Бурзавайҳ ба Ҳиндустон ба қасди омӯхтани улуми ҳиндӣ ва паноҳ овардани ҳакимони мактаби Афина ба диёри Эрон аст, дунболаи ҷараёноте буд, ки аз оғози давраи Сосонӣ ба вуҷуд омада ва оқибат ба густариши тадриҷии маъорифи юнонӣ ва ҳиндӣ дар Эрон ва омехтани он бо афкори эрониён шуд.[5]

Дар ҳавзаи фикрии ойини зарвонӣ низ чанд китоби фалсафӣ ва илмие, ки дорои аҳамият аст, дар ин давра таълиф ёфт, монанди Шиканд гумоник вичор, Динкарт, Додистони диник, Зотспарам, Бомакиҳои Манучеҳрик, ки дар бораи шӯъбаҳои гуногуни дину фалсафа, бахшҳои зиёдеро дарбар дорад.[6] Дар ин аср китоби «Бундаҳишн» («Офариниши оғозин»), ки мӯътабартарин китоби паҳлавӣ ва яке аз маъхазҳои муҳими афкори ҷаҳоншиносии ин давра ба шумор меравад, нигошта шуд. Ин китобҳо ҳамагӣ нишондиҳандае аз таҳаввулотест, ки дар афкори давраи мутааххири зардуштӣ ба вуҷуд омада буд. Дар ин аср санавияти (дуализми) бостонӣ ба як навъи тавҳид табдил ёфт ва Зарвон ё Даҳр сароғоз ва мабдаи ҳастӣ шинохта шуд. Бо вуҷуди ин, ҷаҳоншиносии ин давра каму беш идомаи тафаккуроти пешиниён аст. Замин монанди давраи қаблӣ ба ҳафт кишвар тақсим шуда, ки дарёи азиме бар он муҳит аст ва низ бар мавҷудоти ҳар кишвар мудаббире (ҳомию нигаҳбоне) малакутӣ, ки ҳамон ҳақиқати раббуннавъ аст, ҳукумат мекунад, рӯҳи инсон, ҷовидон ва аз олами минучеҳрӣ ё малакутӣ сарчашма гирифта ва билохира бо фраваҳарҳои осмонии худ муттаҳид мешавад. Бо ин ҳол асари бархе афкори фалсафии юнонӣ ва ҳиндӣ дар ин матнҳои паҳлавӣ намоён аст ва гувоҳ аз нуфузи маъорифи ҳиндӣ ва юнонӣ аст, ки дар ин давра дар Эрон густариш ёфта буд.[7]

Дар китоби «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ» таълифи Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил ал-Ҷур дар бораи тафаккури фалсафаи эрониён дар давраи бостон чунин омада аст: аз миёни миллатҳои қадим, эрониён пеш аз миллатҳои дигар дар тамаддуни ғарбӣ таъсир доштаанд. Эрониён

---

[5]Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаиэронӣ: Аз Ҷомосби ҳаким то ҳаким Сабзворӣ. Теҳрон. Интишороти Кумиш. Чопи аввал 1372 хуршедӣ=1993 мелодӣ. Саҳ.69. (минбаъд.Рафеъ).

[6] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 2004.-С. 203-204.

[7] Разӣ, Ҳошим. Ойини муғон. Теҳрон, 1382- 2003.-С.141.

доманаи ҳокимияти худро то Миср низ густариш доданд. Империяи Мақдунӣ, ки дар муқобили Эрон ҳамла кард, пас аз ғалаба, Искандар натавонист тамаддун ва фарҳанги юнониро чунон ки мехост, бар эрониён таҳмил кунад.

Адёни қадим, ки ҳар якеро сарчашмаи пайдоиши дигаре буд, дар ойини маздоӣ, ки дар сартосари Эрон интишор ёфт, таҷассум ёфтааст.[8] Маздо ба маънии доност. Маздо худои ҳаким ва оқил аз дигар худоён мумтоз шуд ва бар онҳо ғалаба кард. Ҳамчунин он ба номи Аҳуро қудрат ёфт. Аҳуро мазҳари неру буд ва ин неру ба доноӣ дар пайваст ва ҳардуякҷоя худои тавоноеро мавсум ба Аҳуромаздо ё Ҳурмузд ташкил доданд.

Форсиён дар сарзамини Эрон Ҳурмуздро ба унвони худои бузурги худ баргузиданд, вале дар муқобили ӯ худои дигаре низ сохтанд, ки мазҳари шар дар олам буд. Зеро Ҳурмузд худои оқилу ҳаким танҳо сарчашмаи хайр буд ва бадин тариқ аз рӯзгори куҳан ғояи «санавият» (дугонапарастӣ-дуализм) падид омад.

Дар нимаи дуюми қарни ҳафтуми қабл аз мелод «ойини зардуштӣ» зоҳир шуд ва мардумро ба некӣ ва салоҳ хонд.[9] Зардушт агар чи фикри муборизаи хайру шарро пазируфт, вале дар он таъдиле (ислоҳе) падид оварда, бар зидди қурбонӣ кардан ва хун рехтан бархост ва мардумро ба покии гуфтору пиндор ва кирдор фаро хонд. Кеши Зардушт мусалламан ҷанбаи тавҳид дошт[10]. Бо парастиши Аҳуромаздо даъват мекард ва дар айни ҳол, ба мубориза бо мабдаи шар ва аз миён бурдани он, мусоидат ва ёрӣ ба мабдаи хайр менамуд. Зардушт мегуфт, барои тавфиқ дар ин кор бояд ба аъмоле пардохт, ки натиҷаи он ростгорӣ, пирӯзӣ ва сафои ботин бошад, то сабаби расидан ба сарманзили саодат гардад.

Ойини зарвонӣ аз ойинҳои бас куҳан аст. Зарвониён мегӯянд: «замони мутлақ» ё ғайри маҳдуд ду фарзанд ба дунё овард: Яке «Ҳурмузд» дигаре «Аҳриман». Ба ибороти дигар мабдаи хайр ва мабдаи шар. Ҳурмузд ва Аҳриман як ваҳдати

---

[8]Ал-Фохурӣ, Ҳанно, Ал-Ҷур, Халил «Таърих-ул-фалсафа ал-арабия. Бейрут. 1958, ч.1.-С.71.
[9] Струве В.В. Родина зороастризма//Советское востоковедение. 1948. V.
[10] Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе, 2000.-С.65.

мусовӣ (баробар) дар қудрат ҳастанд ва ҳамвора дар ҷидолу низоъ. Ва ду қувваи мутаодиланд, ки яке бидуни дигаре бар пой набошад ва ин худ намунаи кӯшише аст, ки зарвониён баробари ваҳдат бахшидани он ду мабдаъ дар як мабдаи воҳид ба кор бурданд. Ин ваҳдат бахшидан амри нисбӣ аст. Яъне дар айни ҷавҳарият, ба сурати муздавиҷ (дугона) нест. Дар ақоиди зарвонӣ, ки аз ақидаи килдониён дар мавриди осмон ва замон моя гирифта, асоси назарияи замон «Хрунус»-ро ки баъдҳо дар андешаи юнониён мақоми арҷманде ёфт мебинем, порае аз мутафаккирони Юнон аз зарвониён иқтибос карданд. Ҳамчунин ки порае аз фирқаҳои исломӣ низ ақидаи аволими мутаоқиба – яъне ақида ба риҷъат (бозгашт)-ро аз онҳо фаро гирифтанд.[11]

Аз ақоиде ки дар Эрон ривоҷ ёфт, эътиқод ба вуҷуди наҷотдиҳанда ё Сраоша (маҳдӣ) аст. Ба ин маънӣ, ки Сраоша рӯзгоре боз хоҳад гашт, то бадиро аз рӯи замин барандозад ва адлро ҷонишини ситам созад ва башарро наҷот бахшад. Андешаи маҳдавият дар аксари динҳои қадим вуҷуд дошт, ба таври мисол яҳудиён мӯътақид ба бозгашти наҷотдиҳанда буданд. Ба ақидаи эрониён «Митра» низомдиҳандаи коинот ва наҷотдиҳандаи он, ки таҳти фармони «Замон» аст, чизе ҷуз худои «Авестои»-и Эрони бостон нест, ки ранги зарвонӣ ба худ гирифтааст. Митра рӯзе хоҳад омад ва оташе ки ҳамаи ҷаҳонро фурӯ мебарад, фурӯғу фарраш ба рӯи ҳафт кишвар мунташир мешавад.[12] Ба монанди худои ҳиндӣ «Шиво», ки низ чунин хоҳад кард. Митра низ ҷаҳонро аз олудагиҳою касофат пок кунад ва торикии Аҳриманро аз миён барандозад.

Ин баҳси мухтасарро бидуни он ки сухане аз монавия, ки яке аз муҳимтарин мазоҳири андешаҳои Эрон аст, бигӯем, наметавон ба поён бурд. Ҳарчанд монавия баъдҳо зуҳур карда, бисёре аз афкори яҳудият ва насроният ва низ ойини гносиро пазируфтааст.Бо он ки монавия худро аз кеши митроӣ дур медорад, вале аз он матолибизиёде ба худ касб кардааст. Монавиядар нашри афкори Эрон дар Ғарб ва Шарқи дур саҳми босазо доштааст.

---

[11]Разӣ,Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ. Теҳрон, 1379.-С.291.
[12] Ризоӣ, Абдулазим. Аслу насаб. Теҳрон, 1372.-С.77.

Монӣ дар соли 215 мелодӣ дар Бобул таваллуд шуд. Монӣ эронинажод буд. Умри худро дар тарвиҷи дини ҷадиде, ки оварда буд, сипарӣсохт. Бо Маҷусон ба мубориза бархост, то он гоҳ ки мағлуби онон шуд. Ва ӯро бар дор карданд, вале натавонистанд аз ривоҷи андешаҳои ӯ ҷилавгирӣ кунанд. Падари Монӣ аз «муғтасила» буд. Муғтасила аз фирқаҳои гумроҳи масеҳӣбуданд, ки ба таҳорати ҷисм ва пӯшидани ҷомаи сафед, ки рамзи таҳорат аст, даъват мекарданд. Монӣ бар ин даъво буд, ки Масеҳи сонӣ – яъне ҳамон Форақлит аст, ки Масеҳ ба зуҳури ӯ ваъда дода аст. Ва ӯ «диёнати наҷотбахш»-ро ба ҷаҳон оварда аст. Монӣ санавияти Эрон – яъне ақидаи ба ду мубдаи хайру шар ё нуру зулматро асоси диёнати худ қарор дод. Ва ононро басе густариш дод, то ҷое ки аносири табииро ҳам ба ин сифот тавсиф кард. Монӣ аносири хайрро аз Худо ва аносири шарро қувваи азалие, ки бо Худо мубориза мекунад, пайдошуда донист. Монӣ башорат медод, ки раҳоӣ аз шар ба василаи татҳир (худро пок кардан) имконпазир аст ва ин татҳир аз тариқи маърифат муяссар аст. Ба ин тариқ, маърифат ба сурати василаи саодат ва раҳоӣхуднамоӣ мекунад. Ва Будою Суқрот низ чунин ақидае доштанд. Баъдҳо сӯфиён ва орифон, ҳамчунин Форобӣва дигар файласуфони давраи ислом низ ба чунин назарияе расиданд. Монӣ дар мавриди ҳамоҳанг сохтани адён ва ақоиди мухталиф дар заминаи динӣ, кӯшиш кард. Баъдҳо Ихвон-ус-сафо [13] ва Форобӣ низ дар масоили динӣ ин кӯшишро анҷом доданд. Монӣ миёни ишроқи афлотуниёни ҷадид, оташи оқилаи равоқиён ва назарияи чиниён дар мавриди осмон ва анворе, ки рӯҳи мо аз онҳо фурӯғ мегирад, ягонагӣ бахшид. Набояд фаромӯш кунем, ки Масеҳ дар Инҷил нури олам аст. Ҳамчунин бояд истилоҳи нуронии (логоси эпифенекии) Арастуро дар назар дошт. Хулласи калом, дине, ки Монӣ овард, кӯшише буд, ки миёни миллатҳои гуногун ваҳдати мафкуравӣ эҷод кунад[14].

---

[13]Инсофпур, Ғуломризо. Раванди наҳзатҳои миллӣ дар Эрон. Теҳрон, 1981.- С.487-497.

[14]Ҳанноал-Фохурӣ, Халил ал-Ҷур.Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ.-С.19-20, Хосроев А. Л. История манихейства. С.-П. 2007, 479 с.

Аммо саҳми Зардушт чи буд? Зардушт мӯътақид аст ва бар пайравони худ чунин тавсия мекунад: замин бояд василае бошад, ки монеи нуфузи шайтонҳо ба осмон гардад, ҳар як аз афроди мардум бояд дар муборизае саҳим гарданд, ки натиҷаи он пирузии некӣ дар ҷаҳон аст; вуҷуди ҳар инсоне пурмаънӣ ва бениҳоят арҷманд аст. Бинобар ин ахлоқе падидор мегардад, ки сарчашмаи мазҳабӣ дорад ва таколифи (масъулиятҳои) инсонро арзиши бисёр мебахшад; ҳар кас ки дар тариқи Аҳуромаздо қадам бардорад, некӯкор аст ва ҳар касе монеаҳое эҷод кунад ва ё комёбии роҳи ҳақро ба таъхир андозад, бадкор аст.[15]

Аввалин вазифаи одамӣ парҳезкорист ва он иборат аст аз пазируфтани ойини дуруст ва итоъат аз дастуроти Зардушт, тарғиби мардум ба имон ба Аҳуромаздост. Вазифаи баъдии ӯ ихлос ва пайравӣ аз ростӣ ва дурустӣ аст. Ҷорҷ Лингер менависад»: Малакути Аҳуромаздо, малакути нур аст. Қаламрави Ангра-Майню торикӣ аст, ҳар коре ки дар торикӣ ба осонӣ густариш ёбад, аз малакути Аҳуромаздо хориҷ аст, ҳеҷ қавме монанди порсиён аз дурӯғ нафрат надоранд. Ин аст ки тӯҳмат ва бӯҳтон ба сабаби эҷоди фасод ва дуздӣ, ки ҷуз дар пинҳонӣ анҷомпазир нест, ҳатто дарёфти қарзро, ки барои фарор ва гурез аз пардохт маҷбур ба дурӯғ мешаванд, маҳкум мекунад, бояд ба сари паймон устувор буд. Ҳатто нисбат ба бадон, ки дар ин ҷо ба хотири риоят ва дурустӣ аст, на шафқат ва кӯмак. Дар дини Маздо дилсӯзӣ ва тараҳҳум чун далели заъф дар муқобили ҳаводорони Аҳриман аст, ҷоиз нест. Зеро Ангра-Майню бадиро дар ҷаҳон рӯзафзун сохтааст ва ба вайрон кардан пардохтааст».[16] Инсон бояд бо Аҳуромаздо ҳамкорӣ кунад. Ҷаҳонро дубора аз нав бисозад ва заминро ҳосилхез ва саодатбахш гардонад.

Дини Зардушт дар ҳоле ки дорои арзиши ахлоқии бисёр аст, ба ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ таваҷҷӯҳ дорад, бо чодарнишинӣ мубориза мекунад ва тарафдори сокиншавии мардум ва соҳилнишинӣ аст. Аҳлӣ (ром) намудани чаҳорпоён ва муроқибат аз онон дар чарогоҳҳо, зиндагии хонанишинӣ, доштани хона ё маҳалли сукунати муносиб, рафтори нек

[15]Разӣ, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон. Теҳрон, 2009.-С.71.
[16]Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. Теҳрон, 2003.-С.57-58.

доштан бо гови нар аз дастуроти дини бузурги Эрон аст, бо қурбонӣ кардан аз тариқи рехтани хуни ҳайвонот мухолиф аст, мӯъмини (диндори) ҳақиқӣ деҳқон аст. Хидматгузори воқеӣ ва мураббии чаҳорпоёни муфид сарпарасти хона ва бузурги деҳи дурусткор аст, бинобар ин шуғли аслии Зардушти кишоварзӣ ва муроқибат аз чаҳорпоён аст, ки дар (Готҳо) намудор аст. Инсон бояд ҷисми худро қавӣ созад ва теъдоди офаридагони Аҳуромаздоро афзоиш диҳад, бо зане накунажод ва диндор издивоҷ кунад ва кӯдаконе бор оварад, ки аз дини Зардушт пайравӣ намоянд.[17]

Риёзат ва маҳрумият аз зиндагии заношӯӣ амри беҳуда аст. Ҳақиқати зиндагӣ кори кишоварзӣ ва иттиҳоди хонаводагӣ аст. Танҳо хушнудии Аҳуромаздо дар ин аст, ки оташгоҳе сохта шавад, ки дар он одами додгустар тарбият гардад ва чаҳорпоёни аҳлӣ ва чарогоҳҳои пок фароҳам созад, ҳамсар баргузинад ва дорои фарзандон шавад, ҷисму руҳи хешро ҳастӣ бахшад. Оташ ва замину обро набояд олуда гардонад, зеро онҳо офаридагони муқаддаси Аҳуромаздо ҳастанд. Бо ҳамин ҷиҳат ҷасади мурдаро набояд дар хок ниҳод, пас аз марг ҷасадро бояд дар устадонҳо гузорид то хӯроки лошахӯрҳо гардад, вале рӯҳи инсон дар адолатхонаи илоҳӣ муҳокима мешавад, некукор ба подош мерасад ва ба осмон боло меравад, назди Аҳуромаздо барои ёрии Худо то пирӯзии ниҳоӣ ба мубориза машғул мешавад, бадкор ба ҷазои хеш мерасад ва дар қаъри ҷаҳаннам макон хоҳад дошт.

Оташ, нишони вуҷуди нуронии Худованди мутаъол аст. Оташ асли одоби динӣ аст, ҳар оташгоҳ ҷойгоҳи махсус дорад, ки дар он ҷо шӯълаи оташи ҷовидон забона мезанад, бо даст задан ва нафас кашидан, набояд оташро олуда сохт, мӯъбад (рӯҳонӣ) бояд дасткаш дар даст дошта бошад ва пӯшише дар даҳон қарор диҳад.[18] Чунин омӯзаҳои ахлоқӣ, ҳифзи муҳити зист, тарғиби ҳаёти муқимӣ дар Авесто, махсусан дар Готҳо, ки ба қалами худи Зардушт мансуб аст, бо таври фаровон ба мушоҳида мерасанд.

Дар аҳди Анушервон Сосониён ба авҷи қудрат ва тасаллути худ расиданд ва Эрон низ дар авҷи қудрат ва

---

[17]Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ.-С.77.
[18]Ҳамон ҷо. -С.78.

тамаддун қарор гирифт. Хусрави Анушервон ҷангҳои доимӣ ва тӯлоние (аз 542 то 567) бар зидди императори Рим (Юстиниан) анҷом дод. Дар ҳамаи онҳо пирӯз гардид ва императори Руми Шарқиро маҷбур ба пардохти боҷу хироҷ кард.[19] Дар дохили Эрон ба тарафдорони Маздак гӯшмоли сахте дода шуд ва ислоҳоти иҷтимоӣ, ки ба амал бароварда шуд, ҳаёти нисбатан ором таъмин гардид.

Дар ин вақт Эрон маркази фарҳанг ва тамаддуни дунёи қадим буд, зеро, аз як тараф, дар соли 529 мелодӣ ҳангоме ки император (Юстиниан) мадрасаи фалсафии Афинаро баст ва охирин паноҳгоҳи афлотуниёни ҷадидро аз байн бурд, устодон ва муаллимони фалсафа, ки дар он ҷо ба тадрис иштиғол доштанд, ба Эрон фирор карданд ва ба таълим пардохтанд.[20] Аз тарафи дигар, Ҳиндустон захираҳои адабӣ ва фалсафии худро ба Эрон фиристод. Ҳазору як шаб, Калима ва Димна, Марзбонномa ва ғайра дар ин давр эҷод шуданд ва ба ин тариқ Эрон маркази тамаддунҳои мухталифе гардид, ки дар ин ҷо бо ҳам омезиш ёфтанд.

Ба ин тартиб дар аҳди Хусрави Анушервон омезиши ақидаҳои фалсафӣ ва эҷоди ҳамбастагии байни онҳо ба мунтаҳои дараҷаи нерӯи худ расида буд. Аз як тараф (дини Зардушт, ойини Монӣ ва ақидаи Маздак) ва аз тарафи дигар (фалсафаи афлотуниёни ҷадид, фалсафаи Будо ва тасаввуфи ҳиндӣ) дар ҳам омехт. Ба ҳамин иллат ин давра танҳо ба хотири таърихи афкори маънавии Осиёи Миёнаву Эрон муҳим нест, балки таърихи афкори башар низ дар аҳамияти ин давра саҳмгир аст. Бо ин ки ҳаргиз рӯёи (хобу хаёли) ширини Искандар ба ҳақиқат намепайваст ва нуфузи ахлоқии Шарқу Ғарб комил намешуд, бо вуҷуди ин Эрон маркази аслӣ ва муҳиме буд, ки ҳама чиз дар ин ҷо бо ҳам бархӯрд ва мулоқот мекард ва ҳама чиз аз ин ҷо ба хориҷ мерафт.[21] Аз як тараф, Эрон дини Мониро ба хориҷ мефиристод, то бар рӯи масеҳияти Ғарб таъсир кунад ва аз тарафи дигар худ аз Византия ё бо настуриёне, ки табъид шуда буданд ва ё ин ки

[19] Бойс, Мэри. Зороастрийцы. Москва, 1987.-С.160.

[20] Шарипов А. Взгляд на философские воззрения эпохи Сасанидов//Известия АН РТ. Серия философия и правоведение, 2001.-С.1-4.

[21] Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов. Москва, «Мысль», 1998.-С.10-55

бо охирин фалсафаи Афлотунӣ, ки императори Рум онҳоро ронда буд, нутфаи аслии фалсафа ва дониши юнониро истиқбол мекард ва ба худ меовард, донишу фалсафае, ки дар аҳди Искандар бесамар буд, дар аҳди охирини подшоҳони сосонӣ борвар гардида, билохира дар фалсафаи ислом дар аҳди арабҳо шукуфта мегардид ва дар ҳамин аср аст, ки Эрон ба тарафи кишварҳои дигари Машриқ нуфуз мекард. Чин ки дар ин замон марзу ҳудуди худро аз ҳар тараф баст дода буд, дар афкори маънавӣ ҳаммаслаки Эрон мешуд ва намояндагони сиёсӣ аз дарбори шоҳаншоҳи Эрон ба дарбори шоҳони Чин ташриф мебурданд.

Ҳиндустон, ки ҳатто дар чандин қарн фалсафа ва тарафдорони Будоро ба ҳамаи нуқоти ҷаҳон фиристода буд ва ҳатто ҷонишинони Искандар низ ба он гаравида буданд, барои бузургтарин подшоҳи сосонӣ ҳадяи гаронбаҳо (достонҳои милли)-ро пешкаш мекарданд, ки ба дастури ӯ онҳо ба форсӣ тарҷума мешуданд ва аз тариқи Эрон ба ҳамаи миллатҳо интишор ёфта, ба ҳама забонҳои Мағриб дармеомаданд ва барои наққолон ва достоннависони асрҳои миёнаи Урупо марҷаи хубе мешавад, ки ҳанӯз ҳам ин ганҷинаи гаронбаҳо аз ин кишвар ба дигар кишварҳо сайри маънавӣ дорад. Ва бадин тариқ нақши орониён дар интиқоли тамаддун ҳарчанд аз нақши румиён ва юнониён машҳуртар ва бошукӯҳтар нест, вале сад бор аз нақши онҳо муҳимтар ва қобили мулоҳизатар аст.[22]

Бидуни тардид дар таърихи умумибашарӣ, Эрон омили бисёр муҳиме аст, зеро дар айни ин ки тавонистааст кӯмаки бузурге барои омезишу ихтилоти миллатҳои мухталиф кунад, дар айни ҳол, дар тавсия ва густариши мантиқии афкори башарӣ саҳми гаронбаҳо ва пурарзише гузорад. Нақши эрониён дар таърихи таҳаввулоти фикрии башарӣ фақат аз ин ҷиҳат набуд, ки ақоид ва мазоҳиби ибтикории худро ба ҷаҳониён арза доштааст, балки ба иллати ин аст, ки доим дар тамос ва таъсири мутақобила бо миллали мухталиф буда, онҳо ҳатто бо мағлубини худ дар мунтаҳои рафтори ҳасана ва ҷавонмардӣ рафтор мекарданд. Ҳамчунин барои ҳамоҳанг

---

[22]Ричард, Фрай. Асри заррини фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1997.-С.23.

сохтани адён ва ақоид кӯмаки шоёни таваҷҷӯҳе анҷом доданд ва ин худ роҳро барои ҳамагонӣ сохтани адён ва таъсири орои мардум дар онҳо боз кард.

Осиёи Миёнаву Эрони бостон дар эҷоди ҷаҳонбинӣ ва маънавияти ботинӣ саҳми босазое дошта, ки ҳомилони онро ба тавҳиди ишроқӣ расонда, пайваста бо ахлоқи ҳамидаи худ нақши ғайри қобили инкоре дар тамаддуни башарӣ доштааст. Ҳукумати сосонӣ, ки дар тақотӯи се маркази бузурги фарҳангии он аср- Византия, Чин ва Ҳиндустон қарор дошт, муддати чаҳор қарн маркази муҳими табадулоти афкори маънавӣ ва орои башарӣ гардида буд. Бо ҳамин иллат дар таърихи инсоният мақоми мушаххас ва мунҳасир ба фарде барои худ боз кардааст ва дар ин лаҳзаҳои бемонанд байни ин чаҳор тамаддун, ки ҳам аз назари шакл ва ҳам аз назари мазмун (низом) бо ҳам ихтилоф доштанд, эътидоле барқарор карда, ки шояд ин эътидол байни аркони башарият дигар дар таърих дида нахоҳад шуд.[23] Дар саҳифаҳои оянда ба ин мавзӯъ бармегардем.

## § 2. Ҷамшед писари Вивангаҳон-асосгузори фалсафаи худшиносии миллии халқҳои ориёинажод



**Ҷамшед писари Вивангаҳон (асри 22–и пеш аз мелод)**

Мушкилоти асосӣ дар равшан намудани масъалаи мавриди баҳс, дар камӣ ва нуқсони сарчашмаҳои таърихӣ доир ба Ҷамшед аст. Осори авестоӣ ва бештари навиштаҳои паҳлавӣ нобуд гашта ва дар

[23]Қадёнӣ, Аббос. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон. Интишороти фарҳанги мактуб. Теҳрон, чопи сеюм 1387.-С.101.

аксари маврид ба ҳам омехтаанд. Сарчашмаҳои исломӣ доир ба Ҷамшед ва Зардушт асосан ноқис ва хеле сатҳианд. Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои авестоӣ асосан аз асри XVII ба дасти урупоиён оғоз гардид. Матнҳои бисёре аз ин мерос тарҷума гардиданд. Дар асри XIX ин раванд хеле фаъол шуд. Вале бо оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ин омӯзиш эътидоли худро аз даст дод. Сарчашмаҳои қадимаи авестоӣ ва паҳлавӣ мавриди омӯзиши яктарафаи пайваста бо таҳриф қарор гирифтанд. Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар омӯзиши ин сарчашмаҳо як навъ таваққуф ва таҳлилу тафсирҳои ғаразнок ба вуҷуд омад.

Идеологияҳои тоталитарии асри XX (фашизм, натсизм, коммунизм, болшевизм) масъалаи миллат ва миллатгароиро ба сӯи бероҳа кашиданд ва то дараҷае ҷозибаи воқеии онро камранг намуданд. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои миллӣ дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, масъалаи миллат ва идеологияи миллӣ аз нав мавриди таваҷҷӯҳи сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, равоншиносон ва файласуфон қарор гирифт. Ҳаминтаваҷҷӯҳи ҳамагонӣ нисбат ба масъалаҳои миллӣ дар рӯзгори мо, сабаби интихобиин мавзӯъ гардид.

Чуноне ки дар сатрҳои пешин ишора намудем, доир ба Ҷамшед сарчашмаҳои мавҷуд андак ва пурихтилофанд. Аз ин гузашта то солҳои 1940-1950 асри XX ба забони форсӣ-тоҷикӣ доир ба Ҷамшед аз тарҷумаҳои муҳаққиқи номдори мероси авестоӣ, устод Пури Довуд маълумоте фароҳам омада буд.

Аз солҳои 1950 то ба имрӯз бо ҳиммати шогирдони идомадиҳандагони кори ӯ Муҳаммад Муъин, Диншоҳи эронӣ, Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Муҳаммад Карамӣ, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошими Разӣ ва дигар муҳаққиқон осори таҳқиқии арзандае ба вуҷуд омад. Дар ин соҳа баъзе тадқиқотҳо тавассути олимони тоҷик низ анҷом дода шуд.[24] Акнун форсизабонон метавонанд бевосита аз сарчашмаҳои дасти аввали мероси авестоӣ ва тадқиқоти бонуфуз истифода намоянд. Ба таври мушаххас метавон аз фаъолияти пурсамари

[24] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006;МӯминҷоновҲ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004; Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006: История таджикской философии с древнейших времен до XV в. -т.1. Душанбе, 2010.

таҳқиқии устодон Ҳошими Разӣ, Меҳрдоди Баҳор, Фаридуни Ҷунайдӣ, Бобоназари Ғаффорӣ, Ҳамдамҷон Мӯминҷонов, Абдуғаффор Шарифов, Муҳаммадкул Ҳазратқулов ва Додихудо Саймиддинов ёд кард.

Акнун ба асли мавзӯъ баргардем: Ҷамшед кист? Ҷавоби ин саволро аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти навтарин пайгирӣ менамоем. Он чи то имрӯз ба мо маълум шуда, ин аст ки муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ, ки доир ба Ҷамшед баҳс мекунад, китоби «Вандидод» аст. Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки китоби «Авесто» дар замони Сосониён аз 21 ҷилд (наск) иборат будааст. Бисёре аз ин ҷилдҳо аз байн рафтаанд. Хушбахтона, мо имрӯзҳо тарҷумаи форсии ҷилди 19 «Вандидод»-ро дар даст дорем. Ин китобро, ки ҳоло тарҷумаи форсии он дар 4 ҷилд дастраси хонандагон гардидааст, устод Ҳошими Разӣ аз матни авестоӣ ба форсӣ тарҷума кардааст.[25] Қадимтарин ва муфассалтарин маълумот доир ба Ҷамшед дар фаргарди (фасли) 2 ҳамин китоб бо номи «Достони Ҷам» омадааст. Доир ба арзиши ин китоб иқтибосро аз фаргарди 5, Яшти 2 ва Яснои 1 овардан ба мақсад мувофиқ аст:

«Зардушт пурсид аз Аҳуромаздо: Эй Додор (офарандаи адолат) чӣ андоза ҳаст бузургтар, беҳтар ва зеботари ин (Вандидод) **қонуни зидди дев**, ки зардуштӣ аст, нисбат ба дигар ойинҳо дар бузургӣ ва некӣ ва зебоӣ? Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо: Эй Спитамани Зардушт, ин «Қонуни зидди дев»-и зардуштӣ (=Вандидод) нисбат ба дигар ойинҳо дар меҳӣ (бузургӣ) ва дар беҳӣ(хубӣ) ва дар зебоӣ, чун дарёи Фарохкарт аст нисбат ба дигар дарёҳо… Ин қонуни зидди дев, ки зардуштӣ аст, дар меҳӣ ва дар беҳӣ ва зебоӣ, чун бузургтарин обҳост, ки кӯчактари обҳоро бипӯшонад… чун бузургтарин дарахтест, ки кӯчактар дарахтҳоро бипӯшонад… чун Осмон аст, ки ин Заминро аз ҳар сӯ фаро гирад».[26]

Феҳристи фаргарди 2-уми Вандидод аз нуктаҳои зерин иборат аст: Ҷамшед ва гуфтугӯ бо Аҳуромаздо; Ҷамшед паёмбариро намепазирад; Ҳурмузд пешниҳод мекунад,

---

[25]Вандидод (ҷилди аввал). Муқаддима, фаргардҳои (фаслҳои) 1-4. Тарҷума аз матниавестоӣ, муқаддима, татбиқ бо тарҷумаи паҳлавӣ. Тарҷумаи доктор Ҳошими Разӣ, чопи аввал 1376,[Минбаъд Вандидод, ҷ.1.].

[26]Вадидод, ҷ.1.-С.5.

кивазъи моддии ҷаҳони ӯро (Ҳурмуздро) парвариш диҳад ва ӯро муҷаҳҳаз (омода) кунад; Ҷамшедзиндагии моддӣ ва Заминро мегустаронад (васеъ мекунад); Пешомади тӯфон ва моҷарои он.

Ҷумлаҳои аввалини «Достони Ҷам» дар Вандидод чунин сар мешаванд:«Пурсид Зардушт аз Аҳуромаздо: Эй Аҳуромаздо, эй минавӣ, эй поктарин, эй додори гетии астуманд (моддӣ), эй муқаддас, бо кӣ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардӣ, ту ки Аҳуромаздоӣ? – Ҷуз ман ки Зардушт ҳастам, киро [ба кӣ] омӯхтӣ дини аҳуроии зардуштиро?Он гоҳ гуфт Аҳуромаздо ба Ҷами зебои хубрама: эй Ашу-Зардушт. Бо ӯ нахуст аз мардумон гуфтугӯ кардами ман, ки Аҳуромаздо ҳастам ҷуз ту ки Зардушт ҳастӣ, ба ӯ омӯхтам дини аҳуроии зардуштиро.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам, эй Зардушт, ман ки Аҳуромаздо ҳастам: Омода бош, эй Ҷами зебо, [некдидор] писари Вивангаҳон. Барои ман ба ёдсупоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дин бош. Он гоҳ ба ман посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: ман барои дин наофарида шудаам ва на омӯхта ва ёдсупоранда ва на баранда [интишордиҳандаи] онам.

Он гоҳ ба ӯ гуфтам эй Зардушт мани Аҳуромаздо: Эй Ҷам, агар нестӣ омода ва ёддоранда ва барандаи [интишордиҳандаи] дини ман, пас ҷаҳони маро биболон [=шукуфо гардон]. Пас ҷаҳони маро фарох кун. Пас бош ҷаҳони маро парваранда ва нигаҳбон ва сардор. Он гоҳ ба ман инчунин посух дод Ҷами зебо эй Зардушт: Ман ҷаҳони туро биболонам. Ман ҷаҳони туро фарох кунам. Ман бошам ҷаҳони туро парваранда, нигоҳбон ва сардор. На андар шаҳриёрии ман бувад сардбод, на нармбод, на дард, на марг».[27]

Аввалан, бояд ба эътибор гирифт, ки Вандидод пеш аз ҳама китоби динӣ аст. Яъне ба саргузашти Ҷамшед аз нигоҳи ҷаҳонбинии зардуштӣ менигарад. Ҳамзамон ин достон аз нигоҳи имрӯз арзишманд ҳам ҳаст. Ба ин маъно, ки як

---

[27]Вандидод, ҷ.1.-С.249-250.

пайғамбари дини тавҳидӣ, яъне Зардушт нисбат ба Ҷамшед чи назаре дорад. Аз ин гузашта, ин достон собит мекунад, ки Ҷамшед шахсияти таърихӣ буда, дар ташаккули андешаи динии ориёиён мақоми худро доштааст. Барои муҳаққиқи имрӯза ҷолиб аст, ки Ҷамшед дар гуфтугӯи Зардушт бо Аҳуромаздо тарафи сеюмро ташкил медиҳад. Яъне бо Зардушт ҳамвазн будани ӯ ба исбот мерасад.

Сониян, аз ин гуфтугӯ пайдост, ки Ҷамшед дорои шахсияти барҷастае аст. Аҳуромаздо ӯро ситоиш мекунад: «Эй Ҷами зебо, некдидор»… Бузургии шахсияти Ҷам буда, ки Аҳуромаздо ба ӯ пешниҳод намуд, то пайғамбариро қабул намояд. Аммо Ҷамшед рад кард ва гуфт, ки ман барои пайғамбарӣ офарида нашудаам. Ба фикри мо, дар ҳамин нукта андешаи миллӣ аз андешаи динӣ ҷудо мешавад. Ҷамшед дар ин гуфтугӯ бо Аҳуромаздо ҷаҳонро интихоб мекунад. Ҷаҳони моддӣ, густариши он ва ҷомеаи дунявиро. Аз ин рӯ, Ҷамшед ба Аҳуромаздо ваъда медиҳад, ки ман ҷаҳони моддии туро шукуфон хоҳам кард.

Ин бисёр нуктаи ҷолиб ва ҳассос аст. Дар сарчашмаҳои дигар омада, ки Аҳуромаздо ба Зардушт гуфтааст: «Ҷамшед сахт зирак буд. Ва барои ҳамин ҳам рисолати пайғамбариро қабул накард. Ва гуфт, ки ман аз ӯҳдаи корҳои заминӣ бармеоям».[28] Ин андешаҳо гувоҳи онанд, ки дар фарҳанги бостонии мо тамоилоти воқеъбинӣ, реалистӣ, озодандешӣ ва равшанфикрӣ хеле қавӣ ва тавоно будаанд. Ин баъдҳост, ки бо пайдоиши сохторҳои сиёсии диктаторӣ ва динҳои дигари мутаассиб бар шохаи динии фарҳанги мо ғолиб омада, ҷараёнҳои озодандешии онро зери фишор қарор додаанд.

Гуфтаҳои болоро муҳаққиқон низ қайд намудаанд. Масалан, М.Ҳазратқулов муколамаи Зардушт бо Аҳурамаздаро роҷеъ ба расидани ваҳй аз Аҳуромаздо бо истинод ба Бобаки Олихонӣ чунин тасвир намудааст. «Зардушт аз Аҳуромаздо пурсид, ки ин динро нахуст ба чи касе намудӣ? Ҳурмузд гуфт: Нахуст Каюмарс намудам. Зардушт гуфт: Чаро ин динро аз тариқи ваҳй ба Каюмарс намудӣ ва ба ман аз роҳи гуфтор илқо кардӣ? Ҳурмуз гуфт: зеро лозим аст, ки… зеро лозим аст, ки ту ин динро фаро гирӣ

[28]Баҳор, Меҳрдод. Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1378.-С.37.

ва ба дигарон биомӯзӣ, ҳол он ки Каюмарс касе надошт, ки онро бипазирад, пас беҳтар аст хомӯш бошӣ, то ман сухан гӯяму ту бишнавӣ ва ту сухан бигӯй, то мардумон бишнаванду бипазиранд. Зардушт ба Ҳурмузд гуфт, ки оё ин динро пеш аз ман бар касе ҷуз Каюмарс намудаӣ? Ҳурмузд гуфт: Оре, ин динро ба Ҷамшед намудам… Зардушт гуфт: чун медонистӣ, ки ин динро намепазирад, пас чаро онро бад-ӯ намудӣ? Ҳурмузд гуфт: агар инро бад-ӯ наменамудам, дин ба ту намерасид».[29]

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки се ваҳй аз Аҳуромаздо содир шудааст. Ваҳйи аввал ба Каюмарс расида, ки он ваҳйи шахсӣ ё худ инфиродӣ будааст, чун Каюмарс ҳамчун аввалин кадхудои ҷаҳон ба мисли Абулбашар шахси ягона дар рӯи замин буд. Муҳаққиқон ин ваҳйро ваҳйи пинҳонӣ ба қалам дода, Каюмарсро барои пайдоиши ин дин замина сохтааст. Ваҳйи дуюмӣ ба Ҷамшед расидааст ва аҷобати кор дар он аст, ки дар ин ҷо инҳироф аз таълимоти динӣ ба назар мерасад. Чун Аҳуромаздо метавонист ба онҳое, ки омода ба пазироии он нестанд, ваҳй иблоғ накунад. Вале ин ноҳамоҳангии динӣ минбаъд боиси ба вуҷуд омадани сулолаҳои шоҳони эрониуласл бо номҳои пешдодиёну каёниён мегардад, ки роҷеъ ба таърихи онҳо дар «Таърих»-и Табарӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва бахусус дар «Шоҳнома» сухан рафтааст. Ҷои тааммуласт, ки иқтибоси боло, аз як тараф, фикри баёншудаи моро тақвият мебахшад ва, аз тарафи дигар, агар Ҷамшед пайғамбариро қабул мекард, ӯ ҳамчун дорандаи дониши илоҳӣ ба худкомагӣ ва бузургманишӣ роҳ намедод ва пайдоиши сулолаҳо низ имконнопазир мегардид.

Аз давоми достон маълум мегардад, ки Ҷам ба ваъдаи додаи худ ба Аҳуромаздо вафо намуда, ҷаҳони моддӣ ва инсонҳоро аз мусибатҳои табиӣ наҷот додааст.

Бояд қайд кард, ки Ҷамшед ҳамчун як шахсияти таърихӣ пеш аз Зардушт зиндагӣ кардааст. Дар ҳамаи сарчашмаҳои мансуб ба анъанаи зардуштӣ аз Ҷамшед ёд кардаанд. Аз ин гузашта номи Ҷамшед дар китоби «Ригведа»-и ҳиндиён низ сабт шудааст.[30]

---

[29]Ҳазратқулов М. Ориёнҳо ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006.-С.435.
[30]Ниг.: Ригведа. МандалыI-IV. Издание подготовила Т.Я.Елизаренкова. М. «Наука», 1989.-С45.

Ҳамаи ин далолат бар он мекунад, ки Ҷамшед ҳамчун як шахси таърихӣ, дар маснади фарҳанги эронӣ ва ҳиндӣ қарор дорад. Дар ҳарду фарҳанг ба ҷиҳатҳои дунявӣ, воқеъбинӣ ва ғайридинии Ҷамшед таъкид шудааст. Дар ҳамин асос метавон ба ин натиҷа расид, ки асосгузори назари миллӣ ва озодандешии мардумони форсу тоҷик маҳз ҳамин Ҷам писари Вивангаҳон будааст.

Корнамоиҳои Ҷамшед дар ободии ҷаҳони моддӣ ва дар робита ба Варҷамкард (ғор ё макони амни Ҷам) дар дигар сарчашмаҳо низ зикр гардидааст. Масалан, дар «Минуи хирад» омада, ки «Варҷамкард дар Эронвиҷ, зеризамин сохта шудааст ва ҳамагуна тухм аз ҳамаи офаридагони Урмуздхудо, аз мардум,сутур, гусфанд, паранда, ҳарчи беҳтар ва гузидатар аст, бадонҷо бурда шудааст...». (Бахши 4, бандҳои 15-19) ҳамчунин дар «Ривоёти порсӣ» (бахши 48 банди 10), «Яштҳо»(Яшти 19), «Ясно»(8/32) ва ғайра роҷеъ ба фаъолияти Ҷамшед нукоти муҳиме ироа шудаанд.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки Ҷамшеди нимустуравӣ пуштибони ин ҷаҳон ва андешаи инҷоҳанӣ будааст, Зардушт бошад аз «он ҷаҳон» ва андешаҳои онҷаҳонӣ дифоъ мекард.

## § 3. Зардушт - асосгузори фалсафаи худшиносии динии халқҳои ориёинажод



### Зардушт–паёмбари Эрони бостон (асри 18–и пеш аз мелод)

Бояд ёдовар шуд, ки қариб ҳамаи муҳаққиқони гузаштаву муосири форсу тоҷик Зардуштро қаҳрамони яккатози майдони фарҳанги бостонии мо эътироф кардаанд. Ва гӯё касе дар баробари ӯ тоби муқовомат надорад. Ба назари мо, ин ақида бебаҳс нест. Аз ҷумла мо бар ин назарем, ки Ҷамшед ва адабиёти ҷамшедӣ дар тӯли таърих

ҳамеша дар муқобили Зардушт ва андешаҳои зардуштӣ қарор дошт. Ҳоҷат ба такрор нест, ки Зардушт як пайғамбар, китобаш Авесто (Готҳо) ва парвардигораш Аҳуромаздост. Аммо Ҷамшед як шахсияти ақлгаро ва мухолиф ба ақидаҳои динӣ ва эътиқодӣ буд. Ҳошим Разӣ навишта аст, ки Зардушт паёмбари бузурги ориёӣ, яке аз ҷумлаи наводири андешамандони ҷаҳон аст. Дар бораи даврони зиндагии вай огоҳии дурусте дар даст нест, аммо он чи маълум шудааст он аст, ки донишмандон бар асоси пажӯҳишҳо (таҳқиқот) ва баррасиҳои анҷомшуда, замони зиндагии вайро аз 1500 то 3000 сол пеш аз мелод (5000 сол то замони мо) медонанд[31].

Омӯзиши фалсафа ва ҷаҳонбинии Зардушт аз ҳамон даврaҳои куҳан мавриди таваҷҷӯҳи ҳакимон ва файласуфони бузурги ҷаҳон қарор гирифтааст. Андешамандони ҷаҳони бостон чун Пифагор, Арасту, Афлотун ва бисёр дигарон бо ифтихор ва ғурур аз Зардушт ва фалсафаи вай ёд кардаанд. Дар ҳикмати ишроқи Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ (фалсафаи нур) аҳамияту эътибору дидгоҳҳои вай заминасози бисёре аз таҳаввулот дар фалсафа ва ҳикмат гардид. Фалсафаи амиқи Зардушт ҳакимонро аз Афлотун сар карда, то Гегел бо нуфузи ҷаззоби худ шодоб намудааст. Фридрих Нитше (1844-1900) абармардро [суперменро] дар вуҷуди ин бузургмарди таърих Зардушт дарёфта ӯро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст[32].

Зардушт нахустин пайғамбаре буд, ки дар он даврони куҳан Худои воқеиро шинохт ва яктопарастиро пешниҳод кард. Дар фалсафа бар ин назар буд, ки ду гавҳари ҳамзод [ду субстансия] дар оғоз, дар олами тасаввур пайдоӣ ёфтанд, ки яке некӣ ва он дигаре бадӣ аст. Асоси ҳаракат, ҷунбиш ва зиндагӣ аз бархурди ин ду (гавҳар) мебошад. Дар ниҳоди одамӣ, ҳам хайр ҳаст ва ҳам шар. Парвардигор одамиро озод ва бо ихтиёр ва иродаи комил офарид. Фарди хирадманд бояд аз миёни нек ва бад, некро баргузинад, на бадро ва пайрави роҳи Спента-Майню бошад, на Ангра-Майню.

Зардушт бар зидди хурофот ва мавҳумоти давраи худ қиём кард. Қурбонӣ ва пешкаши назрҳо ва пардохти боҷу хироҷ ба коҳинон ва қабули зӯр ва бедод аз сӯи фармонравоёни

---

31 Разӣ, Ҳошим. Ҳикмати хусравонӣ.-С.28.
32 Ниг. Нитше Ф. Так говорил Заратустра. Соч. Т.II.М., 1990.-С.237.

худкома ва зӯҳду риёзатро напазируфт ва ин ҳамаро аз кирдори аҳриманӣ муаррифӣ намуд. Кору кӯшиш ва зиндагии хуб, солим, хуш ва неъмати аз роҳи дуруст ба дастомадаро сутуд. Ибодатро фақат хидмат ба мардум ва пайравӣ аз се асл: «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» муаррифӣ кард. Бисёре аз табақот ва гурӯҳҳои ҷамъияти он рӯз, ки суд ва фоидаи худро дар хатар диданд, бар зидди пайғамбар қиём карданд, аммо Зардушт бо муқовимати сабурона истодагӣ кард ва дар анҷоми рисолати хеш комёб гашт.

Сурудҳои Зардушт, мавсум аст ба **госаҳо ё худ** «Готҳо» сурудест, ки бо садои хуш ва оҳангин хонда мешавад, иборат аз ҳафт-даҳ қитъа мебошад. Дигар ҳама бахшҳои [қисмҳои] Авесто баъдҳо ба ин андешаманду паёмбари куҳан нисбат дода шуд, ки тафовут дар сабк, маънӣ ва мафҳумҳо, ин мавридро комилан равшан мекунад»[33]

Муҳаққиқи эронӣ Фарҳангмеҳр доир ба паёмбарони пеш ва пас аз Зардушт мегӯяд: «Готҳо номи ҳеҷ паёмбареро наёвардааст. Вале Авесто аз Каюмарс ва Ҷамшед ба унвони «нимпаёмбарон»-еки пеш аз Зардушт будаанд, ном мебарад. Бино ба асотири мавҷуд Каюмарс, ки нахустин инсон буд, аз сӯи Худо қонуне дарёфт ва Ҷамшед ба паёмбарӣ хонда шуд, вале чун ӯ аз нотавониҳои башарии худаш огоҳ буд ва медонист, ки ба анҷоми ин кори бузург муваффақ нахоҳад шуд, даъватро қабул накард.Ҳамчунин Готҳо дар айни ин ки намегӯянд, ки Зардушт охирин паёмбар аст, зуҳур ва пайдо шудани паёмбари дигареро ҳам пешбинӣ намекунад. Готҳо мегӯянд, ки дини Зардушт беҳтарин дин ва писандидатарин роҳи зиндагӣ аст. Ҳамин гуна дар Готҳо аз наҷотдиҳандаи (маҳдии) махсусе сухан нарафтааст».[34]

Дар бораи маҳалли таваллуди Зардушт ҳам ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Бино ба гуфтаи Авесто маҳалли таваллуди Зардушт, соҳили рудхонаи Даитӣ дар Эронвиҷ буд. Маҳалли Эронвиҷ [Айрана ваеҷа] бо диққат дар рӯи нақшаи ҷуғрофиёӣ шаъин нашудааст. Агар манзур аз он сарзамине бошад, ки дар он фарҳанг ва забонҳои эронӣ нуфуз доштанд, ин минтақа, чуноне ки Пури Довуд овардааст, аз 16 кишвар

---

[33] Разӣ,Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон.-С.5-6.
[34] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. –С.39.

иборат аст, ки аксари онҳо дар Эрони Шаркӣ ва Осиёи Марказӣ мебошанд.

Чанде аз донишмандон, аз ҷумла Бортолмей, Гилднер,Ҷексон Зардуштро аз шимолу ғарбии Эронмедонанд.Ҷексон, ӯро аз Озарбойҷони ғарбӣ ва Ҳертсфелду Ҳертел ӯро аз ғарби Эрон ба қалам додаанд. Аксари донишмандон ӯро аз шимоли шарқии Эрон донистаанд. Аз ҷумла Ниберг, Луммел, Мэри Бойс, Ҳантис, Зеҳнер ва Шаҳбозӣ ӯро аз Осиёи Марказӣ (Хоразм ва Хева) ва шимоли Афғонистон, Милтон ва Гейгер Хуросон ва Сиистон ва Ҳайнинг, Ҳумбах, Кристенсен, Милзватани Зардуштро шимоли шарқии Эрон хондаанд. Ин баҳсҳоро қариб дар ҳамаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар он замон, дар шарқу ғарби Эрон ду лаҳҷаи мухталиф вуҷуд дошт. Ва забони Готҳо лаҳҷа ва забони шарқи Эрон аст. Бинобар ин, бояд пазируфт ки: Ашу Зардушт аз шарқи Эрон ва дар маҳалли рудхонаи Сайҳун [Сирдарё] мутаваллид шудааст. Авесто аз рудхонаи «Даитӣ» ном мебарад, ки баъзеҳо онро имрӯз ҳамон Сайҳун тахмин кардаанд. Маҳали таблиғи дин ҳам дар Балх (Бохтар), шимоли Хуросон ва Афғонистон будааст. Ҳамаи ин манотиқ ҷузви Эронвиҷ будаанд.

Баъзе донишмандон назар додаанд, ки шаҳри Рай [Раға дар Авесто] наздикии Теҳрони имрӯза маҳалли таваллуди Зардушт будааст, ки дуруст ба назар намерасад. Баъзе шаҳри Райро маркази мазҳабӣ ва таблиғи дини Зардушт донистаанд, ки он ҳамдалели мустанад надорад. Мутолиоти охири профессор Ричард Фрай ӯро мӯътақид кардааст, ки Ашу Зардушт аз Сиистон будааст ва дар Бохтар [Балх] ба таблиғи дин пардохтааст.[35]

Ашу Зардушт дар Балх ҳангоми саргарми парастишу ниёиш ба Аҳуромаздо буданаш дар оташкада ба дасти як бадхоҳи тӯронӣ бо номи Турбротруш кушта шуд. Ин пайғамбар дар сини 77 аз чаҳон даргузашт. Солҳо пеш дар яке аз мусофиратҳоям ба Афғонистон дар Мазори Шариф (ки машҳур ба Мазори Алӣ аст), аз як нафар шунидам, ки мегуфт,

[35] Фрай, Ричард. Асри заррини фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1997.С.128.

Мазори Шариф, Мазори яке аз бузургони пеш аз ислом будааст ва баъд аз тасаллути ислом, барои ҷилавгирӣ аз тахриб (харобӣ ва вайронӣ), онро Мазори Алӣ хондаанд, дар ҳоле ки маълум ва машҳур аст, ки оромгоҳи Алӣ воқеъ дар шаҳри Наҷафи Ироқ аст. Ин кор дар Эрон ҳам шудааст. Масалан, барои ҳифзи Оромгоҳи Куруш дар Дашти Мурғоби Форс онро «Мақбараи модари Сулаймон» хонданд ва барои ҳифзи Оташкадаи Озаргуштасб онро «Тахти Сулаймон» ном ниҳодаанд. Аз ҳамон мавқеи боздид аз Мазори Шариф, ин фикр ки мумкин аст Мазори Шариф, Мазори Зардушти паёмбар бошад, ба андешаи ман роҳ ёфт ва ахиран дар Париж як нафар донишманди афғонӣ ҳадс ва тахминимаро таъйид [тасдиқ] кард.[36]

Доир ба табори Зардушт ҳамон гуна, ки пеш аз ин гуфтем, дар Готҳо ҷуз аз Зардушт ва ҳафт нафар нахустин шогирдон ва пайравонаш номи дигаре бурда намешавад. Ҳамчунин матлабе дар бораи табори ӯ ҷуз ишора ба хонадони «Спитамон» нест.

Фарҳангмеҳр меафзояд: «Он чи ки баъдҳо баъзе хаёлбофон навишта ва ӯро аз хонадони шоҳон донистаанд, далели мустанаде надоранд ва пазируфтанӣ нест. Зардушт худро Заотар мехонад, яъне рӯҳонӣ. Дар айни ҳол ӯ ба табақаи рӯҳонӣ мутлақан ишора намекунад ва дар Готҳо на аз АТРАВАН номе мебарад ва на аз Муғ. Вале дар Ҳафт ҳот ва дар дигар қисмати Авесто номи Атраван борҳо омадааст. Атраванҳо нигаҳбонони оташ будаанд. Вожаи (калимаи) МАГА, яъне бузург дар Ҳафт ҳотяк бор ба сурати исми ом (умумӣ) ба кор бурда шудааст. Вале Муғ ба сурати номи гурӯҳирӯҳонӣ наёмадааст. Шояд сабаб ин будааст, ки дар оғоз «МУҒОН» ки рӯҳониёни ғарби Эрон будаанд, бо Ашу Зардушт мухолифат меварзиданд ва Ашу Зардушт на танҳо аз онон ёд накардааст ва шояд ҳам Ашу Зардушт нахостааст зикри номи онҳоро барои ифроткориашон дар ташрифоти мазҳабӣ, ҷоиз надонистааст, ҳол он ки дар адабиёти динӣ муғҳоро ба «муғони килдонӣ», «муғони каппадокӣ» ва «муғони зардуштӣ» ҷудо намудаанд, ки ҳар гурӯҳ ба фаъолияти махсуси худ аз ҳам тафовут доштанд. Масалан,

---
[36] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт.-С.130.

муғони килдонӣ бештар бо масоили тиб, ситорашиносӣ, соҳирӣ ва ғайра машғул буданд ва муғони зардуштӣ аксаран ташрифоти динӣ ва маросимиро анҷом медоданд[37].

Дар Авестои мутааххир, ки ба василаи дигарон навишта шудааст, аз падар ва модари Зардушт-Пурушасп ва Дуғду ном мебарад ва мегӯяд, ки ҳарду аз хонаводаҳои арҷманд ва дар ашуӣ [покӣ] ва доноӣ, саршинос будаанд. Авестои мутааххир ҳамчунин мегӯяд, ки Ашу Зардушт дар сини 15 - солагӣ донишҳои замони худро фаро гирифта буд. Аз ҳамон замон буд, ки дар дурустии боварҳои [дину эътиқодоти] мардумон ва парастиши худоёни гуногун, шак ва тардид кард ва ба ҷустуҷӯи ҳақиқат бархост. Дар синни сисологӣ ба паёмбарӣ баргузида шуд. Дар дувоздаҳ соли аввалияи таблиғаш, бо душманӣ ва мухолифати рӯҳониён ва шоҳзодаҳои маҳаллӣ рӯ ба рӯ шуд. Чун ҷонаш дар маърази хатар қарор гирифт, бо пайравонаш, дар синни чилу ду (42) солагӣ ба Балх муҳоҷират кард ва дар он ҷо буд, ки мавриди ҳимояти Гаштосб қарор гирифт ва ба тадриҷ тавонист пазирандагони дини худро афзоиш диҳад.

Авестои мутааххир ҳамчунин ҳамсари Зардуштро ба унвони яке аз пазирандагони дин зикр мекунад ва аз шаш фарзанди Зардушт – се писар ва се духтар ном мебарад. Се писар: Иствастра, Урватачина, Ҳварачитра ва се духтараш: Френӣ, Ситӣ ва Пручестӣ будаанд [38] .Муаллифи китоби «Ошноӣ бо адёни бузург» [Теҳрон, 1385 (2006 м.)-С.57-60] устод Ҳусайн Тавфиқӣ инқилоби динии Зардуштро аксуламале нисбат ба дин ва ойини муғони ғайриориёӣ дониста менависад:

«Қабл аз зуҳури Зардушт яъне пеш аз подшоҳии модҳо бумиён ва сокинони таҳҷоӣ ва ғайриориёии Эрон дине доштанд, ки ойини муғон номида мешуд. Калимаи Муғ (магуш) дар забони қадими Эрон ба маънои <u>ходим</u> будааст. Ба назар мерасад муғон сокинони бумӣ ва таҳҷоии Эрон будаанд ва монанди даровидони Ҳиндустон, пас аз воруди ориёиён сарзаминихудро таслими онон кардаанд. Вожаи (калимаи) **<u>маҷус</u>**, ки дар забони арабӣ ба зардуштиён итлоқ (мансуб)

---

[37] История таджикской философии с древнейших времен до XV в. Т.1.-С.68.
[38] Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт.-С.127-130.

мешавад, аз ҳамин калимаи магуш меояд.Баъзе аз пажӯҳишгарон (муҳаққиқон) мӯътақиданд, ки санавият (дуализм), яъне имон ба Офаридагоре барои хубиҳо ва Офаридагоре барои бадиҳо дар дини зардуштӣ аз муғони қадими Эрон гирифта шудааст ва аз китобҳои таърихӣ бармеояд, ки муғони қадим дугонапараст (дуалист) будаанд[39].

Баъди чанд садсола аз омадани ориёиён ба Эрон ин қавм тадриҷан ба шаҳрнишинӣ рӯй овард ва ин масъала дар ҷаҳонбинии онҳо таъсири амиқ гузошт.Дар он рӯзгор инсони ислоҳгаре бархост ва эрониёнро ба дини нав ва тозае даъват кард ва дини муғонро бекор намуд. Ин паёмбари муслиҳ (реформатор), ки худро фиристодаи Худои хубӣ ва рушноӣ мешиносонид, Зардушт ном дошт. Вай исбот мекард, ки дини худро аз Аҳуромаздо дарёфт карда, то ҷаҳонро аз тирагиҳо пок кунад ва онро ба сӯи некӣ ва рӯшноӣ раҳнамун созад. Зардуштиён ба номҳое чун маҷусӣ, габр ва порсӣ хонда мешаванд. Вожаи (калимаи) «Маҷус» фақат як бор дар ояти 17 сураи Ҳаҷ пас аз зикри чанд дини тавҳидӣ (яктопараст) ва пеш аз ишора ба мушрикон қарор гирифтааст. Аксари уламои ислом маҷусро аҳли китоб донистаанд ва ҳадисҳое низ дар ин боб вуҷуд дорад. Калимаи «габр» дар забони сирёнӣ ба маънои кофир аз ҷониби дигарон ба онон итлоқ шудааст. Ва «порсӣ» маъмулан ба зардуштиёни Ҳиндустон далолат мекунад[40].

Дар «Шоҳнома» омадааст, ки Эрониён дар он рӯзгор хироҷгузори туроиён буданд. Зардушт ба подшоҳ Гуштосп, ки зардуштияро пазируфта буд, дастур дод, ки аз боҷ додан ба бегонагон худдорӣ кунад ва шоҳ ҳам қабул кард:

**Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,**
**Хуҷаста шуд он ахтари шаҳриёр.**
**Ба шоҳи ҷаҳон гуфт Зардушти пир,**
**Ки дар дини мо ин набошад ҳажир.**

---

[39] Тавфиқӣ,Ҳусайн. Ошноӣ бо адёни бузург. Теҳрон, 1387.-С.52; Ниг.низ:Дандамаев М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древнего Ирана. М., 1960.

[40]Ҳамон ҷо.-С.57.

**Ки ту бож бидҳӣ ба солори Чин,**
**На андархур ояд ба ойину дин.**
**Набошам бар ин низ ҳамдостон,**
**Ки шоҳони мо дар гаҳи бостон.**

**Ба туркон надоданд кас божу сов,**
**Ба Эрон набудшон ҳаме тушу тов.**
**Бипазруфт Гаштосб, гуфто, ки низ,**
**Нафармоямаш додани бож чиз[41].**

Албатта ин амал хашму ғазаби туронӣёнро барангехт. Онон аз Гуштосб хостанд, ки аз дини нав даст бардорад. Вале Гуштосб хоҳиши онҳоро қатъиян рад кард. Аз ин рӯ, ба Эрон тӯрониён лашкаркашиданд. Вале Гуштосб бар туроният ғалаба кард ва ба ривоҷ додани дини Зардушт идома дод.[42]

Ин як назари суннатии (анъанавии) донишмандони муосири исломӣдоир ба Зардушт ва дини ӯ буд. Донишмандони муосири Урупо низ доир ба Зардушт ақидаҳои ҷолибе баён намудаанд. Дар китоби Гео Виденгрен дар боби шашум зери сарлавҳаи «Зардушт: шахсият ва таълимоти ӯ» чунин омада: «Агар аз хештан бипурсем, ки матолиби мувассақ (собитшуда ва дақиқ) барои донистаҳои худ дар бораи Зардуштро дар куҷо меёбем, он гоҳ ҷавоб метавонад чунин бошад: «Дар сурудҳои худи паёмбар, яъне Гоҳон». Ин сурудҳо ба куҳантарин бахшҳои Авесто тааллуқ доранд ва ба гӯиши [лаҳҷае] бисёр куҳан суруда шудаанд, ки ба лаҳҷаи Ведоии забони ҳиндии куҳан наздик аст. Эҳтимол, бояд инҳоро мушкилтарин матнҳое ба шумор овард, ки дар яке аз забонҳои ҳиндугерманӣ мавҷуд аст.[43]

Дар идомаи суханони худ Винденгрен қайд карда , ки ин мавзӯъро низ дар Гоҳон мебинем, ки бунёдгузори дини ҷадид бо рисолати худ ба мухолифати сарсахти адёни суннатӣ дучор шуда ва ба ҳамин иллат мебоист, ӯ аз хонадони хеш бигрезад ва ба Гуштосб, шоҳи тоифае паноҳ барад, ки Кавӣ яъне

[41] Шоҳнома. Теҳрон. 1369-1990.-С.295.
[42] Тавфиқӣ,Ҳусайн. Ошноӣ бо адёни бузург.-С.58.
[43] Виденгрен, Гео. Ҷаҳони маънавии эронӣ аз оғоз то ислом. Теҳрон, 1381=2002.-С.123.

шаҳриёри рӯҳонии хонадони Фриён буд. Мардоне, ки аз наздиктарин ёрони Кайгуштосб будаанд, Фаршуштар ва Ҷомосп ном доранд ва аз хонадони Ҳвогва ҳастанд. Дақиқан намедонем, ки хонадони Фриёнро дар куҷо ҷустуҷӯ кунем, вале онро «туронӣ» гӯяд, яъне иқоматгоҳи ин хонадон бояд дар Ховари дур бошад.[44]

Аз тамоми матолиби гуфташудаи Г.Виденгрен чунин бармеояд, ки зуҳури Зардушт дар муҳити ориёии куҳан, ки ба вазъи ведоии ҳиндӣ шабоҳати бисёр дошт, тағйири комилан бузурге дар вазъи иҷтимоӣ ба бор овард. Зардушт дар мақоми намояндаи дини ҷадид бо динҳои куҳани ориёӣ ба мухолифат бархост; ӯ на фақат қурбонӣ ва нӯшидани «ҳаома»-и мастиоварро инкор кард, балки мавҷудоти минавиро бо номи Амшоспандон (AmešaSpentar) ҷонишини онҳо кард.

Дар ин ҷо зарурат дорад, ки китоби Авесторо аҳли илму фарҳанг ба дурустӣ бишносанд. Зеро Авесто яке аз аввалин китоби муқаддаси ҷаҳонист, ки қоидаҳои динсозӣ, пайғамбарӣ, шариатмадорӣ ва хушбовариро дар шакли том ва тамом ба ҷаҳониён арза доштааст. Пайғамбарони баъдина каму беш аз ин китоб тақлид кардаанд. Сониян, сабаби асосии ношинохта мондани Авесто шикасти сиёсии сулолаи Сосониён (225-651) буд. Қавмҳои ғолиби баъдина- арабҳо, румиҳо, юнониён дар адовати сахти сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ нисбат ба эрониён қарор доштанд. Зеро онҳо то ҳуҷуми арабҳо ҳамагӣ ва бардавом зери нуфуз ва таҳдиди империяҳои эронитабор буда, баъди шикасти Сосониён бо ҳар василае аз эрониён қасос мегирифтанд.

Шикасти сиёсии Сосониён шикасти диниро ҳам дар бар дошт. Шогирдон ва пайравони пешинаи фарҳанги Эрон (яъне сомиҳо: арабу яҳуд) акнун ба мақоми устодӣ расида буданд. Шогирдоне, ки то тавонистанд аз устоди худ фосила гирифтанд, то асолати худро собит созанд. Шоир ва нависандаи маъруфи Ҳинд Робендронат Тагор мегӯяд, ки «акси садо (эхо) асли худро барои он масхара мекунад, ки то исбот намояд: «Ман асл ва асосам, на ту!!!»

---

[44]Виденгрен, Гео. Ҷаҳони маънавии эронӣ аз оғоз то ислом…-С.124.

Парокандагиҳои минбаъдаи сиёсӣ ва фарҳангии ориётаборон ба парокандагии осори динии онҳо низ сироят намуд ва китоби Авесто низ ба ин сарнавишт дучор гардид. Авесто номи умумии маҷмӯаи куҳантарин навиштори эрониён ва қадимтарин китоби динии маздопарастон (зардуштиён) аст, ки дар замонҳои қадим (ба ривояти «Динкард») 21 наск (китоб) дошта ва дар шакли имрӯзаи худ иборат аз шаш қисм: «Гоҳон», «Ясна», «Яштҳо», «Вандидод», «Виспарад» ва «Хурда-Авесто» мебошад.[45]

Авестои нав унвонест куллӣ барои бахшҳои панҷгонаи мутааххири (баъдинаи) Авесто (Ясна, Яштҳо, Виспарад, Хурда-Авесто ва Вандидод), ки дар давраҳои пас аз Зардушт ба нигориш даромадааст ва аз ҳарду дидгоҳ шеваи нигоришу ҷавҳари андеша, аз «Гоҳон»-и сурудаи Зардушт фарқ дорад. «Гоҳон» (= «Готҳо») номи куҳантарин бахши (қисми) Авесто, яъне сурудҳои панҷгонаи Зардушт аст.

Яке аз муҳаққиқони муосир Ҳошим Разӣ менависад: «Вожаи (калимаи) Авесто аз нигариши маънӣ пас аз наздик ба ду асри ҷустуҷӯ ва таҳқиқ ҳанӯз ҳам мубҳам (норавшан) монда ва ё дастикам иттифоқи назаре ҳосил нашудааст. Сабаб он аст, ки ин калима на дар худи Авесто ва на дар забон ва гӯиши (лаҳҷаи) авестоӣ, балки дар ҳеҷ забон ва лаҳҷаи ҳинду эронӣ ва ориёӣ низ чунин калимае нест. Ба ҳамин ҷиҳат донишмандон барои асоснок кардани асли маънии он аз решаҳо ва калимаҳои ҳаммонанд баҳра бурда, ба маънӣ ва тафсири он пардохтаанд.[46]

Бо вуҷуди ин нобасомониҳо дар муайян намудани калимаи «Авесто» ва ноҳамоҳангиҳову тафовутҳо дар бархе аз масоили ҷаҳоншиносию космологӣ дар Авестои мутааххир нисбат ба Готҳо, сатҳи имрӯзаи омӯзиши Паёми Зардушт ва таълимоти оини зардуштӣ ба ҳар муҳаққиқ имкон медиҳад, ки барои мавзӯи дилхоҳи худ аз онҳо бардошт ва маълумоти дақиқу мӯътамади фарҳангӣ пайдо намояд. Овардани маълумоти фавқ барои мо аз он ҷиҳат дорои аҳамият мебошад, ки он заминаи асосии фарҳанги миллии халқи форс-

[45] Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар: Муаззами Диловар. Душанбе, чопи якум, 2001.-С.569.
[46] Разӣ,Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон.-С.175.

тоҷик мебошад ва дар тӯли хазорсолаҳо ташаккули маорифи динӣ ва инкишофи афкори маънавӣ ва фарҳангиро дар худ таҷассум намудааст. Он маънавиёти аҷдоди мо – ориёиҳо мебошад, ки дар байни тамаддунҳои ҳамҷавори худ дар аҳди қадим мақоми хосса пайдо карда, боиси арзи вуҷуд намудани ҳавзаҳои гуногуни маданию фарҳангӣ дар Шарқу Ғарб гардида буд. Таъсиру нуфузи он ба сарзаминҳои Осиёву Аврупо низ назаррас аст. Зеро ин тамаддунро ориёиҳо ҳамроҳи муҳоҷираташон ба мамолики Осиёи Ғарбӣ ва Урупо бо худ бурда буданд.

## ШУУБИЯИ ФАЛСАФӢ

Вақти он расидааст, ки дар тарбияи ватандӯстии миллати худ бо тамоми воситаҳои мавҷуда, барои беҳбудӣ ва баланд бардоштани дараҷаи самаранокии ин соҳаи муҳими кори равшанфикрӣ, аз мероси фарҳангии ниёгон васеъ истифода намоем.

Ба монанди адабиёти маорифпарварии франсуз дар фарҳанги халқҳои ҷаҳон намунаҳои ҷолиби диққати адабиёти равшанфикрӣ мавҷуд аст. Ақоиди фалсафии халқи тоҷик дар тӯли таърих баробари инкишофи хеш ба ақоиди фалсафии халқҳои дигар таъсири мусбат расондааст. Мо эҷодиёти ду тан марди некноми майдони муборизаи ақоиди фалсафӣ–Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандиро дар назар дорем, ки нақши онҳо дар таърихи ақоиди озодфикрӣ ва умуман фарҳангии халқҳои Шарқ, махсусан эрониаслу араб, басо равшан то имрӯз боқӣ мондааст. Агар хизмати Ибни Муқаффаъ бо нигоҳ доштани беҳтарин сарчашмаҳои адабӣ–фалсафии паҳлавӣ ва тавассути онҳо дар дунёи маънавии инсон як инқилоби фикриро ба вуқуъ пайваста бошад, пас, Ибни Ровандӣ дар олами ислом бори аввал ҷаҳонбинии диниро дар оинаи хирад баррасӣ ва байроқи озодфикриро барафрошта буд. Он озодфикрии дар замони Эҳёи Аврупо ба майдон омада чи тавре, ки муҳаққиқони муосир нишон додаанд маҳз аз

ҳамин ҷараёни фикрии Машриқзамин ғизои маънавӣ гирифтааст.

Пеш аз он, ки доир ба ақоиди фалсафӣ ва андешаҳои озодфикрӣ дар симои ду тан намояндаи барҷастаи маданияти халқамон сухан ронем, лозим меояд, ки дар бораи замони онҳо ва равияҳои иҷтимоии ҷомеаи онрӯза ба таври ихтисор ишора намоем. Замони зиндагӣ фаъолияти иҷтимоӣ –сиёсӣ ва эҷодии Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ ба даврае рост меояд, ки дар олами ислом нахустин хиштҳои ҷараёнҳои гуногуни мазҳабию сиёсӣ гузошта мешудаанд. Махсусан авҷ гирифтани ҳаракатҳои шуубия дар пайдоиши ақидаҳои сиёсии асри VIII-IX мелодӣ мадад намуд. Яке аз ҷиҳатҳои ҷолиби диққат дар шуубия аз он иборат буд, ки тарафдорони ин ҳаракат аз заминаи нишондоди ислом ҳуқуқи халқу қабилаҳои дигар, масъалаи баробарии ҳақиқии ҳамаи халқҳоро ба миён мегузошатнд. Аз тарафи дигар худи таълимоти ислом боиси ихтилоф ва кашмакашҳои зиёде гардида буд.

Аз кашмакашҳои хонадони Умавиҳо ва Аббосиён дар сарзаминҳои тасарруфгаштаи эрону Осиёи Миёна ҳаракатҳои халқӣ авҷ гирифтанд. Дар паси пардаи хуруҷҳои сиёсӣ масъалаҳои истиқлолияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва забони қарор дошт. Аз тарафи дигар мубориза ба муқобили дини ислом маҳз дар асри аввали халифаҳои Аббосӣ дар қисмати Аҷам бештар густариш ёфт Чи тавре, ки таърих шаҳодат медиҳад, ҳаракати шуубия ва намояндагони он пояҳои таълимоти исломиро сус карда, бо ҳар роҳ таълимоти фалсафӣ ва мазҳабӣ ба дараҷаи тамоман ихтилофнок дар баъзе лаҳзаҳо ба иғроқ меанҷомид. Дар хилофати исломӣ ҷанини озодфикрӣ ба дарахти сарсабзе расида, самар медод. Албатта, ҳамаи ин ҷараёнҳо якхела набуданд, вале муҳимаш он буд, ки барои худшиносии халқҳои эронӣ дар Суғд, Хуросон, Хоразм, Фарғона ва тамоми Эрону дигар сарзаминҳо омилҳои муҳим ба майдон омаданд. Дар аввалҳои асри VII шуубиён таблиғоти хешро бо як шӯру қиём инкишоф доданд ва ашъори тезутунде дар таҳқири арабҳо ва ислом иншо карданд.

Фаъолияти машҳуртарини онҳо, ки дар фасли қаблӣ ироа гардид, шоироне буданд, ки ба лисони арабӣ шеър иншо карда ва ҳатто дар адабиёти араб ба зинаи олии камолот расидаанд, вале ҳисси ватандӯстӣ, майли озодандешӣ, унсурҳои демократӣ-халқӣ дар эҷодиёти онҳо мавқеи хос доштанд. Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ чун ситорагони дурахшоне дар дунёи маънавии инсонӣ нурҳои озодфикрӣ, ақоиди равшанфикрии ниёгонро ба наслҳо мерос гузоштаанд.

## Ибни Муқаффаъ–адиб, донишманд ва назарияпардози фарҳанги бостонии форситаборон. (724–759 мелодӣ)



Шодравон академик Б.Ғафуров дар яке аз навиштаҳои илмиаш номи Ибни Муқаффаъро дар сархати нобиғаҳои Машриқзамин ба монанди Сибавейҳ. Муҳаммад ал-Бухороӣ, Муслим ал-Қушайрӣ, ат-Тирмизӣ, Абудовуд ас-Сиҷистонӣ, Ал-Фарғонӣ, ал-Хоразмӣ. Ал-Истахрӣ, Ибни Қутайба ад-Динаварӣ ва бузургтарин алломаҳо ба мисли Абӯалӣ Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва Фаробӣ гузошта, таъкид намудааст, ки онҳо новобаста аз зодаи ин халқ буданашон дар тамаддуни башарӣ ба тамоми инсоният тааллуқ доранд. Дар сархати ин олимони барҷаста гузоштани Ибни Муқаффаъ аз ҷониби Б.Ғафуров бесабаб нест. Зеро ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ хидмати ин донишманди асри VIII мелодӣ дар бунёди фарҳанг, махсусан пайванди ақоиди фалсафии халқҳои эронӣ ба олами исломӣ, анъанаи фалсафӣ-дидактикии ниёгонамон, инчунин юнониёну ҳиндуён бо имрӯз басо назаррас аст. Танҳо ном бурдани «Калила ва Димна» барин асари барҷастаи пурқимат, ки маҳз бо кӯшиш ва ҷонбозиҳои Ибни Муқаффаъ ба оламиён расидааст, басанда аст, ки номи ӯро дар таърихи илму

фарҳанг бо хатти зарин сабт намоем. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҷонбозӣ ва ҳақиқатталошии ин марди ростин то кунун дар илми мо ба таври бояду шояд қадр карда нашудааст.[47]

Бидуни чанд мақолаи кӯчаке, ки дар қомусҳо, тазкираҳо ва ишораҳое ки дар асарҳои тадқиқотӣ мавҷуд аст, оммаи васеи хонандагони тоҷик аз шарҳи ҳолу осор ва ақоиди фалсафию диди озодфикрии ӯ бенасиб мондаанд. Гузашта аз ин бояд ёдовар шуд, ки Ибни Муқаффаъ* яке аз шахсиятҳои бузурги иҷтимоӣ низ буд ва нақши осори ин некном дар олами мутамаддин то имрӯз боқист. Ӯ хоҳони дӯстии холисона, зиндагии осоишта, сидқу вафо ва меҳрубонӣ буд. Маълумоти сарчашмаҳо доир ба ҳаёт ва фаъолияти Ибни Муқаффаъ пароканда ва мухтасаранд. Дарёфти марҳилаҳои алоҳидаи ҳаёти ӯ барои муҳққиқон душвориҳои зиёдеро пеш меорад.*

Ҳаёти Муқаффаъ аз ду марҳила иборат аст: якум, марҳилаи аввал ё худ давраи умавӣ иборат аз 25 сол, ки онро марҳилаи таҳсил ва ҷустуҷӯйҳои илмӣ мешуморанд ва дуюм, давраи аббосӣ, ки тақрибан 10 сол давом карда, дар ин давр осори фикрии худро таълиф кардааст.

Рӯзбеҳ соли 106 ҳиҷрӣ мутобиқи 724 мелодӣ дар деҳаи «Ҷур» таваллуд шудааст. Ин деҳаро ҳоло Фирӯзобод мегӯянд. Маънои номаш «муборак» мебошад. Номи падараш Додавайҳ мутаваллии хироҷи форс буд. Ӯро Ҳаҷҷоҷ таъйин карда буд. Ӯро дар Басра барои насупоридани хироҷ Ҳаҷҷоҷ чунон лагадмол карда буд, ки як дасташ хушк шуда буд. Аз ин сабаб ӯро «Муқаффаъ», яъне хушкшуда номидаанд. Писарашро ҳам ба ин ном хонданд. Вақте ки Рӯзбеҳ ислом қабул кард, Абдуллоҳ ном гирифт ва кунияашро Муҳаммад гузошт. Рӯзбеҳ дар Форс ба воя расид. Майли ӯ бештар ба омӯзиши маданияти форсӣ равона шуда буд. Пайрави дини зардуштӣ бар мазҳаби оташпарастӣ буд. Баъдтар ба Басра омада, илму адаб ва забони арабро дар он ҷо омӯхт. Дар рушди маънавии ӯ ду омили асосӣ вуҷуд дошт: яке донистани маданияти форсӣ,

---

[47]Саҳифаҳо аз таърихи озодфикрӣ. Таҳияи К.Беков ва М.Мирраҳимов. Душанбе, 1987.-С.3-8.

*Нигар: Ибни Муқаффаъ. Навиштаи Аббос Ҷаҳонгирӣ. Теҳрон, Интишороти мадраса, 1383. (фарзонагон)

юнонӣ ва ҳиндӣ ва дуюм фасоҳати забони араб. Ва ҳамаи инро Рӯзбеҳ бо ду аслиҳа – аслиҳаи фикрӣ ва забонӣ пешвоз гирифт.[48]

Муқаффаъ чанд муддате дар хизмати халифаи умавӣ (Марвон ибни Муҳаммад) буд ва дар Кирмон иқомат дошт. Баъдтар ҳангоме ки дар давлати аббосӣ бо аҳли фазлу аҳли давлати он сару кор пайдо кард, зарурате барояш пеш омад, ки ояндаи шахсии ӯро муайян мекард. Ин зарурият муносибати ӯ нисбат ба дини ислом буд. Муқаффаъ исломро қабул кард. Дар китобҳои таърихӣ ривоят кардаанд, ки чун Муқаффаъ баъди қабули дини нав, яъне ислом, рӯзе дар пайраҳаи танге мерафт, ки кӯдаке ин оятро бо овози баланд ба хондан сар кард: «Алам наҷъалу-л-арза миҳодан ва-ал-ҷибола…», яъне «Оё заминро барои шумо таҳти хоб наофаридаем…» Ибни Муқаффаъ боз истод то кӯдак сурaро ба охир расонд. Баъд Муқаффаъ худ ба худ гуфт: «Дар ҳақиқат ин ба гуфтаҳои башарӣ монанд нест».[49] Сонӣ ба назди Исо ибни Алӣ рафта гуфт: «Ислом дар дили ман ҷойгир шудааст. Мехоҳам, ки бо шоҳидии ту мусулмон шавам». Исо гуфт: «Барои ин кор бояст, ки сардорон ва мардум ҳозир бошанд. Агар пагоҳ мусулмон шуданӣ бошӣ, ҳамаро ҷамъ меоварем».

Рӯзбеҳ ҳамон бегоҳ ба Исо таоми шомро оварда, ҳамроҳи ӯ ба хӯрдан сар кард. Ҳангоми хӯрдан ба равишу одати маҷусиён таъом мехӯрд ва замзама мекард. Исо гуфт: «Азми мусулмонӣ дорию боз замзама мекунӣ? Муқаффаъ ҷавоб дод: «Намехоҳам, ки рӯзеро ҳам бе дин гузаронам». Вақто ки мусулмон шуд, ба вазифаи котиби Исо таъйин гардид. Қатъи назар аз ҳамаи алоқамандиҳо ва пайвастагиҳои маънавӣ ва моддие, ки Рӯзбеҳ бо аҳли давлати аббосӣ дошт, ӯ ба он давлат ва бо дини он ихлоси ҳақиқӣ надошт. Майли ӯ ба ҷониби миллати хеш – форс буд ва дар зиндагии илмӣ ва шахсии худ тамасхур ва ришханду истеҳзоро нисбат ба араб, аҳли давлат ва дини ислом дареғ намедошт. Масалан, дар номае узрхоҳона аз номи хешони халифа Мансур чунин

---

[48]Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён аз Зардушт то Розӣ. Теҳрон, 1977.-С.161-165.

[49] Муҳаққиқони муосир бар ин боваранд, ки ин ривоят сохта ва бофта мебошад.

навиштааст: «Вақте ки Амир-ал-мӯъминин ба амаки худ Абдуллоҳ ибни Алӣ ғадр ва ҷабр кард, занҳояшон талоқ, ҳайвоноташон маҳбус, ғуломаш озод гашта, мусулмонон ҳуқуқ доранд, ки ба ҷои он халифаи дигаре интихоб кунанд». Мансур дар ҷавоб гуфтааст: «Оё, як кас барои ӯ кифоя намекунад?» Дар ин ҳангом Суфиён ибни Муовия ибни Язид ибни Мулаҳҳаб ҳозир буд. Ӯ аз пеш нисбат ба Рӯзбеҳ дар дил кинаву адоват дошт. Чунки Рӯзбеҳ ҳамеша Суфиёнро масхара мекард. Суфиён бинии калон дошт. Ҳангоми вохӯрӣ Рӯзбеҳ ба ӯ чунин салом мекард: -Салом ба шумо ду кас (яъне ба Суфиён ва биниаш). Хулоса Суфиён аз халифа Мансур иҷозати қатли Рӯзбеҳро гирифта, ба ривояте ӯро дар хонаи худаш (яъне дар хонаи Суфиён) қатл мекунад. Ба ривояти дигаре ӯро дар чоҳ партофта, аз болояш санг мерезанд. Ба ривояти сеюм ӯро дар ҳаммоми тафсон ба ҳалокат мерасонанд. Ба ривояти чорум аъзои бадани Рӯзбеҳро як-як бурида ба танӯр мепартояд ва мегӯяд: «Ба модарам қасам, ки туро тавре мекушам, ки касеро накушта бошанд» ва дар охир: «Эй фарзанди зиндиқ, туро пеш аз оташи дӯзах дар оташи дунё месӯзонам».[50] Бояд гуфт, ки маҳз ҳамин ривояти охирин ба ҳақиқат наздик аст.

Симои маънавии Муқаффаъро дар таърих, бо ҳар ранг нақш кардаанд. Ақидаи гузаштагон ва муосирон доир ба ӯ якранг нест. Аксари мардум ӯро муаллифи «Калила ва Димна» меҳисобанд. Дигарон мегӯянд, ки Рӯзбеҳ яке аз он бузургони маданияти инсонист, ки дар насри арабӣ қадамҳои барҷастае ба пеш гузоштааст. Ӯ дар таълифоти арабии худ дорои услуб ва таъбироти махсус аст. Дар олами балоғат ва баён устоди болодаст буда, эҷодиёти ӯ натиҷа ва самараи ақли борикбин ва дурахшони вай буданд. Дигарон ақида доранд, ки Рӯзбеҳ яке аз он мутарҷимонест, ки мақолаҳо ва рисолаҳои навиштаи ӯ илова ба тарҷимаҳои арзишманди ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ ва баъдтар таъсири фаровонро доро шудаанд.

Дар воқеъ, Рӯзбеҳ намояндаи барҳақи замон ва асре буд, ки зиддиятҳои зиёдеро дар симои як фарди он таҷассум мекард. Рӯзбеҳ овози мутлақ ва аз банду қайд озодгаштаи

---

[50]Ҳанно Ал-Фохурӣ. Ибн Ал-Муқаффаъ. Миср, 1957.-С.14.

аҳли шуубия буд. Ӯ ҳамчунин овоз ва нидои ҳамаи шохаҳои маданияти қадимаи гуногунмиллати пешазисломӣ буд. Ӯ як симои форсӣ, аристократӣ, эклектикӣ (худмухтор) дар зиндагии иҷтимоӣ ва эҷодиёти илмӣ буд. Симои ҳақиқии ӯ аз он иборат аст, ки ӯ марди оқил, фалсафӣ, сиёсатдон ва барои адабиёти араб яке аз пешвоёни насри бадеӣ ба шумор меомад.

Хусусиятҳои шахсии Рӯзбеҳ низ ҳамчун шахсият ибратомузанд. Ба навиштаи муаррихони гузашта Рӯзбеҳ дорои шахсияти барҷаста будааст. Хусусиятҳои фардии ӯро иборат аз заковат, серҳаракатӣ, борикбинӣ, бадоҳати фаврӣ, ҷамоли зебо ва хушсӯҳбатӣ донистаанд. Аз асли худ, яъне аз миллати форс низ баъзе хусусиятҳо ба меросӣ гирифта буд: Ҳаётдӯстӣ, майли ҳазлу шӯхӣ ва майли ба даст овардани фазилатҳои инсонӣ. Маданият ва маълумоти ҳамаҷонибаи ӯ илмӣ ва амалӣ буд. Зеро чунон ки мегӯянд «Илми беамал ба мисли дарахти бесамар аст». Ӯ дар илми таърих бо таърихи форс ва бузургию азамати ин миллат меболид ва баҳсу андешаро дар ин соҳа барои худ фараҳмандии маънавӣ ҳисоб мекард. Дар илми фалсафа ақлу забонаш машғули муқоисаҳои мантиқии фалсафаи Юнон буд. Дилу ҷони худро ба самараҳои ширини ҳикмати Ҳинд шодоб мекард.

Китобҳои фалсафа, таърих, ҳикмат ва адабро хонда истода, Рӯзбеҳ кӯшиш мекард, ки дар шахси худ беҳтарин сифатҳои наҷиби умумиинсониро таҷассум кунад. Ӯ самараи мутолиаҳои худро дар ҳаёти шахсиаш татбиқ мекард. Муаррихи машҳур Ал-Асмаъӣ ривоят мекунад, ки аз Ибни Муқаффаъ пурсидаанд: «Туро адаб кӣ омӯхт? Гуфтааст: Худам адаб омӯхтам». Инчунин овардаанд, ки баъди кушта шудани Марвон, охирин халифаи Бани Умайя Абдулҳамид ибни Яҳё барои пинҳон шудан ба хонаи дӯсташ Рӯзбеҳ мегурезад ва дар он ҷо пинҳон мешавад. Одамони халифа омада мепурсанд: «Абдулҳамид куҷост?». Рӯзбеҳ ва Абдулҳамид ҳар ду якҷоя бо як овоз ҷавоб медиҳанд, ки: «Он, ман ҳастам!».[51]

Рӯзбеҳ марде бовафо буда, бо вуҷуди ин нармдил, ширинсухан ва хушмуомила будааст. Ӯ аз ҳамагуна шаририҳо нафрат мекард. Дар зиндагии шахсӣ сахӣ ва дасткушод буда,

[51] Бадавӣ, Абдурраҳмон. Мин таърихи-л-илҳод фи-л-ислом. Бейрут, 1980.-С.47.

дар ин роҳ шахсан ҷидду ҷаҳд мекард. Танҳо ҳаминаш аст, ки дар масъалаи арабҳо бо тақозои рӯҳи шуубии худ онҳоро бо лаҳни латифе масхара мекард. Мазҳаби сиёсии Рӯзбеҳ аз рӯи ақида набуд. Ӯ аз рӯи равиши рӯзгор мавқеи худро ишғол мекард. Масалан, ӯ шоҳиди ҳодисоти иҷтимоии зерин буд: Муборизаи Бани Умайя, зӯригариҳо ва золимиҳои Бани Аббос, зӯргӯии арабҳо ба муқобили миллатҳои дигар. Рӯзбеҳ чунин мавқеъро ишғол мекард, ки ботинан зидди арабҳо буд. Бо ҳамроҳии маволӣ ё худ миллатҳои ғайриараб худро тарафдори Бини Аббос вонамуд мекард, вале қалбан бо Аббосиён набуд. Ӯ дар дил ҳавои аббосгирӣ ва майли арабӣ надошт. Балки ӯ сиёсати алавӣ (Алипарастӣ) ва майлу рағбати форсӣ дошт. Ӯ худро дӯсти Бани Аббос вонамуд карда, аз бадиҳояшон канораҷӯӣ мекард.

Ҳамин тавр кӯшиш кард, ки барои миллаташ кори аз дасташ меомадагиро анҷом диҳад. Мехост бо нашри адабиёт, сиёсати он ва таърихаш миллати худро зинда кунад. Ӯ айбҳои системаи иҷтимоии замони худро медонист. Барои ислоҳи онҳо даъват мекард. Тартиботи давлатдории форсҳоро барои татбиқ кардан интихоб карда буд. Ӯ дар зинда кардан ва ислоҳи мероси миллати худ маҳорати аҷибе зоҳир карда буд. Яъне дар зоҳир ба таври сунъӣ худро моил ба аббосиён ва арабҳо вонамуд карда, дар амал ба ин восита мақсадҳои форсии худро иҷро карданӣ мешуд.[52]

Доир ба мазҳаби динии Рӯзбеҳ то кунун олимон ба ду ақида тақсим шудаанд: Гурӯҳи аввал мегӯяд, ки Рӯзбеҳ мусулмони ҳақиқӣ шуд ва исломро аз самими қалб қабул намуд. Гурӯҳи дуюм ақида доранд, ки Рӯзбеҳ зиндиқ буд ва зиндиқ монд.

Вале ақидаи олими муосири араб Ҳанно Ал-Фохурӣ ба хақиқат наздиктар аст. Ӯ мегӯяд, ки «Рӯзбеҳ аз гурӯҳи он одамонест, ки ба дин бо назарии ақли холис нигоҳ мекунанд. Ин қабил одамон дар ин масъала ҳайронӣ мекашанд ва изтироби сахтеро аз сар мегузаронанд. Аз ин ҳам гузашта бояд пиндорем, ки Рӯзбеҳ ба мазҳаби Монӣ майл карда ва аз таълимоти ӯ рӯҳи худро ором кардааст. Баъд чунон ки таърих

[52]Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Теҳрон. 1372.-С.145-148.

гувоҳӣ медиҳад, исломро қабул намудааст. Вале мусулмонии ӯ аз рӯи ақида набуда, балки муросое бо аҳли замон буд. Дар китобҳои «Ал-Ағонӣ» ва «Вафаёт-ул-аъён» доир ба зиндиқии ӯ ахборот оварда шудааст. Аз тарафи дигар боби «Барзавайҳ» дар китоби «Калила ва Димна» аз ақидаҳои динии муаллифи он шаҳодат медиҳад. Ба ҳар ҳол осори Рӯзбеҳ аз ақидаҳои илоҳии китобҳои осмонӣ («Сомӣ) дуранд. Ақидаҳои ӯ доир ба табиат ва камоли инсонӣ асос ёфтаанд».[53]

Доир ба зиндиқ будани Ибни Муқаффаъ қадимтарин китоби таърихӣ осори Ҷоҳиз мебошанд. Ӯ мегӯяд: «Ибни Муқаффаъ, Мутеъ ибни Иёс ва Яҳё ибни Зиёд дар дини худ муттаҳам карда шудаанд». Ибни Халликон овардааст, ки гӯё Маҳдии халифа гуфтааст: «Нависандаи зиндиқеро ба ҷуз Ибни Муқаффаъ пайдо накардам».[54] Маҳдӣ, халифаи аббосӣ низ гуфта буд, ки «ҳаргиз китобе дар зиндиқа надидам, ки аслу маншаи он аз Ибни Муқаффаъ набошад».

Ба ақидаи Аҳмад Амин адовати шахсие, ки байни Рӯзбеҳ ва Суфиён ибни Муовия буд, сабабгори бисёр нақлу ҳикояҳо гардидааст. Зиндиқии Рӯзбеҳ дар он зоҳир шудааст, ки гӯё аз назди оташкадае гузашта, мегӯяд (Мазмунан аз шеъри Аҳвас): «Эй оташкадаи Отика, каси аз ту дуршуда ҳам дилаш ба ту пайваст аст. Ба ту қасам мехӯрам, ки бо ҳама ин монеаҳо ба ту дар дил майл дорам».[55]

Чанде баъд донишмандоне аз қабили Боқилонӣ ва Қозӣ Аёз ӯро бо мухолифат бо «Қуръон» муттаҳам донистаанд. «Рӯзбеҳ – мегӯяд Аҳмад Амин, - аксари ҳаёти худро зоҳиран ва ботинан ба тариқи маҷусӣ гузаронд. Ӯ танҳо дар охир ҳангоми котиби Исо ибни Алӣ таъйин шуданаш, исломро қабул намуд. Баъди мусулмон шуданаш зиёд умр надид. Пеш аз ислом қабул карданаш, албатта, ӯро бадгӯӣ намекард. Ҳар коре шуда бошад, баъди мусулмон шуданаш, қобили вуқӯъ буд. Ровиён дар бораи гуфтаҳои зиндиқона ва асарҳои ӯ баъди мусулмон шуданаш чизе нагуфтаанд. Ҳодисаҳое, ки метавон ба ҳақиқати онҳо бовар кард, иборат аз адовати шахсии ӯ бо

[53]Ҳанно Ал-Фохурӣ. Ибн Ал-Муқаффаъ. Миср, 1957.-С.15-19.

[54] Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. ҷ.1.-С.211.

[55]Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом», ҷ.1.-С.223.

Суфиён ибни Муовия ва зиёрат кардани оташкадае беш нестанд. Вале доир ба зиндиқии ӯ муболиға кардаанд».[56]

Кор ба дараҷае расидааст, ки Ибни Таммом дар «Девони ҳамоса» аз Ибни Муқаффаъ ду байте зикр намуда, Саълаб мегӯяд, ки дар байти охир ақидаи мазҳабии Рӯзбеҳ зикр шуда ва ин маъноро таъкид мекунад, ки «хайр бо шарр ва шарр бо хайр омехта аст». Дар сурате, ки дар он байт чунин маъное пайдо кардан муҳол аст.

Рӯзбеҳ умри кӯтоҳ (ҳамагӣ 36 сол) дида бошад ҳам, таъсири ӯ ба тамоми осори озодандешию фалсафӣ, дидактикию инсондӯстӣ, адолатхоҳию некбинӣ ва иҷтимоию сиёсии қаламрави исломнишин ба таври возеҳ ба назар мерасад. Тамасхури латифи Рӯзбеҳ нисбат ба маросимоти ислом, тақвопарастии баъзе ашхоси таърихӣ, минбаъд ба як ҳаҷвиёти латифу пурнамаки шоирону ҳакимони борикбин сабзида расидааст. Он нукта ҷолиби диққат аст, ки Рӯзбеҳ тавонист дар умри кӯтоҳи хеш осори фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафии ниёгонамонро ба наслҳои оянда бипайвандад ва ин мерос бо ҳамин инкишофи қонунии афкори пешқадами тоҷикон то имрӯз боқист. Вақте ки «Калила ва Димна» аз рӯи нусхаҳои тарҷумаи арабии Рӯзбеҳ боз ба забони тоҷикӣ баргардонида шуд, ҳар кас метавонист ифтихор кунад, ки маҳз бобҳое, ки Рӯзбеҳ ҳангоми тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ бо он аз дигар асарҳои фалсафӣ илова карда буд (масалан, ақидаҳои боби «Барзавайҳ») боиси шӯҳрати дубораи он гардид. Гузашта аз ин маҳз ба тавассути «Калила ва Димна» ва ба назмовардани он аз ҷониби устод Рӯдакӣ дар нахустин поягузории адабиёти классикии тоҷику форс, ин адабиётро сифатан аз як тараф ба ҳикмату панду насиҳат ва аз тарафи дигар ба озодфикрию зиндадилӣ, танқиди тақвою инъикоси задухӯрдҳои бузурги иҷтимоӣ-сиёсии замонҳо пайванд кард.

Ибни Муқаффаъ аз котибон ва фасеҳони дараҷаи аввали забони арабӣ буда, шеър ҳам мегуфтааст. Ибни Надим дар бораи ӯ навишта: «Забонаш хеле фасеҳ ва балиғ, шоир ва нависандаи тавоно аст». Ин марди донишманди эронпараст, чандин китоби паҳлавӣ, аз он ҷумла китобҳои «Оиннома»,

---

[56]Ҳамон ҷо.-С.224.

«Худойнома», «Маздак», «Тоҷ», «Дар сирати Анӯшервон», «Калима ва Димна», «ад-Дуррат-ал-ятима фи тоати-л-мулук» дар одобноманигорӣ ва «ал-Адаб-ул-кабир» ва «ал-Адаб-ус-сағир» ба арабӣ тарҷима кардааст.

***



**Ибни Ровандӣ–файласуфи ринд ва озодандеши асрҳои миёна.**
**(825–911 мелодӣ)**

**Ибни Ровандӣ** (тахминан солҳои 825-911) зодаи сарзамини бостонии Хуросон буда, дар деҳаи Риванди назди Марв ба дунё омадааст. Бояд таъкид кард, ки нақши Марв дар бунёди фарҳанги миллии мо ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Ҳарчанд бозёфтҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба таври назаррас собит намудаанд, ки дар тӯли солҳои 500-1100 мелодӣ ин шаҳр ва ноҳияҳои он барои бисёр нобиғаҳо (масалан, ибтидо Борбад ва Ибни Ровандӣ дар асрҳои VII-IX)-и олами санъат, илму адаб ва фалсафа зодгоҳ ва илҳомбахши эҷодиёти онҳо (масалан Кисоии Марвазӣ ва Умари Хайём дар асрҳои IX-XI) гардидааст, он гоҳ равшан тасаввур метавон кард, ки Марвазамин (дар луғот бештар «Марвруд») дар этногенези тоҷикон чи хидматҳо кардааст.

Номи пурраи ин файласуфи озодфикри Марв – Абдулҳусайн Аҳмад ибни Яҳё ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ Ар-Ровандӣ мебошад. Баъзе сарчашмаҳои таърихӣ доир ба Ибни Ровандӣ бо ҳам ихтилоф дошта номашро ба тарзи «Ар-Ривандӣ» ва «Ар-Ровандӣ» низ сабт намуда, бо иштибоҳе ӯро аз Ровандии Исфаҳон донистаанд. Ва ҳол он ки тадқиқоти ба

тозагӣ анҷомдодаи муҳаққиқи араб дар бораи Ривандӣ[57] дар асоси мӯътамадтарин ахбори тазкираву сарчашмаҳо ба таври возеҳ нишон дод, ки ин ҳакими озодандеш зода ва парвардаи ҳамин Риванди Марвзамини Хуросон аст, ки дертар ба шакли Championship Ровандмашҳур шудааст.[58]

Мавриди таъкид аст, ки дар тӯли таърихи беш аз як ҳазору дусад соли сипаригашта, душманони ғоявии Ибни Ровандӣ ба таҳрифи ақидаҳои ӯ қаноат наварзида хостаанд, ки ҳатто шахсияти ӯро ҳамчун инсон таҳқир кунанд. Барои ҳамин мақсад гуфтаҳои ӯро бардурӯғ нақл карда, дар борааш афсонаҳои бемаъние бофтаанд, ки гӯё вай шахси аблаҳ ва масхарае мебошад. Ин гуна ҳикоятҳо ҳоло ҳам дар баъзе мамлакатҳои Шарқ (хосса Эрону Ироқ) давом дорад, ки дар таърих ба шахсиятҳои мазҳакавии Баҳлул ва Ҷуҳо монандие пайдо кардааст. Он нуқта ҷолиби диққат аст, ки душманони ғоявии Ибни Ровандӣ имрӯз ҳам ба муқобили ӯ чун бо шахси зинда мубориза мебаранд, раддияҳо менависанд ва таҳрифоте ба кор меандозанд. Вале чи тавре ки ҳикматшиносон гуфтаанд «ростиро завол нест» ва он чи Ибни Ривандӣ роҷеъ ба динҳо баён кардааст, хоҳ–нохоҳ ба дили росткорон роҳ ёфта, дунёи маънавии онҳоро бо некӯтарин афкори озодандешӣ бой мегардонад.[59]

Он чи ки то имрӯз доир ба Ибни Ровандӣ навишта шудааст, одатан дар бораи худи ӯ баҳс намуда, таълимоти ӯ, нуқтаи назари илмиашро ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор надодаанд. Дар сурате, ки хонанда наметавонад бовар кунад, ки ин ақидаҳо дар ҳақиқат аз Ибни Ровандӣ ҳастанд ва ё муаллифони мақолаҳо ва китобҳо ба ӯ нисбат медиҳанд. Ибтидо барои аз байн бурдани ин шубҳа зарур аст, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти дар бораи Ибни Ровандӣ мавҷудбударо айнан иқтибос оварем, то худи хонанда доир ба арзиши илмии онҳо ҳукм карда тавонад. Ибни Ровандӣ дар китобаш «Фазиҳат-ул-мӯътазила» (Расвоиҳои мӯътазилиён) навиштааст: «Мисли он ки ман аз

[57] Ал-Аъсам, Абдуламир. Таърих ибн ар-Ровандӣал-мулҳид. Бейрут, 1395 ҳ.= 1975. Минбаъд: [Таърихи Ибни Ровандӣ].

[58] Пешниҳоди доктор Аъсам ин аст, ки аз ин баъд Ривандӣ гӯем, на Ровандӣ.

[59]Саҳифаҳо аз таърихи озодфикрӣ. Таҳияи К.Беков ва М.Мирраҳимов. Душанбе, 1987.-С.10-17.

аҳли мӯътазила бошам, онҳо (яъне мӯътазилиён) чун ин китоби маро бихонанд, маро ба ҳамаи ин суханони гуфташуда айбдор намоянд. Зеро ман аз доираи онҳо берун рафтаам ва аҳли онҳоро бо суханони заҳрогин васф кардаам».[60]

Абулҳусайн Абдурраҳим ибни Муҳаммад ибни Усмон ал-Хайёт (ваф. 912), ки муосири Ибни Ровандӣ буд, дар асараш «Китоб-ул-интисор ва-р-рад ала Ибн Ар-Ровандӣ ал-мулҳид» («Китоби ғолибият ва радия бар Ибни Ровандии кофир»), ки аз муҳимтарин ва қадимтарин сарчашмаи таърихӣ доир ба ҳаёт ва шахсияти Ибни Ровандист, доир ба Ибни Ровандӣ чунин мегӯяд: «Ман китоби он бешарми палидро хондам. Ҳар он чи ки зикр кардааст, ҳамаашро фаҳмидам. Ба назари ман чунин намуд, ки ин китоби шахсест, ки ба аҳли дин ва мусулмонон буғзу кинаи сахте дар дил дорад. Аз номи мусулмонон гуфтаҳое нақл мекунад, ки аз мазҳаби онҳо берунанд. Барои дурӯғгӯӣ ва бӯҳтон хеле ҷасоратманд аст. Аҳли мӯътазиларо масхара мекард, аз дин рӯй тофт ва худои худро инкор кард. Ибни Ровандӣ китобҳои зиёде дар исботи илҳод ва кофирии хеш навиштааст. Ягонагии худо ва ҳақиқати «Қуръон»-ро рад намуда, ҳамаи пайғамбарон ва имомҳои исломро масхара ва таҳқир мекард. Китобҳои ӯ назди ҳама маъруф ва машҳуранд».[61]

**Ибни Ровандӣ дар асараш бо унвони «Китоб-ут-тоҷ» зиндашавии ҷисмонии одамиро баъди мурдан, инкор намудааст. Ӯ мегӯяд, ки ин ҷаҳон ба ҳамаи замину офтобу моҳу ситорагонаш қадим ва азалӣ буда, ҳеҷ холиқу офаридгоре надорад. Ҳар касе, ки мавҷудияти худоро исбот карданӣ шавад, оқибат ба зиддиятҳои фикрӣ ва хулосаҳои бемаънӣ дучор меояд. Ибни Ровандӣ дар китоби «Таъдил ва тазвир» мегӯяд, ки «худо аз ҳама бандагони худ заифтарин ва ранҷуртарин аст. Он чи ки нисбат ба бандагони худ раво дидааст, дар ҳеҷ сурат аз ҳакимӣ ва доноии худо шаҳодат намедиҳад. Худо ба ҳоли бандагони худ огоҳ ва меҳрубон нест, балки ӯ аз бандагонаш ҳам камбағалтар ва бадбахтар аст. Агар ӯ медонист, ки**

[60] Ибн ар-Ровандӣ. Фазиҳат-ул-мӯътазила. Кембриҷ, 1972.-С.113.

[61] Ал-Хайёт, Усмон. Китоб-ул-интисор ва-р-рад ала Ибн ар-Ровандӣ ал-мулҳид». Дастхати он дар «Дар-ул-кутуб»-и Миср таҳти рақами 852 (бахши илми тавҳид) маҳфуз аст.

**одамиён ба фармонаш итоат намекунад, чаро фармон дод? Ӯ ҳар касеро, ки кофир ва осӣ шавад, ба таври абадӣ ба оташи дӯзах маҳкум месозад».[62]**

Ибни Ровандӣ дар китобаш «Зумуррад» навиштаҳои пайғамбарон Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммадро зикр намуда, мавҷудияти зиддияту ноҳамоҳангиҳо ва ҳатто хатоҳову муҳокимаҳои муҳолу номумкинеро қайд менамояд. Ровандӣ китобе доир ба тавҳид навишта, дар он нишон додааст, ки худо ба зулм ва дурӯғ қодир аст.[63] Ба гуфтаҳои боло чунин нуктаро илова кардан лозим аст, ки душманони ғоявии Ибни Ровандӣ ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ба ҷасорати ӯ, дониши баркамоли ин олим қоиланд. Мувофиқи ақидаи Ибни Ровандӣ санг ба худии худ ва табиати хеш ҳаракат мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҳаракат мемонад ва ором мешавад. Об ва оташ низ ҳамчунин. Ҳамаи ҳаракатҳо ва оромиҳои ҷаҳон, пайвастшавиҳо ва ҷудошавиҳо, якрангиҳо ва гуногуниҳо ҳамагӣ бо худии худ ва бе даxолати худо вуҷуд доранд».[64]

Ин ақидаи олимона ва даҳриёнаи Ибни Ровандӣ аз назари ҳамзамонон ва уламои минбаъдаи олами исломӣ берун намондааст ва бояд иқрор шуд, ки дар муқобили ӯ аз пояи илоҳиёт он қадар радия ва китобҳо навиштаанд, ки танҳо овардани номгӯяшон даҳҳо саҳифаро дарбар мегирад. Мо танҳо номи баъзе муаллифонашро номбар менамоем ва худ равшан хоҳад шуд, ки душманони маънавии Ибни Ровандӣ киҳоянд: Нахустин Ҷоҳиз (776-869), Абдулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ (ваф. с.936) Абӯабдулло Ҳусайн ибни Алӣ ибни Иброҳим маъруф ба Коғазӣ, Абулқосими Балхӣ, Абӯалӣ Ал-Ҷабоӣ, Абӯҳошим Ал-Ҷабоӣ, Ал-Бардаӣ ва ҳатто Абӯнасри Форобӣ.

Сабаб чист, ки то имрӯз ҳам баҳс дар атрофи асарҳои Ибни Ровандӣ мисли пештара идома дорад? Аввалан, бо эҳтимоли қавӣ бояд таъкид кард, ки мавзӯи китобҳои Ибни Ровандӣ барои ҳамзамононаш бисёр ҷолиби диққат буд.

---

[62]Ҳамон ҷо.-С.19.
[63] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.17.
[64]Ал-Аъсам, Абдуламир. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.25.

Сониян, худи Ибни Ровандӣ дар ибтидои фаъолияташ пайрави мӯътазила буд, бисёре мазҳабҳои исломро хуб медонист ва сирру асрори онҳоро хуб дарк мекард. Сеюм, бо ҳамаи пешвоёни ин мазҳабҳо ошно ва дар назди бисёре аз онҳо таҳсили илм кардааст. Чорум, китоберо ки Ибни Ровандӣ ҳадафи танқид қарор дод, китоби шарикдарс ва душмани ғоявии ӯ Ҷоҳиз (776-869) буд.

Ибни Ровандӣ ақидаи мӯътазиларо мавриди ҳамла қарор дода, дар баробари он кӯшидааст, ки ақоиди баъзе фирқаҳои ифротиро низ ислоҳ кунад. Ин кӯшиши ӯ сабаби он гардид, ки ҳамаи мутаассибони фирқаҳои гуногун ӯро ду навъ ҷазои сахт намоянд: ҳамагӣ аз вай рӯй гардонанд ва ӯро аз назди худ ронда, баъд аз вафоташ низ пайваста тӯҳмату бӯҳтонро ба номи ӯ пайванданд, ки дар оинаи хирад намеғунҷад. Вале як нуктаи муҳиму возеҳ ва барои равшанфикрӣ хеле аҳамиятнок аз он иборат аст, ки қариб ҳамаи сарчашмаҳои эътимодбахш тасдиқ мекунанд, ки Ибни Ровандӣ: Қуръон, пайғамбарӣ (нубувват) ва ҳамаи динҳоро танқид кардааст. Гузашта аз ин, ӯ услубҳои сиёсии интихоби халифаро низ рад ва масхара менамуд. Ба ин муносибат бояд хотиррасон намоем, ки дар олами ислом то Ибни Ровандӣ ва баъди ӯ низ касе чунин ҷуръат накарда буд. Танҳо дертар ақоиди ӯ бо баъзе тобишҳои рангоранг дар эҷодиёти Абуҳаёни Тавҳидӣ, Абулалои Мааррӣ (973-1057) ва рубоиёти ҳаким Умари Хайём рух намудаанд.

«Қуръон» ва дигар китобҳои муқаддасро танқид кардани Ибни Ровандӣ пояи устувори илмӣ-мантиқӣ дошта, назар ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ дар дили пайравони динҳо, аз ҷумла ислом, тухми шубҳа ва озодандеширо коштааст. «Мумкин аст, ки яке аз қабилаҳои араб аз дигар қабилаҳо дорои забони равону фасеҳтаре бошад, - навиштааст Ибни Ровандӣ дар китоби «Зумуррад», ки онро сарчашмаҳо радия ба «Қуръон» шуморидаанд, - ва гурӯҳе аз ин қабила аз дигар аъзоёни он фасеҳзабонтар бошанд. Аз байни ин гурӯҳ яке аз дигарон дар фасоҳат баландтар бошад. Акнун тасаввур кунед, ки ҳамин шахси фасеҳзабон, забони худро дар байни ҳамаи арабҳо паҳн намуд. Дар ин ҳолат фасоҳати он ба форсҳо чӣ муносибате дорад, дар сурате ки форсҳо забони арабро

тамоман намедонанд? Он шахси фасеҳзабон чи далеле барои форсҳо дошта метавонад»?! [65] Илова ба ин гуфтаҳо донишманди машҳур Муҳаммад Шаҳристонӣ (1096-1153) дар китоби «Ал-Милал ва-н-ниҳал» аз номи Ибни Ровандӣ ҳикоят мекунад, ки гуфтааст: «ба ақидаи Ҷоҳиз Қуръон ҷасадест, ки метавонад як бор ба шакли мард ва бори дигар ба шахси ҳайвон мубаддал гардад»[66].

Ибни Ровандӣ китоби худ «Зумуррад»-ро дар қидами (абадӣ будани) олам таълиф намуда, Офаридгори оламро рад менамояд. Кӯшидааст, ки мазҳаби даҳриёнро ислоҳ ва мазҳаби аҳли тавҳидро инкор кунад. Дар ҳафтдаҳ ҷои китоби мазкур ба танқид ва таънаи пайғамбар пардохта, ба «Қуръон» хӯрдагирӣ мекунад. Аз ин ҳам гузашта, барои яҳудиён ва насрониён китобе тартиб дода, дар он ба пайғамбарии Муҳаммад шак овардааст.

Нуқтаи назари Ибни Ровандӣ дар пайдоиши таълимотҳои динӣ ва пайғамбарони гуногун ва махсусан пайғамбарии Муҳаммад аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат буда, бо дақиқназарии олимонааш аҳамиятнок аст. Ӯ сабабҳои асосии пайдоиши назариёти диниро дар оҷизии одамон дар шарҳу ҳалли масъалаҳои табиат ва ҷамъият, тарсу ваҳм, охират ва монанди онҳо мебинад. Ин нуқтаҳо ба назарияҳои муосири илмӣ оид ба пайдоиши дин, сабабҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ ва решаҳои психологии он ҳамовозанд. Барои мисол ба ду асари ӯ муроҷиат менамоем. Ибни Ровандӣ дар «Наът-ул-ҳикма» («Дар ситоиши фалсафа») нишон додааст, ки абадӣ мондани гунаҳкорон дар дӯзах эътиқоди қабеҳест, зеро аз ин кор ба Худо ва бандагон манфиате нест. Шахси ҳаким ва доно кори бефоидаро пешаи худ намекунад. Агар дидаву дониста ин кори бефоидаро пеша кунад, ин далели ҷоҳилии вай хоҳад буд. [67] Ибни Ровандӣ дар китоби дигараш «Ад-Домиғ» («Далели қотеъ») овардааст, ки ягона даъвое, ки Худо нисбат ба одамон дорад, он ҳам нобуд кардани онҳост[68] (Агар ин гуфтаҳоро бо ҳикмати машҳури «Тарсу ваҳм худоҳоро

---

[65]Ал-Аъсам, Абдуламир. ТаърихиИбни Ровандӣ.-С.87
[66]Шаҳристонӣ, Муҳаммад. Ал-Милал ва-н-ниҳал. Ҷ.1.-С.131.
[67] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандӣ.-С.119.
[68]Ҳамон ҷо.-С.121.

офаридааст», ки олимони муосир сababи пайдоиши дин медонанд, муқоиса кунем, ба вусъат ва амиқии афкори илмии Ибни Ровандӣ дар танқиди ҷаҳонбинии динӣ пай бурдан мумкин аст).

Нобудӣ ва қатл – ин кори душманони бадкирдор мебошад. Дар ин ҳолат Худоро ба китобу пайғамбарон чи ҳоҷат аст?! Дар васфи ҷаннат дар «Қуръон» омадааст, ки «дар он дарёҳое аз ширу занҷабил ҷорианд, ки таъмашон тағйир намёбад». «Шир ҳамон шир аст, - мегӯяд Ровандӣ, - онро ба ғайр аз одами гурусна, касе майли нӯшидан надорад. Дар китоби худ (Яъне Қуръон) дар бораи ас-судус (навъе аз ҳарир) ва ал-истабрақ (дебои дурушт) сухан рондааст, ки аввалиро намепӯшанд, балки дар фарш паҳн мекунанд ва дуввумӣ дебои дурушт аст. Касе тасаввур кунад, ки дар ҷаннат ин дебои дуруштро мепӯшад ва ширу занҷабил (як навъ шароб) – менӯшад, барҳақ худро ба арӯсони курдӣ ва набатӣ мубаддал кардааст!».[69]

Академик И.Крачковский доир ба озодандешии Абулалои Мааррӣ дар асараш «Доир ба дастхатҳои арабӣ» навиштааст, ки шояд бо ким-кадом тасодуфе ӯро мутаассибони дин пӯст накандаанд. Агар таълимоти Ибни Ровандиро васеътар баррасӣ намоем, он гоҳ бо ҷасорати ин файласуфи озодфикр дар он давраи тираву тор ва ҷаҳолат ангушти ҳайрат мегазем. Яке аз муҳаққиқони асримиёнагӣ Ибни Ҷавзӣ (ваф.1201) дар китобаш «Ал-мунтазам фи-т-таърих» Ибни Ровандиро дар дунёи маънавии инсоният «пойдевори мулҳидон ва зиндиқон» номида, таъкид кардааст, ки ӯ на танҳо беасосии таълимоти «Қуръон» ва нубуввати Муҳаммад, балки «Таврот»-и яҳудиён ва пайғамбарии Мӯсоро низ беасос донистааст.[70]

Ибни Ровандӣ ба яҳудиён чунин мурочиат кардааст: «Шумо ҳам аз номи Мӯсо гӯед, ки вай мегуфт: «Ман охирин пайғамбар ҳастам!».[71] Бо ин ақидааш Ибни Ровандӣ ба он нукта ишора намудааст, ки пайғамбари ислом худро «хотим-ул-анбиё» («охирин пайғамбар») мехонд. Ибни Ровандӣ ин фикро пеш ронда, бо як тир ду нишонро задааст: ҳам

---

[69] Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.127.
[70] Ибни Ҷавзӣ. Ал-мунтазам фи-т-таърих, Бейрут, 1938.-С.152.
[71]Ҳамон ҷо.-С.153.

таълимоти мутаассибони оини яҳудӣ ва ҳам исломро масхара кардааст. Дар таърихи таълимоти даҳригии асримиёнагии ҷаҳон монанди Ибни Ровандӣ кам файласуферо ёфтан метавон, ки бо чунин далелҳои мантиқӣ ва илмӣ назарияҳои теологии якчанд динро яку якбора мавриди хӯрдагирӣ ва танқид қарор дода бошад. Ба шаҳодати муаллифи асри ҳафти ҳиҷрӣ (асри XIII мелодӣ) Ибни Абуҳадид, ки дар китобаш «Наҳҷ-ул-балоға» (нашри Қоҳира, с.1952, ҷ.3) овардааст «касе аз оқилони дунё ба ин ақида нарафтаанд, ки вуҷуди Парвардигори оламро тамоман инкор кунанд. Вале қавме мақолае таълиф намудаанд, ки мазмунаш чунин аст: Ин ҷаҳон бехудост ва аслан Офаридгоре надорад. Балки ин дунё ҳамин тавр ҳамеша буд ва бе Худову бе соҳиб боқӣ хоҳад монд. Ибни Ровандӣ ин мақоларо гирифта, мазмуни онро дар китоби хеш бо номи «Китоб-ут-тоҷ» такмил дода, тарғиб ва ташвиқ намудааст».[72]

Интиқоди Ровандӣ аз динҳо ва муборизаи ӯ бар зидди хурофотпарастӣ, ки дар он замон мардуми заҳматкашро таҳти қайду асорат нигоҳ медошт, зарбаҳои нишонрасе бар пояи таълимоти динӣ ва сиёсати он аср ворид сохтааст. Ровандӣ аз муборизони хастагинопазири тафаккури илмӣ буд, ки ба қонуниятҳои ҷаҳони моддӣ эътиқод дошт ва дахолати ҳар гуна қувваҳои фавқуттабииро дар протсессҳои табиӣ инкор мекард. Ровандӣ на танҳо дар улуми ақлии замонаш, балки дар тамоми улуми табиӣ низ, устод ва ягонаи даврон будааст. Ӯ зарурати табииро ҳамчун қонуни умумӣ, ба шакли куллӣ дар назар дошта, дар тамоми аносир ва падидаҳо вуҷуд доштани онро эътироф мекард. Ӯ пайдоиш ва такомули худҷӯшии (худҳаракатии) гиёҳ ва ҳайвонро дар мавриди инсон низ содиқ медонад ва мӯътақид аст, ки инсон низ бидуни ҳеҷ гуна омили хориҷӣ (Худо) худбахуд ба вуҷуд омада, инкишоф ва ба камол расидааст.

Ибни Ровандӣ дар масъалаи марг назарияи Эпикурро (341-270 то мелод) сарманшаи андешаи худ қарор дода, мӯътақид аст, ки: «то ман ҳастам, марг нест ва ҳангоме, ки марг омад, ман нестам».[73] Қонуни маргу зиндагӣ барои Ибни

---

[72]Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.184.
[73] Томас, Ҳенрӣ. Моҷароҳои ҷовидон дар фалсафа. Теҳрон. 1364.-С.101.

Ровандӣ як силоҳи пурқуввати назариявӣ дар мубориза бар зидди ирфон ва илоҳиёт аст. Ин қонун рӯи афсонаҳои «ҷовидон будани рӯҳ» хати бутлон мекашад.

Аз ривоятҳои зиёде, ки дар бораи Ибни Ровандӣ мавҷуданд, ин ҷо овардани яке аз онҳоро ҷоиз медонем, ки он ба мавзӯи баҳси мо бевосита алоқаманд мебошад. Маъруф аст, ки Ровандӣ вақте китоби «Ал-фарид» («Ягона ва нодир»)-и худро барои таҳрир ба Аббос Сарруми котиб дод, Аббос Саррум, пас аз мутолиаи қисмате аз китоби мазкур, гуфт:

-Ман ҳайрат мекунам, ки ту чӣ гуна ҳанӯз зинда ҳастӣ?

Пурсид:

-Барои чи ҳайрат мекунӣ, ки ман то имрӯз зиндаам?

Саррум ҷавоб дод:

-Барои ин ки он чи ту дар ин китоб навиштӣ, куфр аст ва ҳар мусулмон, ки инро бинвисад ва ба забони ҷорӣ кунад, кофир мешавад.

Ровандӣ гуфт:

-Инҳо куфр нестанд, балки ҳақоиқи илмианд. Ва Худо ҳамчун душмани хашмгине аст, ки доруе ҷуз нест кардани ӯ вуҷуд надорад.[74]

Ровандӣ ҳамагӣ 40 сол умр дида, тамоми умри хешро дар таъқиби шариатмадорон ва мутаассибони динҳо гузаронидааст. Муаррихони гузашта навиштаанд, ки Ровандӣ дорои 114 ҷилд китобу рисола будааст, ки аксари ин осор ҷамъоварӣ ва сӯзонда шудаанд. Ва бештарини он нуктаҳое, ки мо аз Ибни Ровандӣ овардем, дар осори душманони ғоявии ӯ мундариҷ аст. Душманони ғоявии Ибни Ровандӣ барои рад кардани ақоиди ӯ аз асарҳои аз байнрафтааш порчаҳои зиёдеро иқтибос намуда, бо чунин кори хеш андешаҳои ин марди ростинро ба наслҳои оянда ба мерос мондаанд. Ба иловаи ин бояд таъкид кард, ки агарчи дар асри X мелодӣ, нашри афкор ва ақоиди моддӣ ва илҳодӣ то ҳадде ривоҷ дошта бошад ҳам, дар соҳаи озодфикрӣ (ба маънои томи ин калима) ҳеҷ кас (ба истисноi Закариёи Розӣ) ба андозаи Ибни Ровандӣ ба чунин пояи баланди илмӣ боло набаромадааст. Ӯ чун ахтаре тобнок дар дунёи маънавиёти инсоният

[74] Ал-Аъсам.Таърихи Ибни Ровандии мулҳид.-С.240.

нурафшонӣ кард ва барои ҳамеша нақши муассире (такондиҳандае) аз худ боқӣ гузошт.

Ногуфта пайдост, ки ҳадафи шуубия дар охирин таҳлил барҳам задани идеологияи исломӣ ва давлати арабӣ буд. Ибни Ровандӣ дар фаъолиятҳои илмӣ ва амалии худ дар ин самт ҳаракат мекард.

Ба ин маъно, ки ҳамеша дар баҳсҳои фалсафии худ дини ислом ва шариати исломиро мавриди танқиди шаддид қарор медод. Ва бо кормандони сиёсии даврони худ робитаи хубе надошт. Ба ин хотир, баъд аз вафоташ, тамоми осори ӯро нобуд карданд. Ба навиштаи сарчашмаҳои гузашта, Ибни Ровандӣ 114 китоб бар зидди Қуръон таълиф намудааст, ки ба ҳар як сураи Қуръон бахшида шудаанд. Ба ин маънӣ Ибни Ровандӣ бузургтарин файласуфи шуубӣ дар асрҳои миёнаи исломӣ ба шумор меояд.

Чи тавр ки дида мешавад, осори озодфикрӣ дар таърихи фарҳанги тоҷикон таърихан анъанаҳои қадимӣ дорад. Номи Рӯзбеҳ (=Ибни Муқаффаъ), ки як аср пеш аз Ибни Ровандӣ ба дунё омада, эҷод кардааст, ба дуюмӣ шинос буд ва ӯ ақидаҳои аввалиро такмил дод, бузургӣ ва ҷовидонии Рӯзбеҳ ва Ибни Ровандӣ дар он аст, ки нахустин пояи ғояҳои инсондӯстӣ, баробарӣ, озодфикрӣ, зиндадилӣ, некбинӣ ва танқиди камбудиҳои дину диндориро асос гузошта, исёни хирадро бар зидди ҷаҳолат барангехтаанд.

# АБУҲАЙЁНИ ТАВҲИДӢ–РАВШАНФИКРИ ШЕРОЗ.



**Абуҳайёни Тавҳидӣ намояндаи барҷастаи адабиёти фалсафии асри миёнагӣ. (922–1023 мелодӣ)**

Ибни Ҷавзӣ (ваф.1200) дар «Талбиси Иблис» навишта, ки мулҳидони ислом се касанд: Ибни Ровандӣ, Абуҳайёни Тавҳидӣ ва Абдулалои Мааррӣ. Ва бадтарини онҳо барои ислом Абуҳайён аст. Зеро он ду ошкоро назари худро баён карданд. Аммо Абуҳайён ишора мекунад, вале назарашро равшан ва ошкоро баён наменамояд»[75].

Муҳаққиқони муосир доир ба асри Абуҳайёни Тавҳидӣ бар ин назар ҳастанд, ки дар асри X шукӯҳу ҷалоли хилофати аббосӣ аз миён рафт ва ваҳдати ҳукумати исломӣ дар ҳам шикаст ва қудрату нуфузаш ба заъфу нотавонӣ гироид. Ин заъф аз ҳангоме оғоз шуд, ки эрониён бар хулафо ғолиб шуда, ба ҳукумат расиданд ва мансабҳои бузурги давлатиро ба даст оварда, ба-дон ранги эронӣ доданд, то ин ки мавқеияти арабро сусту заиф созанд, бо онон дар забони арабӣ рақобат карда, бо он забон шеър суруданд ва асарҳои насрӣ таълиф намуданд.[76]

Ҷунбиши шуубӣ-миллатпарастӣ дар давраи аббосӣ шӯълавар гардид ва эрониён бартарӣ ва тафаввуқи худро бар арабҳо ошкор сохта, онҳоро ҳаҷв намуданд ва аз арзишу аҳамияти онҳо костанд. Арабҳо мутаваҷҷеҳи он хатар шуда, аз гӯшаю канор фарёдашон аз ин вазъ баланд шуд ва ин мавзӯъ дар ашъоре, ки Абуҳайёни Тавҳидӣ дар Куфа аз

---

[75] Ибни Ҷавзӣ. Талбиси Иблис. Теҳрон, 1368.-С.90.

[76] Ба сабаби ношинохта будани Тавҳидӣ дар фарҳанги муосири тоҷик, ин мавзӯъро нисбатан муфассал баррасӣ хоҳем кард.

ғафлати аббосиён нақл мекунад, баръало ошкор аст: «Мебинам, ки оташе рӯи теппае афрӯхта шуда, рӯшноиву партаваш ба ҳар сӯ мерасад ва Бани Аббос аз он ғофиланд ва орому осуда хобидаанд. Ҳамон тавр ки Бани Умайя хобида буданд ва ҳангоме барои дифоъ аз худ бедор шуданд, ки дигар вақти дифоъ набуд».[77]

Ин абёт монанди абётест, ки Наср ибни Сайёр барои Марвон ибни Муҳаммад – охирин халифаи Умавӣ ҳангоми шӯриши сиёҳҷомагони Хуросон суруда буд, ки дар он гуфта мешуд: «Равшании оташро аз зери хокистар мебинам ва наздик аст, ки он оташ забона кашад, оташи боду чӯб равшан мегардад, вале шарр аз сухан оғоз мешавад, аз тааҷҷуб гуфтам: Кош медонистам, ки Бани Умайя хобанд ё бедор, агар субҳ шуда ва ҳанӯз дар хобанд, бигӯ: Бархезед, ки вақти бархостан аст». [78]

Заъфи сиёсии хилофати Аббосӣ аз замони рӯи кор омадани Мутаваккил соли 846 оғоз шуд. Зеро ӯ турконро ба худ наздик сохт ва ишонро ба эрониён бартарӣ дод. Мутаваккил суннии мутаасиб буд ва аз шииён сахт бадаш меомад, дар сурате ки бештари эрониён шиа буданд ва маълум аст, ки ин кори Мутаваккил чи аксуламале дошта метавонист.

Ҳатто ба фикри Мутаваккил намеомад, ки туркони баргузидааш, ки ононро бар эрониён бартарӣ додааст, ӯро хоҳанд кушт ва қудраташро аз ӯ хоҳанд гирифт, аз ин рӯ касе аз эрониён бо ӯ кӯмак накард ва аз ӯ дифоъ нанамуд, то ин ки дар қатлаш бо писараш Мунтасир сӯйқасд намуда, ӯро дар соли 861 куштанд. Аз он вақт шӯру фитнаи туркон боло гирифт ва фармондеҳони турк дар куштани падар аз писар ва дар қатли бародар аз бародар кӯмак мегирифтанд ва хулафову валиаҳдҳо бо онҳо паймонҳои дӯстӣ мебастанд ва онҳоро дӯстони худ қарор медоданд. Бағдод аз найранги эшон ба танг омада, зиндагӣ дар он мушкил шуда буд.

Бо ин ҳама туркон барои хулафо ҷуз василаи вайронкорӣ ва бозӣ бо сарнавишт набуданд, зеро аз замоне ки

[77] Муродиён, Худомурод. Баррасӣдар аҳвол ва осори Абуҳайён Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббос Тавҳидии Шерозӣ. Теҳрон, 1352.-С.2. Минбаъд: Муродиён. Баррасиҳо.

[78] Муродиён. Баррасиҳо.-С.2.

Мутаваккилро куштанд, хулафо гирифтор ва асири дасти эшон буданд ва зиндагиву ронданашон аз хилофот ва куштани эшон, бо иродаи туркон вобаста буд. Хилофат танҳо дар гарави иродаи туркон буд, ҳамаи мардум инро медонистанд ва байни худ муҳокима мекарданд. Чун Муътаз рӯи кор омад, дӯстонаш ситорашуморонро оварда, аз ишон пурсиданд, ки ӯ чи қадар дар хилофат хоҳад монд? Ва чӣ андоза умр хоҳад кард? Яке аз зарифон ки дар маҷлис буд, гуфт: Ман муддати хилофат ва умри ӯро аз эшон беҳтар медонам. Гуфтанд чӣ қадар аст? Гуфт ба андозае ки туркон бихоҳанд. Пас ҳамаи аҳли маҷлис хандиданд.[79]

Дар ин қарн нуфуз ва қудрати сипоҳиёни турк боло гирифт ва ҳокимияти хулафо рӯ ба нотавонӣ ва коҳиш гузошт. Ҳокимон ва волиён чун заъфи хулафо ва истибдоди турконро дар умури ҳукумат ва сиёсат мушоҳида карданд, ба истиқлоли вилоёти таҳти тасарруфи худ тамаъ варзиданд. Ин ҷунбишҳои ҷудоиталабӣ аз замони халифаи Розибиллоҳ ошкор шуд. Ва ӯ охирин халифае буд, ки ҳукуматро худ идора мекард ва аввалин халифае низ буд, ки қудрату ҳукм аз дасташ берун рафт.[80]

Дар ин ҳол барои халифаи Аббосӣ ҷуз Бағдод ва тобеоти он чизе намонд. Мулоҳиза мешуд, ки ин ҳукуматҳои ҷудошуда аз як нажод нестанд, зеро сомониён ва бувайҳиён эронӣ, ахшедиён ва ғазнавиён турк, ҳамдониёну фотимиён ва умавиён арабанд. Бидуни гумон, хулафои Бани Аббос дар қарни X танҳо шаклу сурате буданд, ки шукӯҳу ҷалоли воқеӣ надоштанд. Чун тамоми корҳо ба дасти муставлиёну ҳокимон афтод ва ҳар тавр, ки мехостанд дар корҳо дахолат мекарданд, бидуни ин ки муқайяд ба риояти манфиати кишвар ва иҷрои адолат бошанд.

Аз ин рӯ вайронӣ ва фасод ҷорӣ гардид ва хулафо аз замони Муқтадир (907-932) аз сиёсат даст кашиданд, дурусттараш дасташонро аз сиёсат кӯтоҳ карданд ва таслими

---

[79] Ибн Ат-Тиқтақӣ, Фахриддин. Ал-Фахрӣ фи-л-одоб ас-султония ва –д-дувал ал-исломия. Қоҳира, бидуни таърих.-С.22 (арабӣ).

[80]Муродиён. Баррасиҳо.-С.3.

шаҳват ва ҳавасрониҳои худ гардида, корҳояшонро ба занони кох (қаср) ва навкорону ғуломон супурданд.

Мейер мегӯяд: «Ҳукумати ин халифаи бадбахт, яъне Муқтадир, хилофатро ба поёнтарин дараҷаи таназзулу пастӣ кашонид. Халифа дар Бағдод бозичаи дасти занон афтода, хилофат аз дохил мавриди тамасхӯргашта ва аз хориҷ ҳадафи тамаи ғоратгарон. Бағдод шаҳре буд, ки қодир набуд, ҷилави ҳамлаи ғоратгаронро бигирад. Ва хилофат дар он аз ҳам пошида буд, дасисаҳо ва изтиробот даври муҳимеро дар он бозӣ мекард».[81]

Барои халифа ҷуз мансаби исмӣ ва расмӣ чизе намонд, зеро ҳукуматҳои тобеъ, (ғайр аз фотимиён), танҳо бо султаи динии халифа эътироф доштанд ва ҳадяҳое барояш мефиристонданд. Ва рӯи минбарҳо ба номаш хутба мехонданд ва барояш дуъо мекарданд. Худи Мутеъ ба заъфи худ иқрор шуда, гуфта буд: «Ман чизе ғайр аз хутба надорам». Бо ин тартиб хулафо танҳо ҷоҳу мақоми худро аз даст намедоданд, балки таъмини ҷонӣ ва итминон ба зиндагӣ низ надоштанд; зеро гоҳе аз хилофат ронда ва гоҳе зиндонӣ ва гоҳе ба бадтарин шакле кушта мешуданд.

Дар замони зиндагии Абуҳайён гурӯҳе аз фармондеҳон ва нависандагон ва қозиён дар соли 930 халифа Ҷаъфар ибни Аҳмади Муқтадирро аз хилофат берун намуда, хонаашро вайрон ва амволашро тороҷ намуда, Абдулло ибни Муътазро ба ҷои ӯ нишонданд. Вале пас аз як шабонарӯз, ӯро куштанд ва хилофат ба Муқтадир бозгашт, байъаташро (ҳукмашро) таҷдид карданд, вале ӯро бо вазъи баде куштанд ва ҷусаашро ба гӯшае андохтанд ва ин кор пас аз он ки Муънис – фармондеҳи кулли сипоҳи турк, ӯро бекор намуда буд, анҷом гирифт. Пас аз он ба шартҳое, ки Муънис имло кард, бо Қоҳирбиллоҳ байъат шуд. Лекин чизе нагузашт, ки ӯро аз мансаб дур намуданд ва ба чашмонаш мил кашида, вайро нобино сохтанд ва дар соли 933 зиндонӣ карданд. Сипас чашмони Муттақибиллоҳро мил кашиданд ва соли 944 ӯро аз хилофат сабукдӯш намуданд.

Ҳангоме ки Оли Бувайҳ соли 945 бар Бағдод истило ёфтанд, монанди туркон хулафоро ба бозӣ андохтанд.

[81] Муродиён. Баррасиҳо.-С.5.

Ҳангоми дохил шудани Бувайҳиён ба Бағдод, халифа Мустакфибиллоҳ буд, чун яқин кард, ки Муъиззуддавла ба Бағдод расидааст, тарсид ва парешон шуд ва ҳадяҳое барояш фиристод, пас аз он Муъиззуддавла ба диданаш омад. Халифа тавқу дастбанд ва абзори салтанатро ба ӯ дод ва парчаме бо номи ӯ баст ва ӯро, ки Аҳмад ном дошт, Муъиззуддавла ва бародараш Алӣ ва Ҳасанро Имодуддавла ва Рукнуддавла лақаб дод, вале пас аз муддати каме Муъиззуддавла тадбире андешида, халифаро аз хилофат берун карда, чашмонашро нобино намуд ва ӯро боздошт кард, то дар соли 950 вафот ёфт.[82]

Шояд агар ин давлатҳои ҷудогона ва кӯчак бо ҳамдигар муттафиқ ва дар сулҳу оштӣ буданд ва бо якдигар бародарӣ мекарданд ва барои ҷилавгирӣ аз ҳамлаи румиён ва дигарон бо якдигар кӯмак ва ёрӣ мекарданд, бадбахтӣ ва шикасти камтар дучори мардум мешуд. Вале бадбахтӣ ҳаррӯз бештар мегардид, зеро ҳокимон бо ҳам набуданд ва нерӯмандашон дар нотавонашон тамаъ меварзиданд ва нотавонашон бар қавитарашон ҳасад мебурд. Қудратманд мекӯшид, ки қудратмандро нотавон созад ва гоҳе нерӯманд мағрур ба нерӯи қудрати худ мешуд ва аз атрофиёни худ бехабар мемонад. Дар ҳоле ки ҳамсояаш бедор буд ва сарбозонаш зиёд шуда ва мавқеияташ устувор гашта, бар ӯ юриш оварда, ӯро мағлуб месохт.

Муборизаи дигаре байни шиа ва суннӣ буд. Давлати Бувайҳӣ аз шииёни тундрав буд. Шиа барои таъйиди мазҳаби худ аз фурсат истифода намуда, Абубакру Умарро дашном медоданд ва аз соли 963 дар даҳуми муҳаррам барои кушта шудани Ҳусайн (а), азодории андӯҳноке ба роҳ андохтанд.

Ва дар 18-зулҳиҷҷа ба муносибати Иди Ғадир ҷашни сурури бузург барпо менамуданд, дар ҳоле ки халифа бо аҳли суннат буд ва адади онон аз шиа бештар буд. Аз ин рӯ, душманон байни шиа ва суннӣ мардумро ба ду ҷабҳаи мухолифи ҳам мекашонид. Чунон ки дар фитнаи соли 973 сунниён ба Сабуктегини турк ва шииён ба Бахтиёри Дайламӣ пайвастанд ва ба шиа ситам намуда, бо ишон ҷангиданд.

[82]Муродиён. Баррасиҳо.-С.8.

Шииён деворҳои Кархро сангар қарор доданд, лекин ҷанг идома ёфт ва хунҳо рехта шуд, маҳоримӣ (бадахлоқӣ) мубоҳ гардид. Карх бори дуюм ба тӯъмаи оташ кашида шуд. Хонаводаҳо бечора шуданд, айёрон ва оворагон бар молу ашё ва занону манозили мардум соҳиб гардиданд, назму тартиби шаҳр аз ҳам пошид, ҳукумат аз барқарории назм оҷиз шуд, таассуб миёни шиа ва суннӣ дар умури дину дунё боло гирифт, дар ҳоле ки пеш аз он маҳдуд ба дин буду бас.

Дар ин қарн қароматиён дар Ироқу Шом ва Ҳиҷоз фитнаву фасод ба по карданд ва роҳи ҳаҷро чандин бор бастанд. Ҳатто дар соли 934 мардуми Ироқ натавонистанд ба ҳаҷ бираванд. Айёрон чандин бор дар Бағдод шӯриданд, то чизе ба даст оваранд, ки зиндагиашонро ҳифз кунад. Абуҳайён аз қурбониёни шӯриши соли 973 эшон буд, зеро дар он сол шӯришу инқилоби сахте шуд, ки ҳама ҷоро сӯзониданд ва вайрон карда, ғорат намуданд. Ва дасташон ба маҳаллае расид, ки Абуҳайён сокин буд. Дар манзилаш ҳар чӣ аз тилло ва либосу ашё ёфтанд, тороҷ намуданд ва ходимаи хонааш аз тарс даргузашт.[83]

Румиён аз заъфи мусулмонон истифода карда, бар ҷазираи Крит соли 961 ва ба ҷазираи Қибрис дар соли 965 даст ёфтанд ва дар он фосила шаҳри Тартусро кушоданд ва дар соли 967 шаҳрҳои Ҳамот, Ҳумс, Антокияро фатҳ намуда, пас аз он шаҳри Раҳоро ғорат карданд ва дар соли 972 диёри Бакр дохил шуда, куштанд ва асир карданд ва пардаи ҳурмати мардумро дариданд.

Дар соли 974 Баълабак ва Бейрутро кушуданд ва мардуми Шом аз худ ғаромат доданд, ки боистӣ ҳар сол онро ба Рум бипардозанд. Баақидаи мо асри Тавҳидӣ асри шикасти империя ва идеологияи расмии исломӣ буд. Ба давлатҳои кӯчак тақсим гардид. Исломи расмӣ низ шикаста шуд. Исломи хилофати аббосиён, исломи расмӣ буд. Яъне исломи аксарият. Исломи аҳли суннат ва ҷамоат. Исломи Муҳаммад ва аҳли ҳадис. Исломи арабҳо, туркҳо ва бодиянишинон…

---

[83]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ ва-л-муонаса. Ҷ.3. Қоҳира.1953.-С.162. Минбаъд: Тавҳидӣ. Ал-Имтоъ.(Эҳсоси лаззат дар ҳамнишинӣ бо дӯстон)

Исломи ғайри расмӣ шиа ном дошт. Пайравони Алӣ ва хонадони пайғамбар. Исломи хонаводагӣ. Хонаводаи пайғамбар. Махсусан исломи Алӣ, Ҳасан, Ҳусейн ва Фотима. Зиндагӣ дар асри X мелодӣ хеле мураккаб ва печида буд. Дину идеологияи суннатӣ ва анъанавӣ, ба талаботи аср ҷавобгӯ набуданд.

Ҳолати иҷтимоӣ дар авохири асри IX монанди ҳолати сиёсӣ буд, зеро ба сабаби набудани истиқрори (оромии) сиёсӣ, дар вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фасод роҳ ёфт ва байни табақоти мардум ихтилофи фоҳише (бузурге) ба вуҷуд омад. Абуҳайёни Тавҳидӣ мисолҳо ва намунаҳое аз бечорагӣ ва бадбахтии ҳамкорони донишмандаш меоварад. Чунон ки гӯяд: Абусулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ, сарвари уламои асри худ мӯҳтоҷи як қурс нон буд ва қудрати пардохти иҷораи манзили худро надошт ва барои наҳору шом дармонда ва маъталу мунтазир буд ва Абусаиди Сийрофӣ, «олими олам ва шайхи дунё ва қонеъкунандаи мардуми рӯи замин, рӯзе даҳ варақ ба даҳ дирҳам нусхабардорӣ мекард, то бо он зиндагӣ кунад». [84] Яҳё ибни Аддийи файласуф дар шабонарӯз беш аз сад варақ истинсох мекард ва Маъофӣ ибни Закариёи Наҳравонӣ, ки бо бештари улум ошно ва устоди Абуҳайён низ буд, дар рӯзи зимистон пушт ба офтоб хобида буд ва бо зиёдии илму вусъати адабу фазл асару нишонаҳои факр ва бадбахтӣ бар ӯ ошкор буд. Абубакри Қумисии файласуф чунон фақиру бечора буд, ки мегуфт: «Гумон намекунам, ки бадбахтии дунё ба касе ба андозаи ман расида бошад. Агар ба Даҷла равам, ки худро бишӯям, обаш мехушкад ва агар ба биёбони хушку сӯзон биравам, ки ба хоки он таяммум кунам, хокаш санги соф хоҳад шуд». Абдулваҳҳоби Бағдодии моликӣ ҳангоме ки зиндагониаш дар Бағдод сахт шуд, барои талаби ризқу рӯзии худ аз Бағдод хориҷ шуд ва ба бузургони Бағдод, ки ӯро гусел менамуданд, гуфт: «Агар миёни шумо рӯзе ду қурс нон пайдо мекардам, аз шаҳри шумо берун намерафтам».[85]

Ин ҳолат аз осори низому қонуни табақотӣ дарак медод ва дар ҷомеаи асри X чунин ҳолат ҳукмфармо буд ва мардум аз

---

[84]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот. Миср. 1347.ҳ.ш.-С.23.
[85]Муродиён. Баррасиҳо.-С.15.

ду табақаи ҷудогона иборат буданд. Табақаи хос, ки иборат буданд аз подшоҳону вазирон ва риҷоли давлату баъзе аз бозоргонон ва заминдорон ва табақаи ом, ки шомили аксари мардум аз олимону адибон, санъатгарон, кишоварзон ва чӯпонон буданд. Онҳо чун василае барои ба даст овардани мол аз роҳи маъқул надоштанд, ба ситорашуморӣ ва эътиқод ба хубу бад ва иштиғол ба кимиёгарӣ ва ё табдили мис ва ҳалабӣ ба тилло ва илтиҷо ба дуои авлиё барои табдили фақрашон ба ғино, ба сеҳру тилисму ковиш аз ганҷҳои пинҳон пардохтанд.[86]

Ба ҳар ҳол, Абуҳайёни Тавҳидӣ низ бо он илми васеъ ва адаби файёз ва фалсафаву балоғат ва иртибот бо вазирону олимон ва заҳмати нусханависӣ аз мусибати фақру бехайрӣ дур намонда, барои имрори маоши худ ва вазъи бади зиндагиаш бо ину он ҳамкор шуда, аз мардуму дунё ва мавҷудоти он гила ва шикоят мекард, ки ашки инсонро ҷорӣ намуда ва шунавандаро ба дилсӯзӣ вомедорад.[87] Дар китоби «Ас-Садоқа ва-с-садиқ» менависад: «Ҳолу лафз ва дину хулқи ман ғарибу бегона шуда ва ба ваҳшат маънусу ҳамнишин ва ба танҳоӣ хурсанд ва ба хомӯшию саргардонӣ ва таҳаммули азияту озор одат кардам ва аз ҳар касе, ки мебинӣ, ноумед шуда ва чашм ба роҳи маргам, зеро хуршеди умр ба лаби девор омада ва оби зиндагӣ хушкида ва ситораи ҳаёт ғуруб карда ва сояи дирангу таваққуф кӯтоҳ шудааст».[88]

Дар номае навиштааст: Эй мард, маро аз даст дароз кардан ба ину он халосӣ деҳ ва аз либоси фақру бечорагӣ наҷот деҳ ва аз банди парешонӣ бираҳон. Ва ҳазинаи наҳору шоми маро фароҳам соз, то кай нони хушку турраи пажмурда ва пираҳани жанда ва боқилаву хӯрдани нону зайтун? Ба Худо гулуям хушкида, хилқатам (ҳолатам) дигаргун шуда, туро ба Худо ба кори ман расидагӣ кун. Устухонам шикаста аст, онро бибанд, ташнаам маро сероб намо, ман андӯҳгин бадон шаҳр рафтам, маро хор намуд ва дар ин хона ва дар он хона

[86]Амин, Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом. Қоҳира, 1945.-С.121.
[87]Муродиён. Баррасиҳо.-С.22.
[88] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ас-Садоқа ва-с-садиқ. Димишқ. 1964.-С.5.

истодаю маро шикаст дод он ки маро мешинохт, ношинос шуд ва он ки ба ман наздик буд, аз ман дурӣ намуд.[89]

Ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои илмӣ ва адабӣ комилан бо давраҳои сиёсӣ ҳамгом нестанд. Чунонки бо пирӯзии он пирӯз ва бо шикасти он суқут кунанд. Зеро сиёсат ҷунбишест, ки гоҳе бидуни тааммул ва ногаҳон ва гоҳе бо тааммул ва тадбиру замон зоҳир мешавад. Аммо ҳаракат ва ҷунбиши илмӣ ва адабӣ мӯҳтоҷ ба замон аст ва дорои қонуну муқаррароти дохилии худ мебошад.

Дар асри X вақте сиёсати давлат заиф мешуд, фаъолиятҳои илмӣ ва адабӣ роҳи камоли худро мепаймуд. Ин кор сабаб дошт. Ҷунбиши нерӯманди шуубия, ки дар асри IX шиддат гирифта буд, дар асри X нерӯмандона ба сайри худ идома медод.

Дигар он ки подшоҳон ва амироне, ки мутасаддии умури мамлакат ва сиёсат буданд, тақрибу ташвиқи уламо ва удаборо ба нафъи худ дониста ва мехостанд бо хулафои аввали Бани Аббос баробарӣ кунанд ва ё бо ҳукумати худ азамат ва шукӯҳу ҷалоле дода, зикри худро бо мадҳи эшон дар миёни мардум мунташир намоянд ва ё ин ки дар идораи кишвар аз ишон истифода намуда, кӯмак бигиранд.

Аз ин рӯ, марокизи сиёсат аз риҷоли илму адаб мавҷ мезад ва Исфаҳону Шерозу Ҳамадону Нишопур ва Самарқанд ва Райю Ҳалаб ва Қуртубаю Қоҳира бо Бағдод рақобат мекарданд. Аз бузургони сӯфия дар ин давра метавон Ҷунайди Бағдодӣ (909) ва Мансури Ҳаллоҷ (922) соҳиби мазҳаби ҳулул ва Абутолиби Маккӣ (ваф. 999) муаллифи китоби (Қут-ул-қулуб)-ро, ки дар Макка ва Бағдоду Басра иқомат дошт, ном бурд. Ҳамаи сӯфиёни номбаршуда эронӣ будаанд, вале нашунамои эшон бештар дар билоди арабӣ будааст.

Дар фалсафа Абусулаймони Мантиқӣ дар Бағдод машҳур буд, ки ӯ аз устодони Абуҳайёни Тавҳидӣ аст. Абуҳайён ӯро чунин васф мекунад: «Абусулаймон аз ҳама уламо назараш дақиқтар ва далелаш кубандатар ва рояш амиқтар ва фикраш

[89] Тавҳидӣ. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.262.

равшантар ва бар марворидҳои дониш пирӯзтар ва ба ҷои онҳо роҳёбандатар аст».[90]

Абуҳайён суханашро идома дода, аз ҷумла мегӯяд, ки хонаи Абусулаймони Мантиқӣ қароргоҳи ҷадалу муҳовара ва музокира буд; зеро Абузакариёи Саймарӣ, Нушҷонӣ, Мақдисӣ, Абуҳайён ва дигарон дар он ҷо гирд меомаданд ва бисёре аз масоилро аз қабили робитаи байни наҳву мантиқ ва самоу ғано ва алоқа миёни ситорагон ва ҳаводиси замин ва ҳақиқати неъмат дар биҳишт мубоҳиса ва муҷодила мекарданд.

Ба ақидаи мо, фарҳанги асри X дар қаламраве, ки Тавҳидӣ зиндагӣ мекард, як навъ эътирози қавмӣ буд ба муқобили арабҳои ҳоким ва ин вазъро идомаи фаъолияти шуубиён арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад мебуд. Аз навиштаҳои худи Тавҳидӣ чунин бармеояд, ки аҳли фарҳанг дар аксар ҳолатҳо мавриди беэътиноӣ қарор гирифта буданд. Ҳавзаҳои бисёрҳазораи фарҳангии дарборҳо, то андозае характери худнамоӣ ва шӯҳратталабӣ дошта, илму фарҳанги асил, асосан ба ӯҳдаи шахсиятҳои бедоре чун Тавҳидӣ гузошта шуда будааст. Аз ин гузашта, фарҳанги асри Тавҳидӣ ду падидаи ҷолиб дошт: Яке равнақу ривоҷи фалсафа ва илмҳои юнонӣ ва дигаре таваҷҷӯҳ ба фарҳанги Эрони бостон. Дар сурате ки фарҳанги юнонӣ ва махсусан фалсафаи он, то дараҷае аз фалсафаи Эрони бостон иқтибос шудааст. Агар дақиқан ба ҳар дуи ин тамоюл назар андозем, унсурҳои бевоситаи фаъолияти шуубияро дар афкори маънавӣ мушоҳида карда метавонем.

Ибни Батлон ва Яҳё ибни Аддийи насронӣ (ваф.974) ва Ибни Зуръаи насронӣ (ваф.1007), ки китоби (Арасту фи-л-маъмур мин-ал-арз)-ро мухтасар карда буд, дар Бағдод аз уламои машҳури фалсафа маҳсуб мешуданд. Абуҳайён ибни Зуръаро бар Яҳё ибни Аддийи тарҷеҳ медиҳад, зеро тарҷумаро хуб анҷом медод ва ба китобҳои зиёд мурочиат мекардааст. Дигар аз файласуфон Назиф рӯҳонии румӣ аст, ки чанд забон медонист ва аз юнонӣ осори зиёдеро бо арабӣ тарҷума кардааст. Абуҳайён ӯро чунин васф карда: «Дар

[90]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ 1.-С.23.

пизишкӣ дасте боло ва дар маҷолис забоне гӯё дошт ва дар ҷадал дурусткору ором буд».[91]

Файласуфони маъруфи дигар иборатанд аз: Абу Алӣ Аҳмад ибни Яъқуби Мискавайҳ, китобдори Аздуддавла ва муаллифи «Таҷоруб-ул-умам» ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ», Зайди ибни Рифоъа, Макдисӣ, Занҷонӣ. Дар китобҳои таҳқиқии муосир асри X мелодӣ дар кишварҳои Шарқи исломиро асри тиллоии фарҳанг меноманд. Шояд чунин буда бошад. Ин далолат ба он мекунад, ки наҳзати шуубия дар бахши афкори маънавӣ низ боло рафта ва рушду инкишофи афкори фалсафӣ ва ба низоми муайян даромадани масъалаҳои ҳастишиносию маърифат агар бевосита ба наҳзати шуубия ва натиҷаи фаъолияти он арзёбӣ нашавад, онро ба таври бавосита марбут ба наҳзати мазкур донистан мувофиқи мақсад мебуд, ки инро дар мисоли фаъолият ва ақидаю орои Абуҳайёни Тавҳидӣ нишон додан мумкин аст.

Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аббос ва кунияаш Абуҳайён ва лақабаш Тавҳидӣ аст. Вале Муинуддин Абулқосим Ҷунайди Шерозӣ аз риҷоли қарни ҳафтум дар китобаш ӯро Абуҳайён Аҳмад ибни Аббос сӯфии Тавҳидӣ номида аст. Дар таълифоти худ ӯ зикре аз ном ва номи падар ва падарбузургаш ба миён наёвардааст ва ҳама ҷо бо номи куния ва лақаб аз худ ном бурдааст. Дар оғози ҷузъи аввали китобаш «Ал-Имтоъ» куниявy лақаб ва дар охири ҷузъи сеюми он кунияаш сареҳан баён гардида аст. Дар номидани лақаби Тавҳидӣ гӯянд, ки ё яке аз ниёконаш навъе аз хурмо бо номи «тавҳид» мефурӯхт ва шореҳони девони Мутанаббӣ (тавҳид)-ро дар ин байт, чунин маънӣ кардаанд: «Аз даҳони ман суханоне мегиранд, ки аз хурмои (тавҳид) ширинтар аст».[92] Ибни Халликон низ чунин фикрро таъйид кардааст.[93]

Бо ин ки Абуҳайён дар осораш аз анвоъ ва аснофи мардум аз авом ва хавос (бузургон), подшоҳон ва бозориён аз ҳар табақа сухан гуфта, аз падару модар ва хешовандони худ аслан сухан ба миён наёвардааст. Роҷеъ ба таърихи таваллуди

[91]Муродиён. Баррасиҳо.-С.31.
[92] Муродиён. Баррасиҳо.-С.31.
[93] Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5.Теҳрон, 1383.-С.410. Ниг. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. Ҷ.1. Миср. 1299 ҳ.ш.-С.470.

Абуҳайёни Тавҳидӣ мо ба ду мушкил бармехӯрем: яке мушкили таърихи таваллуд ва дигаре таърихи вафот. Муҳаққиқон дар мушаххас намудани таърихи таваллудаш ақидаҳои гуногун доранд. Аз рӯи гуфтаи Аллома Қазвинӣ ӯ байни солҳои 922-932 таваллуд ёфтааст. Сандубӣ таваллуди ӯро соли 924 ба қалам додааст. Соли вафоти Тавҳидӣ низ баҳси доманадоре дорад ва бино ба тахминҳое, ки муҳаққиқон намудаанд, маълум мегардад, ки ӯ соли 1024 дунёи фониро падруд гуфтааст.

Дар назари Ёқути Ҳамавӣ, Абуҳайён Шерозӣ аст. Аммо Ибни Димётӣ ӯро Нишопурӣ ба қалам дода, ки баъд ба Бағдод омад ва пас аз муддате ба Рай рафт. Яъне ӯ эронӣ аст. Ҳамин матлабро Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам-ул-удабо» низ овардааст ва Суютӣ ин фикри ӯро таъйид намудааст. Сандубӣ ва Закӣ Муборак низ Абӯҳайёни Тавҳидиро эронуласл гуфтаанд. Вале Муҳаммад Курд Алӣ ӯро араб медонад. Ин фикри ӯро Аҳмади Ҷундӣ тақвият бахшидааст. Баъзе муҳаққиқон эронӣ ё араб будани ӯро зикр накардаанд. Ӯ улуми мухталифи адаб, фиқҳ, калом ва фалсафаро назди уламои барҷастаи замонаш фаро гирифта, солҳои 952-972 Абусаиди Сайрафӣ улуми қуръонӣ, наҳв, балоғат, калом, арӯз ва қофияро омӯхт. Устодони ӯ дар соҳаҳои гуногуни улуми замона Абубакри Қаффоли Шошӣ, Абулфараъи Наҳравонӣ ва Абуҳомиди Марврудӣ буданд.[94]

Абуҳайён, чунон ки худ мегӯяд, хушхат буда, бо навъҳои он ошноӣ дошта ва дар ин бора китоби боарзише навишта, ки аз қадимтарин китобҳо аст, ки дар анвои хати арабӣ ва қавоиди он навишта шудааст. Ва изофа бар хушхатӣ ва зебонависӣ аз тасҳифу таҳрифи нависандагон ба дур буда ва солиму беғалат рӯнависӣ мекардааст.[95] Чунон ки худ гӯяд: «Нодорӣ ва бехайрии рӯзгор чунон бар ман даст ёфтааст, ки бо дурустии нақлу хубии хат ва зебоии нусхаҳо ва саломатии он аз тағйиру табдил ба андозаву монанди ҷоҳилу нодоне рӯзӣ ба даст намеоварам».[96]

---

[94] Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5. Теҳрон, 1383.-С.411.
[95]Ҳамавӣ, Ёкут. Мӯъҷам-ул-удабо, Бидуни соли нашр. Ҷ.15. Қоҳира.-С.13.
[96]Ҳамон ҷо.-С.28.

Абуҳайён ҳангоми ҷавонӣ сарфиёти худро аз саҳҳофӣ ва китобнависӣ ба даст меовард ва бо ин шуғл пеши баъзе аз вазирони асри хеш ва соҳибмансабони он замон роҳ ёфт ва дар ин ҳол хушбахттар аз замоне буд, ки ин шуғлро раҳо намуда, мутаваҷҷеҳи вазирон шуд ва бо навиштани нома ва достонгӯии шабона ва таълиф таваҷҷуҳи эшонро ба худ ҷалб намуд.

Абуҳайён ҳангоми китобнависӣ то ҳудуде дар рифоҳ ва осоиш буд ва дар Бағдод манзилу ашёҳои манзилӣ ва лавозини зиндагӣ дошт ва ходимае истихдом намуда, вале аз вақте ки ба хизмати Ибни Амид, Ибни Ибод, Ибни Саъдон ва дигарон даромад, дар он ҳолу вазъи пеш набуд. Ӯ китобе барои Зайд ибни Рифоа рӯнависӣ кард ва чун ба китоби «Ҳайвон»-и Ҷоҳиз хуб ворид буд ва бар забту диққат дар он тавоно буданд, Ибни Саъдон аз ӯ хост, ки як нусха аз он барояш бинависад ва рисолае аз Абузайди Балхӣ низ барои Ибни Саъдон рӯнависӣ намуд. Ва Ибни Ибод аз ӯ хост, ки 30 ҷилд аз китобҳояшро истинсох кунад. Вале Абуҳайён аз шуғли саҳҳофӣ ва китобнависӣ ба танг омада, онро пешаи шум ва бадхосият номид ва тамаъ дар коре варзид, ки ранҷаш камтар ва судаш бештар бошад. Ва замоне аз тарафи Абулвафои Муҳандис сарпарасти бемористони Аздийи Бағдод буд ва як бор ҳам бо мутасадди пуст (почта), бо моҳиёнаи чиҳил дарҳам ба Кирмоншоҳ рафт. Ва аз Абулвафо хоҳиш кард, ки ҳазор дирҳам ба ӯ диҳад, то онро сармояи худ намуда, бо baққоли маҳалла шарик шавад ва бо тоҷири маъруфе қоғазу дафтарфурӯшӣ кунад. Якеи дигар аз мавориди рӯзии ӯ пули солиёнае буд, ки пас аз хуруҷ аз Бағдод «далҷӣ» (обкаш) ба ӯ медод. Ба ҳар ҳол хонаводае, ки бадон ба он эътимод дошта бошад ва роҳи даромаде, ки бечорагӣ ва тангдастии ӯро бартараф созад, ғайр аз мавориди ёдшуда надоштааст, ё барои мо маълум нест. Вале он чӣ мусаллам аст, ки он ҳамеша аз таҳсили (ёфтани) рӯзӣ noроҳат буда ва аз нодорӣ менолида аст. Лекин бештари гила, шикоят ва норизоятии ӯ ҷанбаи муболиға ва иғроқ дорад.[97]

[97]Муродиён. Баррасиҳо.-С.40-48.

Ба ақидаи мо Тавҳидӣ салоҳияти ҳама корҳоеро дошт, ки муосиронаш доштанд. Вале сабаб чизи дигар буд. Сабаби умда ва асосӣ он буд, ки аҳли қалами замон мақоми Тавҳидиро хуб мешинохтанд. Ба ӯ бухл меварзиданд ва ҳасад мебурданд. Вале Тавҳидӣ ба сабаби покии сиришт ва фитрат ба ин масъала таваҷҷӯҳ надошт ва онро сазовори таваҷҷӯҳ ҳам намедонист. Ин нависандагони дарборӣ дар шаъни ӯ ҳамеша бардгӯӣ мекарданд. Вазирону соҳибмансабон низ аз роҳи ин ғайбату бадгӯиҳо нисбат ба Тавҳидӣ назари мусбате надоштанд. Ҳамкасбони нотавонбини Тавҳидӣ бо дарбориёну соҳибмансабон ва вазирони адибномаи замон даст ба дасти ҳамдигар дода, ин марди озодаро ба ин ҳол расонидаанд.

Дар Бағдод бозори китобнависӣ ва саҳҳофӣ роиҷ буд. Донишмандон ба он ҷо меомаданд ва ҳаводорони китоб ба он ҷо рафту омад мекарданд ва барои мубоҳиса ва муҷодила ҷамъ мешуданд. Баъзе аз ин мубоҳисот дар назди Абуҳайён анҷом мегирифт ва ба онҳо гӯш медод ва ё дар онҳо ширкат мекард. Донишмандон ва уламо дар асри Абуҳайён аз ҳама давраҳои исломӣ бештар ва устодони Абуҳайён дар тамоми фунуни маориф беҳтарин устодон ба шумор меомаданд. Ва Абуҳайён аз дохил шудан дар ҳар гуна маҷлисе ва таҳқиқ дар мазоҳиби мухолиф ва мувофиқ тарсе надошт, бо асҳоби ҳар мазҳабу гуфтор ва рою ақида мевапайваст ва аз ривоят намудан аз ҳар муҳаддисе дар ҳар мавзӯе биме ба худ роҳ намедод.

Ин ҳолат ва сифот муъҷиб шуд, ки Абуҳайён «энсиклопедияи» мардум ва нависандагони асри худ гардад. Агар бихоҳем касеро пайдо кунем, ки бо тамоми улуми васеи асри X даст ёфта бошад, шояд ғайр аз Абуҳайён нахоҳем ёфт. Монеаҳое, ки барои пайвастан ба мадорис ва маҷолиси гуногун барои дигарон буд, барои Абуҳайён вуҷуд надошт.

Масалан, айбу нуқси ҷисмӣ барои Абулалои Мааррӣ (нобиноӣ) ва Абусулаймони Сиҷистонӣ (маразы пӯст) ва мақоми баланду мавқеияти иҷтимоӣ барои Шарифи Муртазо, Ибни Ибод ва Ибни Амид боис мешуда, ки натавонанд ба ҳар маҳфиле роҳ ёбанд. Аммо Абуҳайён ҷуз таҳқиқ коре надошт ва пойин будани мавқеияти иҷтимоияш яке аз сабабҳои таҳсили ӯ буд. Зеро ӯ бидуни андеша аз маҷлисе ба маҷлисе, аз

ҳалқае ба ҳалқае ва шаҳре ба шаҳре мерафт ва мепурсид ва гуфтугӯ мекард ва ҳадис мегуфт ва чун ба хонааш боз мегашт, он чӣ фаро гирифта буд, менавишт ва ҳар назареро ба соҳибаш ва ҳар мазҳаберо ба аҳлаш нисбат медод.

Кам аст, ки дар давраи ӯ шахсияте Бағдодӣ ва ё Басрӣ, Розӣ ё Хуросонӣ, Сиистонӣ ё Ҳиҷозӣ ё Шомӣ вуҷуд дошта ва ӯ бадон напайваста ва бо ӯ сухан нагуфта ва аз ӯ ривоят накарда бошад. Рӯнависӣ аз китобҳои мухталиф ва дарс хондан пеши устодони гуногун ва рафтан ба маҷлисҳои бешумор ва пайвастан ба табақоти мухталиф ва рафту омад байни марказҳои фарҳанги исломӣ бо доштани умри дароз ва сабру шикебоии фаровон ва озод будан аз банду басти иҷтимоӣ ва озод будан дар пайравӣ аз тариқае муъҷиб шуд, ки асарҳои ӯ доират-ул-маорифи насли муосири қарни чаҳорум гардад.[98]

Китобнависӣ ва бархурд бо орои мухталиф ва рангоранг, диққаташро дар истинтоҷ ва фаҳму идрокашро дар луғату афкори китоб афзуд ва бо вусъати уфуқ ва саломати забон ва боло рафтани услубаш кӯмак кард.

Яке аз хушбахтиҳои қарни чаҳорум нокомӣ, бадтолеӣ ва бадбахтии Абуҳайён аст, зеро ба дарборе бастагӣ надошт, ки ба онҷо дил бандад ва мақоме ҳам ба даст наёвард, ки ӯро аз кӯчидан ба нуқоти мухталиф ва рафту омадҳои бисёр бениёз созад.

Мавқеияти иҷтимоии муҳиме, ки ӯро водор кунад аз тоифа ва мазҳаби муайяне пайравӣ намояд, низ доро набуд. Балки маҳрум ва беарзиш буд ва худаш ин маҳрумият ва беарзиширо дарк мекард ва ин нокомӣ ва идрок ба манзалаи ҳезуме мебуд, ки рӯҳашро шӯълавар месохт ва бо зикри нақоиси афрод ва иҷтимоъ, ба ҷӯшу хурӯш меомад. Ва ин нуқсонҳоро дар лобалои навиштаҳояш ёддошт менамуд. Аммо агар дорои мавқеият ва мақоме буд, ночор буд барои ҳифзи мақоми худ бо дигарон мадоро ва мардумдорӣ намояд ва ё агар ба дарбори Амид ва Ибни Ибод мансуб буд, китобҳояшро монанди «Ятимат-ул-даҳр»-и Саолабӣ ва «Тоҷӣ»-и Абу Исҳоқи Собӣ таълиф карда, пур аз мадҳу санои

[98]Абдурраззоқ, Муҳиддин. Абуҳайёни Тавҳидӣ. Ал-Қоҳира, 1949.-С.125.

эшон ва таърифи нависандагон ва шуарои марбут ба эшон намуда буд.

Ва агар соҳибмансаб мебуд, осорашро таҳниятҳои иду муносибот ва рисолаҳои иншои вазоратӣ ва ихвониёт ба тариқаи маъруф пур аз саҷъ ва санойеи лафзӣ ташкил дода, бисёре аз ҷиноёт ва ногувориҳои ахлоқии риҷол, вузаро, нависандагон ва табақоти мухталифи қарни чаҳорум аз миён мерафт. Бидуни шак дар миёни удабо ва уламои давраи Абуҳайён касоне буданд, ки қудрати қалами ӯро доштаанд. Лекин ё мазҳабӣ ва шефтаи мазҳаби худ буда ва аз он таҷовуз намекарданд ва ё мансабе буда, ки аз он по фаротар намегузоштанд ва ё бо умури дунё машғул буда ва ба лаззатпарастиҳои худ фурӯ рафта будаанд ва маҷоле барои дунбол намудан беш аз он чӣ доштаанд, набудааст.

Ба ҳар ҳол Абуҳайён танҳо касе буд, ки ба воситаи доштани мавқеияти махсуси худ ба ҳама улуму фунун ва масоили иҷтимоии замони худ даст ёфта, осор ва ҳолоташ забони ҳоли фарзандони рӯзгораш гардид. Ёқут дар шарҳи ҳоли Абуҳайён гуфта: «Дар ҳама улум аз наҳву луғат ва адабиёт ва фиқҳу калом бар раъй ва мазҳаби мӯътазила ворид аст… Ва ӯ шайхи сӯфия ва файласуфи адибон ва муҳаққиқи илми калом ва сухангӯйи муҳаққиқон ва пешвои шевонависон мебошад… Ва аз назари ҳушу зиракӣ ва забоноварӣ ва қудрат бар сухан, ягона ва бемонанди ҷаҳон аст ва улуми бисёре таҳсил карда, аз ҳар ҳунаре ҳифз намуда, илму дироят ва иттилои фаровоне дорад». Субкӣ ӯро «дар наҳву луғат ва тасаввуф пешво ва фақеҳу муаррих» хондааст.[99]

Абуҳайён дар таълифоташ ба мутакаллимони давраи худ хӯрда гирифта ва онҳоро масхара намуда, аз шаъношон мекоҳад ва бидуни истисно аз ҳеҷ фирқа ва соҳибраъйе тамҷид ва таъриф намекунад, вале аз асҳоби ҳадис ва ривоёту хабар дифоъ намуда, онҳоро бар мутакаллимони асҳоби раъй ва қиёс тарҷеҳ ва бартарӣ медиҳад. **Абуҳайён мӯътақид аст, ки аслу фасли ҳар чизе бояд бо назари фалсафӣ ва баҳси мантиқӣ хоста шавад ва аз назар кардан ба дин бар асос ва пояи илми калом дар поён ҷуз шакку гумон ва ихтилофу тафриқа ва ҳаммияту таассуб ба даст нахоҳад омад.**

---

[99] Субкӣ, Тоҷиддин. Табақот-уш-шофеия. Ҷ.4. Миср, 1324 ҳ.ш.-С.3.

Якбор шунид, ки Абуҳасани Насибии мӯътазилӣ мегӯяд: Чӣ қадар аҷибанд аҳли биҳишт? Пурсиданд чӣ гуна? Гуфт: Зеро ҳамеша онҷо мемонанд ва коре ҳам надоранд, магар аз хӯрдану ошомидану никоҳ. Оё ҳавсалаи эшон танг намешавад? Оё хаста намешаванд? Оё худро аз ин ҳолати пастӣ, ки монанди ҳолати чаҳорпоён аст, наҷот намедиҳанд?[100]

Абуҳайён аз дахолат дар дин бо ин ҷуръат ва ваҳоҳат (=дуруштӣ) ба ҷӯшу хурӯш омада, мегӯяд: Ба ҷони худам савганд, агар касе итминони нафсу яқини қалб ва оромиши хотир аз тариқаи аҳли ҷадал ва аҳли бало бихоҳад, ба ҳамин бадбахтӣ дучор хоҳад шуд ва ҳама илми калом ҷадалу дифоъ ва ороишу зиннати лафз ва найрангу риёкорӣ ва пӯсти бе мағзу замини бидуни кишт ва роҳи бидуни равшанӣ ва асноди бидуни матн ва барги бе бор мебошад ва мубтадӣ дар он сафеҳ (аблаҳ) ва мутавассити он шаккок ва моҳир дар он муттаҳам ва филҷумла офати он зиёд ва фоидааш кам аст.[101]

Ин иқтибос ва чанд иқтибоси баъдина гувоҳи он аст, ки (1) Абуҳайёни Тавҳидӣ ба сифати намояндаи шуубияи фалсафӣ илми каломро (=фалсафаи ислом)-ро қабул надорад; (2) худи ӯ чун шогирд ва пайрави Абусулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ, ба андешаҳои юнонӣ (бештар Афлотунӣ) майл дорад. Он ҷо, ки як мусулмони оддиро бо як мутакаллими риёкор ва ҳиллагар мавриди муқоиса қарор медиҳад, мехоҳад таъкид намояд, ки мутакаллимон андешаи каломии худро бар гардани ислом таҳмил намудаанд. Вагарна ислом ҳамон аст, ки мардуми оддӣ аз он пайравӣ мекунанд; (3) натанҳо дар масъалаи калом, балки дар тамоми масъалаҳои мазҳаб ва фарҳанги исломӣ Абуҳайён намунаи барҷастаи як шуубии фалсафӣ мебошад. Ӯ ҳамеша ба таври аён ва ноаён фарҳанги қавми эронии худро ва андешаҳои хоси хешро ба фарҳанги бегона муқобил мегузошт. Ба таъбири имрӯза бояд, гуфт, ки Абуҳайён як мутафаккири гуманист (инсонгаро) ва дар шеваи эҷод як намояндаи барҷастаи адабиёти фалсафӣ дар асрҳои миёнаи Шарқи исломӣ буд.

---

[100]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот..-С.194.
[101]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.194.

Рӯзе вазир Ибни Саъдон аз Абуҳайён дар бораи Доракӣ, ки аз асҳоби илми калом буда, савол намуд. Абуҳайён аз ӯ бадгӯӣ намуда ва ба ӯ дашноми газанда дод ва гуфт, рутбааш ба ҳадди аъло дар илми калом боло аст ва бо ин васф бадботин ва хабису камяқин аст, зеро роҳе, ки мепаймоянд, ишонро ҷуз бо шакку гумону шубҳа намекашонад. Чунки дин дар ҳар бобе каму кайф наёвардааст, ки аз ин рӯ асҳоби ҳадис бар асҳоби калому аҳли назар афзалият ва бартарӣ доранд. Ва қалби холӣ аз шубҳа аз синаи пур аз шакку шубҳа солимтар аст ва ҷадал ҳаргиз хайру хубӣ дар бар надошта аст ва гуфтаанд: Ҳар ки динро бо илми калом биталабад, мулҳид ва касе, ки аз аҳодиси ғариб пайравӣ кунад, дурӯғгуст, ва касе, ки бо кимиёгарӣ мол бихоҳад, бечора хоҳад шуд, ин масъала пас аз таҷрибаҳои бардавоми рӯзгор маълум гардидааст.

Яке аз мутакаллимон дар сад масъала сухан мегӯяд ва сад далел меоварад. На риққати қалб дорад ва на тақво ва на аз барои Худо ашке мерезад. Бисёре аз касоне, ки хондан ва навиштан намедонанд ва истидлолу муҷодила намекунанд, аз ин тоифа беҳтар ва мулоимтар ва худотарстару парҳезкортаранд ва аз онҳо бештар ба ёди ҳисобу савоб ва ақобанд ва аз лағзиш нороҳаттар ва аз гуноҳе кӯчак ба Худо паноҳандатар ва ба таваҷҷӯҳ ба Худо бозгардандатаранд ва ман мутакаллимеро надидаам, ки дар умраш аз тарс гириста, ё ашке аз чашмаш берун омада ё аз гуноҳи бузург бо рағбат даст кашида бошад, аз рӯи истеҳзо муҷодила ва аз рӯи таассуб бо ҳам рашк меварзанд ва аз рӯи найранг бо ҳам бармехӯранд ва аз рӯи ҳилла таълиф мекунанд. Худо решаи ишонро барканад ва бандагону шаҳрҳоро аз ишон роҳат гардонад. Зеро ҳарҷу марҷ ва газандашон бар кӯчаку бузурги мардум зиёд шуда, бемориашон пароканда ва дармонашон душвор гардидааст ва умедворам, ки аз дунё берун наравам, то ин ки бунёдашонро сусту ларзон бубинам.[102]

Ибни Саъдон гуфт: Дар бораи Ибни Боқилонӣ чӣ мегӯӣ? Абуҳайён гуфт: (Аз Амр ибни Кулсум ин шеърро оварда) «Эй Умми Амр ман дӯсти ту, ки ба ман шароб намедиҳӣ, аз он ду тан бадтар нестам. Ӯ гумон мекунад, ки суннатро ёрӣ намуда, мӯътазиларо мекӯбад ва дар миёни мардум ривоят мунташир

---

[102]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ 1.-С.141-143.

менамояд, бо ин ки ӯ ба мазҳаби хуррамия ва тариқаи мулҳидон аст. Ба Худо ин аз мусибатҳои бузург ва амрозе аст, ки илоҷпазир нест».[103]

Бадин тариқ ҳар куҷо, ки сухан аз мутакаллимон ба миён меояд, ба ҳамаи онҳо аз муътазилиён, ашъариён, ва имомиён ҳамлавар мешавад. Чунонки аз Абусулаймон ривоят кунад: Ду мард бо ҳам гирд омаданд, яке тарафдори Ҳишом ва дигаре аз пайравони Ҷаволиқӣ буд. Тарафдори Ҷаволиқӣ ба пайрави Ҳишом гуфт: «Худое, ки мепарастӣ барои ман таъриф кун». Ӯ гуфт «Худо андому дасту олату забон надорад». Тарафдори Ҷаволиқӣ гуфт: «Оё дӯст дорӣ, ки писаре бо ин сифатҳо дошта бошӣ?». Он дигар посух дод: На. Тарафдори Ҷаволиқӣ гуфт, оё хиҷолат намекашӣ худоро ба сифоте таъриф кунӣ, ки розӣ нестӣ писарат бадон сифот бошад? Пайрави Ҳишом гуфт: «Ту шунидӣ, ки мо чӣ мегӯем, ту худоятро барои ман васф кун». Ӯ гуфт: «Худо дорои мӯҳои кӯтоҳ, ҷингила комилтарин қаду боло ва беҳтарин шаклу андом аст». Пайрави Ҳишом гуфт: «Оё хушҳол мешавӣ, ки зане бадин сифат дошта бошӣ ва бо он наздикӣ кунӣ? Ӯ гуфт: Оре. Пайрави Ҳишом гуфт, оё шарм намекунӣ, аз ин ки касеро бипарастӣ, ки дӯст дорӣ бо ҳаммонандаш ҳамбистар шавӣ? Зеро бо касе, ки мехоҳӣ наздикӣ кунӣ, бо назари шаҳват дар ӯ нигаристаӣ, сипас ба дунболаи ин суханон гӯяд: «Ин аз шумии мутакаллимон ва бадии ҷадал аст. Зеро агар дин дар кор буд, ин матолиб ба хотир намегузашт ва ба забон намеомад.[104]

Ва боз аз Абусулаймон ҳикоят кунанд, ки ғуломе аҷамӣ ба дарде сахт дучор шуд. Менолид ва ба худ мепечид ва фарёд мекашид. Падараш ба ӯ гуфт: фарзандам сабр кун ва ҳамди худоро ба ҷой овар. Гуфт: Барои чӣ ҳамди ӯро ба ҷой оварам? Гуфт: Барои ин ки туро бад-ин дард мубтало кард. Дарди он писар сахттар ва оҳу нолааш беш аз пеш баланд шуд. Падараш ба ӯ гуфт: Чаро бетобӣ ва беқарориат бештар гардид? Гуфт: Гумон мекардам, ки ғайр аз Худо маро бад-ин дард мубтало сохта ва умедвор будам, ки Худо маро аз ин бало шифо диҳад. Аммо агар ӯ маро мубтало намуда, пас ба

[103]Ҳамон ҷо.-С. 142.
[104] Муродиён. Баррасиҳо.-С.71.

кӣ умедвор бошам, ки маро шифо диҳад? Аз ин рӯ акнун бетобӣ ва беқарориам шадид ва мусибатам бузургтар шуд».[105]

Ва боз нақл кунад (аз Абусулаймон): марде аз аҷам ба ҳаҷ рафт ва ба пардаҳои Каъба даровехт ва шурӯъ ба дуо кард ва мегуфт: Эй Худое, ки ҷонварони даранда ва ҳашароти зарароварро офаридӣ ва бар мардум бор намудӣ ва ишонро ба бадбахтӣ ва кӯрӣ ва фақру эҳтиёҷ дучор кардӣ! Мардум рӯи ӯ рехта ва дашномаш дода ва озораш намуда, бо ӯ гуфтанд: Худоро бо номҳои ҳусно (неку) бихон. Ӯ изҳори пушаймонӣ карда, ва эшон даст аз ӯ бардоштанд. Ӯ бори дигар боз гашта, ба пардаҳои Каъба даровехт ва мегуфт: Эй Худое, ки ҷонварон ва ҳашаротро наёфаридӣ ва ба ҷони мардум наяндохтӣ ва эшонро ба бемориҳо мубтало накардӣ! Бори дигар рӯи ӯ рехта бо ӯ гуфтанд: Ин суханонро магӯ, зеро Худо офаринандаи ҳама чиз аст. Ӯ гуфт? Ман намедонам чӣ кор кунам? Агар мегӯям Худо ҳамаи ин чизҳоро наёфарида аст, боз ҳам ба ман ҳамла менамоед. Ба ӯ гуфтанд: Инҳоро бояд дар қалби худ бидонӣ, вале Худоро бо онҳо нахонӣ.

Абусулаймон мегӯяд: Ин ҳам аз шумии калом ва шубҳаҳои мутакаллимон аст, ки мегӯянд: Ҷоиз нест бо тақлид ба чизе мӯътақид шуд ва эътиқод бояд бо далел бошад, сипас далел оварда ва ихтилоф мекунанду пас аз он бо истилоҳи такофу (тавтология) далелҳо боз мегардонад.

Зуҳайрӣ барои мо ҳикоят кард, ки Ибни Ахшод ривоят намудааст, ки ду нафар ба доварии аввалин касе, ки бар онҳо ворид шавад, розӣ шуданд. Арабе пайдо шуд, ӯро нишонда, саргузашти худро барояш гуфта ва мазҳаби хешро барои ӯ баён карданд: Ба яке аз он ду, ки мушаббиҳа буд, гуфт, ки ту бутеро мепарастӣ ва ба дигаре гуфт: Ту адамро (нестиро) васф менамоӣ ва ҳар ду чизе мегӯед, ки намедонед».[106]

Абуҳайён бо касоне, ки барои усули дин бо илми калом истидлол мекарданд, мухолиф буд ва бо касоне, ки динро бо фалсафа дармеомехтанд, ё аҳкоми динро дар сояи фалсафа тафсир намуда, мекӯшиданд, ихтилофоти дин ва фалсафаро бо навъе аз таъвил ҷоиз ва ҳамоҳанг созанд, душманӣ меварзид. Ин маънӣ намерасонад, ки аз калом ва фалсафа бадаш

---
[105] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.190.
[106]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ, ҷ.3.-С.196.

меомад. Ва ё ба бурҳону усули онҳо итминон надошт. Балки мӯътақид буд, ки дин мавзӯи фалсафа нест ва қонунҳои фалсафа бо дин татбиқ намекунад. Ва ҳамин мавзӯъ мӯҷиби хусумат ва душмании Абуҳайён бо «Ихвон-ус-сафо» ва таънаю маломат дар тариқаи эшон гардид. Зеро Ихвон-ус-сафо мекӯшиданд, ки аз фалсафа ва ақл барои дину қонунгузорӣ пуштибоне сохта, дар умури динӣ истеҳсони ақлӣ ва тақбеҳи онро мӯътабар донанд.

Шояд битавон гуфт, ки саргузашти Абуҳайён фоҷеаи донишманди гурусна ва нобиғаи маҳрум, андешаманди носозгор бо ҷомеаи нодурусту ситамкори пурҷиҳолат аст. Он чи аз манобеъ бармеояд, ин аст, ки на танҳо Абуҳайён мулҳид нест, балки ӯ як фақеҳи шофеӣ аст. Ёқути Ҳамавӣ аз ӯ ба унвони «муҳаққиқи калом ва мутакаллими муҳаққиқин» ёд мекунад. Вале вай роҳи файласуфонро мепаймояд ва ҳаракати озодонаи ақлро барои ёфтани посухҳо бармегузинад, то он ҷо ки ба ӯ «файласуф-ул-тасоул» (файласуфи саволдиҳанда) лақаб доданд. Ӯ бо фаровардани фалсафа ба сатҳи фаҳми хонандагони осори адабӣ, кӯшид то фикри онҳоро боло барад ва аз такрору мавҳумоту хурофоти каломӣ бираҳонад ва бо илқои ҳайрату даҳшати илмӣ мустаидтарини онҳоро ба самти таҳсили ҷиддии ҳикмату дониш савқ (такон) диҳад.[107]

Иқтибоси мазкур хусусияти шуубӣ доштани назари Абуҳайёнро баръало нишон медиҳад. Зеро ӯ фалсафаро марбут ба шариат (дин) намедонад. Соҳиби дин, ба фикри ӯ, пайғамбарест, ки ба ӯ ваҳӣ нозил шудааст, соҳиби фалсафа бошад, шахси мухтору озоду заҳматкаш дар бахши тафаккур аст. Ӯ дар асараш «Ал-имтоъ ва –л-муонаса» менависад: «Ин (диндор) мегӯяд:

Дастур ёфтаам ва таълим ёфтаам ва ба ман гуфтаанд ва аз пеши худ намегӯям. Ва он (файласуф) мегӯяд: Назар додам, хуб донистам ва бад донистам. Ин мегӯяд: Бо нури ақл роҳ меёбам. Он мегӯяд: Нури холиқ бо ман аст ва бо рӯшноии он роҳ меравам. Ин мегӯяд: Худо гуфт ва фаришта гуфт. Он мегӯяд: Афлотун гуфту Суқрот гуфт. Аз ин (диндор) зоҳири танзилу муҷаввизи таъвил ва таҳқиқи суннату иттифоқи уммат шунида мешавад ва аз он ҳаюлову сурат ва табиату

---

[107] Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ. Ҷ.5.-С.413.

устуқс (аносир) ва зотиву аразӣ ва айсиву лайсӣ, «ҳастӣ ва нестӣ» ва амсоли он чизҳое ки аз мусулмон ва яҳудӣ ва насронӣ ва маҷусӣ ва монавӣ шунида намешавад, шунида мешавад.[108]

Абуҳайён ба Яҳё ибни Аддӣ-устоди худ, ки дам аз илми калом мезанад, сахт тохта ва мегӯяд: «Дар маҷолисе, ки гирди ҳам меоем, ман аз сухани баъзе аз ёрон бисёр тааҷҷуб мекунам, ки мегӯяд: Мо мутакаллимон ва арбоби калом, ки калом аз мост ва ба воситаи мо зиёд ва мунташир гардида аст! Гӯё соири мардум калом намедонанд ё аҳли калом нестанд. Шояд пеши мутакаллимон гунг ва лоланд!

Эй мардум! Оё фақеҳу наҳвӣ, табибу муҳандис, мантиқию мунаҷҷим, табиию илоҳӣ ва ҳадисию суфӣ калом (сухан) намедонанд?[109] Аз ин эътирофоти Тавҳидӣ чунин бармеояд, ки ӯ каломро роҳи ҳақ ва дуруст барои шинохти дин ва шариат намеҳисобад.

Ба ақидаи Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Мӯъҷам –ул-удабо» Абуҳайён муътазилӣ ва аз ҳаммаслакони Ҷоҳиз дар эътизол буда, дар тавҳид назари хоссе доштааст. Ва ба ҳукми муътазилӣ буданаш, қоил ба таътил буда. Ва маънии таътил муҷаррад (зоти ноб ва абстрактӣ) донистани зоти Худо аз сифот аст ва таътил дар назари аҳли суннат болотарин дараҷаи зиндиқа ва ваҳдат аст ва қавл ба таътил марбут ба фикру андешаи тавҳид аст, ки асли муҳиме аз усули панҷгона: Тавҳид, адл, ваъд, ваъид, ал-манзила байна-л-манзилатайн ва амр ба маъруфу ниҳй аз мункар мебошад, ки мазҳаби мӯътазила бар ин рукнҳо қарор дорад ва аз назари ҷуръате, ки мӯътазила дар таҳлил ва тафсири фикри тавҳид аз худ нишон додаанд, дар таърихи мазҳабҳои каломӣ фикру андешаи таътил аҳамияти бузурге ёфтааст. Мусулмонон бо эътибори ин, ки тавҳид яке аз асос ва пояҳои дин аст, бадон имон доранд. Ва Худоро аз сифот барканор дониста ва аз баҳс дар сураҳои Қуръон, ки ишора ба сифоти илоҳӣ ва таҷсиду ташбеҳ мекунад, имтиноъ менамоянд. Аз ин рӯ, Абулҳасани Ашъарӣ душмани мӯътазила аз ин маънӣ чунин таъбир намуда,

---

[108]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ, ҷ.2.-С.18.
[109]Тавҳидӣ. Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.42.

мегӯяд: «Аҳли суннат дар дин мункири ҷидолу ситеза ва душмани мунозираанд. Ва ба ривоёти саҳеҳ ва осоре, ки доноёни одил аз ҳамдигар нақл кардаанд, то санади онро ба ҳазрати Расул расонидаанд, амал мекунанд. Ва дар бораи дин «чӣ гуна» ва «чаро» намегӯянд, зеро ки бидъат аст.[110]

Аммо мӯътазила, ки ба тақдиси (парастиши) ақлу хирад шинохта шудаанд, ба пайравӣ аз мазҳаби ақлии худ кӯшидаанд, оёти Қуръониро, ки иртиботе ба зоти Худо ва муҷассам намудани ӯ дорад, мутобиқи фикру андешаи тавҳид ва танзеҳ, тафсир намоянд. Ва сифоти илоҳиро мункир шаванд ва ашколи ҳудуду ақволу аърозро аз соҳати (зоти) илоҳӣ нафй (инкор) кунанд. «Зеро Худо бо сифоташ муттаҳид ва вуҷудаш дар ваҳдат аст. Аз ин рӯ, ҳар кас сифоте ба Худо нисбат диҳад ба ваҳдонияти ӯ, ки зот ва сифоти ӯст, бояд ногузир қоил ба ширк гардад, барои ин ки: «Чуноне, ки Тавҳидӣ гӯяд: Ҳар ки ба ваҳдоният эътироф кунад, сипас ташбеҳ намояд, он чӣ гуфта аст, боз гардонда, ва он чӣ баста аст, боз намуда ва касе, ки беш аз яке зикр намояд, комилан роҳи ростро гум кардааст ва аммо касе, ки бо ақли солим бидуни таврия (риё) ба исму таҳлия ба расм аз рӯи ихлос ва тақдис ба зоти Худо ишора намояд, ба андозаи тобу тоқати башарӣ ҳақи тавҳидро адо намуда аст. Зеро инният ва айнияту кайфиятро нафй (инкор) карда ва Худоро аз ҳар фикру андешае бартар донистааст.[111]

Ба ақидаи Тавҳидӣ, Худо бо сифоти худ муттаҳид ва ягона аст. Зот ва сифоти Худо аз ҳам ҷудо нестанд. Ин назар бештар ба назароти орифон шабоҳат дорад, на ба ақидаи мӯътазила. Вақте Ибни Саъдон, вазир тайин шуд, Абуҳайён ҳамчун надими ӯ вориди хонадони Бувайҳиён шуд ва шабҳо ба вай дар баҳсҳои мухталифи фалсафаю ахлоқу адаб менишаст, дар маҷлисҳое, ки бо иштироки Абусулаймони Сиҷистонӣ баргузор мешуд, ширкат меварзид. Вале ин зиндагии хуши ӯ дер давом накард. Баъди аз вазирӣ гирифта шудани ҳомии ӯ – Ибни Саъдон, зиндагии маъюсона дошт ва ба ҳалқаи сӯфиён даромад. Ёқути Ҳамавӣ Абуҳайёнро «шайхи суфия» ва Тоҷиддини Субкӣ «мутакаллими суфӣ» ва соҳиби китоби

---

[110]Ашъарӣ, Абулҳасан. Мақолот-ул-исломиин. Ҷ.1. Истанбул, 1930.-С.145.
[111] Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Муқобисот.-С.57.

«Шерознома» ва «Шадду-л-изор» аз «бузургони суфияи Шероз» шумурдаанд. Бино ба гуфтаи муаррихон Абуҳайён мутааллиҳи (=теологи) сӯфимаслак ва сӯфиҳайат буда, бисёр бо ғарибон ва гадоён омезиш мекард ва бо асҳоби хирқа ва жандапӯшон рафоқат доштааст.[112] Бештари дӯстони айёми ҷавониаш монанди Ибни Самъун ва Ҳанзала ва Ибни Сарроҷ ва Ибни Ҷалои зоҳид ва Абузайди Марвазӣ сӯфӣ будаанд. Аз ин рӯ, устодон ва дӯстони сӯфии ӯ дар шакли зиндагонии сӯфиёнааш таъсири зиёд доштаанд. Зоҳири номураттаб ва носозгории ӯ бо бузургон ва сару вазъи сӯфиёна ва шикаст дар зиндагӣ, ба Шероз рафтан ва дар корвонсаройҳо зистан ва сӯзонидани китобҳо дар охири умр аз рафтору аъмоли сӯфиёнаи ӯ дарак медиҳад.[113]

Муҳаммад Курд Алӣ мегӯяд: Абуҳайён чунонки аз суханаш пайдост, ҳам аз сӯфиёни аҳли ботин ва ҳам аз ҳукамои диндори аҳли зоҳир аст ва байни мазҳаби сӯфия амсоли: Муҳосибӣ, Тустарӣ ва Ҷунайду Сарии Сақатӣ ва Иброҳи ибни Адҳам ва носикону сӯфиёни дигар ва байни мазҳаби Сиҷистонӣ, Зинҷонӣ, Меҳрҷонӣ. Саймарӣ, Мақдисӣ, Муҷтабӣ, Ибни Заръа ва Ибни Рифоа дар ҳикмат ҷамъ намуда аст. Кутубаш гувоҳӣ медиҳад, ки мутасаввиф ва файласуф буда ва байни улуми моддӣ (фалсафӣ) ва маодӣ (динӣ) ҷамъ карда ва аз ӯҳдаи ҳар як ба хубӣ баромада ва тариқаи махсусе дар тасаввуф надорад.[114]

Ба ҳар ҳол, баъзе аз муаррихон Абуҳайёнро ба зиндиқа ва илҳод муттаҳам намуда, вале гуфтаанд, ки ӯ ба куфр ва зиндиқааш тасреҳ (эътироф) намекунад. Шояд ин марбут бо услуби рамзӣ ва печидаи пур аз ишора, луғз ва адъия ва авроди (вирдҳои) ӯ бошад, ки маъмулан мавриди интиқоди касоне қарор мегирад, ки бо ибороти мутасаввифа ошноӣ надоранд.

Бояд гуфт, ки аҳли суннат, бахусус мутакаллимон ҳеҷ вақт аз сӯфия розӣ набудаанд, зеро тасаввуф дар ислом бо шакли зуҳду беэътиноӣ ба завоҳир падид омад ва тадриҷан таҳти таъсири таълимоти монавӣ ва ҳиндӣ қарор гирифта, аз

[112]Қазвинӣ, Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб. Бист мақола. Теҳрон, 1332. Ҷ.2.-С.169.
[113]Ҳамон ҷо.-С.170.
[114] Курд Алӣ, Муҳаммад. Умаро-ул-баён. Ҷ.2.Қоҳира, 1948. -С.500.

қавоиду қонунҳои саҳеҳи исломӣ дур шуд. Бадин сабаб аҳли суннат ба назари шакку шубҳа ба сӯфиён нигаристанд. Ҳатто калимаи сӯфия муродифи зиндиқа шуд. Ҳамин тавр, аркони тасаввуф монанди бе эътиноӣ ба зиндагӣ, фақру зиллати нафс ва истеъмоли рамуз ва калимоти ғомиз (норавшан) ва душвор, бидъате (куфре) дар радифи зиндиқа гардид. Хусусияти шуубии афкори ирфонии Абуҳайён, дар ин маврид, дар он зоҳир мешавад, ки ӯ бо рукнҳои асосии таълимоти ислом розӣ нест ва гоҳ ҳамчун намояндаи мӯътазила ба ақлгароӣ дода мешавад ва гоҳ низ роҳи тасаввуфро пеш гирифта, ҳамчун бидъату зиндиқа баромад мекунад.

Ховаршиноси фаронсавӣ Масинён кӯшидааст авомилеро, ки сабаби махлут шудани сӯфигарӣ ба зиндиқа шуда аст, баён намояд. Ӯ таъкид мекунад, ки «тамоилоти беэътиноӣ ба дунё, ки назди монавиён маъруф ва мавриди писанд аст ба мусулмонони суннӣ маҷол дод, ки ду калимаи «зиндиқа» ва «тасаввуфро бо ҳам наздик намоянд. Назарияи ишқи илоҳӣ, ки аз назарияҳои монавӣ гирифта шуд ва назарияи ҳулулу иттиҳод бо зоти Худованд, ки Мансури Ҳаллоҷ бадон мӯътақид буд ва ҷони худро дар ин роҳ аз даст дод ва андешаи таваккалу ҷабр ва тамоми қавоиди илмии ахлоқӣ, ки марбут ба тавҳиди сӯфӣ аст, ҳама ва ҳамаро мунофӣ (мухолиф) бо шариат медонистанд. Ҳатто такаллум бо алфози мутааллиқ бо сӯфиён, зиндиқа ба шумор меомад. Ва мумкин буд, ки барои гӯяндаи он шарру зиёне ба бор оварад».[115]

Наҳзати тасаввуф ҳангоме, ки бо қавоиду аркони исломӣ бархурд мекард, шакли хатарноке ба худ мегирифт. Ба ин масъала Голдсиэр «шайхҳои сӯфиёни қадим дар такмили шаоири (маросимҳои) тақлидии ислом, ҳаракоти дилҳоро бар ҳаракоти аъзо ва ҷавореҳ бидуни ин ки арзиши онро кам намуда ва ё аз навофил (истисноот) бидонанд, тарҷеҳ медоданд ва ин ҳаракоти зоҳирӣ арзишу маъное надошт, магар ҳамроҳ бо ҳаракоти ботинӣ, зеро василаи ҳаёти динӣ дил аст, на аъзои дигар».[116]

Ва чунон ки Адам Метс мегӯяд: «Дар он аср тоифаи бузурге аз сӯфия ба ҳеҷ чиз аҳамияте намедоданд. Ба тавре ки

[115] Ибни Ҷавзӣ. ТалбисиИблис. Қоҳира, 1929.-С.177-180.
[116]Гийлонӣ, Иброҳим. Абуҳайёни Тавҳидӣ.-С.53.

аз яке аз сӯфиён ҳикоят шуда, ки ба яке аз ҳуҷҷоҷ дастур дода, ки аз рафтан ба ҳаҷ боз истад ва ба хидмати модараш қиём намояд. Аз сӯфии дигаре нақл кардаанд, ки гуфтааст, аз касоне, ки барои расидан ба хона ва ҳарами Худо, ки осори дӯстони ӯст, дашту биёбонро қатъ мекунанд, тааҷҷуб мекунам, ки чаро нафс ва ҳавои онро қатъ намекунанд, то ба дил бирасанд, ки маҳаллу осори Худост».[117]

Ин муқаддимаро барои он овардаем, ки бигӯем: Абуҳайён китобе бо номи «Ал-Ҳаҷ ал-ақлӣ изо зоқа-л-фазо ани-л-ҳаҷ аш-шаръӣ» таълиф намуда аст. Хонсорӣ мӯътақид аст, ки ин китоб назири китобест, ки Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ дар кайфияти ҳаҷи фуқаро аз ихтирооти худ навишта ва ҳамон сабаби қатли фоҷеабори ӯ гардида аст. Ибни Асир дар «Таърих» ва Масинён дар китобаш аз забони Ҳаллоҷ мегӯянд: «Яке аз гуноҳҳони Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ дар аснои муҳокимааш он буда, ки вазир Ҳомид ибни Аббос-вазири Муқтадирбиллоҳ китобе аз ӯ дида, ки дар он чунин омадааст: «Ҳар гоҳ касе бихоҳад ба ҳаҷ равад ва натавонад, аз манзили худ хонае ҷудо намуда, нагузорад чизе наҷис бадон роҳ ёбад ва касе дохили он шавад. Вақте айёми ҳаҷ шуд, атрофи он тавоф кунанд ва ҳар коре, ки ҳоҷиён дар Макка мекунанд, ӯ низ анҷом диҳад. Пас аз он сӣ нафар ятим гирд оварда ва беҳтарин хӯрокеро, ки метавонад, таҳия намуда ва дар он хона ба онҳо бихӯронад ва худаш ба хидмати ишон қиём намояд ва ҳар гоҳ аз хӯрдан даст кашиданд, онҳоро бипӯшонад ва ҳар кадом ҳафт дирҳам бидиҳад, вақте ки ин корҳоро анҷом дод, монанди касе аст, ки ҳаҷ намуда аст».[118]

Ва ин ҳаҷи ақлӣ марбут ба тақлид аз сӯфии қадим аст, ки аъмоли дилҳоро бартар ва болотар аз фароизи (фарзҳои) суннат медонад. Ва медонем, ки Абуҳайён ба ваҳдати вуҷуд имон дошта ва ин охирин марҳала аст, ки тасаввуфро ба зиндиқа наздик мекунад. Оё дар ин амр таҳти таъсири таълимоти ҳулулии Ҳаллоҷ қарор гирифта аст ё на, маълум нест. Ба ҳар ҳол, дар сӯфӣ будани Абуҳайён шакке нест, вале аҷиб аст, ки дар они воҳид ҳам сӯфӣ бошад ва ҳам зиндиқ.

---

[117] Адам Метс. Ал-Ҳазора ал-исломия. Қоҳира, 1940.-С.74.
[118]Ибни Асир. «Ал-Комил фи-т-таърих», ч. 8.-С.40.

Ногуфта пайдост, ки дар асрҳои миёнаи исломӣ ҳар сӯфӣ ва орифи ворастае аз нигоҳи идеологияи мазҳабии замон, ба зумраи зиндиқон ва мулҳидон дохил мешуд. Ва худи падидаи тасаввуф ва ирфон гурезе буд аз банду басти мутаассибонаи мазҳаби расмӣ ва зимнан эътирозе буд алайҳи маҳдудиятҳои фарҳангӣ ва ҷаҳоншиносии аҳли рӯзгор. Вале дар мисоли Тавҳидӣ бояд гуфт, ки ҳамаи шохаҳои илму ақоиди расмии замони худро мавриди шакку тардид қарор додааст. Муаллифони муосир менависанд, ки шуубия ҳаракте буд бар зидди ислом ва миллати араб. Ин ду тамоил (зидди исломи расмӣ ва зидди арабӣ) будан тамоми эҷодиёти Тавҳидиро фаро гирифтааст. Ба назари мо шуубияи фалсафӣ будан, маҳз ҳамин маъноро хоҳад дошт. Ба таъбири имрӯза Тавҳидӣ намояндаи комил-ул-аёри адабиёти фалсафӣ аст, яъне баёни фалсафа ба забони адабиёт ва ҳунар.

Хулоса он ки Абуҳайён аз чизҳое, ки ба сӯфиён аз қабили ҳолоти ҷазба, халса ва ғулув дар он замон ва озод намудани худ аз дину дунё ва муошират бо мухолифони дин ва рафоқат бо занону ҷавонон ва муболиғаи беш аз ҳад дар бораи пайғамбар ва эътиқод ба волоият ва кароматӣ авлиё ва бемайлӣ ба молу ҷоҳи дунё нисбат медиҳанд, безор ва мубаррост. Нисбати зиндиқа ба ӯ додан бо машғулияти ӯ ба воҷибот ва фароизи динӣ аз ансоф дур ва аз амали ҳосидон ва душманон ба назар мерасад.[119]

Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба фалсафа ва мансубияти Абуҳайёни Тавҳидӣ ба он ақидаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Ёқути Ҳамавӣ дар бораи Абуҳайён гуфта, ки ӯ файласуфи адибон ва адиби файласуфон аст.[120] Ва муаррихони дигар низ дар ин унвон аз Ёқут пайравӣ кардаанд ва калимаи адиб мерасонад, ки ӯ фанни адабро дар ҳаллу тавзеҳи масоили фалсафӣ дахолат медода аст.

Абуҳайён фалсафаро назди Абузикриё Яҳё ибни Аддийи мантиқӣ (361 ҳ.=972 м) омӯхт ва китоби «Нафс»-и Арастуро пеши Абусулаймони Мантиқӣ (Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Баҳроми Сиҷистонӣ) хонд ва аз орои ӯ дар адабиёт ва мовароъуттабиа истифода кард ва ин Абусулаймон дар

---

[119] Муродиён. Баррасиҳо.-С.83.

[120]Ҳамавӣ, Ёқут. Мӯъҷам-ул-удабо…ҷ.5.-С.15.

мантиқ ва фалсафа бузургтарин донишманди Бағдод буд. Ва дар фалсафаи Юнон иттилои васее дошт ва пайваста маҷлисаш пур аз уламо ва ҳукамо буд. Абуҳайён аз Абусулаймон бештар аз дигарон нақл ва иқтибос мекард.

Дар «Муқобисот» баъзе аз касонеро, ки аз ишон истифода намуда, бад-ин тариқ ёд кардааст: Абумуҳаммади Мақдисии арӯзӣ, Абулфатҳи Нушҷонӣ, Абузикриёи Саймарӣ, Абубакри Қумисии файласуф, котиби Насруддавла, Исо ибни Алӣ, Ибни Мискавейҳ, Абулҳасани Омирӣ, Абунафиси риёзӣ ва Алӣ ибни Исои Румонӣ.

Ва шахсияти бисёре аз донишмандонро, ки мешиносад, монанди Ибни Заръа, Ибни Хаммор, Ибни Самаҳ, Қумисӣ, Ибни Мискавейҳ, Исо ибни Алӣ, Назифи Румӣ ва Яҳё ибни Аддӣ таҷзия ва таҳлил намуда ва орои ишонро дар бақо ва фанои нафс ва нуҷум баён мекунад.[121] Бо мутарҷимони фалсафаи Юнон ба арабӣ дар қарни чаҳорум, ба мисли Бишр Мити ибни Юнуси Қаноӣ ва Закариё Яҳё ибни Аддии Мантиқӣ, Абуалии Исҳоқ ибни Заръа ва Абулхаёр ибни Ҳасан ибни Хаммор марбут будааст.

Барои нишон додани аҳамият ва мақоми Абуҳайён дар фалсафа ва масоили фалсафӣ, ки дар кутуби ӯ омадааст, саволҳоеро, ки вазир Ибни Саъдон дар яке аз шабнишиниҳо мутаваҷҷеҳи ӯ мекунад, меоварем: «Нафс чист? Камоли он чист? Фоидаи он чист? Ва чӣ фарқе бо рӯҳ дорад? Рӯҳ чист? Авсофи он чист? Ва чӣ монее дорад, ки нафс ҷисм ё араз ё ҳар ду бошад? Ва оё нафс боқӣ мемонад?

Агар боқӣ мемонад, оё медонад, ки инсон дар ин ҷаҳон дар чӣ ҳолест? Ва инсон чист? Ва таърифи он чист? Ва оё ҳадду таърифи он ҳамон ҳақиқат аст ва ё байни онҳо фарқ ҳаст? Ва табиат чист? Ва чаро рӯҳ аз нафс ва нафс аз рӯҳ бениёз нестанд? Ва чаро табиат кофӣ нест? Ақл чист? Ва ҳудуди он чист? Оё ақл таaққул дорад? Оё нафс нафас мекашад? Мартабаи ақл пеши Худо чист? Оё ақл фоил аст ё мунфаил? Ва агар ҳам фоил аст ва ҳам мунфаил, бештар фоил аст ё мунфаил? Маод яъне чӣ? Оё маод (растохез) барои инсон аст ва ё барои нафс? Ё ҳар ду? Ва фарқ байни анфус яъне нафси Амру Зайд ва Бакру Холид чист? Сипас фарқ байни

---

[121]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…ҷ.1.-С.33-40.

анфуси ақсоми ҳайвонот чист? Оё фаришта ҳайвон аст? Медонӣ, ки ба фаришта мегӯянд: ҳай (зинда) аст, оё дар ӯ ҳаёт ҳаст? Ва ба чӣ тариқе гуфта мешавад: Худои азза ва ҷалла ҳай аст ва фаришта ҳай аст ва инсон ҳай аст ва асп ҳай аст? Ва оё гуфта мешавад: Табиат ҳай аст. Ва нафс ҳай аст. Ва ақл ҳай аст»?[122]

Кутуби Абуҳайён махсусан «Муқобисот» ва «Имтоъ ва муонаса» тамоми масоиле, ки дар синаи уламои Бағдоди он замон будааст, дар бар доранд. Ҳатто «Муқобисот»-ро метавон сурати маҷлиси (протоколи) ҷамъиятҳои фалсафии қарни X номид. Дар ду асари ёдшудаи Абуҳайён мабоҳису масоили бешумори марбут ба Олам аз ҳайси қидам ва робитаи олами поён бо олами боло ва Худо ва маонии сифоти ӯ ва дар ин ки ӯ чизе аст ё мавҷуде, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар онҳо баҳсҳои афъоли Худо, зарурӣ ё ихтиёрӣ будани он, парастиши зарурӣ ё истидлолӣ, масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, олами ухравӣ ва зарурати маоди нафс ва таҷарруди он, сифоти нафс ва суҳулату (осониву) душвории ислоҳ ва хую роҳҳои татҳир (поксозӣ) ва тасфия (соф намудан) оварда шудаанд. Аз мӯҳтавои баҳсҳо ба назар чунин мерасад, ки қудрати Абуҳайён дар тасвири адабӣ ва тавзеҳу таҳлили масоили фалсафӣ аз соири маорифи Абуҳайён қавитар аст. Зеро пеш аз ӯ ибороти фалсафӣ дар қолаби ибороти зебо ва равшану возеҳи адабӣ, камтар мушоҳида мегардид.[123]

Фалсафа дар назари Абуҳайён саноате (фанне) аст, ки бояд соҳибашро ба тавҳид бирасонад ва агар ҷуз ин бошад, тариқаи таҳқиқу фаро гирифтани фалсафа дуруст нест. Аз ин рӯ, дар дурустии матолибе, ки аз юнонӣ тарҷума шуда ва дар бораи инкори Худо ва васанияту бутпарастӣ давр мезанад, тардид дорад ва мӯътақид аст, ки мавзӯи фалсафа ҳама олам аст, ба истиснои умуре, ки марбут ба дин аст ва ҳар касе, ки бихоҳад дар фалсафа ва дин ҳар ду ворид шавад, бояд, ки ҳеҷ кадомро дар дигаре дахолат надода, ҳар якро бо назари ҷудогона бингарад.

Абуҳайён мушкили сифоти илоҳиро ба шакли возеҳу сареҳе дар китоби «Ал-Ҳавомил ва –ш-шавомил»

---

[122]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…Ҷ.3.-С.106-107.
[123]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ…Ҷ.2.-С.108.

бармеангезад ва ин гуфтаи яке аз сӯфиёнро меоварад: «Аҷибтарини чизҳо дурест, ки инкор намешавад ва наздикест, ки дида намешавад. Ва ӯ Худои ягона аст».[124]

Бидуни шак амсоли ин истилоҳот дар зеҳни оммаи мардум ба сурати куфру зиндиқа даромада ва таътил (муҷаррад ва ҷудо намудани зоти Худо аз сифот) ва илҳод (инкори вуҷуди Худо)-ро ба ҳам махлут намудаанд. Вале адами васфи Худо ба вуҷуд ва шайият дар назари Абуҳайён ва Абусулаймони Сиҷистонӣ муназзаҳ намудани зоти Худост аз суратҳои «ташбеҳ» ва «ширк». Ва касоне, ки амсоли ин асморо мубоҳ донистаанд, аз рӯи истиора ва маҷоз рӯи Худо ниҳодаанд. Зеро онҳоро нақл намуда ва Худоро бо онҳо васф кардаанд. Чунон ки гӯяд: «Агар касе бидуни риё ва ороиши исму расм ва аз рӯи ихлосу тақдис, танҳо бо ақли солим ба зоти Худованд ишора намояд, ба андозаи тоқати башарӣ ҳақи тавҳидро адо намуда, инниятро собит ва кайфиятро нафй (инкор) карда ва Худоро аз ҳар фикру андешае болотар дониста аст».[125]

Абуҳайён мегӯяд: Рӯзе дидам, ки касе мепурсад: «Барои чи асҳоби тавҳид (мӯътазила) ҷуз ба нафйи сифот аз Худо хабар намедиҳанд?» Гуфтам: Гуфтаатро равшан кун ва мақсудатро густариш деҳ.Гуфт: Мардум дар зикри сифоти Худои таъоло бар ду дастаанд: Дастае мегӯянд, Худо сифате монанди самъ, илм, басарва ҳаёту қудрат надорад, вале бо вуҷуди нафйии ин сифот ба самеъ ва алим, басиру ҳай ва қадир мавсуф аст. Дастаи дигар мегӯянд: Ин асмоъ барои касест, ки мавсуф ба сифоти илм ва қудрату ҳаёт аст, ба таври итлоқ (мутлақ), сипас ҳарду даста муттафиқанд, ки Худо олиму қодир ва самеъу мутакаллим аст. Вале на монанди олимон ва қодирон ва самеъону мутакаллимони дигар.Сипас он даста, ки қоил ба сифотанд мегӯянд, ки ӯ илм дорад, вале на монанди соири улум ва дар ҳама чиз такя бар инкор доранд.Дар зоҳири амр ҳар ду даста бидуни ин ки чизе бар ин матолиб бияфзоянд, сифоти илоҳиро ҳам исбот намуда ваҳам нафй (инкор) мекунанд.[126]

---

[124] Муродиён. Баррасиҳо.-С.88.
[125] Муродиён. Баррасиҳо.-С.90.
[126]Тавҳидӣ, Абуҳайн. Ал-Ҳавомил ва –ш-шавомил. Ал-Қоҳира, 1951.-С.122.

Агар дар масъалаи боло диққат шавад, чунин мулоҳиза мегардад, ки манзури Абуҳайён он аст, ки нафйи сифот назди гурӯҳи аввал дар охири кор мунҷар ба исбот ва исботи сифот пеши гурӯҳи дуввум ба нафйи сифот мунтаҳӣ мегардад ва дар ин миён мо аз ду гурӯҳ, ки пайравӣ кунем, дар бораи Худо чизе гуфтаем, ки аз он илму иттилое надорем.

Аз ин рӯ, мебинем, ки Абуҳайён бо Худо муноҷот намуда, мегӯяд: «Худоё ҳар чӣ бигӯем, ту аз он болотарӣ ва ҳар чӣ дар дил дорам, ту бартар аз онӣ ва дар таърифи ту сухан аз ӯҳда бар намеояд, ва чӣ гуна бар чизе аз ин умур тавоноӣ дошта бошем, бо ин ки ту аз нахустин ҳангоме, ки моро офаридӣ, молики моӣ ва аз вақте ки моро тағйири шакл додӣ, бар мо қодирӣ. Сухан агар чӣ дар бораи туст, аз туст ва хотир агарчӣ барои туст, аз туст ва аз нодонӣ аст, ки туро ба ғайр аз он чӣ худатро таъриф намудаӣ, таъриф намоям, аз беадабӣ аст, ки туро бишносонам, ба ғайр аз тариқае, ки ҳақиқати худатро шиносондаӣ».[127]

Абуҳайён ин маъниро дар ҷои дигар таъкид намуда, мегӯяд: «Васфи Худо лағву беҳуда ва Худо наздиктар аз он аст, ки бад ӯ ишора шавад ва дуртар аз он аст, ки аз ӯ иттилоъ ба даст ояд. Зеро қурбаш ба наздикӣ ва буъдаш ба дурӣ нест». Он чӣ мо метавонем аз Худо бигӯем ва бадон ишора кунем: «Ишора ба чашмаест, бидуни чигунагиву макон ва бидуни найрангу дурӯғ. Чашмае, ки сарчашмаи ҳама чашмаҳо ва ҳақиқати онҷӣ буда ва ҳаст, мебошад». Дар ин сурат аз Худо ҳамин кофист, ки бигӯем: Ҳар чиз аз ӯ оғоз мегардад ва бо ӯ вобаста аст ва барои ӯ мавҷуд аст ва ба ӯ бозмегардад».[128]

Абуҳайён боз изофа мекунад, ки беҳуда аст, ки мо бихоҳем зоти илоҳиро васф намуда ва ҳақиқати ҷавҳари илоҳиро бишносем. Зеро мо аз шинохтани бисёре аз махлуқот ва васфи баъзе аз мавҷудот худро оҷиз ва нотавон меёбем. Пас чӣ гуна метавонем, Офаридгорро шинохта ва васф намоем? Чунончӣ гӯяд: «Туро талабиданду наёфтанд ва ёфта шудию нашнохтанд ва шинохта шудӣ, вале натавонистанд, туро васф намоянд. Ва васф намуданд, вале он васф барои ту расо набуд. Ва дида шудӣ, вале туро дарнаёфтанд ва чӣ гуна чунин ва

---

[127]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-ишорот ал-илоҳия. Ал-Қоҳира, 1950.-С.218.
[128]Ҳамон ҷо.-С.279-280.

болотар аз ин набошӣ? Бо ин ки мо ба баъзе аз офаридаҳоят, ки гумон мекунем, асрори ҳикмат ва падидаҳои қудратат дар он аст, илму иҳота надорем ва ҳар гоҳ аҷзу нотавонии мо аз ин кор моро пеши худ расво мекунад ва посухи моро медиҳад ва моро дар худамон фурӯ мебарад ва моро аз худамон шарманда месозад ва моро ба худамон бозмегардонад, пас дар бораи он чӣ бо ҳавосу шуури худ эҳсос намекунем ва бо сирату биноии хеш бадон намерасем, чӣ мегӯем? Бо ин ки машоиру ҳавоси мо ба воситаи ту эҳсос мекунад. Ва ба сирату биноии мо ба василаи ту ба ашё мерасад ва ҳамаи мо аз туем, агарчӣ онҳоро ба мо амонат додаӣ ва ҳамаи мо ба воситаи ту зиндаем, агар чӣ бадонҳо гӯл хӯрда ва мағрур шудаем».[129]

Сипас дар васфи зоти илоҳӣ ва идроки ҳақиқати ӯ ба аҷзи комили худ эътироф намуда, ҳамвора қайд мекунад, ки Худоё, худоият дарёест, ки канора надорад ва кӯҳест, ки ситеғу қулла надорад ва уфуқу каронаест, ки поён надорад. Ва ҳиммати мо аз васфи он оҷиз аст, магар вақте, ки ба мо илҳом намоӣ ва нотавонии мо ошкортар аз он аст, ки ҷуз ба таваҷҷӯҳи кӯтоҳ ва монанди он тамаъ варзем…».[130]

Ҳоло агар ба шахсияти Абуҳайён назар кунем, мебинем, ки ӯ дар асри шӯришҳо ва ҷангҳои мутаволии байни давлатҳои кӯчаки исломӣ, фитнаҳои мазҳабии шиа, суннӣ, ҳанбалӣ ва ғайра зист ва бисёре аз ин ҳаводисро мушоҳида кард ва аз оташи онҳо вуҷудаш месӯхт. Зеро бекорон ва оворагардон чандин бор дар Бағдод шӯриданд ва ба сӯхтану вайрон кардану тороҷ намудан пардохтанд. Чунон, ки дар шӯриши соли 974 манзили Абуҳайёнро ғорат намуданд ва канизаш аз тарс ҷон супурд.[131]

Ва бекор кардани баъзе аз хулафо ва кӯр намудани чашми ишон ва фитнаҳои байни вазирону фармондеҳон ва таъқиби якдигар ба ҳабс ва буридани дастро дарёфт ва дид, ки зимоми умури давлат монанди ғаниматест, ки бувайҳиён, туркҳо, тамаъкорон ва зӯрмандон онро тороҷ мекунанд ва майдони сиёсат ба қадре густариш ёфта, ки хидматгорони коххо низ дар он фаъолият менамоянд ва таҷрибаҳояш бо ӯ нишон дод,

[129]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-ишорот ал-илоҳия.-С.76.
[130]Ҳамон ҷо.-С.196.
[131]Тавҳидӣ, Абуҳайён. Ал-Имтоъ. Ҷ.3.-С.151.

ки равобити умумӣ ва иртиботҳои хусусӣ омӯхта аст ба вақтшиносӣ ва нифоқу дурӯйӣ ва изофа бар он дар иҷтимое, ки бо ҳукумати мутлақи арбобу раияте идора мешуд, Абуҳайён сахт фақир ва бечора буд. Аз ин рӯ шахсияти ӯ инъикосе аз истеъдоди вай ва муҳите буд, ки дар он зиндагӣ карда ва аз он мутаассир шуда буд.

Абуҳайён алоқаманд ба маърифат ва дилдодаи фарҳангу адаб буд ва аз сарчашмаҳои мухталифи улум сероб мешуд. Ва дар ин кор ҳам аз тамоили шахсӣ ва ғаризӣ истифода менамуд ва ҳам аз таъсир пазируфтан аз асру муҳити хеш. Зеро баъзе аз уламо ва удабо ризқу рӯзии фарох ва мақоми баланде доштанд, вале ӯ ба маърифатандӯзӣ машғул буд, мехонд ва ҳар чӣ мехонд ва ҳифз менамуд ва дар маҷолиси уламо ба ихтилофи оро гӯш медод ва аз ҷидолу мунoқиша барои худ баҳра мебардошт.

Абуҳайён эҳсос мекард, ки бар муосирони худ афзалият ва бартарӣ дорад. Ва ин эҳсос бар ӯ ғалаба дошт ва гоҳе наметавонист онро дар худ пинҳон нигаҳ дорад. Ин эҳсоси бартарӣ дар пурсише, ки аз тариқи савол ба Ибни Мискавейҳ карда ва посухе, ки охирӣ ба ӯ дода, баръало маълум мегардад.

Ибни Мискавейҳ дар посух ба Абуҳайён чунин гуфта: «Дар ин масъала такаббуре ба ту даст дода ва худро гум кардаӣ, монанди уштури масте ба ин дару он дар мезанӣ ва каҷ меравӣ.

Эй Абуҳайён, бо мо бисоз – Худо бо ту бисозад – ва банди гулуи моро каме суст ва бигузор оби даҳони мо поён равад, моро ба нуқси бузургу шакку тараддуде, ки дар мо ҳаст, вогузор ва моро ба ҷаҳлу нодонии худамон, мағлуб масоз.[132]

Далели дигар бар фахру мубоҳоти Абуҳайён дар он зоҳир мешавад, ки рӯзе Соҳиб ибни Ибод, ки худро пешвои уламо ва удабо медонист, бо ҷамоате дар саҳни манзил истода буданд. Соҳиб рӯй ба Абуҳайён намуда, гуфт: Оё пеш аз ту касе ин кунияро доштааст? Абуҳайён гуфт: Оре: Абуҳайёни Доримӣ. Пас аз шарҳу тафсили зиёд яке аз ашъори Абуҳайёни Доримиро бо обут об барои ҳозирон хонда ва Ёқути Ҳамавӣ аз забони Абуҳайён мегӯяд: «Чун шеърро хондам ва асноди

[132]Тавҳидӣ. Абуҳайён. Ал-Ҳавомил…-С.24.

онро ривоят кардам, дар ҳоле, ки даҳонам тару забонам кушода ва рӯям боз буд ва бо ривояту қофия хонаро пур аз сару садо карда будам, чун хондани шеър ба поён расид, аз чашмаш (яъне чашми Соҳиб ибни Ибод) дарёфтам, ки хушаш наёмада ва нияти бади ӯро донистам ва сухан бо тағйири рангу рӯй ва беэътиноии Соҳиб ибни Ибод ба поён расид.[133]

Абуҳайён оинаи ростинамо ва содиқи асру замони худ буд. Хашму ғазабаш ба ҷомеае, ки дар он мезист, то ба дараҷае буд, ки барои меваҳои ақлу дилаш ва таровишҳои забону қаламаш оташро баргузид ва китобҳояшро сӯзонд ва боқӣ мондани онҳоро мояи бадномии ояндааш пешбинӣ кард. Вале Абуҳайён ба хайру карам, некӣ ва ишқу муҳаббат нисбат ба илму дониш, шарофати инсонӣ боварӣ дошт, шӯру шавқи дониш, сиришту фитрати ӯро саропо софу шаффоф намуда буд. Ӯ ҳамчун яке аз намояндагони наҳзати шуубӣ, паҳлавоне ба шумор мерафт, ки бо Аҳримани ҷаҳлу нодонӣ меҷангид ва на фақат дар илму фалсафаву ирфон, балки дар масоили иҷтимоию фарҳангӣ низ дар ҷомеа соҳиби мақоми хоссе гардида буд.

[133]Ҳамавӣ Ёқути. Мӯҷам-ул-удабо, ҷ.15.-С.29.

# АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ ВА ШУУБИЁН




**Абулқосими Фирдавсӣ– бузургтарин шоири достонсарои Эрон.**
**(940–1020 мелодӣ)**

Ба хотири таносуб дар ҳаҷми мавзӯъҳо доир ба ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ (940-1020) танҳо ба масъалаҳое ишора хоҳем кард, ки ба мавзӯи шуубия дахл дорад. Баъди ҳазор соли таҳқиқ доир ба «Шоҳнома», муҳаққиқони муосир бар ин назаранд, ки эҷодиёти Фирдавсӣ ва ҳамаи паҳлӯҳои асари ӯ «Шоҳнома» то ба ҳол ба таври дақиқ омӯхта нашудааст.[134]

Он чи ба наҳзати шуубия марбут аст, метавон гуфт, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ он аз як ҷунбиши эътирозӣ ва муқовиматии сиёсӣ ва динӣ ба як фалсафаи воқеъбинонаи гуманистӣ мубаддал гардидидааст. **Фирдавсӣ нажодпараст ва мазҳабпараст набуд. Ӯ шоир ва мутафаккири миллатдӯст, ватанпараст, инсондӯст ва ҳаводори сарсупурдаи адлу дод дар аҳди аввали ислом буд.** Дар давоми баҳс ин истилоҳот ва дигар мафҳумҳои калидӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

---

[134] Ба осори зерин мурочиат шавад: Карамӣ Муҳаммад. Ҳамосаи ҳамосаҳо: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар гузоре накдгуна пиромуни дебочаҳои он. Ҷ.1 ва 2. Теҳрон,1370; Риёҳӣ Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Душанбе, 2010; Нудушан Муҳаммадалии Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Чопи ҳафтум. Теҳрон, 1376. Муртазо Соқибфар, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва фалсафаи таърихи Эрон. Теҳрон, 1377; Толибӣ Флора. Хирад ва дод дар ойини паҳлавонии эрониён дар достонҳои асотирии «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯс. Машҳад, 1386; Қадамалӣ Сарромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои «Шоҳнома». Теҳрон, 1368.

Дар сарчашмаҳои исломӣ ҳамеша фаъолияти шоирии Фирдавсиро каму беш ба шуубия алоқаманд медонистанд. Дар асри XIX шарқшиносони урупоӣ, махсусан Теодор Нёлдеке[135] ва Ҳенри Массэ[136] бар ин маъно таъкид намудаанд. Дар сарчашмаҳои муосири форсизабон Забеҳулло Сафо бо навиштани китоби «Ҳамосасароӣ дар Эрон»[137] ва мақолаи алоҳида бо номи «Фирдавсӣ ва шуубия» ба ин масъала машруияти илмӣ бахшид ва минбаъд доир ба шуубия осори таҳқиқӣ ба забонҳои арабӣ[138] ва форсӣ[139] таълиф шуданд.

**Муҳаққиқони муосири форсизабон дар посдории шоир аз забони миллии худ ба андозае ба роҳи муболиға ва шояд ҳам ифрот рафтаанд, ки гӯё Фирдавсӣ дар навиштани «Шоҳнома»-аш қасдан аз калимаҳои арабӣ парҳез намуда, ба ҷои онҳо муродифҳои форсии қадим ва замони худашро истифода кардааст. Баъзе муҳаққиқон ҳатто кӯшиш кардаанд, ки калимоти форсӣ ва арабии «Шоҳнома»-ро аз тариқи оморӣ мавриди муқоиса қарор диҳанд.** Масалан, шарқшиносони урупоӣ Пол Ҳорн ва Ҳенри Массэ адади калимаҳои арабӣ дар «Шоҳнома»-ро иборат аз 430 калима донист, Пол Ҳамберт ин ададро ба 984 расонидааст. Забоншиноси эронӣ доктор Парвиз Нотили Хонларӣ дар мақолаи худ бо номи «Луғатҳои арабӣ дар Шоҳнома» ин шумораро зиёда аз 800 калима медонад. Бо ин таъкид, ки калимаҳои решагӣ (на муштақоти онҳо) дар «Шоҳнома» аз 400 калима зиёдтар нестанд. Ҳамаи ин муҳаққиқон масъалаи истеъмоли ин калимаҳои бегонаро дар достони миллии форсӣ ба ҳаракати шуубия алоқаманд надонистаанд.[140] Тахмини мо ин аст, ки шоир дар истифодаи калимоти забони форсӣ чунин қасде надоштааст. Ба ҳукми машғулияти тӯлонӣ бо сарчашмаҳои таърихи фарҳанги Эрони бостон ва 40 соли эҷоди «Шоҳнома» калимоти форсӣ дар

---

[135] Нёлдеке Теодор.Ҳамосаи миллии Эрон. Теҳрон, 1327.
[136] Массэ Ҳенри. Фирдавсӣ ва ҳамосаи миллӣ. Табрез, 1350.
[137] Сафо Забеҳулло. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон, 1333.
[138] Сомароӣ Абдуллоҳ Саллум. Аш-Шуубияту ҳаракатун музодатун лил-исломӣ ва-л-уммат-ул-арабия. Дор-ул-ҳуррия. Бағдод, 1981 (ба забони арабӣ).
[139]ҲумоӣҶалолиддин. Шуубия. Исфаҳон, 1363.
[140] Парвиз Нотили Хонларӣ. Ҳафтод сухан. Ҷилди 2. Фарҳанг ва иҷтимоъ. Интишороти Тус, Теҳрон, чопи дуюм, 1377=1998.-С 375-382.

андешаи шоир ба таври нохудогоҳ сайқал ёфтанд ва барои баёни мавзӯъҳои миллӣ (достонҳои паҳлавонии даврони қадим) муносибтар ташхис дода шуданд. **Истифодаи кам андар ками калимаҳои арабӣ натиҷаи адовати нажодӣ нисбат ба мардуми араб набуда, балки жанри достонсароӣ – ҳамосӣ, ки ба забони форсӣ бояд анҷом мегирифт, ба таври табиӣ тақозо мекард, ки «Шоҳнома» ба ин забон суруда шавад.**

Аз ҷониби дигар, мо ба таври дақиқ гуфта наметавонем, ки Фирдавсӣ то чӣ андоза ба забони арабӣ ошноӣ дошт. Чаро ки ба ҷуз «Шоҳнома» аз ӯ асари дигаре боқӣ намондааст. Вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон ба ин натиҷа расидаанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро медонист ва онро дар назди падар фаро гирифта буд.[141] Дар ин бора чунин омадааст: «Падари Фирдавсӣ, Мавлоно Аҳмади Фахриддин, писарашро бо дониш парвариш дод ва забони паҳлавӣ ба ӯ омӯхт, ки дар ин даврон дар сарзаминҳои ховарӣ камтар касе ба он ошноӣ дошт. Аз зиндагии шахсии ин бузургмарди шеъру адаби порсӣ огоҳии равшане дар даст нест ва танҳо бо нигаристан ва диққат дар порае аз навиштаҳо ва ишороти ҳамрӯзгоронаш ва он чи худ дар миёни достонҳои Шоҳнома аз чигунагии гузарони зиндагониаш баён мекунад, метавон чеҳрае начандон дақиқ аз вай ба нақш овард».[142]

Мо низ бо таваҷҷӯҳ ба «Шоҳнома» далелҳое дар даст дорем ва онҳо ҳокӣ аз он мебошанд, ки Фирдавсӣ забони паҳлавиро ба хубӣ медонистааст. Масалан, дар поёни достони Аквони дев Фирдавсӣ мегӯяд, ки «Аквон дар забони паҳлавӣ» «Гавон» будааст:

**Гавон хону Аквони деваш махон,**
**Абар паҳлавонӣ бигардон забон.**[143]

Албатта касе ки дар забону фарҳанг ва таърихи миллии худ то ин андоза ворид гашта бошад, ба забонҳои дигари ғайри миллӣ камтар ниёз дорад.

---

[141] Толибӣ, Флора. Достонҳои асотирии «Шоҳнома». Теҳрон, 1386.-С.29
[142]Ҳамон ҷо.-С.29
[143]Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ (Бежан). Фарҳанги «Шоҳнома». Теҳрон, 1377.-С.69-70.

Ба ин маънӣ, агар мо Фирдавсиро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ карданӣ бошем, ба ҳеҷ унвон фаъолият ва эҷодиёти шоирро як амри худогоҳона ба муқобили арабҳо ва тамаддуни сомӣ равонашуда намеҳисобем. Мақоми Фирдавсиро болотар аз чунин ҳаракату наҳзатҳо дар ҷодаи муқобилгузории фарҳангу тамаддунҳо донista, фаъолияти пурсамари ӯ дар навиштани «Шоҳнома» ва зинда намудани тамаддуни волою пурғановати пешини ниёгони мо ба воситаи тасвири корномаҳои паҳлавонию набардҳои қаҳрамонӣ, ки мақоми онҳо ба дараҷаи қудсӣ бардошта шудааст, натиҷаи табъи фитрӣ ва дониши андӯхтаи мутафаккир дар соҳаи маданияти маънавӣ медонем.

Аз ин гузашта, шоир дар достони Манижа ва Бежан қиссаи ба таълифи «Шоҳнома» оғоз карданашро ҳикоят намуда, аз ҷумла гуфтааст, ки ҳамсараш Фарангис як достони қадимаро ба забони паҳлавӣ оварда бароям хонд ва хоҳиш намуд, ки онро ба забони форсӣ ба назм дарорам. Ва худи Фарангис зардуштӣ ва забони хонаводагиаш паҳлавӣ буд. Дар замони Фирдавсӣ таносуби мусулмонон ва зардушиён қариб баробар буд. Яъне дар аксар шаҳру деҳаҳои Эрони асри Х ниме аз мардум зардуштӣ буданду ниме мусулмон.

Ин таносуб дар қисматҳои шимоли Эрон, махсусан шаҳрҳое, ки дар наздикии Баҳри Хазар буданд, ҳатто дар асрҳои XII-XIII мелодӣ аз қисматҳои марказӣ фарқ мекард. Масалан, дар шаҳри Сӯҳраворд – ватани орифи машҳур Шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардии мақтул (асри XII) ҳаштод дар сад паҳлавизабон ва зардуштӣ буданду бист дар сад мусулмон ва форсизабон.[144] **Ҳамин робитаи самимӣ ва танготанги Фирдавсӣ ва Сӯҳравардӣ ба забони паҳлавӣ ва таърихи Эрони бостон буд, ки ин ду нафарро муаллифи китоби «Ҳикмати хусравонӣ» зиндакунанда ва эҳёгари воқеии шеър, ҳикмат, ирфон ва фарҳанги пеш аз исломии Эрон мешуморад.**[145] Пас, метавон фикр кард, ки салосати забони форсии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» натиҷаи огоҳии амиқи ӯ аз забону фарҳанг ва таърихи бостонии қавми хеш будааст. Мо дар саҳифаҳои пеш дидем, ки қариб ҳамаи шоирони шуубӣ забони арабиро хуб

[144] РазӣҲошим. Ҳикмати хусравонӣ.Теҳрон, 1379.-С.442.
[145]Ҳамон ҷо.-С.20.

медонистанд, шеъри арабӣ менавиштанд, аммо забони паҳлавӣ ва форсиро ба мисли Фирдавсӣ хуб намедонистанд.

Худи шоир ин имтиёзро эҳсос мекард ва гоҳ – гоҳе дар ашъори худ ба он ишора мекард. Барои намуна:

**Пай афкандам аз назм кохе баланд,**
**Ки аз боду борон наёбад газанд.**

Муҳаққиқони муосири мо нишонаҳои асосии ин ё он миллатро аз ягонагӣ, ваҳдати забон ва таърих медонанд. Мардуми форс-тоҷик ин ду нишонаи асосиро доранд ва миллати комилёр ба шумор меоянд. Забони мо аз забони авестоӣ сар шуда, баъди марҳалаи паҳлавӣ ба забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ омада расидааст. Бисёре аз калимоти авестоӣ ва паҳлавиро дар забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ ба осонӣ метавон шинохт. Ин аст ваҳдату муштаракоти таркиби луғавии забони имрӯзаи мо, ки дорои таърихи панҷҳазорсола мебошад. Забоне, ки бо он Ҷамшед, Зардушт, Монӣ, Маздак, Рӯдакӣ марҳала ба марҳала гуфтугӯ карда, то ба имрӯз ба мо ба мерос расидааст. Таърихи муштараки мо низ бо Ҷамшед оғоз гардида, ҳоло ҳам ин ҳамбастагӣ давом дорад. Забон ва таърихи муштараки мо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар шакли санаднома ва ҳуҷҷати таърихӣ даромадааст.

**«Шоҳнома» акнун шиносномаи мустанади ҳамаи қавму миллатҳое гардидааст, ки оғози забонӣ ва таърихии худро аз Ҷамшеду Авесто шурӯъ кардаанд. Муаллифи «Шоҳнома» ҳаракати динӣ ва нажодии шуубияро дар фаъолияти худ то ба фалсафаи гуманистӣ ва умумиинсонӣ боло бардошт. Таассуботи миллатгароӣ ва мазҳабӣ бо меъёри адолат ва хирад мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Фирдавсӣ садҳои касногузари нажодӣ ва диниро шикаста, ба ҳамаи қавму миллатҳо паёми ҷаҳонандешӣ, башардӯстӣ ва озодандешӣ дод.** Дар муқаддимаи достони Акvони дев мегӯяд:

**Хирадманд к-ин достон бишнавад,**
**Ба дониш гирояд, ба дин награвад.**

«Шоҳнома» як китоби инсонӣ ва башарӣ мебошад. Агар ба чанд хулосаи мухтасар аз саргузашти қаҳрамонони «Шоҳнома» таваҷҷӯҳ кунем, ба осонӣ хоҳем дид, ки майдони мубориза ду ҷабҳа дорад: Ҷабҳаи некӣ ва ҷабҳаи бадӣ. **Вале ин бадиҳо ва некиҳо дар «Шоҳнома» ба таври мутлақ нестанд. Онҳо нисбӣ ва тағйирёбанда ваислоҳшавандаанд. Аммо дар Авесто мубориза некӣ ва бадӣ дар олами моддӣ мутлақ аст, тағйирёбанда нест.** Зеро ки фармони азалии Аҳуромаздо «нахустин пайкор миёни хайру шар ва муборизаи қувваҳои аҳриманӣ бо аввалин кадхудои ҷаҳони ориёӣ Каюмарс шурӯъ ва дар даврони Фаридуну Кайхусрав идома пайдо кард ва аз даврони устура ба давраи таърих расида, дар таълимоти меҳрпарастию зардуштия дар шакли иртиқоёфтааш инъикос ёфта буд».[146]

Дар «Шоҳнома» Эрону Турон аз як тухмаанд. Эрон сарзамини Эраҷ асту Турон сарзамини Тур. ЭраҷуТуру Салм – ҳар се бародаранд, фарзандони Фаридунанд. Аз як нажоданд – нажоди ориёӣ. Мубориза дар байни ҳамин як хонаводаи ориёӣ дар ҷараён аст. Ин турку Туркистон ҳодисаҳои баъдинаанд, ки ба муҳтавои устуравии «Шоҳнома» алоқамандие нахоҳанд дошт. Яъне ҷанг дар «Шоҳнома» байни се бародари ориёӣ, фарзандони Фаридун давом мекунад: Салм, Тур ва Эраҷ… Ҷангест, ки таърихи панҷсадсола дорад. Ҷаҳонбинии Шоҳнома ҳимоят ва дифо аз хубӣ дар баробари бадӣ мебошад. Вале, бо вуҷуди ин дар «Шоҳнома» таассуб нест. Хубу бад ҳам дар туронӣ ва ҳам эронӣ вуҷуд дорад. Мардони хубу неки Турон инҳоянд: Пирон, Виса, Пиласм, Ағрирас – (бародари Афросиёб), Сурха – (писари Афросиёб); Мардони бади Турон танҳо ин ду нафаранд: Гарсиваз ва Гаравизиреҳ… Ҳумон Виса кинаварз аст, аммо инсони бад нест… **Турониён аслан ва зотан бад нестанд. Зеро ки аз тухмаи Фаридунанд ва эҳсоси инсонӣ доранд. Масалан, аз марги Сиёвуш мардуми Турон мутаассир мешаванд ва ба хашм меоянд… Эрониён низ моҳи беайб нестанд:** Масалан, Ковус ё Ковусшоҳ ё Кайковус айбҳои зиёде дорад. Туси паҳлавон низ беайб нест. Дар ин мубориза имтиёз ба Эрон додан ба ин хотир буда, ки ҳамеша аз худ дифоъ

[146] Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.1. Фалсафаи аҳди бостон. Душанбе, 2011.-С.211.

мекард ва ба дигар миллатҳо ҳуҷум намекард. Ба сабаби ободӣ ва озодагиаш мавриди хашму газабу ҳасади қавму қабилаҳои дигар қарор мегирифт.

Гузашта аз ин, паҳлавонони «Шоҳнома»-ро ба се даста тақсим намудан мумкин аст: (1) паҳлавонони накӯкор ба мисли Фаридун, Сиёвуш, Кайхусрав; Баъзе аз ин паҳлавонони нек камбуду нуқсонҳо низ доранд: (2) Паҳлавонони бадкор ба мисли Заҳҳок, Салм, Тур, Гарсеваз, Гаравизиреҳ ва дар ҳадде камтар Афросиёб. Аз байни занон Судоба – ҳамсари Кайковус, ки ин зан аз кавми тозӣ аст; (3) Паҳлавонони омехта аз хубӣ ва бадӣ ё худ ба истилоҳи имрӯза ноустувор ва калаванда – Кайковус дар Эрон ва Пирон дар Турон.[147]

**Чизи ҷолиб аз нигоҳи имрӯз дар дуализми ахлоқии хубиву бадии Фирдавсӣ ин аст, ки ҳудуди гузар (аз хубӣ ба бадӣ ва аз бадӣ ба хубӣ) бисёр барҷаста ва равшан тасвир ёфтааст. Ва аз ин роҳ муаллифи «Шоҳнома» ҷанбаи дуализми динии зардуштӣ ва Авестоиро оқилона ва моҳирона ислоҳ намуда аст.**

Назари «Шоҳнома» ба занон, хайрхоҳона ва қадршиносона аст. Ба ҷуз Судоба – ҳамсари Кайковус, дар тамоми китоб ягон зани бероҳа ва баде вуҷуд надорад. Аксари занон намунаи боризи зани тамомиёранд…Ва саршор аз зебоиҳои зоҳирӣ ва ботинӣ мебошанд. Ҳамсарони писарони Фаридун яманӣ ҳастанд. Синдухт ва Рудоба аз Кобуланд. Фарангис, Манижа, Ҷарира, Таҳмина ва модари Сиёвуш туронӣ ҳастанд. Катоюн – зани Гаршосб, румӣ аст. Судоба – зани Кайковус, духтари шоҳи Ҳамоварон аст.

Бо як назари гузаро метавон мушоҳида кард, ки фикри космополитии (ҷаҳонватании) ориёӣ ҳамаи қавму миллатҳои ҷаҳонро дар атрофи меҳвари фалсафаи хайр ба мадори худ ҷазб намудааст. Инҳо устураанд. Орзуҳои холис ва ноби як қавм дар бораи худ ва дигарон. Баъзе аз ин қаҳрамонон 500 ва баъзеҳо 1000 сол умр дида, ҳамаи ширинию талхии рӯзгорро чашидаанд. Оқибат дар «Шоҳнома» ба натиҷае расидаанд, ки инсон бояд аз рӯи ақли солим ҳудуди зиндагии шахсӣ ва масъулиятҳои иҷтимоии хешро содиқона бишносад. Вагарна

---

[147] Нудушан. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома». Теҳрон, 1376.-С.114-120.

ба мисли Кайковусу Гуштосбу Афросиёб ба ифрот хоҳад рафт.

**Аз ин рӯ, мо метавонем Фирдавсиро на намояндаи бевоситаи наҳзати шуубия, балки болотар аз он – эҳёкунандаи фарҳанги асили ориёӣ арзёбӣ намоем. Зеро ӯ муқобилгузории нажодӣ, динӣ, фарҳангӣ ва миллиро дар «Шоҳнома» анҷом надодааст.** Мутафаккир кӯшиш намудааст, ки таърихи иҷтимоию фарҳангии ниёгони моро зинда кунад ва ба ин восита пуле байни гузаштаи дуру муосири мо барқарор созад, ки он ҳамбастагию ҳамоҳангии ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва масири ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёиро ба ҷаҳониён нишон диҳад. Бинобар он, намояндагони гуногуни наҳзати шуубия ва аксаран муҳаққиқон ба яке аз ҷиҳатҳои «Шоҳнома» аҳамият дода, муаллифи онро намояндаи наҳзати шуубия арзёбӣ намудаанд.

Яке бар асоси ҷиҳатҳои забонии «Шоҳнома» Фирдавсиро намояндаи наҳзати шуубия номидааст, дигаре ба ҷанбаҳои фарҳангии масъала таваҷҷӯҳ намуда, ӯро ба наҳзати шуубия ҳамроҳ намудааст ва сеюми бар асоси бахши ҳикмат ва афкори ҷаҳоншиносии Фирдавсӣ, ӯро намояндаи наҳзати шуубия хондааст. **Ба назари мо, ӯ, пеш аз ҳама, эҳёкунандаи тамаддуни ориёӣ, аз назари афкору оро ҳакими хирадгарою гуманист ва аз ҷиҳати ахлоқ мунодии хайру фазилатҳои неки инсонӣ мебошад.** Вале муҳаққиқоне, ки ӯро ҳамчун намояндаи наҳзати шуубия ба қалам додаанд, масъалаи дигар аст ва боиси тааммулу таҳқиқи бештар мебошад. Зеро мутафаккиреро бо ин вусъати андеша чи тавр метавон ба гурӯҳи шуубияи динӣ ва нажодӣ мансуб донист? То ба имрӯз касе аз муҳаққиқони гузашта ва ҳозираи Шарқу Ғарб мазҳаби динӣ ва равияи фалсафаи Фирдавсиро аз роҳи далелу бурҳони мушаххас, муайян накардааст.

Доир ба мазҳаби динии Фирдавсӣ профессор Маҳмуди Шеронӣ Фирдавсиро зайдӣ гуфтааст, Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ ӯро шиаи исноашарӣ медонад, муҳаққиқ Зарёб исмоилӣ будани Фирдавсиро қайд кардааст, Муҳаммадалии Исломии Нудушан ӯро мӯътазилӣ мепиндорад, Муҳаммадамини Риёҳӣ ҳакими Тӯсро яктопараст ва мусулмоне покэътиқоду дӯстдори хонадони поки Расули

акрам (с)[148] ба қалам додааст. Аксари муҳаққиқони имрӯзаи Эрон Фирдавсиро шиамазҳаб донистаанд. Фақеҳе аз Тобарони шаҳри Тус мегӯяд: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусулмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд».[149] Шайх Абулқосими Курраконӣ:

**Чунин гуфт ӯ, ки :-Фирдавсӣ басе гуфт,**
**Ҳама дар мадҳи габре, нокасе гуфт.**
**Ба мадҳи габракон умре ба сар бурд,**
**Чу вақти мурдан омад, бехабар мурд.**[150]

Дар китоби муҳаққиқи муосири Эрон бо номи «Шаклшиносии «Шоҳнома», ки мӯҳтавои онро аз 628 мавзӯъ иборат медонад, ягон мавзӯъ доир ба дин бахшида нашудааст. Ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома» ба шахс ин эҳсос даст медиҳад, ки гӯё қаҳрамонони «Шоҳнома» ба дин аслан таваҷҷӯҳе надоштаанд. Агар ҷо-ҷое аз дини беҳӣ (зардуштӣ) ёде шуда, он ҳам мавзӯи асосӣ набуда, баҳонае ва ё василае қарор гирифтааст. Масалан, Шоҳ Гуштосб писараш Исфандиёрро барои тарғиби дини зардуштӣ ба берун аз пойтахти худ мефиристад… Баъдтар маълум мешавад, ки ин як ҳила ва найранги навбатии шоҳ аст, барои он ки писараш ӯро аз мансаби шоҳӣ маҳрум накунад… Ин ҷо масъалаи тарғиби дини зардуштӣ дар кишварҳои дигар як баҳонаи навбатӣ будааст… Муғону муъбадон ҳам барои ба мансабе расидан тарғиби дини худро баҳона қарор медоданд. **Зардушт дар «Готҳо»-и Авесто мегӯяд, ки шарти қабул намудани дини ман он аст, ки инсон бояд онро аз рӯи хирад қабул кунад ва аз рӯи виҷдони худ аз он қонеъ бошад.** Яъне дини зардуштӣ аз рӯи сарчашмаҳои ростинаш ба ақлу андешаи инсонӣ такя мекарда, на ба гурӯҳҳои муназзам ва мусаллаҳе, ки онро бар гардани мардум таҳмил мекунанд.

Касе ки ба шахсияти маънавии Фирдавсӣ сару кор дорад, пеш аз ҳама бояд аз худ бипурсад, ки чаро ин шоири ҳаким 40 соли зиндагии хешро ба назм даровардани таърихи китобӣ ва

---

[148] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.207-217.
[149] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. Душанбе, 2010.-С.146.
[150]Ҳамон ҷо.-С.147.

шифоҳии Эрони қадим бахшид, барои як мусулмони зайдӣ, рофизӣ, шиӣ, мӯътазилӣ, исмоилӣ, исноашарӣ навиштани чунин мавзӯи «ғайриисломие» чӣ зарурат дошт, оё мавзӯи Ҷамшеду Заҳҳок, Рустаму Сӯҳроб ва садҳо аз ин қабил мавзӯъҳо дар саволномаи Мункару Накир ҷой доранд?

**Пас, ангезаи эҷоди «Шоҳнома» чист? Мо имрӯз бар ин назарем, ки хонаводаи Фирдавсӣ бо эҳтимоли қавӣ зардуштӣ буданд, падараш, ки зардуштӣ буд ва забони паҳлавӣ медонист, забони паҳлавиро ба Фирдавсӣ ёд дод, ҳамсараш Фарангис низ зардуштӣ буд. Дар достони Манижа ва Бежани «Шоҳнома» зикр шудааст, ки дар яке аз шабҳои тобистон Фарангис шавҳарашро мебинад, ки бо табъе хира нишастааст. Барои рафъи ин хастагӣ ба Фирдавсӣ машғулиятеро пешниҳод мекунад. Пешниҳод қабул мешавад. Ва Фарангис як баста коғазҳоеро меорад, ки дар онҳо таърихи Эрони қадим ба забони паҳлавӣ навишта шуда буданд.**

**Ва аз шоир хоҳиш мекунад, ки ин достонҳои паҳлавиро ба забони форсӣ ба назм дарорад... Ва назми «Шоҳнома» оғоз мегардад...**

Сарчашмаҳо навиштаанд, ки ҷасади Фирдавсиро дар гӯристони умумии мусулмонон роҳ надоданд. Гуфтанд, ки рофизӣ аст. Дигар сарчашмаҳо гуфтаанд, ки габр асту оташпараст ва таърихи габракон менавишт.

Иллати асосии ин ҳодиса маҳз «габру оташпараст» яъне зардуштӣ будани ӯ буд, на рофизӣ буданаш. Шоир дар «Шоҳнома» доир ба ислом, мазҳабҳо ва аҳкоми он аслан чизе нагуфтааст. Аз мазҳабҳои дигаре ҳашт бор аз зардуштиён як бор аз маздиясно ва нӯҳ бор аз беҳдинон ба сифати ишора ном бурдаасту бас.

Барои он ки ин тахминҳо ва фарзияҳои ироашуда дуруст фаҳмида шаванд, зикри чанд нукта доир ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» зарур аст:

А) Бештари муҳаққиқони муосири «Шоҳнома» бар ин назаранд, ки дар ин китоб таҳрифҳои зиёде роҳ ёфтааст:

Б) Худи шоир мегӯяд, ки «Шоҳнома»-и ман дорои 60.000 (шаст ҳазор) байт мебошад:

**Бад-ӯ мондам ин номаро ёдгор,**
**Ба шаш бевар абёташ омад шумор.**

Як бевар 10.000-ро ташкил медиҳад. Ва шаш бевар 60.000 байт аст.

В) Вале дастхатҳои форсие, ки муҳаққиқони имрӯза дар даст доранд, иборатанд аз: 50.000 байт; 62, 65, 70, 75 ҳазор байт! Чаро шаст ҳазор байт не?! Кадом байтҳо ихтисор шудаанд? (Дар нусхаҳои 50.000). Кадом байтҳо илова карда шудаанд? (Дар дастхатҳое, ки дорои 62, 65, 70, 75 ҳазор байт доранд!).

Бо эътирофи худи шоир нусхаи аслии «Шоҳнома» 60.000 байт доштааст… Пас, ин каму беши байтҳоро чи тавр ислоҳ намоем? Аз рӯи кадом меъёр?

Г) Муҳаққиқони муосир (Муҳаммад Карамӣ, Муртазо Соқибфар ва бисёре дигар) чунин мешуморанд, ки Фирдавсӣ аслан Султон Маҳмудро надидааст ва чизе (на мадҳ ва на ҳаҷв) дар бораи ӯ нанавиштааст. Вақте ки Султон Маҳмуд ба сари ҳукм омад аз оғози навиштани «Шоҳнома» аллакай 20 сол гузашта буд! Ин ҳама таҳрирҳои якуми «Шоҳнома» (соли 994) ва таҳрири дуюми «Шоҳнома» (1010) ҳама сохта ва бофтаи шоирони дарбори Султон Маҳмуд будаанд! Барои мондагор кардани султони ғазнавӣ дар таърих! Худи Султон Маҳмуд мондагор нашуд, вале таҳрифҳои «Шоҳнома» то имрӯз боқӣ мондаанд!

Д) Мо дар ин фарзияҳои худ ба таври қатъӣ пофишорӣ надорем. Ҳар пешниҳоди созанда ва аз назари таҳқиқӣ мӯътамадро бо дилу дидаи боз мепазирем.

**Дар ин баҳси мухтасар мо ба ин натиҷа расидем, ки Фирдавсӣ дар маънои маъмулӣ ва истилоҳии калима шуубӣ набуд. Ҳарчанд ки дар ибтидо бо эҳсосоти шуубигарӣ ба таълифи «Шоҳнома» оғоз намуда буд. Ӯ мутаффакири ориёие буд, ки ҳамаи фазилатҳову разилатҳои эрониву арабу турониро бо тарозӯи ақлу хиради солими башарӣ, на бо қолабҳои хурофотӣ ва фарсудаю ифротии динӣ ва нажодии шуубиён бисанҷад.**

**Аз он гузашта, агар ба таври кулли доир ба шахсият ва ақидаҳои ӯ қазоват кунем, Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ аз назари фалсафӣ дуалисти Ҷамшедӣ буд. Сарчашмаи ҳамаи хайри шарри олами инсониро дар Замин ва Инсон медид.**

**Инсон қодир аст, ки бо қудрати ақлу хиради худ ҳамаи мушкилоти хешро ҳаллу фасл намояд. Ин шакли дуализмро дуализми Инсон ва Ҷаҳон меноманд. Фирдавсӣ аз нигоҳи динӣ пайрави ягон мазҳаб набуд, балки як мутафаккири озодандеш ва гуманист буд.**

Шоир аз назари ихтисосӣ ба таърихи достонӣ ва паҳлавонии қадимаи миллати хеш сахт ошиқ ва дилбаста буд. Яъне файласуфи таърих буд, на таърихнигори маъмулӣ ва аз нигоҳи ҳунарию адабӣ ба истилоҳи имрӯза адиби файласуф буд ва жанри адабии ӯро адабиёти фалсафӣ меноманд. Яъне шоир фалсафаи таърихи худро бо истифода аз жанрҳои адабӣ (достони манзум) таълиф намудааст.

Фалсафаи таърихи Фирдавсӣ, ки бар асолати хайру адолат ва миллату ватан бунёд ёфтааст, метавонад барои бозсозии идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии демократӣ ва дунявии Тоҷикистон хизмат намояд.

# <u>БУЗУРГӢ ЧИСТ ВА БУЗУРГОН КИСТАНД?</u>

## 1. Сабаби навиштани ин мақола чӣ буд?

Дар солҳои 60-уми асри 20 файласуфи машҳури тоҷик устод Акбари Турсон дар яке аз мақолаҳои худ гуфта буд, ки «дар фарҳанги имрӯзаи тоҷик Дорои Дӯст мақоми Суқротро дорад». Зиёиёни он рӯзгор сари ин ибора бо ҳам баҳсу мунозираҳо намуданд. Гуфтугӯи гарми ҳарду дӯсти шодравон Сарвар Амирҷон ва Нафасбек Раҳмонӣ то ҳол дар хотирам зинда аст... Мушкилӣ сари он буд, ки ҳар нафаре бузургиро бо меъёр ва тарозуи худ месанҷид ва назариёти ҳарифро қабул намекард. Ҳамин тавр, он баҳсҳо ба натиҷае нарасиданд ва оқибат хомӯш шуданд...

Бо фаро расидани айёми бозсозӣ сарчашмаҳо ва адабиёти гуногуни илмӣ ва фарҳангӣ вориди Тоҷикистон гардид... Ин китобҳо барои ҷаҳон кӯҳна, вале барои мо нав буданд. Ҳама саросемавор ба мутолиа рӯ овардем...

Мутолиаҳои мо ғайримуназзам ва пароканда буд... Вале мавзӯъҳо тозагӣ ва тароват доштанд... Махсусан китобҳои урупоии тарҷимашуда ба забони форсӣ ва русӣ...

Мавзӯи «бузургӣ» ва «бузургон» дар фарҳанги Урупоӣ таърихи зиёда аз садсола дорад. Барои мисол нависандае чун Стефан Цвейг (1881-1942) доир ба бузургии ҳунар ва шахсияти Л.Толстой, Ф. Достоевский. Р. Ролан, Стендал, Бальзак, Гёльдерлин, Г.Клейст, Д. Казанова... таҳқиқоти тарҷимаиҳолӣ ва психологӣ навишта. Андре Моруа (1885-1967), нависандаи франсавӣ, асарҳои зеринро ба мавзӯи бузургӣ ва бузургон бахшидааст: «Ҳаёти Шелли», «Зиндагиномаи Дизраэли», «Байрон», «Тургенев», «Ҳаёти Жорж Санд», «Зиндагии Виктор Гюго», «Се Дюма», «Ҳаёти Бальзак», Таҳқиқе доир ба Диккенс», «Аз Пруст то Камю». Ин нависандагон ҳунари нависандагии худро ба таҳлил ва тафсири бузургони гузашта ва муосири худ бахшида буданд. Дар фарҳанги шӯравӣ силсилаи «Ҳаёти инсонҳои бузург» (ЖЗЛ) тақлиде буд, ба жанри автобиографии урупоӣ.

Баъдҳо дар сатҳи адабиёти ҷаҳонӣ кор ба он анҷомид, ки баъзе муаллифон дар ин мавзӯъ китобҳои дастҷамъона

таълиф намуданд... Ба ин маъно ки дар як китоб сирати фарҳангии чандин бузургро мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ ва равоншиносӣ қарор доданд.

Машҳуртарин муаллиф дар ин ришта Луис Унтермайер (1885-1977) ба ҳисоб меравад. Устод Луис соли 1955 китобе таълиф кард бо номи «Офарандагони ҷаҳони нав», ки дар тарҷимаи форсиаш ба (соли 1377=1999 (Теҳрон, нашри Марказ) 972 саҳифаро дар бар мегирад. Китоб бо Чарлз Дарвин (1809-1882) оғоз гардида, бо Дайлон Томас (1914-1953) ба поён мерасад. Дар маҷмӯъ, муаллиф зиндагиномаи 92 бузурги сатҳи ҷаҳониро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Чанд сол баъд ва ба таври дақиқ соли 1978 муаллифи амрикоӣ доктор Майкл Ҳарт [Michael Hart] китобе ба нашр расонид бо номи «Таҳқиқе дар зиндагии сад бузурги ҷаҳон». Таваҷҷӯҳ шавад, ки рақами 92 китоби доктор Луис дар китоби Ҳарт ба 100 мубаддал гардид! Ҳамин тавр, ин мавзӯъ писанди айём шуд ва имрӯзҳо мо дар дӯконҳои китобфурӯшии Душанбе даҳҳо китобро дар мавзӯъҳои «Сад файласуфи бузург», «Сад донишманди бузург», «Сад нависандаи бузург», «Сад шоири бузург» ба забони русӣ дучор меоем...

Ҷои таъкид ва ёдоварӣ аст, ки ҳамаи ин китобҳо бо муқаддимаи мухтасаре оғоз мегарданд ва муаллифон аз баҳси «бузургӣ» сар мепечанд. Аз нигоҳи илмӣ ин шеваи муаллифон дар мавзӯи мазкур аз рӯи савоб нест. Агар сухан аз боби бузургии нависандагон аст, бояд бо далелу бурҳон меъёрҳои бузургиро пешниҳод намуд, то хонанда қонеъ гардад, ки ин ё он нависанда аз рӯи чунин ва чунон меъёрҳои илмӣ ба мақоми бузургӣ расидааст. Мутаассифона, бори дигар бояд таъкид шавад, ки муаллифони арҷманди ин китобҳо дидаю дониста ин масъулиятро ба гардан гирифтанӣ нестанд... Ва оқибат кор ба ин ҷо мерасад, ки ҳар хонанда ё завқу фаҳмиши шахсии худро меъёри асосӣ қарор дода, баҳси «бузургӣ» ва «бузургон»-ро то ба干 хархашаю ҷидол бурда мерасонад...Ва кор то ба ин ҷо ҳам расидааст...

Дар таърихи 4 майи соли 2006 [№17 (35)] дар рӯзномаи «Миллат» панҷ шеъри шоири овозадори мо Устод Бозор Собир ба чоп расид. Мавзӯи ин панҷ шеър аз ин қароранд:

Шеъри якум, дар бораи бузургии худи Устод;

Шеъри дуюм, дар мавзӯи бузургии найнавози мумтоз - Қурбоналии Ёқуб сухан меравад;

Дар шеъри сеюм, ки «Назми мо то асри XX» ном дорад, асосан дар боби бузургии Абдуллои Дӯст, Саъдӣ ва Фирдавсӣ изҳори назар шудааст.

Ба таври мушаххас дойр ба Абдулло мегӯяд:

**«Ростӣ, аз ҳар падарсолори шеъри обшӯст,**
**Бартарӣ дорад чу шоирпеша Абдуллои Дӯст».**

Байти охири ин шеър чунин аст:

**Хатм шуд бо Саъдию Фирдавсӣ шеъри бостон,**
**Шоираш Саъдист, Фирдавсӣ-худои шоирон.**

Мо ба ин назари Устод эътирозе надорем. Ақидаи шахсии ҳар андешамандро эҳтиром мегузорем... Ва Устод ба андозаи кофӣ далелу бурҳони худро ба шакли шеърӣ дар ин пораҳо ғунҷонидааст... Яъне Устод соҳиби назарияи хоси худ аст, доир ба бузургӣ ва бузургон... Мо ҳам ҳаминро мехостем... Назари мушаххас бо далелу бурҳон…..

Ҳамин тавр, ду шеъри охирин доир ба мақоми бародараш Иброҳими Собир ва дар боби хидматҳои фарҳангии бонуи фарзона ва далери тоҷик Бӯринисо Бердиева баҳс мекунанд...

Кормандони Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба номи академик А.М.Баҳоваддинов ин шумораи рӯзномаро бо шавқу завқи хосе мутолиа намуданд... Баҳс карданд... Махсусан, доир ба шеърҳои Устод Бозор Собир, байни насли ҷавон ва насли бузургсол, далелу бурҳонҳое радду бадал гардид... Ин баҳсу мунозираҳои гарми имрӯза гуфтугӯҳои зиёиёни солҳои 60-уми асри XX-ро дар атрофи мақолаи устод Акбари Турсон ба хотир меоваранд...

Солҳо гузаштанд... Сохти сиёсии Тоҷикистон ҳам дигар шуд. Вале аҳли фарҳанги мо ҳамон аст, ки буд...

«Руди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон!»

Баҳсҳо ҳоло ҳам дар доираи «қолу мақоли» паси девор ва ҳуҷраҳои идораю кӯчаю бозор... Ба ҳамон шеваи солҳои шастум... Вале бо далелу бурҳонҳои андак дурушттар... ва носуфтатар...

## 2. Саҳми мо дар ин баҳс аз чӣ иборат аст?

Масъала, масъалаи миқдори саҳм нест. Масъала, масъалаи масъулият аст. Мо масъулем... Ба ҳукми вазифа ва ихтисос... Ба сифати корманди Пажӯҳишгоҳи фалсафа... Ногуфта пайдост, ки мавзӯи «бузургӣ» яке аз масъалаҳои умда ва ҷавҳарии илми фалсафа мебошад. Ҳам фалсафаи ватанӣ ва ҳам фалсафаи ба истилоҳ буржуазӣ... Дар китобҳои дарсии фалсафа ин мавзӯъро зери унвони «Нақши шахсият дар таърих» зикр мекунанд. Ин шахсият метавонад сарлашкар, сиёсатмадор, нависанда, пайғамбар, файласуф, шоир, донишманд, шоҳ, президент, вазир, равшанфикр, зиёӣ, рӯҳонӣ, ориф ва ғайра бошад.

Ин аст, ки соҳиби ин қалам бидуни ҳеҷ як иддао ва хоксориҳои дурӯғин аз худ мепурсад:

Чаро мавзӯи бузургиро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намекунанд? Ва чаро аз пеши худ сари ин мавзӯъ қазоватҳои сатҳӣ ва нобаҷо менамоянд? Ва дар натиҷа ҳамаро ба гумроҳӣ меандозанд...

Пас, бояд таҳқиқ кард, ки воқеан нишонаҳои бузургӣ кадоманд ва чӣ шахсиятҳое аз ин нишонаҳо бархурдоранд... Дар акси ҳол, ин баҳсҳои мо маъно ва ҳадафе нахоҳанд дошт. Он чӣ мо мегӯем, танҳо нуқтаи назари шахсии мост... Ва ин ақидаро ба гардани касе бор карданӣ ҳам нестем. Танҳо ба ин умед мебандем, ки ин навиштаи мо оғозе бошад барои ҷалби таваҷҷӯҳи аҳли илм сари ин мавзӯъ. Ҳақиқати масъала дар ин боб, баъди баҳсу мунозираҳои донишмандон, маълум хоҳад гашт. Ҳарчанд ин пешниҳодоти мо ба ҷуз андешаҳои хусусӣ ва фарзияҳои муқаддамотӣ беш нестанд, вале мехоҳам дар байни қавсайн таъкид намоям, ки ин фарзияҳо дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили мантиқӣ-таърихӣ фароҳам омадаанд.

Ва ҳамин тавр бояд пурсид: Нишонаҳои бузургӣ аз чӣ иборатанд? Аз рӯи кадом меъёру нишонаҳо мо метавонем ин ё он шахси гузашта ва ҳозираро бузург ба шумор оварем? Ҷавобҳои мушаххас ва конкретии мо доир ба ин саволҳо аз ҳашт нуқтаи зер иборатанд:

**ЯКУМ:**

Шахси ҳақиқатан бузург ҳеҷ гоҳ даст ба худкушӣ намезанад! Чаро? Барои он ки Зиндагӣ аз ҳама арзишҳои ҷаҳони инсонӣ бузургтар ва муҳимтар аст. Касе, ки ба дасти худ зиндагии хешро аз байн мебарад, бузург нест. Бузургони бисёре дар ҷаҳон даст ба худкушӣ задаанд... Муҳаққиқони муосир сабабҳои худкушии онҳоро муайян кардаанд. Ва худи онҳо ҳам дар васиятномаҳои худ ба ин маъно чизҳое гуфтаанд... Гуфтаанд, ки онҳо ба хотири дину ақида, ватану миллат, молу сарват, нангу ном, зану фарзанд, мақому мансаб ва шӯҳрат даст ба худкушӣ задаанд... Ба хотири ноил шудан ба зиндагии абадӣ дар биҳишт, ба хотири номи нек дар дунё, дар роҳи шараф, номуси шахсӣ, хонаводагӣ ва миллӣ, барои таъкид ва исботи вафодорӣ, ҷавонмардӣ, некномӣ, ростӣ, адолат, инсоф, шарофатмандӣ, ғурури мардонагӣ, ҳақиқатпарастӣ ва ё ба хотири интиқом аз душман, ба сабаби танҳоӣ, ранҷу бемории бедаво, ишқи ноком, ба хотири расидан ба зиндагии ҷовидона дар он дунё ва ғайра... даст ба худкушӣ задаанд.

Бале. Медонем. Ҳамаи инҳо муҳиманд. Вале бо вуҷуди ин ҷои зиндагии як шахси муайяну конкрети таърихиро гирифта наметавонанд. Чаро ки ин шахс дигар такрор намешавад. Чаро ки худкушӣ роҳи ҳал нест... Динҳову миллатҳову ватанҳо давом мекунанд ва такрор мешаванд. Вале зиндагӣ барои инсони фард, ба гуфти Бедил, такрорнашаванда аст:

**Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,**
**Ин шарар чун ҷилва як бор асту бас.**

Содиқ Ҳидоят, нависандаи маъруф ва машҳури Эрон дар асри XX, се дафъа кӯшиши худкушӣ намуд. Ва оқибат маротибаи сеюм соли 1951 дар Париж ба воситаи газ ба зиндагии худ поён бахшид. Як нависандаи ҳамдиёраш гуфтааст: «Мо Содиқ Ҳидоятро он рӯз дар болои бистар хобида ёфтем. Танҳо бо ин фарқ, ки нафас кашиданро фаромӯш карда буд!»

Аммо Абуҳаёни Тавҳидии Шерозӣ, мутафаккири асри X мелодӣ, зиёда аз сад соли умри худро ҳамвора бо дарду ранҷ

ва мусибат гузаронд, вале боре фикри худкуширо ба хотир наёвард... Чун рамзи эътироз баъзе аз китобҳояшро оташ зад! Ба ҳар ҳол худашро не! Бузург он гоҳ бузург аст, ки болотар аз мушкилоти ночизи рӯзгор қарор дошта бошад... Ва бузургӣ ба хотири дигарон аст, на ба хотири шахси худ...

Мутаассифона, бисёранд бузургоне, ки даст ба худкушӣ задаанд. Барои намуна ин чанд нафарро номбар мекунем: Суқрот, Диоген, Зенон, Сенека, Эрнст Ҳеменгуэй, Стефан Цвейг, Ван Гог, Маяковский, Есенин, Салвадор Аленди, Александр Фадеев, Мадам Боварӣ ва бисёри дигар [Доктор Фахрӣ Даббоғ, «Марги ихтиёрӣ». Бейрут, 1987, саҳ. 180-184, ба забони арабӣ].

**ДУЮМ:**

Шахси бузург дар заминаи фарҳанги миллати худ ба бузургӣ мерасад ва онро идома мебахшад... Ҳарчанд ки илму дониш симо ва сирати умумибашарӣ доранд... Ҳуввияти миллӣ меъёри ҷавҳарист... Мушаххас аст... Ба биология ва табиат пайвастагӣ дорад... Ба таърих, забон ва ваҳдати фарҳангӣ далолат мекунад. Мисол: забони Эсперанто аз нигоҳи илми забоншиносӣ комилтарин забон аст. Ба ҳеҷ миллат мансуб нест. Ҳамаи забонҳои дунё дар он саҳм доранд. Бо вуҷуди ин, ба ҳеҷ як аз забонҳои «нокис» ва зиндаи ҷаҳон рақобат карда наметавонад. Чаро? Барои он ки заминаи ҳаётии забонҳои зинда қавму миллатҳои мушаххас ҳастанд, ки ҳамеша дар ташаккулу такомул мебошанд. Аммо забони Эсперанто аз калимоти кӯҳна, фарсуда ва суфташудаи забонҳои гуногун сохта шудааст. Миллат ва ё қавме муайян заминаи забони Эсперанторо ташкил намедиҳад. Ин забон вақту фазои мушаххаси таърихӣ надорад.

Ва бузурге, ки дар заминаи тамаддуни ҷаҳонӣ парвариш ёфтааст, ҳоли забони Эсперанторо дорад. Ба ин маънӣ ки симои мушаххаси миллӣ ва қавмӣ надорад. Беҳуввият аст. Дар як навъ бунбасти эҳсосотӣ, ақидавӣ, миллӣ ва таърихӣ қарор дорад... Ба инсонҳо ва хонандагони мавҳум, нашинохта ва абстрактӣ хизмат мекунад... Хонандаи мушаххас надорад... Дар суханонаш меҳр, эҳсос, гармӣ, лутф, кашиш, ҷозиба ва самимияти миллӣ нест... Муҳаббати ӯ ба сӯи хонандаи ношинос ва номаълум равона шудааст... Барои маҳбубияти

хешро пешбинӣ кардан, кафолате надорад... Намунае аз ин гурӯҳи бузургонро нависандагон ва ҳунармандони космополит ва интернатсионалист ташкил медиҳанд. Агар аз Чингиз Айтматов ва Темур Зулфиқоров оғоз кунем, он гоҳ баҳси мо ҳамаи онҳоеро дар бар хоҳад гирифт, ки ба забони русӣ эҷод мекунанд, вале миллаташон рус нест. Дар Урупо ҳам бисёранд бузургоне, ки ба забонҳои машҳури зиндаи урупоӣ асар эҷод мекунанд, вале худ аз нигоҳи нажодӣ ба соҳибони он забон мансуб нестанд... Чаро ки аз нигоҳи имрӯз забон (ҳар забоне, ки бошад) васила ва абзор нест. Забон ҳастӣ, ҷавҳар ва моҳияти ҳар як инсони мушаххаси соҳибзабонро ташкил медиҳад. Ногуфта пайдост, ки забони бегона ва ғайри миллӣ ҷавҳари ҳунари эҷодкорро ба таври боиставу шоиста дар бар гирифта наметавонад. Асарҳои бузурги ҳунарӣ ба забонҳои миллӣ эҷод мешаванд, на ба забони Эсперанто!

Дар таърихи фарҳанг номи чанд тан аз бузургони миллатдӯст ва ватанпараст зикр гардидааст:

Гераклит - файласуфи миллатдӯсти Юнони Қадим;

Фирдавсӣ - шоири ватанпараст ва миллатдӯсти Эрон;

Ҷорҷ Байрон - шоири миллатдӯсти Англис;

Фихте - файласуфи миллатдӯсти Олмон;

Унамуно - шоир ва файласуфи ватанпарасти испанӣ;

Содиқ Ҳидоят - нависандаи ватандӯсти муосири Эрон;

Анис Мансур - нависандаи миллатдӯсти муосири араб;

Есенин - шоири миллатпарасти рус;

Луи Арагон - нависандаи миллатдӯсти франсавӣ;

Алберт Камю - файласуфи ватанпарвари франсавӣ;

Ибни Муқаффаъ - миллатпарасти асримиёнагии форс;

Борбад - хунёгари миллатпарасти эронӣ;

Стефан Цвейг - нависандаи миллатпарасти яҳудии австриягӣ;

Алиакбари Деххудо - донишманди ватанпарасти муосири Эрон;

Рӯдакӣ - шоири миллатпарасти форс-тоҷик;

Сӯҳравардии мақтул - файласуфи миллатдӯсти форс-тоҷик;

Мирзода Ишқӣ - шоири ватанпарасти Эрон;

Гёте - шоири миллатпарасти олмонӣ;

Франс Фанон - файласуфи ватанпараст ва миллатшиноси алҷазоирӣ;

Аҳмадшоҳи Масъуд - мубориза роҳи озодӣ дар Афғонистан;

Лоиқ Шералӣ - шоири миллатпарасти муосири тоҷик;

Бозор Собир - шоири ватанпарасти муосири тоҷик;

Акбари Турсон - файласуфи ватандӯсти муосири тоҷик;

Садриддин Айнӣ- донишманд ва нависандаи маъруфи миллатдӯсти тоҷик дар асри XX. Бузургии ҳамаи инҳо заминаи миллӣ дошт.

**СЕЮМ:**

Марди ҳақиқатан бузург худи Зиндагиро ҳадафи аслӣ ва асосии инсонҳо медонад. На ҳадафҳои авомфиребонаи сиёсӣ, динӣ ва идеологиро... Ва мегӯяд: «Ҳадафи зиндагӣ худи зиндагист!» Берун аз ин зиндагии заминӣ ва реалӣ ҳадаф ва маъное ҷустан - ин ба бероҳа рафтан аст… Марди бузург ҳамин зиндагии одӣ, сода ва маъмулиро, ки ҳамаро фаро гирифтааст, асос ва ҷавҳари ҳамаи бузургиҳо медонад. Мисоли барҷастааш дар таърих, шоири шаҳири олмонӣ Иоан Волфганг Гёте (1749-1832) будааст.

Аз ин қабиланд: Эпикур, Ибни Ровандӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Фридрих Нитше, Николай Фёдоров, Алберт Швейцер, Ошо Раҷнич, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир.

Вале баъзе бузургони дигар хилофи ин назар будаанд. Аз ин ҷумла метавон рӯҳониёни масеҳӣ, орифони исломӣ, риёзатпешагони будоӣ, ҷайнӣ ва ғайраро номбар кард. Намунаи машҳуртаринашонро Масеҳ, Будо, Монӣ, Плотин, Пифагор, Шайх Аҳмади Ҷомӣ, Абулалои Мааррӣ ва Артур Шопенгауэр ташкил медиҳанд.

**ЧОРУМ:**

Бузурги воқеӣ мардумдӯст ва инсонсолор аст. Ҳадафи зиндагии шахсии худро хидмат кардан ба дигарон медонад. Ин як воқеият аст. Зиндагии яккаву танҳо маъное надорад. Худи Парвардигор ҳам аз ранҷи танҳоӣ оламу одамро офарид (Ривояти Тавротӣ). Шахсияти барҷаста ҳамеша худро ҷузъе аз мардум медонад ва барои саодати кулли башар талош

меварзад. Дар таърихи башарӣ бузургони мардумгурез кам набудаанд... Мардумбезорӣ аз нигоҳи илми муосир нишонаи бузургии марди ҳунар нест. Балки аз маҳдудият ва каммоягии ин ё он шахси таърихӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар фарҳанги исломӣ бузургоне чун Ҳасани Басрӣ, Робияи Адавия, Иброҳими Адҳам, Молики Динор, Боязиди Бастомӣ ва Абусаиди Абулхайрро ба ин гурӯҳ дохил намудаанд.

Вале бузургони инсонпарвар бисёр будаанд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Барои намуна ин чанд номро зикр мекунем: Алберт Швейцер, Муҳандос Ганди, Робиндронат Тагор, Саъдии Шерозӣ, Абуҳаёни Тавҳидӣ, Муҳаммад Муин, Лев Толстой, Абубакри Розӣ, Ошо Раҷниҷ, Фейербах, Дейл Карнегӣ, Уитмен, Николай Федоров, Бертранд Рассел, Жан Пол Сартр, Симона де Бовуар, Максим Горкий, И. Мечников, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш.

**ПАНҶУМ:**

Марди бузург ҳамеша ба ақли солим, илму дониши воқеӣ ва ба тақозои зиндагӣ такя мекунад. Душмани ҳама гуна хурофот ва боварҳои авомфиребона аст... Хоҳ боварҳои мазҳабӣ бошанд ва хоҳ идеологияҳои сиёсӣ... Ба ин гурӯҳ шахсиятҳои бисёре вориданд. Ва ҳамаи онҳо дар замони худ машъалбардорони илму дониши ҳақиқӣ будаанд. Барои намуна ва мисол ба таври феҳраствор чандеро номбар мекунем:

Гераклит, Демокрит, Эпикур ва Арасту - аз Юнон;

Ибни Сино, Берунӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ, Насируддини Тусӣ, Сайид Нафисӣ, Абдурраҳмони Бадавӣ - аз фарҳанги исломӣ;

Галилей, Бруно, Нютон, Эйнштейн, Коперник, Дарвин, Бэкон, Эдисон, Павлов, Менделеев ва бисёри дигар - аз фарҳанги асримиёнагӣ ва муосири Урупо;

Устод Акбари Турсон - дар Тоҷикистон.

**ШАШУМ:**

Шахсияти воқеан бузург озодандеш ва равшанфикр аст. Мехоҳад ба андешаҳои маҳдуд, маҷрӯҳ, бунбастӣ ва болупаршикастаи ҳамзамонони худ озодӣ ва парвоз бахшад... Онҳоро аз зиндони маънавӣ наҷот диҳад. Ин як ҳадафи пок ва маъсумонаи инсонӣ аст, ки ба ғайр аз хизмати холисона ба

ҳамнавъон ғарази дигаре надорад. (Мутаассифона, дар таърих ҳамеша равшанфикронро бад фаҳмидаанд ва бо ченакҳои маҳдуди дину давлат фаъолияти онҳоро арзёбӣ намудаанд.)

Равшанфикрон ва озодандешони ҳамаи давру замонҳо ва миллатҳо ин масъулиятро бар дӯш доштаанд, ки дилу дидаҳои гирифтор ба зулмати мавҳумот ва хурофторо офтобӣ намоянд. Хуршеди донишро ҷойгузини шабҳои тираю ҷаҳлу нодонӣ кунанд... Онҳо талошҳои бардавоми худро дар ин масъулияти виҷдонӣ ва инсонии худ медонанд... Равшанфикри воқеӣ корвони зиндагии башарро ба сӯи ояндаи шарофатманд, озод ва инсонӣ ҳидоят менамояд. Бузургони озодандеш дар ҷаҳони мо хушбахтона хеле фаровон будаанд. Чаро ки инсон табиатан мехоҳад, ки «бидонад ва озод бошад» (Арасту).

Барои намуна чандеро ном мебарем: Гераклит, Демокрит, Эпикур, Суқрот, Диоген, Ибни Ровандӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Муқаффаъ, Умари Хайём, Волтер, Жан Жак Руссо, Фейербах, Унамуно, Фридрих Нитше, Шопенгауэр, Ҳайдеггер, Ясперс, Сартр, Камю, Бердяев, Достоевский, Фрейд, Бернард Шоу, Бертран Рассел, Колин Вилсон, Ошо Раҷнич, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ.

**ҲАФТУМ:**

Бузурги ҳақиқӣ худкифо аст. Мустақил аст. Ба қувва ва истеъдоди худ такя дорад. Ба кӯмаки моддӣ ва маънавии дигарон умед намебандад... Аз рӯи завқу андешаи худ кор ва эҷод мекунад. Хидмат ба дигаронро вазифа ва масъулияти хеш медонад. Ба як калима: Бояд нақши даст ва фикраш дар осори ӯ ҳувайдо бошад. Дар таърихи фарҳанги ҷаҳонӣ шахсиятҳое будаанд, ки худ фаъол ва эҷодкор буданд. Вале худ қалам ба рӯи коғаз намекашиданд... Ба ҷои онҳо шогирдонашон ин корро анҷом медоданд. Зоҳиран дар ин маврид айбу нуқсоне нест, вале бояд гуфт, ки ба меъёрҳои бузургӣ мувофиқат намекунад. Чун мо ба таври қатъӣ бовар карда наметавонем, ки ин кашфиётҳо ва навгониҳои фарҳангӣ сад дар сад самараи фикру андешаи он бузургмард бошад. Барои мисол, метавон гуфт, ки фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва илмии Суқрот дар Юнон ва Шамси Табрезӣ дар Эрон мавриди шак ва шубҳаанд. Ба ин маъно ки агар Афлотун аз

номи Суқрот «Муҳовара»-ҳои фалсафии худро наменавишт, шояд номи Суқрот дар таърих ба ин дурахшандагӣ ҷилва намекард. Қиссаи Шамси Табрезӣ ҳам чунин аст. Шамс худаш чизе наменавишт. Осоре таълиф намекард. Танҳо шифоҳӣ ба шогирдон насиҳат мекард ва ба саволҳои динӣ ва илмиашон ҷавоб медод. Шогирдон ҷавобҳои ӯро дар дафтарҳояшон сабт мекарданд. Ин навиштаҳои шогирдон то ба замони мо расидаанд. Бо номи «Мақолот»-и Шамси Табрезӣ. Яъне гуфторҳо ва суханрониҳои Шамси Табрезӣ. Ин гуфторҳо дар шакли китоб 500 саҳифаро ташкил медиҳанд. Китоби ҷолиб ва судманд аст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар «Девон» ва «Маснавӣ» баъзе мавзӯъҳои ин китобро бо назму наср иқтибос кардааст. Вале шӯҳрати Шамси Табрезӣ аз рӯи ин китоб нест. Балки шӯҳрати ӯ ба сабаби «Девон»-и ашъори Ҷалолиддини Балхӣ аст, ки дар ғазалиёти худ номи Шамсро барои худ тахаллус интихоб намудааст. Агар Мавлоно чунин намекард, яқинан Шамс ба сифати як сӯфии қаторӣ ва гумном дар таърихи фарҳанг боқӣ мемонд. Ҳадафи ин шарҳу баёни муфассал ин аст, ки шахси бузург бояд худаш масъулияти ҳунар ва эҷоди худро ба ӯҳда бигирад. Агар чунин накунад, шарти бузургиро иҷро карда наметавонад. Ба ин маънӣ, бузургӣ ҳаққи ҳалоли Афлотун ва Ҷалолиддини Балхист, ки ҳунари худро бо дасту қалами хеш рӯи қоғаз сабт намудаанд. Хизматҳои таърихӣ ва фарҳангии Суқроту Шамс ҳам ба ҷои худ арзандаанд, вале мутаассифона ба ченак ва меъёри бузургӣ-ҷавоб дода наметавонанд. Бисёре аз бузургон, паёмбарон, авлиё, сӯфиён, орифон, эшонҳо, ҳукамо, шайхон, пирон ва ғайра, ки даъво доранд илму донишро аз роҳи ғайб, ба воситаи ваҳй ва пайғоми илоҳӣ ба даст овардаанд, ба ин гурӯҳ мансубанд. Ин бузургон танҳо василае будаанд дар ихтиёри қувваҳои ғайбӣ ва фавқуттабиӣ... Қувваҳое, ки исботи ҳақиқати онҳо ба ҷуз бовар ва имон дарёфт карданӣ нест... Ин ҳам масъалаест, ки баҳси дигареро металабад...

Мутаассифона, шеваи кори Суқроту Шамс ба меъёри бузургӣ ҷавобгӯ нест. Бузургӣ худкифоӣ аст... Истиқлол аст... Суқроту Шамс мустақил набуданд. Вобастаи шогирдони худ буданд... Вобастагӣ заъф ва нотавонист... Нотавонӣ хилофи бузургист... Нотавонӣ таслим ва бечорагист...

**ҲАШТУМ:**

Марди бузург бояд дар зиндагии хусусӣ ва иҷтимоияш мустақил ва озод бошад. Ба ин маънӣ ки аз ҳисоби заҳмату талоши бардавоми худ зиндагии хонаводагӣ ва ҳунарии худро таъмин намояд. Ғулом ва бандаи хешу табор, ёру дӯст, ҳукумату сиёсат, ҳизбу мазҳаб ва дигар қувваҳои сиёҳкори иҷтимоӣ набошад. Ин шеваи зиндагӣ, дар сурате ба ҳунарманди бузург даст медиҳад, ки дидаю дониста, дар роҳи амалӣ намудани ҳадаф ва идеали худ иқдом ва фидокорӣ намояд. Ин қарор ва тасмими ӯ, сад дар сад қарори худогоҳона ва фидокорона аст. Худаш аз оқибатҳои кори худ огоҳ аст. Эҳтимол медиҳад, ки ба он ҳадаф ва идеали худ мерасад ва ё дар ин роҳ ҳалок мегардад. Дар ин ҷода барои ӯ роҳи сеюм вуҷуд надорад. Ва роҳи интихобнамудаи худро зимнан ғоя ва маънии зиндагии шахсии худ медонад. Ин тасмим ва иқдоми хеле ва хеле хатарнок аст. Ҳам барои шахсияти бузург ва ҳам барои муосиронаш. Бесабаб нест, ки мардуми Чин мегӯянд:

«Марди бузург балои ҳамагон аст!»

Ин ҳикмати халқӣ тафсилоти рангорангеро дар бар дорад... Ва яке аз он тафсилот ин, ки мафҳуми «бузургӣ» саропо хатар аст! Ҳам барои марди бузург ва ҳам барои инсонҳои қаторӣ... Ба андешаи мо сабаб он аст, ки шахси бузург зиндагии инсонҳои маъмулиро бо арзишҳо, идеалҳо, ҳадафҳо ва шиорҳои нави худ ба «маҳшар» табдил медиҳад! Маҳшар, қиёмат ва растохез ба ҳар маъное, ки фаҳмида шавад, ҳодисаи ҷиддӣ ва такондиҳанда аст... Ҳеҷ касе нисбат ба он бетафовут буда наметавонад...

Аллома Муҳаммад Иқбол (1877-1938) ба сари мусалмонони асри XX чунин «маҳшаре» овард... Баъди «марги» ҳазору чандсадсола... Вале онҳо маънои ростини ин растохезро дарк накарданд... Аксуламал нишон доданд… Онро рад карданд... Худи Иқболро мавриди накӯҳиш қарор доданд... Баъдҳо Иқбол ин иқдоми худро таҳлил намуда, дар китоби «Ҷовиднома» [«Куллиёти форсӣ», Исломобод, 1997, с. 334] ба наслҳои баъдина ҳушдор медиҳад, ки аз ин ҳодиса ибрат бигиранд. Мегӯяд:

**«Он чӣ ман кардам, ту ҳам кардӣ, битарс,**
**Маҳшаре бар мурда овардӣ, битарс!»**

Дар ин байт “Ман” Иқбол аст ва “Мурда” мусулмонони шарқии замони ӯ мебошанд. Шояд ҳамин мисол барои тафсири мушкилоти бузургӣ дар дунёи одамӣ басанда бошад... Мутаассифона, дар таърихи фарҳанги башарӣ чунин шахсиятҳои далер ва фидоӣ бисёр набудаанд. Ангуштшуморанд. Ва ҳоло ҳам зиёд нестанд. Ва ба таври мушаххас инҳо мебошанд:

Суқрот, Диоген, Эпикур, Гераклит, Ибни Ровандӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Сӯҳравардии Шайх-ул-ишроқ, Ибни Муқаффаъ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ибни Сино, Сайд Ҷамолуддини Афғонӣ, Сайд Қутб, Алӣ Шариатӣ, Муҳаммад Иқбол, Бозор Собир, Волтер, Винсент Ван Гот, Николай Федоров, Фридрих Нитше, Аббос Маҳмуди Аққод, Анис Мансур, Абдурраҳмон Бадавӣ, Унамуно, Мартин Ҳайдеггер, Алберт Камю, Георгий Гурҷиев, Ошо Раҷнич ва Холиқ Мирзозода.

## ОХИРИН МУЛОҲИЗА:

Барои ин баҳсро хулоса ва ҷамъбаст намудан ҳоло барвақт аст... Ин вазифаро ба ӯҳдаи хонандагон вомегузорем... Ба ин умед, ки нуқтаи назари хешро дар ин боб пешниҳод намоянд....

Ҳар мақоланависе ба таври худ пешбинӣ мекунад, ки баъди нашри мақола чӣ хоҳад рух дод. Аз ҷумла ман ҳам. Пешбинии ман аз ду эҳтимол беш нест. Яке ин ки ҳамаи хонандагон сукут ихтиёр мекунанд. Ва дуюм ин ки ба ин нуктаҳои ҳаштгона сахт эътироз менамоянд. Аз ин гузашта, доманаи баҳси онҳо ба он бурда мерасонад, ки арзишҳои суннатии гузаштаро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд... Чуноне ки Устод Бозор Собир назми ҳазорсолаи моро дар шеъри худ таҳлил намудааст... Болотар аз хаёл ва фантазия ин ки мероси фарҳангӣ ва илмии бузургони давраи шӯравиро, аз рӯи ин меъёрҳо ва ё меъёрҳои дигаре мавриди санҷиш қарор

диҳанд... Дар ин сурат, баҳс дар ҷодаи илмӣ ва фарҳангӣ давом хоҳад кард...

Агар ниме аз ин пешбиниҳо амалӣ гардад, соҳиби ин қалам масъулияти фарҳангии худро дар назди муосирон иҷрошуда ба шумор меоварад.

**8 сентябри соли 2004**

## Боби сеюм

## ФАЛСАФА ВА ФАРҲАНГ

- Бузургони фарҳанги тоҷик.
- Фарҳанге ки ИНСОНИ НЕК–ро меситояд!
- Фирдавсӣ–файласуфи ношинохта.
- Ибни Сино дар ҷаҳони муосири араб.
- Фидокориҳои Носири Хусрав.
- Гуфтушуниди фалсафӣ бо Ҳаким Умари Хайём.
- Шамси Табрезӣ кист?
- Ҷалолиддини Румӣ дар талоши ИНСОНИ ХУДШИНОС.
- Ҳастӣ ва Нестӣ. (Ҷавоби номаҳо).
- “Ҷаҳд бинмо, то ки бедорам кунӣ!” (Мусоҳиба).
- Зарби путку осоиши Намруд. (Мусоҳиба).

# БУЗУРГОНИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК

**Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,**
**Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.**

**(Румӣ)**

**Шуд парешон барги гул чун бӯи хеш,**
**Эй зи худ рам карда, боз о сӯи хеш.**

**(Иқбол)**

## Чанд ишора.

Ин қисмат аз китоб ҳафт гуфтору се мусоҳибаро дар бар мегирад. Мавзӯи умумии онҳо баҳсу андеша дар боби сарнавишти таърихии тамаддуни халқи мост. Таҳлили мо таҳлили фарҳангӣ-фалсафӣ мебошад...

Мехоҳам бо як ҷумла мавзӯъҳои асосии ҳар як гуфторро барои Шумо хотирнишон кунам:

**Гуфтори якум:** "Фарҳанге, ки Инсони некро меситояд!" ном дорад. Ин формула - формулаи асосӣ ва ҷавҳарии мероси моддӣ ва маънавии мардуми ориёист... Халқи тоҷик ҳам шохае аз ин дарахти бузурги фарҳангист... Вақте мегӯяд, ки мо бояд ба асли худ баргардем, маънояш ин аст ки ҳамин формуларо сармашқи зиндагии худ қарор диҳем.. Мардуми мо дар тӯли таърихи худ аз се мактаби бузурги фарҳангӣ гузаштааст: мактаби зардуштӣ, исломӣ ва мактаби марксистӣ. Дар ин муддат халқи тоҷик то он андоза, ки рӯзгорон имкон медода кӯшидааст, ки дар зиндагӣ бо афкору гуфтору кирдори нек муносибат намояд..

**Гуфтори дуюм:** " Фирдавсӣ - файласуфе ношинохта"... Дар асрҳои миёна, ки мардуми мо ҳама чизро аз даст дода буданд, Абдулқосими Фирдавсӣ ҳамчун соҳире ростин тумореро барои ҳамзамонони худ арза карда гуфт: "ки мардон пеш аз ин буданду ҳастанд! " Ин тумор "Шоҳнома" ном дошт...

**Гуфтори сеюм:** Дар охири гуфтор омадааст, ки мардуми муосири араб фалсафаи Ибни Синоро чун **фалсафаи озодӣ ба худ шиор кардаанд. Оё мо ворисон ва наберагони Ибни Сино ба озодӣ эҳтиёҷ надорем?**

**Гуфтори чорум: Дар гуфтори даҳум чанд мисраъ шеър омадааст, ки метавонад хулосае барои гуфтори чоруми мо бошад:**

**...Асрҳо боист то ёбӣ мақоми хешро,**
**Гарчи шоми миллатеро офтобе будаӣ.**
**Носири дунёи маънӣ, Хусрави озодагон,**
**Дар замири рӯзгорон инқилобе будаӣ!...**

**Гуфтори панҷум:** Дар ин гуфтор сухан аз Хайём аст... Аз ростӣ сухане намеёбам, ки сазовори мақому манзалати Хайём бошад. Танҳо ҳаминро мегӯям, ки Хайём Хайём аст! Мӯъҷиза ва абармарде дар таърихи фарҳанги башарӣ...

**Гуфтори шашум:** Сарлавҳаи ин гуфтор чунин ном дорад: "Шамси Табрезӣ кист?" Вале ба ин савол ҷавоби муфассал ва қонеъкунанда вуҷуд надорад. Ба хонандагони фозил арз мекунам, ки ҷавоби муфассали ин савол дар китоби донишманди фарзонаи муосир Носируддини Соҳибуззамонӣ бо номи «Хатти саввум: Рӯзгор ва андешаи Шамси Табрезӣ» фароҳам омадааст...

**Гуфтори ҳафтум:** «Ҷалолиддини Румӣ дар талоши инсони худшинос», албатта Ҷалолиддини ҳақиқӣ нест, балки Ҷалолиддинест, ки ман тасаввур кардаам ... Таҳқиқотҳои баъдина ин тасаввури маро то андозае тағйир додаанд...

**Гуфтори ҳаштум:** Ин гуфтор иборат аз сию нуҳ (39) саволест, ки аз ҷониби хонандагони рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ба номи ман ворид шуда буданд... Саволҳо хеле ҷиддӣ буданд, вале ҷавобҳои ман, хеле сатҳӣ, кӯтоҳ ва шогирдонаанд…

**Гуфтори нуҳум:** Ин мусоҳибаест бо нависандаи ҷавони ноком, шодравон Акбари Шариф дар рӯзномаи «Наврӯзи Ватан» бо номи «Ҷаҳд бинмо, то ки бедорам кунӣ» ба муносибати соли нави 1995.

Чизи ҷолиб дар ин мусоҳиба саволи охирин буд, ки хабарнигор пурсид:

Дар соли нави 1995 ба мардуми Тоҷикистон чӣ орзуву таманниёт доред?

Дар ҷавоб гуфтам:

- Орзуманди он ҳастам, ки дар соли 1995 сокинони ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба мазмуни байти зер бо якдигар муроҷиат намоянд:

**Ҳанӯзат гар сари сулҳ аст, боз ой,**
**Аз он маҳбубтар бошӣ, ки будӣ!**

**Гуфтори даҳум:** Ин гуфтор асосан бо ташаббуси шахсии хабарнигори шинохтаи радио Шарифҷони Мисайзод ба рӯи қоғаз омад... ин мусоҳибаро муҳимтарин мусоҳибае мешуморам, ки ақидаҳои шахсии маро дар бар дорад...

**Ҷумлаи охирин:** Хонандаи арҷманд! Ман ин гуфторҳоро барои он шарҳ додам, ки ба онҳо ба чашми хонанда нигоҳ кунам на муаллиф. Вактҳои охир чунин гумон мекунам, ки шояд бисёре аз муаллифон хулосаи навиштаҳои худро дуруст тасаввур карда наметавонанд. Аз ин ҷиҳат ман худро имтиҳон намудам: Ба ин маънӣ ки оё метавонам аз мақолаҳо, гуфторҳо ва мусоҳибаҳои худ хулосаи дақиқу возеҳе барорам? Мутаассифона аз ин имтиҳон нагузаштам. Ин тавре ки худи Шумо шоҳид ҳастед, бисёре аз ин гуфторҳои даҳгонаро натавонистам ба андозаи кофӣ возеҳу равшан арзёбӣ намоям. Акнун навбатро ба Шумо вогузор мекунам. Бошад, ки аз ин навиштаҳои парешон хулосаи мушаххасе насибатон гардад… Бо ин умед ин пешгуфторро ба анҷом мерасонам…

# ФАРҲАНГЕ, КИ ИНСОНИ НЕКРО МЕСИТОЯД




**Авесто–қадимтарин сарчашмаи хаттии мазҳабӣ ва фарҳангии форситаборон.**

**Эй бародар, ту ҳамин андешаӣ,**
**Мо бақо ту устухону решаӣ.**
**В-ар бувуд андешаат гул, гулшанӣ,**
**В-ар бувад хоре, ту ҳамчун гулханӣ!**
**(Румӣ)**

**Парвардигоро! Дарҳои ҳикмат ба рӯяшон боз кун!**
**Роҳ дар ҷаҳон яке аст,**
**Ва он роҳи ростист.**
**(Авесто)**

«Авесто»-и 21 – ҷилда дар тӯли таърих гӯё қомуси маърифати умумиинсонӣ буд, ки ҳамаи тамаддунҳои баъдинаро аз вуҷуди муҳимтарин ҳадаф ҳушдор медод. Дар таълимоти Зардушт «мақсуд аз офариниш ва натиҷа аз зиндагонӣ ин аст: то ҳар фарде дар ободии ҷаҳон ва шодмонии ҷаҳониён кӯшида, ё худро ба василаи пиндору кирдор ва гуфтори нек қобили болоравӣ ба олами рӯҳонӣ ва расидан ба авҷи камол ва саодати ҷовидонӣ намояд».

Зардушт дар «Ясно»-и 35, қитъаи 8 мефармояд, ки «наҷоти ҳар кас дар муборизаи доимӣ байни бадӣ ва некӣ аст. Мо бояд доим-ул-умр пуштибони ростӣ ва дурустӣ буда ва бар зидди бадӣ ва зиштӣ бистезем ва биҷангем».

Нажоди форсу тоҷик бо ростӣ шӯҳраи офоқ гардидааст. На танҳо пайғамбарон, ҳакимон ва донишмандони ин қавм, балки шоҳон низ аз ин ахлоқи ҳамида барӣ набуданд. Барои мисол метавон ин фақраро аз васиятномаи Дориюши Кабир ба наслҳои оянда ёдовар шуд:

«Ҳар кас мехоҳад бинои истиқлоли мамлакат ва саодати миллаташро бар асоси маҳкам қоим созад, бояд дурӯғро аз он марзу бум ронда ва ростиро дар он сарзамин устувор намояд».

Падидаҳои инсонпарварии тамаддуни авестоиро метавон ба шакли хеле фишурда дар ин чанд хулоса хотирнишон кард:

**ЯКУМ**: Рӯҳи эронӣ дар қадимтарин замонҳо худро аз табиат ва қувваҳои аҳриманӣ ҷудо карда буд ва аз мавқеи инсон ва инсонпарварӣ баромад мекард. Дар ҳар давру замоне қатъи назар аз фишорҳо ва таъқибҳо рӯҳи инсондӯстии тамаддуни эронӣ ҷилванамо будааст. Ба ин маънӣ Маликушшуарои Баҳор чи хуш гуфта:

**Ҳаст Эрон чу гаронсангу ҳаводис чун сел,**
**Тай шавад сели хурӯшону ба ҷо монад санг.**

Ин сухани шоири асри XX аст оид ба миллати хеш. Ҳоло бубинем, ки бузургони дигар мамолик чӣ мегӯянд.

Сулаймон ибни Абдумалики араб дар асрҳои миёна доир ба мардуми Эрон гуфтааст:

«Дар шигифт ва ҳайратам аз ин эрониён, ки ҳазор сол фармонравоӣ карданд ва ҳатто як соат ба мо арабҳо мӯҳтоҷ нашуданд. Ва мо сад сол ҳукумат кардем ва натавонистем худро ҳатто як соат аз эрониён бениёз гардонем».

Стефан Цвейги аврупроӣ мегӯяд:

«Қавмҳое, ки дар раъси (қутби) таърих қарор гирифтаанд, касоне ҳастанд, ки тавонистаанд бо шеваи шоиронатаре худро муаррифӣ карда ва ҳаёти худро ба иртифо ва баландии як афсонае боло баранд. Он чи барои муосирон ваояндагон дорои аҳамият аст, адади як миллат ва саршумори сарбозоне

нест, ки дар ҷанг кушта шудаанд, балки арзише аст, ки он миллат дар зарродхонаи (аслиҳахонаи) шеърии башарият доро аст».

Ба ин маънӣ мардуми форсу тоҷик аз ҳамаи миллатҳои дунё дида ба зарродхонаи башар бештар шеъру маъниҳои латифу гаронвазн ба мерос мондаанд.

«Авесто» ягона китоби диниест, ки дар шакли шеърӣ таълиф шуда. Донишманди румӣ Плиний менависад, ки: «Зардушт - пайғамбари эрониён ду миллион байт шеър тасниф кардааст».

Ҳатто номи китоби Зардушт «Авесто» олимона ва шоирона аст. Ба ақидаи муҳаққиқони авестошинос маънии вожаи “авесто” чунин аст: бунёд, илм, китоб ва қонун.

Адабиёти авестоӣ аз боби арзишӣ чуноне се ҳазор сол пеш буд, имрӯз ҳам дар ченакҳои инсонӣ дорои аҳамияти фаровон аст. Аҷаб ин аст, ки асри мо ҳам бо ин ҳама лофу газофи фаровон то имрӯз натавонистааст гуфторро бо кирдор як созад. Чуноне ки шоир фармуда:

**Ҳарчи мегӯем акси он зи мо сар мезанад,**
**Қавли мо ҳаргиз мувофиқ нест бо кирдори мо.**
***Зеро:***
**Бас биноҳои баланд имрӯз мебинӣ, вале,**
**Ҳеҷ якро бар асоси ростӣ бунёд нест!**

**ДУЮМ**: Барои Зардушт ва адабиёту фалсафаи зардуштӣ дунё арсаи ҷанги ду қувва аст: якум, қувваи офаринанда - спинтоминю, яъне рӯшноӣ. Дуюм, қувваи харобиовар - анграмино, яъне торикӣ. Гоҳ фатҳ ва ғалаба ба рӯшноӣ аст ва гоҳ ба торикӣ барои пирӯзии ниҳоӣ ва охирини рӯшноӣ мо одамон бояд бар рағми торикӣ ва ёрони ӯ (дурӯғ, зиштӣ, нопокӣ ва табоҳкорӣ) мубориза барем. Ҳеҷ кас то Зардушт бо ин возеҳӣ ва сароҳат нагуфта буд, ки гуноҳ ва масъият дар фикр аст. Ҳар касе ки доир ба гуноҳ, ҷиноят ва маъсият фикр мекунад, мумкин аст ҷиноятро ҳам содир кунад. Агар ба ин фикри зардуштӣ дурусттар таваҷҷӯҳ кунем, дармеёбем, ки ин масъала яке аз амиқтарин кашфиёти равоншиносии асри мост. Андешаи некро дар аввали шиори машҳури худ

«Андешаӣ нек, гуфтори нек, кирдори нек» қарор додани Зардушт тасодуфӣ нест. Пайғамбари Эрон кӯшиш кардааст, ки гуноҳ ва ҷинояту шарро дар ҳолати ҷаниниаш бикушад ва сарчашмаи гуноҳ ва табаҳкориро аз байн бибарад.

**СЕЮМ:** Инсондӯстии фалсафаи Зардушт дар он зоҳир аст, ки пайваста таъкид мекунад: мо бояд иродаи озод дошта, бинои некбахтии хешро бо дасти худ созем ва масъули сарнавишти хеш бошем.

**ЧАҲОРУМ:** Мавқеи инсонпарварии оини Зардушт боз дар он зоҳир мегардад, ки танбалиро сифати аҳриманӣ хондааст. Зардушт пайравонашро огоҳ сохт, ки ҳифзи сиҳатии ҷисм нахустин шарти ҳифзи сиҳатии рӯҳ аст. Амал ва кор дар оини Зардушт мақоми воло дорад. Чуноне Саъдӣ гуфта:

**Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест,**
**Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.**

**ПАНҶУМ:** Ба саволи чаро қабилаҳои араби Оду Самуд нобуд шуданду форсҳо не? Муҳаммад пайғамбар чунин ҷавоб додааст:

«Барои он ки форсҳо ободкор ва додгустаранд миёни бандагони худо» (Алӣ Сомӣ, «Порс дар аҳли бостонӣ», с.37).

**ШАШУМ:** Равнақи башардӯстӣ ба андозае буд, ки эрониён 2500 сол пеш ғуломӣ ва бардагиро қатъиян рад мекарданд. Ксенофан ҳукумати Ҳахоманиширо сохти намунавии давлатдорӣ донистааст. Урфу одати ғуломӣ дар ҳеҷ сурате дар Эрон вуҷуд надошт. Аксари қитъаҳои олам ин одати зиштро асрҳо идома доданд.

**ҲАФТУМ:** Рӯҳи инсонпарварӣ табақаи болоӣ ва ҳукмронро низ фаро гирифта буд. Хизматҳои шоҳони Эрон дар асоси инсондӯстӣ ва аз назари таърихӣ хеле баланд қадр шудаанд. Барои мисол миллатҳои ҷаҳон шоҳи Эрон Куруши Кабирро чунин баҳо додаанд:

**Эрониён: Куруш баргузидаи Ҳурмузд аст.**

**Яҳудиён: Куруш наҷотдиҳанда ва Масеҳи мавъуд аст.**

**Юнониён: Куруш ҳимоятгари заъифон ва подшоҳи одил аст.**

**Бобулиён: Куруш фарзанди Моррух аст.**

**Мисриён: Куруш фарзанди худои мо Тит аст.**

Вале Куруш ҳамчун шахсият чунин ақида дошт, ки бузургии шахсҳо дар кирдор ва пиндор аст, на дар аслу насаб. Ҳатто аз ин назар метавон аз мақоми фарҳангии Куруш огоҳ гардид.

**ҲАШТУМ:** Рӯҳи башардӯстиро дар муносибати шоҳони Эрон нисбат ба дини Зардушт ва динҳои дигар мушоҳида метавон кард. Мисол: мубадон ба яке аз шоҳони Сосонӣ фишор меоварданд, то ки ӯ ба масеҳиён фишор оварад. Шоҳ гуфтааст: «Кафи ин даст (яъне дасти шоҳ) дини поки Зардушт аст. Аммо аз кафи беангушт коре сохта нест. Ангуштон динҳои дигари Эрониянд». Яъне шоҳи Эрон ҳеҷ таассубе ба худ раво намедида ва ба дигар динҳо ва мақоми онҳоро бо дидаи воқеъбин менигаристааст.

**НУҲУМ:** Аввалин бор дар таърих Зардушт бодагусориро ҳаром эълон кардааст. Зеро аз назари Зардушт ҳар чизе, ки ба андеша халал ворид мекунад, аз пайравони Аҳриман аст. Май ба ақл зиён меоварад. Аз ин ҷиҳат  май ҳамкор ва пайрави Аҳриманаст. (Дар Готҳо омадааст, ки «Кай эй Маздо, палидии ин майро хоҳӣ барандохт? Шароби сукровари (мадҳушкунандаи) касиф чи гуна метавонад ба некӣ кӯмак кунад».

**ДАҲУМ:** Суҳравардӣ - файласуфи эронӣ дар китоби худ «Ҳикмат-ул-ишроқ» -менависад: «Устод, пешво ва роҳбари юнониён дар улуми ҳикмат ду ҳаким ва ду файласуфи бузурги порс: Ҷомосб ва Бузургмеҳр буданд».

Падари таърих Ҳеродот навиштааст: «Нахустин миллате, ки донишмандонаш пеш аз мисриҳо ва бинобар ин хеле пештар аз юнониён ба таълими фалсафа пардохтаанд ва мадрасаҳое барои омӯхтани фалсафа доштанд, эрониён буданд».

**ЁЗДАҲУМ:** Тасаввуф чист? Тасаввуф ҳамон ҳикмати завқӣ  ва ишроқии мардуми форс аст. Ҳикмати Эрон ё худ фалсафаи форс - Хусравонӣ ба Юнон рафт ва дар шахсияти Афлотун тарафдори барҷастаеро пайдо кард. Вале юнониён, ки сахт мутаассиб буданд, аз ҳасад ва бахилӣ ин фалсафаро фалсафаи афлотунӣ ном гузоштанд.  Худи Афлотун баъди ошноӣ бо фалсафаи шарқиён китобҳои шеъру адаби худро

сӯхта, барои тасаллои виҷдон ин шеъри юнониро тараннум мекард: «Эй оташ, ба Афлотун наздик шав, ки ҳам акнун ӯ ба ту бас эҳтиёҷ дорад ва ниёзманд мебошад».

Тасаввуфи исломӣ ғояҳои инсонпарварии худро аз ҳикмати бостонии Эрон гирифта, мақоми инсонро ба дараҷаи худо расондааст. Сӯфиён дар боби инсон гуфта: «Туро вақти дафтар хондан нест, вақт аст, ки сардафтари ҷаҳон шавӣ». Шайх Баҳоӣ мегӯяд:

**Дар ҳақиқат дигаре нест, худоем ҳама,**
**Лек дар фаҳмиши як нукта ҷудоем ҳама.**

Анъанаи башардӯстӣ ва ҳақбинӣ дар мероси зардуштӣ бо мисоле зоҳир мегардад, ки шоҳи Сосонӣ Ардашери Бобакон дар васиятномаи худ ба писараш Шопур чунин навишт: «Дину мулк ду хоҳар ҳастанд, ҳамзод ва дар ҳаёт ва зиндагӣ ба якдигар вобаста шудаанд. Дин дар бунёди мулк қарор гирифта ва мулк нигоҳдорандаи дин аст». (Ҷемс Дорместетер, «Тафсири Авесто ва тарҷимаи Готҳо», Теҳрон, 1348-1970, с. 129).

**ДУВОЗДАҲУМ:** Искандари Мақдунӣ ҳамеша бими онро дошт, ки баъди маргаш эрониён салтанати ӯро пора хоҳанд кард. Аз Арасту маслиҳат пурсид. Арасту ба Искандар гуфт: - аҳли Форс бо шуҷоат, далерӣ ва фарҳанг фарқ мекунанд ва агар ту онҳоро ҳалок кунӣ, бузургтарин рукне аз аркони фазилатро аз ҷаҳон бардошта бошӣ. Ақидаи ман ин аст, ки мамлакати Форсро байни шоҳони маҳаллӣ ба таври баробар тақсим кунем... ин аст роҳи наҷот». Асли ин нақл дар номаи Тансир - вазири Ардашери Бобакон омадааст, ки ба забонҳои паҳлавӣ, арабӣ ва форсӣ низ тарҷума шудааст.

**ЧАҲОРДАҲУМ:** Сарчашмаи зинда ва ҳаётии оини Зардушт ақидаи духудоии ӯст, ки то абадулобод ин оинро зинда хоҳад дошт. Ҳурмузд офаридгори некӣ ва ашёҳои нек аст. На холиқи шарр ва бадӣ. Аҳуромаздо ҳамеша бо Аҳриман дар муборизаи беамон аст. Аҳриман офаринандаи бадӣ, дев ва ифритҳост. На холиқи некӣ ва хушӣ...

**ПОНЗДАҲУМ:** Кӯмак барои модарони серфарзанд гӯё аз кашфиёти асри мост. Вале ба Ҳеродот гӯш диҳед, ки аз хусуси

эрониён чӣ мегӯяд: «Ҳар эронӣ кӯдакони зиёд тарбият менамуд. Подош ва ёрӣ аз шоҳаншоҳ дарёфт мекарданд».

**ШОНЗДАҲУМ:** Моҳияти дини Зардушт сабурист. Ба ақидаи Зардушт муборизаи Ҳурмузд ва Аҳриман 12000 (дувоздаҳ ҳазор) сол давом мекунад. Оқибат Ҳурмузд ғолиб меояд. Ва рӯзи қиёмат фаро мерасад.

**ҲАБДАҲУМ:** Зардушт инсонро ба кору амали хайр даъват мекунад. Дар Хоти 10 «Аҳунаватӣ» омада. «Касе, ки аз кор кардан гурезон аст, аз баракати ту, эй Маздо, бархурдор нахоҳад буд». Ин ақида дар даврони мо ҳам мавриди таваҷҷӯҳ аст. Кор ва амал гуфта, дар китоби муқаддаси Зардушт кору амали нек дар назар дошта мешавад. Кӯшиши инсони «Готҳо»-и Авесто ҳам ин буд, ки «то битвонад ба макони Аҳуро роҳ ёбад». Дар хоти 43 омада: «Ҳар кас ба дигаре некӣ намояд, дар воқеъ ба худ некӣ кардааст».

**ҲАЖДАҲУМ:** Ба мазҳаби Зардушт пайравонаш на аз рӯи эътиқоди кӯр-кӯрона, балки аз рӯи хирад ва дониш рӯй меоваранд. Дар хоти 46 омада: «Эй Маздо, яқин доред, ки пайравӣ аз майлу дастури Шуморо ба воситаи хирад ва андешаи нек баргузидаанд».

**НУЗДАҲУМ:** Дар анъанаи зардуштӣ макоми инсон хеле воло ва арҷманд аст. Хосатан инсони доно, порсо ва ростин. Дар хоти 48 омада: «Бояд аз таълимоти марди доно ва порсо пайравӣ кунед. Марде, ки бо Аҳуро шабоҳат дорад. Одамон барои нобуд кардани ҷабру ситам офарида шудаанд!».

**БИСТУМ:** Адабиёти оламшумули форсу тоҷик, ки саршор аз ақидаҳои инсонпарварӣ мебошад, шарҳу тафсири гуногуни ин ҳикмати Зардушт аст: «Андешаи нек, гуфтори нек, кирдори нек».

**Соли 1991.**

# ФИРДАВСӢ - ФАЙЛАСУФИ НОШИНОХТА

**Абулқосими Фирдавсӣ– нависандаи китоби машҳури “Шоҳнома”. (940–1020 мелодӣ)**



**Машав навмеду бо худ ошно бош,**
**Ки мардон пеш аз ин буданду ҳастанд.**

**(Иқбол)**

Воқеан, файласуф кист?

Илми таърихи фалсафа то имрӯз исбот намудааст ки:

**ЯКУМ:** Китоби бисёр таълиф намудан нишонаи файласуф будан нест.

**ДУЮМ:** Бисёрҳарфию бисёргӯӣ низ аломати файласуфӣ намебошад.

**СЕЮМ:** Унвонҳои профессорӣ ва доктори ҳам нишонаҳои асосӣ нестанд. Пас, файласуф кист?

Ҷавоби таҳқиқотҳои муосири фалсафӣ бар ин савол чунин аст:

Файласуф касе аст, ки зиндагии инсониро бо тарозуи ҳастӣ ва нестӣ андозагирӣ менамояд. Яъне бехатарии вуҷудӣ.

Файласуф шахсе ҳаст, ки ҳаёти одамиро аз нуктаи назари абадият мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Файласуф фарде мебошад, ки дар ҷустуҷӯи ҳалли муаммои зиндагӣ ва марги инсоният аст.

Ин се нукта моҳиятан як ҳадафро ифода мекунанд.

Яъне мавзӯи асосии фалсафа: Зиндагӣ ва марги инсон аст. Ба ин маънӣ ки таҳлил ва тафсири ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва коинот аз назари имрӯз мавзӯи фалсафа нестанд, ҳарчанд файласуф дар баҳсҳои худ аз баррасии ин мавзӯот бе ниёз нест.

Мо хулосаи баҳси худро дар мавзӯи «Абулқосим Фирдавсӣ - файласуфе ношинохта» дар ҳашт байти шеърӣ фароҳам овардаем.

Акнун бояд дид, ки шахсияти маънавии Фирдавсӣ то чӣ андоза бо ин ченаку меъёрҳои фалсафӣ мутобиқат дорад.

Байти якум:

**Бар хирад бедод рафту додро нашнохтанд,**
**Ҳамзабонон ҳикмати Устодро нашнохтанд.**

Маънии ин байт чунин аст, ки Устод Абулқосим Фирдавсӣ ҳаким ва файласуф буд, вале касоне, ки «Шоҳнома»-ро хонданд, фирефтаи зоҳири он шуда, ба моҳияти фалсафии он пай набурданд. Ба кадом далел?

- Ҳангоми таълифи «Шоҳнома» бо гувоҳии сарчашмаҳо баъзе аз муосирон бар Фирдавсӣ хурда мегирифтанд, ки гӯё «Устод умри азизро сарфи афсонабофӣ мекунад».

- «Шоҳнома» бар ақидаи муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Ҷавоншер ва Муҳаммад Каримӣ достони хирад аст, на ситоишномаи шоҳон. Ба ин маънӣ «Шоҳнома»-ро қисса ва афсона шуморидан дар шаъни хирад беадолатӣ ва бедодӣ мебошад.

Байти дуюм:

**Бахри инсон мезад ӯ бонги адолат дар ҷаҳон,**
**Ҳамдиёрон маънии фарёдро нашнохтанд.**

Дар муқаддимаи ин гузориш таъкид намудем, ки мавзӯи асосии фалсафа баҳс дар боби ҳаёт ва мамоти инсон аст. Фирдавсӣ низ сари ин мавзӯъ баҳс дорад. Маънии адолатхоҳӣ дар ин байт маҳдуд ба як фард нест, балки бо тамоми инсоният нигаронида шудааст.

Ҳамдиёрон мафҳуми адолатро дар маънои маҳдуди он-яъне адолати шоҳаншоҳӣ фаҳмиданду бас. Ҳол он ки адолат

дар фаҳмиши Абулқосим Фирдавсӣ як мақулаи (категорияи) асосии фалсафӣ буда, «аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал»-ро дар бар мегирад. Ба ақидаи муҳаққиқони муосир, қисмати асосии «Шоҳнома» дар атрофи мафҳуми адолат давр мезанад.

Мутаассифона, то имрӯз ҳамосаи умумибашарии Фирдавсиро чун «ҳамосаи миллӣ» қаламдод мекунанд. Зоҳиран «Шоҳнома» роҷеъ ба таърихи силсилаҳои шоҳони Эронзамин баҳс мекунад. Вале мавзӯъҳои Турон (Турку Чин), Рум (Византияву Юнон), Ҳомоварон (Сурияю Яман), аз муҳимтарин мавзӯъҳои ин асар мебошанд. Фирдавсӣ бар хилофи ҳамаи муаррихон ва достоннависони гузашта ва ҳозира аҳли оламро на ба шарқию ғарбӣ, ҷанубию шимолӣ, сомию ҳомию ориёӣ, балки аз як хонаводаи ягона медонад. Эрониён ва турониён аз як нажод ва бо ҳам бародаранд. Эрониён ворисони Эраҷ ва турониён ворисони Тур мебошанд. Туру Эраҷ ҳарду бародар ва падарашон Фаридун аст. Эронию румию юнонӣ ҳам бародаранд. Искандару Доро ҳарду фарзандони шоҳи Эрон…. мебошанд. Модари фарзандони Салму Туру Эраҷ араб буд.

Бояд дар ёд дошт, ки Фирдавсӣ дар асри Ибни Сино ва Берунӣ зиндагӣ дошт. Ин чунин маънӣ дорад, ки ӯ низ чун он ҳамасрони барӯманди худ дорои дониши доират-ул-маорифӣ (энсиклопедӣ) буд! Таъкиди мо бар ин аст, ки Фирдавсӣ медонист, ки Искандар фарзанди Филиппи Македонии юнонӣ аст, на писари Дороби Эрон! Ӯ медонист, ки шоҳи Яман духтароне бо номҳои Орзу, Озода ва Саҳӣ надошт! Ҳеҷ як мушовире пеш аз ислом бо номи Ҷандал (хурмо!) дар боргоҳи шоҳони Эрон хидмат накардааст! ва ғайра...

Мо мепурсем, ки чаро Фирдавсӣ дидаю дониста ин ҳақиқатҳои таърихиро таҳриф мекунад? Ё ба гуфти доктор Забеҳуллои Сафо, «Шоҳнома»-и мансурро ҳарф ба ҳарф ба назм меоварад! (Нигар ба китоби: «Ҳамосасаройӣ дар Эрон». Аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ. Таълифи доктор Забеҳуллои Сафо, Теҳрон 1324, саҳ. 183-196 ). Фарз кардем, ки чунин буд ва «Шоҳнома»-и мансур ин қабил мавзӯъҳоро дар бар дошт. Дар ин ҳолат вой бар ҳоли «Шоҳнома»-и мансур! Ва вой бар ҳоли Фирдавсӣ-муосири Ибни Сино ва Берунӣ, ки умри азизи худро барои ба назм

даровардани ин хазабулотҳои (ҳазаёноти) бе сару таҳ зоеъ намудааст!

Вале асли масъала ин тавр нест. Фирдавсӣ қаҳрамонони асотирию таърихии Эронзамин ва ҷаҳони он рӯзро чун шахсияти эҷодкор ба таври худ офаридааст. Ин аст, ки мо мегӯем: Фирдавсӣ файласуф аст. Вале файласуфи маъмулӣ ва оддӣ нест. Ӯ файласуфи таърих аст. Ба таърихи Эрон ва ҷаҳон бо чашми фалсафӣ нигаристааст, чуноне ки Ҳомер ба ҷаҳони Юнон нигариста буд. Мояи таассуф аст, ки то имрӯз дар боби арзиши фалсафии «Шоҳнома» асари мукаммале офарида нашудааст, чунон ки роҷеъ ба «Иллиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер баҳсҳои доманадоре вуҷуд дорад. Хеле ба ҷо буд агар устод Саид Нафисӣ ба ҷои тарҷумаи достонҳои Ҳомер ба таҳлил ва тафсири густурдаи «Шоҳнома» машғул мегардид! Ҳамвора барои ман муаммост, ки чаро бародарони эронии моро аз фалсафа бадашон меояд! Аз рӯи огоҳии ноқиси ман Қоҳира, Димишк, Бағдод ва Бейрут дар боби таҳқиқ ва нашри осори фалсафии исломӣ ва ҷаҳонӣ аз Теҳрон алалақал даҳ-понздаҳ сол пештар рафтаанд. Аз ин гузашта, дар ҷаҳони араби муосир файласуфҳое ҳастанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ андеша меронанд. Барои намуна: Абдураҳмони Бадавӣ, Анис Мансур, Мустафо Маҳмуд, Закариё Иброҳим ва ғайра. Шояд беэътиноии муҳаққиқони муосири Эрон нисбат ба илми фалсафа ва таҳқиқотҳои фалсафӣ бошад, ки то имрӯз «Шоҳнома» мавриди арзёбии фалсафӣ қарор нагирифтааст. Ҳомер ҷанги даҳсолаи юнониёнро бо аҳли Троя (Илион) дар мисоли нӯҳ (9) рӯз тасвир намуд. Ин маҳорати фалсафии Ҳомер буд, ки чунин ҳодисоти рангорангу мураккабро дар мисоли ин чанд рӯз ба риштаи назм кашид ва воқеан тавонист ҷавҳари асили ҳодисотро ошкор намояд, вале мо тоҷикон, афғонҳо ва эрониён то кунун ба умеди «муқаддимаи наву кӯҳнаи» «Шоҳнома» аз худ кӯшише ба харҷ намедиҳем, ки оё он муқаддимаҳо ба ҳадафҳои асил ва ниҳонии ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ созгор ҳастанд ё не! Ин шикоят нест, ин вазъи воқеии омӯзиши «Шоҳнома» дар кишварҳои мост. Аз гузоришоти симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори ҳазорумин соли сароиши «Шоҳнома», аз панҷум то ҳаштуми моҳи сентябри соли 1994 дар шаҳри Душанбе, мутаассифона,

ин ҳақиқати талх бар ҳамагон ошкор буд. Гузоришот буданд, вале баҳс набуд! Ин манзараи хеле ва хеле ҳузновар ва таассуфангез буд!

Байти саввум:

**Бар рухи бунёди зулмат офтобе пош дод,**
**Шабпарастон аз қазо бунёдро нашнохтанд.**

Дар истеъмоли таъбири «бунёди зулмат» ба як мисраи Мирзо Абдулқодири Бедил назар доштам, ки гуфтааст:

**«Кош бар бунёди мавҳуме намекардам назар»**

Аллома Абдулқодири Бедил асл ва моҳияти дунёро «бунёди мавҳум» номидааст, ки хеле андешаи дақиқ ва амиқ аст. Мо «бунёди зулмат» гуфтем, дар пайравӣ аз Бедил. Байти саввуми мо ин маънӣ медиҳад, ки «Ҳаким Фирдавсӣ бо хиради офтобии худ ин дунёи аз ҷаҳлу нодонӣ тираву торро равшанӣ афканд. Вале аҳли ин дунё, ки бо зулмату нодонӣ хӯ ва одат кардаанд, натавонистанд аз нури офтоби хирад баҳра бардоранд». Ба зулмат ва торикӣ одат карданро мо шабпарастӣ номидем.

Байти чаҳорум:

**Номаи шоҳон накӯҳишномаи бедодхост,**
**Нуктасанҷон рози ин бедодро нашнохтанд.**

Аксарияти мардумро ақида бар ин буда ва ҳаст, ки гӯё «Шоҳнома» иборат аз мадҳу ситоиши шоҳон аст. Вале аз таҳқиқ ва баррасиҳои ду муҳаққиқи фозили муосири Эрон, оқои Ҷавоншер («Ҳамосаи дод») ва оқои Муҳаммад Карамӣ («Ҳамосаи ҳамосаҳо»), бармеояд, ки қаҳрамонони асосии «Шоҳнома» паҳлавонони ватанпарасту хирадманде ҳастанд, ки зери шиори дод (адолат) ҳамвора машғули набард бар зидди зулму бедод будаанд.

Ба гуфтаи ин муҳаққиқон, аз панҷоҳу як шоҳи дар «Шоҳнома» зикр шуда, танҳо се (3) нафарашон афроди солим ва солеҳ буданду халос, дигар ҳама золиму фосиқ ва худкомаю бедод!

Байти панҷум:

**Аз шукӯҳу шавкату фарри ниёгон қисса дошт,**
**Ворисони нохалаф аҷдодро нашнохтанд…**

Мисраи якум фаҳмост. Ва дар мисраи дуввум бегонапарастии ворисони Ҷамшеду Фаридуну Дорову Рустаму Сиёвуш таъкид гардидааст, ки баъди шикасти сиёсӣ, динӣ ва фаҳангии Эронзамин аз ниёгони худ фосила гирифтанд ва бо бегонагон пайвастанд!

Байти шашум:

**«Он ки бо сеҳри сухан мулки Аҷамро зинда кард»,**
**Камназарҳо шеваи эҷодро нашнохтанд.**

Мисраи аввал моли шоири дигар аст, вале аслаш ҳамон мисраи машҳури ҳаким Фирдавсист, ки мегӯяд:

**«Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ»**

Дар мисраи дуввум хостам ин маъниро таъкид намоям, ки аксар (вале на ҳама!) моҳияти асолат, навоварӣ ва эҳёгарии шоирро дуруст пай набурда, бо нигоҳе зоҳирбинона мӯҳтавои «Шоҳнома»-ро арзёбӣ намуданд. Сухани ҳақ ин аст, ки «Шоҳнома» асари фалсафист, чунон ки пештар таъкид кардем ва Фирдавсӣ файласуфи асил аст. Ин ҳакими фарзона таърихи башарро аз нав офаридааст. Бо диду нигоҳи нав ки танҳо хоси худи ӯст! Ба таъбири дақиқтар, ӯ файласуфи таърих аст. Ва фалсафаи таърих илми чандон қадим нест. Аз ҷумлаи улуми муосир аст. Ҳамагӣ сад сол таърих дорад. Вале Фирдавсӣ ҳазор сол пеш бо басирати доҳиёнаи худ асосҳо ва қоидаҳои муҳимтарини ин илмро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Фирдавсиро барҳақ бояд дар радифи шахсиятҳое чун Освальд Шпенглер, Арнольд Тойнби ва Карл Ясперс гузошт. Он ҷо ки мегӯяд:

**«Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ»**, танҳо ҳадафаш забон нест.

Ҳадафи муҳимтаринаш фалсафаи «Шоҳнома» аст. Фалсафаи -«Шоҳнома» дар ҳақиқат як ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати ноби умумиинсонӣ ва умумиҷаҳонӣ аст. Рӯҳбаландии маънавии Фирдавсӣ маҳз аз эҳсоси ин маънӣ буд. Ӯ ба хотири

ин ҳадаф 35 соли умрро дар таълифи ин китоб сарф кард. Вагарна «сездаҳ раҳ сад ҳазор»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ порсӣ буданд!

Ин аст, ки ба ақидаи мо, дар тӯли таърихи ҳазорсола муҳаққиқони камназар ва зоҳирбин ба таври бояду шояд ба моҳияти «Шоҳнома» нарасида, дар боби арзёбӣ ва баҳодиҳӣ ба газофагӯй пардохтаанд.

«Шеваи эҷод» гуфта, мо навоварӣ, ибтикор ва асолати эҷодии ҳунариро дар назар дорем, ки хоси шахсияти маънавии Фирдавсӣ буд. Вале муҳаққиқони пешини «Шоҳнома» ин асолатро ташхис дода натавонистанд. Аз навтарин таҳқиқотҳои «Шоҳнома» чунин бармеояд, ки аз панҷ то даҳ ҳазор байт дар ин китоб то имрӯз саргардону овораанд! Ба ин маънӣ ки баъзе нусхаҳои «Шоҳнома» ҳамагӣ 46-52 ҳазор байт доранд. Худи шоир мегӯяд, ки «Шоҳнома»-и ман дорои шаст ҳазор байт аст. Нусхаҳое ҳам вуҷуд доранд, ки адади байтҳои онҳо ба 65 ва ҳафтод ҳазор байт мерасад! (Руҷӯъ шавад ба китоби «Ҳамосаи ҳамосаҳо», таълифи Муҳаммади Карамӣ, ҷилди аввал, саҳифаи 298, Интишороти Висман, Теҳрон, соли 1370//1992).

Аз назари илми таҳқиқи муосир ҷоиз нест, ки дар асоси нусхаи ноқис, машкук ва таҳрифшуда баҳси илмӣ анҷом дода шавад. Мисоли ҳамагонӣ ин ки то вақтҳои наздик достони «Юсуф ва Зулайхо»-и шоире бо номи Амониро ба Фирдавсӣ нисбат додаанд ва дар асоси ин ақидаи нодуруст фарзияҳои илмии (!) аз он нодурусттар ба вуҷуд омад. Ба ин маънӣ ки мусташриқи маъруфи олмонӣ Теодор Нёльдеке гуфт: «Фирдавсӣ дар айёми пирӣ аз муваффақияти «Шоҳнома»-и худ ноумед гардида, барои хушомад задан ба ислом ва мусулмонон достони сомӣ ва исломии «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба назм даровард!»

Ин аст, ки ба ақидаи мо то ин байтҳои саргардони «Шоҳнома» соҳибони худро пайдо накунанд ва ҳудудҳои чаҳор таҳрири «Шоҳнома» мушаххас нагардад, дар ҳоли ҳозир аз рӯи он берун овардани ақоиди фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, қавмӣ, нажодӣ, адабӣ ва ҳунарии Фирдавсӣ иҷтиҳоде ноқис ва бепоя хоҳад буд!

Байти ҳафтум:

**Аз ҷафои давр андар кунҷи танҳоӣ муқим,**
**Ҳамзамонон шоири озодро нашнохтанд.**

Ҳарду мисраъ аз боби мазмун возеҳ ва равшан аст.

Байти ҳаштум ва охирин:

**Алғараз дар олами маънӣ расуле тоза буд,**
**Лек ин пайғамбари навзодро нашнохтанд.**

Байти мақтаи шеърӣ одатан хулосаи шеър аст ва эҳтиёҷе ба шарҳу эзоҳ надорад. Вале сухани гуфтанӣ ин аст, ки сабабҳои ношинохта мондани Фирдавсӣ хеле амиқ аст..., умқе ба андозаи муаммо!

**ЯКУМ:** Ба ин сабаб, ки баъд аз Фидавсӣ фарҳанги форсӣ дар маънои динӣ, сиёсӣ ва миллӣ коҳиш ёфт ва наслҳои баъдина аслан ба моҳияти ин шоҳкори Фирдавсӣ намерасиданд.

**ДУЮМ:** Аксари муҳаққиқони гузашта ба «Шоҳнома» аз мавқеи нуфузи маънавиёти арабӣ ва назариёти сиёсии ғайри ориёӣ менигаристанд, ки ин вазъ бо худии худ мояи пайдоиши тасаввуроти таҳрифӣ мегардид;

**СЕЮМ:** Чунон ки решаи ҳамаи мазоҳиби фалсафӣ, илмӣ, динӣ, ҳунарӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии юнониёни қадим ба достонҳои ҳамосии (паҳлавонии) «Иллиада» ва «Одисея»-и Ҳомер мерасид, пояи ҳамаи маънавиёти шеърии адабиёти бузурги Эронро «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ташкил медиҳад. Бо ин фарқ, ки юнониён ин маъниро ошкоро эътироф мекарданд, вале эътирофи эрониён дар нисбати «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эътирофи зимнӣ (нохудогоҳ) буд, на ошкору ҳувайдо! Чаро ин тавр шуд?

**ЧАҲОРУМ:** Ба ин савол ҷавоби ман ҷавоби устурист. Ба ин маънӣ ки эрониёни қадим ба ривояти устурӣ ҳамагӣ ҳаводори фалсафа буданд ва кори шеъру шоириро барои хеш шуғле нописанд меҳисобиданд!

Шоҳе аз шоҳони Эронӣ (Баҳром) завқи шоирӣ дошта, вале аз тарси бадномӣ шоирии худро пинҳон медоштааст! Оқибат ин розро бо вазири худ дар миён гузошт ва вазир ӯро чунон машварат дод, ки девони худро тадвин намояд, вале бо номи мустаор! Ин ривоят, афсона ва устура аст! Вале ман ба ҳақиқати он бовар дорам! Ва ҳатто чунон мепиндорам, ки

сабаби аз ривоҷ афтодани кори шеъру шоирӣ дар Эрони пеш аз ислом маҳз ҳамин ақида будааст. Вале чаро пас аз ислом дар миллати мо шеъру шоирӣ инкишоф ёфт? Намедонам. Вале равонковонро ақида бар ин аст, ки дар чунин ҳолатҳо (шикасти Эрон ва ғалабаи араб) мағлубшудагон бо муболиғоти лафзӣ ва хаёлӣ мехоҳанд, ки азамату бузургии воқеии аз даст рафтаи худро бо ин худфиребиҳо ҷуброн намоянд!

**ПАНҶУМ:** Фирдавсӣ мехост моро аз нав ба олами фалсафа раҳнамоӣ кунад. (Аммо на ба олами фалсафаи бегонапарасти машшоӣ ва каломии замони хеш!) Вале натиҷаи кор баръакси чашмдошт шуд. Ба ин маънӣ, ки муосирон ва ворисони баъдинаи ӯ ба моҳияти кори ӯ нарасиданд. «Шоҳнома»-ро достон, ривоят, ҳикоят, қисса, ситоиши шоҳон, тавсифи паҳлавонон ва ғайра шумориданд.

Вале чизи аз ҳама ғарибашро илми равоншиносии муосир ба мо тавзеҳ медиҳад. Дар илми забономӯзӣ собит шудааст, ки такрори бардавоми ҳамон як калима ва ё иборат, ҳатто бидуни ҳадафу қасди муайяне он иборатро дар зеҳни шунаванда ворид мекунад...

Ҳамин тавр, хонандагони «Шоҳнома» дар тӯли таърих қасд надоштанд, ки аз он китоб илми шеъру шоирӣ биомӯзанд. Вале ба ҳукми машғулият ва мутолиаи бардавом бо достонҳои ширин ва дилангези ин ҳамосаи ҷаҳонӣ (ба мисли забономӯзони асри бист) он вазну қолабҳо, иборату ташбеҳот ва дигар саноеи бадеӣ дар зеҳни онҳо ба таври бебозгашт нақш мебастанд! Натиҷа: Шеър ҳамаи Эрон ва эрониёнро сироят намуд!!! Ҳатто имрӯз ҳам аз ин вабо наҷот наёфтаем!

**ШАШУМ:** Ба таъбири доктор Алии Шариатӣ, «бозгашт ба сӯи хештан» барои мо тоҷикон, афғонҳо ва эрониён дар асри ҳозир аз он иборат хоҳад буд, ки аз олами хаёлоти шоирона берун оем ва ба ҷаҳони андешаҳои ҷиддӣ ва амиқи фалсафӣ бипайвандем. Чаро? Барои он ки суннат ва асолати миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии гузаштаи мо сад дар сад фалсафӣ будааст! Ман ба ин ваҳӣ ва илҳоми устураи бостонӣ бовар дорам. Зеро устура равшантарин инъикос ва бозтоби ормонии ин ё он қавм мебошад.

**Соли 1995**

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ҶАҲОНИ ИМРӮЗАИ АРАБ

**Ибни Сино муаллифи китобҳои “Ал–Қонун” дар тиб ва “Шифо” дар фалсафа. (980 - 1037)**



**Ҳикмати Синову ҷоми Ҳофизу Хайём ҳам,**
**Баҳри таскини дили мо ҷуз тасалло беш нест!**

Ошноии чандинсола бо адабиёти илмӣ ва адабии муосири араб, ки баъди мусофират ва кор дар Республикаи Мисри Араб, Республикаи Ямани Араб ва Республикаи Халқӣ Демократии Яман ба муаллифи ин сатрҳо даст дода буд, сабабгори ин чанд мулоҳизаи мухтасар роҷеъ ба шӯҳрати Абӯалии Сино дар ҷаҳони имрӯзаи араб гардид.

Мардуми имрӯзаи араб Абӯалии Синоро асосан ба сифати файласуф мешиносанд. Чунончи, Қадрӣ Ҳофиз Тӯқон дар «Мероси илмии араб дар соҳаи риёзиёт ва фалак» (Димишқ, 1954) ном асараш навиштааст: «Ибни Сино, ба гуфтаи муаррихи илм Ҷ.Сартон, бузургтарин ва машҳуртарин олими ҷаҳон аст... Баъзе аврупоиён ба Сино лақабҳои «Арастуи ислом» ва «Буқроти ислом»-ро додаанд... Сино аз ҷумлаи шахсиятҳое буд, ки бо асри худ аз наздик шинос шуд ва натиҷаи ин шиносоист, ки рӯҳи замон дар эҷодиёти ӯ нақши худро гузошт... Ақл барои Сино як мабдаи (сарчашмаи) муқаддас ба шумор мерафт, зеро ба ақидаи ӯ ақл баландтарин

қувваи нафсии инсоният буда, оромиш ва сукунро намепазирад. Сино аз ақидаҳои Афлотун ва Арасту он чиро, ки ба мизоҷи шахсии хеш муносиб ва маъқул ёфт, қабул намуд ва он чиро, ки хилофи ақидаи шахсии худ дид, рад кад... Сино гуфтааст: «Файласуфҳо ҳам ба мисли одамони дигар саҳву хатоҳо доранд. Намешавад онҳоро аз хато ва иштибоҳ бенасиб гумон кард». Ин аз қабили он эътирофҳои нодир ва камёфтест, ки пешгузаштагони Сино ва олимони баъди ӯ ҷуръати баёнашро надоштанд. Сино бо ҷуръати мардона ин ҳақиқатро эътироф кард... Ҳамин ҷуръати Сино далели истиқлоли шахсӣ ва маънавии ӯст, ки мехоҳад рӯҳи инсонро аз вобастагиҳо ва тобеият озод намояд... »

Ибни Сино танзимкунанда ва ба тартиботварандаи фалсафа ва илм дар ислом аст... Ӯ ба навиштаҳои Арасту иловаҳо намуд. Системаи фалсафии Арастуро пурратар, доирааашро васеътар ва силсилабандии онро устувортар кард. Мусаннифи аврупоӣ Де Бур таъсири Синоро дар асрҳои миёнаи масеҳӣ баробари таъсири Арасту медонад... Ба эътирофи Ҷ.Сартон, «фикри Сино идеали олии фалсафа дар асрҳои миёна ба шумор меравад...» Акнун мулоҳиза фармоед, ки Сино бо чӣ рӯҳе озодипараст ва истиқлолталаб ба мероси гузаштагон муносибат кардааст. Ӯ навиштааст: «Бас аст навиштани шарҳу эзоҳот ба осори донишмандони гузашта, акнун вақти он расидааст, ки мо фалсафаи шахсии худро ба вуҷуд оварем» (саҳ 290).

Муаллифи китоби «Чанд файласуфе аз Шарқ ва Ғарб» (Бейрут, 1968) Мустафо Ғолиб доир ба Ибни Сино навиштааст: «Ҳар як муаррихе, ки барои навиштани тарҷумаи ҳоли Ибни Сино қалам ба даст мегирад, қатъи назар аз қувваи таъбир ва матонати услуб, хоҳу нохоҳ дар назди ии нобиғаи ҷаҳонишумул сари таъзим хам мекунад.

Дар асре, ки баҳсҳои назарӣ, мазҳабҳои фалсафӣ ва мактабҳои ҳикмат ва тасаввуф ҳама ҷо доман густурда буданд, нури ҷовидонии ин нобиғаи бемислу монанд саросари оламро фаро гирифт. Ин нури сармадӣ (ҷовидонӣ) роҳи олимон ва файласуфони Шарқу Ғарбро равшан намуд. Таърихи башарият бо ҳамаи илмҳо, фалсафаҳо ва бузургиҳои

ояндаи худ ҳам номи ҷовидонии Ибни Синоро дар саҳифаҳои дурахшони худ таҷассум хоҳад кард» (саҳ 59).

Муҳаққиқи дигари муосир Тайиб Тайзинӣ дар китоби «Фалсафаи асримиёнагии араб аз дидгоҳи нав» (Димишқ, 1971) доир 6а Ибни Сино чунин навиштааст: «Ибни Сино яке аз шахсиятҳои намоёни таърихи афкори асримиёнагии араб ба шумор меояд, ки дар шахсияти худ олими барҷаста ва сиёсатмадори моҳирро таҷаллӣ додааст. Аз тарҷумаи ҳолаш пайдост, ки нерӯи халлоқаи ӯ ҳама гуна мушкилиҳои илмиро бартараф мекард. Ба назари мо чунин менамояд, ки Ибни Сино ба мисли Фаусти олмонӣ бо шӯру шавқи азиме майли он дошт, ки ҳама чизро дар олам фаро гирад» (саҳ. 309).

Муҳаққиқи дигар Ҳусайн Мурувва дар асари «Тамоюлоти материалистӣ дар фалсафаи исломии араб» (Бейрут, 1979) роҷеъ ба шахсияти маънавии Абӯалии Сино гуфтааст: «Файласуф ҳам ба мисли санъаткор истиқлоли шахсӣ дорад. Албатта, ин истиқлоли шахсӣ маъное надорад, ки онҳо аз ҳудуди муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии замони худ тамоман берун рафта бошанд. Ҳаргиз ин тавр нест. Бо вуҷуди ин чунин ба назар мерасад, ки гӯё Ибни Сино то андозае аз ин қоида истисно бошад» (саҳ. 555).

Дар олами фалсафа махсусан таълимоти фалсафии Абӯалии Сино аз бисёр ҷиҳат тадқиқ шудааст. Дар ин бора асарҳои Аҳмад Фуод Ал-Аҳвонӣ, Аббос Маҳмуд Ал-Аққод, Муҳаммад Козим Турайҳӣ, Фуод Саид, Ҷамил Салибо, Ҳусейн Алӣ Аъзамӣ, Муҳаммад Мустафо Ҳилмӣ, Шаҳота Қанавотӣ, Муҳаммад Юсуф Мӯсо, Муҳаммад Усмон Наҷотӣ, Ҳамуда Ғароба ва Тайсир Шайх-ул-Арз далолат мекунанд.

Барои намуна ва мисол аз муаллифи китоби «Муқаддима доир ба фалсафаи Ибни Сино» Тайсир иқтибос меорем. Ин китоб иборат аз 520 саҳифа буда, соли 1967 дар Бейрут ба табъ расидааст.

Тайсир гуфтааст: «Ман аввалин касе ҳастам, ки дар ҷаҳони араб доир ба фалсафаи Ибни Сино таҳқиқоти нав бурдаам. Агар пурсанд, ки он таҳқиқоти нав чӣ гуна аст, вай ҷавоб медиҳад: Таҳқиқотест, ки дар он масъалаҳои ҳалталаби зиндагии Ибни Сино дар ҳамбастагӣ бо таҳлили шахсияти вай ҳамчун фарди муайяни таърихӣ мавриди баҳсу андеша қарор

доранд. Аз ҷумла масъалаҳои зерини тарҷумаи ҳоли Сино мавриди муҳокима қарор гирифтаанд:

Оё рост аст, ки Ибни Сино китобхонаи султон Нӯҳ ибни Мансурро оташ зада буд ё ки ин нисбат дар ҳаққи вай туҳмат ва буҳтон аст? Вақте ки назди амир Қобус рафт, чӣ мақсад ва ё хоҳише дар дил дошт? Бо кадом сабаб сарбозони Шамсуддавла ба муқобили вай шӯридаанд? Чаро Ибни Сино ба фитнагариҳои сиёсӣ машғул мешуд? Яъне чаро бо ёрии Алоуддавла ба муқобили амирони Ғазна бархост? Оё дар ҳақиқат Ибни Сино зиндиқ буд ва ё ин ки қасдан хост, ки Алоуддавларо ба тӯҳмати зиндиқӣ гирифтор кунад? Оё дуруст аст, ки Ибни Сино дар синни камтар аз бист дар ҳамаи илмҳои замони худ дастболо шуда буд?» (саҳ. 8).

Тайсир ба ин саволҳо аз шахсияти маънавии Ибни Сино ҷавобҳо ҷуста, фактҳои мувофиқро асоснок мекунад ва ривоятҳои мухолифро рад менамояд.

Ӯ доир ба шахсияти Сино суханашро давом дода навиштааст: «Лақаби «Ар-раис» лақаби сиёсии Ибни Сино мебошад, зеро ӯ муддатҳо машғули корҳои сиёсӣ буд ва вазирӣ ҳам чанд боре насибаш шуда буд... Лақаби «Шайх» ба он далолат мекунад, ки ихтисоси аслии ӯ илм ва фалсафа будааст» (саҳ. 73).

...Саволи ман ин аст, ки оё аз ростӣ Ибни Сино китоби «Мовaруттабиа»-и Арастуро чиҳил мартаба хондааст, вале мақсади онро нафаҳмидааст? Ман дар ростии ин гуфтаи Сино ба таври ҷиддӣ шубҳа дорам. Аз тарафи дигар оё рост аст, ки Сино мегӯяд: «Он чи ҳозир медонам, он аст, ки он вақт медонистам ва чизи наве ба дониши ман илова нашудааст» («Уюн-ул-анбо», ҷилди 2, саҳ. 3). Оё чунин шуданаш мумкин аст? Ман ба ин эътирофи Сино то андозае шубҳа мекунам...» (81).

«Ибни Сино эҳтимол аз касалии саръ ва қуланҷ (апендицит) худро табобат карда метавонист, вале ғуломони турк ба ӯ хиёнат карданд. Дар доруҳои ӯ пинҳонӣ миқдори зиёде афъюн омехтаанд. Ва ин сабаби марги ӯ гардид... Таҳқиқоти муосири тиббию психологӣ ба он далолат мекунанд, ки ҳолатҳои асабият сабаби он шудаанд, ки Ибни Сино ба касалии қуланҷ гирифтор гардад ва аз он ба ҳалокат

расад...» (саҳ. 102-103). Хуллас, ҳар як муҳаққиқ мувофиқи завқ ва муставои маънавии хеш хостааст, ки назари худро доир ба шахсияти Ибни Сино баён кунад...

Мақсад аз ин чанд мулоҳиза фароҳам овардани намунаҳои зарурӣ барои хотирнишон кардани мақоми Ибни Сино дар ҷаҳони имрӯзаи араб буд. Тамоми илми муосири араб бо номи Сино пайвастагие дорад. Мақоми Синоро дар олами муосири араб муайян кардан, маънои онро дорад, ки мақоми илму ҳикмати араб дар тамаддуни инсонӣ мавриди баҳсу андеша қарор дода мешавад.

Муҳаққиқони муосири араб нисбат ба фарзанди бузурги халқи мо Абӯалии Сино қадрдонӣ зоҳир намуда, дар тарғиби осори ин алломаи Машриқзамин саҳм мегузоранд. Насли навраси араб Ибни Синоро дар китобҳои дарсии худ ба сифати яке аз шахсиятҳои барҷастаи илму ҳикмати исломӣ ва инсонӣ меомӯзанд. Дар мамлакатҳои имрӯзаи араб бисёр ҷойҳо ба номи Ибни Сино гузошта шудааст. Рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ҳама гуна нашрияҳои даврӣ доир ба Ибни Сино маълумотҳо чоп мекунанд. Ибни Сино барои онҳо мавзӯи доимист. Ҳатто бе ҳеҷ муносибат ҳам бисёре аз маҷаллаҳои олами имрӯзаи араб суратҳои хаёлии Ибни Синоро дар саҳифаҳои аввали худ чоп намуда, бо ин роҳ эътибор ва маъруфияти маҷаллаи худро нигоҳ доштанӣ мешаванд.

Шӯҳрат ва маъруфияти Ибни Сино дар ҷаҳони имрӯзаи араб тасодуфӣ нест. Халқи араб табиатан мардуми фалсафимашраб аст, зеро асосҳои этникию таърихии фикри онҳоро озодии мутлақи бодия, саҳрои бепоён, осмони соф ва офтоби тобони нимҷазираи Арабистон ташкил додааст. Фалсафа ҳам илми озодипараст аст: озодӣ аз марг, аз хурофот, аз зулм, аз ғуломии моддӣ ва маънавӣ. Барои ҳамин ҳам мардуми имрӯзаи араб Ибни Синои файласуфро дӯст медоранд, ва эҳтиром мекунанд. Ибни Сино дар давраи ҳаёти худ ҳарчанд ба ягон давлати араб сафар накарда буд, боз ҳам илму адаб ва забони онҳоро дӯст дошту аз худ кард ва ба ин забон аксари асарҳои худро таълиф намуд. Мардуми араб зарбулмасале доранд: **«Ҳар кас ки забони қавмеро аз худ кард, ба он қавм мансуб мешавад».** Барои ҳамин ҳам мардуми имрӯзаи араб Синоро шахси худӣ меҳисобанд.

Бузургдошти Ибни Сино дар ҷаҳони муосири араб ҷанбаҳои фалсафии худро низ дорад, зеро тамоили умумии фикри муосири араб давомдиҳандагони кори худро пайдо кардааст. Барои исботи фикр маълум бошад, ки илмҳои пешазисломии араб иборат аз илми дин, илми насаб ва илми таъриханд. Муҳаққиқи муосир метавонад барои муқоиса хотирнишон кунад, ки дар ҷаҳони имрӯзаи араб доир ба таърих ҳамчун илм ва доир ба фалсафа чи миқдор китобҳое навишта шудаанд. Он гоҳ маълум хоҳад шуд, ки таҳқиқоти таърихӣ дар нисбати таҳқиқоти фалсафӣ хеле ночиз аст.

Фалсафаи муосири араб дар симои Аббос Маҳмуд Ал-Аққод, Таҳо Ҳусейн, Тавфиқ Ал Ҳаким, Абдураҳмон Бадавӣ, Закариё Иброҳим, Аҳмад Амин, Алӣ Сомӣ Ан-Нашшор, Муҳаммад Алӣ Абу Риён, Умар Фаррух, Ҳусейн Мурувва, Иброҳим Мадкур ва дигарон давомдиҳандагони кори Ибни Синоро дорад.

Мардуми араб низ барои озодӣ мубориза мебаранд. Фалсафа ва шахсияти Сино фалсафаи озодӣ ва истиқлолият аст. Ҷидду ҷаҳд дар бузургдошти фалсафа ва шахсияти Ибни Сино ҷидду ҷаҳдест дар роҳи озодии моддӣ ва маънавии мардуми имрӯзаи араб.

**Соли 1986**

# ФИДОКОРИҲОИ НОСИРИ ХУСРАВ.




**Носири Хусрав –шоири миллӣ ва мазҳабӣ. (1004–1088)**

**Носири дунёи маънӣ, Хусрави озодагон,**
**Дар замири рӯзгорон инқилобе будаӣ!**

Олами шеъри Носири Хусрав рангин аст ва номи ӯ тӯли қарнҳои зиёд дар байни аҳли илму адаб ба сифати як шоири ҳаким вирди забонҳо шудааст.

Ин ҷо як нукта таваҷҷӯҳангез аст. Марди пешвои як фирқаи динии маҳдуд буда, чӣ тавр метавонад шахсияти ҷаҳонӣ дошта бошад? Ҷавоб ин аст, ки ташхис ва табобати ҷамъияти дардманди он рӯзгор ба ӯҳдаи ҳамин фирқаи маҳдуд ва ҳаллу фасли ин масъулияти бузург ба дӯши пайравони Носири Хусрав ҳавола шуда буд.

Дар он замони мураккаб фирқаҳои динию сиёсии дигаре, аз қабили шиа, имомия, ботиния, қарматия, исмоилия, мӯътазила ва ғайра, қатъи назар аз баъзе ихтилофҳои зоҳирӣ, аз ҷиҳати моҳият ба фирқаи Носири Хусрав наздик буданд. Бидуни муболиға фирқаи носирия мағзи ҳамаи гурӯҳҳои мухолифи зидди хилофати аббосӣ, ҳокимияти салҷуқӣ ва ғазнавиро ташкил медод.

Табиист, ки ин шахсияти бузург ва файласуфи сиёсӣ то синни 43-солагӣ дар дарбори ғазнавиён ва салчуқиён дорои ному нишон буда ва агар мехост, то охири умр бо фароғат зиндагиашро давом медод. Вале замири нохудогоҳи ӯ, ки дар синни 43-солагӣ аз худ огоҳӣ ёфта буд, Носирро маҷоли зистан бар шеваи пешина надод. Пурсида мешавад, ки: Чаро? Эзоҳ ин аст, ки Носир ҳангоми дар вазифаи раиси хазина кор карданаш (ки ин муддати нисбатан дарозеро дар бар гирифта буд) вақти холӣ ёфта, мутолиаи осори файласуфони Юнони қадим, фалсафаи ислом, таърихи фирқаҳои исломӣ ва ғайри исломӣ, тиб, нуҷум, ҳисоб, мусиқа, шеъру адаб ва ғайра машғул шуда, бо мурури замон дар рӯҳияи ӯ таҳаввуле ҷавҳарӣ ҳувайдо мегардад. Шарҳу таҳлили масъала аз ин иборат аст, ки мутолиаҳои амиқ ва бардавоми Носир ақидаи пешинаи Ӯро, ки бар мазҳаби суннӣ будааст, беэътибор карда, ӯро ба сӯи мазҳаби дигар во доштааст. Вале ин зоҳири масъала аст ва дар ҳаёти бисёр касон рӯй дода буд. Носир метавонист ба ҳамон оромӣ ба равияи файласуфҳо, мутакаллимон, мӯътазила, машшоиён, аҳли тасаввуф ва хулоса ба кадом фирқае, ки мехост, бипайвандад. Зеро асри Носир асри изтироботи мазҳабӣ, асри шак, асри Абулалои Мааррӣ ва Умари Хайём буд.

Носири Хусрав гузариши мазҳабии худро дар ҳудуди расму оинҳои маъмули динӣ маҳдуд накарда, ба муқобили сохти мавҷудаи ҳокимияти динӣ ва дунявӣ ҷанги беамон эълон намуд.

Ин иқдоми ҳакими бузург доираи фаъолияти ӯро ҳамчун шахс аз ҳудуди дин ва фалсафа берун бурда, сарнавишти минбаъдаи ӯро ба олами пурпечутоби сиёсат ҳавола кардааст.

Ин аст ки Носири Хусрав дар таърихи фикри фалсафии мардуми тоҷик аввалин файласуфи сиёсии бебадал ба шумор меояд, ки ин ихтисос барои асрҳои миёнаи давлатҳои мусулмон хеле нодир аст.

Носири Хусрав баъди сафари машҳури ҳафтсолаи худ (1048-1055) мазҳаби сунниро бо исмоилӣ иваз намуда, бо як шӯру шавқи фавқулода барои тарғиби мазҳаби наваш фидокориҳо ва бурдбориҳо намуд. Вале ба назари мо чизи

ҷолиб бояд ҷавоби ин савол бошад, ки чаро Носири Хусрав ҳамчун файласуф, ҳаким, шоир, табиб, риёзидон, ягон мазҳаберо аз инҳо интихоб накарда, ҳаёти иҷтимоӣ ва фикрии минбаъдаи худро маҳз ба тарғиб ва ташвиқи фирқаи исмоилӣ бахшид? Чаро Носир дину фалсафаро василае барои сиёсат қарор додааст?

Дар давраи Носир ҳаёти сиёсии империяи исломӣ ба ҳолате дучор гардида буд, ки сарнавишти ояндаи дину мазҳаб ва ҳикмату фалсафаи ин ё он минтақа ба ҳалли сиёсии тамоми империя ва ё худ хилофоти исломӣ алоқаи ногусастанӣ пайдо карда буд. Носири Хусрав ҳам равнақи дину фалсафаро дар истиқрори давлати мутамаркази умумиисломие медид, ки пешвоёни ин давлат аз авлоди асосгузори дини ислом - яъне Муҳаммад бошанд. Чунин давлат ва чунин пешворо Носири Хусрав дар мисоли давлати Фотимиёни Миср ва халифаҳои он тасаввур мекард. Ба гумони ӯ, он гоҳ илму фарҳанг, дину ҳикмат низ равнақу ривоҷи сазовор пайдо менамуданд. Ин буд, ки Носир ислоҳи сиёсатро сабабгори асосии ислоҳи соҳаҳои дигари ҳаёти маънавӣ ҳисоб менамуд. Ба ҳамин сабаб аз дину фалсафаи маъмулии он замон сарфи назар намуда, ихтисоси сиёсатмадори динӣ ва файласуфи сиёсиро ба худ муносиб донист. Ва чунин ихтисосро дар зиндагии амалии худ татбиқ намуд. Ҳоло бубинем, ки вазъи сиёсии даври Носир чӣ гуна буд, ки ӯро ба ин орзуҳо кашонидааст?

**ЯКУМ:** Ҳокимияти динӣ ва дунявии он замон бо номи хилофати аббосиён, ки пойтахти он шаҳри Бағдод буд, амалан иқтидори худро гум карда, дар дасти амирон ва султонҳои дохили хилофат ба бозичаи бе ҷисму ҷоне мубаддал гардида буд.

**ДУЮМ:** Минтақаи Эрон ва Хуросон, яъне зодгоҳи Носири Хусрав аз тарафи бодиянишинони салчуқӣ ва ғазнавӣ ишғол карда шуда буданд. Ҳокимияти Сомониён, ки Носир бо таърихи давлатдорӣ ва фарҳангии он меболид, аз дасти ин бодиянишинон сарнагун шуда буд. Носири Хусрав мегӯяд:

**Номаи шоҳони Аҷам пеш хоҳ,**
**Якраҳу бар худ ба тааммул бихон.**

**СЕЮМ:** Дар Миср, ки яке аз давлатҳои тавонои онрӯзаи мусулмонӣ буд, ҳокимият ба дасти халифаҳои Фотимӣ афтода, дар замони Носири Хусрав халифаи ҳаштуми ин силсила бо номи Ал-Мустансир Биллоҳ (1035-1094) ҳукмронӣ мекард. Хулафои Фотимӣ ҳокимияти марказии империяи исломӣ, яъне хилофати аббосӣ ва ҳукмронии бодияшинони суннимазҳабӣ ғазнавӣ ва салчуқиро низ боэътибор медонистанд.

Бо он ки насабномаи онҳо то ба духтари пайғамбар, яъне Фотима мерасид, бо худ меболиданд ва ҳокимияти худро дар он рӯзгор ягонаю шаръӣ ҳисоб мекарданд. Дар ин замина нақшаҳои ҷаҳонгирӣ ва кишваркушой тартиб дода, пеш аз ҳуҷуми амалӣ ба Бағдоду Хуросон, ҳуҷуми идеявии худро дар шакли фиристодани доиёни исмоилӣ ба гӯшаю канори олами исломӣ шурӯъ намуданд: Носири Хусрав яке аз он таблиғгарони хулафои Фотимӣ гардид ва баъдҳо ба мартабаи «ҳуҷҷат» ҳам расид. Вале бояд пурсид, ки чаро Носири Хусрав аз хилофати аббосии Бағдоду султонҳои салҷуқии Хуросон пуштибонӣ накарда, ба ёрии хулафои Фотимии Миср шитофтааст?

**ЯКУМ:** Носири Хусрав хилофати аббосии Бағдодро нафрин мекард. Зеро ба ақидаи мутафаккир хилофати Аббосиён ғайри шаръӣ буд. Ғайри шаръӣ будани ҳукм барои асрҳои миёна албатта масъалаи ҷузъӣ нест. Ин ҷо ба фикри Носир ду омили таърихӣ таъсир кардааст. Яке, ашрофпарастии эронӣ, ки дар империяи Сосониён (242-651) ба авҷи аъло расида буд. Дигаре, пуштибонӣ аз ҳамин ақидаи миллии худ дар мисоли миллати араб, яъне қабилапарастист, ки дар хонадони Муҳаммад зоҳир мегардад. Дар ҳамин масъала хилофи ҷавҳарии байни мазҳаби шиа бо мазҳабҳои ғайри шиа сар мешавад. Миллатпарастӣ ва миллатситезӣ.

**ДУВВУМ:** Дар асоси он ки Носири Хусрав хилофати аббосиро инкор мекунад, ҳокимияти султонҳои салчуқӣ ва ғазнавиро низ ғайри шаръӣ ва роҳзанона ҳисоб менамояд.

**САВВУМ:** Ба назари Носири Хусрав ягона давлате, ки дар он рӯзгор сазовори пешвои мусулмонон бошад, давлати Фотимиёни Миср буд. Зеро халифаҳои фотимӣ аз авлоди Муҳаммад буда, аз ин ҷиҳат ба ақидаи мазҳабии Носири

Хусрав муносиб буданд. Дар ин замина ӯ мекӯшид, ки хилофати Фотимиёнро илман ва амалан пуштибонӣ намуда, ба ин васила амали ба сари хилофати Бағдод омадани онҳоро тезонад. Бо як олам шӯру шавқ халифаи Фотимӣ - Мустансирро мухотаб қарор дода, менависад, ки чаро ӯ забт кардани Бағдодро ба таъхир мегузорад?

Аз хилофати аббосӣ дида салотини салчуқию ғазнавӣ бештар мояи кинаву ғазаби Носири Хусрав қарор мегирад.

Носир ин султонҳои нохондаро дар китоби «Ваҷҳи дин - мояи ҷаҳлу бадгавҳарӣ» (саҳ. 26) ҳисобида, дар «Девон»-аш мегӯяд, ки:

**Наботи пурбало ғуз асту қипчоқ,**
**Ки рустастанд бар атрофи Ҷайҳун.**

Акнун ба ин натиҷа расидем, ки Носири Хусрав мехоҳад бо фаъолияти сиёсӣ ва адабии худ халифаи Фотимии Миср - Мустансирро барангезад ва ӯро ба муқобили хилофати аббосӣ ва султонҳои ғазнавию салчуқӣ равона кунад. Зоҳиран тантанаи хилофати Фотимӣ дар империяи исломии онрӯза идеяи сиёсии Носири Хусрав будааст.

Мурод аз таълифи осори назмӣ ва насриаш ин аст: Ҳукумати мутамарказ барои оромии Хуросон аз ҳама чизи зарурист. Далелаш ин буд, ки дар давраи устувор будани хилофати аббосӣ сокинони Эрону Хуросон аз оромӣ ва ободӣ бархурдор буданд. Дар натиҷа ҳокимияти мустақили миллӣ дар симои Сомониён дар ин минтақа ба вуҷуд омад ва пирӯз шуд. Вале шикасти ҳукумати мутамарказ сабаби он шуд, ки дар гӯшаю канорҳои империяи исломӣ султонҳо ва амирони нохонда ва бе ному насаб (аз қабили салчуқӣ ва ғазнавиҳо) ҳукуматҳои шаръӣ ва аслиро забт карданд. Мантиқи фикри Носир ба ин меоварад, ки агар давлати шаръӣ (ки ба ақидаи Носир хилофати Фотимиён аст) дар ҳама ҷо ҳукмрон гардад, боз аз нав барои мардумони Эрону Хуросон имконияте фароҳам меояд, то ин ки мисли пештара давлати мустақил ва миллии худро ташкил диҳанд. Инак, мутафаккири равшанзамир аз гузаштаи пурифтихори шоҳони Аҷам бо ҳисси ифтихор ёд мекунад, вале идеали сиёсии ояндаи

ӯ давлате, аз қабили давлати Сомониён, ки асосашро мазҳаби исмоилия ташкил диҳад, иборат буд.

Саволе ба миён меояд, ки Носири Хусрав ҳамчун файласуфи сиёсӣ нисбат ба фаъолиятҳои пайравони дини аҷдоди худ - зардуштиён чӣ назаре дошт? Яқинан, ӯ зардуштиёни замони худро дар масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии рӯзгор ба кундӣ ва карахтӣ айбдор намуда, ба онҳо ба тамасхур хитоб мекунад:

**Эй хонда китоби Занду Позанд!**
**З-ин хондани Занд то каю чанд?/**
**Лаб пур зи фузулу Занд бар лаб,**
**Зардушт чунин навишта дар Занд??**

Метавон пурсид, ки чӣ тавр марде, ки тақдири ватани худро ба дасти бегонагон (Фотимиён) супориданӣ аст, онро ватанпараст номид? Савол ба таври умумӣ дуруст ва мантиқист. Далелҳои таърихӣ зиёданд. Ба илова мардуми ба ин микдори кам амалан наметавонистанд дар муқобили ҳуҷуми моддӣ ва маънавии бодиянишинони арабӣ, салҷуқӣ ва ғазнавӣ муддати дуру дароз истиқлолияти сиёсии худро нигоҳ доранд.

Маҳз тақозои ҳамин мантиқи воқеияти таърихии рӯзгор буд, ки Носири Хусрав шоир, файласуф, табиб ва риёзидон ихтисосҳои дӯстдоштаи худро тарк накарда, шартан хештанро дар нақшаи файласуфи сиёсӣ вориди маърака гардонид. Ин корро танҳо марде метавонист, ки ба моҳияти аслии шеъру ҳикмат, тибу риёзиёт, дину фалсафа расида бошад.

Фидокориҳои илмӣ ва амалии ӯ барои хушбахтии инсон ва инсоният номи ӯро дар оламӣ тамаддун ба сифати яке аз шахсиятҳои ҷаҳонӣ сабт кард.

**Эй ки сайри корвонеро шитобе будаӣ,**
**Маҳфилу базми хамӯшонро хитобе будаӣ.**
**Метаровад ҳарфи огоҳӣ зи лабҳоят мудом,**
**Пешвойи ростини шайху шобе будаӣ,**
**Хирасарҳои замона аз ту доим дар ҳарос,**

З-он ки дар изҳори ҳақ айни савобе будаӣ.
Ғофиле аз ҷаҳлу ғафлат аз куҷо донад, ки ту:
Баҳри Инсон ин ҳама дар печу тобе будаӣ.
Асрҳо боист то ёбӣ мақоми хешро,
Гар чи шоми миллатеро офтобе будаӣ.
Эй забармарди далеру в-эй хирадманди ҷаҳон,
Аҳли оламро ту ганҷи беҳисобе будаӣ.
Эй ки асрори худиро дар худоӣ ёфтӣ,
Пурсиши мушкилписандонро ҷавобе будаӣ.
Носири дунёи маънӣ, Хусрави озодагон,
Дар замири рӯзгорон инқилобе будаӣ!
Инқилобе будаӣ!!!

**Соли 1998**

# <u>ГУФТУШУНИДИ ФАЛСАФӢ БО ҲАКИМ УМАРИ ХАЙЁМ</u>

**Умари Хайём–бузургтарин ҳаким ва шоири рубоисарои тоҷик.**
**(1048 - 1131)**



**Нозанино, пеш овар ҷомро,**
**Лаҳзае бигзор нангу номро,**
**Шод гардон, шод гардон то абад,**
**Рӯҳи поки Ҳазрати Хайёмро!**

*******

**Лаҳзае дар хоб дидам ҳазрати Хайёмро,**
**Ёр дар бар, шӯр бар сар, бӯса мезад ҷомро.**
**Гуфтам: эй пири хирад, тарсам, ки бадномат кунанд,**
**Гуфт: ишқи ёру май бахшид бар ман номро!**

**БАЪД ГУФТ:**

**Афсӯс, ки сармои зи каф берун шуд,**
**В-аз дасти аҷал басе ҷигарҳо хун шуд,**

**Кас н-омад аз он ҷаҳон к-орад хабаре,**
**К-аҳволи мусофирои бигӯяд чун шуд!**

**ГУФТАМ:**

**Марди хирад аз бими аҷал банда нагардад,**
**Навмед зи пирӯзии оянда нагардад.**
**Моем ки он қофиларо боз бихонем,**
**Бе ҳиммати мо ҳеҷ касе зинда нагардад!**

**ГУФТ:**

**Хайём, агар зи бода мастӣ, хуш бош,**
**В-ар бо санаме даме нишастӣ, хуш бош.**
**Чун оқибати кори ҷаҳон нестӣ аст,**
**Пиндор, ки нестӣ, чу ҳастӣ, хуш бош!**

**ГУФТАМ:**

**Бе умри абад мастиву май хешфиребист,**
**Оҳанги рубобу дафу най хешфиребист.**
**То дасти дарозои аҷал қатъ насозем,**
**Айшу тараби Ковусу Кай хешфиребист!**

**ГУФТ:**

**Майлам ба шароби ноб бошад доим,**
**Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.**
**Гар кӯзагарон хоки маро кӯза кунанд,**
**Он кӯза пур аз шароб бошад доим!**

**ГУФТАМ:**

**Махмури шароби ноб будан то кай?**
**Мафтуни наю рубоб будан то кай?**
**Худро бираҳон зи маргу ҷовид бизӣ,**
**Дар доми чунин сароб будан то кай?!**

**ГУФТ:**

**Онон, ки кӯҳан шуданду онон, ки наванд,**
**Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.**
**В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,**
**Рафтанду равему боз оянду раванд!**

**ГУФТАМ:**

**Ин рафтану омадан дар ин дайри дудар,**
**Дорад ҳадафе нуҳуфта аз аҳли назар.**
**Моем, ки умри ҷовидон меҷӯем,**
**З-ин рӯй ҳамешаем дар сайру сафар!**

**ГУФТ:**

**Дунё дидиву ҳарчи дидӣ, ҳеҷ аст,**
**Он низ, ки гуфтиву шунидӣ, ҳеҷ аст.**
**Сар то сари офоқ давидӣ, ҳеҷ аст,**
**Он низ, ки дар хона хазидӣ, ҳеҷ аст!**

**ГУФТАМ:**

**Асли маънӣ ҳама дид асту дигарҳо ҳама ҳеҷ,**
**Шеваи гуфтушунид асту дигарҳо ҳама ҳеҷ.**
**Эй ки ҳамвора талабгори ҳаёти абадӣ,**
**Бо ҳамин нукта умед асту дигарҳо ҳама ҳеҷ!**

**ГУФТ:**

**Дунё ба мурод ронда гир, охир чӣ?**
**В-ин номаи умр хонда гир, охир чӣ?**
**Гирам ки ба коми дил бимондӣ сад сол,**
**Сад соли дигар бимонда гир, охир чӣ?**

**ГУФТАМ:**

**Оламеро аз ҳаёти нав хабар хоҳем кард,**
**Маргу мурданро аз ин дунё бадар хоҳем кард.**
**Қиссаи умри абад к-афсонаи афсонаҳост,**
**Оқибат афсонаро умри башар хоҳем кард!**

**ГУФТ:**

**Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,**
**Дар банди сари зулфи нигоре будаст.**
**Ин даста, ки бар гардани ӯ мебинӣ,**
**Дастест, ки бар гардани ёре будаст!**

**ГУФТАМ:**

**Ба ҳамин умри равон ошиқи зорем ҳама,**
**То абад шефтаи зулфи нигорем ҳама.**
**Марг моро натавонад, ки ба дор овезад,**
**З-он ки овехта бар гардани ёрем ҳама!**

**Соли 1995**

# <u>ШАМСИ ТАБРЕЗӢ КИСТ?</u>



**Шамси Табрезӣ (Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдод бо лақаби Шамсиддин) –орифи ваҳдати шуҳудӣ ва устоди Ҷалолиддини Балхӣ буд. (1186–1248)**

**Шамсулҳақи Табрез аз ин май ҳамагонро,**
**Бичашонад, бичашонад, бичашонад!!!**
**(Румӣ).**

Ҷавоби ин савол ба чандин маъно саҳл нест. Чаро ки доманаи баҳс аз вусъате таърихӣ, фарҳангӣ ва ирфонӣ бархурдор мебошад... Ҳанӯз ҳам бисёре аз мардум шахсияти Шамси Табрезиро аз шахсияти шогирди ӯ Ҷалолиддини Румӣ фарқ карда наметавонанд. Баъзеҳоро гумон бар ин буда ва ҳаст, ки Шамс тахаллуси интихобкардаи Ҷалолиддини Румӣ аст ва номи шахси алоҳидае намебошад... Агар гурӯҳи дигаре шахсияти таърихӣ доштани Шамси Табрезиро эътироф кунанд ҳам, боз ин шубҳаро дар дил мепарваранд, ки гӯё вай як сӯфии одие ва қаландаре бенаво будаст, ки аз боби илму ирфон бо Ҷалолиддини Румӣ қобили муқоиса нест. Баъзеи дигар саҳван ва ё қасдан вуҷуди таърихии Шамси Табрезиро сарфи назар карданӣ мешаванд ва ғайра.

Баъди ин мулоҳизот мебояд ба шеваи муҳаққиқон ин чанд нуқтаро афзуд: Дар ҳақиқат то вақтҳои охир бо сабаби дар даст надоштани асаре аз осори Шамси Табрезӣ мақому

мартабаи ӯ назди аҳли таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд. Хушбахтона, вақтҳои охир дастнависи гузоришот ва мақолоти Шамси Табрезӣ ба нашр расид ва ин ҳодисаи фарҳангӣ таваҷҷӯҳ намудани аҳли илмро ба ин мавзӯъ сабаб гардид.

Гузоришот ё худ суханрониҳои Шамси Табрезӣ бо номи «Мақолоти Шамси Табрезӣ» соли 1349-и хуршедӣ (мутобиқ ба соли 1970 мелодӣ) бо муқаддимаи донишманди маъруфи муосири Эрон Аҳмад Хушнависи Имод дар Теҳрон нашр шуд. Аз муқаддимаи муфассали ношир ва мавзӯъҳои китоб, ки зиёда аз 400 саҳифаро ташкил медиҳад, метавон ба ин нуктаҳо ишора намуд: Номи пурраи ӯ Шамсиддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Маликдоди Табрезӣ аст... Аҳли илм ӯро орифи бузург... яке аз шахсиятҳои барҷастаи фарҳангӣ... саршори бодаи ишқ ва ҳақиқат... ва ғайра номидаанд. Бар хилофи он чи мегуфтанд, ки Шамси Табрезӣ аз илмҳои зоҳирӣ (ғайри тасаввуфӣ) баҳрае надорад, баъди пайдо шудани намунаи осораш (китоби «Мақолот») маълум гардид, ки дар илми тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом ва фалсафа иттилое васеъ доштааст. Бо эътирофи худаш дар китоби «Мақолот» (саҳифаи 243) китоби «Ат-Танбеҳ»-ро, ки дар фиқҳи шофеист, омӯхта... дар адабиёт ва забони араб» мутолеоте, амиқ анҷом додааст. Бо шаҳодати сарчашмаҳо устоди Шамси Табрезӣ марде будааст бо номи Шайх Абубакр ибни Исмоили Табрезӣ маъруф ба саллабоф ва дар китоби «Мақолот» (саҳ. 98) ӯро ба некӣ ёд кардааст. Муаллифи дигаре аз қарни даҳуми ҳиҷрӣ бо номи Ҳофиз Ҳусайн Карбалоии Табрезӣ дар китоби «Равзат-ул-ҷинон»-и худ ёдовар шудааст, ки Шамси Табрезӣ ба хидмати Шайх Рукнуддини Саҷосӣ ва Бобо Камоли Хуҷандӣ низ расидааст... Аз боби синну сол ва таваллуду вафот ҳамин андоза маълум аст, ки ҳангоми ҷавонии Ҷалолиддини Румӣ устоди ӯ Шамси Табрезӣ марде баркамол будааст...

Доир ба симои маънавии ӯ ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Вале аз рӯи мавзӯъҳои китоби «Мақолот» чунин бармеояд, ки Шамси Табрезӣ ориф, ҳаким ва дар маънои аслии калима инсони комил будааст... Ӯ ихтилофоти байни мазҳабҳои мусулмониро кори кӯдакона меҳисобид... Қуръонро китоби мардуми бесавод медонист... Муҳаммадро пайғамбари омма

ва худро пайғамбари хосса (аҳли илм) мешумурд... Мегӯянд, ки Муҳаммад ба мардум хушомад мегӯяд ва мардум хушомадро дӯст медоранд ва аз ин ҷиҳат тарафдори бисёр дорад... Ман бошам мардонавор сухани ҳақро мегӯям... (саҳ. 60-61, китоби «Мақолот»).

Аз файласуфони гузашта Суқрот, Афлотун ва Шаҳобиддини Суҳравардиро эътироф мекард... Мегуфт, ки Ибни Сино нимафайласуф буда, файласуфи комил Афлотун аст...(саҳ. 292).

Баъди мутолиаи китоби «Мақолот»-и Шамси Табрезӣ кас ба чунин хулосае меояд, ки сарчашмаи тамоми ақидаҳои Ҷалолиддини Румиро метавон аз ин китоби чаҳорсадсаҳифагӣ берун овард! Аз ин ҳам гузашта: Шамси Табрезӣ дар фаъолиятҳои иҷтиҳодӣ (иҷтимоӣ) ва илмиаш аз Ҷалолиддини Румӣ ҷасуртар ва фидокортар будааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин бузургӣ, Шамси Табрезӣ дар китоби худ Ҷалолиддини Румиро ситоиш мекунад ва ӯро «дар рубъи маскун бемонанд» (саҳ. 124) «дар илму фазл дарё» (саҳ. 206) ва ғайра меномад...

Ҷалолиддини Румӣ ҷаҳонро бо чашми устоди худ Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад ибни Маликдоди Табрезӣ менигарист... Пас он ҷаҳоне, ки ҳарду бо як чашм менигаристанд, кадом аст?

Агарчи фалсафаи Шамс ва Мавлоно барои асри мо то андозае печида ва ғариб менамояд, вале бояд эътироф кунем, ки қиммати асосии ӯ дар партави таърихи фикри инсонӣ ошкор мешавад. Зеро даври Шамс ва Мавлоно маҳз ҳамон тариқаро тақозо мекард, на тариқаи дигареро. Чизи асосӣ дар таърихи фикри башарӣ фурӯзон нигоҳ доштани чароғи ақлу хирад буд, то ки аз боди сарди таассуби сатҳиназарӣ хомӯш нагардад. Ҳамин ҳикматро Шамс ва Мавлоно барои инсоният анҷом доданд. Дар эҷодиёти Шамс ва Мавлоно ҳамаи мазҳабҳои динӣ ва дунявии аҳли ҷаҳон фароҳам омадааст. Ин хизматро мо бо тариқаи тамсилӣ чунин эзоҳ медиҳем: Ҷаҳони мо киштиест, ки дар уқёнуси Коинот шино мекунад. Уқёнуси нопайдоканор ва беҳудуд. Киштии башарӣ хеле сустбунёд ва заиф аст. Олами зулмот ва мавҷҳои ноҳамвор киштӣ ва киштинишастагонро фаро гирифтааст... ва онҳоро ҳамвора таҳдид мекунанд...Дар ин шабистони пурдаҳшат ягона-

манбаи нуре, ки пеши роҳи киштиро равшан мекунад, ин ақлу хиради мардоне чун Шамс ва Мавлоност, ки дар байни қавмҳои киштӣ гоҳ-гоҳе дар арсаи вуҷуд зуҳур мекунанд. Аксари аҳли киштӣ фикри онро надоранд, ки киштиашон ночиз асту мавҷҳои уқёнус даҳшатафкан... Фикри онро надоранд, ки тӯфоне метавонад ҳамаи онҳоро ба қаъри уқёнус фурӯ барад...Фикри онро надоранд, ки шӯълаи чароғи мавҷудаpo афзунтар гардонанд, то ки бо нури он роҳи худро бештару беҳтар бишносанд...

Ба ҷои ҳамаи ин корҳои зарурӣ онҳо машғули кинаву адовати миллӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ ҳастанд.

Ҳар қавме ба хуни қавми дигар ташна...ҳама рӯз ҷангу харобкорӣ ва бедодгарӣ... Баъзан кор ба дараҷае мерасад, ки хатари аз байн рафтани он шамъҳои ночиз ҳам ба миён меояд...ва феълан дар ҳангомаҳои аҳли киштӣ чанде аз ин шамъҳо хомӯш мешаванд...

Киштӣ то ҳанӯз ба ҳамин сарнавишт роҳи худро давом дода истодааст...Хатарҳои роҳ ҳанӯз аз байн нарафтаанд... Ба ҷои тӯфони уқёнус ва зулмати шаб аслиҳаҳои ядрой ва қатли ом изофа гардидааст... Хатаре аст, ки киштӣ на аз тӯфони уқёнус, балки аз ҳангомаҳои киштинишинон саропо битаркад...

Ин буд мухтасари тамсил.

Акнун мулоҳиза намоем, ки мақоми Шамс ва Мавлоно дар ин киштӣ аз чӣ иборат аст. Киштӣ ҳамвора дар ҳаракат... гирду атроф дар иҳотаи зулмат... тӯфон бархоста... мавҷҳои пурдаҳшати уқёнус ба сӯи киштӣ ҳамла мекунанд... Хатаре ҳаст, ки қатраобҳои мавҷҳои ба киштӣ бархӯрда ва боди тӯфонӣ фонусҳои роҳнамоёни киштиро хомӯш кунанд. Баъзе фонусҳо хомӯш мешаванд... Ва баъзе дигарҳо такон меёбанд...

Дар ин ҳангом ҳанӯз тӯфони уқёнус ором нагирифта, ки тӯфони инсонӣ бармехезад... Киштинишастагон дарҳам меафтанд... Дар ҳақиқат тӯфони инсонӣ аз тӯфони кайҳонӣ даҳшатноктар аст...

Мавҷи ҳангомаи одамӣ ҳатто ба фонусдорон ҳам мерасад. Абри тираи кинаву адовати нажодӣ ва мазҳабӣ аз зулмати шаб ҳам ториктар аст... Акнун ҳама ҷо душманони нур ва

равшанӣ ба майдон мебароянд. Дар ин тӯфон ҳам, чандин фонусҳо хомӯш мешаванд... ва нури дигарҳо хира...

Баъзе барои солим нигоҳ доштани нур ва равшанӣ фонуси худро зери бағал чун дил пинҳон карда, фалокати тӯфони кайҳонӣ ва инсониро мардонавор таҳаммул намуданд. Агар онҳо фонуси худро пинҳон намекарданд хоҳ аз боди сарди уқёнус ва ё хоҳ аз даму нафаси мутаассибони нажодӣ ва мазҳабӣ хомӯш мегардид. Мавлоно бо ҳасрат ибораи дӯстдоштаи устоди худ Шамси Табрезиро такрор мекард:

«Охир чаро ҷудоанд одамиён!» (Шамси Табрезӣ, Мақолоти Шамси Табрезӣ, Теҳрон, 1349, саҳ.329).

Яке аз раҳнамоёни фонусдор Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ буд, ки ба шарофати ин тадбирҳои оқилона нури фонуси ақлу хиради инсониро аз дами боди сарди кинаву адоват раҳоӣ бахшид... Ин аст хидмати таърихии Мавлоно барои башарият. Дар муҳите, ки ҳама душманони рушноӣ ва нуранд, ягона тадбири раҳобахш, пинҳон кардани чароғ аст:

**Пинҳон раҳи дуруст бувад баҳри ҷоҳилон,**
**Он сон ки офтоб ба кӯрон аён нашуд.**

**(Сино)**

Сухан ба дарозо кашид... аз хонандагони фозил узр мепурсем ва бояд бигӯем, ки Мавлоно чи ақидаеро, ки дар тамсили мо фонус аст, аз ҳамзамононаш пинҳон доштааст.

Мавлоноро, ки асрҳои аср нависандаи «Қуръон» бо забони форсӣ мешуморанд, дар Қуръони худ (яъне «Маснавӣ») ақидаеро талқин мекунад, ки дар як мисраъи шеър чунин омадааст:

**«Дар ҳақиқат дигаре нест худоем Ҳама».**

Мавлоно маҳз ҳамин ақидаро хотирнишон мекунад. Вале то охир онро суботкорона давом намедиҳад. Чаро ки асру замон ҳавсалаи таҳаммули онро надошт. Ва худи Мавлоно ҳам инро хуб медонист. Ҳамин маънӣ дар тамсили мо ҳолати чароғеро ба худ гирифта буд, ки дар таҳи домон пинҳон карда шудааст.

Шамси Табрезӣ устоди Мавлоност... чунон ки Суқрот устоди Афлотун. Гумон меравад, ки дар сарнавишти маънавии ҳакими юнонӣ Суқрот ва ҳакими эронӣ Шамс баъзе

шабоҳат ва монандиҳо вуҷуд дорад. Ҳар ду дар сафар... Ҳар ду дар байни мардум, ҳар ду чизе наменависанд, вале гуфтори онҳоро дигарон навишта мегиранд. Ҳар ду ақидаи дар нисбати замони худ наверо пеш гузоштаанд ва машғули тарғибу ташвиқи онанд... Ҳар ду нисбат ба ақидаи расмии замони худ бо назари тамасхур ва истеҳзо нигоҳ мекунанд...

Аҳли замон ҳар ду ҳакимро таҳаммул карда натавониста ва оқибат онҳоро ба марг маҳкум мекунад... Бо ҳамин таърихи заминии он ду ҳаким ба охир мерасад ва симои осмонии онҳо шурӯъ мегардад...

Мантиқист, ки бипурсем: Онҳо чӣ мехостанд? Чаро аҳли замон ба онҳо муқобилият намуданд? Барои чӣ? Оё гуноҳе содир карда буданд? Хуллас, сабабҳои асосии ин ҳангомаҳо чӣ буд? Ин саволҳо нав нестанд. Дар замони он ду ҳаким ҳам мардум чунин саволҳо медоданд... Вале ҷавобҳояшон аз якдигар фарқ мекард...

Суқрот 2500 сол ва Шамс зиёда аз 700 сол пеш аз давраи мо умр ба сар бурдаанд...Суқрот дар Юнон ва Шамс дар Эрон. Юнониҳо Суқротро бидъаткор эълон карданд. Барои он ки гӯё Суқрот бо насиҳатҳои фалсафии худ ахлоқи насли ҷавони Юнонро вайрон мекардааст... ва мардумро ба муқобили бутҳо ва худоҳои онвақтаи кишвари Юнон мешӯронидааст... Хулоса ба мазҳаби мардум гардан намефаровардааст... ва ғайра... Шамс чӣ? Агар шаклҳои зоҳирии бидъаткории Суқротро ба назар нагирем, аз ҷиҳати маъно ва моҳият рафтори Шамс ҳам ба ин бидъатҳои Суқротӣ бурда расонидааст...

Шамс бо ҳамин маъно шаҳиди зинда буд... (дар сурате ки шаҳидӣ баъди мурдан муяссар мегардад). Вай тамоми зиндагии худро ба мардум бахшид. Барои онҳо кори хайре анҷом доданӣ буд... Мақсади Суқрот ҳам ба ҳамин нуқта нигаронда шуда, мехост, ки аҳли замонро аз хурофотҳои бесамари маънавӣ наҷот диҳад... Шамс шабу рӯз ором надошт...Ӯ шахсияти симобӣ буд... Беқарорӣ аз табиати худи симоб аст... Табиати маънавии Шамс ҳам ҳаракатро тақозо мекард... Фалсафаи Шамс бо дили ӯ алангае афрӯхта буд, ки вай маҷоли соате ором нишастан надошт... Мехост ин фалсафаро ба ҳамаи ҷаҳониён эълон кунад...Зеро гӯшҳои аҳли

замон барои шунидани чунин овозе хеле гарон буданд...Ӯ ба аксари шаҳру вилоятҳои олами исломӣ мусофират кард... Ба ҳамаи бузургони маъруфу машҳури он давра сӯҳбатҳо намуд... Вале ҳеҷ яке аз ин бузургонро ба худ ҳамфикр наёфт... Якеро тарк мекард ва ба сӯи дигаре равона мешуд. Вале чун ҳарвақта... «Ҳар ҷо ки равӣ боз пушаймон ба дар оӣ», насиби ӯ мегардид. Рӯҳи ӯ рӯҳи саргардоне буд... Дар ҳеҷ як минтақаи ақлӣ, динӣ, мантиқӣ, фалсафӣ... қарор намегирифт.

Зеро ӯ худ минтақаи наверо барои худ кашф карда буд... Ҳама фидокориҳо ва бурдбориҳои Шамс маҳз аз он иборат буданд, ки ӯ ба хотири кашфиёти шахсии худ, ҳамаи ин бори гаронро ба бардоштан тан медод. Маҳз ба хотири фалсафаи шахсии худ... дар ҳама ҷо: дар олам, дар одам, дар илм, дар дин, дар зиндагӣ, дар марг... нишонаҳо ва далелҳои собиткунандаи фалсафаи худро ҷустуҷӯ мекард. Баъзан ин нишонаҳоро меёфт ва баъзан шубҳа мекард... Вай аз кашфиёти худ масту махмур буд... Ҷаҳони оламу одам ба назараш рангу ҷилои дигар гирифта буд. Ӯ худ гӯё олами ҳастиро идора мекард... Барои олам ва оламиён пайёме нав дар дил дошт. Мехост онро бигӯяд... Суннатҳои хайру шарри одамиро аз нав эзоҳ диҳад... Ҳамаи ин орзуҳо дили ӯро аз шуҷоату матонат ва ҳиммату заковат лабрез карда буданд... Шамс чун сайёраи роҳгумкардае дар кайҳони бепоёни одамӣ давр мезад... роҳ мерафт... бар мехӯрд... Рӯҳи симобии ӯ дар як макон истоданро ба худ раво надида, бо ин ҳаракати тундсайри худ дар олами ситораҳо ва сайёраҳои одамӣ нопадид гардид...

Симои осмонии ин ду ҳакими афсонавӣ барои ҳамагон намунаи ибрат аст. Вале заифии мо мавҷудоти заминӣ дар таҳлил ва муаррифии он симоҳо ва маъниҳои осмонӣ мебошад, ки қолабҳои танги фикрии мо он уқёнусҳои бекаронаи тӯфону нурро дар худ ғунҷонида наметавонанд...

**Соли 1988**

# ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ ДАР ТАЛОШИ ИНСОНИ ХУДШИНОС



**Ҷалолиддини Румӣ– бузургтарин орифи исломӣ ва муаллифи китоби машҳури “Маснавии маънавӣ” мебошад. (1207–1273)**

**«Як одамӣ ба ҳама ҷаҳон муқобила кунад»**
**(Шамси Табрезӣ).**

Сазост доир ба ин сипаҳсолори олами фикр Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммад (1207-1273) гуфта шавад, ки:

**«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад»!**

Ва бешак, Мавлоно яке аз донотарин шахсиятҳои ҳамаи давру замонҳост, ки асрҳо бо ҳама ҳаёҳу ва лофу газоф ба фаҳмиши «асрори худии» Мавлоно нарасидаанд.

Ӯ чун олами вуҷуд ҳамаро фаро гирифт. Вале ҷаҳони маънавии ӯро фаро гирифтан, ҳатто дар ин замон ҳам, амрест маҳол. Маҳолии амр дар ин аст, ки пешниҳоди Мавлоно аз ҳавсалаи мардуми давру замон берун аст.

Мавлоно мегӯяд, ки мо одамон бояд мансаби худоиро соҳиб шавем. Вале мардум бо чашми ҳайрат ба ӯ менигаранду халос. Чӣ гуфтанашонро намедонанд. Зеро илман ва амалан қодир нестанд, ки пешниҳоди ӯро қабул кунанд. Яке аз он, ҳакимон (Фридрих Нитше) як қарн пеш то ҷое расид ва фармуд «Худо, мурдааст»! Вале баъд худи вай ин дунёи бехудоиро таҳаммул карда натавониста, ба олами ҷунун пайваст. Дигарон худоро инкор мекунанд ва ба ҷои он худои дигаре ва ё бути дигареро пешниҳод менамоянд. Вале Мавлоно мегӯяд, ки танҳо Инсон сазовори мансаби худоист,

на худоҳо ва бутҳои сохта ва бофтаи хурофотӣ! «Зиҳӣ одамӣ, ки ҳафт иқлим ва ҳамаи вуҷуд арзад» - мегӯяд устодаш Шамси Табрезӣ!

Хоксории Мавлоно асоси худро аз фалсафаи шахсии худи ӯ гирифтааст.  Зеро нуктаи аз ҳама болотарин дар фалсафаи Мавлоно, Инсон аст.

Пас, Инсонро бояд парастиш кард! Дар ин маъно Мавлоно раво намебинад, ки нисбат ба Инсон такаббур зоҳир кунад. Мавлоно дар ашъори чун уқёнус паҳновар ва амиқи худ ба ҳама шохаҳои дониши инсонӣ дахл карда, онҳоро мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Шояд Мавлоно хоберо, ки мардуми ин рӯзгор (асри XX) дидаанд, таъбир кунад. Мардуми сайёраи мо ҳамагӣ як хоб дида, саросемавор дар таъбири он ҳаёҳу бардоштаанд. Хоб дидаанд, ки Парвардигор бо чеҳраи хашмолуд ба онҳо гуфааст, ки ман аз бандагоне чун шумо безорам. Дигар ба ёрӣ ва марҳамати ман умед мабандед. Аз ин минбаъд масъулияти ҳамаи шумо ба ӯҳдаи худи шумо аст.

Ман ба куллӣ худро аз масъулияти шумо озод мекунам.

Аз паи зиндагии худ шавед!

Мардум, ки як умр ба умеди Худо нишастанро одат карда буданд, баъди шунидани ин хабар якбора худро аз даст доданд. Ҳар кас аз худ мепурсид:

Чӣ бояд кард? Неку бади моро кӣ муайян карда метавонад? Магар худи мо одамон метавонем ба ҷои худо дар ин масъалаҳо қазоват кунем? Оҳ, ин бисёр даҳшатовар аст. Охир меъёрҳо ва ченакҳои мо маҳдуд ва ночизанд. Рафторҳо ва кирдорҳои мо аз ин ночизтар. Чӣ бояд кард? Худои дигаре интихоб кунем? Бути дигаре тарошем? Шояд чунин кунем... Ва чунин ҳам карданд. Боз бутпарастӣ аз нав шурӯъ шуд. Мардум боз ба қабилаҳо ҷудо шуданд. Акнун ҳар як қабила бути худро дорад. Бутҳои гуногун... аз санг, аз чӯб, аз оҳан, аз тилло, аз нуқра, аз мис... Парастиш ҳам гуногун: бо саҷда, бе саҷда, бо дуо, бе дуо, бо рӯза, бе рӯза, бо намоз, бе намоз, бо закот, бе закот, бо ҳаҷ, бе ҳаҷ, бо Таврот, бе Таврот, бо Инҷил, бе Инҷил, бо ҷаноза, бе ҷаноза... Хулоса, бутпарастӣ бутпарастист... Мавлоно бо бутпарастӣ муқобил аст. Ашъори оташини ӯ саропо ба муқобили урфу одатҳои бутпарастон

равона карда шудааст. Ӯ чун дигарон, ки дар муқаддимаи асарҳояшон санои худо ва пайғамбаронро мекарданд, рафтор накарда, ба ҷои Худо дар муқаддимаи «Маснавии Маънавӣ» ба инсон, ба дӯсти хирадманди худ Ҳисомиддин муроҷиат кардааст. Яъне:  ба Инсон муроҷиат кардааст. Вале охири «Маснавӣ» бо ин бузургӣ нотамом монда... Мавлоно намехоҳад, ки қиссаи Инсон анҷом ёбад. Не, Мавлоно таманнои умри абадии инсониро дар дил мепарварид. Дунё беинтиҳост: Инсон абадист. Вале мо одамон ҳастем, ки ба ҳукми тангназарӣ барои дунё интиҳо мебофему барои инсон маргу фано. Не, ин тавр нест. Мо одамон зарраҳои ин ҷаҳони нопайдоканорем. Инсон ва Кайҳон воҳиди ягонаанд. Байни онҳо ҷудоӣ нест. Мо хешем, бегона нестем...

**Ҷону сари ту эй писар, нест касе ба пои ту,**
**Оина бин, ба худ нигар, кист дигар варои ту?**
**Бӯса бидеҳ ба рӯи худ, роз бигӯ ба гӯши худ,**
**Ҳам ту бубин ҷамоли худ, ҳам ту бигӯ санои ту.**
**Нест маҷоз рози ту, нест газоф нози ту,**
**Роз барои гӯши ту, нози ту ҳам барои ту.**
**Хез зи пешам эй хирад, то бираҳам зи неку бад,**
**Хез дило, ту низ ҳам, то накунам сазои ту.**
**Ҳам падариву ҳам писар, ҳам ту наиву ҳам шакар,**
**Кист касе бигу дигар, кист касе ба ҷои ту?**
**Баста лаби ту, баркушо, чист ақиқи бебаҳо,**
**Кони ақиқ ҳам туӣ, ман чӣ диҳам баҳои ту?**
**Сояи туст эй писар, ҳарчӣ бираст эй писар,**
**Соя фиканд эй писар, дар ду ҷаҳон ҳумои ту.**

Мавлоно аз айёми ҷавонӣ таълими илмии муназзам гирифта буд. Фалсафа яке аз он илмҳо ба шумор мерафт. Фалсафаро омӯхт ва баъдҳо ба дигарон омӯзонд. Набояд гумон кард, ки Мавлоно дар маънои имрӯза фалсафа мехонд ва фалсафа дарс медод. Зеро дар он замон фалсафа илме зишт ва номарғуб ба ҳисоб мерафт. Онро ошкоро хондан ва таълим додан аз рӯи дурандешӣ набуд. Муаллифони сарчашмаҳо доир ба ин илм ва дилбастагии Мавлоноро ба он ба таври возеҳ хотирнишон накардаанд. Зеро муаллифон дар аксар ҳолат зоҳири ҳаводисро менависанд, на ботини онро. Ҳамин нуқсони таърихнависон аст, ки Вольтер талаб мекард:

“Таърихро бояд файласуфон нависанд. Чунки онҳо ба моҳияти ҳодисаҳо дуруст сарфаҳм мераванд. Онҳоро амиқ дарк мекунанд. Вале муаррихон чунин нестанд”.

Мавлоно одатан аз ҳама гуна унвону лақабҳо ва қолабу расмиёт канорагирӣ мекард. Чунки ба ақидаи Сино «ҳамеша дар як мақом мабош, ки аксар мурғонро аз ошёнҳо гиранд»... Ин ҳикматро Мавлоно сармашқи зиндагии худ карда буд. Оё Мавлоно аз ростӣ унвону мансабе надошт? Ҷавоб ин аст, ки ӯ дорои унвонҳо ва лақабҳои гуногуне буд, ки барои ӯ танҳо вазифаи паноҳгоҳеро иҷро мекарданд, ки Мавлоно аз он унвонҳо барои машғулиятҳои асосии худ шароитҳои мусоид фароҳам меовард...

Саргузашти Мавлоно, чуноне ки муаллифони гузашта барои мо нақл кардаанд, саропо муаммо аст. Муаммо дар ин маъно, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба шахсияти маънавии Мавлоно мувофиқат намекунад... Бояд тахмин кунем, ки ба он муаллифон танҳо навиштани зоҳири ҳаводис насиб гардидаасту бас. Тазкирнависон, аз ҷумла Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ мегӯяд, ки Мавлоно дар синни 38-солагӣ ба сурудани шеър сар кардааст. Ин қавл бовар карданӣ нест.

Зеро Мавлоно дар оилаи илмдӯст парвариш ёфта буд. Аҳли замон аз насими фараҳбахши ашъори Саноӣ ва Аттор нафас мегирифтанд. Ҳатто Шайх Аттор пешбинӣ кардааст, ки ин писар (яъне Мавлоно) шахсияти барҷастае хоҳад шуд... Хонадони Мавлоно аз аҳли тасаввуф буданд. Тасаввуф умуман ба афкори баландпарвоз ва истилоҳоти шоирона сару кор дорад. Махсусан, тасаввуфи мардуми форс – тоҷик, ки дар домани шеъру шоирӣ парвариш ёфта буд.

Мегӯянд ки Мавлоно дар маҷлисҳои рақсу самоъ бадоҳатан ғазалҳо месуруд ва рақс мекард. Оё ин дуруст аст? Бале, дуруст аст. Вале ин ҷо ҳам барои шак ҷой боқӣ мемонад. Ҳама медонанд, ки дар таърихи адабиёти форс-тоҷик шоироне буданд, ки бадоҳатан шеърҳо месуруданд. Вале ин бадоҳагӯӣ ҳодисае нодир ва камёб буда, ҳатто ҳамон як шоири тавоно дар зиндагии шахсии худ як ё якчанд бор бадоҳатан шеър гуфтаасту бас. Бадоҳатан шеър гуфтан натиҷаи малакаи баланди шеършиносӣ ва шеърнависӣ аст, ки ҷуз ба такрори бардавоми девонҳои шеърӣ ба даст намеояд.

Ин ҳолат дар нисбати Мавлоно чӣ тавр татбиқ мешавад? Мавлоно аз кӯдакӣ дар домони шеър парвариш ёфта буд ва ашъори Саноиву Аттор мӯниси ҳамешагии ӯ буданд. Ба дараҷае ки баъдҳо қасдан ва ё ба ғайри қасд мисраъҳое аз ашъори Саноӣ ва дигар шоирони пешина дар шеърҳои Мавлоно ворид мешуданд.

Пас, Мавлоно аз айёми кӯдакӣ шеър менавишт ва он ғазалҳое, ки дар маҷлиси рақсу самоъ мехонд, онҳоро пеш аз ин навишта буд ва дар он маҷлисҳо, аз нав мехонд. Баъзеҳо шояд гумон кунанд, ки риоя накардани баъзе қоидаҳои шоирӣ, аз қабили вазну қофия ва ғайра далели бадоҳатан суруда шудани ғазалҳои Мавлоно бошад. Вале асли масъала дигар аст. Назари мо ин аст, ки Мавлоно аслан шеърро василае мешуморад, ки ба воситаи он ақидаи асосӣ ва ҷавҳарии худро тарғиб ва ташвиқ кунад. Аз ин ҷиҳат барои Мавлоно дуруст ва расотар ифода кардани фикри шахсии ӯ муҳим буд, на равонии вазну қофияи шеър...

Барои ҳамин ҳам ба хотири мазмун аз шакли шеър сарфи назар кардааст:

**Шеър чӣ бошад бари ман, то ки аз он лоф занам,**
**Ҳаст маро фанни дигар, ғайри фунуни шуаро.**
**Шеър чу абрест сиёҳ, ман паси он парда чу маҳ,**
**Абри сиёҳро ту махон моҳи мунаввар ба само.**

Ҳалли ин муаммо, ки оё шоирии Мавлоно баъди ошноияш бо Шамс сар шудааст ё пештар, душвор нест.

Чунки худи Мавлоно ин муамморо кушодааст, вале бечора тазкиранависон, ин эътирофи Мавлоноро нодида гирифта, як масъалаи одиро хеле мураккаб ва печида кардаанд. Мавлоно мегӯяд:

**Шамси Табрез худ баҳонаест,**
**Моем ба ҳусну лутф моем.**

Мо ин ҷо бояд чунин арз мекардем, ки аз мазмуни он фарқи ғазалҳои Мавлоно аз ғазалҳои дигар шоирони тавонои форс-тоҷик ошкор гардад. Ҳоло ки ин тавр шуд, бояд бигӯем, ки мавзӯи асосии ғазалиёти Мавлоно замзамаи ишқ аст.

Гӯё мавзӯъро ошкор кардем, вале баҳси мо аз овардани ибораи «замзамаи ишқ» муғлақтар гардид. Зеро мавзӯи ишқ дар адабиёти тасаввуфӣ як ҳодисаи универсалист. Ҳамаи шоирони сӯфимашраб дар ин боб қувваозмоӣ намудаанд. Гӯё ба ҳолате дучор шудаем, ки ба гуфтаи Иқбол:

**Ба гуфтори муҳаббат лаб кушудам,**
**Баён ин розро пӯшидатар кард.**

Чун чорае дигар надорем аз он ки мавзӯи ишқи Мавлоноро дар ғазалиёти ӯ хотирнишон кунем. Бояд гуфт, ки ишқи Мавлоно ҳам ба ишқи Саноиву Аттору Ҳофиз монанд аст, танҳо бо ин фарқ ки Мавлоно хостааст ҳиҷобро аз рӯи маҳбубаи худ ба куллӣ бардорад, то ин ки ҷамоли баркамоли ӯро тамошо кунад. Дар сурате ки шоирони мазкур ҳамвора сухан аз маҳбубае мастур ва пӯшида рондаанд. Ҳама шӯру шавқи Мавлоно ҳолати ошиқи беқарореро ба хотир меоварад, ки бо беқарории ошиқона, мехоҳад ҳарчӣ зудтар ҳиҷоб аз рӯи маҳбубаи худ бардорад... Ин ҳолат, ин ҳаяҷоне, ки хоси ин лаҳзаҳост, дар ғазалиёти Мавлоно мушоҳида мегардад.

Пас, маҳбубаи Мавлоно кист? Аз рӯи пиндори худаш зоти Мутлақ, Ба забони динҳои анъанавӣ зоти Мутлақро Худо меноманд.

Дар бораи чигунагии ин ишқ ҳарчӣ бештар шарҳ нависем, мавзӯъ печидатар мегардад ва оқибат ба кӯчаҳое мерасем, ки на мо онҳоро мешиносему на аҳли он моро. Зеро аз давраи Афлотун то давраи Карл Ясперс (асри XX) ин мавзӯъ мавриди баҳсу мунозира аст. Ва то имрӯз хулосаи возеҳе аз ин баҳс дар даст надорем. Чунки меъмор хишти аввалро кач ниҳодааст... Вале он чи ки дар пиромуни ин мавзӯъ гуфтанием, ин аст, ки илми таҳлили нафсии муосир (психоанализ) доир ба ин мавзӯъҳо назари хоси худро дорад.

Аз таҳлили ин мавзӯъ чунин бармеояд, ки зоти Мутлақе ки Мавлоно ошиқи он аст, аз қисматҳои зерин иборат аст:

**ЯКУМ:** Зот - ин шахсияти худи Мавлоност; зеро «ҳама олам дар як кас аст, чун худро донист, ҳамаро медонад»;

**ДУЮМ:** Мутлақ - ин сифатест, ки Мавлоно мехоҳад онро соҳиб гардад;

**СЕЮМ:** Ҷиҳати фарқкунандаи зоти Мутлақ он аст, ки дорои ҳаёти абадӣ аст. Мавлоно мехоҳад, ки чун Парвардигор (яъне зоти Мутлақ) абадӣ ва ҷовидонӣ бошад;

**ЧАҲОРУМ:** Агар орзуи Мавлоноро аз ин ниқобҳо ва ҳиҷобҳо берун орем, вай мехост, ки худоро аз вазифаи худоӣ бекор карда, Инсонро ба ин мансаб пешбарӣ кунад;

**ПАНҶУМ:** Ба сабаби он ки даъво дар асл аз амалияи умумибашарӣ фарсангҳо дур буд, Мавлоно ҷуръат накард, ки онро ошкоро баён намояд.

Аз ҳамин сабаб, ин даъворо дар либоси анъанавӣ, вале бо шӯру шавқи навоварона, бо забони гарму ширин адо намуд...

Ашъори Мавлоно саропо мусиқӣ аст, вале ин чизи асосӣ нест...

Мусиқӣ дар ашъори Мавлоно пеш аз ҳама васила аст. Василае, ки ба воситаи он Мавлоно маъниҳои дилхоҳро мехоҳад ба ҳамагон гӯшзад кунад. Ин беҳтарин воситаи тарғиби ақида, дар минтақаи қавмест, ки сармураббии онҳо шеъру шоирӣ буд.

Мусиқӣ чист?

Агар шеър забони фикр бошад, пас мусиқӣ забони эҳсосот аст. Ин таъриф дақиқ нест. Чун метавонад шеър ҳам аз эҳсосот таъбир кунаду мусиқӣ ҳам аз фикр ва ақл.

Дар ҳар сурат мусиқӣ забони иловагиест, ки аз як ҷиҳат аз забони маъмулии мо сатҳитар ва аз ҷиҳати дигар аз он амиқтар аст. Вале калавиши он байни сатҳӣ ва амиқ ба сабаби он аст, ки калимаҳои мусиқӣ ҳанӯз ба ҳукми истилоҳ надаромадаанд ва ҳар кас онҳоро ба тариқаи худ тафсир мекунад. Мусиқӣ ба таври махсус агар мулоҳиза шавад, гӯё забони фардии ҳар яки мост, ки намехоҳем дар он касе бо мо шарикӣ кунад.

Мавлоно аз ҷумлаи он шахсиятҳое нест, ки аз саргузашти ӯ китоби дарсие сохта шавад. Дунёи ӯ ба андозаи Кайҳон нопайдоканор аст. Ӯ баҳр аст. Баҳрро дар кӯза ғунҷидан кори бесамар ва бемаъност.

Барои ҳамин ҳам мо мулоҳизаҳои худро доир ба Мавлоно ба фаслу бобу ҳиссаҳо тақсим намекунем. Балки он чиро ки кӯзаи танги фикрӣ фаро гирифт, паи ҳам меоварем. Ин, албатта, нишонаи болодастии мо дар фаҳмиши Мавлоно

набуда, балки аз нотавонии мо аст... Хонанда бояд аз аввал то охири мақола ин эътирофи моро ба инобат гирад. Зеро:

**Оби дарёро агар натвон кашид,**
**Ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид.**

Қатъи назар аз шарҳу эзоҳоти гуногун, ки ҳамагӣ аз як пой меланганд, шояд ин ҷо эътирофи худи Мавлоноро биёварем, то худи хонанда қазоват кунад. Мавлоно баҳри афкори хешро дар як кӯза байт ғунҷонида мегӯяд:

**Ҳосили умрам, се сухан беш нест,**
**Хом будам, пухта шудам, сӯхтам.**

Ин чӣ маъно дорад? Зоҳиран ҳамааш фаҳмост. Вале мо чизи мушаххасе аз ин байт нафаҳмидем.

Яъне чӣ: хом будам, баъд пухта шудам ва оқибат сӯхтам!– Яъне: сӯхтан дар вуҷуди Худо–ин назарияи ваҳдати вуҷуд аст.

Ҳар кас метавонад бо мафҳумҳои заминии маъмулӣ доир ба худ бигӯяд, ки аввал хом буда, баъд пухта шудам. Вале чун ба калимаи охир мерасад, онро ба ҳоли худ мувофиқ намеёбад. Чаро? Зеро он се калимаи (хом, пухта, сӯхтан) истилоҳоти кайҳонӣ ҳастанд, ки ба аҳли замин мувофиқат надоранд. Мо агар ҳатто ду калимаи аввалро ба ҳаёти худ, рӯякӣ ҳам бошад, татбиқ кунем, он гоҳ калимаи охирин (сӯхтан)-ро ба ҳеҷ ваҷҳ дар зиндагии худ татбиқ карда наметавонем. Чаро? Зеро:

**Кори мардонро қиёс аз худ магир,**
**Гарчӣ бошад дар навиштан, шер, шир.**

Ночорем аз эзоҳи ин маъно, ки дар хатти арабӣ калимаи «шер» ва «шир» як хел навишта мешаванд, вале дигар хел хонда мешаванд. Дар хатти имрӯза ҳам навиштан ва ҳам хонданаш аз як дигар фарқ мекунад. Ширро мехӯрӣ, вале шер туро мехӯрад. Ин ҳам шарҳи зиёдатӣ аст. Асли мақсад дар мисраи якум возеҳ ва ошкор аст. Пас, Мавлоно он се калимаро ба маънои фалсафӣ истифода бурда, саргузашти

маънавии худро дар назар дорад. «Хом будам - мегӯяд чун ҳамаи мардум. «Пухта шудам» -ҳамчун шахсияти маънавӣ бо номи Ҷалолиддин Муҳаммад.

«Сӯхтам» - чунон сӯхтане, ки ба касе муяссар нашудааст. Сӯхтан дар оташи кашфи муаммои вуҷуди одамӣ дар ҷаҳон...

Шояд ин байт таври дигаре эзоҳ талабад, вале дар тасаввури мо он чӣ ҳаст, ҳамин аст. Истилоҳи «сӯхтан» дар олами сӯфиён маънои манфӣ надорад, балки дорои маънои мусбат аст. Мавлоно ҳам ин истилоҳро ба маънои мусбаташ истифода кардааст.

Яъне дар ишқи Ҳақ сӯхта фано гаштааст, ки ин мартабаи хеле олӣ дар ин мазҳаб ба шумор меравад. Ин ақидаи Мавлоност. Ҷаҳони имрӯза мегӯяд, ки не! Чаро? Барои он ки Мавлоно зери мафҳуми «сӯхтан» ҳар чиро дар назар дошта бошад ҳам, воқеан ва ҳақиқатан решаи орзуҳо ва ормонҳои ӯ ҳаётӣ ва заминианд. Вале, Мавлоно ноком аст...Чун кафолат надорад...Кафолати расидан ба мақоми худоӣ...

Фикри Мавлоно дар ин масъала то охир устувор ва мантиқӣ нест. Ҳарчанд, ки аз алиф то ё-и эҷодиёти Мавлоноро ҳамин як фикр ташкил мекунад: «Худои ҳақиқӣ Инсон аст». Ва таъкид мекунад:

**Эй қавми ба ҳаҷ рафта куҷоед, куҷоед,**
**Маъшуқ ҳамин ҷост, биёед, биёед.**
**Маъшуқу ту ҳамсояву девор ба девор,**
**Дар бодия саргашта шумо дар чӣ ҳавоед,**
**Гар сурати бе сурати маъшуқ бубинед,**
**Ҳам хоҷаву ҳам хонаву ҳам Каъба шумоед.**
**Даҳ бор аз он роҳ ба - дон хона бирафтед,**
**Як бор аз ин хона бар ин бом бароед.**
**Он хона латиф аст, нишонҳош бигуфтед,**
**Аз хоҷаи он хона нишоне бинамоед.**
**Як дастаи гул, ку агар он боғ бидидед,**
**Як гаҳвари ҷон ку агар аз бахри худоед.**
**Бо ин ҳама он ранҷи шумо ганҷи шумо бод,**
**Афсӯс ки бар ганҷи шумо парда шумоед.**

Вале амалан ин ақида ба ҷуз шиор чизе нест. Сирри дилгармие, ки мардум нисбат ба навиштаҳои Мавлоно доранд, маҳз дар ҳамин аст, ки вай ба Инсон мансаби худоиро ваъда медиҳад. Аз ин ваъда олами инсонӣ ҳамеша дилгарм хоҳад монд.

**Соли 1988**

## ҲАСТӢ ВА НЕСТӢ

**(Муколамаи фалсафӣ бо хонандагони рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон")**

**(Ҷавоби номаҳо)**

Хонандагони арҷманд!

Робитаҳои рӯзафзун ва густурдаи кишвари мо бо ҷаҳони хориҷ ва бархӯрдҳои ҳамарӯзаи фарҳангии ҷавонони мо ба тамаддунҳои дигар сабабгори пайдоиши фикру андеша ва бинишҳои рангоранги ахлоқӣ, фалсафӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардад.

Мо аз ҷавонон номаҳои зиёде дар даст дорем, ки сари ин мавзӯъҳои мураккаб ва печида баҳс мекунанд. Ҷавоне аз Душанбе менависад, ки чанд рӯзе дар даромадгоҳи бозори Шоҳмансури шаҳр роҳибе, масеҳӣ аз калисои воқеъ дар маҳалли Кӯҳдомани пойтахт мардумро ҳушдор медод, ки «то рӯзи қиёмат чанд рӯзи ба шумор мондааст. Ҳоло ки дер нашудааст, ба сӯи калисо бишитобед». Он ҷавон мепурсад, ки доир ба чунин масъалаҳо ба кӣ муроҷиат бикунем?

Ва инак, редаксияи рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» тасмим гирифтааст, дар гӯшаи нави худ зери унвони фалсафии «Ҳастӣ ва нестӣ» ин қабил масъалаҳои мураккаб, печида ва муаммоангезро, ки ба моҳияту мазмуни ҳаёту марг, ҳастию нестии инсон тааллуқ доранд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳад.

Ба ин мақсад мо номзади илми фалсафа Комил Бекзодаро ба ҳамкорӣ даъват намудаем, то ин ки ба саволҳо ва номаҳои шумо посух диҳад.

Аз Шумо - хонандагон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки дар номаҳои худ номи ҳақиқӣ ё мустаор, синну сол, касбу ҳунар, маҳалли зиндагии худро баён намоед. Ин маълумотҳо барои он заруранд, ки саволҳои Шуморо беҳтар ва амиқтар арзёбӣ бикунем. Ғайр аз ин бояд ба мо маълум намоед, ки шумо розӣ ҳастед, ки саволатонро бо ному насабатон дар рӯзнома зикр намоем. Ин хеле муҳим аст. Ба сабаби он ки то ҳол ҳамин масъала ҳал нашудааст, дар шумораи аввалини ин гӯша номи муаллифони номаҳоро дарҷ намекунем. Зеро намедонем, ки онҳо ба зикри номашон розӣ ҳастанд ё не. Дар ҳар сурат барои мо саволҳо ва мушкилиҳои шумо муҳиманд. Мо бидуни зикри ҳеҷ маълумоти тарҷумаи ҳолӣ ҳам омода ҳастем, ба қадри имкон ба саволҳои шумо посух диҳем.

Аз тарафи дигар умедворем, ки нисбат ба маводи дар ин гӯша нашршаванда бетараф набошед ва ҷасоратмандона мувофиқат ва ё мухолифати худро нисбат ба ҷавобҳои дарҷшуда ба унвони рӯзнома бинависед. Мо бесаброна номаҳо, саволҳо, пешниҳодот ва фикру мулоҳизоти Шуморо интизорем. Барои осоншавии кори Шумо саволҳоеро, ки чоп мешаванд, рақамгузорӣ мекунем ва ҳангоми зикри ин ё он суоли дарҷшуда, рақами онро зикр кунед кифоя аст.

Ва инак, муколамаи фалсафӣ бо ҷавонон:

(Аз идораи рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” 1995)

**–1–**

**САВОЛ:** Баъзан мешунавам, ки мегӯянд: «асрори зиндагӣ». Онҳо чиро дар назар доранд?

**ҶАВОБ:** Ҳаёт маргро нафрин мекунад... Ҳаёт мехоҳад, ки абадӣ ва ҷовидонӣ боқӣ бимонад... Ин талаби ошкоро ва пинҳонии ҳаёт аст. Вале бо ин басанда намекунад. Василаҳои дигарро низ ба кор мебарад, то ки худро аз марг ва нестӣ наҷот диҳад. Кадом василаҳо? Василаҳо чунинанд: худфиребӣ, хурофот, тасалло, дин, фалсафа, санъат, асотир...

Ҳаёт, яъне ҳамин ҳаёти одии мо одамони рӯи замин. Ҳамин одамон бо вуҷуди ҳамин зиндагии ҳақирона боз ҳамин зиндагиро дӯст медоранд, онро ягона гавҳари ноёби замину

замон ҳисоб мекунанд. Оё ҳақ бо онҳост? Намедонам. Вале чунин мепиндоранд... (Эҳтимол ҳақ ба ҷониби онҳост).

**–2–**

**САВОЛ:** Баъзан мешунавам, ки ба мисли марг «як муаммоест». Пас, муаммои худи марг аз чӣ иборат аст?

**ҶАВОБ:** Муаммои марг дар чист? Дар он аст, ки вақти фаро расидани он ба касе маълум нест. Вақте ки марг фаро мерасад, он гоҳ инсон қудрати онро надорад, ки чӣ будани маргро бо дигарон бифаҳмонад. Инсон, ки меояд марг нест. Марг фаро мерасад, инсон меравад. Мисли он аст, ки марг ва инсон ду меҳмоне ҳастанд, ки ба як хона ворид мешаванду вале якдигарро мулоқот намекунанд... Як сӯфии мусулмонон гуфтааст, ки «ман аз марг наметарсам. Вале аз он метарсам, ки баъди марг ҳоли ман чӣ хоҳад шуд». Ин гуфтаи суфӣ чӣ маънӣ дорад? Сӯфиёни ворастаро ақида бар ин аст, ки:

**Ин ҷаҳону он ҷаҳон як гавҳар аст,**
**Дар ҳақиқат куфру дину кеш нест.**

Ҳатто дар сурати он ки ҳарду ҷаҳон барои сӯфӣ яке бошад ҳам, пас ташвиш ва нигаронии сӯфӣ аз чӣ аст? Ташвиши сӯфӣ аз ин аст, ки миллиардҳо сол гузашту аз сӯфие бо ин ном дар олам нишоне набуд.

Акнун баъди марги сӯфӣ боз миллиардҳо соли дигар мегузараду ному нишоне аз ин сӯфӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Сӯфӣ аз нестӣ ранҷ мебарад. Чаро ки аз ин ҳастӣ маҳрум мешавад...Ва барои ҳастии "онҷаҳонияш" ба ғайри имону эътиқоди хушк дигар кафолате надорад.

**–3–**

**САВОЛ:** Оё дину фалсафа метавонанд муаммои маргро ҳал кунанд?

**ҶАВОБ:** Дину фалсафа сояи марганд. Адабиёту санъат низ. Дину фалсафа дар назди марг хушомад мезананд. Чун ғулом дар назди хоҷаи хеш. Адабиёту санъат дар олами тасаввур маргро аз доираи зиндагӣ берун мекунанд. Бо ҳукми худфиребӣ худро тасалло медиҳанд, ки марг дигар вуҷуд надорад. Баъд чӣ? Баъд доир ба марги якдигар таъзияномаҳо ва марсияҳои пурсӯзу гудоз эҷод мекунад!!!

**–4–**

**САВОЛ:** Оё барои инсон зиндагии абадӣ имконпазир аст? Решаи ин орзу дар кадом хок аст?

**ҶАВОБ:** Ҳама мехоҳанд, ки абадӣ зинда бошанд. Ин як орзуи реалист. Бигзор бошанд. Бисёре аз мавҷудоти зинда низ бо таври ғаризӣ (инстинктивӣ) мехоҳанд, ки зиндагии худро нигоҳ доранд. Ин ҳам табиист...

Чаро мо одамон зиндагии абадӣ мехоҳем? Чаро хирс орзуи зиндагии абадӣ надорад?

Дар сурате ки ҳам мо одамон ва ҳам дигар ҳайвонот аз маргу мурдан ҳазар мекунем. Сабаб ин аст, ки ин (албатта ба ақидаи ман) мо одамон чӣ будани маргро медонем. Ин як.

**ДУЮМ:** Ҳайвонот маргро ба таври хеле мубҳам ва норавшан эҳсос мекунанд. Ин аст, ки мо одамон аз марг метарсем, вале ҳайвонот парвое надоранд. Чаро ки чӣ будани маргро намедонанд.

**СЕЮМ:** Сababи шӯру шавқи мо ба зиндагии абадӣ аз тарси марг аст. Маҳз ҳамин тарс масъалаи зиндагии абадиро дар фикри мо ба таври муболиғаомез ҷилва медиҳад. Ба як калима: зиндагии абадӣ барои ин зарур аст, ки моро аз марг наҷот диҳад... Аз ин гузашта (чаҳорум), хоҳ аз марг тарсем ё натарсем, барои инсон зиндагӣ афзалтар аст. Чуноне ки ҳастӣ аз нестӣ муқаддамтар ва асилтар мебошад.

**–5–**

**САВОЛ:** Оё донишмандони гузаштаи халқи мо доир ба муаммои марг чизе нагуфтаанд?

**ҶАВОБ:** Файласуфони мо то давраи Ибни Сино як мавзӯи анъанавӣ доштанд, ки онро аз юнониён иқтибос карда буданд. Он мавзӯъ чунин ном дошт: «Хавф аз марг». Закариёи Розӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Сино ҳама зери ин унвон рисолаҳое ё бобе таълиф намудаанд. Хулосаи ҳамаи онҳо якранг аст. Аз марг набояд тарсид. Зеро ки марг ба ҷисми одамӣ дахл дорад. Вале ҷони одамӣ абадӣ ва ҷовидон аст. Ҳангоми фаро расидани марг, ҷисми одамӣ фосид мешавад ва ба хок яксон мегардад, вале ҷону рӯҳи одамӣ ба сӯи осмон ба боргоҳи Худованд парвоз менамояд.

Пас марг ба ҷисм дахл дошта аст, на ба ҷон. Ба ақидаи онҳо чизи асосӣ барои инсон ҷон аст, на ҷисм. Чаро ки ҷисм

чизи гузарон ва муваққатӣ аст. Ҷон бошад ҷавҳари одамӣ буда, абадӣ ва ҷовидон мебошад.

Ин албатта тасаллои хуб аст. Вале барои инсони имрӯза басанда ва қонеъкунанда нест. Илми равоншиносии муосир мафҳумҳои ҷисму ҷонро дар ҳудуди 180 дараҷа тағйир додааст.

Инсони имрӯза инсони сирф моддист. Парвои нафсу ҷонро надорад. Ва медонад, ки чаро парво надорад... Акнун масъала, масъалаи ҷисм аст. Ҷони бе ҷисм барои инсони муосир аҳамияте надорад. Баръакси гузашта, акнун ҳама ба муҳофизати ҷисм бархостаанд.

Оё ин корашон дуруст аст? Намедонам. Ҳамин қадараш маълум аст, ки ба тасаллоҳои пешина дигар эътиқод надоранд. Баъди Сино ин мавзӯи анъанавии фалсафаи мо барҳам хӯрд. Касе дигар бо он ном асаре таълиф накард. Вале мавзӯи он бо ному унвонҳои дигар ба минтақаи тасаввуф кӯчид...

Донишмандони муосирро ақида бар ин аст, ки хавф аз марг як инстинкт (майли табиӣ) ё як ғаризаи умумӣ ва оммавӣ дар ҷамъияти инсонӣ мебошад. Бо ин маъно ки ин хавф асоси ҳамаи ташвишу изтиробҳои моддӣ ва маънавии моро ташкил медиҳад...Чун мо одамон ба сифати мавҷудоти биологӣ ниёз ба бехатарӣ ва амнияти вуҷудӣ (ҷисмонӣ) дорем.

**–6–**

**САВОЛ:** Чаро мардум бо ҳам меҷанганд?

**ҶАВОБ:** Масъалаи ҷанг ҳам бо масъалаи марг робитаи ҷавҳарӣ дорад. Муҳаққиқе бо номи Ҷозеф Тейшер (соли 1964) изҳори ақида намуда, ки «майлу хоҳиши девонавори одамӣ ба сӯи ҷанг иборат аз ҳолати асабонияти ӯ аз хавфи марг аст». Ин ибора чунин маъно дорад, ки ба қавли маъруф «дар бало будан беҳ аз он аст, ки дар бими бало бошӣ». Гӯё иштирокчии майдони ҷанг даҳшати онро нисбат ба тамошочии ин маърака, камтар эҳсос мекардааст. Аз зоҳири қавли муҳаққиқ чунин бар меояд.

Вале шояд ҳақиқат ин бошад, ки аз ночорӣ ба ҷои аз марг гурехтан онҳо маргро истиқбол мекунанд. Ин тафсир низ маро қонеъ намекунад, ҳақиқаташро намедонам...

**–7–**

**САВОЛ:** Муаммои маргро кӣ аз ҳама беҳтар ҳал намудааст?

**ҶАВОБ:** Доир ба марг гуфтаанд:

**ЦИЦЕРОН:** Марг ин даҳшат аст...

**КАТО:** Мақбул ва ширин аст...

**СУҚРОТ:** Як чизи беаҳамият аст...

**ДИГАРОН:** Марг як ҳодисаи манфур аст...

Назари Цицерон ва дигарон воқеъбинонатар аст. Като тамаллуқ ва хушомад мезанад... Суқрот маргро нодида мегирад.

Мегӯянд, ки Суқрот дар тӯли ҳаёташ танҳо як маротиба асабонӣ шудаасту бас. Он ҳам ҳангоме буд, ки ӯро ба марг маҳкум намуданд. Суқрот дар суханронии пеш аз маргаш бо асабоният гуфт:

- Магар шумо юнонӣ нестед, ки қонунҳои давлати Юнонро риоя намекунед?

- Магар шуморо модарони Юнон назоидаанд?

- Эй каллахарҳо, оё одобу ахлоқи Юнон танҳо ба ман дахл дорад?

Қонунҳои давлатии Юнон танҳо ба сӯи ман нигаронида шудаанд? Оё тарбияи фарзандони Юнон танҳо кори ман аст? Оё шумо юнонӣ нестед? Модари шумо юнонӣ нест? Фарзандони шумо юнонӣ нестанд? Оё замини поки Юнон ватану зодгоҳи Шумо нест? Пас, шумо кистед? Дар куҷоед? Барои чистед? Вой бар ҳоли Юнон, ки дар ҳар рӯзу шаб чунин махлуқоти ноҷинсеро таҳаммул мекунад?»

Аз ин баёноти Суқрот маълум мешавад, ки «Марг як чизи беаҳамият набудааст, чунон ки Суқрот пештар тасаввур мекард! Хулоса, мавзӯи марг ҳоло ҳам яке аз мавзӯъҳои муҳимтарин ва асоситарини олами мо мебошад, ки ҳамвора фикру андешаи хосу омро ба худ машғул медорад.

Ҳақ ба ҷониби Зардушт аст, ки мегӯяд! «Асоситарин ва хатарноктарин душмани инсон ва инсоният марг аст!»

**–8–**

**САВОЛ:** Ишқ чист? Оё ишқ дар ҳақиқат вуҷуд дорад?

**ҶАВОБ:** Донишмандони муосир ишқро чунин таъриф додаанд, ки «ишқ ин гурехтан аз танҳоӣ аст». Ба ин маъно, ки инсон ба синну соле мерасад, ки барои худ маҳрами рози

сазовор пайдо карда наметавонад. Он гоҳ писар ба сӯи духтар ва духтар ба сӯи писар мешитобад... Кӯшишҳои моддӣ ва маънавии ин ду нафарро дар якҷоягӣ ишқ меноманд.

**–9–**

**САВОЛ:** Ман ҷавонеро дӯст медорам, вале намедонам инро чӣ тавр ба ӯ изҳор намоям.

**ҶАВОБ:** Беҳтараш ба воситаи мактуб ё телефон. Агар имкон набошад ба воситаи дугонаат ва ё ба воситаи яке аз дӯстони он ҷавон.

**–10–**

**САВОЛ:** Донишҷӯям. Ҳамсабақамро дӯст медорам. Ӯ мехоҳад, ки худи ҳамин сол издивоҷ кунем. Оё оиладорӣ ба сабақаомӯзии мо халал намерасонад?

**ҶАВОБ:** Ба пешниҳоди ҳамсабақат розӣ шав. Агар дар ҳақиқат якдигарро дӯст медошта бошед, издивоҷатон монеи сабақаомӯзии шумо намегардад. Балки ба таҳсили минбаъдаи шумо мадад мерасонад. Боз такрор мекунам, ки агар ишқи шумо аз рӯи сидқу сафо бошад.

**–11–**

**САВОЛ:** Чӣ кор кунам, ки ба хушдоманам маъқул бошам?

**ҶАВОБ:** Беҳтараш ин саволро аз худи хушдоманат пурс. Вай худаш беҳтар медонад. Одатан мардум хушдоманро дарди бедаво ҳисоб мекунанд. Вале донишмандонро ақида бар ин аст, ки рашку сахтгирии хушдоманҳо сабабҳои ҷиддии ҳаётӣ ва рӯҳӣ доранд. Ба ин маъно ки хушдоман баъди тӯи фарзанд духтар ва ё писари худро «аз даст» медиҳад. Модаре, ки солҳои тулонӣ писар ва ё духтари худро бо сад нозу ишва парвариш намуд, баъди тӯи онҳо ва ба таври «ногаҳонӣ» ба «хушдоман» табдил меёбад. Ин табаддулот дар рӯҳия ва низоми зиндагии онҳо таъсири ҷиддӣ мегузорад. Ин аст, ки аксуламали ин тағйирот дар шакли «мансаби нави» хушдоманӣ зоҳир мешавад. Лекин агар ҷавонони мо баъди издивоҷ бо одобу ахлоқи ҳамидаи худ роли пешинаи фарзандии худро бозида тавонанд, он гоҳ хушдоманҳо ҳам дар мавқеи пешинаи модарии худ боқӣ мемонанд.

**–12–**

**САВОЛ:** Ҳамсабақам, Заррагулро дӯст медорам. Ва хонаи онҳо илтиҷо кард, ки хостгорҳоямро фиристонам. Вале ман наметавонам. На пул дораму на хона. Ба ӯ чӣ гӯям?

**ҶАВОБ:** Агар дар аввали шиносоият ба Заррагул ҳамин суханро ошкоро мегуфтӣ, шояд кор имрӯз то ин дараҷа мураккаб намегардид. Дар байни ошиқон чизи пинҳонӣ вуҷуд надорад. Шумо бо ин рафторатон қоидаҳои ишқи ҳақиқиро хилоф кардаед. Акнун Заррагул медонад, ки ба ӯ шавҳари бепул даркор аст ё пулдор!

**–13–**

**САВОЛ:** Ҷавонеро дӯст дорам. Ӯ низ маро дӯст медорад. Вале волидайнамон ба издивоҷи мо розӣ нестанд. Дӯстонам маслиҳат медиҳанд, ки бидуни маросими тӯи арӯсӣ ба ӯ зиндагӣ кунаму кӯдакдор шавам. Баъди ин ба издивоҷи мо волидайн маҷбур мешаванд, ки розӣ бошанд.

**ҶАВОБ:** Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дӯстони маслиҳатчиат дар асл душманони туанд. Дигар ба суханони онҳо гӯш мадеҳ. Онҳо хушбахтии туро намехоҳанд. Ба ақидаи волидайнатон аз нав назар кунед. Онҳо таҷрибаи рӯзгор доранд. Ва чизеро медонанд. Дар сурате ки падару модар хушбахтии фарзандони худро мехоҳанд. Қатъи назар аз ҳамаи ин бо роҳи зӯрӣ ба гардани волидайн бор кардани иродаи худ аз ҳамаи қонуну қодаҳои инсонӣ берун аст. Фарз кардем, ки бо ҳамон роҳи пешгирифта ба мақсади худ расидед. Он гоҳ чӣ? Падару модаратон як умр хиҷил ва норизо. Ёру дӯстони маслиҳатчиат як умр хандаи истеҳзо бар лаб. Шавҳарат ҳамеша асабонӣ. Худат аз неъмати тӯю тамошои издивоҷ маҳрум. Фарзандонатон аз назари аҳли ҷамъият ғайри шаръӣ. Зиндагии минбаъдаатон мушкил андар мушкил. Оқибат моҷаро ва хархашаҳои оилавӣ. Давомашро ҳама медонанд, ки чӣ мешавад...

**–14–**

**САВОЛ:** Ман ҷавони 27-солаам. Ҳанӯз оиладор нестам ва касеро ҳам дӯст надоштаам. Агарчи бо духтарони зиёде айшу ишрат кардаам. Хешу ақрабо саргарангам мекунанд, ки хонадор шавам. Вале ман наметавонам касеро дӯст дорам. Мегӯянд: «Аввал оиладор шав, муҳаббат баъд пайдо мешавад». Оё ин фикр дуруст аст?

**ҶАВОБ:** Мушкили шумо андак нест. Қариб ки ба дарди бедаво гирифторед. Ин дардро дарди худписандӣ ва такаббур меноманд. Инаш ҳам ба хайр аст. Бале мутаассифона дарди шумо сирояткунанда аст. Оқибат ин дард падару модар, хешу табор, ёру дӯст ва зану фарзандони шуморо низ гирифтори мусибат хоҳад намуд. Танҳо умед ба хешу ақрабои Шумо аст, ки дурусттар сари ин масъала андеша кунанду фикри зангирии Шуморо аз худ дур кунанд. Ин беҳтарин ва маъқултарин роҳи ҳалли мушкили Шумост. Охир хонадории Шумо ба кӣ даркор аст? Занатонро дӯст надоред, дар фикри фарзанд набошед, чораҷӯиҳои хешу таборро «саргарангӣ» ҳисоб кунед...

Аслан Шумо аз Осмон фаромадаед ва ё аз Замин баромадаед? Магар мардуми ин сарзамин аз шумо қарздоранд, ки ба ҳамаи онҳо бебаркаш нозу ишва мефурӯшед? Ҷаҳони мо бе шумо ҳам аз зиёдии нуфус ранҷ мебарад. Танҳо як роҳи хайр дар пеши шумо боз аст: фикри зангириро аз сар дур кунед... ва баъди гузашти солҳо хоҳед фаҳмид, ки дар ҳаққи арӯси оянда ва хешу табори худ хизмати арзандае анҷом додаед...

**–15–**

**САВОЛ:** Дар бораи май ва майпарастӣ фикрҳои мухталиф баён мекунанд. Вале асли масъала чист? Ояндаи май ва майпарастон чӣ хоҳад буд?

**ҶАВОБ:** Дар ҷавоби ин савол ба хонандагон бо ҷиддияти том гуфтанӣ ҳастам, ки май чизи гуворо ва нӯшиданист. Вале вақташ нарасидааст. Ҳар коре, ки пеш аз вақташ шурӯъ шавад, зарарнок аст. Одамӣ нӯшидани майро пеш аз вакт оғоз намуд. Ин аст, ки ба ҷои шодӣ ба ӯ ғам меоварад. Пас, вақташ кай мерасад ва бо чӣ меъёре вақти онро муайян мекунанд? Ҷавоби ин савол душвор нест. Давраи майпарастӣ вақте фаро мерасад, ки инсонро дигар деви марг ва мурдан таҳдид накунад.

**Эй ки дил дар банду қайди дилбари раънастӣ,**
**Бандаи имрӯзи ишқу ғофили фардостӣ.**
**Гар ба каф оранд рӯзе домани васли абад,**
**Ибтидои майпарастӣ дар ҳама дунёстӣ.**

**–16–**

**САВОЛ:** Оё мешавад, аз ғаму андӯҳ наҷот ёфт? Оё одаме ҳаст, ки надонад ғаму андӯҳ чист?

**ҶАВОБ**: Андӯҳ - ин аз шодӣ маҳрум будани мост. Мо ҳанӯз ба моҳияти андӯҳ нарасидаем. Чаро ки шодиҳо ва ғаму андӯҳи башарӣ хеле сатҳианд. Моҳияти андӯҳро ба ҷуз пайғамбарон ва ҳакимон касе дарк накардааст. Вале онҳо низ ба андозаи кофӣ натавонистанд, лаҷоми онро бигиранд. Ин аст, ки дар оянда дуду ғубори ғаму андӯҳ ҳамагонро фаро хоҳад гирифт. Гуноҳи донишмандон ва ҳакимон аст, ки илоҷи ин воқеа пеш аз вуқӯи он накардаанд. Акнун ба мо зарур аст, ки пеш аз ҳама илми зинда кардани мурдаҳо ва аз мурдан наҷот додани зиндаҳоро биомӯзем. Ин ягона илмест, ки бемории азалии ғаму андӯҳро аз дили ҳамагон дур хоҳад намуд!

**–17–**

**САВОЛ:** Назари нависандагони бузург доир ба марг чист? Муҳим нест кадоме аз онҳо. Танҳо як намуна ва ё мисоле зикр кунед.

**ҶАВОБ:** Аз нависандаи китоби «Соли охирини умри Достоевский» донистам, ки масъалаи маргу мурдан яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёт ва гуфтугӯҳои ҳаррӯзаи Лев Толстой будааст. То ин вақт ҳеҷ ба хотирам намерасид, ки нависандаи «Ҷанг ва сулҳ» ба ин андоза бо масъалаҳои «хусусӣ» таваҷҷӯҳ дошта бошад. Акнун донистам, ки ин масъала хусусӣ набуда, балки барои кулли инсоният, масъалаи умумӣ ва ҳамешагӣ будааст.

Барои Достоевский бошад баръакс, ӯ аз марги шахсии худ ҳаросе надошта, танҳо аз он ранҷ мебурдааст, ки одамизод мирандааст ва то кунун илоҷе барои абабзиндагии ӯ вуҷуд надорад!

**–18–**

**САВОЛ:** Мешунавам ки баъзеҳо мегӯянд «инҳо кори инсонӣ нестанд, аз аъмоли шайтонанд». Гӯё ҳамааш фаҳмост. Корҳои неку бадро дар назар доранд. Оё мешавад имрӯзҳо ҳам ин қабил ибораҳоро истифода намуд?

**ҶАВОБ:** Хонандагони фозилро боистӣ дар масъалаи кору амал хеле нуктасанҷ бошанд. Зеро байни кори худовандӣ ва

кори ғуломона фарқе бас азим вуҷуд дорад. Кор ва пешае ҳадафнок, ки инсонро ба сӯи абадият роҳнамоӣ мекунад, кори худовандист. Корҳои берун аз ин ҷода корҳои ғуломӣ, бандагӣ ва иблисианд. Аз ростӣ, ки инсон то ҳанӯз овора аз паи корҳои иблисӣ аст. Одамӣ то имрӯз ҳама ҷо барои қатли инсон дастгоҳҳо месозад. Оё дар тамоми дунё барои зинда кардани мурдае озмоишгоҳ ҳаст? Нест! Оё аққалан дар ин бора кӯшише ҳаст? Нест! Оё зинда кардани мурдаҳо ва ё аз марг наҷот додани зиндаҳо дар рӯзнома ва барномаи амалии инсони имрӯза вуҷуд дорад? На, надорад. Пас, ин корҳо чӣ маънӣ доранд? Оё корҳое берун аз ин ҳадафҳо, корҳои иблисӣ нестанд?

**–19–**

**САВОЛ:** Сухани бисёр даркор нест. Агар тавонед бо ду ҷумлаи кӯтоҳ ва фаҳмо баён намоед, ки дарди бедавои мардуми асри XX аз чӣ иборат аст?

**ҶАВОБ:** Мехостам мисли баъзе нависандагон ҳолати шифохонаеро тасвир намоям, ки дар он ҳама ба бемории саратон (рак) мубталоянд, вале якдигарро тасалло медиҳанд, ки бемориашон муваққатӣ ва зуд муолиҷашаванда аст.

Ҳама медонанд ва ҳама якдигарро гӯл мезананд ва фиреб медиҳанд. Оқибат ҳама гирифтори доми фиреб мегарданд. Мепурсед, ки сабаби ин дурӯғ чист? Ҷавоб ин аст, ки онҳо намехоҳанд нотавонии худро дар пеши марг эътироф намоянд!

**–20–**

**САВОЛ:** Бисёр маъзарат мепурсам. Шояд саволам нобаҳангом бошад. Пештар ҳар рӯз ба таври ҳатмӣ се бор хӯрок мехӯрдем. Имрӯзҳо камтар. Сари ин мавзӯъ баъзан баҳс мешавад...

**ҶАВОБ:** Дар ҷавоби ин савол ба хонандагони арҷманд таъкид мекунам, ки хӯрдану нӯшиданро ҳадафи асосии зиндагии худ ба шумор наоваранд. Зеро мо одамон дар назди гургу хирс ва аксари ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ дар боби хӯрдану нӯшидан камзавқтарем... Пайғамбарони пешин образи малоикаро офаридаанд, ки аз хӯрдану нӯшидан бениёзанд. Онҳо зиндагии рӯҳонӣ доранд, на ҷисмонӣ. Ин танҳо образ аст. Дар асл, хӯрдан ва нӯшидан барои одамӣ

дарди бедавост. Ҳаёти фариштагӣ барои инсон маъное надорад. Хурду хӯроки ҳайвонот ба мақоми инсонӣ сазовор нест. Мо дар байни ин ду оташ ҳамвора месӯзем. Сӯхтане нотамом. Мақоми мушаххаси одамӣ маҳдуд ба ҷисми биологии ӯст. Берун аз ҷисм сурат ва сирати одамӣ аз байн меравад. Инсони компютерӣ инсон нест. Маҷмӯаи симу ноқилҳост...

Нақду суди мо ҳарчанд ноқис ва ночиз ҳам бошад, ки ҳамин омезиш, ваҳдати ҳаёти моддӣ ва маънавии одамиро ташкил медиҳад.

Дуализм ва ягонагии модда ва рӯҳ мояи бақои олами инсонӣ дар ин саҳрои вуҷуд мебошад. Ин воқеияти зиндагӣ аст. Беҳтар ва дурусттараш ҳанӯз кашф нашудааст.

**–21–**

**САВОЛ:** Ҳама ҷо доир ба маданиятнокии аврупоиҳо мехонем ва мешунавем. Бо вуҷуди ин Ғарб ҷаҳониёнро бомбаборон мекунад? Масалан дар Япония, Ветнам, Ироқ, Босния...

**ҶАВОБ:** Ба саволи ин ки: «Чаро Ғарб ҷаҳониёнро бомбаборон мекунад?» дирӯз як ҷавоби маъқул пайдо кардам. Ин ҷавоб самараи андешаи файласуфи номвари муосири Олмон Мартин Ҳайдеггер (1889-1976) аст. Ӯ мегӯяд: «Тамаддуни Ғарбӣ аз роҳи истеъмору истифодаи бераҳмонаи табиат ва дар партави нашъаи прогресси технологӣ, қоидаҳои асосии ахлоқи инсониро аз байн бурд. Оқибат инсонро ба табиат муқобил гузошт. Натиҷаи ин мухолифат ва бегонагиро мо имрӯзҳо дар мисоли адоватҳои девонавори мардум бо табиат ва мардум бо мардум мебинем».

Ва мегӯяд ин ақидаи нав нест ва «бомбаи атомӣ дуюнимҳазор сол пеш дар достони Парменид таркида буд». Ӯ бо ин суханаш муқобилгузории инсонро бо табиат дар достони файласуфи Юнони қадим Парменид (таваллудаш 540 пеш аз мелод) дар назар дорад.

**–22–**

**САВОЛ:** Чаро давлатҳои бузург ба таври ҷиддӣ кӯшиш намекунанд, ки низоъҳои минтақавиро дар ҷаҳон хомӯш гардонанд.

**ҶАВОБ:** Соли 1970 китобе ба дастам афтод бо номи «Оё инсоният оянда дорад?», - навиштаи файласуфи англис Бертран Рассел (1872-1970). Китоб иборат аз мусоҳибаҳои телевизионии Рассел буда, баъдҳо дар шакли китобчаи дусадсаҳифагӣ ба чоп расидааст. Тарҷумаи арабии он дастраси мо гардид. Саволи рӯзноманигор ин буд.. Чаро Иттифоқи Советӣ ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба гуфтушуниди дуҷониба доир ба яроқпартоӣ омодагӣ нишон намедиҳанд?

Рассел посух медиҳад:-"Ҷавоби ин савол хеле одист. Ғурури амаки Иван ба ӯ имкон намедиҳад, ки назди амаки Сэм биравад. Ва баръакс амаки Сэм назди амаки Иван рафтанро дар шаъни худ таҳқир ҳисоб мекунад. Вале дар асл чунин аст, ки на амаки Иван ба қадри бояду шояд худро мешиносаду на амаки Сэм. Бо илова ҳарду аз шинохти якдигар ҳам бегонаанд!" Ҳамин посух ҳатто имрӯзаҳо ҳам фикри маро бо худ машғул медорад. Бошад, ки қазовати ниҳоиро сари ин ҷавоб худи хонандагон ба ӯҳда гиранд.

**–23–**

**САВОЛ:** Дар ҷое хондам, ки шоире хонаро ба «гӯри зиндаҳо» ташбеҳ намудааст. Оё ҳақ ба ҷониби шоир аст?

**ҶАВОБ:** Хонаҳои мо осоишгоҳ ва зиндонҳои мо ҳастанд. Ҳангоми шодмонӣ ва дилхушӣ мехоҳем, ки гирду атрофи хонаҳоямонро чун девори бузурги Хитой мустаҳкам намоем. Вале чун ин осоишгоҳ ба хонаи арбадаю ҷадал табдил гардад, аз қазову қадар ва аз замину замон орзуи дарҳам шикастани онро мекунем. Хона ягона маконест, ки барои ҳарду ҳамсафари мо, яъне Ғаму Шодӣ ихтисос ёфтааст. Акнун инсониятро боистӣ боз то чанд вақте хонаҳои худро обод нигоҳ дорад. Зеро вақти барҳам задани онҳо ҳанӯз нарасидааст. Ҳар кори пеш аз маврид зиёновар аст. Боистӣ, ки шоирон хонаву манзилро дигар чун «гӯри зиндаҳо» ташбеҳ накунанд!

**–24–**

**САВОЛ:** Солҳои донишҷӯӣ каму беш фалсафа ва андаке атеизми илмӣ хонда будам. Акнун аз ин ду садое ба гӯш

намерасад. Баръакс, дар бораи дину имон баҳс мекунанд. Оё хулосаи ман дуруст аст?

**ҶАВОБ:** Дар ҳеҷ давру замоне на дар байни ҳеҷ як қавму миллате илми фалсафа натавонистааст аксариятро ба тарафи худ ҷалб кунад. Чаро? Зеро ки аксарият ҳавсалаи шунидани ҳақиқат ва сухани ростинро надоранд.

Фалсафа ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аст. Пас, кадом аст он сухани ҳақ, ки аксари мардум аз шунидани он қимобанд.

Он сухан ин аст, ки мегӯяд: «Эй мардум, шумо ҳама мирандаед ва дар ин роҳ барои шумо роҳи бозгаште нест. Агар метавонед, чорае биандешед. Вагарна дер мешавад!» Ин сухан ба онҳо писанд нест. Чаро ки чорае надоранд. Илоҷе намеёбанд. Имконияте надоранд, ки ба таври амалӣ пеши роҳи марг ва мурданро бигиранд. Роҳи наҷотро дар ин мебинанд, ки худро тасалло диҳанд: «Дар ивази тоату ибодат, ба зиндагии абадӣ ва ҷовидонӣ ноил хоҳем гашт». Баъди ин пешниҳод фалсафа як масъалаи бемаврид ва нобаҳангом шуда мемонад.

Чунон ки асрҳои аср чунин буд ва ҳоло ҳам чунин аст...Вале, оқибат рӯзе фаро хоҳад расид...

**–25–**

**САВОЛ:** Шояд ин савол бамаврид набошад. Чаро ки дар мавзӯи (ба фикри худам) нозук баҳс мекунад: Бахшиш чист ва бахшишгар кист? Асли ин масъала ба чӣ такя мекунад?

**ҶАВОБ:** Дар ҷавоби савол ба хонандагон ин масъаларо бояд тавре шарҳ диҳам, ки аз зоҳири он фирефта нашаванд. Зоҳиран шахси бахшоянда гӯё ба каси дигар некӣ мекунад. Масалан, ба гадо чизе доданд. Вақте ки ба гадо чизе медиҳӣ ту пеш аз ҳама оташи дарду алами худро об заданӣ мешавӣ, ки мабодо ба ҳоли он гадо наяфтӣ. Гадо баҳонаест, ки ба воситаи ӯ худро бештар шинохтӣ ва аз бадбахтиҳои эҳтимолӣ аз наздиктар ошно шудӣ. Пас, ту ҳақ надорӣ, ки барои бахшишҳоят, ба гардани дигарон миннат гузорӣ. Зеро бахшиш ин тасаллои ту буд, барои худат. Вале худи гадо ба куллӣ аз худшиносӣ бегона аст. Чаро ки такягоҳи асосии ӯ дар зиндагӣ бахшоишгаронанд!

**–26–**

**САВОЛ:** Шояд бо сабаби нооромҳои солҳои охир бошад, ки мавзӯи маргу мурдан мавриди гуфтугӯи бештаре қарор мегирад. Оё аз назри илмӣ доир ба марг ягон назария ва ё ақидаи наве ба вуҷуд омадааст ё не? Аз ин саволи дурушт маъзарат мехоҳам...

**ҶАВОБ:** То асри бистум масъалаи маргу мурдан барои ҳама муаммо буд. Суқроти Ҳаким мегуфт: «Асрори маргро касе донista метавонад, ки ақаллан як бор мурда бошад. Он гоҳ саргузашти мурдани худро ба зиндаҳо нақл кунад. Вале чунон ки ҳама медонед, аз мурдаҳо касе зинда нашудааст, ки ин қиссаро ба мо нақл кунад». Ҳама ин гуфтаро тасдиқ мекарданд ва ҳақ ба ҷониби онҳо буд. Дар асри мо донишманд ва табибе бо номи доктор Раймонд Мудӣ (соли 1977) ба саволи Суқрот ҷавоб гуфт ва бо роҳи амалӣ ва таҷрибӣ исбот кард, ки марг - ин аз ҳуш рафтани инсон аст. Бо ин фарқ, ки дар ҳолатҳои одӣ инсон боз ба ҳуш меояд. Аммо дар марг, беҳушӣ раванд ва протсесси бебозгашт аст. Барои исботи ин масъала доктор Р.Мудӣ ҳолатҳои чанд сад одами ба фалокатҳои ногаҳонӣ (садамаи мошинӣ, ғарқ, сӯхтор, афтидан аз ошёнаҳои баланд ва ғайра) дучор шударо таҳқиқ намуда, баъди амалиётҳои реанимасиёнӣ (азнавзиндагардонӣ) дар асоси нақлҳои мурдаҳои «собиқ» ба хулосае омад, ки инсон ҳангоми фалокат ва марги табиӣ аз ҳуш меравад ва дигар ба ҳуш намеояд. Дар ин асно ӯ ягон дарду ранҷеро ҳис намекунад. Чаро ки эҳсоси дарду ранҷ вобаста ба ақлу ҳуш аст. Ҳангоми аз даст додани ақлу ҳуш, бадани инсон дигар чизеро эҳсос намекунад. Ва ин ҳолати беҳиссӣ, беҳушӣ ва бехудиро марг меноманд... Китоби Р.Мудӣ «Ҳаёт баъд аз марг» ном дорад ва ба русӣ тарҷума шудааст.

**27**

**САВОЛ:** Боре дар як ҷамъомад бо калонсолон сари масъалаи шарму ҳаё баҳс намудем. Баҳси мо нотамом монд, Шумо чӣ назар доред?

**ҶАВОБ:** Дар умқи андешаи шарму ҳаё заъф ва нотавониву нуқсон нуҳуфтааст. Беҳаёӣ низ як нав зътирозест ба муқобили ин нуқсон. Вале ин эътироз то кунун нобаҳангом ва зиёновар будааст. Чаро ки ин беҳаёӣ, худ, нуқсони асосӣ ва роҳи ислоҳи

онро намедонист. Бо нуқсон нуқсе дигар меафзуд. Шарму ҳаёи асосӣ он аст, ки инсонҳои башардӯст, пок ва бузург хидматҳои худро барои хайру саодати инсоният, аз ҳама пӯшида медоранд. Ба хотири он ки заъфу нотавонии тарафи муқобил ошкор нашавад. Илми муосир гуманизми ҳақиқиро аз айбпӯшӣ иборат медонад. Мусулмонон изои бандаи мӯъминро ҳаром медонанд.

**–28–**

**САВОЛ:** Чаро гӯшаи нави рӯзномаро ба мавзӯъҳои фалсафӣ бахшидед? Ин аз илмҳои дигар чӣ афзалият дорад?

**ҶАВОБ:** Фалсафа танҳо ин фазилатро дорад, ки фоидааш на танҳо ба худи шахс, балки ба ҳамаи мардум мерасад... Дар ин асри бегонагон ҳамаи онҳоро бо хештани хеш ва бо худии худ аз наздик шинос мекунад... Сабабгории ҳамаи бадбахтиҳо, бегонагӣ аз хештан аст... Мо мардуми асри бист, бо ҳама чиз ошноем; бо ҷаҳон, бо кайҳон... Танҳо бо худ, бо Инсон ошно нестем. Фалсафа ҳамеша бо инсон сару кор дорад. Ҷаҳону кайҳон мавзӯи омӯзиши илмҳои дигар аст. Ин аст, ки фалсафаро барои ҳама пешкаш мекунем, чаро ки ҳамагон бо ин илм ниёз ва эҳтиёҷ доранд...

**–29–**

**САВОЛ:** Аз саволҳои пешин доир ба муҳаббат баъзе чизҳо хондам. Ҷавобҳо мувофиқи савол буданд. Оё назари шахсии Шумо ҳам доир ба муҳаббат чунин аст? Оё мешавад муҳаббатро низ аз назари фалсафӣ тафсир кард?

**ҶАВОБ:** Агар ин мавзӯи мавриди баҳс бошад, ба хонандагони худ ҳушдор медодам, ки фирефтаи муҳаббат нашаванд. Муҳаббат ба ҷуз тасалло чизи дигаре нест.

Бо сеҳри худфиребӣ ҳамаи фазилатҳои дилхоҳи худро ба маҳбуба нисбат медиҳем. Дар сурате ки чунин фазилатҳо дар ӯ каманд ва ё аслан вуҷуд надоранд. Мо ошиқи зебоӣ ва камол ҳастем. З-ин сабаб нуқсонро дидан намехоҳем. Муҳаббати аҳли замин бо сабаби мирандагии мо ба куллӣ ноқис аст. Ин аст, ки мо муҳаббатро орзуи мутлақи худ қарор медиҳем. Ҳол он ки инсони бедор эҳтиёҷ ба ин калавишҳои кӯдакона надорад. Мо дуру дароз низ бедор буда наметавонем. Чаро ки хоби марг хеле ба зудӣ моро аз ин бедорӣ маҳрум

мегардонад. Алқисса, муҳаббат чист? Муҳаббат худфиребист! Орзу мекунам, ки ин ақидаи ман нодуруст бошад (ва дар асл чунин ҳам ҳаст). Чаро ки маҳз ҳамин муҳаббат бо сеҳру афсуни муболиғаноки худ моро ба ҷаҳонҳои болотар, равшантар, нектар ва инсонитар ҳидоят менамояд. То дараҷае ки Афлотун мегӯяд: «Бе ишқ зиндагӣ муҳол аст!» ва рост ҳам мегӯяд. Чаро ки ба сабаби ишқ мо худ ва дигаронро беҳтар ва хубтар мешиносем. Аз ин назар, ишқ - мактаби худшиносист!

**–30–**

**САВОЛ:** Чаро дар баъзе ҷамъомадҳо аблаҳе ба касе имкони сухан гуфтан намедиҳад, вале нафаре ҳам аз аҳли маҷлис, ба ӯ эътироз намекунад ва баръакс, ба суханони ӯ ба завқ гӯш медиҳанд?

Дар сурат ки аҳли маҳфил ҳамагӣ одамони муҳтарам ва оқил ҳастанд.

**ҶАВОБ:** Ба ду сабаб: Яке ин ки аксари аҳли маҳфил тарсу ва безаҳра ҳастанд. Метарсанд, ки он аблаҳ онҳоро дар байни дигарон «шарманда» накунад.

Ҳарчанд хуб медонанд, ки баҳонае барои шармандагии онҳо вуҷуд надорад.

Дуюм, аз рӯи тақозо ва фитрати одамӣ, аҳли маҷлис дар симои он аблаҳ саргузашти пешинаи худро ба хотир меоваранд, ки рӯзе онҳо низ чунин аблаҳ буданд. Ба хотир овардани айёми гузашта, барои ҳама хушоянд ва гуворост. Ин аст, ки онҳо ба гуфтори он шахс гӯш медиҳанд ва фикран сагузашти пешинаи худро аз лавҳи хотир мегузаронанд...

**–31–**

**САВОЛ:** Худшиносиро категорияи олии фалсафӣ мегӯянд ва файласуфҳо ҳам солҳои охир ҳамаро ба худшиносию худогоҳӣ мехонданд. Бигӯед, ки ҳадду ҳудуди хештаншиносӣ аз куҷо то ба куҷост ва ҳар фард кай метавонад бигӯяд, ки ӯ худро шинохтааст?

(Нурхон, 24-сола, корманди рӯзномаи ноҳиявӣ).

**ҶАВОБ:** Худшиносӣ мавзӯи солҳои охир нест ва 2500 сол пеш дар дарвозаи ибодатгоҳи Делфӣ дар Юнон чун шиор навишта буданд, ки: «Худро бишинос ва дар корҳои зиндагӣ эътидолро нигаҳ дор»... Худшиносӣ аз назари имрӯза он аст,

ки фард бояд масъулияти иҷтимоӣ ва таърихии худро дар назди худ ва тамоми инсоният дарк намояд. Агар касе аз ӯҳдаи фаҳмиши чунин масъулияте баромада тавонад, метавон гуфт, ки он шахс худро шинохтааст. Шинохтани масъулият басанда нест, ин масъулиятро дар амал татбиқ намудан лозим аст. Ба таври назариявӣ бисёриҳо бедор, худшинос, худогоҳ, равшанфикр, равшандил ва ғайра ҳастанд. Вале шарти асосӣ он аст, ки ин фазилатҳоро дар байни мардум амалан татбиқ намоӣ. Оё мо ба марҳалаи худшиносӣ расидаем? Не, нарасидаем. Мо ин хулосаҳоро аз забону китобҳои қавмҳои дигар тӯтивор такрор мекунем, вале дар амал шиорамон ин аст, ки: «Аз гирди хеш гард, ки даврон ғанимат аст!»

**–32–**

**САВОЛ:** Одоби шарқӣ мегӯему ҳамдигаркушӣ мекунем. Модари худро «махан», падарро « пахан», «старик», бародарони хунии худро «братишка» ё «братан» мегӯем. Яъне аз модар, падар, бародар гуфтан ор мекунем. Бигӯед, ки ҳамин одоби шарқиаш чист ва он чи хосияте дорад, ки ҳеҷ сарфаҳмаш намеравам?

(С. Хоҷа Аҳмад, 31 сола, коргар).

**ҶАВОБ:** Дар ин савол чанд масъала бо ҳам омехта шудааст. Ҳар якро дар алоҳидагӣ бояд таҳлил кард:

**ЯКУМ:** Ҳамдигаркушии мо гуноҳи одоби шарқӣ нест. Агар одоби шарқӣ медоштем, чунин рафтор намекардем. Бо кадом далел? Бо далелҳои таърих: миллати тоҷик дар таърихи худ ду одоб (дурусттараш ду ахлоқро) аз сар гузаронидааст. Яке ахлоқи зардуштӣ ва дуюм ахлоқи исломӣ. Дар дастури ахлоқии зардуштӣ ба ҳама пайравони ин дин тавсия карда мешавад, ки бояд дорои «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек бошанд». Албатта худ аз худ маълум аст, ки агар касе дорои чунин одобу ахлоқе бошад, ҳеҷ гоҳ ба ҷангу ҷидол барнамехезад...

Медонем, ки дар марҳалаи исломӣ ва аз рӯи ахлоқи исломӣ «мӯъминон бо ҳам бародар хонда шуданд» (Қуръон, ояти 10 сураи Ҳаҷарот). Пайғамбари ислом фармуд: «мусулмон бародари мусулмон аст, бихоҳад ё нахоҳад». (Асли ибора чунин аст: «Ал-муслиму аху-л-муслими, аҳабба

ам караҳа» аз китоби Макорим-ул-ахлоқ). Аммо ин ки мусулмононро бо ҳам бародар хондаанд бад-он хотир аст, ки онон аз хиёнат нисбат ба ҳам дур ва барканоранд... Барои мухтарам Хоҷа Аҳмад маълум бошад, ки насли имрӯзаи мо на ахлоқи зардуштӣ дораду на ахлоқи исломӣ. Албатта ба таври расмӣ ҳама худро дорои ахлоқи исломӣ ҳисоб мекунанд. Вале расмият як чиз асту воқеият чизи дигар. Се насл аз мардуми мо ахлоқро на дар хонавода омӯхтаанду на дар мактаб... Ахлоқ ҳам илм аст, онро меомӯзанд ва дар амал татбиқ мекунанд. Аз он ки мо дар асри Юрий Гагарин зиндагӣ мекунем, маънои онро надорад, ки ҳар яки мо кайҳоннавард бошем. Кайҳоннавард танҳо худи Ю.Гагарин буд, ки ин илмро омӯхт ва дар амал татбиқ намуд...

Пас, мо кистем? «Пахану махан» гуфтани моро сабаб чист? Ҷавоби ин савол хеле мухтасар аст: Мо манкуртем!

(Илова: Масъалаи он ки манкуртӣ чист, чандин савол дар даст дорем ва дар ҷои худаш дар ин бора баҳс хоҳем кард).

**–33–**

**САВОЛ:** Дар пойтахт зуҳуроти номатлуберо ҳис мекунем. Одамон дар кӯчаву бозор ва хусусан дар нақлиёти шаҳр нисбати ҳамдигар номеҳрубонию сангдилӣ нишон медиҳанд. Ин ҷо чӣ сабабгор аст: Пастии маънавиёт? Сахтии рӯзгор? Ҳодисаҳои маълуми солҳои охир? Ё чизи дигар?

(Мунира, 25-сола, мураббия, шаҳри Душанбе).

**ҶАВОБ:** Ҷавоби ин саволро худи мураббияи мӯҳтарам хеле дақиқ ва равшан баён намудааст, ки мо ҳам бо ӯ ҳамфикр ҳастем. Бо вуҷуди ин гумон мекунем, ки решаҳои ин номеҳрубониҳо амиқтар бошанд. Чаро ки сахтии рӯзгор ва пастии маърифат барои минтақаи мо чизи нав нест. Мо ҳамеша аз ин гирифториҳо ранҷ мебурдем ва мебарем. Вале ба ин мусибатҳо чизи дигаре илова гардид: Фароғи маънавӣ, аз даст додани қутбнамои идеологӣ, шикасти ногаҳонии идеалҳои миллӣ ва интернасионалӣ. Акнун ҳолати мо ба ҳолати он синфхонае монанд аст, ки муаллим берун рафтааст ва кӯдакон аз таълим ва раҳнамоии муаллим бенасиб монда, аз гумроҳӣ ва ҷаҳл ба якдигар даст ба гиребон шуда, тахтаи синфро ба сари якдигар мезананд. Ин ташбеҳ аз як байти Мавлоно Ҷалолиддини Румист ва асли он чунин мебошад:

**Он муаллим ки хирад буд бирафт, мо тифлон,**
**Якдигарро зи ҷунун тахтазанонем ҳама.**

**–34–**

**САВОЛ**: Даст задан ба қисаи дигарон чӣ каромот аст?
-ҷавонмардӣ?
- нишонаи ғурур?
- бадбахтӣ?
- аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кардан?
- беморӣ?
-касбу кор?
(Шариф, 26 сола, омӯзгор).

**ҶАВОБ:** Агар саволро дуруст фаҳмида бошам, сухан дар бораи дуздӣ ба маънои васеаш дар миён аст. Дуздӣ касалии иҷтимоист. Дар рӯзгори мо зиндагӣ ба марҳалае расида, ки:

- ноҷавонмардон дуздиро ҷавонмардӣ мепиндоранд.

- дар кори дуздӣ ғурур аст, вале ғурури ҷинояткорона ва зиддимардумӣ...

- онҳо ҳам бадбахтанд ва ҳам бечора, вале ин бадбахтии худро хушбахтӣ гумон мекунанд.

- «аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кардаан» -гуфтанӣ гапро эътироф намекунанд. Онҳо худро шахсони мазлуме ҳисоб мекунанд, ки акнун фурсат пайдо кардаанд, аз золимони худ интиқом бигиранд.

Дуздиро метавон як навъ беморӣ, ҳирфа ва ихтисос ҳам ба шумор овард. Дар навтарин таҳқиқоти илмӣ бо номи «Равоншиносии ҷароим ва инҳирофоти ҷинсӣ» асари доктор Масъуди Ансорӣ (соли 1993) доир ба инҳирофи дуздӣ чунин мегӯяд:

«Афроди мубтало ба инҳирофи «клептомания» ё майл ба дуздӣ, вайронкороне ҳастанд, ки барои қонеъ намудани як омили ғайри оддии равонӣ (психикӣ), ки дар кайфияти рӯҳии онон дар такопӯст, даст ба дуздӣ ва ҷиноят мезананд. Ва бинобар ин бадеҳист, ки ҳар гоҳ дар дуздони оддӣ ҳадафи касби молу чизу чора бошад, вале дар байни он дуздон, ҳадафи амал, маҳз дуздӣ асту бас, на ашё ва чизҳои дуздидашуда. Ба ҳамин далел аст, ки ин вайронкорон аксар ба

дуздидани ашё ва лавозиме даст мезананд, ки абадан мавриди майлу алоқаи онҳо нест. Вале чун комплекси равонии (уқдаи нафсии) онҳо бо ин амал таскин пайдо мекунад ва ба як навъ ЛАЗЗАТЕ ки монанд ба лаззати амали ҷинсӣ аст, мерасанд, аз ин ҷиҳат худро ба ин амал олуда месозанд.

Бинобар ин афроди мубтало ба инҳирофи клептомания (Kleptomania) дуздоне ҳастанд, ки ангезаи (ҳадафу мақсади) онон дар содир намудани дуздӣ, касби молу манол нест, балки ин афрод ба манзури (хотири) қонеъ намудани хӯю одати инҳирофии (бероҳагии) худ содиркунандаи ин амали нангин мешаванд. Ба иборати дигар ин афродро метанон навъе дуздҳои равонӣ (психикӣ) донист, ки ба худи амали дуздӣ алоқа доранд, на ба молу ашёе, ки дар натаҷаи дуздӣ касб мекунанд. Ба ҳамин иллат аст, ки ин вайронкорон аксар ба дуздидани ашё ва лавозиме даст мезананд, ки мумкин аст мавриди майлу алоқаи онҳо набошад, вале чун комплекс ва уқдаи равонии онҳо бо ин амал таскин пайдо мекунад, аз ин рӯ худро бо ин амали шармовар олуда ва шарик месозанд. Иллат ва сабаби эҷоди ин инҳироф ва фасод он аст, ки тамоилоти вопасзада ва амёли (майлу хоҳишҳои) кӯфташудаи баъзе аз афрод, ҳар гоҳ тасфия (дур) ва рафъ (бартараф) нашаванд, ночор ба замири ноогоҳ хоҳанд рафт ва дар сиёҳчоли замири нохудогоҳ, ки дахмае аз анбӯҳи хотироти нороҳаткунанда ва майлҳои вопасзадашудааст, ба сурати уқдаҳо ва комплексҳои саркаш ҷамъ хоҳанд шуд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ба худнамоӣ ва заҳрпошӣ хоҳанд пардохт...

Афроде ки ба ин инҳироф (фасод) мубтало ҳастанд, мумкин аст дар зиндагии хонаводагӣ таҳти фишори волидайн қарор дошта ва падару модар онҳоро аз доро будани ашёи мавриди назар, маҳрум карда бошанд.

Албатта сахтгириҳои бидуни далели волидайн ба атфол ва омӯзиши носаҳеҳи онҳо низ, мумкин аст дар эҷоди ин инҳироф бидуни таъсир набошад. Афроди пулис (полисия) ва маъмурони қазоӣ (адлия) бояд ин афродро аз дуздони оддӣ ва маъмулӣ ташхис диҳанд ва васоили дармони онҳоро зимни маҷозот дар зиндонҳо ва марокизи пизишкӣ (табобатӣ) тавсия ва фароҳам кунанд» (саҳ. 309-310).

Дар ин мавзӯъ гуфтаниҳо бисёр аст, вале дар доираи саволу ҷавобҳои мухтасари ин гӯшаи рӯзнома ғунҷиш надоранд.

**–35–**

**САВОЛ:** Дар шароити ҳозира ҷавононро дар кадом рӯҳия тарбия кардан аз ҳама хубтар аст?

Агар писарону духтаронро дар алоҳидагӣ шарҳ медодед, хубтар мебуд.

(Н. Сафарзод, 30 сола, соҳибкор).

**ҶАВОБ:** Дар рӯҳияи донишдӯстӣ ва инсонпарварӣ. Дониш гуфта донишҳои ҳақиқиеро дар назар дорам, ки доир ба ҷаҳону кайҳон маълумотҳои санҷида ва собитшударо пешкаш намояд. Инсонпарастӣ ё худ гуманизм гуфта он биниш ва ҷаҳоншиносиеро дар назар дорам, ки ҳадафи аввалин ва охиринаш бахту саодати инсон бошад. Бисёре аз ақоид ва идеологияҳои гузашта ва ҳозира чунин даъворо доштанд ки гуманистӣ ҳастанд. Вале худи таърих гувоҳ аст, ки ин идеологияҳо ба ҷои як зулм ва истибдод зулму истибдоди дигареро оварданд ва бар дӯши мардум маҷбуран бор намуданд. Ба таври куллӣ идеологияҳои динӣ (ҳамаи динҳо беистисно) ба нуфуз ва нерӯи Худо такя мекунанд. Идеологияҳои дунёӣ такягоҳи асосии худро дар системаҳои сиёсӣ меҷӯянд.

Ҳарду идеология (ҳам динӣ ва ҳам дунявӣ) то имрӯз ба таври ифротӣ амал кардаанд. Сабабаш ин буд, ки идеологияи динӣ осмонро мепарастаду идеологияи дунёӣ заминро; Ҳарду идеология ИНСОНИ ЗИНДА ВА БЕДОРРО фаромӯш карда буданд. Ҳамин фаромӯшӣ сабаби асосии шикасти он ду навъи идеология гардид. Идеологияи ояндаи башар, бояд ин нуқсони он ду идеологияи ҳукмронро ба таври куллӣ ва ҷиддӣ ислоҳ намояд. Идеологияи оянда, идеологияи ИНСОНӢ хоҳад ном дошт. Ба ҷои парастиши БУДОЮ АҲУРОМАЗДО инсонеро парастиш хоҳад кард, ки ба шарофати онҳо номи Будою Аҳуромаздо то имрӯз боқӣ мондаанд. Ба ҷои парастиши низому ҳукми давлати тоталитарии фашизму натсизм, ҳамбастагии инсониеро парастиш намуд, ки барои ҳамаи аҳли олам, озодию саодат фароҳам меоваранд. Инсони ғариб ва аз худ бегонаи имрӯз, оқибат худро шинохт ва ба

риши ҳамаи коҳинони мардумфиребу саёсатмадорони хунхор хоҳад хандид... Идеологияи инсонӣ ба авторитети ҲАЁТ такя мекунад. Ба ин маъно, ки дар дунё аз ҳаёт ва зиндагии инсонӣ чизе болотар нест ва болотар буда ҳам наметавонад. Инсон ва зиндагии ӯ дорои арзиши МУТЛАҚ мебошад. Агар мӯҳтарам Сафарзод идеологияи инсониро қабул дошта бошад, он гоҳ эҳтиёҷ ба тарбияи алоҳидаи писарону духтарон намемонад. Инсон ҳамааш инсон аст. Вале агар тарбияи алоҳидаи онҳоро дар назар дошта бошад, ин масъалаи нав нест ва дар бисёре аз давлатҳои Шарқу Ғарби имрӯза мавриди озмоиш қарор гирифтааст. Сабаби чунин тарбияро мансубияти ҷинсӣ, нажодӣ, динӣ, табақавӣ, каставӣ ва ғайра ташкил медиҳад, ки яке аз бемориҳои қадимаи таърихи фарҳанги башарӣ мебошад. Хулосаи ин тарзи тарбия ин аст, ки инсонҳо бо ҳам баробар нестанд ва яке сабаби фасоди дигаре мегардад. Идеологияи инсонӣ чунин ақидаро қабул надорад...

**–36–**

**САВОЛ:** Ман ҳамаи саволу ҷавобҳои гӯшаи «Ҳастӣ ва нестӣ»-ро бо кайфияти том мутолиа кардам. Саволу ҷавобҳо ҷолиб ва хубанд. Вале ман пурсиданӣ ҳастам, ки оё ҳамаи ин ба доираи муколамаи фалсафӣ дохил мешаванд?

(Б. Шералӣ, 21 сола, донишҷӯ).

**ҶАВОБ:** Мо ҳам хушнудем, ки саволу ҷавобҳо ба Шумо писанд омаданд. Ва баъд. Ҷавоби саволатон мусбат аст. Мавзӯъҳои дар ин гӯша дарҷшуда дар доираи муколамаи фалсафӣ мебошанд. Зеро фалсафа ягона илмест, ки фақат ва фақат доир ба тақдир ва сарнавишти ИНСОН баҳс мекунад. Мисол: саволи аввалини гӯшаи «Ҳастӣ ва Нестӣ» ба асрори зиндагӣ дахл дошт. Саволи дуюм ба муаммои марг. Таваҷҷӯҳ шавад, ки дар олам паррандаю чарандаю хазандаю ҳайвонот низ ҳаёту зиндагӣ доранд. Вале мо ба онҳо дахл намекунем. Зиндагии онҳоро илмҳои дигар аз қабили биология, зоология ва ғайра меомӯзанд. Ин танҳо инсон аст, ки мавриди омӯзиши илми фалсафа мебошад. Дар мисоли дуюм низ ҳамин маъниро метавон пайдо кард. Мо аз марги паррандагону хазандагону дарандагон баҳс намекунем. Зеро марги онҳо мавзӯи баҳси фалсафа нест. Фалсафа танҳо доир ба муаммои марги ИНСОН баҳс мекунад. Вақте мегӯянд, ки домани баҳси

фалсафа аввалу охир, азалу абад, маргу зиндагӣ ва ҳастиву нестиро дар худ фаро мегирад, маънояш ин аст, ки аввалу охири ҷаҳон азалу абади олами ҳастӣ, ҳодисаи маргу зиндагӣ ва ҳастию нестии олами вуҷуд дар муқобили сарнавишти ИНСОН чӣ таъсир ва мақоме доранд. Хулласи калом фалсафа илми инсоншиносист.

**–37–**

**САВОЛ:** Дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе баъзан мебинам, ки ошиқон маъшуқаҳои худро ба оғӯш мегиранд, мебӯсанд. Дар ин маврид чӣ гуфта метавонед?

(Баҳром, 28 сола, муаллим).

**ҶАВОБ:** Мо ин манзараро қариб панҷоҳ сол боз мушоҳида карда истодаем, вале ҷуръати чизе гуфтан надорем. Чаро ки дар ватани мо эксперименти урупоикунонӣ рафта истодааст. Ишқу ошиқии тоҷикиро, ана ҳамин тавр урупоӣ мекунанд. Бо бӯсу канори кӯчаву бозор. Барои он ки аз ҷодаи инсоф берун нарафта бошем, лаҳзае фикран мушоҳида намоед. Дар Ҳиндустон бӯсу канори кӯчаву бозор қариб вуҷуд надорад. Дар кинофилмҳо ҳам мо ин манзараҳоро намебинем. Оё ин чунин маъно дорад, ки танҳо ошиқони кӯчаҳои Душанбе ошиқи ҳақиқианд? Не, ва сад бори дигар не. Ин кори мо нишонаи худнамоӣ, худписандӣ, бемаданиятӣ, бадахлоқӣ ва ҷаҳли мураккаб аст. Мӯҳтарам Баҳром, шумо ин қабил масьалаҳоро бисёр ба дил наздик нагиред ва ба дигарон ҳам ошкор баён накунед. Чаро ки лақабу тамғаи кӯҳнапараст, ҳурофотӣ, миллатчӣ, иртиҷоӣ ва ғайраро ба шумо мечаспонанд. Аз ин баъд, агар чунин манзараеро дидед, бо як бепарвоии маданӣ худро тасалло диҳед, ки «хайр ҳеҷ гап нашудааст, як авбоши нар авбоши модаеро мебӯсад!» - гуфта роҳи худро давом диҳед.

**–38–**

**САВОЛ:** Дар солҳои охир бисёр дучор меоям, ки мардон ҳамдигарро аксар аз лабҳо мебӯсанд, ки ман инро ҳеҷ қабул кардану фаҳмида наметавонам. Дастфишорию ба оғӯш кашиданаш маълум буд, вале бӯсобӯсиаш чӣ маъно дорад? Илтимос пурратар фаҳмонед.

(Парвиз, 35 сола, ронанда, шаҳри Душанбе).

**ҶАВОБ:** Ин масъалаи хеле нозук ва дар айни вақт хеле дурушт ва ғализ аст. Пеш аз ҳама мо бояд бӯсаҳои маъсумонаю поку беолоиши падару модарро нисбат ба фарзандон аз ин баҳс ҷудо гузорем ва ба мавзӯи мавриди муҳокима баргардем.

Дар гузаштаи хеле дур ва асрҳои миёна, бӯсаи эҳтиром ва тақдис вуҷуд дошт, ки мардон дасти шоҳ ё дасти поп (кашиш) ва ё шайху муршидро мебӯсиданд. Ин аз рӯи тарс, эҳтиром ва хушомад буд. Акнун чӣ? Парвиз дуруст мегӯяд, ки «дар солҳои охир». Дар ҳақиқат ин одат дар солҳои охир дар Тоҷикистон ривоҷ ёфт. Ман дар солҳои 1965-66 ва 1976-79 дар Мисру Яман ин одатро мушоҳида намудам ва аз ҳамкорони араб сабаб пурсидам. Онҳо гуфтанд: «Ин мардҳое, ки якдигарро мебӯсанд, ҳама ба Урупо рафта омадаанд. Мо ки нарафтем, аз ин кор хилоҷат мекашем. Баъзе аз мо ҳам аз рӯи ҷаҳлу нодонӣ ва ё тақлиду хушомад, каму беш аз ин одат пайравӣ мекунем. Вале пештар дар мо чунин одат аслан вуҷуд, надошт»...

Ин одат дар Тоҷикистон асосан баъди ҷанги Шӯравӣ бо Афғонистон паҳн гардид... Афғонҳои урупорафта ҳам чун арабҳою эрониҳои урупопараст, ин одатро доранд. Намунаашро метавонед дар мисоли донишҷӯёни афғоне, ки дар Душанбе таҳсил мекунанд, мушоҳида намоед. Одат одат аст. Ба як-ду нафар вобаста нест. Ва касе ҳам онро бо роҳи илтимос ва зурӣ манъ карда наметавонад...

Ин ҷо рӯи сухани ман танҳо ба Парвиз аст. Мӯҳтарам Парвиз, медонам, ки ронанда ҳастӣ ва ҳамеша дар сафар. Чунин одатҳоро зуд-зуд мушоҳида мекунӣ. Хаста ва дилгир мешавӣ. Ҳоли туро тасаввур карда метавонам. Вале сабр кун, ки аз ин ранҷ раҳоӣ наёфта боз ба дарду сари «қафомондагию», «бемаданиятӣ» гирифтор нагардӣ. Мо ба андозаи он устоди донишкадаи тиббӣ бояд эҳтиёткор набошем, ки дар роҳравҳои (тротуари) оммавӣ роҳ намерафт; то мабодо аз сулфаю атсаи шахсони зуком (грипп) микробҳо бар ӯ сироят кунанд! Бигузор мардҳои шаҳрҳои Душанбею Хоруғу Кӯлобу Хуҷанд аз микробҳою хоку чанги кӯчаҳои ин шаҳрҳо парво накарда, якдигарро бӯсидан гиранд. Мо аз ин парвое надорем. Вале чизе ки мо аз он ранҷ мебарем ва

ояндагонро таҳдид мекунад, ин аст ки ин бӯсаҳои риёкорона ва мунофиқонаи мардони худнамо ҚАДРУ ҚИМАТИ БӮСАҲОИ ҲАҚИҚИИ ОШИҚОНАРО БА ЗАМИН МЕЗАНАНД! Чаро ки бузургон гуфтаанд: «Ҳар чи бисёр шавад, хор шавад»!

ИЛОВА: Чизи асосиро фаромӯш кардаам: Вақте ки мард мардро мебӯсад, он шукӯҳу шаҳомат ва он салобату виқори мардонагӣ аз байн меравад ва он мард дар назари атрофиён ба як мавҷуди миёнае ки на мард асту на зан, табдил меёбад!

**–39–**

**САВОЛ:** Мегӯянд, ки «зан тарбиятгари мард аст». Аз зиндагие, ки бо ҳамсарам доштам, ҷуз азоби ҷаҳаннам чизе надидам. Аз нав хонадор шудаму шукр мегӯям, ки ҳозир зиндагиро то андозае ба роҳ мондам. Лекин мехоҳам бифаҳмам, ки зан дар кадом ҳолат метавонад тарбиятгари шавҳари худ гардад?

(Салим, 34 сола, иқтисодчӣ, шаҳри Душанбе).

**ҶАВОБ:** Ҷавоби ин савол ин аст, ки чун ин зан ёвар, ҳамсафар, шарик ва ҳамнафаси мард аст. Ин ҳамкории онҳо дуҷониба аст, ҳар яки он дар навбати худ, дигареро ёрӣ ва дастгирӣ менамояд. Дар ин асос зиндагии хонаводагии онҳо ба таври мӯътадил давом мекунад. Лекин гумон мекунам, ки мақсади мӯҳтарам Салим донистани он аст, ки оё ҳамон ҳикмати мардумии «зан тарбиятгари мард аст», то чи дараҷа дуруст аст. Агар саволро дуруст фаҳмида бошем, пас ҷавоб ин аст, ки на ҳамаи ҳикматҳо сад дар сад дурустанд. Мо маҳз ба хотири он ки онҳоро халқ гуфтааст, кӯр-кӯрона ба онҳо бовар мекунем. Мардум ҳам ба бисёр дурӯғҳои шохдор, бовар мекарданд. На танҳо як халқ ва ё як миллат, балки тамоми мардуми дунё дар тӯли ҳазорсолаҳо бовар доштанд, ки Замини мо маркази Коинот аст. Вале илм кайҳо исбот намуда буд, ки ин ақида дуруст нест ва Замини мо яке аз ҷирмҳои қатории кайҳони нопайдоканор мебошад. Яъне мардум ҳам иштибоҳ ва хато мекардаанд...

Ҳикмати «зан тарбиятгари мард аст», таъбири дигаре ҳам дорад: «Мардро мард мекардагӣ ҳам зану номард мекардагӣ ҳам зан». Агар аз дари муросо дохил шавем, ин ду таъбир ҳарду сахт муболиғаомезанд...

Аз назари таърих, занҳо, одатан дар харобии кори мардон мекӯшидаанд, на дар тарбияи онҳо, чаро ки онҳо ҳамеша аз мақоми афроде бечора, мазлум ва ситамдида баромад мекарданд. Ҳақ  доштанд, ки интиқом бигиранд...

Дар фарҳанги халқи форсу тоҷик ҳикматҳое аст, ки ақидаи «тарбиятгари мард будани занро» рад мекунанд. Барои намуна ба ин ду ҳикмат таваҷҷӯҳ намоед:

«Зан аз паҳлӯи чап халқ шудааст» яъне: кори ӯ меъёре надорад ва бар сари аҳди худ намемонад.

«Зан балост, ҳеҷ хона бе бало набошад».

Яъне: Агарчи зан доштан, холӣ аз дарди сар ва  озори мард нест, лекин зиндагӣ бе хонаву зан ҳам номумкин аст...

Ба таври истисноӣ (на ба таври куллӣ) бояд эътироф кард, ки баъзе аз занҳо (на ҳамаи онҳо) барои шавҳарҳои майзада, барҷомонда, маъюбу маслуқ, дардманду ранҷур ва гирифтори дигар мусибатҳо метавонанд он мардҳоро ба таври худ тарбия намоянд. Он шавҳарон,  шояд,  ба ин тарзи тарбия розӣ ҳам набошанд, вале чораю илоҷи дигаре надоранд: Мӯҳтарам Салим, ки марди баркамол аст ба «тарбияи зани аввал тан надода, зани дуюмро худаш тарбия менамояд»...

**Соли 1995**

# «ҶАҲД БИНМО, ТО КИ БЕДОРАМ КУНӢ!»
**(Мусоҳиба)**



**Акбари Шариф–нависандаи соҳибистеъдоди тоҷик. Солҳои охир муовини сардабири рӯзномаи “Наврӯзи Ватан” буд. Ягона китоби ӯ бо номи “Ахтари ашк” соли 1996 дар нашриёти “Ориёно” ба нашр расид.**
**(1963–1997)**

**Аз худ андешу аз ин бодия тарсон магузар,**
**Ки ту ҳастию вуҷуди ду ҷаҳон чизе нест!**
**(Иқбол)**

Муколамаи солинавии файласуфи шинохта Комил Бекзода бо хабарнигори «Наврӯзи Ватан» Акбар ШАРИФ (дар заминаи пурсиши муштариён)

Ш: Файласуфи дӯстдоштаи Шумо?

Б: Ҳамаи файласуфонро дӯст медорам. Нимашонро ба хотири он ки ҳамфикрони мананд. Ними дигарро ба хотири он ки бо ман ихтилофи фикрӣ доранд. Мухолифати афкор сабаби баҳсу андеша ва пешрафти илм мегардад. Моҳияти фалсафа низ аз ҷустуҷӯ, баҳсу андеша роҷеъ ба дарёфти ҳақиқат иборат мебошад.

Ш: Агар суоле матраҳ намоям, ки мазмунаш густохона бошад, намеранҷед?

Б: Чаро ранҷам? Мусибатҳо ва мушкилоти зиндагии имрӯзаи мо, аз саволҳои шумо дида густохтаранд!

Ш: Мафҳуми мусибатро чӣ гуна дармеёбед?

Б: Вақте ки одамон нисбат ба якдигар бовариро аз даст медиҳанд, мусибат оғоз мегардад!

Ш: Дӯст доред?

Б: Мехостам дӯст дошта бошам!

Ш: Душман ҳам надоред?

Б: Касе, ки дӯст надошта бошад, душман ҳам надорад. Чаро ки шумораи дӯстон ҳамеша бо шумораи душманон баробар аст.

Ш: Заифӣ ва камбудии худро дар чӣ мебинед?

Б: Камбудию нуқсон дар ман беҳадду ҳисоб аст. Вале он чи ки ҳамеша озорам медиҳад, ин аст, ки хеле зудбовар ҳастам, одамшинос нестам ва сирри диламро пинҳон дошта наметавонам.

Ш: Чаро ба сиёсат машғул намешавед?

Б: Ба сиёсат машғул намешавам, то ин ки сиёсат ҳам ба ман машғул нашавад!

Ш: Дараҷа ва сатҳи донишатонро чӣ тавр баҳо медиҳед?

Б: Дараҷаи донишам то соли 1979 ба дараҷаи дониши талабаи синфи панҷуми араб буд. Ҳоло (1995) намедонам то чи андоза пеш рафта бошам.

Ш: Хоксорӣ чист?

Б: Хоксорӣ яке аз шаклу намудҳои худписандист. Инсони ҳақиқӣ на хоксор асту на худписанд. Худписандон ҳамеша дар либоси хоксорӣ моро мефиребанд.

Ш: Дар фаъолияти илмиатон киро тақлид ва пайравӣ мекунед?

Б: Ба мисли ҳофизи халқии тоҷик Бачабеки Шобег, ҳар чи ки донам, дар ҳама ҳолат ба мардум пешкаш мекунам. Ин як. Дуюм: Монанди файласуфи амрикоӣ Дейл Корнегӣ эътироф дорам, ки ҳар чи медонам ва менависам ҳамаашро аз мутафаккирони гузашта ва ҳозираи ҷаҳон гирифтаам. Танҳо услуб ва забони баён аз ман асту бас.

Ш: Оё худро мунаққид меҳисобед?

Б: То соли 1976 ба мунаққидӣ машғул будам. Ва дигаронро танқид мекардам. Аз он баъд ба иштибоҳи худ пай бурдам ва акнун худро танқид мекунам. Ҳоло бар ин ақидаам, ки мунаққиди ҳақиқӣ бояд танқидро аз худ шурӯъ кунад. Ин ҳақиқати талхро аз пирамарди тоҷик бо номи Нағзӣ Ализода омӯхтаам.

Ш: Мегӯянд, ки Шумо аслан сухане ҷиддӣ надоред ва ҳамвора ҳазлу шӯхиро муаммогуна мехоҳам мешиносед?

Б: Баъди 50-солагӣ дигар ҳазлу шӯхӣ намекунам. Зеро мехоҳам, ки ҷиддӣ бошам ва маро ба сифати як марди ҷиддӣ бишносанд!

Ш: Ба назари Шумо шахси ҷиддӣ чӣ касест?

Б: Ҳамаи инсонҳои баъди даврони бозсозӣ ба куллӣ инсонҳои ҷиддӣ ҳастанд!

Ш. Ҳадафи муштараки мо дар оянда чӣ хоҳад буд?

Б: Мубориза ба муқобили марг. Ҳамин ғоя моро бо ҳам муттаҳид карда метавонад. Чаро ки марг душмани умумии ҳамаи мо одамон мебошад. Марг ва мирандагист, ки моро бар зидди якдигар мешӯронад ва бармеангезад. Ин масъала ба андозае ошкоро ва то дараҷае ноаён аст, ки асрҳои аср фикру эҳсосоти башариятро бо сеҳре муаммогуна гирифтор намудааст. Мо бояд худро аз доираи ин сеҳр берун барем. Ба ибораи равшантар ҳамаи қавмҳо, миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳон бояд дарякҷоягӣ ба муқобили марг мубориза баранд. Ҷиҳати аз ҳама муҳими масъала он аст, ки муборизаи муштарак ва тавъам дар сатҳи ҷаҳон ба муқобили марг ҳамчун ғояи умумибашарӣ ҳадафҳо ва нақшаҳои ҷузъӣ, қавмӣ, миллӣ, динӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайраро аз байн хоҳад бурд. Ин ҳадафи муштарак ҳамаи ҷаҳониёнро бо ҳам муттаҳид хоҳад кард. Чунин аст роҳи наҷот, аз бӯҳронҳо ва нобасомониҳои дунёи имрӯза.

Ш: Худро файласуф мешуморед?

Б: Аз ҷиҳати зоҳирӣ, расмӣ ва формалӣ файласуф ба шумор меоям. Зеро дар Институти фалсафаи Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунам. Ҷавоби ин саволро аз ҳамкасбонам пурсед.

Ш: Файласуфи ҳақиқӣ кист?

Б: Бисёранд. Барои мисол: Ибни Сино, Хайём, Суқрот, Афлотун, Арасту, Эпикур, Федоров, Нитше, Шопенгауэр, Хайдеггер, Ясперс, Сартр, Камю...

Ш: Нишонаҳои файласуфи ҳақиқӣ кадомҳоянд?

Б: Файласуфи ҳақиқӣ ҳам дилбастаи ҷисм асту ҳам ошиқи ҷон. Ибни Сино барои дарёфти муаммоҳои ҷисм китоби «Ал-Қонун-фи-тиб»-ро навишт ва дар боби табобати рӯҳ асари

бисёрҷилдаи «Шифо ун-нафс»- ро таълиф намуд. Хайём ҳам табибӣ мекарду ҳам файласуфӣ. Мо бошем, файласуфони хасакӣ ва ноқисем. Чунки на тибро ба пуррагӣ медонему на фалсафаро. Асри мо асри бефалсафа аст. Барои ҳамин ҳам асри бадбахтӣ ва асри мусибатҳост. Вале, фалсафа боз хоҳад гашт.

Ш: Дурустӣ ва нодурустии амалро аз рӯи кадом ченак метавонем муайян кунем? Равшантар бигӯем, аз тариқи кадом меъёр, бо кадом тарозу хайру шар ва некиву бадиро баркашем?

Б: Чунин ченак вуҷуд дорад. Онро ҳаёти инсон меноманд. Ҳар коре, ки инсонро ба ҳалокат маҳкум кунад, кори шар ва бад аст. Ҳатто агар ин ҳукмро қонунҳои ҷиноии муқаддаси олам бароварда бошанд. (Инҷо манзури мо сӯиқасд аз тарафи як шахс дар ҳаққи шахси дигар нест. Ҳолатҳоеро дар назар дорем, ки инсонро ба хотири ашёҳои беҷон ва барои кадом як ақидаи аз давраи Дақёнусмонда маҳкуми марг мекунанд). Бузургтарин файласуфи муосири ҷаҳон Ҷон Пол Сартр ба ин муносибат мегӯяд: **«Охирин сухани фалсафа ин аст, ки ҳама чиз ба хотири инсон бошад. Одам бузургтарин ва волотарин арзиши ҷаҳонист. Муҳофизати ҳаёти ҳар инсон бояд олитарин арзиши ҳуқуқӣ ва маънавӣ дониста шавад».** Ин гуфтаи файласуф чунин маъно дорад, ки дар сурати мухолиф баромадани шахсе дар муқобили Авесто, Таврот, Инҷил, Китоб-ул баён, Китоб-ул-итқон ва ғайра касе ҳақ надорад, ки он шахсро маҳкум ба марг намояд. Зеро зиндагии ҳар як инсон муҳимтар, арзандатар ва асоситар аз ҳукму фатвоҳои он китобҳо мебошад. Чаро ки китобҳои фавқуззикр ҳам ба ҷои худ маҳсули тахайюлу афкори инсон мебошанд. Пас, ҷоиз нест, инсонро ба хотири навиштаи инсони дигар, маҳкум ба марг созем. Ин аст, ки асри XX-ро асри девонаҳо меноманд. Чунки аз дигар асрҳо дида нисбат ба инсон қатлу ғоратҳои бештареро раво дид. Девонагии асри бистум, ақидаи файласуфи муосири англис Колин Вилсон мебошад, ки дар китоби «Ғариб»-и вай баён гардидааст.

Ш: Васиятнома ва ё катибае барои санги мазоратон навиштаед?

Б: Ҳеҷ гоҳ дар фикри чунин коре набудам ва ақида доштам, ки мардум сухани зиндаро шунидан намехоҳанд. Пас, чӣ таъсире дорад сухани мурда? Вале ҳодисае рӯй дод... Соли 1982 бо гурӯҳе аз дӯстон Мирзо Ғолиб, Саиднуриддин, Ҷӯрабек, Саидакбар ба зиёрати Ҳазрати Бурхи Валӣ рафтем. Тобистон буд. Зиёда аз 40 нафар ҳоҷӣ бегоҳ дар боргоҳи бузургвор будем. Торикӣ доман паҳн кард. Хонае, ки бояд хоб мекардем, бо вуҷуди бузургиаш ягон тиреза надошт. Чароғ мавҷуд набуд. Маҷбур шудем, ки барвақт бихобем. Бисёр бармаҳал буд вақти хоб ва ғанабам намебурд. Одатан дар чунин соат ҳеҷ гоҳе хоб накарда будам. Рӯи ҷойгаҳ дароз кашида ба андеша фурӯ рафтам. Баъди чанд фосилаи вақт сар аз кӯрпа берун карда, ба гирду атроф нигоҳ кардам. Касе ва чизе наменамуд. Ҳама ҷоро торикӣ ва зулмот фаро гирифта буд. Хона он лаҳза ба гӯр шабоҳат дошт. Марг, мурдан ва торикии қабр ба ёдам расид... Баъди тахайюли лаҳзаина чанд сатре пароканда аз хотирам гузашт...Субҳ мисраъҳоро ба дафтар сабт кардам. Он сатрҳои шеъргуна муроҷиат ба писарам Ҷовидон буданд, ба ин қарор:

**Ҷовидоно, бар мазори ман нигар,**
**Ибрате омӯз аз марги падар.**
**Ҷаҳд кун то ин ки бедорам кунӣ,**
**Аз чунин хоби гарони бесамар!**

Ин сатрҳо аз назари шеърӣ мисраҳои хоме ҳастанд. Аз он сол то ба имрӯз борҳо таҳрирашон кардам. Шеърият андак беҳтар мешуд, вале мазмун халалдор магардид. Ба хулосае омадам, ки сатрҳоро дар шакли аввалаашон боқӣ бимонам. Охир моро ба он дунё барои ширкат дар маҳфили шеъру шоирӣ даъват намекунанд-ку? Мазмун муҳим аст.

Ш: Қариб буд як суолро аз ёд барам. Муносибати Шумо дар мавриди жанри панду андарз ва ҳикмату афоризм чигуна аст?

Б: Ин жанр ба ман хеле писанд аст ва андарзҳои фаровон мутолиа намудаам.

Ш: Худи Шумо панду андарз менависед?

Б: Аз соли 1987 то соли 1990 менавиштам.

Ш: Ба кадом иллат андарзнависиро тарк кардед?

Б: Ба куллӣ тарк накардаам, вале ҳодисае рух намуду суръати фаъолияти маро дар ин жанр то андозае коҳиш дод...

Ш: Агар махфӣ ва маҳрамона набошад, он ҳодисаро ба мо ҳам бигӯед. Рафту маҳрамона бошад, исрор надорем. Ихтиёр ба худатон.

Б: Не, ин тавр нест. Барои камаҳамият буданаш нахостам, ки аз он ном барам. Асли гап ин ки чанд дафтарро аз панду андарз пур кардам, вале аз навиштаҳоям қонеъ нашудам. Ин ҳолат бароям хеле гарон намуд. Ба назарам чунин мерасид, ки гӯё дунё хомӯшона ба ман, ва ба ин панду ҳикматҳои пучу беҳудаи ман тамасхур мекунад. Тамасхуре бе савту садо, омехта бо ришханду истеҳзо. Истеҳзое ноаён, ботинӣ ва хеле амиқ... Аз ин ҳолат ба худ печидам ва охирин андарзро сабт намудам:

«Эй ҷаҳон! Ман ба истеҳзои ту пай бурдаам! Ту бар онӣ, ки мо мирандаҳо фаровон ҷидду ҷаҳд ва кӯшишҳои беҳуда мекунем. Бигзор чунин бошад. Ту худро абадию ҷовидонӣ мешуморӣ ва моро фонию фаношаванда. Инак, ҷавоби мо бишнав: Мо инсонҳои миранда аз ин ба баъд дар гулӯи ту чун устухон боқӣ хоҳем монд. Яъне мо ҳам даъвои абадият ва ҷовидонӣ хоҳем кард! Ё моро абадият мебахшӣ, ё туро аз роҳи гулӯ хафа мекунем! Эй ҷаҳон, ту бе хираду заковати одамӣ, бе табассуму рақс ва бе созу овози инсон дар ҳукми мурдаӣ! Марги мо одамон, пеш аз ҳама, марги ту ҳам ҳаст. Ту ба туфайли мо худро мешиносӣ. Вагарна ин сангу хишти ту чӣ арзише доранд?!»

Баъди навишти ин сатрҳо таскини рӯҳӣ эҳсос намудам ва чунин пиндоштам, ки гӯё сухани мегуфтагиамро баён кардаам. Акнун эҳтиёҷе ба андарзнависӣ надорам.

Ш: Мушкилтарин ранҷ дар зиндагии одамӣ чист?

Б: Ростгӯй ва росткорӣ.

Ш: Осонтарин амал кадом аст?

Б: Дурӯягӣ ва ҳаромкорӣ.

Ш: Аз хонандагони мусоҳиба чӣ дархост доред?

Б: Сабр кунанд, то БЕРДИИ ин гуфтугӯйро бишнаванд. Мо танҳо аз ХУДО сухан оғоз кардаем. Баъди он БЕРДӢ меояд. Мо дар хусуси сарнавишт, зиндагӣ ва ояндаи ҳар як

шаҳрванди Тоҷикистон, ки онро бо номи шартии Худойбердӣ хотирнишон кардаем, сухан меронем. Ин гуфтугӯ ба ҳамаи мо дахл дорад. Мо ақаллан барои як бор бояд якдигарро гӯш кунем. Ҳамин аст дархости ман аз ҳамаи хонандагони мусоҳиба.

Ш: Дар Соли Нав ба мардуми Тоҷикистон чи орзуву таманниёт доред?

Б: Орзуманди он ҳастам, ки дар соли 1995 сокинони ноҳияҳои гуногуни Ҷумҳурӣ ба мазмуни байти зер бо якдигар муроҷиат намоянд:

**Ҳанӯзат гар сари сулҳ аст, боз ой,**
**Аз он маҳбубтар бошӣ, ки будӣ!**

**Акбари Шариф.**
**Хабарнигори рӯзномаи**
**“Наврӯзи Ватан” (соли 1995).**

**Соли 1995**



**Шарифи Шайдо (Мисайзод)**
**Шоир ва журналист**

## ЗАРБИ ПУТКУ ОСОИШИ НАМРУД

**(Мусоҳибаи фалсафӣ)**

**(*Маргро ҳеҷ кас фаромӯш карда наметавонад*).**

**Масали лотинӣ**

Файласуф Комил БЕКЗОДА ба саволҳои хабарнигор Шарифҷони МИСАЙЗОД посух медиҳад.

ХАБАРНИГОР - Бекзода кист?

БЕКЗОДА - Чунин саволро интизор набудам.

- Инсон кист?
- Он ки ёфт намешавад!..
- Гузашта чист?
- Он чи бар нагардад!
- Имрӯз чист?
- Ояндагон хоҳанд ҷавоб дод!
- Фардо кадом аст?
- Офтобест дар паси абр!
- Фалсафа чист?
- Илми ҳимматбаландӣ.
- Файласуф кист?
- Мардест озода…
- Зиндагӣ чист?
- Чизест, ки «менигарему меравем»!

Асари фалсафии Шумо чи ном дорад?

«Афсонаи Намруд»:

- Чоп шудааст?

- То ҳол не. Чандин қисматҳои онро маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» муҳокима намудаанд.

- Ин маҳфили фалсафӣ дар куҷост?

- Дар бинои Институти фалсафа ва ҳуқуқи Акдемияи Улуми Тоҷикистон, хонаи рақами 30. Ҳар ҳафта рӯзи панҷшанбе, соати 2-и рӯз баргузор мегардад.



**Намруд–аввалин подшоҳи золими яҳудӣ дар ҷаҳон буд. Номи ӯ дар боби "Сифри таквин"–и китоби "Таврот" зикр гардидааст.**

- Бармегардем ба сари мавзӯъ: «Афсонаи Намруд» дар чӣ боб баҳс мекунад?

- Дар масъалаи марг.

- Намруд ба ин масъала чӣ дахл дорад?

- Ин афсонаро ҳама хондаед ва медонед. Шакли муфассали он дар китоби «Қисас-ул-анбиё» омадааст, ки ин китоб бо ҳуруфоти имрӯза ҳам чоп шудааст.

Он дар қиссаи ҳазрати Иброҳим оварда мешавад, ки хулосаи хулосааш ин аст: Намруд даъвои худоӣ кард... Биҳишту дӯзах сохт... Мардумро даъват намуд, ки ӯро ибодат кунанд. Даҳшату бесарусомонӣ мамлакатро фаро гирифт ... Намруд бо лашкари фаровон мухолифонро несту нобуд мекард...

Худои Осмон ба сӯи ӯ пашаеро фиристод. Ин пашаҳо лашкари Намрудро неш зада бикуштанд ва яке аз онҳо аз роҳи бинӣ ба мағзи сари Намруд дохил шуд. Мағзи сари ӯро ба хӯрдан оғоз кард. Вазирону табибону надимони шоҳ маслиҳат доданд, ки бо путкҳои (болғаи) чӯбин ба сари ӯ

бикӯбанд, то ин ки паша аз хӯрдани мағзи сари Намруд бозистад. Чунин карданд. Ҳар рӯз ба навбат ду ҷавон бо путкҳои чӯбин ба сари Намруд мекӯфтанд. Паша садои путкҳоро шунида, андаке ором мегирифт. Ва Намруд ҳам дар ин лаҳза осоиш мекард. Ин кор чандин вақт давом кард... Ҷавонони путкзан аз ин кори якнавохт безор шуданд... Байни худ машварати пинҳонӣ намуда, дафъаи дигар ба ҷои путки чӯбин путки оҳанин оварда, ба сари Намруд чунон кӯфтанд, ки сараш пора-пора шуд... Ва он паша аз равзанаи хона парвоз намуда рафт... Чунин аст хулосаи қисса.

-Аз ин қисса чӣ фалсафае мебарояд?

- Ин афсона барои ман танҳо баҳона асту бас. Чуноне ки «Устураи Сизиф» барои файласуфи муосири Франсия Алберт Камю. Ин файласуф ба воситаи устураи Сизиф пучӣ ва беҳудагии зиндагии инсонро дар олам тасвир кардааст. Ман бошам ба воситаи афсонаи Намруд дарди асосии инсонӣ - маргро тасвир мекунам. Лаҳзае таваҷҷӯҳ кунед: Ҳангоме ки ҷавонони путкзан сари Намрудро мекӯбанд, паша ором мегирад. Ҳамин тавр мо одамон, вақте  ки худро ба корҳои дигар машғул медорем, фикри маргу мурданро фаромӯш мекунем... Вақте ки путкзанӣ қатъ мегардад, паша мағзи сари Намрудро харошидан ва хӯрдан мегирад...

Мо одамон низ, вақте ки аз машғулиятҳои гуногуни рӯзмараи худ фориғ шавем, хоҳ нохоҳ ба таври номаълум андешаи маргу мурдан ба дили мо роҳ меёбад... Ин албатта як ташбеҳи сатҳист. Вале ҷиҳати адабиаш барои ман муҳим нест. Аҳамияти ин афсона дар он аст, ки муҳимтарин ва печидатарин мушкилоти инсониро, яъне масъалаи маргро бо ин афсонаи одӣ метавон шарҳ дод. Аз мисолҳои одӣ шурӯъ кунем. Мегӯянд, ки фалон сарватманд (барои намуна Рокфеллер,  Морган, Дюпон...) миллиардҳо пул, тилло, сарват, поезд, завод, фабрик, киштӣ дорад.  Агар ҳазорҳо сол ҳам зиндагӣ кунанд, барояшон басандаанд. Ҳол он ки умри одамӣ аз 100-150 беш нест. Чаро он миллионерҳо шабу рӯз мисли коргарони одии заводу фабрикашон машғули кор мебошанд? Оё ба ин зарурате  ҳаст? Оё аз молу сарват ҳанӯз сер нашудаанд? Боз чӣ миқдор ҷамъоварӣ хоҳанд кард? Оё дар ин роҳ ҳадду ҳудуде ҳаст?

Ба ақидаи ман онҳо ором истода наметавонанд. Чаро ки фикри маргу мурдан онҳоро озор медиҳад. Онҳо маҷбуранд, ки худро ба ягон кор машғул доранд... Ҳангоми машғулият, сарватмандон фикри мурданро «фаромӯш» мекунанд... Ин аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ аз молу пул, аз тиллову сарват сер намешаванд. Ин сарватдӯстии онҳо ихтиёрӣ нест, балки маҷбурист. Агар марг намебуд, натанҳо сарватмандон, балки одамони одӣ ҳам ба мисли қиссаи ҳазрати Одам бо Хизр меваи дарахти ёбоиро мехӯрданду замини беканори Парвардигорро кишт намекардаанд! Ин буд хулосаи оммафаҳми китоби «Афсонаи Намруд» ...

- Оё мо ҳам қаламу қоғази хабарнигориро ба сари худ мезанем, ки фикри мурданро фаромӯш кунем?

- Ногуфта пайдост, ки агар амиқтар андеша кунӣ, чунин аст.

- Шояд мо аз тарси гуруснагӣ менависем, на аз тарси марг?

- Тарс аз гуруснагӣ яке аз шаклҳои одитарин ва наздиктарини марг аст. Дар ҷамъиятҳои ибтидоӣ ва нимавахшӣ, асосан аз марги гуруснагӣ ранҷ мебурданд. Акнун бошад, охири асри XX аст ва марг (ба ҷуз гуруснагӣ) аз роҳҳои дигар низ, моро таҳдид мекунад. Ҳоло ки гуруснаем, шикам маргро эҳсос мекунад, вакте ки сер шудем, эҳсоси маргу мурдан ба сар (фикр) мегузарад!

-Ин назари Шумо баҳсталаб аст. Ман аз фалсафаи Шумо қонеъ нашудам. Шояд дар як мавриди муносибтар ба ин мавзӯъ баргардем. Ҳоло давоми саволро пайгирӣ мекунем. Ишқ чист?

- Ба ин муносибат ман ҳам ҷавобҳои худро сахт мухтасар хоҳам кард.

- Ихтиёр ба Шумо. Акнун гӯед, ки ишқ чист?

- Он чӣ ки боистӣ, вале нест!

- Зебоӣ чист?

- Он чӣ ба зиндагии мо монанд набошад!

- Сиёсат чист?

- Илми тарсонидани гурӯҳест аксарияти мардумро! Яке аз маъниҳои калимаи “сиёсат” дар забони арабӣ танбеҳ ва ҷазо

додан аст! Ин таъриф барои ҳамаи қавмҳо ва давру замонҳо баробар дахл дорад.

- Шеър чист?

- Хобест дар бедорӣ!

- Шоир кист?

- Он ки хобашро ба об мегӯяд!

- Худро шоир мешуморед?

- Шоир нестам, вале ба ҷаҳон назари шоирона дорам.

- Дар зиндагӣ шоир будан мехостед?

- Дар аввал мехостам, вале акнун файласуф буданро орзу дорам.

- Чаро шоир нашудед?

- Барои он ки мушкилоти асри моро бо шеър намешавад таҳлил ва тафсир кард.

- Файласуфӣ осонтар аст?

- Намедонам. Қадамҳои аввалинро дар ин роҳ гузошта истодаам. Оянда нишон хоҳад дод.

- Фаслҳое, ки дӯст медоред?

- Баҳор ва танҳо баҳорро!

- Чаро маҳз ин фаслро?

- Барои он ки ҷавониамро ба хотир меоварад!

- Марг чист?

- Хатарноктарин душмани одам.

- Зиндагии баъди марг чигуна аст?

-Ба он дунё ки рафтем, дар ин мавзӯъ мусоҳиба менамоем!

- Ҷанг чист?

- Ҷавоби ин савол дар чеҳраи имрӯзаи Тоҷикистон таҷассум ёфтааст!

- Ахлоқ чист?

-Қонуну қоидаҳоест барои ҳифз ва нигоҳдории ҳаёти инсонҳо.

- Идеали Шумо дар зиндагӣ чист?

- Роҳи наҷоте барои мардум пайдо кардан.

- Наҷот аз чӣ?

- Наҷот аз марг.

- Оё ин мумкин аст?

- Ҳар амале, ки дар доираи орзуи инсонӣ ғунҷоиш дошта бошад, мумкин аст.

- Асари дӯстдоштаи Шумо?

- Китоби Фридрих Нитше «Чунин гуфт Зардушт».

- Нависандаи дӯстдоштаи Шумо?

- Алберт Камю - нависандаи муосири Франсия.

- Шоири дӯстдоштаи Шумо?

- Муҳаммад Иқбол.

- Миллат чист?

- Миллат аз ваҳдат ва ягонагии таърих ва забон ташкил меёбад.

- Оё тоҷик имрӯз миллат аст?

- Бале, миллате бисёр арзанда аст.

- Диди Шумо ба ояндаи Тоҷикистон чӣ гуна аст?

- Хеле хушбин ҳастам.

- Худро хушбахт меҳисобед?

- Ҳамеша бар ин ақидаам, ки хушбахтам. (Вале файласуфи тоҷик Ҳафиз Холиқзода дар мақолаи охиринаш (моҳи майи соли 2015) исбот намудааст, ки ман файласуфе трагедӣ ва фоҷиавӣ ҳастам. Ин барои ман назаре ғайри чашмдошт буд. Чаро, ки ман ҳамеша худро як шахси ба таври ифротӣ хушбин ва (оптимист) дар зиндагӣ тасаввур мекардам).

- Бовар доред, ки номи Комил Бекзода боқӣ мемонад?

- Одатан шахсиятҳои таърихӣ номро дар ивази хидмат ба инсоният ба даст овардаанд. Ман то ҳанӯз кӯчактарин хизмате ба мардуми худ анҷом надодаам. Таърих ба касе ройгон ном намебахшад.

- Ин мисраи Лоиқ чӣ маънӣ дорад?

- «Аз чӣ шогирдони як мактаб ҳама оқил нашуд?»

- Зеро аксарияти он шогирдон ба ақл эҳтиёҷ надоштанд!

- Қотил кист?

- Он ки на худро мешиносаду на халқи Худоро!

- Аз вақт чӣ гуна истифода мекунед?

- Ба ҷуз хобу ҷустуҷӯи нон, дигар вақти боқимондаро сарфи мутолиа мекунам.

- Бештар кадом асарҳоро мехонед?

- Осори файласуфони муосири Урупо ва ҷаҳони исломро.

- Аз умри 50 розӣ ҳастед?

- Бале, як зиндагии афсонавӣ доштам.

- Баъзе дӯстони Шумо мегӯянд, ки ягон суханатон ҷиддӣ нест. Худи шумо чӣ мегӯед?

- Ман ақидаи дӯстонамро ҳамеша ҷонибдорӣ мекунам. Агар онҳо чунин меҳисобида бошанд, пас ҷиддӣ мешавам.

- Тифлӣ чист?

- Дунёи хаёлот.

- Ҷавонӣ чист?

- Он чӣ ҳамеша орзуи баргаштанашро дар дил мепарварем.

- Пирӣ чист?

- Харобаҳои қасри ҷавонӣ!

- Ҳадаф аз гӯшаи «Ҳастӣ ва нестӣ» дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» чӣ буд?

- Агар дар рӯзномаҳои мо ин қабил гӯшаҳо вуҷуд надошта бошанд, мардуми дунё бовар намекунанд, ки мо тоҷикон дар ҳақиқат ворисони Абуалӣ Сино бошем!

- Санъат чист?

- Санъат эҷод ва офаридани он чизест, ки нест, вале, бояд бошад!

- Оҳанги писандидаи шумо?

- Оҳанги офаридаи Абдуллои Назрӣ бар ғазале, ки як мисрааш ин аст: «Чун шишаи холӣ зи шароб аст дили мо».

- Масали: «Аз гаҳвора то гӯр дониш биомӯз» чӣ маънӣ дорад?

- Маънояшро намедонам, вале давомаш ин аст: «Бошад, ки роҳи наҷот аз маргро пайдо кунӣ!»

- Шумо ҳам ошиқ шудаед?

- Ҳоло ҳам ҳастам!

- Озодии занро дар чӣ мебинед?

- Дар саодат ва хушбахтии оилавӣ.

- Байти писандидаи Шумо?

- Ҳамин байти Халилуллоҳи Халилист:

**Доим бузургу пок чу рӯҳи фаришта бош,**
**Эй орзу зи туст ҳамин илтиҷои ман.**

- Охирин шеъри навиштаи шумо кадом аст?

- Баъди мутолиаи китоби нави файласуфи муосири тоҷик Нозир Арабзода  доир ба фалсафаи Носири Хусрав, ин шеърро сурудам:

**Эй ки сайри корвонеро шитобе будайӣ,**
**Маҳфилу базми хамушонро хитобе будайӣ.**

**Хирасарҳои замона аз ту доим дар ҳарос,**
**З-он ки дар изҳори ҳақ ҳозирҷавобе будайӣ.**

**Ғофиле аз ҷаҳлу ғафлат аз куҷо донад, ки ту,**
**Баҳри Инсон ин ҳама дар печу тобе будайӣ.**

**Асрҳо боист то ёбӣ  мақоми хешро,**
**Гарчи шоми миллатеро офтобе будайӣ.**

**Эй забармарди ҷасуру в-эй хирадманди ҷаҳон,**
**Аҳли оламро ту ганҷи беҳисобе будайӣ.**

**Носири дунёи маънӣ, Хусрави озодагон,**
**Дар замири рӯзгорон инқилобе будайӣ!**

- Панҷ марди бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ кадоманд?
-Ҷамшед,  Зардушт,  Сукрот, Николай  Фёдоров, Нитше .
- Саволе, ки интизораш будӣ, вале онро аз ман нашунидӣ?
- Ҳамин саволро интизор будам!!!

**10 декабри соли 1994**

## Боби чаҳорум

## <u>ФАЛСАФА ВА ШЕЪР</u>

- Шеър чист?
- Мақоми миллат дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол.
- Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз. (Ҷавоби анкетаи фалсафӣ).
- Бухрони оиладорӣ дар Тоҷикистони муосир.

# ШЕЪР ЧИСТ?

**Шеърро мақсуд агар одамгарист,**
**Шоирӣ ҳам ворисн пайғамбарист.**
**(Иқбол)**

**(Таҳқиқ)**

Дар ин китоб, ки чандин пораҳои шеърӣ гирд оварда шудаанд, мо маҷбурем, ҷавоби худро бигӯем, ки «Шеър чист?».

Ба шеър таърифҳои гуногун додаанд. Ҳар шоире назари хоси худро дорад. Ҳар муҳаққиқу мунаққиде назари худро пешкаш мекунад. Ин ба он маъно нест, ки гӯё шеър таърифи мушаххасу конкрет надошта бошад. Шеър таърифи мушаххас дорад. Дар зимни ҷавоб ба саволҳои ин муқаддима доир ба шеър ва таърифи он сухан хоҳем ронд.

## 1. Шеър ҳамчун падидаи маънавӣ.

Шеър яке аз василаҳое мебошад, ки маънавиёти башар ба воситаи он ифода мегардад. Ҳамаи ҳунарҳои башарӣ василаанд. Василаи кӯмак кардан ба Инсон ва осон намудани зиндагии инсонӣ. Инсонҳо дар ҷаҳон танҳоянд... Гирифторанд... Бадбахтанд... Мусибатзадаанд... Дардманданд... Мирандаанд... Нотавонанд... Гуруснаанд... Маҳкуманд... Маҳбусанд... Нокоманд... Ноумеданд... Сарсонанд... Овораанд...

Ин ва боз садҳо саволи дигар дар рӯ ба рӯи инсони гузашта ва ҳозира арзи вуҷуд мекард ва мекунад. Мо бояд ба ин саволҳо ҷавоб диҳем. Ҳар кас ба тариқаи худ ба ин саволҳо ҷавоб медиҳад. Сиёсатмадорон, файласуфон, донишмандон, олимон, ҷанговарон, рӯҳониён, равоншиносон, ҷомеашиносон ва ғайра ба ин саволҳо аз рӯи ихтисоси худ ҷавоб медиҳанд. Мақсад ва ҳадафи ҳамаи онҳо ин аст, ки чӣ тавр мо бояд инсониятро аз ин мушкилиҳо ва мусибатҳо наҷот диҳем. Мо дар ин навишта танҳо сари ин мавзӯъ баҳс мекунем, ки шоир аз рӯи ихтисоси худ ба ин мушкилоти башарӣ чи гуна ҷавоб медиҳад. Барои осонии кор фалсафаи шеър ва шоириро ба мавзӯъҳои ҷузъӣ тақсим мекунем:

## 2. Шеър аз нуқтаи назари мазмун.

Мазмуни шеър тамоми олами вуҷудро дар бар мегирад. Дар олами ҳастӣ ду ҳақиқат вуҷуд дорад. Якӯм: Ҳақиқати кайҳонӣ; Дуюм: Ҳақиқати инсонӣ. Ҳақиқати кайҳонӣ аз рӯи қоидаҳои вазн, кашиш, суръат, ҳаракат... муайян карда мешавад. Худи кайҳон намедонад, ки вазну кашиш чист. Ҳаракату суръат чист. Зеро кайҳон ақлу хирад надорад. Бадбахтиву хушбахтиро намедонад. Худро намедонад ва инсонро низ намешиносад. Аммо ҳақиқати инсонӣ бар хилофи ҳақиқати кайҳонӣ аст. Инсон аз рӯи қоидаҳои ақл, хирад, инсоф, адолат, баробарӣ, хайр, хушбахтӣ, дӯстӣ, ҳамкорӣ, шафқат, меҳрубонӣ ва ғайра амал мекунад. Ин қоидаҳои ҳақиқати инсонӣ ба куллӣ муқобили ҳақиқати кайҳонӣ мебошанд. **Низои байни ин ду ҳақиқат ҷавҳари мушкилоти башариро ташкил медиҳанд.** Ҳақиқати кайҳонӣ хеле бузург ва амиқ аст. Умри мо одамон кӯтоҳ ва сатҳӣ мебошад... Ҳақиқати одамӣ нотамом ва ноқис аст... Мо инсонҳо маҷбур ҳастем, ки бо ҳақиқати мутлақ ва беинтиҳои кайҳонӣ созиш ва муросо кунем. Ҳамин аст хулосаи ақлу дониши башарӣ...

Шоир аз ҷониби худ кӯшиш мекунад, ки ба воситаи шеъри худ ба ин саволҳои муҳол ҷавоб гӯяд...Ба мавзӯи аслии худ баргардем. Ҳар хонандаи ин китоб ҳақ дорад бипурсад, ки: Назари худи шоир ба шеър ва шоирӣ аз чӣ иборат аст? Ин пурсиши бисёр муҳим аст. Бисёр шоирон ва муаллифони китобҳои шеърӣ аз ҷавоб додан ба ин савол саркашӣ мекунанд. Чаро? Барои он ки шаҳомату бузургии худро аз даст надиҳанд. Зеро ба хонандагон талқин кардаанд, ки ин шеърҳоро бо илҳоми осмонӣ сурудаанд. Аз тарси он ки мабодо хонандагон аз осмонӣ будани шеъри онҳо шубҳа кунанд. Ва сирри заминӣ будани шеърашон фош шавад.

Ин аст, ки изҳори назар намекунанд ва қазоватро ба ӯҳдаи хонанда мегузоранд. Оқибати кор аҷиб аст. Таваҷҷӯҳ кунед: Хонанда ҳарчи гӯяд, шоир розӣ нест. Гӯё мазмуни шеърашро ба пуррагӣ дарк накардаанд. Зимнан боз даъво дорад, ки ин хонандагони заминӣ мазмунҳои осмонии шеъри ӯро дарк

накардаанд! Барои ҳамин ҳам ҳеҷ як шоир қабул намекунад, ки мазмуни шеърашро ба мо шарҳ диҳад! (Ин мавзӯъро боз баъдтар пайгирӣ мекунем).

### 3. Шеър чигуна эъҷод мешавад?

Ман муаллифи ин китоби шеър ба хонандагони худ ҷавоб медиҳам, ки: «Шеър чист ва он чигуна эъҷод карда мешавад?». Ва ё ба ибораи дигар: «Ман шеърро чигуна мефаҳмам?» Ҷавоби мушаххас ва конкретии ман ба ин савол чунин аст:

«Шоир ба воситаи шеъри худ ҷаҳонро аз нав меофарад. Зеро шоир аз ҷаҳони мавҷуда розӣ нест. Шеър барои шоир васила аст. Васила яъне восита, абзор, инструмент...

Чунин абзорест, ки кӯчакро бузург ва бузургро кӯчак (хурд) нишон медиҳад. Агар чунин накунад, пас шеър нест, балки илм аст. Илм ҳар чи ҳаст, ҳамон тавр тафсир мешавад. Ҳодисаи илмиро каму зиёд кардан мумкин нест. Иштибоҳ мешавад. Аммо дар шеър каму зиёд кардани ин ё он ҳодисаро муболиға мегӯянд. Шоир аз рӯи биниши худ чизи бузургеро кӯчак тасвир мекунад. Ва ё чизи хурд ва кӯчакро бузург нишон медиҳад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам мегӯянд, ки шоир муболиға кардааст.

Бо як калима ҷавҳари ҳунари шоирӣ маҳз аз ҳамин муболиға иборат аст. Ҳамин муболиға инструменти кории шоир аст, ки ҳам бузург ва ҳам хурдро бераҳмона мекӯбад. Ин абзорест дар хизмати фалсафаи шоир. Шоир эҷодкор аст. Назари мустақили худро дорад. Шоир мехоҳад, ки аз роҳи фикр ва маънавият нақшаи худро ба хонандагон фаҳмонад. Вале фикр хушк ва урён аст... Муҷарраду абстракт аст. Мардум ба осонӣ фикри муҷаррадро намефаҳманд. Ин аст, ки шоир ҳунари худро ба кор мегирад. Ҳунари шоир кадом аст? Ҳунари шоир он аст, ки ақида ва фикри муҷаррад ва абстрактиро ба воситаи мисолҳои конкретӣ, тасвирҳои воқеӣ ва манзараҳои зинда ва диданӣ шарҳу баён мекунад. Ин корро тасвири шоирона меноманд. Тасвирҳои воқеӣ ва конкретӣ бо худии худ шеър нестанд. Ин тасвирҳо он гоҳ шеър мешаванд, ки агар шоир онҳоро барои баён кардани ақидаи худ бо ҳам пайваст карда бошад. Тасвирҳо, манзараҳо, ҳодисаҳо,

мазмунҳои конкретӣ худ ба худ танҳо маънои ҷузъӣ доранду бас. Он тасвирҳо нопурраанд. Ноқисанд. Шеър нестанд. Аммо ақида, фалсафа, диди нав ва назари шоиронаи ӯ ин манзараҳо ва тасвирҳои ҷузъиро симо ва сурати том ва тамом мебахшад. Он вақт аст, ки шеър эҷод мешавад. Мехоҳам барои намуна ва мисол як байтро аз ҳамин китоб ба тарзи худ таҳлил кунам ва чи будани механизми офариниши шеърро ба хонандагони фозил пешкаш намоям. Дар ин китоб ғазале дорем бо номи «Ишқи бепарвои ман», ки байти аввали он чунин аст:

**Раҳ ба сӯи ёр дорад ин дили шайдои ман,**
**Ҷуръати Мансур дорад ишқи бепарвои ман.**

Мазмуни куллии байт чунин аст: «Ман дар роҳи ишқи худ то охир устувор ҳастам». Ҳамин ақидаи шоир ба воситаи чандин тасвирҳои аҷибу ғариб баён карда шудааст. (Ногуфта пайдост, ки агар шоир инструменти шоирии худ яъне тасвирҳои муболиғаомезро истифода намекард, касе ба ҳадафи ӯ таваҷҷӯҳе наменамуд. Ва гуфтани он, ки «Ман дар роҳи ишқи худ то охир устувор ҳастам» як ақидаи одӣ ва маъмулӣ мебошад. Ва ҳама онро медонанд ва дар ҳама ҷо хонда ва шунидаанд.) Вале шоир ин ақидаи одиро тавре ба мо талқин мекунад, ки мо маҷбур мешавем, ки ба он бо диди нав назар кунем. Шоир бо тасвирҳои муболиғаомези худ моро қонеъ мегардонад, ки ин ақидаи ӯ чизи нав аст. Арзанда аст. Фидокорӣ металабад. Баъди хондани ин байт дар мо тасаввуре пайдо мешавад, ки гӯё аз забони шоир чизи навро шунидаем. Гӯё тасаввуроти пешинаи мо дар бораи ин ақида ки: «Ман дар роҳи ишқи худ то охир устувор ҳастам» як ақидаи оддӣ аст, иштибоҳи маҳз будааст. Байти шоир моро барангехт. Моро такон дод. Моро бедор кард. Мо ин маъниро ба таври нав эҳсос кардем. Ба тарзи нав фаҳмидем. Мо бедор шудем. Шоир моро бедор кард. Вазифаи шоир ҳамин буд. Ӯ ин вазифаро анҷом дод. Рисолати шоирии худро ба исбот расонд. Аз ин баъд мо хонандагон озод ҳастем, ки барои амалӣ намудани нақшаи шоир камар бандем. Ҳамин тавр шоир ба ҳадафи худ расид. Моро ба кору амал водор кард. Рисолати шоирии худро иҷро намуд...

Ба хонандагон пешниҳод мекунам, ки барои намуна ва мисол ҳамин байтро ба таври муфассал таҳлил кунем. Ба ин маъно ки ҳамаи байтҳои ин китоб чунин таҳлил мешаванд. Якеро ба сифати калид интихоб кардаем, то кори хонандаро осон гардонем. Биёед барои як дафъа ҳамаи калимаҳои ин байтро аз назар гузаронем ва бубинем, ки ин калимаҳо дар танҳоӣ чӣ маъно доранд ва ҳангоме ки дар байт ҷамъ оварда мешаванд, чӣ маънои наве ба худ мегиранд. Инак, таҳлили муфассали ин байт:

Раҳ - роҳ аст. Ба хотири равонии байт ва вазни он «роҳ» - ро «раҳ» гуфтем. Калимаи «роҳ» чунин маъниҳо дорад: ҷода, тариқ, дафъа, бор, мартаба, қоида, равиш, маслак, мазҳаб, гузаргоҳ, кӯча, масофа...

Ба - ишора ба сӯ, тараф; дар ҷое будани чизе ё касеро мефаҳмонад...

Сӯй - тараф, ҷониб, назди, пеши, ба тарафи, ба ҷониби...

Ёр - дӯст, рафиқ, маҳбуба, маъшуқа, зан, назир...

Дорад - аз доштан; доро будан, молик будан, тасарруф кардан, идора кардан, водор кардан...

Ин - кас ё чизи наздикро ишора мекунад; «Ин одам», «Ин китоб»...

Дил - узви хунгардонӣ, қалб, дарун, дохил, ботин, ҷон, рӯҳ, фикр, андеша, майл, хоҳиш, ҳавас, дилбар, ёр, маҳбуба, дӯст...

Шайдо - ошуфта ва девона; ошиқи гузаро; ҳайрон, сахт ба ҳаяҷон омада; ошуфтагӣ; аз ишқ пайдо будан...

Ман - ҷонишини шахсии шахси якуми танҳо; дар ибораҳои изофӣ соҳибиятро ифода мекунад. Дар ин байт ба шоир ишора мекунад. Ин ҷо «Ман»- и шоир аст. Шахсияти ӯст.

Ҷуръат - далерӣ, ҷасорат, бебокӣ, шуҷоат, ғаюрӣ, нотарсӣ, пурдилӣ, баҳодурӣ...

Мансур - Инҷо Мансури Ҳаллоҷ (854 - 921) ориф ва мутафаккири форс-тоҷик дар назар аст. Чунон ки маъруф аст, ҳангоми ҷазбаи сӯфиёна ибораи «Аналҳақ» (Ман худоям) - ро ба забон овард. Барои ин густохӣ Ҳаллоҷро ба дор овехтанд. Ин ибора рамзи устуворӣ дар ақида ва ҳадаф аст. Чун ҳангоми зиндонӣ Ҳаллоҷро сахт шиканҷа карданд, ки аз

ақидаи худ баргардад. Вале ӯ то охир дар ақидаи худ устувор монд.

Дорад - аз доштан; доро будан, молик будан...

Ишқ - Ҳисси дилбастагӣ ва дӯстдории аз ҳад зиёд ба чизе ё ба касе, муҳаббат, шефтагӣ...

Бепарво - беғам ва беандеша дар бораи худ ва ё дигарон; бетафовут, бетараф;

Ман - ҷонишини шахсии шахси якуми танҳо; Ман дар ин байт ба шахси шоир дахл дорад.

Инҳо буданд ҳамаи калимаҳои байт, ки асоситарин маъниҳои онҳоро зикр намудем. Ҳоло аз хонандагон мепурсам, ки оё мешавад аз маҷмӯаи ин калимаҳо як ақидаи муайянеро ҳосил кард? Таваҷҷӯҳ кунед, ки ин калимаҳо дар якҷоягӣ ба чӣ шакл меоянд: (Раҳ - ба - сӯй - ёр - дорад - ин - дил - шайдо - ман - ҷуръат - Мансур - дорад - ишқ - бепарво - ман) Бубинед, ки бо ҳазфи танҳо як ҳарфи изофаи «и» байт маънои худро аз даст додааст. Изофа дар ибораҳои дил-и шайдо; шайдо - и ман; ҷуръат - и Мансур; ишқи - и бепарво;

Агар тартиби ин калимаҳо дигар карда шавад, мешавад аз онҳо маъние пайдо кард? Не, намешавад. Агар тасодуфан маъние ҳам пайдо шавад, ки он шеър нахоҳад буд. Пас, маълум мегардад, ки офаридани шеър кори шоир аст, на кори калимаҳо, на кори калимасозон, на кори тасвирҳо ва манзараҳои алоҳида. Ин шоир аст, ки бо қудрати эҷодӣ ва офаринандагии худ маъниҳо ва мазмунҳоеро меофарад. Ақида ва назарияи шахсии худро ба воситаи тасвирҳо ва манзараҳои зинда, ки аз калимаҳои забон сохта шудаанд, баён медорад. Моро мафтун мекунад, таваҷҷӯҳи моро бармеангезад. Дар торикии дерина рӯшноии нав мепошад... Ҳамин тавр шеър эҷод мегардад. Дар мисоли ин байт шоир ба хонандагонаш гуфтанӣ ҳаст, ки «Шумо ҳам дар роҳи ишқи худ ба мисли ман устувор бошед. Аз ман ибрат гиред. Ман аз Мансури Ҳаллоҷ ибрат гирифта будам. Ин роҳи дуруст аст. Зеро ки роҳи озмуда ва санҷидашуда аст. Ҳаллоҷ озмуд, ман ҳам озмудам... Шумо ҳам биозмоед...» Ин аст даъвати шоир... Ин аст рисолат ва хидмати шеър ба мардум... Ин аст рисолати таърихӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва бедоркунандаи шеър дар ҷомеа. Ман рисолати шеър ва шоирро чунин

мефаҳмам. Ҳамаи шеърҳои ин китоб аз байтҳо иборатанд. Ва ҳамаи байтҳо ба мисли байти боло сохта шудаанд. Ин аст тасаввури ман аз коргоҳи шеъру шоирӣ.”

Шояд дигарон ин мавзӯъро ба тарзи дигар мефаҳманд. Ин табиӣ аст. Чун инсонҳо озоданд, ҳар кас ҳақ дорад, ки дар ҳар мавзӯе назари шахсии худро дошта бошад...

## 4. Шакли шеърӣ чист?

Унсурҳои асосии шеър: забон, вазн, қофия ва мусиқӣ мебошад. Дар ҳикоя на вазн асту на қофия ва на мусиқӣ. Ин аст, ки шеър аз наср фарқ дорад. Баъзе шеърҳое ҳаст, ки вазн надоранд. Дар баъзе қофия нест. Дар гурӯҳи сеюм мусиқӣ дида намешавад. Инҳо шеърҳои ноқисанд. Шакли шеърӣ фалсафаи хоси худро дорад. Ҷисмҳои кайҳонӣ дорои вазн мебошанд... Вазн ба маънои таносуб... Таносуб ба маънои қофия аст... Қофия яъне ритм, оҳанг... Оҳанг яъне мусиқӣ... Мусиқӣ дар худ вазн, таносуб, қофия ва ритмро дар бар мегирад. Худи мусиқӣ натиҷаи ҳаракати кайҳон аст... Ҳаракат ҷавҳари ашёҳост... Ашёҳо аз хилоли ҳаракат худро намоиш медиҳанд... Сурат мепазиранд... Сурат зоҳири шеър аст. Мусиқӣ ва ҳаракат ботин ва ҷавҳари шеърро ташкил медиҳанд.

## 5. Фалсафаи шеър чист?

Фалсафаи шеър ба маънои моҳияти шеър аст. Шеър нақшаи нави ҷаҳон ва зиндагии нави инсонҳост, ки шоир ба таври худ офаридааст. Шоири ҳақиқӣ навовар ва офаридагор аст. Ба ҷаҳони дигарон қонеъ нест. Ҷаҳонро ба тарзи нав меофарад. Зардуштия- шеъри Зардушт, Яҳудият- шеъри Мусо ва Масеҳият шеъри Исои Масеҳ аст. Чун ки ҷаҳонро ба тарзи худ офариданд. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Румӣ, Иқбол низ ҷаҳонро ба тарзи худ офариданд. Идеал ва ҳадафи ин ё он шеър чизест, ки бояд бошад, вале ҳоло дар воқеият вуҷуд надорад. Пас ҳамаи шеърҳо нақшаанд. Нақшаҳое, ки шояд дар оянда амалӣ шаванд ва ё нашаванд. Оқибаташро зиндагӣ нишон хоҳад дод. Шоир нақшаиояндаи зиндагии башариро

пешбинӣ мекунад... Ҳар шоир ҷаҳониёнро ба таври худ ба оянда умедвор мегардонад... Шоир офаридагори ҳадафҳо ва орзуҳои нав ба нав аст...

## 6. Шоирони асил кадоманд?

Шоирон ду тоифаанд. Якум, пайравони тортанак; Дуюм, пайравони занбӯри асал.

Тоифаи якӯм бардавом тор мебофанд. Шеъри онҳо луобест, ки ҳамвора тӯри сайёдӣ метанад. Барои ба даст овардани сайд ва ба дом андохтани он. Ин тӯрҳо ва ин домҳо василаи зиндагии онҳост. Шеър танҳо баҳона аст. Мебофанд ва мебофанд. Як тортанак дар ду рӯз ба дарозии 500 метр тор метанад... Танҳо аз ҳисоби луоби худаш...

Шоири асил мекӯшад, ки дарди бедармони худ, ҳамзамонон ва инсониятро баён кунад... Ҷидду ҷаҳд мекунад. Заҳмат мекашад. Ҷустуҷӯ менамояд... Чун занбури асал аз гулҳои гуногуни илму маърифати башарӣ асал ҷамъоварӣ мекунад... Шираи ин гулҳоро дар шакли пораҳои шеърӣ ба мардум пешкаш менамояд... Чун қоида шоири асил ҳамеша қурбонии кӯрзавқии мардуми авом аст... Чаро ки авом ҳамеша аз асли масъала ғофил мемонанд ва фирефтаи зарқу барқи шоирнамоён мегарданд.

Шеъри асил кадом аст? Шеъри асил дорои мазмуни фалсафӣ мебошад. Кадом фалсафа? Фалсафаи зиндагӣ. Ин фалсафа, ки: Инсон кист? Олам чист? Мо аз куҷо омадаем? Оқибат ба куҷо меравем? Сарнавишти ҳар яки мо чӣ хоҳад буд? Шоирони асили ҳамаи қавму миллатҳо кӯшидаанд, ки ба ин саволҳо ҷавоби қонеъкунанда пайдо намоянд...

Дар фарҳанги мо Ҳаким Умари Хайём (1048-1131) чунин меандешид, ки: Ҷаҳон саросар ҳеҷ аст; Эътибори чандоне надорад; Чун мо дар гардиши айём дасте надорем; Пас, корҳоро ба ҳоли худ роҳо кунем ва дар тағйир додани чизҳо беҳуда сарсахтӣ накунем. Зеро ақли мо аз дарки сирру асрори олам оҷиз аст ва тавоноии мо маҳдуд мебошад. Ҷаҳон тамошогаҳи гардиши рӯзгор аст ва мо низ тамошогарони онем». Ин бинише сӯфиёна, бунбастӣ ва орифона аст, ки тамоми ҷаҳонбинии асримиёнагии зиёиёни моро ташкил

медод ва таҷаллиёти онро дар шеъру адаби тоҷик меёбем. Рӯҳи қаландарӣ, оини риндӣ, пушти по задан ба дунё, корҳои дунёро ба ҷиддият нагирифтан, танзу истеҳзои ҳакимона пеша сохтан, хешро дар рӯ ба рӯи маломати дигарон қарор додан ва боз чандин хоксориҳои нобаҷо ва дурӯғини дигар ҳусусияти фалсафаи қавмест, ки ҳазор сол боз истиқлоли фикрӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худро аз даст додааст.

Чунин фалсафае акнун барои ворисони Хайём ва миллати тоҷик барои асри XXI ва асрҳои оянда зарурате надорад. Зеро ин фалсафаи таслим ва шикаст аст. Фалсафаи навмедӣ ва пессимизм аст. Зарарнок аст. Гумроҳкунанда аст. Худбохтагӣ аст. Аз худ бегонагӣ аст...

Аз ҳамаи ин сифатҳои зидду нақиз дар адабиёти гузаштаи мо симои риндро сохтаанд. Хаёмро беҳтарин намунаи ринд мешуморанд. Ринд дар ҳеҷ таърифе хулоса намешавад. Ба назари оқилон девона асту ба назари девонагон оқил; Назди порсоён гунаҳгор асту назди гунаҳгорон порсо; Ин аст шарҳи муҳаққиқони мо доир ба фалсафаи риндӣ. Вале ин шарҳ ноқис ва нотамом аст. Аз ҷавоби савол гурехтан аст. Бо як калима: Ринд шахси ғариб ва аз худ бегона аст. Вале ин бегонагиро дарк намекунад. Хайёл мекунад, ки меҳвари олами ҳастӣ мебошад. Бо ҳазор забону таъбир лоф мезанад, хоксорӣ мекунад, ғурур мефурӯшад... Вале ҳамаи ин бесамар ва беҳуда аст. Ин аст, ки мо бояд аз Хайём ва Хайёмпарастон бигрезем... Фалсафаи онҳо натиҷаи як бемории иҷтимоӣ буд. Шикасти сиёсӣ. Шикасти маънавӣ ва фарҳангӣ. Ғалабаи рӯҳи ғуломӣ ва ноумедии мутлақ бар инсон ва ҷомеаи инсонӣ... Чунин фалсафаро насли имрӯзи қавми мо қабул надорад... Мо аз фалсафаи озодӣ ва истиқлол пуштибонӣ менамоем. Мо тарафдори фалсафаи худшиносии миллӣ ҳастем... Мо аз озодандешӣ ва худогоҳӣ дифоъ менамоем. Мо ба қудрати халлоқ ва офаридагори инсон ва инсоният боварӣ дорем...

Риндони гузаштаи мо дард доштанд. Вале аз дарди худ огоҳ набуданд. Дардро ташхис дода наметавонистанд. Ин бехабариро рандӣ ном гузошта буданд. Ринди Хайёмӣ на ҳақро эътироф дораду на ҳақиқату на тариқату на яқинро...

Ҳамаи ин мафҳумҳо (ҳақ, ҳақиқат, тариқат, яқин) истилоҳоти тасаввуфианд... Яъне ринди Хайёмӣ мегӯяд, ки

тасаввуфро қабул надорам! Боз чӣ? Боз мегӯяд, ки куфру ислому дунёву динро низ қабул надорам! Баъд чӣ? Баъд оғоз мекунад ба худкушии маънавӣ! Яъне ба зиндагӣ пуштӣ по задан... ҷаҳонро беҳуда ҳисобидан, аз саволҳои зиндагӣ гурехтан... Кори ринди Хайёмӣ ба ин натиҷа расид... Ин аст, ки мо мегӯем: Аз Хайём бояд гурехт... Хайёмро бояд раҳо кард. Ҳамқадами замон ва ҷаҳониён бояд шуд.

## 7. Ҳақиқати илҳом чист?

Мардони огоҳ ва инсонпарваре ҳастанд, ки мехоҳанд ҳарчи ошкортар, равшантар ва возеҳтар мақом ва арзиши зиндагиро ба мардум бирасонанд. Василаи аз ҳама таъсирноктар дар байни восита ва василаҳои дигар маҳз ҳамин шеър ва сухани мавзун аст. Ин аст, ки он шахс шоири асил мешавад. Ӯ шоири ҳақиқист. Ба ҳалли масъалаҳои умдаи зиндагӣ ва марг мепардозад... Ӯ масъулияти виҷдонии худро дар назди одамон, муосирон ва наслҳои оянда илҳом меномад. Қувваи ҳаракатдиҳандаи илҳоми шоир, виҷдон ва ҳисси масъулиятшиносии ӯст дар назди инсоният ва таърих. Фирдавсӣ ва Иқбол чунин буданд.

Аммо илҳом барои шоирони дурӯғин ниқобест, ки соддалавҳонро мефиребанд. Онҳо барои сарпӯш гузоштан бар оташи кибру ғурур ва ҳисси шӯҳратталабии худ шеър мебофанд. Дар адабиёти мо ҳазорон шоир арзи вуҷуд карда ва ҳазорон девон таълиф шудаанд. Оё ҳамаи ин миллионҳо адабиёти шеърӣ бо илҳом навишта шудаанд? Аз осмон ба онҳо илҳом фиристодаанд? Ҳаргиз! Аксари шоирон чун пайғамбарон козиб ва дурӯғинанд. Онҳо мехоҳанд, ки ба воситаи иншои шеър айби худситоӣ ва шӯҳратталабии худро пинҳон доранд.

Он ҷо ки мегӯянд «ба номи халқ» ва «ба хотири мардум» шеър менависем, дар асл ва дар ҳақиқат барои худ ва барои таскин додани дарди худнамоӣ ва ҷоҳталабии худ қалам ба даст гирифтаанд...

Хонандаи муосир ҳақ дорад, ки аз ин рози маҳрамонаи шоирон огоҳӣ пайдо кунад. Чун шеър барои хонанда аст... ва шоиру хонандаи шеъри ӯ ҳарду дар нисбати якдигар

масъуланд... Ин масъулияти мутақобил ва ҳамагонӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳамагуна ҷустуҷӯҳо ва кунҷковиҳо мегардад...

## 8. Сояравшанҳои кори шоирӣ.

Як муҳаққиқи форсизабони хориҷӣ шоирони тоҷикро муттаҳам карда буд, ки шеърҳояшон ба қоидаҳои илми арӯз созгор нестанд. Яъне калимаҳое, ки ба сину соду соъ навишта мешаванд, ҳамаро бо ҳам қофия кардаанд. Ҳол он ки арузи классикӣ инро иштибоҳ медонад! Бале аз назари арӯзи классикӣ, ки аслаш арабӣ аст, ин кор иштибоҳ аст. Вале бояд ба эътибор гирифт, ки мо ба забони тоҷикӣ шеър менависем, на ба забони арабӣ! Арӯз хоси забон ва шеъри арабӣ аст. Калимаҳои забони тоҷикиро мешавад бо хатти кирилик, лотинӣ, англисӣ, японӣ ва дигар хатҳои ҷаҳон навишт. Муҳим савту садои тоҷикии мост, на ҳарфҳои алифбои забонҳои бегона! Хатту алифбоҳои дигар ба мо чӣ дахл дорад? Хатту алифбо ҳам ба мисли олати сабт аст. Мувофиқи салоҳият ва имконияти худ садоҳоро сабт мекунад. Сабтҳои дурушт ҳасту сабтҳои расо ва олӣ. Пас, айби гӯянда чист? Масъала, масъалаи олати сабт асту бас. Пас, дар шеъри тоҷикии мо масъалаи савту садо нест, балки масъалаи хатту алифбост. Агар хатту алифбо ноқис аст, онро бояд ислоҳ кард. Аслан алифбои арабӣ аз нигоҳи имрӯз як алифбои ноқис аст. Ниме аз садоҳои забони худи арабҳо дар алифбояшон таҷассум намеёбад. Ва аксари садонокҳо навишта намешаванд. Боз ҳарфҳое ҳастанд, ки танҳо хоси фонетикаи забони арабист ва дар забони тоҷикӣ вуҷуд надоранд. Ин аст, ки мо мегӯем арӯзи арабӣ барои шеъри тоҷикӣ бегона аст. Он тобутест барои мурдае дигар. Шеъри тоҷикии мо қоидаҳои хоси худро дорад, ки аз сиришти фарҳангии мо бархостаанд. Мо аз ин қоидаҳо пайравӣ мекунем...

## 9.Шеъри гузаштаи мо.

Шеъри гузашта ва ба истилоҳи муосир шеъри классикии мо ба таври умумӣ ба ду ҷаҳон хизмат кард: Ба ин ҷаҳон ва он ҷаҳон. Мавлоно Румӣ мегӯяд:

**Ин ҷаҳону он ҷаҳон як гавҳаранд,**
**Дар ҳақиқат куфру дину кеш нест.**

Рост мегуфт. Вале барои «Ин ҷаҳон» ва «Он ҷаҳон» барномае мушаххас ва конкретӣ пешкаш накард. Пешниҳодоти ӯ ва дигар шоирони классикии мо аксаран динӣ, тасаввуфӣ ва дар беҳтарин ҳолат (утопиявӣ) буданд. Шеър бояд бозгӯи фалсафа бошад. Фалсафаи зиндагӣ. Шоирони гузаштаи мо зиндагигурез буданд. Зиндагиро дар ин ҷаҳон қобили зист намедонистанд. Ба хотири зиндагии ҷаҳони дигар эҷод ва талош мекарданд. Аз ин қоида берун баъзе истисноҳо ҳам буд, вале онҳо хеле ночиз ва камтаъсир буданд. «Шоҳнома» баъд аз «ду қарни сукут» аз тарси арабҳо эҷод шуд. Мардуми мо аз нигоҳи сиёсӣ ва динӣ - фалсафӣ онро қабул карда натавонистанд. Зеро «Шоҳнома» ба ҷои ислом идеяи миллиро гузошт ва ба ҷои Худо–Рустам, Сӯҳроб, Сиёвуш ва Исфандиёрро... Паҳлавонони хирадманду ватанпарварро. Мардуми мо аз ин ду пешниҳод ҳарос карданд. Фалсафаи миллӣ ва ватандӯстии Фирдавсиро напазируфтанд. Зеро рӯҳи ғуломӣ дар мағзу устухони онҳо сироят карда буд. Мо ҳатто имрӯз ҳам аз фалсафаи Фирдавсӣ меҳаросем... Онро аз воқеият дур медонем. Чаро? Дар ҳақиқат барои амалӣ намудани идеали сиёсӣ ва фалсафии «Шоҳнома» ин чанд шартро иҷро намудан лозим аст:

Аввалан, барҳам задани низоми қабилавӣ - падаршоҳӣ дар сарзаминҳои Эронвиҷ; Дуюм, аз нав афрӯхтани чароғи илму дониши ҳақиқӣ; Сеюм, ҷудо намудани дин аз давлат ва барҳам задани ҳамагуна хурофот аз матни ҷомеаҳои ориёитаборон; Дар ҳамаи кишварҳои эронитаборон низоми шоҳаншоҳӣ, ки ҳамон падаршоҳӣ аст, ҳукмрон мебошад. Кишварҳои ин минтақа аз таълими илмҳои ҳақиқӣ: математика, физика, химия, биология, астрономия, фалсафа, мантиқ... маҳруманд. Дар кишварҳои ин минтақа ҳанӯз ҳам идеологияи ҳукмрон дар сатҳи давлатӣ мазҳаб ва дин мебошад. Ин ва боз чандин монеаҳои дигар ҳоло ҳам намегузоранд, ки фалсафаи «Шоҳнома» дар амал татбиқ шавад.

Мо аз давраи Фирдавсӣ пештар нарафтаем. Гирифториҳои мо шояд бештар шуда бошанд. Кишварҳои минтақа эҳтиёҷ ба як сохти иҷтимоӣ - демократии

ҳозиразамон доранд, то ин ки аз истибдоди моддӣ ва маънавии чандинҳазорсола наҷот ёбанд. Урупо дар оянда ё ин истибдодро шадидтар мекунад ва ё кишварҳои ин минтақаро ба сохти иҷтимоии урупоӣ ҳамоҳанг месозад...

Эҳтимоли дуюм ба воқеият наздиктар аст. Ҳарчанд роҳи дарозеро дар пеш дорад.

## 10. Шеъри муосири форсӣ - тоҷикӣ.

Шеъри муосири форсӣ - тоҷикӣ дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон эҷод мешавад. Аҳмади Донишу Садриддини Айнӣ пешниҳоди мушаххасе надоштанд. Танҳо моро ба тақлиди урупоиён (русҳо) ташвиқ намуданду бас. Худи онҳо навигариҳои ҳунарӣ ва шоиронае надоштанд. Он чи карданд, тақлид ба урупоиён буд. Вале ин хизмат дар замони худи онҳо иҷрои рисолати ростини фарҳангӣ ба шумор мерафт.

Дар Афғонистон устод Халилуллоҳи Халилӣ то соли 1980 ба сифати як ориф ва шоири сӯфимашраб шинохта шуда буд. Баъди ҷанги Афғонистон ба садои зиндагӣ ҳамовоз шуд. Вале дер карда буд. Ҳоло ҳарчи дар Афғонистон эҷод мешавад, шеър нест. Сиёсат аст. Эътироз аст. Барои ҳунар ва ҳунарнамоии шоирона фурсат надоранд. Шоир бояд дар ҳар шароите ҳунари шоирии худро намоиш диҳад. Вагарна мавзӯъҳои шеъриро дар шакли мақолаҳои сиёсӣ ва рисолаҳои фалсафӣ низ баён кардан мумкин аст. Ба ин маънӣ ки ҳунарманд бояд рисолати ҳунарӣ ва таърихии худро хуб ва дақиқ бишносад ва аз вазиши тундбодҳои сиёсии замон ва ҷаҳон парешон нагардад. Фирдавсӣ, Сино, Носири Хисрав ва Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба рисолати ҳунарӣ ва таърихии худ содиқ монданд.

Дар Афғонистони муосир ин рисолати таърихиро танҳо Аҳмадшоҳи Маъсуд дар илми сиёсат анҷом дода тавонисту бас.

Дар Эрони муосир навоварии шеърӣ ба мисли навоварӣ дар тахаллуси як шоир шуд. Асосгузори шеъри нави Эрон Нимо ном дорад. Номи аслиаш Алӣ Исфандиёрӣ аст. Дар аввали фаъолияти шоириаш «Амин» тахаллус дошт. Барои он ки навовар шавад номашро аз ҳарфҳои охир хонд: НИМО.

Яъне шакли чаппаи АМИН! Нововарии Нимо аз чӣ иборат буд? Ӯ се орзу ва ҳадаф дошт:

Якум: Хост, ки оҳангу мусиқиро аз шеъри форсӣ барҳам занад;

Дуюм: Талош намуд, ки шеъри баландовозаи классикии моро ба дараҷаи наср ба поён биёварад;

Сеюм: Кӯшид, ки зебоӣ, равонӣ, назокат ва сеҳри сухани мавзуни форсиро ба ибораҳои ноҳамвор ва дурушту дағали урупоӣ иваз намояд. Ӯ аз шеъри шоирони Франсия тақлид мекард. Аз боби мазмун ва муҳтаво фалсафаи муайяне надошт. Он чи мегуфт, такрори мавзӯъҳои шеъри шоирони урупоӣ буд. Масалан, даъват мекард, ки ба табиат рӯй оваред. Вале ҷузъиёти ин даъваташро асоснок карда натавонист. Пайравонаш низ аз ин ҳол берун нестанд.

Дар Ҳинду Покистон чӣ? Мисолашро дорем: Муҳаммад Иқбол. Ӯ аз рӯи шафқати инсонӣ ба мусулмонони ҷаҳон хизмат кард. Вале натиҷае нагирифт. Чаро? Барои он, ки мусулмонон омода набуданд. Якум: Омодагии сиёсӣ надоштанд. Дуюм: Фалсафаи мушаххаси иҷтимоӣ надоштанд. Сеюм: Программаи муайян дар нисбати дин надоштанд. Он чи Иқбол пешниҳод кард, аз ҷиҳати сиёсӣ ва иҷтимоӣ реформаи динӣ буду бас. Он ҳам реформаи ҷузъӣ ва муросокорона. На аз қабили реформаи Мартин Лютер. Баъди таҷрибаҳои талхи сиёсӣ ва иҷтимоии Урупо дар чаҳор асри охир ҳеҷ як дине дар ҷаҳон қодир нест, ки назария ва амалияи худро ба гардани қавму миллатҳо таҳмил кунад. Чун Урупо ба дин ғолиб омада аст. Шарқ ҳанӯз мутеи дин ва хуруфот аст. Урупоиён мутеии шарқиёнро дар назди дин хеле моҳирона истифода мебаранд. Бо мазҳаби шарқиён бозӣ кардан бизнеси сиёсии Урупои муосир аст. Онҳо худро аз дин наҷот доданд, вале намехоҳанд, ки шарқиён наҷот ёбанд. Ин буд, ки даъватҳои оташини Иқбол беҷавоб монданд. Худи Иқбол дар солҳои охири умр ба шикасти худ эътироф кард. Мусулмононро дарди сари ҷаҳониён хонд. Ба ибораи худаш: «Ки ин миллат ҷаҳонро бори душ аст». Ин миллат гуфта мусулмононро дар назар дошт.

Вале мо садоқат ва фидокориҳои Иқболро дар роҳи озодӣ ва истиқлоли мусулмонон арҷ мениҳем ва меситоем. Чун ҳарчи тавонист ба таври бедареғ барои мардум анҷом дод.

Иқдоми ӯ намунавӣ ва сазовори пайравӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, боисти рӯҳи замон ба эътибор гирифта шавад. Маҳатма Гандӣ, ки сиёсатмадори касбӣ буд, аз роҳи омӯзиши ихтисосӣ ба саволҳои Ҳинд ҷавоб ёфт ва Ҳиндустонро бе талафоти ҷонию молӣ аз зери зулму истибдоди бегонагон наҷот дод.

## 11.Ояндаи шеъри форсӣ – тоҷикӣ.

Ворисони ин шеър роҳи пур печу тобе дар пеш доранд. Мо бояд аввал урупоӣ шавем ва баъдҳо боз аз нав ба шарқигарии худ рӯй оварем. Он гоҳ аст, ки навбати шеър мерасад. Вале шоирони асил ва бузург нахоҳем дошт. Зеро шеъри мо бе моя ва бе реша хоҳад буд. Чаро ки мо дар асри XX аз решаҳои суннатии шеъри худ фарсангҳо дур шудем. Аз асолати миллӣ ва фарҳангии худ маҳрум гардидем. Аз худ бегона шудем. Худро бохтем. Ғуломи моддӣ ва маънавии урупоиён гардидем. Он гоҳ аст, ки мунаққидони бузурги урупоимашраб ба майдон меоянд. Шеъри классикии моро аз ғирболи нақди урупоӣ мегузаронанд. Ин мунаққидони бузург аз ҳамин сарзамини забони форсӣ зуҳур хоҳанд намуд. Баъди он ки дар тамоми олам ҳукумати ягонаи умумиҷаҳонӣ барқарор гашт, он гоҳ аст, ки ҳақ ба ҳақдор мерасад ва ориёитаборони форсизабон бо диду эҳсосе нав ба шеъри форсӣ - тоҷикӣ таваҷҷӯҳ хоҳанд намуд. Дар он марҳала аст, ки зуҳури шоирони бузургро метавон интизор гардид.

## 12. Хулосаи баҳс.

Олами воқеъ иборат аз шаклҳо ва мазмунҳои рангоранг аст... Шаклу мазмун ҳам бо худии худ зоҳир ва ботине дорад... Шеър зебоии зоҳирӣ ва ботинии шаклу мазмун аст. Масалан, шеърҳои Рӯдакӣ, Ҳофиз, Румӣ ва Иқбол ҳам шаклан ва ҳам мазмунан саршор аз зебоӣ ва мусиқӣ мебошанд. Ин аст ақидаи ман.

**Баҳори соли 2002**

# МАҚОМИ МИЛЛАТ ДАР ФАЛСАФАИ МУҲАММАД ИҚБОЛ



**Муҳаммад Иқбол бузургтарин шоири файласуфи исломӣ дар асри 20. (1877–1938)**

**Рӯҳро бори гарон ойини ғайр,**
**Гарчи ояд з–осмон ойини ғайр.**

**(Иқбол)**

То имрӯз Иқбол (1877-1938) - ро чунин мешиносанд:

-Иқбол бузургтарин шоир ва файласуфи форсизабони Шарқи исломӣ аст;

-Иқбол озодандеш, инсонпарвар, сиёсатмадор ва бедоркунандаи мардуми Машриқзамин мебошад;

-Иқбол ислоҳгари афкори динии мусулмонон ва худ як мусулмони ростин ба шумор меояд;

Вале аз нигоҳи дигар метавон гуфт: он чӣ то имрӯз гуфтаанд, Иқболи ҳақиқӣ нест. Он Иқболи оммаҳо, сиёсатҳо, давру замон ва Иқболи муборизаҳои динию нажодӣ буд. Пас, Иқболи ҳақиқӣ кадом аст? Барои шинохти дуруст ва воқеии Иқбол бояд ба ин саволҳо ҷавоб ёфт:

1) Иҷрои маросимҳои исломӣ (аз ҷумла намоз) барои Иқбол чӣ маъно доштанд?

2) Чаро Иқболро ба Афғонистон даъват намуданду ба Эрон даъват нашуд?

3) Чаро Иқбол бо вуҷуди он ҳама имкониятҳо хонаи Каъбаро зиёрат накард?

4) Китобҳои нотамоми Иқбол ба чӣ далолат мекунанд?: “Паёмбари фаромӯшшуда”, “Ислом аз нуқтаи назари ман”, “Мулоҳизаҳои ман дар бораи Қуръон”, “Эҳёи муқаррароти фиқҳи исломӣ” ва чанде дигар.

5) Иқбол аслан аз кадом миллат ва нажод буд?

Баҳсро аз ҳамин нуктаи охирин (миллат ва нажоди Иқбол) оғоз менамоем.

Миллату нажод барои шахсиятҳои бузург мавриди баҳсу гуфтугӯе нестанд. Онҳо барои ҳамаи аҳли башар баробар тааллуқ доранд. Ин нуқтаи назари фалсафа аст. Мо ҳам ин бардоштро қабул дорем. Вале илм ва хусусан илми таърих ва нажодшиносӣ ба ин ақидаи фалсафӣ ва фарҳангӣ қонеъ намешаванд.

Аз ин гузашта, танҳо ба хотири ҳақиқати сирф илмӣ ва таърихӣ метавон пурсид, ки дар воқеъ Муҳаммад Иқбол ва гузаштагони ӯ аслан аз кадом миллату нажод буданд?

Машҳуртарин иқболшиносони ҷаҳон бар ин ақидаанд, ки аҷдодони Иқбол аз бараҳманҳои Кашмир буданд, ки дар асри XVII милодӣ дини исломро қабул намуданд. Ин назари шарқшиноси шӯравӣ бону Н. Н. Пригарина ва иқболшиноси тоҷик устод Абдуллоҷон Ғаффоров мебошад, ки байни солҳои 1977 то 1982 иброз шудааст. Вале баъди нашри китоби чорҷилдаи доктор Ҷовид Иқбол–фарзанди барӯманди аллома Муҳаммад Иқбол бо номи “Зиндарӯд”, назарияи наслу насаб ва миллату нажоди Иқбол мавриди баҳсу андеша қарор гирифт. (Мутарҷими форсии китоб Шаҳиндухт Комрон Муқаддами Сафёрӣ китобро бо номи “Ҷовидон Иқбол” тавассути Академияи Иқболи Покистон ба чоп расонд. Нусхаи мо чопи дуюми ин китоб аст бо номи “Зиндагӣ ва афкори Аллома Иқболи Лоҳурӣ”, нашри ширкати Интишороти Остони Қудси Разавӣ. 1372 (1993м.); (Фасли аввал: Силсилаи насаб, саҳ. 9-31)

Доктор Ҷовид Иқбол дар ҷилди аввали китоби мазкур менависад: “Дар як мадраки (ҳуҷҷати) мунҳасир ба фард (хусусӣ) Иқбол қавмияти худро “сапру” нигоштааст. Ва дар номае ба оқои Фавқ аз 16-уми январи соли 1934 мегӯяд: “Кашмирии бараҳман, ки аз насли сапру дорад, дар бораи наслу насаб, ҳар он чӣ ман аз падари шодравони худ шунидаам, арз мекунам. Вақте ки мусулмонон бар Кашмир мусаллат (ҳоким) шуданд, кашмириёни бараҳман аз рӯи кӯҳнапарастӣ ва иртиҷоъ ва ё бо илали (сабаби) дигар ба улуму забони мусулмонон эътиноe (таваҷҷуҳе) наменамуданд. Бад-ин сабаб аввалин гурӯҳе ба тарафи забони форсӣ ва таaллуқоти он кашонда шуд ва то ҳадде ба он огаҳӣ пайдо кард ва эътимоди ҳукумати исломиро ҷалб намуд, “сапру” хонда шуд.

Маънии ин лафз иборат аст аз шахсе, ки пеш аз ҳама шурӯъ ба хондан кунад. Ин аст, ки бараҳманҳо ҳамтабақаҳои худро, ки аз равияи аҷдодӣ ҷудо шуда буданд, ба сифати таҳқир, “сапру” номиданд. Муҳаққиқи забондоне дар шаҳри Анбола ба ман гуфт, ки: калимаи “сапру” ба подшоҳи бостони Эрон – Шоҳпур таaллуқ дорад. Ва сапруҳо дар ҳақиқат эрониёне ҳастанд, ки муддатҳо пас аз зуҳури ислом Эронро тарк намуда, дар Кашмир сокин шудаанд. Ва бо сабаби заковату зиракӣ, ки доштанд, дар гурӯҳи бараҳман дохил шуданд”.

Агар мазмуни ин иқтибосро ба маълумотҳои дигари ин китоб ва сарчашмаҳои мавҷуда мавриди арзёбӣ қарор диҳем, ба натиҷаҳои зерин хоҳем расид:

**Якум**. Ин далел ба назари худи Иқбол хеле мӯътабар аст. Чаро ки аз забони падари шодравонаш Шайх Нурмуҳаммад, ки мардум ӯро файласуфи уммӣ (таҳсилнокарда) меномиданд, шунидааст. Мақсад ин ҷо мақоми падар аз назари Иқбол аст, ки он бузургвор қиблагоҳи худро то ба ҳадди тақдис мепарастидааст. Аз тарафи дигар, ривояте будааст, хонаводагӣ, ки аз сина ба сина ва аз насл ба насл интиқол меёфтааст. Арзиши ин қабил ривоётро дар асри XIX дар Урупо донишманде чун Густав Лебон (1841-1931) аз назари илмӣ собит намудааст.

**Дуюм.** Ватани аслии Иқбол Кашмир нест. Хонаводаи Иқбол ба Кашмир чун муҳоҷир омадаанд. Сабаби ин ҳиҷрат то ҳол дар ягон сарчашма зикр нагардидааст. Мо сабабашро намедонем. Эҳтимолан сабаби динӣ-мазҳабӣ доштааст. Чаро ки аҷдоди Иқбол то ба Кашмир омаданашон ҳиндӣ ва бараҳман набудаанд. Балки ба сабаби хидмат, ҳайсият, истеъдод, заковат, зиракӣ ва дигар имтиёзҳои шахсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоияшон онҳоро ба табақаи болои ҷомеаи онрӯзаи ҳиндӣ (бараҳманҳо) қабул намудаанд. Ва шояд аз дини пешинаи худ ба ақидаи бараҳманҳо гаравида бошанд.

**Сеюм.** Таваҷҷӯҳи аҷдоди Иқбол ба забони форсӣ дар давраи паҳншавии дини ислом дар Кашмир гувоҳ бар он кашиши фитриест, ки дар ниҳоди ҳар як фард ниҳон аст. Ин ҷо возеҳ ва равшан аст, ки **гузаштагони дури Иқбол аслан ҳиндӣ ва бараҳман набудаанд**, балки баъдҳо ба ин гурӯҳ дохил шудаанд. Мисли он, ки худи Иқбол ҳеҷ гоҳ дар зумраи “сэр”-ҳои Урупоӣ набуд, вале хидматҳои фарҳангии ӯро ба назар гирифта, ба ӯ лақаби «сэр»-ро доданд. Ҳамин тавр, аҷдоди Иқбол аслан бараҳман набуданд, вале ба шарофати хидматҳои фарҳангӣ ва фазилатҳои шахсияшон аз ҷониби гурӯҳи бараҳманҳои Кашмир пазируфта шуданд. Табиист, ки баъди ин ҳодиса хонадони онҳоро чун бараҳман ва бараҳманзода ном мебурданд ва ҳоло ҳам ном мебаранд.

**Чаҳорум.** Дар шарҳу тафсири калимаи «сапру» омадааст, ки шахси пеш аз ҳама ба хондан шурӯъ кардаро, «сапру» меномиданд. Вале Иқбол бо ин тафсир розӣ ва қонеъ нагардида, ба мутахассисони забоншинос муроҷиат намудааст.

Муҳаққиқи забоншиносе дар шаҳри Анбола дар ҷавоби пурсиши Иқбол гуфтааст, ки калимаи “сапру” шакли таҳрифшудаи калимаи шоҳпур аст». Шоҳпур силсилае аз подшоҳони Эронӣ ҳастанд, ки дар империяи Сосонӣ ҳукмронӣ намудаанд. Машҳуртарини ин силсила: Шоҳпури як, Шоҳпури ду ва Шоҳпури се мебошанд, ки дар сохтмони Тоқи Касро, шаҳри Мадоин ва мубориза ба муқобили императори Рум саҳми арзандае гузоштаанд. Ҳокимияти ин сулола қариб дусад солро дар бар гирфта буд. Ва дар иқтибоси дар боло зикршуда, возеҳу равшан омадааст, ки

«Сапруҳо дар ҳақиқат эрониёне ҳастанд, ки муддатҳо пеш аз зуҳури Ислом Эронро тарк намуда, дар Кашмир сокин шудаанд».

Ҳамин таъкиди сареҳ ва ошкорои иқтибос сабаб шуд, ки мо дар ин таҳқиқи мухтасари худ Муҳаммад Иқболро Эронинажод бидонем! Мо дар ин ақидаи худ таассубе надорем. Зеро шахсоне чун Иқбол ҳадду марзро намепазиранд. Шахсияти онҳо болотар аз мафҳумҳои тангу маҳдуди миллату нажод аст. Вале баҳс, баҳс аст. Ақаллан барои як бор бояд, ин ё он масъаларо дақиқ кард. Бе хулосабарориҳои умумӣ ва муғлақ. Барои равшан гардидани ин масъалаи зоҳиран оддӣ, вале ботинан печида, бояд афзуд, ки дар гузашта ва ҳозира ҳама идеологияҳои тоталитарӣ (барои намуна ислом, масеҳият, сотсиализм ва коммунизм) аз гузориши масъалаи нажод ва миллат парҳез мекунанд.

Чаро? Барои он, ки мехоҳанд шахсиятҳои бузург тамоми истеъдоди худро дар роҳи ба даст овардани ҳадафҳои ин идеологияҳо бе каму кост сарф кунанд. Саид Ҷамолуддини Афғонӣ як умр кӯшиш мекард, ки касе аз кадом миллат будани ӯро надонад. Чунки ӯ аз рӯи мабдаъ ва принсип ба ислом хизмат карданӣ буд, на барои миллати афғону эрон ва ё турку араб! Шахсиятҳои бузурги олами коммунистӣ ҳам дар асри XX ҳамин ҳолро доштанд. Барои мисол файласуфҳо: Николай Ирибаджаков дар Булғория, Янагида Кендзюро дар Япония, Морис Корнфорт дар Англия, Маҳмуд Амин ал-Олим дар Миср, Алоуддин Баҳоуддинов дар СССР.

Муҳаққиқони гузашта асри XX-ро асри идеологияҳо меномиданд. Ҷои гурез нест. Воқеият чунин аст. Вале инсонҳо ҳам ба куллӣ маҳкуму побанди қазову қадар нестанд. Аз озодиҳои нисбӣ бархӯрдоранд. Он ҷо, ки аллома Иқбол мегӯяд:

**Мазан бар пои худ занҷири тақдир,**
**Таҳи ин гунбази гардон раҳе ҳаст**.

Вале ин роҳҳои эҳтимолан вуҷуддоштаро тарғиботи шадиди яккақолабӣ ва яккабоварии тоталитарӣ аз майдон берун меронад. Мутафаккир маҷбур мешавад, ки дар майдони истилоҳоти бемуҳтаво ва умумӣ суханпардозӣ кунад. Барои намуна дар «Паёми Машриқ» Иқбол мегӯяд:

**На афғонему на турку таторем,**
**Чаманзодему аз як шохсорем.**
**Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром ҳаст,**
**Ки мо парвардаи як навбаҳорем.**

Аз навишта шудани ин дубайтӣ қариб сад сол мегузарад. Вале ҳеҷ не ки ин «чаманзодаи як шохсору парвардагони як навбаҳор» худро бишносанд ва ба ҳам биёянд. Чаро ин тавр аст? Ман намедонам. Ҳамин қадараш маълум аст, ки даъвоҳои ин идеологияҳои тоталитарӣ дар воқеияти реалии зиндагии мо такягоҳи собите пайдо намекунанд. Чаро ки асри мо, асри шак ва тардид аст. Рӯҳи хушбоварӣ ба завқи муосирон созгор нест. Ин назари мо аст. Вале Иқбол «ба ин натиҷа расид, ки мусулмонон барои ҳифзи бақо ва қудраташон бояд дар асоси имони муштарак муттаҳид гарданд ва уммати исломӣ-иттиҳоди миллии исломро ба вуҷуд биоваранд». Ин ҳадаф ҳоло ҳам дар барномаи рӯзи аксари давлатҳои исломӣ матраҳ мебошад. Вазъи иҷроиш ва амалӣ шудани он ба ҳамагон маълум аст. Ақаллан ишорае ба «баҳори арабӣ» зарурат дорад.

Аммо миллатгароӣ дар боби худ як навъ шак ва нобоварӣ нисбат ба ҳадафҳои куллӣ ва тоталитарӣ мебошад. Воқеият ин аст, ки ҳеҷ як аз ин ду идеология (миллӣ ва тоталитарӣ) афзалияти худро нисбат ба дигаре собит накардааст. Шояд роҳи дуруст берун аз маъракаи ин ду ҳариф бошад? Вале ин ҳам аз назари имрӯз эҳтимолу тахмин аст.

**Панҷум.** Иқбол соли 1905 баъди зиёрати мазори Мирзо Ғолиб навиштааст: **“Мо фақат онро мусулмон медонем, ки ташнаи хуни ҳиндувон бошад ва онро ҳиндуи ҳақиқӣ мешуморем, ки душмани зиндагии мусулмонон шавад. Мо кирми китоб ҳастем. Афкори мағзҳои ғарбӣ ғизои мост. Беҳтар буд, агар мавҷҳои халиҷи Бангола моро ғарқ мекарданд. Дар Бомбай ҷамъияти порсиҳо тақрибан 80 ё 90 ҳазор аст. Салоҳияти ин мардум қобили ситоиш ва азамати онҳо беҳисоб мебошад. Мутаассифона ҳама дар пайи тавлиди иқтисодӣ мебошанд. На забон доранду на адабиёт ва на навиштаҷот. Ба забони форсӣ бо нафрату ҳақорат нигоҳ мекарданд, ки дар адабиёти форсӣ эътиқодоти арабӣ ҳеҷ дахолат надорад, балки ранги зардуштӣ дар рагу решааш дида мешавад”.** Аз ин

иқтибос пайдост, ки Иқбол решаҳои аслии низоъҳои мазҳабиро хуб мешинохтааст. Аз тарафи дигар ба бегонапарастии шарқиҳо пай бурдааст. Онҷо ки мегӯяд: **“Мо кирми китоб ҳастем. Афкори мағзҳои Ғарбӣ ғизои мост”.**

Иқбол дар нисбати порсиҳои Ҳинд хеле ҳассосияти шадид нишон медиҳад. Ҳам меситояд ва ҳам накӯҳиш мекунад. Маълум аст, ки нисбат ба сарнавишти онҳо бетафовут нест. Чаро? Ба назари мо барои он ки Иқбол худро аз руи нажод ва аз боби завқи фарҳангӣ эронии зардуштӣ эҳсос мекард. Вагарна дар Ҳинд садҳо қавму миллат сукунат доранд. Чаро Иқбол маҳз бо ҳамин форсиҳои Бомбай таваҷҷӯҳ мекунад? Ҳолати ин зардуштиҳо ба як ҳиндии мусулмон (Иқбол) чӣ робитае дорад? Иқбол ба таври нохудогоҳ адабиёти форсиро меситояд. Ба хотири эронияту зардуштият меситояд, на ба хотири ихтисос ва завқи шоирӣ! Нисбат ба таъсири адабиёти араб хушбин нест. Чаро? Барои он ки арабҳо сомианд ва Иқбол ориёӣ! **Дар рӯҳияи Иқболи соли 1905 тамоили шадиде ба тамаддуни пеш аз исломии Эрон ба мушоҳида мерасад. Ӯ ошкоро ва бо як навъ қотеъият, бунёд ва асоси адабиёти форсиро аз тамаддуни зардуштӣ иборат медонад. Ва дар ҳамин раванд (протсесс) нисбат ба таъсири дини Ислом ва фарҳанги арабӣ дар адабиёти форсӣ назари мусбат надорад. Ин аст, ки мо мегуем фаъолиятҳои илмӣ, адабӣ ва фалсафии Иқбол дар умқи худ тамоили миллӣ ва нажодӣ доштанд.** Мо дар ин навишта маҷоли аз ин бештаре надорем ва феҳраствор зикр мекунем, ки ин фаъолиятҳои Иқбол ба ақидаи мо гувоҳ бар тамоили эронинажод будани ӯ аст.

**Шашум.** Иқбол ҳанӯз дар кишвари худ-Ҳундустон иқомат дошт ва дар солҳои 90-уми асри 19 дар яке аз маҷаллаҳои англисизабон мақолае навишт бо номи “Инсони комил”. Дар асарҳои баъдинааш тавзеҳ медиҳад, ки ҳангоми навиштани ин мақола ба сарчашмаҳои урупоӣ дастрасӣ надоштааст. Ман ба ин тавзеҳи баъдина бовар надорам. Шахси бедор ва ҷӯяндае чун Иқбол наметавонист аз ин мавзӯи муҳими тасаввуфи исломӣ ва фалсафаи урупоӣ ғофил бимонад. Дар сурате ки забони роиҷи зиёиёни ҳиндӣ забони англисӣ буд ва номи офарандаи образи абармард (супермен)-и Фридрих Нитше вирди забони ҳамагон буд! Эҳтимол меравад, Иқбол

хостааст бо ин тавзеҳ истиқлол ва навоварии фикрии худро таъкид намояд. То муосирон гумон накунанд, ки ӯ аз пайи файласуфи урупоӣ (Нитше) рафтааст. Аз китобҳои баъдинаи Иқбол бармеояд, ки дар ҳақиқат пайрави Нитше набуда ва махсусан дар китоби "Таҷдиди фикри динӣ дар ислом" ақидаҳои метафизикии Нитшеро сахт танқид намудааст. Аз инсоф нагзарем ва бояд инро ҳам бигӯем, ки осори Нитше барои Иқбол ба сифати як сарчашмаи илҳомбахш хизмат мекарданд. Сабаби ин ҳолат, ягонагии шеваи фикрӣ буд. Зеро ҳарду мутафаккир, файласуф, шоир ва орифмашраб буданд. Ба ин маънӣ Иқбол дар "Ҷовиднома" зери сарлавҳаи " Мақоми ҳакими олмонӣ Нитше" баъди тавсифу тамҷид дар 76 мисраъ ба ин хулоса меояд:

**Ақли ӯ бо хештан дар гуфтугӯст,**
**Ту раҳи худ рав, ки роҳи худ накӯст.**

Яъне Иқбол даъват мекунад, ки ҳар кас бояд дар роҳи худ равад ва аз касе тақлид накунад. Бо ин тавзеҳи тӯлонӣ мо инро гуфтанӣ будем, ки ҳатто аз бомдоди зиндагии фикрии худ бо мавзӯъҳои авастоӣ таваҷҷӯҳ дошт ва худи масъалаи "Инсони комил" ба ақидаи аксари муҳаққиқони муосир решаи зардуштӣ ва авастоӣ дорад.

**Ҳафтум.** Иқбол дар ибтидои фаъолиятҳои илмӣ ва адабии худ мақолае нашр намуд, дар мавзӯи "Рубоиёти аслии Умари Хайём". Ҳарчанд ки иқболшиносон аз ин мақола номе намебаранд, вале ба назари мо дубайтиҳои хайёмонаи Иқбол то андозае самараи баҳсу таҳқиқ дар рубоиёти асил ва мансуб ба Хайём будааст.

Албатта ин ҷо тақлид нест, балки илҳом гирифтан аст. Пайдост, ки Иқбол нисбат ба Хайём таваҷҷӯҳи хос дошта, ҳам аз боби шакл ва ҳам аз боби мазмун рубоиёти ӯро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Ба як маъно, метавон Иқболро Хайёми асри 20 номид. Бо ин фарқ, ки дубайтиҳои Иқбол дорои рангу бори шоирона буда, рубоиёти Хайём бештар ба аксиомаҳои математикӣ шабоҳат доранд. Аз нигоҳи фалсафӣ ҳарду дорои ақоиди хос мебошанд, ки ин ҷо маҷоли шарҳу эзоҳи онро надорем.

**Ҳаштум.** Дар охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20 Иқбол ба осори файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900)

ошно гардид. Махсусан, китоби Нитше бо номи “Чунин гуфт Зардушт” рӯҳи Иқболи ҷавонро сахт такон дод. Бо илҳом аз ин китоб Иқбол рисолаи доктории худро бо номи “Пешрафти илми метафизика дар кишвари Форс” дифоъ намуд. Мутарҷимони урду ва эронӣ ин китобро аз забони англисӣ ба забони худ бо номи “Фалсафаи Аҷам” ва “ Сайри фалсафа дар Эрон” тарҷума намуданд. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки таъсири ин китоб (китоби Нитше) дар фикри Иқбол то охири умраш боқӣ мондааст. Иқбол дар навиштаҳои гуногуни худ ҳамеша як фикрро гӯшзад мекунад, ки «Инсони комил»-и ӯ ба абармард (супермен)-и Нитше ҳеҷ муносибате надорад. Вале ин исрори бардавом аз назари равоншиносӣ ин маъноро ба мо мефаҳмонад, ки таъсири китоби «Чунин гуфт Зардушт» дар фикри Иқбол инкорнопазир аст. Ва чунин ба назар мерасад, ки Иқбол дониста ё надониста хостааст, ки ҳақиқати хаёлоти фалсафӣ ва шоиронаи Нитшеро аз назари илмӣ асоснок намояд. Нитше фарҳанг ва арзишҳои Урупоро таҷдиди назар кард. **Бисёре аз осори нотамоми Иқбол гувоҳи онанд, ки ӯ ҳам хостааст ба мисли Нитше мероси фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, таърихӣ, адабӣ ва ҳунарии Шарқи исломиро мавриди арзёбӣ ва таҷдиди назар қарор диҳад.** Вале муҳити фосиди аввалҳои асри XX ба амалӣ шудани ин нақша имкон надод. Ҳадафҳои Иқбол амалӣ нагардиданд. Иқбол дар нимароҳ таваққуф намуд. Ӯ эҳсос мекард, ки мероси фарҳангии гузаштаи мусулмонон ба таҷдиди назар ниёз дорад. Нитше пеш аз Иқбол мероси фарҳангии Урупоро мавриди таҷдиди назар қарор дода буд. Маълум намуд, ки инсоният то ҳанӯз пойбанди хурофот аст. Вале Нитше роҳи наҷот аз ин хурофотро нишон дода натавонист. Образи офаридаи ӯ: Абармард ё худ супермен образи як буржуа ва капиталисте буд, ки барои манфиати шахсии худ шуда, омода буд, оламу одамро ба куллӣ хароб намояд. **Иқбол хост, ки ба ин образ одобу ахлоқи шарқиро илова кунад. Яъне абармардро шарқӣ, инсонпарвар, гуманист ва аҳли дину виҷдон намояд.** Ин тавсифҳо дар достонҳои фалсафии ӯ бо номи «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» ба тафсил омадаанд. Вале ҳамзамонон ба пешниҳодоти ӯ эътиборе нанамуданд ва ҳатто бар зидди ӯ китобҳо ва

рисолаҳо таълиф намуданд. Ин аст, ки мо мегӯем, Иқбол дар нимароҳ таваққуф кард. Чун ӯро аз пеш рафтан боздоштанд. **Нишонаҳои ақибнишинӣ дар номи асарҳои нотамомаш ҳувайдост: «Мантиқ-ут-тайри ҷадид», яъне аз «Мантиқ-ут-тайри қадим» розӣ нест, таҷдиди назар мекунад. Ва дар «Саргузашти қалбу фикр» барои тавзеҳи бештари афкори худ ин китобро менавиштааст. Чун бовар доштааст, ки мардум назари ӯро ба дурустӣ дарнаёфтаанд; "Таърихи тасаввуф", аз дидгоҳи нав ва дар асоси муқоисаи ақидаи Ибни Ҷавзӣ бо корнамоии Мансури Ҳаллоҷ. «Пайғамбари фаромӯшшуда»-Иқбол мехостааст ин китобро бо шеъри озоди англисӣ ва бо сабки «Инҷил» ё «Чунин гуфт Зардушт»-и Нитше бинависад.** Муҳаққиқони покистонӣ менависанд: "Саид Назар Ниёзӣ яке аз дӯстони Иқбол овардааст, ки ман ҳар рӯз бо дастури Иқбол порае аз Аҳди Атиқ (Таврот) ва ё Инҷилро ба ӯ мехондам ва ин кор муддате тӯл кашид. Интиқоди ӯ дар бораи Аҳди Атиқ бисёр ҷолиб буд ва ӯ сабку матолиби онро бо Қуръони маҷид борҳо муқоиса мекард. Мехост, мисли китоби Фридрих Нитше «Чунин гуфт Зардушт», як асари тозае бо номи «Китоби пайғамбари фаромӯшшуда» бингорад ва барои он услуби муносибе ҷустуҷӯ мекард". Дар ин айём ӯ зери таъсири андешаҳои Зардушт ва фалсафаи Нитше қарор дошт. Ва "Паёмбари фаромушшуда" гуфта, доир ба сарнавишти худи Зардушт ва дини ӯ андеша мекард.

Инҷост, ки ба назари мо, Иқбол аз эронинажод буданаш нозид ва аз дини ниёгонаш, ки зардуштӣ буданд, ифтихор намуд. Ва ба сӯи Зардушт ва Урупо рӯй овард. Тамаддуни сомӣ ва арабиро мавриди хурдагирӣ қарор дод. Соли 1907 навиштааст: **«Каломи ман қабл аз иқомат ва зиндагӣ дар Урупо каломи замони ҷоҳилияти ман аст».** Ин эътироф гувоҳ ба як нуқтаи муҳим дар ташаккули шахсияти маънавии Иқбол мебошад. Вале ин иқтибос ва эътироф чӣ маънӣ дорад? Иқбол ба назари мо бедорӣ ва огоҳии ҳақиқии худро ба шарофати Урупо медонист. Ба назари ӯ донишҳои дар Ҳиндустон фарогирифтааш камъумқ ва сатҳӣ буданд. Ба як калима, Иқбол дар Урупо муҳимтарин марҳилаи фикрии худро аз сар гузаронд. Дар осори ӯ ба ин маънӣ таъкидот ва тасреҳоти фаровоне вуҷуд дорад. Барои намуна он ҷо ки мегӯяд:

**Хирад афзуд маро дарси ҳакимони Фаранг,**
**Сина афрӯхт маро суҳбати соҳибназарон.**

Ин эътирофро дар ҳамаи маҷмуаҳои шеърӣ ва насрии ӯ ба забонҳои урду ва форсӣ дучор шуда метавонем.

**Нуҳӯм.** Чуноне ки дар параграфи панҷум зикр намудем Муҳаммад **Иқбол адабиёти форсиро меситояд. Нисбат ба таъсири адабиёти араб хушбин нест. Дар рӯҳияи Иқбол тамоюли шадид нисбат ба тамаддуни пеш аз исломии Эрон ба мушоҳида мерасад. Ошкоро бунёд ва асоси адабиёти форсро аз тамаддуни зардуштӣ иборат медонад. Нисбат ба таъсири мазҳаб, дин ва фарҳанги арабӣ дар адабиёт ва забони форсӣ назари мусбат надорад. Ин аст, ки мегӯем: Иқбол зери нуфузи маънавии китоби Нитше ба куллӣ ба фарҳанги Зардуштӣ рӯй оварда буд.** Ин солҳои аввали асри XX буданд ва Иқбол марҳалаи донишҷӯиро дар донишгоҳҳои Урупо мегузаронд. Дар ин солҳо Иқбол натанҳо аз фарҳанги Зардуштӣ ифтихор мекард, балки аз эронинажод будани худ меболид.

**Даҳум.** Таваҷҷуҳи Иқбол ба Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳам бесабаб набуд. Ӯ беҳадаф Кашмирро қароргоҳи доимии фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии худ интихоб накарда буд. Ва Иқбол дар «Ҷовиднома» Саид Алии Ҳамадониро дар қисмате хос, ки **«Он сӯи афлок»** ном дорад, зикр менамояд ва дар шаъни ӯ беҳтарин ва бошаҳоматтарин таъбирҳоро ба кор мебарад. Аз ҷумла:

**Сайду-с-содот Солори Аҷам**
**Дасти ӯ меъмори тақдири умам!**
**Муршиди он кишвари минуназир**
**Миру дарвешу салотинро мушир!**
**Офарид он мард Эрони сағир**
**Бо ҳунарҳои ғарибу дилпазир.**
**Як нигоҳи ӯ кушояд сад гиреҳ,**
**Хезу тирашро ба дил роҳе бидеҳ.**

Дар ин байтҳо бо иборaҳои «Солори Аҷам» ва «Эрони сағир» таваҷҷуҳ кунед. Саид Алӣ аз Эрони кабир ва асосӣ, дар Кашмир Эрони сағир офаридааст!

Оё дар ин ҷо таъкид ба миллат ва нажоди эронӣ нест? Оё Иқбол ҳам худро дар ин ифтихор шарик намедонад? Ман

фикр мекунам, ки шарик медонист. Дар конференсияи бахшида ба 120-солагии зодрӯзи аллома Иқбол соли 1997 дар Институти осори хаттии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон шодравон Амрияздон Алимардонов ин нуктаро ба ман хотирнишон кард, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кашмир ба хотири тарғибу ташвиқи дини ислом иқомат мекард, на ба хотири ҳамзистӣ бо ҳамнажодони худ–эрониёни муқимии Кашмир. Ман ба ин нуқтаи назар мувофиқам. Вале фикр мекунам, ки омили миллӣ ва нажодиро низ дар ин масъала нодида нагирем. Вагарна фаъолияти ин сӯфии шиамазҳаб, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ бошад, барои Муҳаммад Иқболи суннӣ чӣ ҷаззобияте дошта метавонист? Ин аст, ки мегӯем, дар муносибати Иқбол нисбат ба Ҳамадонӣ омили миллӣ ва нажодӣ ҳассостар аст, на омили мазҳабӣ!

**Ёздаҳум.** Алоқаи Иқбол ба забони форсӣ яке аз гӯётарин далели эронинажод будани ӯст. Ҳарчанд барои Иқбол эронӣ ё ҳиндӣ будани нажодаш фарқе надошт. Зеро ҳиндӣ ва форсӣ–ҳарду шохае аз фарҳанги бузурги ориёӣ мебошанд. Аз боби мақому мартаба байни онҳо фарқе нест, вале дар нисбати як шахси муайян, мансубият ба ин ё он нажод дорои аҳамияти таърихӣ, фикрӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ мегардад. Мисоли мушаххаси мо шахсияти аллома Иқбол аст. Дар мактубе ба номи Ғуломқодири Гиромӣ менависад: **«Форсӣ эҳсосоти маро беҳтар баён мекунад»** ва ба забони шеър мегӯяд:

**Порсӣ бин, то бубинӣ гуфтаҳои ранг-ранг,**
**Бигзар аз маҷмӯаи урду, ки беранги ман аст.**

Бо эътирофи худаш, забони форсӣ табиатан, ба афкори Иқбол мувофиқ будааст:

**Порсӣ аз рафъати андешаам,**
**Дархӯрад бо фитрати андешаам.**

Агар Иқбол эронинажод намебуд, забони форсиро ба дараҷаи эъҷози ҳунарӣ расонидан наметавонист. Ин аст, ки мегӯянд: **«Забони бегонаро метавон фаро гирифт, ба ғайр аз шеъраш».** Вале Иқбол шеърро ҳам фаро гирифта буд. Барои ибрат аст ин ҳолат, ки шеъри муосири форсӣ дар муқоиса бо

шеъри Иқбол чун насри хушки мусаҷҷаъ ҷилва мекунад. Аз ҷиҳати муҳтаво ба мазмун аслан, қобили муқоиса нестанд.

Иқбол худро ба нажоду фарҳанги эронӣ ба ин андоза наздик ва тавъам эҳсос мекунад, ки бехотир доир ба Ҳофиз гуфтааст: **«Вақте ки ман дар бораи Ҳофиз фикр мекунам, рӯҳи Ҳофиз дар ман дохил мешавад. Ва ба ростӣ ман худи Ҳофиз мешавам».** Ногуфта пайдост, ки аксари ашъори форсии Иқбол дар партави эҷодиёти бузургоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳоқонӣ, Низомӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Урфӣ, Назирӣ, Соиб ва дигарон суруда шудаанд.

Хулоса, аллома Муҳаммад Иқбол ҳар чанд дар фаъолиятҳои мазҳабӣ, фарҳангӣ ва сиёсиаш нисбат ба миллату нажод бетафовут ба назар мерасад, вале аз назари замири ботин ва далоили навини равоншиносӣ ҳамвора худро як эронии том ва тамом эҳсос мекардааст.

## РАВШАНФИКРОНИ ҶАҲОНИ ИМРӮЗ
**(Ҷавоби анкетаи фалсафӣ)**




**Аспирант: Ҳафиз Бобоёров. Профессор: Иброн Шарипов.**

**“Дар изҳори ақидаи хеш ҷасур бош.**
**Ин аст формулаи равшанфикрӣ!”**
**(И. Кант).**

### 1. Ошноӣ бо истилоҳоти мавзӯи баҳс

1 – Равшанфикрон ба маънои зиёиёни тоҷикӣ ва интеллектуали урупоӣ аст…

2 – Маънии фалсафии равшанфикр: Равшанфикр касест, ки андак эҷодкор аст… Офаранда аст. Дорои фикру андешаи мустақил аст… Дар аксар масъалаҳои зиндагӣ назари хоси худро дорад… Навад дар сади докторҳо ва профессорҳои ҷаҳон равшанфикр нестанд… Чун истеъдоди эҷодкорӣ надоранд. Аз рӯи китобҳои дигарон китоб навиштаанд. Як шоири халқии тоҷик бо номи Асоев Шоҳзамон (тав. 1904) ки хату савод ҳам надошт, равшанфикр буд. Чун эҷодкор буд. Назари худро дошт. Дар бораи рисолати ҳунар (санъат - искусство) мегӯяд:

**Ҳунар он аст, ки ёбӣ роҳаташро,**
**Наёбӣ роҳаташ, кас беҳунар беҳ!**

Муҳим нест, ки ин назари ӯ нисбат ба ҳунар дуруст аст ё нодуруст. Муҳим ин аст, ки ин назари шахсии ӯст. Ва бо ҷасорат ин назарро изҳор кардааст…

Дар ин мақола мо нисбати мафҳуми «равшанфикр» сахтгирӣ накардаем. Ва баҳси академикиро низ зарур нашуморидаем. Бо як калима гуфтем, ки нишонаи асосии равшанфикр эҷодкор будани ӯст…

Дар кадом соҳае, ки кор ва фаъолият дошта бошад, эҷодкор, эҷодкор аст… Ва ҳамин эҷодкорӣ нишонаи ҷавҳарии равшанфикри ҳақиқӣ мебошад.

3 – «Ҷаҳони имрӯз» яъне аз соли 1900 мелодӣ сар карда, то имрӯз (23 ноябри соли 2009) ва оянда… Ҳар равшанфикре, ки соли 1900 зинда будааст, ба ҷумлаи «ҷаҳони имрӯз» дохил аст. Пеш аз соли 1900-ро равшанфикрони асри XIX ба шумор меоварем. Ва онҳоро равшанфикри имрӯза ҳисоб намекунем… Бошад. Ин назари шахсии мост. Агар иштибоҳ аст, бароиислоҳаш вақт дорем…

## 2. <u>55 саволи фалсафӣ ба равшанфикрони Тоҷикистон</u>

Барои кӯтоҳии баён ёдовар мешавем, ки ин «Саволномаи фалсафӣ» дар матбуот ба чоп расид. Дақиқтараш дар таърихи 18 декабри соли 2008, дар рӯзномаи шодравон Қурбоналӣ Хӯҷамов бо номи «Зиндагӣ»… Ин силсила бо номи «Зиндагӣ чӣ мегӯяд?», аз моҳи июни соли 2008 оғоз шуда, то охирҳои моҳи январи соли 2009 давом кард. Ман ба ҳамаи хешовандон ва дӯстони устод Қурбоналӣ арзи таслият менамоям ва хидматҳои ӯро дар густариши фарҳанги миллӣ арзанда мешуморам. Мутаассифона ин чанд моҳе, ки мо бо устод ҳамкорӣ доштем, ман асосан бо Аҷамшоҳ – фарзанди бародари марҳумаш маводро омода мекардем. Устод аксар дар сафар ва корҳои маъмурӣ машғул буданд. Умед доштем, ки рӯзе ва ё рӯзҳое бо ҳам аз наздик шинос шавем. Вале гардиши рӯзгор барномаи дигаре доштааст… Аз ҷониби худ ман сахт нороҳат шудам, ки сухане сазовор барои таслият наёфтам. Ҳарчанд баъди огоҳӣ аз он ҳодиса бо телефон ба Аҷамшоҳ арзи таслият намудам ва дар маъракаи ҳафти он дӯсти дерошно ширкат кардам. Ҳамин буд фикре, ки аз он ҳодиса то имрӯз, маро рӯҳан ранҷ медод. Ва роҳи изҳорашро

намедонистам. Инак, хаёл мекунам устод профессор Абдунабӣ Сатторзода, ки аз дӯстони дерини ман аст, ин узри бадтар аз гуноҳро ба аҳли хонаводаи устод Қурбоналӣ мерасонанд.

Бо вуҷуди нашри ин «Саволнома» то имрӯз чанд нафаре ки аз ангуштҳои як даст зиёд нестанд, ҷавоб навиштаанду бас. Мо тасмим гирифтем, ки барои намуна ҷавоб ду нафарро ки пеш аз ҳама ба ин «Саволнома» посух навиштаанд, пешкаши хонандагон намоем. Ҳамзамон хоҳиш менамоем, ки равшанфикрони дигари ҷумҳурӣ ҷавобҳои худро ба унвони: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Академияи илмҳо, Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ирсол намоянд.

Мо дар зер як ба як саволҳоро зикр мекунем ва ҷавоби ду равшанфикри тоҷикро ба таври намуна, меоварем. Ба ин восита бори дигар 55 саволро такрор мекунем, то ин ки хонандагони хоҳишманд, аз рӯи ин саволнома, ҷавобҳои худро бифристонанд.

## Саволнома

**1 – Номи худ. Номи падар. Хонадон. Насабномаи аҷдодӣ.**

Профессор Иброн Шарипов: Ном Иброн. Падарам Шариф.

Аспирант Ҳафиз Холиқзода: Ном Ҳафиз. Номи падарамро тахаллус интихоб намудам.

**2 – Рӯз ва соли таваллуд. Ҷойи таваллуд. Касбу кори волидайн.**

Профессор: 15 сентябри соли 1931. Дар деҳаи Алисурхони собиқ ноҳияи Сангвор (ҳоло Тавилдара). Падарам хеле барвақт вафот ёфт ва ман дар солҳои 1940 – 1951 дар хонаи бачагони ноҳияҳои Тавилдара, Сангвор, Орджоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) тарбия ёфтам.

Аспирант: 10 ноябри соли 1974. Деҳаи Зуманд, ноҳияи Варзоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Коргарони одӣ буданд.

**3 – Зодгоҳ. Макони таҳсил. Мактаби ибтидоӣ. Мактаби миёна.** Мактаби олӣ. Донишгоҳҳои дигар. Маълумот. Унвони илмӣ. Вазифаҳо. Мансабҳо. Мукофот. Узвият дар ҳизбҳо.

Профессор: Омӯзишгоҳи омӯзгории Ваҳдат. Солҳои 1951 – 1956 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Соли 1960 аспиранти шуъбаи фалсафаи Академияи улуми Тоҷикистон. Муаллими Институти омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко (С. Айнӣ). Зинаҳои омӯзгор, аспирант, ходими хурд, ходими калон, мудири сектор ва мудири кафедраро тай намудам. Соли 1965 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ростқавлӣ – хислати ҷудонопазири одамони советӣ» дифоъ кардам. Рисолаи доктoриамро соли 1979 дар Институти фалсафаи АИ СССР (Москва) дар мавзӯи «Қонуниятҳои ташаккули муносибатҳои социалистии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ҳимоя намудам. Аз соли 1980 то 1983 котиби Кумитаи партиявии Академияи илмҳои Тоҷикистон будам. Аз соли 1984 то кунун дар Донишгоҳҳои гуногуни ҶТ ба сифати мудири кафедраи фалсафа ва профессор кор мекунам. Медали «Барои меҳнати шоён» дорам.

Аспирант: Деҳаи Зуманд, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мактаби ибтидоӣ ва миёнаро дар деҳаи Зуманд, ноҳияи Варзоб хатм намудам. Солҳои 1992 – 1997 донишҷӯи факултаи филолгияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон будам. Солҳои 1998 – 2001 корманди Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2006 то ҳоло аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи Бонни кишвари Олмон ҳастам. Маълумот: олӣ. Хатмкардаи аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мансаб надорам. Мукофот надорам. Узви ягон ҳизб нестам.

**4 – Номи асарҳо. Соли нашр. Ҷойи нашр. Адади саҳифаҳо.**

Профессор: 5 монография, 4 ҷузва (брошюра), 150 мақола. Муҳимтарин китобҳо: «Ростқавлӣ – хосияти ҷудонопазири одамони советӣ», Душанбе, «Ирфон», 1967; «Заминаҳои табдили муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ», қисми 1, Душанбе, «Дониш», 1974; «Ташаккули ахлоқи коммунистӣ», Душанбе, «Ирфон», 1975; «Табдили муносибатҳои ичтимоӣ - сиёсӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ», қисми 2, Душанбе, «Дониш», 1976; «Қонунҳои ташаккули социалистии

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон», Душанбе, «Дониш», 1983; «Табдили муносибатҳои идеологӣ дар Тоҷикистон», Душанбе, «Дониш», 1986; Ва дигар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ. Зери роҳнамоии ман 10 нафар ҷавон аспирантураро хатм намуданд ва дар ҳимояи рисолаҳои илмии 15 толибилмон ёрӣ ва мадад расонидам. Хизматҳои маро бо медали «Барои меҳнати шоён» ва як қатор ифтихорномаҳои соҳавӣ қадр карданд. ВАК-и СССР 12 декабри соли 1986 ба ман унвони профессори фалсафаро дод.

Аспирант: Мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо дорам. Асари алоҳида ҳанӯз нашр накардаам. Айни ҳол дар мавзӯи: «Менталитети коллективӣ дар Тоҷикистон» тадқиқот мекунам.

**5 – Кадом забонҳоро медонед?**

Профессор: Забони тоҷикӣ ва русиро.

Аспирант: яғнобӣ, тоҷикӣ (форсӣ), русӣ, англисӣ, олмонӣ (ҳанӯз меомӯзам).

**6 – Даҳ нафар шоир ва нависандаи дӯстдоштаи Шумо.**

Профессор: Сайидо, Дониш, С. Айнӣ, А. Лоҳӯтӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Р. Ҷалил, М. Қаноат, Ш. Лоиқ, А. Ҳаким ва ғайра. Аз ғайри тоҷикон низ бисёрҳоянд.

Аспирант: Лукретиюс, Хайём, Ҳофиз, Волтер, Бернард Шоу, Фурӯғи Фаррухзод, Содиқ Ҳидоят…

**7 – Панҷ файласуфи писандидаи Шумо?**

Профессор: Волтер, Ж. Руссо, Ибни Сино, Гегел, Чернышевский, В.И. Ленин.

Аспирант: Лукретиюс, Николай Фёдоров, Албер Камю, …

**8 – Панҷ асари фалсафии дӯстдоштаи Шумо кадомҳоянд?**

Профессор: «Донишнома»-и Сино, «Логика»-и Гегел, «Материализм ва эмпириокритсизм»- и Ленин, «Моҳияти дини насронӣ»-и Л. Фейербах, «Очеркҳо дар бораи таърихи фалсафаи тоҷик»-и Баҳоваддинов А.М.

Аспирант: Ду асари дӯстдоштаи фалсафӣ дорам: Николай Фёдоров – «Фалсафаи кори ҳамагонӣ» («Философия общего дело»); Албер Камю (1913 - 1960) – «Инсони исёнгар» («Бунтующий человек»).

**9 – <u>Шумо шахси хешро пайрави кадом мактаби фалсафӣ мешуморед?</u>**

<u>Профессор</u>: Ман худамро пайрави фалсафаи материалистӣ мешуморам.

<u>Аспирант</u>: Пайрави мактаби фалсафии Николай Фёдоров ҳастам.

**10 – <u>Панҷ файласуфи маъруфи муосири тоҷикро номбар кунед?</u>**

<u>Профессор</u>: Баҳоваддинов А.М., Осимӣ М.С., Диноршоев М.Д., Болтаев М.Н., Ғаффорова М.Қ., Додихудоев Х.Д.

<u>Аспирант</u>: Ба ҷуз ҷавонон, ки дар маҳфили «Ҷаҳони андеша» ҳастанд, дигаронро намешиносам.

**11 – <u>Машҳуртарин файласуфони муосири ҷаҳон аз нигоҳи Шумо кадомҳоянд?</u>**

<u>Профессор</u>: Ж. Сартр, Иленко, Баҳоваддинов А.М., Плетников, Ойзерман, Камю.

<u>Аспирант</u>: Аз ҳама бештар Антони Гидденс, Мишел Фуко, Пиер Бордиа ва Юрген Ҳабермас мавриди омӯзиш ҳастанд. Онҳо нишонгари амиқ будани ҳам доноӣ ва ҳам нодонӣ дар фалсафа ва илм мебошанд. Ба унвони мисол: Фуко пайрави Нитше мебошад ва қудратро меҳвари муносибатҳои одамон медонад. Қудратро ҷавҳари вуҷуд ва зиндагӣ мешуморад. Аммо ин тавр нест. Қудрат аз нодонии инсонҳо аз Марг сарчашма мегирад…

**12 – <u>Аз файласуфони исломии гузашта бештар киро меписандед?</u>**

<u>Профессор</u>: Ибни Сино, Берунӣ, Ғаззолӣ, Н. Тӯсӣ, Киндӣ, А. Дониш, Низомулмулк.

<u>Аспирант</u>: Ҳанӯз ба ҳеҷ кадоме таваҷҷуҳ накардаам.

**13 – <u>Оё дин афюн аст?</u>**

<u>Профессор</u>: Бале.

<u>Аспирант</u>: Дин афюн аст. Чаро? Чунки функсияи афюн чун ҳар як маводи мадҳушкунанда маҳрум кардани инсон аз ҳушу ақл аст. Инсон дониста худро мадҳуш мекунад, аз ақлу ҳуш маҳрум мекунад, то ки нотавонии худро дар муқобили мушкилоти Марг набинад, ҳис накунад, натавонад, дарк накунад. Ӯ метарсад аз ин мушкилот ва рӯ меорад ба мавод ва

маънавиёти мадҳушкунанда, аз қабили дин. Пас, дин афюни халқ аст.

**14 – Оё атеизм илм аст?**

Профессор: Атеизм ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмист, на илм.

Аспирант: Атеизм асоси илмӣ дорад. Он хулосаи илм аст.

**15 – Коммунизм илм аст ё идеология?**

Профессор: Коммунизм ҳам илм, ҳам ҷаҳонбинӣ ва ҳам идеология ҳаст.

Аспирант: Коммунизм идеология аст. Ҳар идеяе, ки ба воқеият табдил ёфтани он ба манфиати зиндагии инсон нест, идеология аст. Чаро коммунизм ба манфиати инсон нест? Чунки дар мавриди бознигарӣ ба гузашта, шинохти ҳозира ва ҷустуҷӯи оянда, коммунизм ҷавобҳои пессимистона ва ба дарди инсон нахуранда медиҳад. Ин ҷавобҳо инҳоянд: Дар гузашта инсонро таҳаввули табиияш аз ҷангал ба ҷомеа оварда буд, имрӯз муносибатҳои байни одамонро задухурди ногузир асос мегузорад, ки дар оянда ба озодӣ ва баробарии одамон меанҷомад. Коммунистҳо аз ҳад зиёд ба ҳақиқат ва воқеияти озодӣ ва баробарӣ бовар доранд. Яъне бовар доранд, ки агар одамон озоду хушбахт бошанд, пас хушбахт зиндагӣ мекунанд ва хушбахт мемиранд. Аммо ин назари пессимистона аст, ки гӯё инсони ташнаи хушбахтӣ бидуни зиндагӣ бошад. Хушбахтӣ бе зиндагӣ маъно надорад. Ҳар як идеяе, ки дар пайи ҷустуҷӯи хушбахтӣ маргро фаромӯш мекунад, идеология ҳаст, идеологияи пессимистона. Аслан ҳамаи идеяҳо идеология ҳастанд, вале дугуна, дугунаи аз ҳам ба куллӣ фарқкунанда: идеологияи пессимистона ва идеологияи оптимистона.

**16 – Оё дин оянда дорад? Оё динҳо абадӣ ва ҷовидонианд ва ё рӯзе аз байн мераванд?**

Профессор: Чун парастишгари динҳо инсонҳоянд, то дами мавҷудияти онҳо, дин ҳам боқӣ хоҳад монд. Пас, динҳо хосияти абадиятро доро мебошанд. Баъзе аз онҳо шояд аз байн раванд ва ё шакл иваз кунанд, бо дигар намуд падид оянд.

Аспирант: То замоне Инсон миранда ҳаст, дин пойдор ҳаст. Баъде ки инсон намемирад ва худро аз марг раҳонида бошад, динҳо ҳам аз байн мераванд.

### 17 – <u>Идеяи коммунизм амалӣ шуданӣ ҳаст ё не?</u>

<u>Профессор</u>: Ғояи коммунизм аз ҳасратҳои (умедвориҳои К.Б.) нодири инсонҳост. Нишонаҳои аввалини ин ҳасратҳоро мо дар воқеияти сохти социалистӣ мешоҳида кардем.

<u>Аспирант</u>: Идеяи коммунизм, ки иборат аз озодӣ ва баробарӣ дар тангнои зодану мурдан ҳаст, амалипазир ва шуданӣ нест. Агар амалипазир ҳаст, пас пур аз хунрезӣ аст. Чаро? Чунки одамони зирактаре ҳастанд, ки зиндагии ғуломона ва нобаробаронаро аз озодӣ ва баробарие, ки ба марг меанҷомад, бартар ва болотар мегузоранд. Ҳар як идеология метавонад амалӣ шавад, аммо натиҷаи он метавонад писсимистона ё оптимистона бошад, чунон ки ҷавҳари он ҳаст. Озодӣ ва баробарӣ барои инсони миранда ва фонӣ чи арзиш дорад? Ҳамаи давру замон барои миллионер коммунизм аст. Вале ба сабаби миранда будан ва дар назди марг бечора будани ҳамаи миллионерҳо молу пулу озодиву баробарӣ барояшон арзише надорад. Барои мисол: Зинда будан; Абадӣ будан ва ҷовидонӣ будан муҳим аст, на баробарӣ ва бародарии як тӯда одамони миранда! Шаҳрванди давлат ва низоми коммунистӣ касест, ки аз марг ва мурдан наҷот ёфта бошад. Орзуи озодӣ ва баробарӣ дар низоми коммунистӣ як орзуи бепоя ва ботил аст… Коммунизми ҳақиқӣ ва реалӣ вақте амалӣ мегардад, ки агар одамон бо роҳи илмӣ зиндагии худро аз марг наҷот диҳанд! Озодӣ, озодӣ аз марг аст! Баробарӣ - ҳама зинда мондан аст! Бародарӣ бародарии касонест, ки бар марг ғалаба кардаанд!!!

### 18 – <u>Мактаби фалсафии оянда кадом аст?</u>

<u>Профессор</u>: Замони ҳозир ба дарҳам барҳамиҳои пурпечу тоб гирифтор аст. Гирфтори тазодҳои ғоявӣ. Муайян кардани мактаби фалсафии оянда, дар чунин ҳолат, бағоят мушкил аст. Имрӯз дар бораи ким – кадом «ғояи демократӣ» беист ҳарф мезананд, ки ин «ғояҳо» аз демократияи воқеӣ фарсангҳо дуранд. Шояд бо гузашти айём, дар оянадаи дур, бо аз байн бурдани нишонаҳои манфии «демократия»-и сохтаю бофта, ин раванд мактаби ояндаи фалсафӣ гардад ва ғояҳои демократияи асил ва воқеӣ ҷомаи амал пӯшанд ва насиби наслҳои баъдӣ гарданд.

Аспирант: Мактаби фалсафии оянда мактаби Н. Фёдоров аст: Инсонҳо ҳама ғуломи Марг ҳастанд. Душмани асосӣ Марг аст. Марг дар ду шакли он: Марги ҷисмонии одамон ва Марги тамаддуни инсонӣ дар Кайҳон. Файласуфи бузург Н. Фёдоров (1828 - 1903) моро даъват мекунад, ки бо роҳу василаҳои навтарини илмӣ ба муқобили Марг мубориза ҳамагониро давом диҳем. Вай ҳамин муборизаи ҳамагонӣ ба муқобили маргро «фалсафаи кори ҳамагонӣ» (философия общего дела) номидааст. Яъне ҷустуҷӯи роҳи наҷот аз Марг ва мурдан.

### 19 – Оё инсоният оянда дорад?

Профессор: Табиати беинсон ва беинсоният ба ки даркор? Ҳамагуна муносибатҳо, тазодҳо, дору гирҳо, динбозию ғояпардозиҳо бо инсонҳо зебу зинат доранд. Бевуҷуди инсонҳо, ин ҳама маънои худро гум мекунанд. Албатта, замони муосир барои инсоният хавфу хатари зиёд эҷод кардааст. Мутаассифона, ин ҳолат ҳам маҳсули амали инсонҳост. Вале умед мекунем, ки инсоният ҳамчун гули сари [сабади] табиати сарсахт, ба худкушии хеш роҳ намедиҳад, поядагииояндаи худро таъмин хоҳад кард.

Аспирант: Инсоният оянда дорад, фақат дар сурате ки тамоми андеша, илм ва бовариашро ба фалсафаи мактаби Н. Фёдоров равона кунад. Дар акси ҳол, вазъаш нигаронкунандатар ва фоҷеабортар мешавад ва нобудии худро интизор мешавад. Дар акси ҳол хатари табиӣ ва иҷтимоӣ бештар мешаванд.

### 20 – Истилоҳи «Фалсафа» ба назари Шумо чӣ маънӣ дорад?

Профессор: Истилоҳи фалсафа бо ҳар ранг маънидод мегардад. Вале шахсан ман ба ифодаи фалсафа ҳамчун илми илмҳо ё «маликаи илмҳо» (Гегел), «бонуи илмҳо» (Арасту) розиам.

Аспирант: Фалсафа таҳтуллафзи «ҳикматдӯстӣ» маъно дорад. Ҳикмат ҳар хел шарҳ шудааст. Ман онро чун «шинохти мушкилии асосии инсон» мефаҳмам. Мушкилии асосии инсон марг аст. Фалсафа илми маргшиносист.

### 21 – <u>Файласуф кист?</u>

<u>Профессор</u>: Файласуф аз нигоҳи ман шахсест, ки бо умқи масоили тазоди зиндагӣ сарфаҳм меравад, ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии васеъ дорад, равиши мураккаби ҳаётро дарк мекунад ва роҳҳои аз бар кардани ин мураккабиро муайян месозад, побанди ғояҳои пучу бемаҳсул набуда, ояндаро некбинона назар мекунад.

<u>Аспирант</u>: Файласуф касе ҳаст, ки аз ҳар роҳе набошад, дар ҷустуҷӯи мавзӯи асосӣ, яъне воқеӣ ва ҳақиқии инсон ҳаст. Ин мавзӯъ МАРГ аст. Аз ҳар роҳе бояд ин мавзӯъро шинохт ва ба ҳалли ниҳоии он иқдом намуд.

### 22 – <u>Фалсафа чист?</u>

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволи 20-ум назар андозед. Илова: Фалсафа тафаккури назариявӣ буда, ҳолати ҷаҳонбинӣ ва манзараи худшиносии иҷтимоиро дар фосилаи замони мушаххаси таърихӣ, танқидона ва [ба] таври диалектикӣ меомӯзад, чун «ҷавҳари маънавии замони худ», моҳияти инқилобӣ дошта, як навъ вазифаи «ғирболи» ҷаҳонбиниро адо мекунад

<u>Аспирант</u>: Фалсафа шинохти мушкили асосии инсон ва мантиқан ва ҳаётан онро собит кардан аст. Мушкили асосӣ гуфта, ман Маргро дар назар дорам.

### 23 – <u>Оё масъалаи материя ва шуурро аз нигоҳи фалсафаи имрӯза ҳалшуда меҳисобед?</u>

<u>Профессор</u>: Ба сабабҳои канда шудани муносибатҳои илмии байни ҳоло давлатҳои мустақил, шахсан ман файласуфони намоёни ин кишварҳоро намешиносам, ба асарҳои онҳо шинос нестам. Ба назари ман ин гуна философҳо ҳоло ба арсаи афкори фалсафӣ роҳ наёфтаанд. Умуман файласуфон ҳоло дар ҳолати роҳгуманд, рисолати аслии хешро ҳанӯз дарёфт накардаанд. Хусусан дар Тоҷикистони соҳибистиқлол. Агар интизори ҷавоби саволи хеш бошед, андешаи ман чунин аст:

а) Фалсафаи замони ҳозира ва файласуфони ин замон комилан ин гуна масъалаҳоро намеомӯзанд, балки намегузоранд, аз гузоштану омӯхтани ин қабил масъалаҳо ҳазар мекунанд, канораҷӯӣ менамоянд.

б) Масъалаи таносуби материя ва шуур аз масъалаҳои «абадист». Атрофии онҳо баҳсҳо, мубоҳисаҳо, муборизаҳою тазодҳои бешумор чи дирӯз, чи имрӯз ва чи фардо идома хоҳанд ёфт.

в) Шахсан ман мавқеи марксистӣ – материалистии ҳалли таносуби материя ва шуурро илман асоснок ва дуруст мешуморам…

Аспирант: Масъалаи материя ва шуур ҳосили ҷанги дурударози диндорон ва олимон ҳаст. Яке ба ҳақиқати рӯҳ ва дигаре ба ҳақиқати чиз [ҷисм] бовар доранд. Аммо вақте фалсафа сари мавзӯи Инсон баҳс мекунад, бояд ҳардуро муттаҳид кунад, чунки инсон мавҷуди дугона [дуқутба] ҳаст: иборат аз рӯҳ ва аз модда ҳаст. Ҳар ду дар якҷоягӣ инсонро сохтаанд. Агар ҷисм бошаду рӯҳ не, инсонро дар тобут мегузоранд. Ва агар рӯҳ бошаду ҷисм не, ин рӯҳро «рӯҳи саргардон» мегӯянд.

### 24 – Панҷ файласуфи муосири Шарқро номбар кунед.

Профессор: Бояд гӯям, ки истилоҳи «муосир», ки Шумо зиёд нишон медиҳед, кадом вақтро дар назар доред? Асри XX пурра ё нопурра ё солҳои аввали қарни XXI. Зеро ман танҳо баъди солҳои 60-уми асри XX ба арсаи афкори фалсафӣ ворид гардидам. Табиист, ки мукаммал донистани файласуфони Ғарбу Шарқ аз доираи имконот берун аст. Вале бояд иқрор шуд, ки шахсан ман аз осору афкори фалсафаи Шарқ (ғайр аз намояндаи маъруфи он фалсафа), осору афкори файласуфони Ғарбро ба маротиб хубтару беҳтар медонам. Осору афкори файласуфони муосири (ҳозираи) Шарқ дастрас нестанд. Осори онҳо қариб нашр намешавад, агар шавад ҳам, хеле камшумор. Таъбу нашри ин гуна осори файласуфонро ба роҳ андохтан лозим аст.

Аспирант: Мутаассифона омӯзиши ман маҳдуд аст ва ҳамагӣ чанд нафарро мешиносам ва аз байни онҳо файласуфон инҳоянд: Содиқ Ҳидоят, Манучеҳри Ҷамолӣ ва Масъуди Ансорӣ…

### 25 – Оё Марг масъалаи фалсафӣ аст ё не?

Профессор: Ба ин савол бо як калима ҷавоб додан бас аст: Бале, марг масъалаи фалсафӣ аст. Вале бояд таъкид кунам, ки гузориши чунин масъалаҳои ниҳоят баҳснок дар ин мавридҳо

мувофиқи мақсад нест. Зеро дар ин ҳолатҳо ҷавоби ин гуна саволҳо ё бо калимае ба охир мерасад («ҳа» ё «не») ва ё моҳияти воқеии саволи гузошташуда ошкор намешавад ё зеро имконияти асоснок намудани ин гуна саволҳо бағоят маҳдуд мемонад.

Аспирант: Марг масъалаи рақами яки фалсафа аст. Фалсафа бояд ба таври мантиқӣ исбот кунад, ки ҳамаи мушкилоти дигар аз ин масъала сар задаанд. Аз он ҷумла нобаробарӣ, ноадолатӣ, ҷанг, бадбинии якдигарӣ, дурӯғ, фиреб ва ҳоказо.

**26 – Абадият чист ва наҷот чӣ маънӣ дорад?**

Профессор: Ин савол ҳам аз қабили саволи рақами 25 мебошад ва таҳлили махсусро талаб мекунад. Ба саволи «Абадият чист?» ҷавоби якранг додан лозим нест. Ин мавзӯи ҷаҳонбинист. Бо ҳамин иллат ба ин савол аз мавқеи табиӣ, динӣ , иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҷавоб додан мумкин аст. Аз нигоҳи фалсафӣ «абадият»-ро чун ҳолати вуҷуд доштани фосилаи беохири вақт, ки аз моҳияти ҷавҳар ва ягонагии моддии он бармеояд, фаҳмидан ҷоиз аст. Абадият ба таври кул ба материя хос буда, пайдоиши ҳама шаклҳои мушаххаси олами моддӣ дар фосилаи вақт даргузар, тағйирпазир, фаноюэҳёшавандаанд. Вале чунон ки ишора рафт, маънидоди истилоҳи «абадият» аксар, ба он вобаста аст, ки файласуфи алоҳида дар мавқеи кадом ҷаҳонбинӣ меистад ё майли интихоби кадом ҷаҳонбиниро дорад. Ба истилоҳи «наҷот» низ тақрибан ҳамин чизро гуфтан рост меояд. Дар гуфтугӯи муқаррарӣ истилоҳи «наҷот» маънои халосӣ, раҳоӣ ва пирӯзиро дорад. Вале ин мафҳум ба маънои васеъ низ кор фармуда шуда, вобаста аз мавқеъгирии файласуфон (на танҳо файласуфон) характери ҷаҳонбиниро касб мекунад. Чунончи ходимони сиёсӣ ё ҷамъиятӣ хеле зиёд дар бораи пирӯзии сулҳ аз болои ҷанг, наҷоти табиат, олам ва инсонияту одамон аз даҳшатҳои глобалии муосир ҳарф мезананд. Гурӯҳи дигари онҳо наҷоти оламу инсоният, табиату одамонро аз қувваю тавоноии динҳо, Худо, сарнавишту азалияти муайянкарда ва ғайра мебинанд. Маълум мешавад, ки мавқеъгирии одамон маънои истилоҳи «наҷот»-ро васеъ мегардонад ва тағйир медиҳад.

Аспирант: Абадият маънои зиндагии ҷовидонии инсон бо ҷисму рӯҳи (ақли) худ дар ҳамин дунё ҳаст. Наҷот, аз ин рӯ, нақшаи амалӣ кардани ин гуна абадият аст. Абадияти воқеии ҷисми инсон.

**27 – Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ кадом аст?**

Профессор: Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ (агар аз шарҳи васеътари он худдорӣ кунем), ҳамон масъалаи маъмулу машҳурест, ки то кунун вуҷуд дорад (яъне муносибати материя ва шуур).

Аспирант: Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ шинохтани Марг чун мушкилии асосии инсоният аст ва аз ин рӯ пирӯзии комил ба ҳама гуна дигар масъалаҳо дуюмдараҷа, дурӯғин ва фиребанда мебошад.

**28 – Оё зиндагии абадӣ ва ҷовидонӣ имкон дорад?**

Профессор: Ҷавоби ин савол муаммоӣ буда, байни ақидаҳои гуногуни фалсафию динӣ меистад. Ин муаммо аз моҳияти гуногунфаҳмии худи ҳаёт бар меояд. Зеро инсонҳо ногузирии охиратро мефаҳманд. Майли одамон, инсонҳо ба ҳаёт ва зиндагӣ иллати шадиди ҷустуҷӯи роҳи раҳоӣ ёфтани онҳо [аз марг] гаштааст. Ҷаҳонбинии динӣ ин раҳоиро дар абадияти рӯҳ ва «ҳаёти ондунёӣ» мебинад. Шояд ин тарзи ҷустуҷӯ яке аз роҳҳои мубориза бо марг ва ҷовидон гардонидани ҳаёти одамон бошад. Дар натиҷаи бархурди андешаҳои гуногун файласуфон ва умуман инсоният ба хулосаи бебаҳс расиданд: модоме, ки инсон дар рӯ ба рӯи марг қарор дорад ва ногузирии онро мефаҳмад, пас зарурати дарёфти ҳунари мурдан (искусство умирания) лозим аст. Зеро шахсе, ки ин қазияро таври хирадмандон ҳаллу фасл месозад, аз эҳсоси манфию воқеии марг озод мегардад. Пас, ҷовидонии шахс, одамон, инсоният дар ҷовидонии ақлу хирад ва инсонгароии ӯст. Бепарвоию бетарафӣ нисбати тақдири инсону инсоният ва масъулияти баланд дар ҳифзи ҳаёту хирад дар рӯи олам (Замин) мазмуну моҳияти воқеии зиндагиро ифода мекунад. Масъалаи ҳаёту мамот мазмуни умумибашарӣ пайдо кардааст. Маҳсули меҳнати ҳалолу софдилонаи инсону инсоният дар фосилаи қарнҳои зиёд баҳри бунёди ҷомеаи мутамаддини одамон, меъёри қавии абадзиндагии ӯст. Сарфи назар аз вопасинии ҳаёти шахси алоҳида, инсон узви ҷомеаест,

ки дар доираи вақти беохир, инкишофёбанда аст ва маҳз ҳамин раванд, абадияти инсону инсониятро ифода менамояд.

Аспирант: Бисёр мушкил аст, аммо имкон дорад, агар инсон дар пайи он кӯшад.

**29 – Даҳ файласуфи муосири Ғарбро номбар кунед.**

Профессор: Ба саволи 24 ҳамоҳанг аст. Дар асри XXI ҳоло файласуфе ба дунё наомадааст. Шояд дар бораи файласуфоне сухан равад, ки дар қарни XX афкори худро ба арсаи муҳокима пешниҳод намудаанд. Дар ин ҳолат савол роҳи интихобро васеътар мегардонад. Зеро дар Ғарб ин қабил файласуфон зиёданд. Қисме аз онҳоро мо хондаем, медонем ва қисми дигари онҳоро мо бо сабабҳои гуногун намедонем, нахондаем. Сарфи назар аз ин, баъзеи онҳоро интихобан номбар мекунем: О. Шпенглер (1880 - 1930); Тейяр де Шарден (1880 - 1955); К. Ясперс (1883 - 1969); М. Ҳайдеггер (1889 - 1976); З. Фрейд (1856 - 1939); Р. Карнап (1891 - 1970); Б. Рассел (1872 - 1970); Л. Витгенштейн (1889 - 1951); К. Поппер (1902 - 1992); Г. Маркузе (1898 - 1979) ва ғайра.

Аспирант: Ҳанӯз ба ин савол барвақт аст, ҷавоб гӯям.

**30 – Аз романнависони муосири ҷаҳон киро меписандед?**

Профессор: Масалан файласуфони адиб Ж.П. Сартр, А. Камю, Г. Марсел, Э. Мунъве, Г. Маркузе, Т. Манн, Э. Хеменгуэй, Г. Гесс, В. Набоков, Б. Пастернак ва дигарон.

Аспирант: Чанд муддат аст, ки роман мутолиа намекунам.

**31 – Муҳаммад Иқбол ва Содиқ Ҳидоят аз нигоҳи Шумо.**

Профессор: Ба эҷодиёти онҳо кам шиносам.

Аспирант: Муҳаммад Иқбол идеологи ислом ҳаст, ки мехоҳад исломро чун идея ва ғояи оптимистона созад. Барои ин шеърҳои зебо меофарад. Содиқ Ҳидоят воқеънигар ва реалист аст, воқеияти фоҷеавиро мебинад ва мегӯяд, аммо аз зӯрӣ ва чоранопазирии ин воқеият пессимист шудааст. Роҳи ҳалро дар Марг мебинад.

**32 – Бузургтарин файласуфи муосири ислом кист?**

Профессор: Агар сухан дар бораи файласуфони муосири (яъне имрӯза ё ҳозираи) ислом равад, бояд иқрор шуд, ки касеро намедонам. Фикри ман бар он аст, ки дар исломи ҳозира (муосир) чунин файласуфон аҳёнанд ё дурустараш нестанд.

Аспирант: Намедонам.

**33 – Оё фалсафа дар асри XXI ҳам зарурият дорад? Дар асри XXV чӣ?**

Профессор: Ин гуна саволро бемавқеъ ва беҷо меҳисобам.

Аспирант: Дар ҳама давру замон ба фалсафае, ки масъалаи рақами яки он Марг аст, эҳтиёҷ вуҷуд дорад. Аммо ба дигар гуна фалсафа не!

**34 – Мактаби фалсафие, ки бештар меписандед?**

Профессор: Мактаби маркисистӣ - материалистиро комилтар меҳисобам.

Аспирант: Мактаби фалсафии Николай Федоров. Ин мактаб мехоҳад, ки ҳамаи инсониятро ба муқобили Марг равона кунад.

**35 – Оё фалсафаи Маркс оянда дорад?**

Профессор: Гузорши чунин саволро бемаънӣ меҳисобам. Ин гуна саволгузорӣ ё аз нодонӣ ё аз бадбинии ин таълимот сар мезанад. Оё таълимоте, ки оламро фатҳ кардааст, зери суол гузоштан мумкин аст??

Аспирант: Надорад. Чунки ба дарди мирандагии Инсон ҷавоб гуфта наметавонад.

**36 – Мухолифати дин ва фалсафа дар оянда ба чи меанҷомад? Пешгӯии Шумо?**

Профессор: Ин мухолифат аз моҳияти ин ду ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ бармеояд ва то замоне, ки ин ҷаҳонбиниҳо бо ҳам мухолиф ҳастанд, ин мухолифат боқӣ хоҳад монд. Вале ман ба бартарияти ҷаҳонбинии фалсафӣ ва пирӯзии он қоилам.

Аспирант: Ҳарду мухолифат мекунанд, то замоне, ки инсон миранда аст. Агар билфарзе инсон дигар намирад, дин ва фалсафа оштӣ мекунанд. Ҳарду мефаҳманд, ки ба иштибоҳоти бузурге дар таърих роҳ додаанд. Ҳам дин ва ҳам фалсафа ниқобҳои рангини инсонҳо ҳастанд. Одамон зиндагиро ба саҳна табдил додаанд, дар рӯяшон ниқоб кашидаанд, то ки фариштаи Марг онҳоро нашиносад…

**37 – Оё муқобилгузории мактаби материализм ва идеализм ҳоло ҳам зарурат дорад?**

Профессор: Ин муқобилгузории ду мактаби асосии фалсафӣ аз моҳияти онҳо бар меояд. Модоме, ки маънидоду фаҳмиш ва дарки моҳияти онҳо гуногун аст, пас мухолифати онҳо низ боқӣ мемонад. Имрӯз ҳам монанди дирӯз дар

раванди наздикшавии фаҳму маънидоди ғояҳо, идеяҳо ва таълимоти материализму идеализм тағйироти ҷиддие дида намешавад. Имрӯз танҳо болоравии ҷузъии нуфузи ғояҳои омехтаи идеалистию динӣ ба назар мерасад, ки ин ҳолат зиддияти калидии моҳияти онҳоро нест карда наметавонад.

Аспирант: Материализм ва идеализм ҷанги байни фалсафа ва дин ҳаст. Чун ин ҷанг натиҷаи матлуб ва маъқуле надорад, бояд аз ин гуна ҷанг даст кашид…

**38 – Равияҳо ва ҷараёнҳои муосири дин ва фалсафаи тоҷикро номбар кунед.**

Профессор: Чуноне маълум аст, равияю ҷараёнҳои мухталифи динӣ дар қаламрави кишвари тоҷикон ба таври васеъ доман афрохтаанд. Онҳо то андозае байни равшанфикрони тоҷик маълуманд. Чунин равияҳои дини ислом аз қабили суннիҳою шиаҳо, ҳанафияю салафия, исмоилияю ваҳҳобия; ҷараёнҳои сиёсӣ мисли Ҳизби Таҳрир, Ҳизби Наҳзати Ислом, мактаби Нақшбандия ва даҳҳо ингуна равияҳои хурди мазҳбӣ – худоҷӯёну худосозон, тарғиботи васеи динӣ бурда истодаанд. Равияю ҷараёнҳои фалсафаи муосири тоҷик бошад, дар доираи сохтори қаблии замони Шӯравӣ арзи ҳастӣ доранд. Азбаски фалсафа дар донишгоҳҳо омӯхта мешавад, табиист, ки устодони ин соҳа аз равияю ҷараёнҳои мухталифи фалсафӣ сарфи назар карда наметавонанд. Мухтасар бошад ҳам дар ин бора ба шогирдон маълумот медиҳанд. Дар ин ҷода як падидаи нохуш – волюнтаризм (иродагароӣ), нигилизм (инкори маслаку мафкура) ва скептитсизм (шаккокия) бештар маъмул гашта истодаанд.

Аспирант: Равияҳо ва ҷараёнҳои муосири дин асосан дутоанд: равияҳои маҳаллии ислом, чунончи эшонҳо, сӯфиҳо, сайидҳо, муллоҳои традитсионӣ ва равияҳои байналмилалӣ чун: салафия, мавлавия, аҳли байъат, Ҳизбуттаҳрир ва ҳоказо. Равияи фалсафӣ асосан фалсафаи донишгоҳӣ - тадрисӣ (расмӣ) аст, ки ба идеологияи Шӯравӣ бунёд ёфта буд.

**39 – Ислом нисбат ба динҳои дигар чи имтиёз дорад?**

Профессор: Савол то андозае норавшан гузошта шудааст. Ин хел имтиёз, шояд шумо бартарии исломро дар назар доред? Агар маънои савол бартарӣ доштани Исломро дар назар дошта бошад, ҷавоби ман чунин аст: Моҳияти динҳо аз

якдигар ягон бартарӣ надоранд. Ҳамаи онҳо як хел тарғиб мекунанд, муъҷизаҳои зиёд ба одамон ваъда медиҳанд, маъвои зиндагии онҳоро ба охират месупоранд, дунёро фонӣ ва ҳаёти одамонро муваққатӣ меҳисобанд, самти созандагӣ, бунёдкорӣ ва беҳбудии заминиро муайян кардан намехоҳанд, амали хайру шар, бадию некиро ба тақдири азалият побанд мегардонанд ва ҳар амале, ки содир мешавад – хости Худо аст, мегӯянд. Чунин аст моҳияти тарғибот ва ҷаҳонфаҳмии динҳо. Дини Ислом аз дигар динҳо ягон бартарие надорад. Ба паҳлуҳои дигари ғояҳои динӣ дахл намекунем. Зеро дар он сурат муаммои саволҳои бешумор пайдо хоҳанд шуд.

Аспирант: Дар ҷаҳон ду дини салибӣ вуҷуд дорад: Ислом ва Масеҳӣ. Ҳарду даъво доранд, ки ҳақиқати илоҳӣ ҳастанд ва миссия, вазифа ва рисолати онҳо аз он иборат аст, ки ин ҳақиқатро ба ҷаҳониён расонанд. Ин аст фарқи Ислом ва Масеҳият аз дигар динҳо. Дар мавриди имтиёзи он наандешидаам. Аниқтараш, Ислом чун ҳар гуна дин, имтиёзе надорад.

### 40 – Даҳ нафар мутафаккири муосири тоҷикро номбар кунед.

Профессор: Дарҳол саволе ба миён меояд, ки сухан дар бораи даҳ (10) мутафаккири муосири кадом соҳаи илм – фалсафа, таърих, иқтисод, забону адабиёт ва ғайра меравад? Хушбахтона дар замони Шӯравӣ аз ин бахшҳои илм тоҷикон соҳиби мутафаккирони ҳақиқатан барҷаста гардида буданд ва ҳоло онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ дода шудаанд.

Танҳо аз бахши фалсафа, сатҳӣ бошад ҳам 16 нафар ҳақиқатан файласуфон – мутафаккирони варзидаю шинохтаро ном бурдан меарзад. Мутафаккирони муосири тоҷик инҳоянд: Осимӣ М.С., Баҳоваддинов А.М., Диноршоев М.Д., Болтаев М.Н., Раҷабов М.Р., Ғаффорова М.Қ., Шарипов И.Ш., Наврӯзов С.Н., Турсунов А.Т., Комилов М.К., Додихудоев Х.Д., Султонов У.С., Собиров К.С., Музаффарӣ М., Муҳаммадхоҷаев А., Ҳазратқулов М., Шоисматуллоев Ш.Ш. ва боз даҳҳо дигарон. Ин ҷо абармардони бузурги бахшҳои дигари илм, мутафаккирони барҷастаю оламшумули тоҷик – адибон, муаррихон, иқтисоддонҳо, сиёсатмадорон, забоншиносон, фарҳангшиносон, равоншиносону одамшиносонро номбар намекунем.

Аспирант: Ба ин савол омода нестам.

**41 – <u>Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба фикрам саволи гузошта духура аст. Ба ҳар ҳол дар ифодаи он – «фалсафаи миллӣ» ким чи хел «дуруштӣ», норавонгуфторӣ, ба назар мерасад. Яъне чунин гузоштани савол омӯзиш, таҳлил ва далели асосноку муътамад мехоҳад. Фикри шахсии ман чунин аст: Ҳоло, яъне имрӯз дар афкори равшанфикрони тоҷик даркору нодаркор ба кор бурдани мафҳуми «миллӣ» як навъ мӯду забонзада гардидааст. Шояд ин падида аз бедоргардии ҳисси миллатдӯстӣ нисбати халқи хеш шаҳодат медиҳад. Шояд. Вале ман бар онам, ки гузоштани чунин суол «Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?», аз нигоҳи илмӣ нолозим аст. Пеш аз ҳама фалсафа ҳамчун «бонуи илмҳо» на моҳияту хислати маҳдуди миллӣ, балки моҳияту хислати умумибашарӣ дорад. Бояд масъалаҳое, ки фалсафа таҳти назар қарор медиҳад, дар шароити ҳар як кишвару халқи он, татбиқшавандаанд ва моҳияти ҷаҳонбинӣ доштани худро аз даст намедиҳанд. Вале аз баски файласуф ҳамчун намояндаи халқи муайян таҳқиқ мекунад ва меофарад, новобаста аз он ки вай дар куҷо зисту зиндагонӣ мекунад, маҳсули эҷодаш ва худи шахсияти вай ба он халқ мутааллиқ аст. Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки маҳсули эҷоди чунин мутафаккирон ва худи ин шахсиятҳо «моли» бегона дониста мешаванд. Намунаи равшани ин ҳолатро мо дар мисоли ба ном «фалсафаи исломӣ» мебинем. Бо ҳамин андешаҳо ман фикр мекунам, ки агар мо ибораи «фалсафаи халқи тоҷик», «файласуфи тоҷик» ва амсоли онҳоро ба кор барем, аз истифодаи ибораи «фалсафаи миллӣ» ё «фалсафаи миллии тоҷик» авлотару беҳтар мебуд.

<u>Аспирант</u>: Бале, доранд. Ин фалсафаи миллӣ фалсафаи Ҷамшедӣ мебошад, ки тавассути (ба воситаи) Абулқосим Фирдавсӣ (940 - 1020) ба мо расидааст.

**42 – <u>Бароиояндаи Тоҷикистон илми фалсафа зарурият дорад ё не?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба фикрам гузориши чунин савол аз мантиқу фикри солим берун аст. Оёояндаи Тоҷикистонро бе фалсафа тасаввур кардан мумкин аст? Ҳаргиз!

<u>Аспирант</u>: Албатта. Зарурат ба он ҷиҳат вуҷуд дорад, ки мо роҳи пешрафти худро тарҳрезӣ кунем ва барномаи илмӣ,

мантиқӣ ва оптимистӣ барои зиндагӣ дошта бошем. То ҳоло барномаи зиндагии моро ё дигарҳо аз берун таҳия (омода) карданд ва ё дар ҳолатҳои бебарномаӣ, шоирон сару дили моро бо ҳавасҳои ноҷо ва хатарнок пур кардаанд.

**43 – <u>Оё масъалаи материя ва шуур кӯҳна шудааст?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволи 23 нигаред.

<u>Аспирант</u>: Ба ин савол дар мавридҳои дигар ҷавоб гуфтам.

**44 – <u>Таърифи фалсафа аз нигоҳи Шумо. Яъне: фалсафа чист?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволҳои 20, 21, 22 ва 23 нигаред.

<u>Аспирант</u>: Фалсафа омӯзиши илмӣ дар мавриди шинохти мушкилии меҳварии Инсон мебошад. Мушкилии меҳварии Инсонро вуҷуди Марг ташкил медиҳад.

**45 – <u>Дин аз хурофот чӣ фарқ дорад?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба фикри ман дин аз хурофот он қадар дур нест. Вале фарқ байни онҳо вуҷуд дорад. Аввал ин ки дин ибтидо ва асоси ҳамагуна ҷаҳонбинист. Хурофот аз ин асос маҳрум аст. Вале асоси хурофотро фикри мавҳум, яъне чизи ниҳодашуда дар ниҳоди инсонӣ, тасаввури хаёлӣ зинат медиҳад.

Баъд, дин дар таблиғи худ ба хирад ва ақли одамон такя мекунад. Хурофот бошад, ба сафсатаҳои хаёлӣ ва эҳсосоти одамони ҷоҳил. Дин дорои мактабу равияҳои зиёде мебошад, вале хурофот аз ин неъмат бенасиб аст. Ниҳоят дин шахсони маъруфу машҳурро ба арсаи таълимоти хеш ворид кардааст. Хурофот бошад, аз ин дастовард орӣ (холӣ) аст. Бояд зикр кард, ки хурофоти динӣ низ васеъ паҳн гаштааст ва дар ин кор хурофоти хаёлӣ ба сифати яке аз сарчашмаҳои муҳими тақвияти идеологияи динӣ, истифода мешавад. Дар байни дин ва хурофот алоқаи канданашаванда мавҷуд аст.

<u>Аспирант</u>: Ҳар андеша ва боварие, ки асоси воқеӣ надорад хурофот аст. Масалан, мавҷудияти дунёи дигар аз нигоҳи илм асоснок нест. Пас, дин ҳам хурофот аст. Хурофот – дини ғайрирасмӣ аст. Дин – хурофоти расмӣ ва эътирофшудаи ин ё он ҷомеа дар масири таърих мебошад. Дин ва хурофот ҳамеша дар таърих ҷои якдигарро иваз мекарданд. Хурофоте дар як замон дин мешуд ва дине дар замоне дигар хурофот мегардид.

**46 – Вазъи фалсафа дар кадом кишвари форсизабонон беҳтар аст: Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон? Бо кадом далелҳо?**

Профессор: Ба ин савол ҷавоби сатҳӣ лозим нест. Зеро вазъи фалсафа дар кадоме аз кишварҳои форсизабон беҳтар аст, омӯзиш ва таҳлили амиқро мехоҳад ва муайян кардани сатҳи беҳтару бадтари ин раванд, бисёр омилҳоро бояд ба назар гирифт. Чунон чи, агар сухан дар бораи табъу нашри асарҳои фалсафӣ равад, шояд Эрон пешсаф бошад. Дар Афғонистон ин раванд чи тавр ба роҳ монда шудааст, барои ман норавшан аст. Зеро нашри ин осор хеле ва хеле кам дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуда буд ва ҳоло ҳам ҳаст. Қисми каме аз файласуфони тоҷик бо осори фалсафии ин кишварҳо шинос ҳастанд. Надонистани хати арабиасоси форсӣ садди асосии ин падида мебошад. Агар вазъи фалсафаро дар Тоҷикистон муайян карданӣ бошед, омилҳои зеринро ба эътибор бояд гирифт:

а) Набудани файласуфони касбӣ. Набояд фаромӯш кард, ки омӯзиши фалсафа дар мактабҳои олии онвақтаи Тоҷикистон танҳо солҳои 50-уми қарни гузашта оғоз гардид: Аввалин Донишгоҳ соли 1948 кушода шуд; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1951 ташкил ёфт ва дар ҳайати Академияи илмҳо аввалин шуъбаи фалсафа таъсис гардид. Ин ҳолат оғози тайёр кардани мутахассисони касбии соҳаи фалсафа гардид. То солҳои 50-ум ҳатто равшанфикрони тоҷик, дар бораи мутафаккирони шуҳратманди гузаштаи худ тасаввуроти амиқе надоштанд. Оғози омӯзиш, таҳқиқ ва дарки умумифалсафӣ ба солҳои 60-ум, 70-ум, 80-ум ва 90-уми қарни сипаришуда рост меояд. Усули методологии илмҳои фалсафӣ, таҳлили назарии файласуфони тоҷик аз кишварҳои ҳамзабони ишорашуда, ба куллӣ фарқ дошта мақоми сазоворро ба даст оварда буд ва аз дастовардҳои файласуфони ҳамсоя ба куллӣ болотар меистод. Ҳатто имрӯз ҳам дар давраи соҳибистиқлолӣ мо аз намояндагони номӣ ва эҷоди афкори фалсафии онҳо бархурдор нестем.

Аспирант: Дар Тоҷикистон. Далелҳо инҳоянд: Ба наздикӣ дар Афғонистон як рӯзноманигорро ҳукми зиндони абад карданд, дар ҳоле ки мардум талаб мекард, ӯро худи мардум

сангборон карда, қатл кунанд.  Ӯ як мақолаеро аз дӯсти эрониаш гирифта, ба рафиқони наздикаш паҳн кард. Дар мақола ҳамагӣ як сухане дар мавриди Пайғамбари Ислом гуфта мешуд, ки ӯ ҳуқуқи занҳоро баробари мардон нагузоштааст. Дар Эрон дар давраи Содиқ Ҳидоят (1903 - 1951) вазъ беҳтар буд, чун шахсе мисли ӯ метавонист ақаллан эҷод кунад. Ҳоло Эрон имконияте барои тарбияи шахсияте чун Содиқ Ҳидоят надорад. Тоҷикистон чунин имкониятро дорад.

**47 – <u>Аз файласуфони муосири исломӣ дар Тоҷикистон киро мешиносед?</u>**

<u>Профессор</u>: Дар Тоҷикистони муосир файласуфони ҳақиқии исломӣ умуман вуҷуд надоранд. Ҳастанд фардҳои алоҳида, ки худро донандаи аҳкоми исломӣ муаррифӣ мекунанд. Аммо файласуфоне, ки моҳияти ҳақиқии ин таълимотро аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ намоянд, ҳоло нестанд.

<u>Аспирант</u>: Ба унвони файласуфи исломӣ ҳеҷ кадомеро наметавонам номбар кунам.

**48 – <u>Даҳ асари фалсафии файласуфони муосири тоҷикро номбар кунед.</u>**

<u>Профессор</u>: Ин гуна асарҳо ва файласуфон, айни замон арзи ҳастӣ надоранд. Дар оянда, шояд пайдо шаванд.

<u>Аспирант</u>: Ба ин савол омода нестам.

**49 – <u>Даҳ асари файласуфони имрӯзаи исломиро номбар кунед. Файласуфони исломии муосири тоҷик кистанд?</u>**

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволҳои 47 ва 48 нигаред.

<u>Аспирант</u>: Ба онҳо таваҷҷуҳ надорам ва ҳам бовар надорам, ки онҳо файласуф бошанд!

**50 – <u>Ояндаи фалсафаи исломӣ дар Тоҷикистон: Ба сӯи илм ё идеология?</u>**

<u>Профессор</u>: Равнақи файласуфониояндаи исломӣ дар Тоҷикистон ба бисёр омилҳо вобастааст. Пеш аз ҳама дар ҳолате, ки давлат – давлати исломӣ эълон гардад. Дуюм – дар сурате, ки Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таҳия шуда, моддаи бунёдии сохти давлатӣ «давлати дунявӣ» аз он бардошта шавад. Чунон ки дар баҳси фалсафии дирӯза маълум шуд, дин, аз ҷумла ислом, вай ба илми ҳақиқӣ муносибате надорад. Дар дин, аз ҷумла ислом ҳам майли сиёсату сиёсатбозӣ барои соҳиби ҳокимияту ҳукмронӣ

гардидан, бартарии калон дорад. Табиист, ки идеология барои дини ислом яке аз ин воситаҳост. Савум – дар ҳолате, ки зиёиёни тоҷик аз баҳри «ғояи равшанфикрӣ» даст кашанд ва ҳоказо.

Аспирант: Ба гумонам, ба сӯи идеология. Чаро? Чунки бештари онҳотаҳсилкардаи Эрон, Покистон ва давлатҳои арабӣ ҳастанд ва воқеият ин ҳаст, ки дар он кишварҳо идеология пессимистӣ бар илм бартарият дорад.

**51 – Нуфузи фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистони муосир ва ояндаи он.**

Профессор: Гумон дорам, ки фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистони кунунӣ бартарии назаррас дорад. Ҳамаи файласуфону фарҳангиёни тоҷики қарни XX фалсафа ва фарҳанги Ғарбро аз файласуфону фарҳангиёни насли нави асри XXI хубтару беҳтар медонанд ва мефаҳманд. Дар оянда шояд ин таносуб дигар шавад. Вале мушоҳидаю суҳбатҳо бо ҷавононе, ки имрӯзҳо майли файласуф шудан доранд, нишон медиҳад, ки сатҳи дониши фалсафӣ ва доираи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии онҳо хело ва хело сатҳию паст аст.

Аспирант: Фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистон мисли фарҳанг ва фалсафаи Рус дар асри XX пардаи торике аз нодонӣ ва худбохтагӣ меандозад. Ин Ғарб таъсире хоҳад дошт, чунон ки дар нимаи аввали асри XX дар Эрон дошт ва онро Содиқ Ҳидоят дар қиссаи «Арӯсаки пушти парда», тасвир кардааст. Ин Ғарб фитнае хоҳад буд, дар дили мо: фитна аз намоише зоҳир.

**52 – Оё муқобилгузории Шарқу Ғарб масъалаи сохта аст ва ё воқеият дорад?**

Профессор: Муқобилгузории Шарқу Ғарб на сохта, балки воқеияти қавӣ дорад.

Аспирант: Шарқу Ғарб як мавзӯи идеологӣ ҳаст. Дар асл, на Шарқ вуҷуд дорад ва на Ғарб. Ба унвони мисол, мо барои Рус «Шарқ» ҳастем, дар ҳоле ки худи Рус барои Аврупо, Шарқ ҳаст. Дар айни ҳол барои Амрико ҳам Аврупо ва ҳам Осиё «фаросӯи баҳр» ҳастанд. Шарқӣ ва Ғарбӣ – мегӯяд, Эдвард Саид – ду буъди (ҷиҳати) як инсон ҳастанд: Дар Ғарб ҳама некӣ ва дар Шарқ ҳама бадӣ, таҷассум мегардад. Шарқу Ғарб ба ғайр аз он ки мавзӯи идеологӣ ҳаст, боз мавзӯи равоншиносӣ (психологӣ) ҳам ҳаст.

**53 – Оё дин ва фалсафа дар оянда бо ҳам созиш ва муросо кардани ҳастанд ё не?**

Профессор: Дин ва фалсафа дар оянда ҳам ба созиш нахоҳанд омад, зеро ин носозишӣ аз моҳияти ҷавҳарии ба миён гузоштан ва ҳал намудани масъалаҳои умдаи фалсафӣ бармеояд. Фалсафа ба илм такя мекунад, дин ба хаёлбофӣ ва хурофот.

Аспирант: Онҳо бояд созиш кунанд. Аммо чунин муросо баъди ҳал шудани мушкилии асосии инсонҳо даст медиҳад. Яъне баъди ҳал шудани масъалаи Марг.

**54 – Фалсафаиояндаи Тоҷикистон Шарқӣ хоҳад буд ё Ғарбӣ?**

Профессор: Дар ин бора чизе гуфтан мушкил, зеро иллатҳои зиёде ба ин раванд (процсес) таъсир гузошта метавонад. Ба ҳар ҳол шахсан ман умед дорам, ки ин фалсафа дар Тоҷикистон дунявӣ бошад, на «Шарқӣ»-ю на «Ғарбӣ».

Аспирант: Ман тарафдорӣ он ҳастам, ки ин фалсафа на Шарқӣ ва на Ғарбӣ бошад. Он дар асоси Мактаби Николай Фёдоров бунёд ёбад. Дар равияҳои илмӣ аз Равияҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ ҳам омӯхтан даркор аст, бегуфтугӯ.

**55 – Хусусиятҳо ва нишонаҳои фарқкунандаи як файласуф аз чи иборатанд?**

Профессор: Гузориши ин савол ислоҳталаб аст.

Аспирант: Файласуфи ҳақиқӣ бо ин нишонаҳо фарқ мекунад:

1 – Мутолиаи фаровон ва нигоҳи таҳлилӣ;
2 – Консепсияи (назарияи) равшани фалсафӣ;
3 – Сабк ва услуби ҳамафаҳм ва содаи навиштан;
4 – Ба ҳаракатҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ ҳамроҳ нашудан;
5 – Кори маърифатӣ дар байни ҷавонон бурдан;
6 – Аз қафои шуҳрат нагаштан;
7 – Ҷомеаи худро бо роҳи илмӣ шинохтан;
8 – Қадршиноси ҳақ ва ҳақиқат будан;
9 – Гуманист ва инсондӯст будан;
10 – Зиндагии инҷаҳониро ҳадаф қарор додан;
11 – Дар касби дониш меҳнатталаб ва фидокор будан…

**P.S.** Ҷавобномаи профессор Иброн Шарипов дар ҳаҷми 13 саҳифаи чопи компютерӣ аз таърихи 9.12.2008 бо имзои шахсиаш ба дасти мо расид. Ҷавобномаи Ҳафиз Холиқзода дар панҷ саҳифаи чопи компютерӣ буда, бо ҳарфҳои лотинӣ ва ба забони тоҷикӣ омода шудааст. Ба воситаи Интернет аз кишвари Олмон фиристода буд. Аввалҳои тирамоҳи соли 2008.

Мо ин ду ҷавобномаро ба сифати намуна нашр намудем, ки хонандагон тарзи ҷавоб додан ба саволҳоро ёд гиранд. Вагарна ҳоҷат ба ин заҳмат ва навишти такрорӣ набуд.

# <u>БУҲРОНИ ОИЛАДОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН.</u>

**(Таҳқиқ ва пешниҳод).**

## 1.Чаро буҳрон?

Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз гирифтори буҳрони (кризиси) шидид аст. Ин буҳрони куллӣ ва умумӣ аст. Мо дар ин мақола танҳо дар мисоли оиладорӣ доманаи густурдаи ин буҳронро арзёбӣ менамоем. Оиладорӣ ҷузъи кӯчак, вале хеле муҳими ин буҳрони ҳамагонӣ аст. Решаи ин буҳрони ҷаҳонӣ дар куҷост? Бо як ҷумла бояд гуфт, ки решаи ин буҳрон дар таассуб ва пешрафти техника аст.Барои таассуб ва техника ақлу хирад ва гуманизм аҳамияте надорад. Дақиқтар: Имрӯз ҷаҳонро фанатизми (таассуби) динӣ, нажодӣ ва идеологӣ фаро гирифтааст. Ин таассуб дар гузашта ҳам вуҷуд дошт. Вале роҳҳои амалӣ шуданашон маҳдуд буд. Маҳдуд дар сатҳи як миллат, як давлат ва ё як идеология. Ҳоло вазъияти ҷаҳон дигар шудааст. Таассуб ҳамон таассуб аст, вале бар он даҳшати техникӣ илова гардидааст. Миллатҳое, ки ба ин техника даст доранд, мехоҳанд аз роҳи зӯроварӣ дину фарҳанг ва идеологияву сиёсати худро ба гардани миллату давлатҳои дигар бор кунанд. Омили инсонӣ ҳоло камранг шудааст. Масъалаҳои умдаи ҷаҳонӣ бо зӯри техника ҳал мешаванд. Хатар ин аст, ки соҳибони аслиҳа ва техникаи пешрафтаи муосир мехоҳанд арзишҳои дақёнусӣ (кӯҳнаи) динӣ, миллӣ ва фарҳангии худро ба гардани дагар мардуми ҷаҳон бо роҳи зӯроварӣ таҳмил намоянд. Ин процесс (раванд) дар оянда тундтар мешавад.Ин буҳрон, пеш аз ҳама, ба миллатҳои кӯчак ва миёна таҳдид менамояд. Тоҷикистони имрӯза аз ҷумлаи давлатҳои кӯчак ва буҳронӣ ба шумор меояд. Таҳлил ва таҳқиқи шохаҳои дигари буҳрони Тоҷикистон кори доираи васеи дигар мутахассисон аст. Мо дар ин мақола танҳо доир ба буҳрони хонаводагӣ, издивоҷи ҷавонон ва ташкили оила сӯҳбат мекунем. Муаллифи мақола ҷомеашинос аст ва муддатҳо дар рӯзномаҳои «Мард ва Зан» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» доир ба ҳаёти оилавии ҷавонон мавод ба нашр мерасонд. Мақолае, ки дар даст доред, давоми фаъолиятҳои пешина аст.

## 2. Чаро маҳз Тоҷикистон?

Барои он ки кишвари мо дар ҳудуди Осиёи Миёна нисбат ба дигар ҳамсояҳо осебпазиртар аст. Сабаб: 1-Аз сар гузаронидани ҷанги шаҳрвандӣ; 2-Муносибатҳои тира бо шарики стратегӣ; 3-Кӯтоҳназарии сиёсатмадарони кишварҳои ҳамсоя; 4-Бозгашти фармоишӣ ба сӯи арзишҳои асримиёнагӣ; 5-Дахолати идеологӣ аз марказҳои қудратҳои ҷаҳонӣ бар зидди мазҳаби анъанавии мо ва идеологияи нави давлати миллӣ.

## 3.Мушкилоти имрӯзаи оиладорӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои он.

Нависандаи ин мақола аз вазъи имрӯзаи оиладорӣ дар Тоҷикистон ранҷ мебарад ва баояндаи он хушбин нест. Барои ҳамин хостам, ки ба изҳори назар дар ин мавзӯъ, аз кӯмак ва раҳнамоии фарҳангиёни кишвар баҳравар гардам. Феҳрасти мавзӯъҳое, ки мавриди шак ва тардиди ман қорор гирифтаанд, аз ин қабиланд:

**А**-Вуҷуди суннат ва анъанаҳои гузаштаи мо бар ин оташи буҳрон доман мезанад. Дар баробари ин тундбоди буҳрон, ба ҷои он, ки ҷасоратмандона муқобилият намоем, аксарияти ҷомеаи мо ба мисли шутурмурғ (страус) мехоҳанд сари худро **б**а зери реги дину хуруфот пинҳон кунанд. Ин роҳи наҷот нест. Ин шикаст ва таслим аст. Худбохтагӣ аст. Боз аз сари нав ба сӯи фаранҷию чодару сатр рӯй овардан, чӣ маънӣ дорад? Дар кишвари мо нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон мас ҷиди бисёртар сохтаанд. Ва сохтмони масҷидҳо боз ҳам давом дорад. Мехоҳем ки аз 7–сола то 70 соларо ба сӯи масҷ идҳо равона кунем. Баъд чи? Ин таҷрибаи нав нест. Зиёда аз 1000 ҳазор сол боз давом дорад. Аз масҷидсозон бояд пурсид, ки баъд ба куҷо мерасем? Пеш аз мо ба куҷо расида буданд? Ин ҳама «иқдомҳо» баҳонаанд.Эътиқод кори виҷдонии ҳар шахс аст. Агар эътиқоди ростин бошад. Даъватҳои имрӯзаи р ӯҳониёни кишвар фармоишӣ ва ҳадафи сиёсӣ доранд. Дар паси шиори масҷид ва сатр орзуи ташкили давлати исломӣ

нуҳуфтааст. Баъди ташкили чунин давлат масҷидҳо боз холӣ мешаванд ва ҷавонон аз онҳо мегурезанд. Ин хулосаи таҷ рибаи давлатҳои динии муосир аст…

## Б-Таъсири ҷанги шаҳрвандӣ дар бухрони оиладорӣ то чи андоза аст?

Тоҷикистон ҳар чи дошт , ҳама натиҷаи низоми Шӯравӣ буд. Дар собиқ чунин таҷрибае дар ин диёр вуҷуд надоштааст. Таҷрибаҳои давлатдорӣ ва шариатмадории охирин амирони исломии минтақа–манғитҳоро дар китобҳои таърихӣ хондаем. Як таърихи хиҷолатовар аст, барои мардуми бофарҳанг ва асил…

Ҷанги шаҳрвандии мо мавҷе буд аз туфони укёнуси сиёсати абарқудратҳои ҷаҳонӣ. Шикасти яке аз ду қутб. Шикасти социализм ва ғалабаи капитализм. Абарқудратҳои имрӯза дину мазҳабро хуш надоранд. Вале аз дин ба мақсади лаҷом задан ба мардуми худ ва халқи ҷаҳон истифода мекунанд. Ончи аз мардум пинҳон медоранд, ин аст, ки то ҳол ақидае, ки ҷои динро гирифта тавонад, надоранд. Агар чунин ақидае медоштанд, ҳеҷ гоҳ ба дин муроҷиат намекарданд. Ҷустуҷӯи (алтернативаи) дин ҳоло ҳам давом дорад. Сарварони ҷаҳон ба хотири таҷриба, андешаи сохтмони коммунизмро ба миён овардаанд. Вале ҷойи биҳишти диниро гирифта натавонист. Чаро? Барои он ки коммунизм танҳо барои хизмати наслҳои оянда пешбинӣ шуда буд. Ҳақиқати вуҷуди наслҳои оянда шубҳанок менамуд. Яъне: ин наслҳои оянда чи вазифа, чи мақом ва ё чи рисолате доранд ва ё хоҳанд дошт, ки насли ҳозира ҷони худро барои онҳо фидо кунад? Назариётчиёни ҷомеаи коммунистӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки гурӯҳе аз ғуломони насли ҳозира барои ғуломони насли оянда хизмат хоҳанд кард. Албатта бо сарварии як гурӯҳе аз хоҷагони коммунист. Дар сурате, ки ҳар ду насл маҳкуми марг ва нестии биологӣ мебошанд. Назариётчиён аз ин оқибати кор хаста ва ноумед шудаанд. Чаро, ки барои зиндагии абадӣ ва ҷовидона дар оянда барои ҳар як инсони ин наслҳои пай дар пайи созандагони коммунизм, кафолате дода наметавонистанд. Онҳо маҷбур

буданд, ки ба саволҳои дину мазҳаб ҷавоб диҳанд. Вале ҷавоб наёфтанд. Дин барои ҳамаи инсонҳо дар он дунё зиндагии абадии ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонӣ ваъда медиҳад. Орзуи ҳамаи мардум ҳам маҳз аз ҳамин иборат аст. Зиндагии ҷовидона дар он дунё бо ҳамин каллаву салае, ки ҳоло дар Замин дорем. Ва аз ин гузашта бо умри абадии 14-сола ва зебоии шабеҳ ба Юсуф ва Зулайхо. Мардум ин афсонаро бо хушӣ қабул мекунанд. Чаро, ки орзуи ҳамешагии инсонҳо ҳамин буд ва ҳаст, ки баъди марги ҷисмонӣ бори дигар ба ин зиндагӣ баргардем. Дар гузашта аксари мардум, авом ва бесавод буданд. Ин ақида мақбули ҳамагон мегардид. Ҳамагон масту мағрури ин маводи мухаддир буданд. Ҳоло сатҳи дониш дар тамоми ҷаҳон боло рафтааст. 60 дар сади мардуми ҷаҳон нисбат ба расму русум ва урфу одатҳои мазҳабӣ бепарво шудаанд. Танҳо рӯҳониён ва сиёсатмадорони тамоми ҷаҳон ҳастанд, ки ба хотири манфиатҳои ҳозира ва ояндаи худ, аҳкоми дину мазҳаби худро тарғибу ташвиқ мекунанд. Нависандагони китоби «Ҷаҳонбинии оянда» соли 2013 ба ин натиҷа расиданд, ки ҷаҳони мо ба як метафизика ва ҷаҳонбинии сифатан нав эҳтиёҷ дорад. Дар қисматҳои охири ин китоб (боби 8 ба баъд) принсипҳои асосии метафизикаи «Ҷаҳонбинии оянда»-ро таҳлил ва таҳқиқ намудаанд. Ба ақидаи ин муаллифон зиндагии абадии ҷисмонӣ барои инсонҳо дар рӯи замин имкон дорад. Олимону муҳаққиқони Шарқу Ғарби муосир чандин роҳҳои амалии ба абадияти воқеӣ ва ҷисмонӣ расиданро нишон додаанд. Намунаи аз ҳама машҳураш: соли 1979 дар Англия ва соли 1997 дар Амрико ҷисми инсон ва ҳайвонро (гӯсфандро) дар «батн»- и лаборатория парвариш дода, зинда гардониданд. Ин гусфандро бо номи олими таҷ рибагар, Долӣ номиданд. Долӣ 6 сол умр дид. Ин таҷрибаҳо исбот намуданд, ки илму дониши башарӣ, имрӯзҳо чунин қудратро дорад, ки орзуҳои динӣ ва дунявии инсониятро амалӣ гардонад. Чаро ки ҷавҳари ҳамаи динҳо тарс аст. Тарс аз мурдан. Тарс аз саволу ҷавоби Мункар ва Накир. Тарс аз Пули Сирот, Дузах, Аъроф, азобҳои дӯзах… Бо барҳам

задани марг ҳамаи ин тарсҳо нопадид мегарданд…Ва Мункару Накир ба «истеъфо» мераванд!

Дар таърихи башар чунин ҷаҳонбиние, ки ба ҳамаи саволҳои дину фалсафаи ҷаҳонӣ ҷавобҳои илмӣ дода бошад, вуҷуд надоштааст. Мардуми дунё ба хуруфоту афсонаҳои динӣ ба дараҷае одат ва бовар кардаанд, ки аз дидан ва шунидани кашфиётҳои илмӣ ба даҳшат меоянд…Вале бояд ҷои тааҷҷуб ҳам набошад…Чаро ки ин хурофотпарастӣ таърихи даҳҳазорсола (10.000) дорад. Муҳаққиқи рус Рудольф Константинович Баландин дар китоби худ бо номи «100 Худои бузург» (100 великих Богов) мегӯяд, ки барои пурра навиштани тарҷимаи ҳоли ҳамаи худоёне, ки дар замини мо гузаштаанд, ҳадди ақал 18 ҷилд китоб навиштан зарурат дорад. Адади ҳамаи худоёнро дар таърих 18 ҳазор медонад. (100 великих Богов. Р.К. Баландин. Москва, Издательство «Вече», 2014, 432с.) Қиссаи парастиш ва ибодати худоён ба ақидаи муаррихони дин ба чандин миллион сол пеш аз замони мо рост меояд. Ин даҳ ҳазор соли охир аст, ки динҳои бузург ва худоёни бузург ба вуҷуд омада, барои амалӣ гардонидани орзуҳои фантастикии худ ҳамаи миллатҳо ва давлатҳоро ба низои ҳамагонӣ кашида, то имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ «қайсарӣ» мекунанд.

Дар гузашта намояндагони ин ё он миллату дин империяи ҷаҳонӣ месохтанд, мисли: Конфутсий, Зардушт, Мусо, Исо, Буддо, Кришна, Искандар, Куруш, Темур…Решаи ин империяҳо дин ва миллат буд…Бо таъбири дақиқтар: дин ва миллат дар якҷоягӣ. Яъне: як империя, як дин ва як миллат дар муқобили дигар динҳо ва миллатҳо…Вале оқибат ин империяҳо шикаст мехуранд. Чаро? Барои он, ки дин ҳуруфот асту миллат биология. Ҳар ду аз дониш ва биниши воқеӣ бегона буданд. Ҷомеаро фарҳанг зинда нигоҳ медорад. Чун ба ақлу хирад ва мантиқу андешаи солим такя мекунад. Империяҳои имрӯзаи ҷаҳон чун дар гузашта метафизикаи (ҷаҳонбинии) солими воқеӣ надоранд… Аз ноилоҷӣ аз пайи дину миллат ва идеологияи пӯсидаи асри миёнагӣ мераванд. Чаро, ки ин империяҳо аз роҳи ҳилаву найранги сиёсӣ ба ин мақом расидаанд. Аз ин ҷиҳат ба дину миллати худ вобастаанд. Ба муқобили аҳкоми динии суннатӣ ва урфу

одати миллати худ баромада наметавонанд. Пас маҷбуранд, ки идеологияи империяи ҳудро дар заминаи дини суннатӣ ва анъанаҳои миллии кишвари худ барпо намоянд. Оқибат чунон мешавад, ки ҳоло мо мушоҳида мекунем: Ҳукуматсозӣ не, балки ҳукуматбозӣ. Ин шеваи кори давлатҳои бузурги имрӯза аст….

**В**-Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон натиҷаи ҳамин фасоди ақидавӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва метафизикӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ буд, ки имрӯзҳо бештар аз гузашта фош шудааст…ва дар оянда фоштар хоҳад шуд…

### 4-Таъсири муҳоҷират дар фурупошии оилаҳои ҷавон.

Россия дар асри XX системаи истеъмории худро зери ниқоби социализм ва коммунизм пинҳон мекард. Капитализми бе ниқоб – Амрико дар охири асри XX ба рақиби худ ғолиб омад ва низоми сиёсии Шӯравӣ аз ҳам пошид. Ин фурупошӣ ва оқибатҳои он барои кишвари мо ҳам таъсир гузоштанд. Муҳоҷирони меҳнатии мо дар Россия ҳамеша мавриди таъқиб ва фишори рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ қарор мегиранд. Бо ду сабаби асосӣ: **яке** ин, ки дар ҷанги шаҳрвандии тоҷикон нисбат ба халқи бузурги рус беҳурматӣ карданд; Дуюм, барои он ки нисбат ба дигар муҳоҷирон дар тарғиб ва ташвиқи ислом фаъолтаранд.; Абарқудратҳои имрӯзаи ҷаҳон танҳо аз вуҷуди ислом изҳори нигаронӣ менамоянд, на аз динҳои дигар. Муҳоҷирони мо ин назокатҳоро эҳсос намекунанд ва ё ба эътибор намегиранд. Дар хаёли давраи Шӯравӣ аз ҳукумати имрӯзаи Россия чашмдоранд, ки нисбат ба онҳо меҳрубонӣ зоҳир намояд. Мардуми оддии рус, воқеан мардуми хайрхоҳ ва фарҳангианд. Вале тақдири муҳоҷирон дар дар дасти сиёсатмадорони имрӯзаи Россия аст, на дар дасти мардуми рус. Ҳамагуна фишорҳо дар нисбати онҳо заминаҳои сиёсӣ доранд…Ин аст, ки нисбат ба муҳоҷирони дигар давлатҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҳама бештар муҳоҷирони тоҷик ранҷ мекашанд. Чунин муҳит аз нигоҳи равонӣ инсонро ба сӯи бероҳа равона мекунад. Онҳо ба таври нохудогоҳ ва ба шеваҳои гуногун аз он ҷомеаи барои худ бегона, «қасос» мегиранд. Ба инҳироф рӯй меоранд. Маъмулан, бероҳагӣ аз

чунин аъмоли маъмулӣ оғоз мегардад: Майнушӣ, сигоркашӣ, носкашӣ, истеъмоли маводи мухаддир, қиморбозӣ, робитаҳои гуногун бо русипиҳои пиру ҷавон, издивоҷҳо ва ишқварзиҳои муваққатӣ ва мавсимӣ, бо онҳо ташкили оилаи муваққатӣ ба хотири ёфтани хонаи зист, дуздӣ, авбошӣ, ғорат, қатл, ришвадиҳӣ, ришвагирӣ, фиребгирӣ, рӯ овардан ба ҷиноятҳои муташаккил, узвият дар ташкилотҳои экстремистии дохилӣ ва хориҷӣ, масҷидсозӣ ва тарғиби ислом дар кишварҳои масеҳӣ ва садҳо гирифториҳои дигар аз ин қабил, рӯҳияи миллӣ ва анъанавии муҳоҷиронро мешикананд ва эътиқоди онҳоро аз урфу одатҳои аҷдодӣ ва мазҳабӣ ба ҳошия меронанд. Ин аст, ки баъзе муҳоҷирон робитаи худро бо ватани худ қатъ мекунанд. Оилаи ғайритоҷикӣ ташкил намуда, ҳамсари дар Тоҷикистон интизори худро ба воситаи телефони мобилӣ талоқ медиҳанд. Ва ё ба модару падараш фармоиш медиҳанд, ки барои ӯ «арус»-и нав пайдо намоянд. Падару модари қашшоқ ва камбағал аз тарси он ки писарашон кумаки пулиашро ба онҳо қатъ накунад, талабу ҳоҳишҳои ин фарзанди бероҳа ва мунҳарифи худро «таҳаммул намуда», барои ӯ аруси нав меёбанд. Кӣ медонад, ки он пулҳоро барои аруси наваш аз чи роҳҳое ба даст меоварад. Ин ҳолатро касе конрол карда наметавонад. Мардуми мо дар даврони Шуравӣ расму русуми дузанӣ ва бисёрзаниро «фаромӯш» карда буданд. Зиндагии муҳоҷират аждаҳои хобидаро аз нав бедор кард. Ҳамин одати «нав»-и муҳоҷирони меҳнатии мо: Як зан дар Россия ва як зан дар Тоҷикистон, сабаби асосии фасод дар рӯҳия ва ахлоқи натанҳо худи онҳо, балки сабаби фасод дар урфу одати миллии тамоми сокинони ҷумҳурӣ гардидааст. Фасоде, ки ҳатто давлат ва ташкилотҳои давлатӣ ва худи ҷамъият қодир нестанд, ки онро назорат ва контрол намоянд. Ин аст таъсири харобиоварии муҳоҷират дар ахлоқи ҷавонони имрӯзаи мо.

**5-Аксуламалҳои ҷавонон дар ин бухрони оилавӣ**.

Ин аксуламалҳо якранг нестанд. Баъзе мусбат ва баъзе манфианд. Баъзеҳо зани ғайритоҷики худро вақти бозгашт ба ватан, тарк мекунанд. Баъзеҳо ҳамсарони ғайритоҷики худро ба Тоҷикистон меоранд. Баъзеҳо пайғом мефиристанд, ки

зани маро ҷавоб диҳед, то ба хонаи падараш равад, чаро ки ман дигар ба Тоҷикистон бар намегардам. Ман дар ин ҷо оилаи нав ташкил намудаам....Баъзеҳо зани тоҷикашро ҳамроҳи худ ба Россия мебарад ва зиндагии анъанавии тоҷикии худро давом медиҳанд...

Муҳоҷири дигар, ҳам дар Россия зану фарзанд дораду ҳам дар Тоҷикистон. Ба ду муҳит одат кардааст. Ин хел мавҷудотро дар биология обхокиҳо меноманд, ки дар байни муҳоҷирон хеле бисёранд. Маҳз ҳамин «обхокиҳо» паҳнкунандагони ахлоқи заношӯии феодалӣ дар ҷомеаи ҳозираи тоҷик ҳастанд. Ногуфта пайдост, ки сабаби ин робитаҳо дар масъалаҳои заношӯии ҷавонони мо аз сатҳи пасти зиндагии фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳо дар кишвари худашон ҳаст. Инҳо имконияти дар ватани худ инсонвор зиндагӣ карданро надоранд. Ҷойи кори муносиб нест. Баъзеҳо ихтисос ва касбу ҳунари муаян надоранд. Аз соли 1985 сар карда, рӯҳияи ҷавонон нисбат ба таълим ва тарбияи Шӯравӣ халалдор гардид. Онҳо аз бозсозии М.С.Горбачёв умедҳои озодӣ ва истиқлоли ҳақиқӣ доштанд. Вале ин умедҳо ба ҷанги шаҳрвандӣ гиреҳ хурд...

Ҳама ба якборагӣ маъюс ва ноумед шуданд. Бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ марҳилаи муҳоҷират низ оғоз гардид. Ин муҳоҷират ҳоло ҳам давом дорад. Дар ин 23 сол як насли нави муҳоҷир дар берун аз ватан ташаккул ёфт. Дигар акнун ин раванд муваққатӣ нест.Ҳамешагӣ шудааст. Масъалаи савод ва илму дониш барои онҳо ҳассосияте надорад. Онҳо ба таҳқиру тавҳини бегонагон одат кардаанд... Рӯҳияи ғуломии пеш аз Шӯравӣ боз ба ҷойи худ баргашт. Замони мо пур аз амирони манғитии нав гардида аст. Фарқе надорад, ки ин манғитҳои навбаромад аз кадом миллат ва аз кадом дину давлат мебошанд. Муҳоҷири тоҷик маҷбур аст, ки ба ҳамаи онҳо итоат кунад. Чунки худ донишу саводи казоӣ надорад. Дигар ҳамқадами замон нест. Анъана ва суннатҳои аҷдодиро дар ин муддати (1985-2014) аз ёд бурдааст. Онҳо ин ҳикмати Фирдавсиро дигар дар зиндагиашон татбиқ карда наметавонанд: «Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад». Чунки ба

бесаводӣ одат кардаанд. Одат чизи харобиовар аст, ки инсонро ба сӯи худбохтагӣ мекашонад…

Муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҷавонони ватан гӯё намунаи ибрат шудаанд. Лофу газофи онҳоро бо даҳони кушода гӯш мекунанд. Орзу доранд, рӯзе бирасад, ки аз пайи онҳо ба Россия бираванд…Ҳақиқат ин аст, ки муҳоҷирон аксари вақт рост намегӯянд…Муболиға мекунанд…Лоф мезананд…Охир, ғуломӣ ва мардикорӣ дар кучҳои дунё мояи фахр ва ифтихор будааст? Ба ростӣ баъзе аз фарти бесаводӣ ва бемоягӣ аз ин муҳоҷирати ғуломона, изҳори хушнудӣ ҳам менамоянд….

**6-Рӯҳониёни кишвар ва муҳоҷирон.**

Дар ин масъала ихтилоф ва иттифоқ якҷоя ба назар мерасад: Рӯҳониёни мо боқимондаҳои асри VII мелодӣ буда, муҳоҷирони мо боқимондаи асри XX ҳастанд. Фосила хеле бузург аст. Вале як хусусияти муштарак доранд: ҳарду гурӯҳ бо фарҳанги асили миллӣ ва мазҳабии худ бетаваҷҷӯҳанд…Фақат вонамуд мекунанд, ки фидоиёни роҳи дину мазҳаби худ мебошанд. Вале дар воқеъ чунин нестанд. Чарок и дину мазҳаби худро василаи зиндагии рӯзмарраи худ қарор додаанд. Дар матбуоти даврӣ дар ин мавзӯъ матолиби фаровоне ба нашр расидааст…Воқеан дар ин давраи буҳронӣ рӯҳониёни кишвар метавонистанд ба муҳоҷирони тоҷик беҳтарин хизмати мазҳабӣ, фарҳангӣ ва ватандории холисона ва берӯю риёро анҷом диҳанд. Вале мутаассифона чунин нашуд. Нафароне назди онҳо рафтанд, вале ба ғаразҳои динӣ ва сиёсӣ. Муҳоҷирон аз ин сафари онҳо ба ҷойи фоида, зарар диданд. Чаро, ки мавриди бадгумонии ҳам ҳукумати Россия ва ҳам ҳукумати Тоҷикистон гардиданд. Аз ин бештар чизе дар ин мавзӯъ навиштан корро ба ҳараҷ мебарад…

Бо як ҷумла, муҳоҷири меҳнатии тоҷик дар чунин як бунбасти иқтисодӣ, ахлоқӣ, динӣ, фарҳангӣ ва миллие қарор гирифтааст, ки дигар намехоҳад аз «биҳишти русӣ» ба «дӯзахи тоҷикӣ» баргардад!

Агар ҳол чунин аст, пас чи бояд кард? Танқид кардани дигарон, осонтарин кор аст. Вале шеваи таҳқиқи асил ва

беғаразона чунин аст, ки худи мунаққид бояд барои саволҳои худ ҷавоби мушаххасе дошта бошад. Барои ислоҳи ин мушкилот муаллифи ин мақола пешниҳоди мушаххаси худро дорад:

## 7.Пас, чӣ бояд кард?

Ба андешаи ин ҷониб, ба таври муваққат, то ба охир расидани ин буҳрон, зиндагии оилавии ҷавононро бояд ба танзим дарорем. Қаҳрамонони ин маърака инҳо мебошанд:

А – Раиси маҳалла ё деҳшӯро.
Б – Муаллими мӯҳтарами маҳалла ё деҳшӯро.
В – Шахсияти мӯҳтарами маҳалла ё деҳшӯро.
Г – Рӯҳонии маҳалла ё деҳшӯро.
Д – Намояндаи ҷамоат.
Е – Намояндаи корҳои дохилӣ.
Ё – Як равоншинос (психолог)-и касбӣ-ҳирфаӣ.

Ин ҳафт намоянда бояд дар якҷоягӣ амал намоянд. Вазифаи ҳар яки онҳо аз чӣ иборат аст?

Раиси маҳалла ё деҳшӯро рӯйхати муфассал ва дақиқи ҷавондухтарон ва ҷавонписарони аз синни 18 болоро бо тамоми ҷузъиёт омода менамояд. (Соли таваллуд, падару модар, ҳолати иҷтимоӣ, касбу кор, сурати ҷавон, характеристикаи мактаб, тарҷумаи ҳол, ки ба дасти худаш навишта ва дигар маълумоте, ки ба масъалаи оиладорӣ робита доранд).

- Муаллими мӯҳтарами маҳалла ё деҳшӯро ба сифати мушовир ва маслиҳатчӣ фаъолият мекунад.Чун аксари ҷавонон, шогирдони ӯ будаанд, шахсияти ахлоқӣ ва фарҳангии онҳоро хуб мешиносад.

- Рӯҳонии маҳалла ё деҳшӯро аз аҳволи зиндагии ҳамаи аҳли деҳа ва маҳалла бохабар аст. Агар байни падарон ва модарони ин ҷавонҳо ягон мухолифате вуҷуд дошта бошад , ин мушкилиро аз рӯи дину мазҳаби ин волидайн ҳаллу фасл менамояд. Масалан, кумитаи танзим ба хулосае меоянд, ки ин духтарро ба фалон писар фотеҳа кунем. Чаро, ки синну сол, ҳусну ҷамол, ахлоқу одоб ва касбу ҳунарашон ба ҳам мувофиқ аст. Вале маълум мешавад, ки падару модари духтар пеш аз

ин бо хонаводаи писар мушкиле доштаанд. Дар ин ҳолат рӯҳонӣ ба майдони амал ворид мешавад, ва мегӯяд, ки «аз рӯи дини мо кинагарӣ аз се рӯз зиёд мумкин нест». Шумо ин чанд сол мешавад, ки ҳеҷ оштӣ намешавед. Агар дар мазҳаби мо ҳастед, биёед дар шоҳидии мо оштӣ кунед…

Ин аст вазифаи рӯҳонӣ дар танзиим оиладории ҷавонон…

-Вазифаи намояндаи ҷамоат ташкили ин чорабинӣ аст…

-Зарурияти ҳузури намояндаи корҳои дохилӣ дар ин танзим аз он иборат аст, ки доир ба ҷавонони издивоҷкунанда маълумотҳои дақиқ пешниҳод кунад. Масалан, домод дар муҳоҷират аст. Аз он 2-3 сол гузашта аст. Ӯ дар муҳоҷират ба чи корҳое машғул буд? Мабодо майзада, наркаман, дузд, ғоратгар нашуда бошад. Намояндаи корҳои дохилӣ метавонад ин маълумотҳои маҳрамонро ба кумитаи танзим пешниҳод намояд. Дар шароити ҳозира кори ин намояндаи дохилӣ мушкилие надорад… Амалишавандаанд. Ва хеле муҳим ҳам ҳастанд.

-Равоншинос (психолог) ҳамаи ин маълумотҳоро таҳлил намуда , назар медиҳад, ки оё фалон духтар бо фалон писар аз нигоҳи психологӣ бо ҳам мувофиқ ҳастанд ё не.

-Вақте, ки ин ҳафт нафар ба як хулоса омаданд, он гоҳ ин хулосаро пеш аз ҳама ба ду ҷавон пешниҳод мекунанд. Ҷавонони мо одатан ҳалли ин масъаларо бо волидайнашон ҳавола менамоянд.

Волидайн бо фарзандони худ ин масъаларо ҳаллу фасл мекунанд. Агар мушкилие пайдо шавад, кумитаи танзими издивоҷ ба фаъолият шуруъ мекунад.

Фикру андешаи ҷавонон ва волидайни онҳоро мепурсанд, таҳлил мекунанд, маслиҳат медиҳанд, ёрӣ мерасонанд ва ҳар ду хонаводаро ба тӯи фарзандонашон водор менамоянд…

-Пешниҳодот ва маслиҳатҳои кумитаи танзим маъмурӣ, ҳатмӣ, маҷбурӣ ва фармоишӣ нест.

Пешниҳодоти кумитаи танзим машваратӣ, маслиҳатӣ, ихтиёрӣ ва озодона аст…. Масъулияти ниҳоӣ ба дӯши ҷавонон ва волидайни онҳо мебошад.

-Чизи асосӣ ва ҳалкунанда дар ин масъала : якум: розигии ҳар ду ҷавон аст; Ва дуюм, розигии падару модари онҳо. Кумитаи танзим ҳақ надорад, ки ба тасмими ниҳоии ҷавонон ва волидайни онҳо дахолат ва мухолифат кунад. Танҳо ин ҳақро дорад, ба эътирозҳои онҳо ҷавоби дуруст ва санҷида бидиҳад. Онҳо ихтиёр доранд, ки машваратҳои кумитаро қабул кунанд ё қабул накунанд. Агар пешниҳод ба куллӣ рад гардад, кумита масъалаи ин ду ҷавонро мавриди санҷиши дигар қарор медиҳад. Кори кумита ба ин маҳалла ва ё ин деҳшӯро маҳдуд намегардад. Онҳо метавонанд ба кумитаи танзими маҳаллаҳо ва деҳшӯроҳои ҳамсоя ва ё дуртар мурочиат намуда, ҳамкориро давом диҳанд.

-Мо ин иқдоми кумитаҳои танзими оиладориро кори муваққатӣ ва таҷрибавӣ мешуморем. Ва то аз байн рафтани ин буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, мазҳабӣ, оиладорӣ…кори кумитаи танзим зарурат хоҳад дошт.

Чаро, ки мардуми мо аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ сахт осебпазиранд. Ин буҳрони ҳамагонии асри XXI ба ҳастии миллат ва давлати мо таҳдид мекунад. Ҳар як фарҳангии кишвар масъул аст, ки барои дифоъ аз ҳуввияти миллӣ ва фарҳангии худ фидокорона талош намояд ва дар изҳори ҳар пешниҳоде барои ҳалли ин буҳрон далерона ба майдони баҳс ворид гардад.

**3 ноябри соли 2014**

## Боби панҷум

## <u>ФАЛСАФА ВА ЗИНДАГӢ</u>

- Саргузашти адабии Комил Бекзода бо қалами худаш.
- Нозим Нурзода. Муждаи уммеди умри ҷовидон меоварӣ.
- Давлат Сафар. Ҷаҳон бо ту бувад.
- Нозим Нурзода. Менаёбад ҷовидонӣ ақли бебокат шикаст!
- Умари Шерхон. Файласуфе сахт шево. (Мусоҳиба)
- Фирдавс Ниёзӣ. Комил Бекзода–муҳаққиқи дерошно.
- Номвар Қурбон. Инсони комил ва олими фозил.
- Исомиддин Шарифзода. Хирадманди Равшанзамир.
- Меҳр Собириён. Роҳи ӯ ростист.
- Абдуламин Маҷнун. Файласуфи соҳибмактаб.
- Шодӣ Атоӣ. Файласуфи ҷасоратманди миллат.
- Номвар Қурбон. "Ҷаҳони андеша"–мактаби фалсафии Комил Бекзода.
- Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Мактаби шахсиятсози Комил Бекзода.
- Ҳафиз Холиқзода. Кӯшишҳои таҳриф ва бадном кардани мактаби фалсафии Комил Бекзода.
- Нозим Нурзода. Файласуфӣ чунин бояд!
- Нуриддини Шаҳобиддин. Ишқ ба зиндагӣ ё инкори марг.
- Муҳаммад Карим Каримзода. "Бе ҳиммати мо ҳеҷ касе зинда нагардад!".

Адабиёт.

Феҳрасти номи муҳимтарин китобҳо дар мавзӯъи равшанфикрӣ.

Феҳрасти номи равшанфикрони ҷаҳон.

**Комил Бекзода:**
**файласуф–шарқшинос**



## САРГУЗАШТИ АДАБИИ КОМИЛ БЕКЗОДА БА ҚАЛАМИ ХУДАШ
**(Ҷавоби анкетаи фалсафӣ)**

Ҷавобҳои ман ба "Саволнома" аз ин қароранд: Номам – Комил ва номи падарам – Бек. Соли таваллудам – 9 январи соли 1945 дар деҳаи Узбай... Чаҳор сол дар Узбай, ду сол дар Лугад ва чаҳор соли охири мактаби миёнаро дар Рохарв хондаам... Аз синфи 8 ба таври ҷиддӣ ба хондан шавқ пайдо кардам... Сабабаш мутолеаи "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдӣ буд. Аввалин шеърамро тобистони соли 1960 навиштам. Синфи 8 будам... Дар хонаи бачагони Рохарв зиндагӣ мекардам... Баъди бозии волейбол дар лаби ҷӯй дасту рӯямро шустаму андаке рӯи сабзаҳо нишастам... Ба худ фикр кардам, ки наход ҳамаи зиндагӣ аз ҳамин бозии волейбол иборат бошад... Гирду атрофамро холӣ дидам... Худамро танҳо... Дар паи чора афтодам... Чӣ кор бояд кард? Ба чӣ кор машғул шавам... То аз ин танҳоӣ ва бегонагӣ худро наҷот диҳам... Коре кунам, ки зиндагии ман маъно ва мазмун дошта бошад... Оянда дошта бошад... Умед дошта бошад... Дилгарм бошам... Эътимод ва боварӣ дошта бошам... Дар он соат роҳи наҷотро дар он дидам, ки шеър нависам... Ба воситаи шеър ба зиндагии худ маъно бубахшам... То дар зиндагӣ ҳадаф дошта бошам... Барои зиндагиам аввалу охири маъқул пайдо кунам... Ҳаминашро дубора таъкид мекунам: аввалу охири маъқул барои зиндагии шахсии худам... Ман бо шеър аз айёми

тифлӣ ошно будам... Падарам омӯзгор буд... Синфи 1-умро назди падарам дар деҳаи Узбай хондаам... Солҳои баъд падарам дар деҳаи Лугад ба таълим машғул шуд... Дар деҳаи мо аввалин шуда падарам меҳмонхонаи ҳозиразамон сохт. Дар он дутор ҳамеша овезон буд. Гоҳу ногоҳ падарам дуторро менавохт ва шеъре мехонд. Ман ҳам ҳамроҳи падарам бо овози кӯдакона ҳамроҳ мешудам... Ба ғайр аз шеърҳои маъмулӣ, ки ба хотири ман мехонд, як шеъри дӯстдошта ҳам дошт, ки ӯро ба таври хос замзама мекард... Худаш мутаассир мешуд. Ман бо он ақли ноқису нотамоми кӯдакона ин ҳолатро дарк мекардам... Вале сабабашро намедонистам... Ин шеърро ҳоло ҳам намедонам аз кист... Танҳо як–ду байти он дар ёдам мондаасту бас:

**Хиромон омадем аз дори дунё,**
**Нишаста бар лаби гулзори дунё,**
**Тамошо мекунем дидори дунё,**
**Фурӯ рафта ҳама дар ғори дунё.**

Вақте ки ман синфи чаҳорум шудам, падарам касби муаллимиро тарк карда, дигар бо дутор шеър намехонданд... Баъдҳо фаҳмидам, ки падарамро ба сабаби пайравӣ кардан аз урфу одатҳои мусулмонӣ аз муаллимӣ хориҷ карданд... Ба ин маъно ки падарам намоз мехонданд... Ва рӯза мегирифтанд... Дар ҳуҷҷати расмие, ки дар дасти ман аст, чунин навиштаанд: "Бо сабаби пайравӣ аз урфу одатҳои боӣ ва феодалӣ, ки ба шаъни муаллими советӣ созгор нестанд, аз вазифаи муаллимӣ озод карда шуд". Падарам 12 сол муаллим буд... Баъд ба кори деҳқонӣ машғул гардид... Ҳамеша машғули мутолеа буд... Аз ҳама ёру дӯстони рӯҳонияш, ки дар ноҳия дошт, китобҳо ба орият мегирифт, мехонд ва боз онҳоро ба соҳибонашон бармегардонд... Охирин китоби ба орият гирифтааш, ки "Наводир-ул-меъроҷ" ном дошт, ман ба соҳибаш Абдуллои Исмат баргардонидам. Барои ҷуброни таъхир як китоби муфассали "Таърихи тамаддуни ислом" -и Густав Лебонро низ ба ӯ тақдим намудам... Худи падарам китобҳои бисёре ҷамъ карда буд. Аввалин бор хати арабиро дар як дафтари дувоздаҳварақа бароям навишт... Хонданро бо ин хат ёд гирифтам, вале навиштан бароям мушкил буд... Дар Узбай

мехондам... Як маҷмӯаи шеърии шоирони Бадахшонро хонда, чунон аз он мутаассир шудам, ки як ғазали онро бо дасти худам рӯйнавис намуда, ба тағоям Каримов Шокарим фиристодам. Устод Каримов Шокарим яке аз муаллимони варзидаи забон ва адабиёт буданд. Дар шеър ин байт ҳам буд:

**Бадахшони зарафшон аст Помир,**
**Чу лаъли сурх рахшон аст Помир.**

Дар он мактуб ба тағоям "насиҳат" кардам, ки ин шеърро ба талабагонаш бифаҳмонад ва онро аз ёд кунанд.

Дар ҳамин солҳо (дақиқан дар ёдам нест) дар деҳаи худамон як маҷмӯаи шеърии мухтасар аз Халили Сомонӣ ба дастам расид, ки ба таври мубҳам маънии онро тасаввур мекардам... Ҳамин аст мухтасари қиссаи ман бо шеър... Солҳои 1962 то 1967 дар шӯъбаи арабии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин таҳсил кардам... Солҳои 1968-1973 аспиранти шӯъбаи таърихи фалсафаи академияи илмҳои Ҷумҳури Тоҷикистон будам. Соли 1988 дар мавзӯи "Муҳаммад Шаҳристонӣ муаррихи дин ва фалсафа" рисолаи номзадӣ ҳимоя намудам. Ҳоло рисолаи доктории худро дар мавзӯи "Фалсафаи Абуҳайёни Тавҳидӣ" (асри X) барои ҳимоя омода намудаам...

Зиёда аз даҳ сол дар кишварҳои арабӣ таҳсил ва ба ҳайси тарҷумон кор кардам... Дар Миср, Қоҳира, Яман, Адан, Санъо...

Чандин сол устоди фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва баъдҳо Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон будам... Солҳои охир аз фанни "Фалсафаи муосир" дарс мегуфтам... Соли 2002 аввалин маҷмӯаи шеъри худро бо номи "Гурез аз Хайём" нашр кардам... Китобест ба забони тоҷикӣ ва дар мавзӯи Урупоӣ... Мардум нисбат ба ном ва мавзӯи китоб бадгумонанд... Мехонанд, баҳс мекунанд... Тақризҳо менависанд... Доираи баҳс ба матбуоти даврӣ ва садову симои ҷумҳурӣ ҳам расидааст... Мавзӯи китоб бисёр ҷиддист... Вале хонандагони тоҷикзабон аз мавзӯъҳои баҳси китоб огоҳии равшане надоранд... Онҳо ҳанӯз ҳам дар доираи мавзӯъҳои суннатӣ, анъанавӣ ва шарқӣ меандешанд... Ин айби шахсии онҳо нест... Айби воқеияти таърихии онҳост... Таърихи сатҳӣ ва хурофотӣ...

Ман аз ҷониби худ самимона хушнудам, ки чунин китоберо таълиф намудам... Ман ин ифтихорро ба гардани касе бор карданӣ нестам... Ин эҳсос ва бардошти сахт хусусӣ ва шахсии ман аст... Дар доираи ҷаҳони худам... Барои худам... Ба сифати як ҷаҳони мушаххас, мустақил, нотакрор... Ҳар фарде аз шаш миллиард одами рӯи замин метавонад ин суханҳоро дар бораи худ бигӯяд. Чаро ки ҳар инсоне як ҷаҳони нотакрор аст...

Касе ин маъниро дарк кард, меарзад бо ӯ гуфтугӯ намуд... Баҳс кард... Барояш китоб навишт... Ҳамкорӣ кард...

Мутаассифона, дар ҷаҳони мо аксари мардум шахсият надоранд... Симо ва сирати фардӣ надоранд... Дар ким-кадом замистони қаҳратуне аз таърихи худ ях бастаанд... Ҳамон яхбандиро шахсияти худ тассавур кардаанд... Дар сурате ки инкишофе вуҷуд надоштааст... Ҳамон як ҳолат бардавом боқӣ монда ва ҳоло ҳам боқист... Ин ҳолатро халқ, қавм, миллат, дин, мазҳаб, урф, одат, таърих, фарҳанг, мерос ва ғайра меноманд. Ин мафҳумҳо қолабанд... Берӯҳ ва беҷонанд... Ба мисли тобут... Ҳамеша омодаи онанд, ки ҷисми зиндаро дар оғӯш бигиранд... Вале худ зинда нестанд... Ҳаракате надоранд... Инсонҳои зинда ва огоҳро низ ба гумроҳӣ мебаранд... Ғофил мегардонанд... Мефиребанд... Чаро ки маъмулӣ ва одатӣ шудаанд... Инсонҳо ва наслҳои гуногун ба банду басти онҳо одат кардаанд... Ин одат ҳоло ҳам давом дорад... Ҳоло ҳам дасту по ва эҳсоси моро бо ҳазорон риштаи аёну ноаён печонида гирифтаанд... Мо дасту по мезанем ва ҷон меканем, вале хаёл мекунем, ки зиндагӣ карда истодаем... Бисёриҳо ҷонканиро зиндагӣ тасаввур кардаанд... Ҳамин аст иштибоҳи асосии ҳамаи мо... Шеърнависӣ ҳам ҷонканӣ аст... Ҳар шоире ба таври худ ҷон меканад... Агар ба шарте, ки шоири ҳақиқӣ бошад... Вале дар таърих мо бештар шоирони қалбакӣ, сохта, бофта ва артистгуна доштаем... Онҳо ҷон намекананд, балки роли ҷонканиро мебозанд... Ҳамин роли манфии онҳо қадру қиммати шоирон ва шеъри аслиро паст кард... Ин аст, ки шинохтани шеъру шоири ҳақиқӣ ҳам як муаммо шуда мондааст... Муаммои осон, вале ҳалнашаванда... Ба сабаби танбалии фикрии ҳамагонӣ... ва маҳорати баланди сохтакориҳои шоирнамоён...

Шеъри асил ояти огоҳӣ ва даъват ба огоҳӣ аст... Барои шинохтани маъно ва ҳадафи зиндагӣ... Зиндагии инсон... Инсони заминӣ... Инсони миранда... Мазлум... Бечора... Ноогоҳ... Хурофотӣ...

Шеър бояд инсонро ҳамеша дар ҳолати огоҳӣ нигоҳ дорад... Ояти огоҳӣ ҳамеша вирди забони инсонҳо бошад... Ин рисолати инсонии шеър аст...

Саволҳои дигари "Саволнома" барои ман аҳамияте надоранд... Хеле сатҳӣ ва дилгиркунандаанд... Бе онҳо ҳам шеър навиштан мумкин аст... Ҳамаи онҳо саволҳои берӯҳ ва қолабианд... Вале ҳастанд... Бе онҳо ҳам намешавад... Аз имтиҳони онҳо ҳам бояд гузашт... Акнун расидем ба фурсати шеърхонӣ...Намунаҳои зеринро барои хонандагони ин китоб интихоб кардаам:

**Ишқи бепарвои ман**

Раҳ ба сӯи ёр дорад ин дили шайдои ман,
Ҷуръати Мансур дорад ишқи бепарвои ман.
Назди ӯ розу ниёзи мо надорад эътибор,
Гарчи ранге заъфаронӣ дид дар симои ман.
Ахгаре дар синаи имрӯзи худ афкандаам,
Шӯълаҳо хоҳад дурахшид аз дили фардои ман.
Як тараф шарҳу баёни ҳикмату илми вуҷуд,
Як тараф нозу адои дилбари зебои ман.
Дӯстон гӯянд, Комил, охир ин девонагист,
Оре, оре, ин бувад пинҳону ҳам пайдои ман.

(30-X-1991)

**Оташи суғдӣ**

Тоҷи ҳиммат ин заминро Тоҷикистон кардааст,
Партави Хуршед оламро хуросон кардааст.
Қимати мулки Зарафшонро ба зар натвон шинохт,
Оташи суғдӣ Зарафшонро зарафшон кардааст.
Наварӯсонро, ки мебинӣ чу ахтар беҳиҷоб,
Шеваи озодагӣ дар ишқ ҷавлон кардааст.
Гарчи дарди бедавои марг домангири мост,
Ҷони моро кимиёи ишқ дармон кардааст.
Хоби хуш бодо ҳалолат, эй зи маънӣ бехабар!

Хоби моро маънии байте парешон кардааст.
Кӯҳсорони ҷаҳонро дидаӣ? Санганд, санг!
Шеъри Комил сангро лаъли Бадахшон кардааст!
(V-2000).

### Чашмони наврӯзӣ

Аз нигоҳи сабзчашме дар ҷаҳони ишқи ман,
Лолаву себарга мерӯяд саропо сабзранг.
Дар ҷаҳони ошиқӣ, оҳанги якрангӣ хатост,
Шукри ин чашмон, ки мебинам навоҳо сабзранг.
Фитнаи чашмони сабзинаш, чӣ гӯям беш аз ин,
Мерасад бар гуши дил савту садоҳо сабзранг.
Ақл мехонад маро бар оламе, бе рангу бӯ,
Дар ҳавои ишқ меболад адоҳо сабзранг.
Кас надонад ҳикмати чашмони сабзу соҳираш,
Ҷуз мани ғофил, ки дидам ин балоҳо сабзранг.
Дар ҷаҳони сокиту аз кинаҳо сарду хазон,
Чашми наврӯзӣ барангезад нидоҳо сабзранг.
(III-1996).

### Хуштар аз баҳор

Дар замири ин баҳорон меҳри ёре дидаме,
Хуш баҳор асту вале хуштар баҳоре дидаме.
Лолаву гул дар чаман ғарқи ҷамоли хештан,
Хешро ғарқи ҷамоли гулъузоре дидаме.
Мавсими гул мавсими озодиву озодагист,
Пои дилро бастаи зулфи нигоре дидаме.
Мефизояд накҳати гул мастиву ворастагӣ,
Аз лаби гулчеҳрае масту хуморе дидаме.
Бар мани ғофил, ки будам ноумед аз рӯзгор,
Хешро дар олами авҷу бароре дидаме.
Бахти хоболудаи ман гар мададгорӣ кунад,
Бошадо рӯзе, ки худро дар каноре дидаме!
(21-IV-1991).

### Ёд бод…

Ёд бод он сабзаву гул ёд бод,
Нолаҳои зори булбул ёд бод!

Ёд аз рӯзе, ки мо ҳам чун баҳор,
Сабзае будем дар кӯи нигор,
Аз тулӯи офтоби меҳри ӯ,
Доштам бо дидаву дил гуфтугӯ...
Ёди он соат, ки аз девонагӣ,
Тарк кардам кишвари фарзонагӣ.
Хешро бар мавҷи гесӯҳо задам,
Ғарқ гаштам, ғарқ, аз сар то қадам...
Аз куҷо донам, ки дунё дар куҷост!?
Шӯриши ин мавҷи дарё аз куҷост!..
Ёд бод он мавҷи гесӯ, ёд бод,
Ҷилваҳои чашму абру ёд бод!

**Таронаи ошиқон**

Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!
Арзиши ин лаҳзаро бояд шинохт!
Қимматаш пайдои нопайдостӣ.
Хоса базму тӯйҳову сурҳо,
Ояте гӯётар аз гӯёстӣ.
Ҳар куҷо базме, ки барпо мешавад,
Мояи фахру ғурури мостӣ,
Бо ҳузури хештан шоҳу арӯс,
Маҳфили моро чу гул оростӣ.
Эй хушо, ин шӯрҳо ин шавқҳо,
Одамиро давлати дунёстӣ.
Мерасад бар гӯши дил акси садо:
Баҳри ту мегӯям, эй марди Худо -
Зиндагӣ болотар аз болостӣ,
Зиндагӣ дарётар аз дарёстӣ!

**Дарди ширин**

Ишқи ҷонон дарди ширини ман аст,
Ончунон дарде, ки таскини ман аст.
Рози дил ҳаргиз нагӯям бо касе,
Роздорӣ сирри тамкини ман аст.
Бо ҳама номеҳрубониҳои ёр,
Меҳрубонӣ аҳди дерини ман аст.

Он ки зад бонги муҳаббат дар ҷаҳон,
Муршиду пири нахустини ман аст.
Мисраҳоям қатраҳои ашку хун,
Дафтарам гулбоғи рангини ман аст.
Осмони беғубори ошиқӣ,
Ҷилвагоҳи Моҳу Парвини ман аст.
Ошиқиву шеваи озодагӣ,
Ояте аз расму ойини ман аст.
Гоҳи мурдан ҳар касеву одате,
Номи ҷонон вирди талқини ман аст.
Марҳабо, эй олами пурсӯзи ишқ,
Сузу созат дину ойини ман аст.

(Тобистони 1991)

## Ошиқнамо

(Дар арафаи соли нав духтари ношиносе ба воситаи телефон ба ман изҳори ишқ намуд...)

Дар хазони ишқ пайғоми баҳорам додааст,
Дар шаби ялдо нишоне аз наҳорам додааст.
Гуфтугӯе доштам бо ҳотифе аз аҳли қудс,
Аз ҷаҳони нуриён бонги шиорам додааст.
Шуру илҳоме, ки пайдо буд аз ҳар байти ӯ,
Сайр дар дунёи лутфи бешуморам додааст.
Рангу рӯю қадду басташро намедонам, ки чун,
Ин қадар донам, ки чашми интизорам додааст.
Худфиребӣ олами ишқ асту мо ошиқнамо,
Дар ҷаҳони худнамоиҳо қарорам додааст.
Гарчи найсоне надорад тарамоҳи ошиқӣ,
Дилхушам, аз он ки шавқи рӯзгорам додааст.

(1 июли 1991)

## Мақоми шеъру шоирӣ

Дар дилам файзи баҳорон буду ҳаст,
Ибрате аз рӯзгорон буду ҳаст.
Аслу насли одамӣ аз хок нест!
Шӯълаи Хуршеди тобон буду ҳаст.

Ақли оламгири мо сеҳри ҳалол!
Шӯълае андар шабистон буду ҳаст.
Ин ҳама ҳангомаҳои одамӣ,
Гоҳ зоҳир гоҳ пинҳон буду ҳаст.
Кашфи асрори ҳаёти ҷовидон
Орзуи ҷумла инсон буду ҳаст.
Ин диле к -аз оташи тар беш нест!
Шӯълазор аз ишқи ҷонон буду ҳаст.
Шод бош, эй мулки шеъру шоирӣ,
Чун мақомат авҷи Кайҳон буду ҳаст!
Соҳили руди Зарафшон мактабам,
Минбарам Кӯҳи Бадахшон буду ҳаст!

**Лаб-лаби дарё ба боло меравем**

(Тарона)

Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо мервем.

I

Нашъае дорад насими кӯҳсор,
Кӯҳсорони ҳамеша обшор,
Дар тароват ҳамчу фасли навбаҳор!
Лаб-лаби дарё ба боло мервем,
Ванҷи Болоро тамошо мервем,

II

Чашмаҳои Ванҷ чашмони мананд,
Ҷӯшиши қалби хурушони мананд,
Дар сафо ҳамаҳду паймони мананд!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

III

Зодгоҳи шоири моро бубин,
Ёрии Ванҷии мазмунофарин,
Ҳимматаш болотар аз чархи барин!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

IV

Сарзамини мардхези тоҷикон,
Номовар паҳлавонони ҷаҳон,
Ифтихори ворисон то ҷовидон!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем

V

Қуллаи Сомониён андар сараш,
Оташи лаъли Бадахшон дар бараш,
Ишқи Комил нағмаву шеъри тараш!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.

VI

Чун биҳишт аст ин диёри нозанин,
Мо нигинему Ватан ангуштарин,
Зиндаю поянда бодо ин замин!
Лаб-лаби дарё ба боло меравем,
Ванҷи Болоро тамошо меравем.
(Июн - июли соли 2002).

**Мақоми ишқ**

Ишқро нозам, ки исёнпарвар аст,
Тоҷи исёнаш ҳамеша бар сар аст.
Бо ҳама ин дар ҷаҳон сангу хишт,
Дилрабову дилфиребу дилбар аст.
Хоса мардони зи худ огоҳро,
Раҳнамову раҳнамуду раҳбар аст.
Марҳабо, эй ошиқон, эй ошиқон,
Ишқ моро сорбону сарвар аст.
Зинда бодо базму ишқу ошиқӣ,
Бахтро бин, ёри ҷонон дар бар аст.
Ёри ҷонон дар бар аст!
(27-28 январи соли 2001).

**Ин ҷаҳон чист ва мо кистем?**

Худро кунам суҷуде, дунё худо надорад,
Дар тору пуди ҳастӣ маънӣ садо надорад.

Бо сеҳри худфиребӣ, дил бо нигор додем,
Афсӯсу сад надомат, к-он ҳам вафо надорад.
Бегона душман асту бо хеш дар ситезем,
Дигар чӣ метавон гуфт, кас ошно надорад!
Дардест дарди мурдан, одам ҳама гирифтор,
В-ин дарди бедаворо касе даво надорад.
Умрест корвони пайғамбарӣ ба роҳ аст,
Маҳмил гарону акнун бонги диро надорад.
Ҳарчанд соддалавҳист даъвии умри ҷовид,
Фарзанди одамӣ ҷуз ин муддао надорад.
Дар мақтаи ғазалҳо арзи умедворист,
Комил, чӣ метавон гуфт, дасти дуо надорад!
(22 октябр соли 1991).

**Таронаи миллии Тоҷикистон**

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Тоҷи ман аз шавкати Кайхусраву Ҷамшедҳост,
Мулки ман майдони азму рамзу базму идҳост.
Роҳи ман равшан зи нури фитрати воло шуда,
Ҳасту будам ҷилвагоҳи партави умедҳост.

**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Хонадони Оли Сосон ифтихори мо бувад,
Сарзамини поки Эрон эътибори мо бувад.
Ин диёри мардхезу мактаби фарзонагон,
Аз саодатҳои қавми бурдбори мо бувад.
**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Ворисони сарфарози Оли Сомонем мо,
Зодаи Хатлону Вахшону Зарафшонем мо,
Дар радифи ганҷҳои бекарони ин ватан,
Як шароре аз дили лаъли Бадахшонем мо.
**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдоди манӣ.**
Ин замини нурпарвар Марзи Синои ман аст,

Хоки покаш тутиёи чашми бинои ман аст.
Сад ҳазорон нуктасанҷу аҳли дониш дар бараш,
Ояти бедории қавми тавонои ман аст.
**Тоҷикистон кишвари зебову озоди манӣ,**
**Ёдгори безаволи умри аҷдои манӣ.**
(апрели 1992).

**Қасидаи Ванҷ**

Ванҷи ман! Оғозу анҷомам туӣ,
Посдори пухтаву хомам туй.

1

Осмонат осмони орзӯ,
Кӯҳсорат минбари шеъри накӯ,
Бешазорат сад ҷаҳони рангу бӯ,
Чашмасорат ҳар чӣ мехоҳӣ, бигӯ!

2

Маст аз борону торонат манам,
Ошиқи кӯҳу биёбонат манам,

Лолаи дашту хиёбонат манам,
Волаву шайдову ҳайронат манам!

3

Марҳабо, эй Водии нуру сафо,
Меҳри ту сеҳрест бар дилҳои мо,
Мерасад бар гӯши ҷонам ин нидо:
"Ин муамморо Худо донад, Худо!"

4

Дилбаронат дилбарони нозанин,
Дар мақоми дилбарӣ болонишин,
Чист дигар гуфтугӯ аз ону ин?
Ҷаннате гар ҳаст, бошад ин чунин!

5

Паҳлавононат дар олам номдор,
Посбони шӯҳрату шаъни диёр,
Қаҳрамонанд, каҳрамони корзор,
Паҳлавонанд, паҳлавони рӯзгор!

6

ВАНҶИ БОЛОЯТ зи ҳиммат шуд баланд,
ЯЗГУЛОМАТ дар саховат арҷманд,

Дар сухан гар лутф меҳоҳиву панд,
Дил ба ҳазли мардуми ВОДХУД бубанд![151]

7

Шоиронат шоирони ростин,
Олимонат мулку миллатро амин,
Дӯстонат хайрхоҳони замин,
Душманонат - душманони ақлу дин!

8

Номи ту вирди забони хосу ом,
Ман дар оғӯши тамомат нотамом!
Метаровад аз забонам ин калом:
"Зери хокат бас бувад моро мақом!"

9

Ҳар чӣ дидам, рӯи зебои ту буд!
Ҳар чӣ гуфтам, васфи паҳнои ту буд!
Ҷилвагоҳам, кӯҳу саҳрои ту буд!
Байти шеърам, мавҷи дарёи ту буд!

10

Баъди ман санги мазорам санги ту!
Нағмаи шеъри тарам оҳанги ту!

Фикри нобам дафтари фарҳанги ту!
Ному нангам, рамзи ному нанги ту!

11

Баъд аз ин, ҷисми ман орому хамӯш,
Бехабар аз савту созу шавқу ҷӯш,
Нарм-нармак мерасад ҳар дам ба гӯш,
Ин паёми осмонӣ аз Сурӯш:
"Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,
Чун шарар ин ҷилва як бор асту бас!"[152]

---

[151] Ванҷи боло, Язгулом, Водхуд – номи минтақаҳои ноҳияи Ванч
[152] Ин байт аз Бедил аст.

12
Лек рӯҳи ман асири ҷустуҷӯст,
Фикри бебокам далели гуфтугӯст,
Ҷисми мо бо маргу мурдан рӯбарӯст,
Зиндагӣ, гар ҷовидон бошад, некӯст!
13
Барфу боди Ванҷ ҳар шому саҳар,
Менамояд аз сари хокам гузар,
Мерасонад бар мазорам ин хабар:
"Чанд мехобӣ?! Ба бедорон нигар!!!"
14
"ВАНҶИ зебои ту зеботар шуда!
Мардумонаш шӯху донотар шуда!
Дилбаронаш боз раънотар шуда!
Ошиқонаш масту шайдотар шуда!..."
15
... Баъдҳо шояд биёяд Ҷовидон,[153]
Бар сари қабрам ба мисли дигарон,
Бар лабаш шеъре, дуое ё фиғон,
Лек ман хомӯш чун бегонагон!
16
Баъди чандин баъдҳо дар ин диёр,
Ошиқе сармаст аз ишқи нигор,
Месарояд шеъри манро бо дутор,
Ҳамсадо бо обшори кӯҳсор!
17
Баъд аз ин ман монаму кунҷи МАНОР,[154]
Ҳамнишинам хоку боду сангу хор,
Фориғ аз ҳангомаи ишқи нигор,
Бехабар аз ҳою ҳӯи рӯзгор!

(14-XII-1999).

**Фирдавсӣ – файласуфе ношинохта**

Бар хирад бедод рафту додро нашнохтанд,
Ҳамзабонон ҳикмати Устодро нашнохтанд,
Баҳри инсон мезад ӯ бонги адолат дар ҷаҳон,
Ҳамдиёрон маънии фарёдро нашнохтанд.

---

[153] Ҷовидон – фарзанди шоир
[154] Манор – қабристони деҳаи шоир

Бар рухи бунёди зулмат офтобе пош дод,
Шабпарсатон аз қазо бунёдро нашнохтанд.
Номаи шоҳон накӯҳишномаи бедодҳост,
Нуктасанҷон рози ин бедодро нашнохтанд.
Аз шукӯҳу шавкати фарри ниёгон қисса дошт,
Ворисони нохалаф аҷдодро нашнохтанд.
"Он ки бо сеҳри сухан мулки Аҷамро зинда кард",
Камназарҳо шеваи эҷодро нашнохтанд.
Аз ҷафои давр андар кунҷи танҳоӣ муқим,
Ҳамзамонон шоири озодро нашнохтанд.
Алғараз, дар олами маънӣ расуле тоза буд,
Лек ин пайғамбари навзодро нашнохтанд.

## Фалсафаи ишқ

Муҳаббат ин ҳама бешу ками мост,
Муҳаббат шодмониву ғами мост.
Ба ҳангоми висолу гоҳи ҳиҷрон,
Муҳаббат тӯи мову мотами мост.

## Афсона гуфтанд

Дило, ачдодҳо афсона гуфтанд,
Сухан аз Кавсару паймона гуфтанд,
Тамаллуқ бар Худову банда карда,
Риёро шеваи риндона гуфтанд!
(Баҳори соли 1970).

## Мақоми ошиқ

Бо сеҳри худфиребиву аз біми зиндагӣ,
Дилро ба дасти дилбари неку супурдаем.
Маҷнун бувад гувоҳ, ки дар қайди рӯзгор,
Бе сӯзу сози ошиқӣ дар ҳукми мурдаем!
(9 ноябри соли 1972).

## Эътироф

Пас аз айёми рангорангу мадҳуши шароби ишқ,
Ба чашмони хуморолуди худ аз ҳам ҷудо рафтем,
Биё, хоҳони марги ман шаву ман маргхоҳи ту,
Ки мо ҳарду зи кӯи ошноӣ бевафо рафтем!
(Ноябри соли 1972).

**Ҳадафи куллии ҷаҳониён**

Моем, ки бунёди аҷал канда бисозем,
В-аз умри абад олами поянда бисозем.
Азму ҳадафи аҳли ҷаҳон аст, ки рӯзе
Хайём, туро бо дигарон зинда бисозем!

P.S. Шеърҳое, ки байни солҳои 2003 то 2013 эҷод шудаанд.

**Наврӯзи Ҷамшедӣ.**

Иди Наврӯз аст ёрон, бода дар соғар занем,
Бодахоронро аз ин пас, таънаҳо камтар занем.
Як қадаҳ бар ёди он, Ҷамшеди соҳибдил равост,
Дар фазои некномиҳош, болу пар занем.
Чун дирафши Кова рамзи, нангу номи миллат аст,
Парчами озодагӣ, бар рӯи бому дар занем.
Пири Тусӣ бо сухан, мулки Аҷамро зинда кард,
Сеҳру афсуни каломаш бар ҳама Ховар занем.
Суннати Ҷамшедро Хайём авҷе тоза дод,
Дар ҳавои шеъри Лоиқ наъраи дигар занем.
Мо саропо шавқу шуру ошиқу саргаштаем,
Бо чунин мастонагӣ оташ ба хушку тар занем.
Баъд аз ин лофу газофу худситоиҳо, ки рафт,
Ҷои он дорад, ки гул бар гесуи дилбар занем!
(Баҳори 2012).

**Бодаи Ҷамшедӣ.**

Меравам аз ин ҷаҳону дил ба дарё мезанам,
Пушти по бар мушкилоти ҳарду дунё мезанам.
Гар ту масти бодаи рӯзи аластӣ, шод бош!
Ман зи ҷоми бодаи имрузу фардо мезанам.
Эй ки доим саргарон аз ишқи ирфони, вале,
Ман дам аз ёри нахусту ишқи Лайло мезанам.
Арзишу маънии Олам, ҳасту буди Одам аст!
Гар набудӣ одамӣ, кай лофи маъно мезанам.
Дар Замин зодиву аммо, мегурезӣ аз Замин!
З-ин фирори нангборат, водареғо мезанам.
Сар ба зону мезанӣ, аз шӯрбахтиҳои хеш,
Ман ба ёди Навбаҳорон, сар ба саҳро мезанам!

Ман аминам, мерасад рӯзе ки бо эъҷози илм,
Бодаи Наврӯзӣ бо Ҷамшед якҷо мезанам!
(Баҳори 2012).

**Паёми Наврӯз**

Рӯзи нав меоварад, шуру шароре нав ба нав,
Номаи лутфи ҳабибе бар нигоре, нав ба нав.
Тирамоҳи умр дорад, рангу оҳанги хазон,
Офтоби Ишқ мезояд, баҳоре нав ба нав.
Ишқ бар пирони барнодил, раво бошад, раво!
Навҷавонӣ боз гардад, бо хуморе нав ба нав.
Ин ҷаҳону сад ҷаҳон, ҷавлонгаҳи ишқ асту бас!
Дар ҷаҳони бешумор, ояд шуморе, нав ба нав.
Мо паёми Идро риндона кардем ошкор,
То ки бар Ояндагон гардад, шиоре нав ба нав!
(Баҳори 2012).

**Наврӯзи одамӣ**

Ҷабри айёму шигифтиҳои дунё бигзарад,
Бодҳои гармселу фасли сармо бигзарад.
Бо умеди қиссаҳои ориёӣ зиндаем,
Ин ғуруру нахвати қавми Урупо бигзарад.
Аз гузашти рӯгорон гоҳ шоду гаҳ малул,
Ин шабохуни фалак аз мулки дилҳо бигзарад.
Дар гулистони вуҷуди мо навоҳо ранг-ранг,
Булбулон сармасти созу базми гулҳо бигзарад.
Баъдҳо бар ҷои ҷон, ояд ҳаёти ҷовидон!
Тарсу ларзи маргу мурдан аз сари мо бигзарад.
Боз аз нав мо ба сӯи ҷисми худ рӯй оварем,
Ҷисм монад ёдгору ҷони шайдо бигзарад!
(Баҳори 2012).

**Зан ва баҳор**

Фасли баҳорон мерасад, эй ЗАН баҳори мо туӣ,
Дар базми гулҳои чаман, болотар аз гулҳо туӣ.
Олам чи нозад бо Баҳор, к-аз боду борон беш нест,
Бо сели ашки шодият, туфон туӣ, дарё туӣ.
Мо мардҳои хомро, дар зиндагӣ гумномро,
Ишқи ту созад ошкор, он оташи пайдо туӣ.

Ҳаллоҷи аз ЗАН бехабар, лофи Аналҳақ зад, вале:
Дору расан сӯи ту гуфт: Доно туӣ, Доно туӣ!
Эй баҳри ҳусну дилбарӣ, сарчашмаи шеъри дарӣ,
Комил бигуфтат борҳо: Зебо туӣ, Зебо туӣ!
(Баҳори 2012).

**Ҳикмати Ҷамшедӣ**

Фарзанди Офтобем, ҳамрози Моҳтобем,
Нур аст фитрати мо, ҳамвора дар шитобем.
Афкори мо биҳиштист, Гуфтори мо биҳиштист,
Садҳо биҳишт дорем, Кирдори мо биҳиштист.
Дар Ҷоми Ҷам бидидем, тақдири хештанро,
Ному нишони Миллат,Ояндаи Ватанро.
Ҷамшед не Худо буд, не ахтари само буд,
Танҳо зи роҳи Дониш, рашки ману Шумо буд!
Гуфто, ки : «Эй азизон! Дар тору пуди Кайҳон,
Болотар аз Шумо нест, деву париву Яздон…
Гар нектар бубинӣ, аҳволи хештанро,
Аз тарси маргу мурдан пиростӣ кафанро!...
Гар марги Тан набудӣ, андар ҷаҳони ҳастӣ,
Бар ёди кас наёмад, номи худопарастӣ…»
Ҳоло ки асри Илм аст, дар Шарқу Ғарби олам,
Парвои кас набошад, аз маргу мири одам.
ТАНРО НАҶОТ бахшид, илми шабеҳасозӣ,[155]
Аз доми ДИН раҳо шуд, Инсон ба сарфарозӣ.
Эй илми ориёӣ, эй ҳикмати ниёгон,
Алҳақ муборакат бод, арзанда кори шоён.
(Баҳори 2012).

**Наврӯзи зиндагӣ**

Одамиро маҳшаре бе хайру шар, зебанда аст,
Маҳшаре дур аз хурофоти башар, зебанда аст.
Бандаи мирандаро, бе илм растохез нест,
Бандаи озодаро, фатҳу зафар зебанда аст.
Ҳеҷ маъное надорад, рафтани бебозгашт,

[155] Шабеҳасозӣ- Clon and cloning. Клонирование. Ҳамсонасозӣ. Аз рӯи таҷрибаҳои илмӣ ва лабораторӣ аз нав ба ҳаёти дубора бар гардонидани ҷисми инсони мушаххас. («Донишномаи зистшиносӣ», Теҳрон 1376=1997,саҳ485)

Наслҳои рафтаро, умре дигар, зебанда аст.
Оқилу фарзонаро, мирандагӣ зебанда нест!
Амр бар сайёраву Шамсу Қамар, зебанда аст.
Ҳикмату фарзонагӣ, бе шеър мурғи бепар аст,
Ҷилваҳои фикри моро, болу пар, зебанда аст.
Шоири имрӯз масти бодаи кибру ғурур,
Хушкмағзони замонро, кару фар зебанда аст.
Ошкоро гуфтани ҳақ, кори ҳар бекора нест,
Марди майдони суханро, ин ҳунар зебанда аст.
(Баҳори 2012).

**Васият ва даъво**

Чун бимирам аз ҷадал гӯши малоик кар кунам,
Рафтагонро бо хабар аз омади маҳшар кунам.
Қиссаҳои зулмату торикиҳои гӯрро,
Бемуҳобо арза бар Зардушти пайғамбар кунам.
Бонг хоҳам зад ба Исо к-ин ҳама таъхир чист?
Рӯзи растохез ку? То базму шодӣ сар кунам!
Гар ҷавобе кофию шофӣ наёбам з-он тараф,
Чок хоҳам зад кафанро, шиква бар Довар кунам.
Бо тане лухту диле хунину чашме ашкбор,
Ру ба сӯи аҳли илму донишу дафтар кунам.
К-эй азизон! Гар ҷаҳоне ҳаст аз мову шумост!
То ба кай бар қиссаву афсонаҳо бовар кунам?
Навбати кӯҳнафурушон даргузашту бигзарад,
Ҳамдаме нав ёбаму андешаи дигар кунам!!
(Баҳори 2012).

**Хайма болотар задам**

Дар фазои ишқи ҷонон, баски болу пар задам,
Осмонро паст дидам, хайма болотар задам!
Ин ҷаҳони мо ки аз сӯзи дарун бегона аст,
Дар ҷавобаш оташи дилро ба хушку тар задам!
Ҳамдиёри ман чи донад, чист маргу зиндагӣ,
Аз хиҷолат назди душман, хокро бар сар задам.
Дар суроғи одамӣ, дар рӯзи равшан бо чароғ,
Хешро парвона карда, сар ба кӯю дар задам.
Гоҳ гоҳе бо дили афсурдаю фикри париш,
Дар ҳавои базми ёрон, бода дар соғар задам.

Ёрии Ванҷӣ, ки рӯҳаш ҷовидонӣ шод бод,
Фикри нобашро шиоре, бар маҳу ахтар задам.
То ки бар Ояндагон бошад ҷиҳодам ошкор,
Саргузашти хешро бар сафҳаи дафтар задам.
Чун ғараз аз шеъри Комил, покиву озодагист,
Хомаи озодаро дар чашмаи Кавсар задам!
(Баҳори 2012).

**Иди наврӯзи Аҷам иди ҷаҳонӣ мешавад.**
Иди Наврӯзи Аҷам, иди ҷаҳонӣ мешавад,
Ин ҷаҳони пирро, рамзи ҷавонӣ мешавад.
Ҳикмати ин Рӯзро Ҷамшеди фаррухпай ниҳод,
К-одами миранда рӯзе ҷовидонӣ мешавад.
Илму фан меоварад, бар умри Одам рӯзи нав,
Нав ба нав зистан шиори зиндагонӣ мешавад.
Олами атроф ҳам з-ин ҷилваҳо маҳрум нест,
Чашми ибратбин агар дорӣ, айёнӣ мешавад.
Сабзаву гул дар чаман мафтуни ҳусни хештан,
Булбули шӯрида ғарқи шодмонӣ мешавад.
Ғунчаҳо бар лаб табассум рӯ ба сӯи Офтоб,
Боди Наврӯзӣ чу ояд, гулфишонӣ мешавад.
Ин биҳишти нақдро, гар шоире бинад, яқин,
Шавқу илҳоми заминаш, осмонӣ мешавад.
Бо назокатҳои худ, Наврӯз оламгир гашт,
Як ҷаҳони мо чӣ бошад? Сад ҷаҳонӣ мешавад!
(Баҳори 2012).

**Наврӯзи истиқлол**

Наврӯзи ман, наврӯзи ту, наврӯзи вай, наврӯзи мо,
Аз кӯи ҳиҷрон омада, ин шамъи худафрӯзи мо.
Эй ошиқон, эй ошиқон, ӯро пазироӣ кунед,
Фархунда бодо фурсате бар ошиқи имрӯзи мо.
Эй аз гулаш моро насиб, в-эй аз ҳавояш баҳравар,
Эй кишти моро раҳмате, в-эй толеи фирӯзи мо.
Тарсам, ки бемеҳрӣ кунанд ин ошиқони нимахоб,
Афсурда гардад баъд аз ин армони ҳастисӯзи мо.
Моему кӯи ошиқӣ, бо ошиқони сахткӯш,
Бошад, ки наврӯзӣ шавад, имрӯзаву ҳар рӯзи мо.
(Баҳори 2012).

**Базми Наврӯзи Аҷам**

Мо ба ин маҳфил насими кӯҳсор овардаем,
Аз дили лаъли Бадахшон як шарор овардаем.
Маҳфиле шоиставу боиста мебояд чунин,
Дӯстону ҳамдилон аз ҳар диёр овардаем.
Сархушӣ бодо ҳалолаш масти ҷоми ишқро,
В-андар ин хумхонаи дилҳо хумор овардаем.
Эй ҳарифон, як даме пайғоми дилро бишнавед,
Ёд аз фасли гулу меҳри нигор овардаем.
Эй худо, гар ишқ бахшӣ, бар нигори Ванҷ бахш,
З-он, ки сӯзи бекаронаш дар канор овардаем.
Зиндаю поянда бодо, базми Наврӯзи Аҷам,
Шеъри Комилро ба расми ёдгор овардаем.
(Баҳори 2012).

**Наврӯзи Ҷамшедӣ**

Рӯҳи Ҷамшедӣ ҷаҳонеро зи нав бедор кард,
Олами афсурдагонро чун гулу гулзор кард.
Ҷоми Ҷамшедӣ таҷаллигоҳи маргу зиндагист,
Саргузашти одамиро мӯ ба мӯ изҳор кард.
Боди Наврӯзӣ паёме мебарад аз дил ба дил,
Ошиқонро волаю шайдои гулрухсор кард.
Номаи ишқу муҳаббат дафтари гулҳои тар,
Хомаи Наврӯз онро борҳо такрор кард.
Ҷашни Наврӯз ояте аз гавҳари хайр аст, хайр,
Ворисони Аҳриманро дар ҳама ҷо хор кард.
Ёдгоре аз ниёкон аст ин Наврӯзи мо,
Ҳикмати воломақомаш рахна дар афкор кард.
Базми Наврӯз аст шоҳи базмҳои ин диёр,
Кишвари Озодагонро ғарқ дар ашъор кард.
Базму шодию тараб зебандаву арзанда аст,
Дар чунин Ҷашне, ки оламро зи нав гулзор кард.
(Баҳори 2012).

**Бигзор шеъри Мавлавӣ…**

(Мегӯянд ки донишманде дар Урупои имрӯз қурсе (таблеткае) ихтироъ намудааст, ки умри инсонро 800 сол

дароз мекунад…Агар Мавлоно 800 сол пеш чунин қурсе истеъмол мекард, то ҳол зинда мемонд…)

Бигзор шеъри Мавлавӣ, аз қурси дармонӣ бигу,
Имрузу фардо мондаӣ, аз қабри зулмонӣ бигу.
Гирам ки бепарвостӣ, аз маргу миру нестӣ,
Эй Ғофил ибни Бедарак, аз рӯи нодонӣ бигу.
То чанд аз худ бехудӣ, овораи шеъру ғазал,
Ин худфиребӣ асту бас, аз дарди пинҳонӣ бигу.
Не бо Худӣ, не бо Худо, одам набошад инчунин!
Ё ҷовидон кун хешро, ё амри раббонӣ бигу.
Гар ҷовидонӣ мақсад аст, Комил дар ин дайри хароб,
Домони илми зист гир, ашъори ирфонӣ магу,
Тавҳиди Яздонӣ магу
Тақдири Кайҳонӣ магу.
Танҳо ва танҳо баъд аз ин, аз Умри Инсонӣ бигу,
Аз Илми Кайҳонӣ бигу,
Аз Қурси Дармонӣ бигу!
(Баҳори 2012).

**Шоирони миллат**

Эй шоирони ошиқ, эй ошиқони миллат,
Ин миллати парешон, бо сад ҳазор иллат.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
Эй шоирони бедор, дар сарзамини хуфта,
Ин нуктаҳои дилкаш, ҳоло касе нагуфта.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
Эй шоирони оқил, эй ворисони Сино,
Роҳи савоб рафта, дар кори хеш бино.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
Эй шоирони доно, донои рози ҳастӣ,
Худро раҳо намудед, аз чанги ору пастӣ.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
Эй шоирони фозил, озодагони ин қавм,
Дар асри бефазилат, оворагони ин қавм.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
Эй шоирони моҳир, сеҳри сухан муборак,
Дар роҳи худфидоӣ, меҳри Ватан муборак.
**Ёдат ба хайр Лоиқ, Бозор зинда бошӣ.**
(Баҳори 2012).

**Наврӯзи ман**

Иди наврӯзи диёру гулшану гулзори ман,
Чашни фирӯзи нигору дилбару дилдори ман.
Эй сароғози туро Ҷамшеду Кайхусрав гувоҳ,
Эй далелу шоҳиди таърихи пурасрори ман.
Ҷустуҷӯи нав ба навро кардаӣ бар худ шиор,
Эй хушо ин фикри бикри миллати бедори ман.
Насли имрӯзи ҷаҳон ҳам рӯзи нав дорад умед,
З-ин таманнои бузурги мардуми солори ман.
Оташи Маздоии Наврӯз партав афканад,
Бар шабистони хаёлу зулмати афкори ман.
Комил ин айёму даври кӯҳнарӯзӣ бигзарад,
Дил гувоҳӣ медиҳад, ҳар лаҳза дар ашъори ман.

(Баҳори 2012).

**Нозим Нурзода:**
**файласуф–фарҳангшинос**



## МУЖДАИ УМЕДИ УМРИ ҶОВИДОН МЕОВАРӢ

## (БА МУНОСИБАТИ 70 - СОЛАГИИ ЗОДРӮЗИ ФАЙЛАСУФИ МИЛЛӢ, УСТОДИ АРҶМАНД КОМИЛ БЕКЗОДА).

Бо хирад даври дигар, дигар замон меоварӣ,
Андар ин фарсудатан аз нав равон меоварӣ.
Бегумон, бар рағми сардиву хазони зиндагӣ,
Гармию сӯзи баҳори бехазон меоварӣ.
Ай хушо, аз баҳри навмедони маъниошно,
Муждаи умеди умри ҷовидон меоварӣ.
Дар замин, баҳри заволи ҷаҳли даҷҷолимаоб
Маҳдии мавъудро аз осмон меоварӣ.
Дар замони хастаҳолӣ, нотавонӣ, бедаранг
Қудрати эҷоду нерую тавон меоварӣ.
Банду зиндони ҷаҳолат шеваи маргофарист,
Зиндагисоз ақли озодибаён меоварӣ.
Офарад зулматманишӣ хавф, баҳри дафъи он
Ҷуръати андешаи рӯшандилон меоварӣ.
Аз даруни коргоҳи таҷриботи фалсафӣ,
Пири барҷомондаро берун ҷавон меоварӣ.
Ай туӣ, танҳо туӣ андар мабоҳиси хирад,
Ваъдаи умри абадро дар миён меоварӣ.
Сардии ҷабри адам дидӣ, барои мо кунун,
Гармии меҳри вуҷудӣ армуғон меоварӣ.

**Давлат Сафар**
**(Шоир)**



## …ҶАҲОН БО ТУ БУВАД (ДАР ҲОШИЯИ МАҲФИЛИ ФАЛСАФИИ «ҶАҲОНИ АНДЕША»-И КОМИЛ БЕКЗОДА).

Дар фалсафаи «Ҷаҳони андеша»-и ту,
Андешаи рӯзгори мо аст ниҳон.
Ҷамъ аст, ки ҷомеаву ақл аст пареш,
Дарк аст ба дил ҳамеша дар оҳу фиғон.

Исломгадоёни замон кай донанд,
Шаҳномаи андешаи созандаи ту.
Аз фалсафаи дини мубини Ислом,
Хушнуд шавад ҳамеша хонандаи ту.

Бархе ба ҳиҷобу ришу фаш такя кунанд,
Бархе ба фазоили ҳабаш такя кунанд.
Аз он, ки зи дарку фаҳми дин бехабаранд,
Бархе ба синону кашмакаш такя кунанд.

То ҳол гурӯҳе, ки мадоро доранд,
Бо «давлати исломӣ» муросо доранд.
На бандаи динанду на дар банди вафо,
Озори мусалмону насоро доранд.

Дар фасли хазони ишқ гул мечинанд,
Бо ҷаҳл дар оина хато мебинанд.
Дар сарҳади андеша таҳамул накунанд,
Бе дину диёнатанду бе оинанд.

Эй маҳзари андешаи миллат, хуш бош,
Эй тоҷи ҳунарпешаи миллат, хуш бош!
Хуш бош, ки тундӣ нест дар боди мурод,
Эй маънираси решаи миллат, хуш бош.

Миллат бо ту, фахри замон бо ту бувад,
Иллат бе ту, дарки ниҳон бо ту бувад.
Номуси тавониву тавони нангӣ,
Андеша ҳамин аст: ҷаҳон бо ту бувад.

**Нозим Нурзода:**
**файласуф–фарҳангшинос**



## МЕНАЁБАД ҶОВИДОНӢ АҚЛИ БЕБОКАТ ШИКАСТ! (ИЛҲОМ АЗ КИТОБИ «ТАЪРИХИ РАВШАНФИКРӢ АЗ ДАВРОНИ ҶАМШЕД ТО ЗАМОНИ ФИРДАВСӢ»-И ФАЙЛАСУФИ МУОСИРИ МИЛЛӢ, УСТОДИ ГИРОМИҚАДР КОМИЛ БЕКЗОДА).

Умрҳо илму фазилатмандӣ талқин мекунӣ,
Бо хирад берангиҳои умр рангин мекунӣ,
Бо замин пайванд Хуру Моҳу Парвин мекунӣ,
Зиндагиро бо ҳама зебоию зишти-ш таҳсин мекунӣ,
Марг нафрин мекунӣ!
Умр дасту по занад андар тариқи деру зуд,
Зудро падруд гӯяд, дер пайғому дуруд,
Гоҳ бо ғам ҳамшарику гоҳ бо чангу суруд,

Гуфтӣ дар дасти мо бошад дилу ҷони вуҷуд,
Қисмати буду набуд.
Ном додӣ ҷаҳлро, бешак, вабои зиндагӣ,
Ақлро унвон додастӣ шифои зиндагӣ,
Бонги озодӣ занӣ андар фазои зиндагӣ,
Мезанӣ ҳукми абад, ҳукми бақои зиндагӣ,
Чун Худои зиндагӣ.
Аз азал майли ту бо рӯшангарӣ бинишастааст,
Ақлнеруят ба рӯшанбинӣ паймон бастааст,
Фитратат аз зулмати шаб сӯйи рӯзӣ ҷастааст,
Рӯҳи худдори ту ҷисми беҳудӣ бишкастааст,
Бо худӣ пайвастааст.
Ин замон бинвиштӣ бо зӯру неруи сухан,
Таърихи рӯшангариро худ ба дасти хештан,
Аз дили дарёи боварҳо, асотири куҳан,
Баркашидӣ, бурдӣ асли Хирад, Миллат, Ватан,
То ба ҳар як анҷуман.
Файласуфи аслро дидем дар симои ту,
Бас хирад бошад сутуну мояи дунёи ту,
Ханда бар коҳил занад ин ақли бепарвои ту,
Меҳр дорад, меҳри беандоза маъбадҷойи ту,
Ҷаннатулмаъвои ту.
Зинда кардӣ ҳикмати Ҷамшеду Фирдавсӣ яқин,
Рӯҳи Ҷамшеду Фаридун гашта бо ту ҳамнишин,
Мисли Ҷамшед Осмон не, баргузидӣ ин Замин,
Офарин бар ҳамчунин ҳимматбаландӣ, офарин!
Ай ҳакими дурбин!

Рӯҳи бебокат насозад бо низоми зиндагӣ,
Ҷисми тарсу ҳеҷ нашносад мақоми зиндагӣ,
Арзиши олӣ бувад худ як каломи зиндагӣ,
Ҷуръатат аз марг баргирад давоми зиндагӣ,
Интиқоми зиндагӣ!
Мабдаи андешаат бо зиндагӣ оғоз шуд,
Ҳикмати озодагонат шеваи эъҷоз шуд,
Боби нестӣ баста гашту боби ҳастӣ боз шуд,
Гӯйӣ инсони заминӣ бо фалак анбоз шуд,
Ҳамдаму ҳамроз шуд.
Бо хирад андар масири зиндагӣ дасти ба даст,

Бардамона мезанӣ иқдом бар болою паст,
Нестӣ вазне надорад дар мизони буду ҳаст,
Менаёбад ҷовидонӣ дар набарди бимпараст,
Ақли бебокат шикаст!

**Умари Шерхон**
**(Адиб)**



## ФАЙЛАСУФЕ САХТ ШЕВО (МУСОҲИБАИ МАТБУОТИИ УСТОД КОМИЛ БЕКЗОДА БО РӮЗНОМАНИГОР УМАРИ ШЕРХОН).

**-Ном.**
-Комил.
**-Номи падар.**
-Бек.
**-Санаи таваллуд.**
-9 январи соли 1945 (рӯзи ҷумъа).
**-Ҷои таваллуд.**
-Деҳаи Узбай, деҳшӯрои Водхуд, ноҳияи Ванҷ, Вилояти Мухтори
Кӯҳистони Бадахшон.
**-Баромади иҷтимоӣ.**
-Аз хонаводаи омӯзгор.
**-Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна.**

-Аз синфи якум то чаҳорум дар мактаби ибтидоии ба номи

Свердлови деҳаи Узбай, деҳшӯрои Водхуд.

Аз синфи панҷум то синфи ҳафтум дар мактаби миёнаи ба номи Стахanови деҳаи Лугад, деҳшӯрои Водхуд.

Аз синфи ҳафтум то синфи даҳум дар мактаби миёнаи ба номи Крупскаяи деҳаи Рохарв (маркази ноҳияи Ванҷ).

**-Таҳсилоти олӣ.**

-Солҳои 1962 - 1967 донишҷӯи шуъбаи арабии факултети таъриху

филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ, шаҳри Душанбе).

Солҳои 1967 - 1973 аспиранти шуъбаи фалсафаи Акаедмияи илмҳои Тоҷикистон.

Солҳои 1973 - 1988 ходими илмии шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, дар бахши таърихи фалсафа.

**-Мавзӯи рисолаи номзадӣ.**

-“Муҳаммад Шаҳристонӣ - муаррихи фалсафа ва дин (асри XII)”.

**-Соли ҳимоя.**

-1988.

**-Ҷои ҳимоя.**

-Шӯрои илмии Академияи илмҳои Тоҷикистон (шаҳри Душанбе).

**-Роҳбари илмӣ.**

-Аъзо-корреспонденти Академияи илмҳои Тоҷикистон Ашӯров

Ғаффор Ашӯрович.

**-Рисолаи илмӣ.**

-“Мухаммад Шахристони - историк философии” (бо забони русӣ,

- Душанбе: “Дониш”, 1987).

**-Мақолаҳо доир ба мутафаккирони гузашта.**

-Дар бораи Зардушт, Ибни Равандӣ, Ибни Муқаффаъ, Абуҳайёни Тавҳидӣ, Ихвон-ус-сафо, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалии Сино, Носири Хусрав, Муҳаммад Шаҳристонӣ, Умари Хайём, Шамси Табрезӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Мирзо

Асадуллои Ғолиб, Муллоёри Ванҷӣ, Ҷамолиддини Афғонӣ, Абу Сулаймон Сиҷистонӣ.

**-Доир ба шахсиятҳои муосир.**

-"Шеъри муосири тоҷик - аз Мирзо Боқӣ то Мӯъмин Қаноат"

дар асоси 93 маҷмӯаи шеърӣ бо ҳамкории М. Ҳазратӣ ва С. Аҳмадов (Маҷаллаи "Садои Шарқ", соли 1976).

Дар бораи Муҳаммад Иқбол, Мирзо Турсунзода, Фотеҳ Абдулло, Мирзо Боқизода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Тоҳири Абдуҷаббор, Муҳаммадзамони Солеҳ.

**-Доир ба шахсиятҳои ҷаҳонӣ.**

-Дар бораи Фридрих Нитше, Аббос Маҳмуди Аққод, Муҳаммад

Иқбол, Абдураҳмон Бадавӣ, Ҷамолиддини Афғонӣ.

**-Шеър.**

-Зиёда аз 200 шеър. 55 шеър ба чоп расидааст. Аксарияти онро

рӯбоӣ, қитъа ва ғазал ташкил медиҳад.

**-Достон.**

-"Достони беном" (тарҷума аз арабӣ ба тоҷикӣ). Дар ҳаҷми

панҷоҳ саҳифаи дастхат буда, доир ба мақоми инсон дар олами ҳастӣ баҳс мекунад. Муаллифи он шоири муосири араб Холид Абдуқодир аст. Достон дар шакли мухтасар дар ҳафтаномаи "Наврӯзи Ватан" чоп шуд.

**-Ҳикоя.**

-Панҷ ҳикоя. Сетои он чоп шудааст. "Ҳикояи беном", ки

беҳтарини онҳост, дар рӯзномаи "Паёми Душанбе" ба табъ расид.

**-Таҳия.**

-Бо ҳамроҳии чанде аз ҷавонони фозили тоҷик зиёда аз панҷоҳ китоби форсиро ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ баргардонидем.

Муҳимтарин муаллифоне, ки осорашонро ба ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ баргардонидем, инҳо мебошанд: Меҳрдоди Меҳрин, Дейл Корнегӣ, Саид Насифӣ, Эрик Фромм, Муҳаммад Шафеии Кадканӣ (Сиришк), Муҳаммад Иқбол, Алии Даштӣ, Саид Муҳаммад Акрам, Ризо Бароҳанӣ, Алии Шариатӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Аҳмад Касравӣ.

-**Муҳимтарин осори таҳияшуда.**

-“Фалсафаи Шарқ”, “Ойини дӯстёбӣ”, “Қаламрави Саъдӣ”, “Мусиқии шеър”, “Дар диёри сӯфиён”, “Нақше аз Ҳофиз”, “Тасаввуф чист ва сӯфиён кистанд?”, “Тилло дар мис - дар бораи шеър ва шоирӣ”, “Сайри фалсафа дар Эрон”, “Бозгашт ба сӯи хештан”, “Шеър чист ва шоир кист?”, “Сайре дар девони Шамс”, “Ҳунари ишқ варзидан”, “Чаҳор пайғамбари даврони мо”, “Хатти саввуми Шамси Табрезӣ дар ҷаҳони андеша”, “Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон”.

-**Тарҷума.**

-Қисмате аз осори шахсиятҳои зеринро аз русӣ ва арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардаам: Мустафо Маҳмуд, Алберт Эйнштейн, Абӯалии Сино, Робиндронад Тагор, Абдураҳмон Бадавӣ, А. Асмус, Азиз Несин, Ҷуброн Халил Ҷуброн.

-**Осори фалсафӣ.**

-Китоби “Устураи Намруд”. Дар мавзӯи марг ва мақоми он дар зиндагии инсон баҳс мекунад. Қисматҳое аз ин китоб дар шакли дастнавис омода шудаанд. Мавзӯи асосии китобро дар шакли гузориш дар Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба муҳокима гузошта будам.

-**Радио.**

-Дар радиои ҷумҳурӣ доир ба мавзӯъҳои зерин баромад кардаам:

“Конститутсияи нав аз диди фалсафӣ”, “Шаш роҳи наҷот аз бӯҳрони маънавӣ дар Тоҷикистон”, “Адабиёти фалсафӣ чист?”, “Мақоми зан дар ҷомеаи мо чӣ гуна аст?”, ...

-**Телевизион.**

-Ба воситаи оинаи нилгун дар мавзӯъҳои зерин суханронӣ намудаам: “Бозсозӣ ва фалсафаи таълиму тарбия дар Тоҷикистон”, “Муҳаммад Иқбол - шоири файласуф”, “Хушбахтӣ чист”, “Шахсияти сиёсии Исмоили Сомонӣ”, ...

-**Мусофират ба кишварҳои дигар.**

-Солҳои 1965 - 1966 дар Университети давлатии Миср дар шаҳри Қоҳира таҳсил намудам. Ҳадаф аз ин сафар омӯзиши забони арабӣ буд.

Солҳои 1969 - 1970 дар шаҳри Ҳудайдаи Ҷумҳурии Ямани Араб (Ямани Шимолӣ) ба сифати тарҷумони забонҳои русӣ - арабӣ кор кардам. Қисмати асосии кор ба кишоварзӣ дахл дошт.

Солҳои 1976 - 1979 дар шаҳрҳои Адан ва Мукаллои Ҷумҳурии халқӣ - демократии Яман (Ямани Ҷанубӣ) чун тарҷумони забонҳои русӣ - арабӣ кор кардам. Қисмати асосии кори ман дар омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ, саридораи омор, Вазорати иқтисод ва нақшагирӣ сурат мегирифт.

**-Мавзӯи рисолаи докторӣ.**

-Соли 1994 Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои

Тоҷикистон мавзӯи рисолаи доктории маро бо номи "Мақоми инсон дар Авесто" тасдиқ кард. Мушовири (консултанти) илмии ман доктори илми фалсафа, академик Мӯсо Диноршоев мебошад.

Бобҳои асосии рисола дар шакли дастнавис омода шудаанд.

**-Мавзӯъҳои асосии таҳқиқоти Шумо.**

-Аз ибтидои фаъолияти таҳқиқотӣ то имрӯз (марти 1999) дар мавзӯъҳои зерин китоб ва мақолаҳо таълиф намудаам (ва ё андешидаам): Таърихи мазҳабҳои динӣ ва фалсафӣ дар тамаддуни исломӣ; таърихи фалсафаи Шарқ; таърихи атеизм дар ислом; фалсафаи шеър; таърихи илоҳиёт дар ислом; сӯфиёни Араб ва Аҷам; сӯфиёни бузурги Эрон; Суҳравардӣ, Шамси Табрезӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Аттор, Саноӣ, фалсафаи Юнони қадим, файласуфҳои пеш аз Суқрот;

Файласуфони имрӯзаи Урупо: ақидаҳои фалсафии Ҷон Пол Сартр, Албер Камю, Мерло Понти, Симон де Бовуар, Мартин Ҳайдеггер, Карл Ясперс, Артур Шопенгауэр, Фридрих Нитше, Франс Кафка, Николай Бердяев, Николай Федоров, Василий Розанов, Лев Толстой, Феодор Достоевский.

Фалсафаи муосири Араб: Абдураҳмон Бадавӣ, Закариё Иброҳим, Аббос Маҳмуди Аққод, Мустафо Маҳмуд, Анис Мансур, Абдуғаффор Маковӣ, Муҳаммад Абда, Абдураҳмон Кавокибӣ; шеъри нав дар ҷаҳони араб; накду адабиётшиносии имрӯзаи араб: Таҳо Ҳусейн, Салома Мӯсо, Тавфиқ-ул-Ҳаким, Муҳаммад Қутб, Холид Муҳаммад Холид, Ҷуброн Халил Ҷуброн, Михаил Нуайме, Мустафо Ғолиб;

Шахсиятҳои муосири Эрон: Саид Нафисӣ, Парвиз Нотил Хонларӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Қосим Ғанӣ, Аҳмад Касравӣ, Нимо Юшиҷ, Алии Даштӣ, Алии Шариатӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Ризо Бароҳанӣ, Нодири Нодирпур,

Маҳдӣ Ахавони Солис (Умед), Абдуалии Дастғайб, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Муртазои Мутаҳҳарӣ.

**-Аҳли хонавода.**

-Завҷаам: Арӯс бинти Сафӣ (Аз рӯи шиноснома: Устоева Одинамоҳ). Соли таваллудаш 1954, маълумоташ миёна, ҷои таваллудаш деҳаи Вравзи деҳшӯрои Водхуд, ноҳияи Ванҷ.

Духтарон: Нозанин - синфи 10-ум, Зебанда - синфи 9-ум, Сабзина - синфи 7-ум.

Писарон: Ҷовидон - курси 3-юми факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Дидавар - синфи 3-юм.

**-Падару модар ва бародарон.**

-Падар: Иззатов Бек (1921 - 1981), муаллим, дорои маълумоти

нопурраи педагогӣ, сокини муқимии деҳаи Взбайи ноҳияи Ванҷ.

Модар: Вазирова Мошариф, соли таваллудаш 1925, зодаи деҳаи Вравз, маълумоташ миёна, ҳоло нафақахӯр, коргари совхози “50-солагии СССР”-и ноҳияи Ванҷ буд.

Бародарон: Беков Иброҳим, соли таваллудаш 1954, маълумоташ олии техникӣ; Беков Муҳаммадсатор, маълумоташ касбӣ-техникӣ, Беков Аҳмад, маълумоташ олии педагогӣ.

Хоҳарон: Бекова Гулсуман, Бекова Фотима, Бекова Оиша, Бекова Ҳалима. Ҳамаашон маълумоти миёна доранд.

**-Нақшаҳои оянда.**

-Ба поён расонидани рисолаи докторӣ дар мавзӯи “Мақоми инсон дар Авесто”; анҷом додани тарҷумаи достони фалсафии шоири муосири араб Холид Абдуқодир бо номи “Достони беном” (аз забони арабӣ ба тоҷикӣ).

**-Муваффақ бошед.**

-Ташаккур.

**Мусоҳиб Умари ШЕРХОН**
***Бознашр аз рӯзномаи***
***“Ҷавонони Тоҷикистон”,***
***№15 (8573), 08.04.1999***

**Фирдавс Мирзоёров:**
**файласуф–рӯзноманигор**



## КОМИЛ БЕКЗОДА – МУҲАҚҚИҚИ ДЕРОШНО

Дар хусуси зиндагӣ ва фаъолияти шахсиятҳо чизе навиштан мушкил аст ва ҳам осон. Зеро нависанда андеша мекунад, ки оё ман зимни инъикоси афкору андешаи шахсияти мазкур ғалат накардаам ва ин дидгоҳи ман ба воқеият дуруст меояд ё хайр? Аз ин рӯ, дар бораи касе чизе навиштан, ҳам масъулият аст ва ҳам ифтихор.

Шахсияте, ки ман инҷо дар барои ӯву афкору афъолаш менависам, Комил Бекзода аст ва ҳар чӣ менигорам, андешаи сирф шахсӣ аст.

Аз рӯйи маълумоти ба ман дастрас Комил Бекзода соли 1945 дар Тоҷикистони Шӯравӣ дар хонаводаи омӯзгор таваллуд шудаанд. Хатмкардаи бахши арабии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (соли 1967) мебошанд. Аз соли 1968 то ба имрӯз дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи бо номи академик А.М. Баҳоуддинов, ки тайи солҳои гуногун тағйири ном кардааст, дар шуъбаҳои таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг машғули ҷустуҷӯву пажӯҳиш ва таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Шиносоии ман бо Комил Бекзода дар идораи ҳафтаномаи «Пайкон» оғоз шуд. Ин соли 2009 буд. Ман, ки он вақт ба сифати мусаҳҳеҳ дар ҳафтаномаи зикршуда фаъолият доштам, хамаи маводи ҷориро ба пуррагӣ мехондам. Зимни хондани маводи «Ояндаи равшанфикрони миллӣ» ман дарк намудам, ки муаллифи он дидгоҳи наве дорад, баояндаи равшанфикрӣ ва равшанфикрони миллӣ.

Бо гузашти чанд вақт худи устод Комил Бекзода ҳам ба идораи ҳафтаномаи мо, ки дар ошёнаи 14-уми Маҷмааи рӯзномаву маҷаллаҳо (ГЖК) воқеъ буд, омаданд, то идомаи силсиламақолаашонро ба котибаи мо Нигина диҳанд, ки дар компютер ҳуруфчинӣ намояд ва мо онро дар шумораҳои баъдӣ чоп намоем. Ин то замоне ки ҳафтаномаи «Пайкон» ба табъ мерасид, идома дошт.

Баъди аз нашр бозмондани ҳафтаномаи «Пайкон» ман боз ба фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ баргаштам ва ба ҷустуҷӯйи навиштаҳои Бекзода оғоз кардам. Хушбахтона, ман, ки дар китобхонаи илмии Донишгоҳ фаъолият доштам, пайдо намудани китобҳои «Паёмбарони фарҳанги мо» (маҷмуаи мақолаҳо). Ҷилди аввал. - Душанбе: Нодир, 2000. - 124 с., «Гурез аз Хайём». - Душанбе: Нодир, 2002. - 136 с. бароям осон шуд. Баъди мутолиаи ин китобҳо ба ман маълум шуд, ки Бекзода ҳамчун як файласуф, воқеан, дидгоҳи тоза ба мероси фарҳангии гузашта дорад. Бо ибораи дигар, назари ӯ нисбат ба мероси гузашта холисона ва файласуфона буда, дар баъзе ҳолатҳо назари интиқодӣ аст, зеро илм ин фақат таърифу тавсиф набуда, балки интиқод низ ҳаст.

Монографияи «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ»-и Комил Бекзода дар бораи яке аз ҷунбишҳои бонуфузи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар аҳди аввали Ислом баҳс мекунад. Дар он муҳаққиқ Комил Бекзода бори аввал ҳаракати шуубияро мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор дода, ташаккул ва инкишофи онро бар асоси маъхазҳо ва адабиёти таҳқиқӣ муайян намуда, мақоми ҳаракати мазкур ва таъсири онро дар тарзи давлатдории хилофати араб, то замони ба вуҷуд омадани аввалин давлати тоҷикон нишон додааст.

Дар хусуси рукнҳои фарҳанги халқи тоҷик, ки заминаҳои худшиносии миллии форсу тоҷикро то зуҳури ислом ба вуҷуд оварда буданд, Комил Бекзода дар монографияи «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ» чунин менависад: «Фарҳанги халқи тоҷик аз қадим то имрӯз ду рукни асосӣ доштааст: яке ғояи худшиносии миллӣ, ки асосгузораш Ҷамшед писари Вивангаҳон буд ва дигаре ғояи худшиносии динӣ, ки асосгузораш Зардушт писари Спитамон аст.

Ин ду ғоя дар тӯли таърих бо ҳам дар рақобати гоҳ пинҳону гоҳ ошкор буданд ва ҳоло ҳам дар ин рақобат қарор доранд» (саҳ. 25).

Комил Бекзода ба маънии томаш файласуф аст, зеро тавонистааст, маҳфили фалсафиеро бо номи «Ҷаҳони андеша» созмон диҳад ва афроди гуногунандешаро гирди ҳам оварад. Ин маҳфил, ба гуфтаи устод, «маҳфилест, ки шахсиятҳоеро, ки андешаи миллӣ ва созандагӣ доранд, ба ҳам меорад». Дар маҳфил бештар масъалаҳое матраҳ мешаванд, ки дархӯри ҷомеа буда, барои ташаккули андешаи миллӣ ва худшиносӣ мусоидати амалӣ менамоянд. Ҳар нафаре, ки боре ба ин маҳфил рафтааст, ҳатман барои тағйири андешаи созандаи худ мекӯшад, зеро дар маҳфил афроде ҷамъ мешаванд, ки ба ояндаи ватану миллат ва ҳатто инсоният бетараф нестанд. Устод Бекзода мактаби фалсафии худро доранд, агар гӯем, муболиға намешавад, чунки тавонистааст дар муддати зиёда аз 45 сол афроди соҳибандешаву соҳибақидаеро омода кунанд, ки ҳар кадом дар соҳаи таҳқиқи худ мустақил ҳастанд.

Хислатҳои фардии устод Комил Бекзода, ба андешаи ман, инҳоянд:

- доим чеҳраи хандон доштан;
- ба ҳар масъала аз нуқтаи назари касбият баҳо додан;
- суханони бо далелу бурҳон гуфтан;
- ба ҳама муомилаи хуби инсонӣ кардан;
- ҳамаи мушоҳидаҳои худро дар дафтар сабт кардан;
- ҳамеша ба дастхат санагузорӣ намудан;
- ба пурсиши дӯстон шӯхиомез ҷавоб гардондан;
- дар ҳамаи фасл бо кӯлоҳ гаштан;
- ҳамеша фарҳанги миллиро тарғиб намудан;
- ба ҳама бовар доштан;
- зудбоварии зиёноварро чун одат тарк карда натавонистан;
- ҳамеша ва дар ҳама ҳолат табассуми малеҳ карда тавонистан.

Ин хислатҳое ҳастанд, ки ман ҳамчун як ҳамандеша ва ҳамкор дар фаъолияту рафтори устод Комил Бекзода пайдо кардам ва ин дидгоҳи фардии ман аст.

Ба қарибӣ устоди азиз ва файласуфи шево Комил Бекзода ба синни муборакӣ 70- солагӣ ва авҷи камолот қадам

мегузоранд ва ба эшон саломатӣ, сарбаландӣ ва тамоми хушиҳои рӯзгорро таманно намуда, дар фаъолияти илмиву таҳқиқотиашон барору комёбӣ хоҳонам.

ഇന്ദ

**Номвар Қурбон:**
**файласуф–физикдон**



## ИНСОНИ КОМИЛ ВА ОЛИМИ ФОЗИЛ

Аввалҳои моҳи сентябри соли 2011. Он замон ман дар курси 5-уми факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил менамудам. Рӯзе баъд аз дарс ба Китобхонаи илмии факултаҳои гуманитарии ДМТ, ба назди корманди илмии китобхонаи фавқ Фирдавс Ниёзӣ рафтам, ки дар он ҷо инсони воқеъбин ва ҷомеашиноси ҷасур Шодӣ Атоӣ оид ба кадом масъалае (ёдам нест, чӣ масъала буд) сухбат дошт. Он замон Атоӣ дар риштаи аспирантураи факултети фалсафаи ДМТ таҳсил менамуд. Вай аз ман хоҳиш намуд, ки бо ҳамроҳиаш ба Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ равем, чунки дар он ҷо соати $14^{00}$ маҳфили илмӣ - фарҳангие бо номи «Ҷаҳони андеша» баргузор мегардид. Мо ба пажӯҳишгоҳи зикршуда рафтем, ки дар зери дарахтони боғи назди пажӯҳишгоҳ чанд

нафар ашхоси ба ман ношинос саргарми суҳбатҳои фалсафӣ буданд. Ба худ андешидам, инҳо машшоиёни муосири тоҷик ҳастанд. Вале баъдтар ба ман аён гардид, ки эшон файласуфони озодандешу рӯшанфикр ва воқеъбину донишманд ва инсонҳои гуманисту ҳақиқатҷӯи фалсафаи имрӯзи Тоҷикистон будаанд.

То ин лаҳзаҳо ман аз байни эшон танҳо бо номи Комил Бекзода шинос будаму тамом. Вале, то ин вақт устод Бекзодаро ҳамчун шоир мешинохтам, на файласуф. Баъдтар фаҳмидам, ки ин марди хирад яке аз файласуфони соҳибмактаб ва аз зумраи ховаршиносони номвари миллат будааст. Маҳз бо ташаббуси бевоситаи ин марди наҷиб ва устоди гиромӣ моҳи октябри соли 1993 дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» таъсис дода шудааст. Маҳфили номбурдаро, бемуболиға, «Мактаби фалсафии Бекзода» унвон кардан мумкин аст, зеро маҳз ҳамин маҳфил аз овони таъсисёбӣ то имрӯз тавонист, ки дари илму хирад, фарҳангу маърифат ва озодихоҳию равшанфикриро ба рӯйи даҳҳо ҷавонони соҳибзавқу илмдӯст боз намояд.

Дастпарварон ва файласуфоне чун Ҳафиз Холиқзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Нозим Нурзода, Шодӣ Атоӣ, Исомуддин Шарифзода, Нуриддин Шаҳобуддин, Усмон Камолиён, Фирдавси Ҳаит, Ҷамшеди Азимпур, Озоди Абдусабур, Убайдуллои Раҳмат, Латиф Латифӣ, Мустафо Қаландар, Илҳомшо Қурбоншо ва дигарон имрӯз дар бахшҳои гуногуни фалсафа пайи омӯзишу пажӯҳиш мебошанд.

Дар маҳфили онрӯзаи «Ҷаҳони андеша» шахсе доир ба муқоисаи андешаҳои фалсафии ду тан мутафаккирони шаҳири фалсафаи вуҷудӣ - Жан Пол Сартр ва Албер Камю сухан меронд. Каме баъд ба ин марди фозил шинос шудам, ки ин нафар файласуф ва инсоншиноси ҷавони тоҷик Ҳафиз Холиқзода буда, рисолаи докториашро соли 2011 дар шаҳри Бонни Олмон сарбаландона дифоъ кардааст. Аз ҳамон рӯз оғоз карда, ман низ ба ин гурӯҳи озодандешу равшанфикр пайравӣ намудам ва ҳар ҳафта - рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа ба сӯйи маҳфили «Ҷаҳони андеша» мешитофтам. Ҳатто баъзан рӯзи баргузории маҳфилро бесаброна интизор мешудам. Ҳамин тавр, ин маҳфили илмию фарҳангӣ дар ҷаҳонбинии ман «таҳаввулот»-ро ба амал овард. Инчунин, дар ин маҳфили

фалсафӣ фурсате пайдо намудам, ки бо чанд нафар аз донишмандону фарҳангиёни Эрон ва Афғонистон ошноӣ пайдо кунам. Хулосаи калом, агар дар ҳар як пажӯҳишгоҳи Академияи улум ҳамин гуна маҳфили тахассусии озодамалкунанда фаъолият мекард, итминони комил дорам, ки ин амал баҳри ташаккули илми кишвари азизамон заминаҳои мусоидро фароҳам меовард. Вале афсӯс, ки ҳар мафҳил ба монанди «Ҷаҳони андеша» озод ва ҳар олиме чун Бекзода хайрхоҳу озодандеш нест.

Аз рафти иштирок дар маҳфили «Ҷаҳони андеша» ба ман маълум гардид, ки маҳз ҳамин маҳфили илмӣ тавонист, ки ҷавононро аз бозиҳои маҳалгароӣ, пайравии мазҳабҳои аҷнабӣ, миллатгароиҳои хориҷӣ, бунбасти фикрӣ ва костагии фарҳангу маърифат берун орад. Зеро худи устод Бекзода аз ҷумлаи он олмонест, ки ҳеҷ гоҳ дар доираи синну сол, ҷинсу пӯст, маҳаллу миллат, дину мазҳаб ва ҳайъати этникию нажодӣ ҳарф намезананд, илова бар ин, ӯ инсонест, ки ҳамеша ҷаҳонро бо чашми нек менигарад ва ҳамавақт дар бораи зиндагӣ ва ҳаёти воқеии тамоми аҳли башар сухан мекунад. Бекзода ин гуна суханонро натанҳо ба забон мегӯяд, балки вуҷуди ӯ инро эҳсос менамояду рафтораш таҷассумгари ин амалҳои накӯ аст ва эҷодиёташ саршор аз меҳру муҳаббат ва ваҳдату якпорчагии кишвари азизаш - Тоҷикистон мебошад:

**Зодаи Хатлону Вахшону Зарафшонем мо,**
**Як шароре аз дили лаъли Бадахшонем мо.**

Устоди соҳибназар Комил Бекзода шахси хоксору меҳрубон, фидокору поктинат, ростқавлу поквиҷдон, дорои хиради баланд ва донишу заковати хуб буда, дар кор нисбат ба худ ва дигарон серталаб мебошад. Ин устоди оқилу фозил имрӯз дар айни камолоти таҳқиқотию эҷодист ва бо талошу заҳматҳои бештар аз пештараш, ният дорад, дар пешрафти илму тарбияи донишҷӯёну олимони ҷавон ба манфиати халқу Ватани азиз саҳми арзишманд гузорад. Шогирдони сершумору ҳамкорон ва дӯстону пайравонаш ба ӯ тани дуруст, умри дарозу пурбаракат, тавфиқи илмию эҷодӣ таманно доранд.

Фаъолияти илмию омӯзгории устоди гиромиқадр Комил Бекзода бо ин хулоса намешавад. Имрӯзҳо, чун рӯзгори пешин, устоди азиз бо нерую ақли созанда дар пайи омода

намудани олимони ҷавон ва тадқиқоту пажӯҳишҳои ҷадиди илмӣ мебошад. Ин марди шариф, инсони оқилу хирадманд, устоди ҳалиму мушфиқ дар айёми камолоти худ аст ва бояд дониши андӯхтаи худро баҳриривоҷу равнақ бахшидан ба илми ватани маҳбубаш, беш аз пеш, ба кор барад. Устоди гиромиқадру меҳрубонро ба муносибати 70 - умин солгарди баҳори умраш табрику муборакбод гуфта, пеш аз ҳама, барои ӯ ва аҳли оилааш саломатӣ, умри дароз, хотири ҷамъ, бахту саодат талаб дорем. Орзумандем, ки ин устоди азизи мо чун пештара ҷавону солим бошад ва таманно мекунем, ки Коиноти нопайдоканор чанд сифри дигар бар 70 - и ӯ бияфзояд, то ин инсони донову олими тавоно, ҳар чӣ дар умри гузаштаи худ андӯхтааст, дар оянда бештар амалӣ намояд. Ва маротибаи дигар аз пайи тадқиқоти илмӣ рафта, ба қуллаҳои фатҳношудаи илми фалсафа бирасад:

**Марди ҳунарманди ҳунарпешаро,**
**Умр ду бояст дар ин рӯзгор.**
**То ба яке таҷриба андӯхтӣ,**
**Бо дигаре таҷриба бурдӣ ба кор.**

Ҷашни фархундаи 70 - солагии устоди бузургвор Комил Бекзодаро бо меҳру муҳаббати хуршедӣ, бо насими гулбезу муаттари соҳилҳои рӯди пурфайзи Панҷ, бӯйи рӯҳпарвари меваҳои шаҳдрези боғу бӯстони Ванҷ, устуворию пуртоқатии кӯҳсори Бадахшон, каломи саршори дӯстию садоқати ҷовидонӣ табрику таҳният гуфта, ба ишон умри дарози бегазанд ва бахту иқболи баланд таманно мекунам ва шоҳбайти машҳури ӯро тақвиятдиҳандаи ин гуфтаҳо медонам:

**Соҳили рӯди Зарафшон мактабам,**
**Минбарам кӯҳи Бадахшон буду ҳаст.**

Дар амалӣ гаштани ин нияти хайр ба марди шариф, инсони поквиҷдон ва устоди арҷманд Комил Бекзода тани сиҳату неруи дучанд ва рӯзгори ободу бегазанд таманно дорам.

**Ҷашни мавлуди 70 муборак, устоди азиз!**

**Исомиддин Шарифзода:**
**файласуф–арабшинос**



## ХИРАДМАНДИ РАВШАНЗАМИР

Дар ҳар марҳилае аз рӯзгори башар, ки шебу фарозҳо ва шикасту бархостанҳо дорад, ин хирадмандонанд, ки роҳнамову роҳкушоянд ва ба масобаи нур худафрӯзӣ мекунанд, то фардои дигаронро рӯшаноӣ бахшанд. Маҳз нақши муҷаллои ҳамин нафарон аст, ки тавассути офаридаҳояшон, вобаста аз сатҳу авзоъи рӯзгор, ба зиндагии инсоният маънӣ ва моҳият мебахшанд ва ё ҳадди ақал зиндагии пурталотуму пур аз мушкилу фалокатро қадре саҳлу содда менамоянд ва ба инсонҳо умед мебахшанд. Ҳамин хирадмандонанд, ки дар миллатсозиву тамаддунофарӣ нақши калидӣ доранд ва дар як вақт се марҳиларо фаро мегиранд: гузашта, ҳол ва оянда. Гузаштаро медонанд, ҳолро дарк мекунанд ваояндаро пешбинӣ менамоянд. Ин нафаронанд, ки мушкили замонро дарк мекунанд ва дар пайи ҷустори роҳи ҳалланд. Хирадмандони асиланд, шабаҳ нестанд, онҳо бо хираду заковат ва ақлу ҳуши худ такя мекунанд ва чун суръати даркашон бештар аз афроди ҷомеаи вақт аст, назди оқилнамоёни вақт девонаанд ва назди ояндагон нобиғаанд. Ҷасорат доранд ва дар баробари ҳазорон хатар қарор мегиранд, то пардаҳои нодониву хурофот ва ҷаҳлу таассуброро бишкофанд ва нури хираду ҷовидонагиро вуруди зиндагии инсонҳо намоянд. Маҳз маҳсули андешаву хиради ҳамин нафарон аст, ки барои рушду инкишофи ҷомеа чун ҷавҳар

шуда, зиндагиро шукуфо ва ҳаётро хуррам мегардонанд. Агар ба таърихи миллатамон назар афканем,хоҳем дарёфт, ки дар ташаккулу рушду он саҳми садҳо тан аз чунин хирадмандон аст, ки нақши муҷаллои хешро бо офаридаҳояшон дар пайкараи он гузоштаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо ва инсони хирадманду вораста дар замони мо устод Комил Бекзода аст.

Соли 1994 дар курси дуввуми донишгоҳи омӯзгорӣ, факултаи филологияи тоҷик таҳсил мекардам, вале, аз он ки ибтидо мехостам донишҷӯйи Донишгоҳи миллӣ (факултаи шарқшиносӣ) бошам, тобистони ҳамон сол ҳуҷҷатҳоямро ба ин факулта супоридам ва донишҷӯ шудам. Моҳи октябри ҳамон сол буд, ки эълонеро дар даромадгоҳи бинои 11-и донишгоҳ хондам, ки рӯзи панҷшанбе маҳфили «Ҷаҳони андеша» баргузор мешавад. Рӯзи муқарраршуда, ҳамроҳи шарикдарсам Ёрмуҳаммад Ниёзӣ ба маҳфил омадем, гузоришгар устод Бекзода буданд, гузориш хело ҷолибу хотирмон буд ва дар зеҳнам чандин андешаҳои навро тавлид кард ва минбаъд ҳамроҳи Ниёзӣ бе таъхир дар маҳфил ширкат мекардем. Оҳиста-оҳиста ману Ниёзӣ низ ба ширкаткунадагони доимии ин маҳфил Ҳафизу Нуриддин ва Нозиму Азимпуру дигарон риштаи дӯстӣ барқарор кардем. Баъдан нафарони зиёде омаданду рафтанд. Ҳамин тавр, муддати зиёда аз 20 сол аст, мо аъзои ин маҳфилем. Тӯли ин муддат садҳо мавзӯъҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, даҳҳо аз донишмандони риштаҳои мухталиф гузориш додаанд.

Шояд хонандаи гиромӣ як суоле кунад, ки хуб, як маҳфил, яъне чӣ? Даҳҳо маҳфилҳо буданду ҳастанд ва ин маҳфил чӣ бартарие дошт? Воқеият ин аст, ки ин танҳо як маҳфил набуд, ки ба хотири кадом ғаразе роҳандозӣ шуда бошад, балки як мактаби воқеие буд, ки ташаккул ёфт, рушд кард ва самар дод.

Ба назари ман аҳамияти хоссаи ин маҳфил он буд, ки ба дидгоҳҳои илмии гуногун ошно шудам, муҳимтар аз он, вориди дунёи фалсафӣ шудам, ки тақрибан дӯстонам, аъзои ин маҳфил низ ҳамин ҳолатро аз сар гузарониданд ва ин ба хислатҳои наҷиби Бекзода сахт вобастааст, ки аз ин қабиланд: Аввалан, ҳарчанд аз нигоҳи синнусолӣ байни мо 30 сол тафовут буд, вале ҳеч гоҳ устод моро аз худаш кам намеҳисобид ва ҳамеша бо мо бо эҳтиром муносибат мекард.

Дуввум, агарчи назари мо дар ин ё он масъала нодуруст буд, онро қатъан инкор намекард ва мегуфт, назари дигар низ вуҷуд дорад ва бо як шеваи муаддабона моро ислоҳ менамуд. Ба ҳама гуна дидгоҳ ҳисси эҳтиром дошт ва ҳеҷ гоҳ кӯшиши ақидаашро таҳмил карданро бо дигарон накардааст. Саввум, ҳар китоби наве, ки мехонд, онро ба мо тавсия мекард ва агар имкон дошт, онро ҳатман ба мо дастрас менамуд ва агар дар китобхонаи миллӣ ё китобхонаи Рудакӣ буд, ҳатман нишонҳои дастрасиашро ба мо ирсол мекард. Дар замираш бухлу кинаву нотавонбинӣ надошт. Чаҳорум, ба мо омӯхт, ки чиро бояд хонд ва чӣ гуна бояд хонд. Панҷум, такаллуфу тамаллуқ ва худбохтагиву бечоранолиро қабул надошт. Шашум, ҳеҷ гоҳ бо мо аз назари мансубияти маҳал ҳарфе назадааст. Шӯрбахтона, ин дарди муҳлики миллаткӯш домангири нафарони зиёд аст, ки боиси нашнохтани истеъдоду тарбияи дурусти кадрҳо мешавад ва дар маҷмӯъ, боиси оқибзадагии миллату кишвар мегардад. Устод аз ин дидгоҳҳои тангу паст куллан вораста аст. Ҳамеша аз тоҷику ориёиву башарият гуфт. Ҳамин аст, ки дар осораш кӯшидааст, то собит намояд, ки тоҷикон, аслан дорои ҷаҳонбинии илмианд ва фарзандони фарзонааш дар рушди ин ҷаҳонбинӣ саҳми наззаррасе доранд. Ҳафтум, моро аз тафаккури бунбастиву хурофотӣ раҳонид. Ҳаштум, моро вориди шинохти мушкили аслии башарият, яъне марг намуд. Нуҳум, ба мо ҷасорат омӯхт. Даҳум, дар ин муддат, ки маҳфил борҳо ба мушкилу фишор дучор омад, ба мо ҳисси хушбин (оптимист) буданро омӯхт. Ёздаҳум, аз ин ки худ аз қайди молу ҷоҳ вораста буд, ба мо ҳисси ворастагиро омӯхт. Дувоздаҳум, дар солҳое ки мардум мушкили нон дошт (манзурам замони ҷанги шаҳрвандӣ), пораи нонеро дар кифаш ба маҳфил меовард ва онро баробар бо аъзои маҳфил қисмат менамуд ва бо ин шева ба мо шафқату одамият ва мусовиятро омӯхт. Сездаҳум, бо хираду фаросату оянданигариаш ҳамроҳ ба аъзои маҳфил тарҳи ҷаҳонбинии ояндаро равшан намуд.

Устод Бекзода тайи солиёни умрфарсо асарҳои гаронмояи хешро таълиф намудааст, ки умдатарин масоили миллӣ, фарҳангӣ ва башариро фарогиранд. Аз ҷумла: «Паёмбарони фарҳанги мо» (маҷмӯи мақолот, ҷилди аввал). - Душанбе: Нодир, 2000. - 124 саҳ.; «Гурез аз Хайём» (маҷмӯаи шеърҳо). -

Душанбе: Нодир, 2002. - 136 саҳ.; «Аз таърихи худшиносии тоҷикон. Аз пайдоиши Ислом то охири давлати Сомониён». - Душанбе: Дониш, 2006. - 149 саҳ.; «Бозгашти Ҷамшед. Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ» (маҷаллаи Шоҳроҳи Ваҳдат дар шаш шумора). Душанбе, 2001. «Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ». - Душанбе: Дониш, 1986. - 36 саҳ.; «Ояндаи равшанфикрони миллӣ» (силсилаи мақолаҳо дар рӯзномаҳои «Мино» ва «Пайкон»). Душанбе, 2009 - 2011.; «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ». Душанбе: Дониш, 2012. - 434 саҳ. Осори мазкур ҷанбаи баланди илмиву амалӣ дошта, дар шинохти фарҳанги миллӣ, рушанфикрӣ, хурофазудоӣ, шинохти мушкили марг аҳамияти вижаро дороанд.

Бешубҳа, устод  Бекзода хирадманди равшанзамиру соҳибмактаб аст, ки равишу услуби хоссаи худро дорост ва дар асри равон камтар касонеанд, ки дар фарҳанги миллӣ чунин ҷойгоҳро сазовор бошанд. Имрӯз шогирдони мактаби Бекзода ҳама солору ба камол расидаанд, ки дар ҳаёти иҷтимоии кишвар ҳар яке саҳмгузоранд. Кош устодони дигар ҳам мисли Бекзода ва мактаби ӯ беғараз барои пешрафти кишвар саҳмгузорӣ менамуданд. Ин мактаб таҷриба ва омӯзишест, ки минбаъд бо чунин шеваи муассир метавон миллатро тарбият намуд.

Имрӯзҳо устоди хирадманди фарзона Комил Бекзода ба синни муборaки ҳафтод медароянд ва бо камоли эҳтирому самимияти хос устодро ба ин санаи фархунда шодбош гуфта, барояшон сиҳатмандии комил, сарсабзӣ, файзу баракат дар умр,илҳоми саршор дар роҳи расидан ба қуллаҳои баландтарини эҷод ва рушди фарҳангу илми миллӣ таманно менамоям.

**Зиҳӣ, устоди хирдманду фарзона!**

**Меҳр Собириён:**
**файласуф–иқтисоддон**



# РОҲИ Ӯ РОСТИСТ

Баҳори 2014 буд. Ду сол боз дар паҳнои интернет бо чанде аз дӯстони фейсбукӣ, бар зидди хурофот, бегонапарстӣ, миллатситезӣ, душмантарошӣ аз чеҳраҳои миллӣ ва қаҳрамонтарошӣ аз душманони таҷовузкори Ватан мубориза мебурдем. Аз рафти баҳсҳо маълум буд, ки дар кишвари мо худшиносон ва меҳандӯстон кам нестанд, аммо дар баробари «Морони Заҳҳокӣ» аз тарс ва дигар сабабҳо хомӯширо ихтиёр мекунанд ё бо парда сухан мегӯянд. Ба ҳар ҳол, бо ангуштшумор дӯстон рӯйирост, бепарда мубориза мебурдем ва аз паҳнои интернет баромадан ҳатто дар хаёлам набуд. Фикр мекардам ҳеҷ касе нест дар ватан, ки миёни ҷомеа нотарсона дар рӯ ба рӯйи мутаассибин истода, дифоъ аз арзишҳои миллӣ кунад. Охир, ин мутаассибон ҳазор намуд номардиву найранг медонанд, ки хирадмандонро дар тӯли торих ба сад бало гирифтор карда буданд. Фикр мекардам, соҳибназарони имрӯза ба ин тақдир тан дода, дигар ҷуръати муборизаро надоранд.

Ҳамин давра буд, ки дар интернет ва матбуот яке паси дигаре, матлабҳо бар зидди файласуф Комил Бекзода пайдо шуданд. Мегуфтанд, ин файласуф китобе навиштаст ва дар он худоро инкор кардааст, зидди дин сухан гуфтааст ва ҳиссиёти моро таҳқир кардааст. Аммо аз иқтибосҳое, ки аз ин китоб меоваранд, ягон таҳқиру тавҳин нисбати касе дида намешуд. Баръакс, таҳқиру носазогӯйӣ нисбати файласуф дида мешуд.

Мо ҳам дар баҳсҳои интернетӣ иштирок кардем ва талаби далел кардему талаби эҳтироми файласуфро. Аҷибаш ин буд, ки ҳар кӣ устодро аз наздик мешинохт, ягон сухани баде дар бораи ӯ намегуфт. Ҳатто пешсафони ба истилоҳ «муллоҷанг», ки худ мулло буданду муллоҳои рақибро ба сад носазогӯйӣ мезаданд, мегуфтанд, ки шахсияти устодро эҳтиром мекунанд ва ӯ одами хубе аст. Инҷо буд, ки бо шогирдони Устод Бекзода робита пайдо шуд ва баъдтар бо худи устод вохӯрдам.

Акнун кӣ будааст, ин файласуфи хирадманд ва олими соҳибназар, ки нотарсона фикри худро дар ҷомеа мегӯяд? Кӣ будааст ин инсон, ки дар доми мутаассибон науфтода ва аз онҳо наметарсидааст? Кӣ будааст он, ки озодиро аз ному нон боло донистааст?

Бо устод Комил Бекзода суҳбатҳо бисёр доштем. Ҳамкорӣ кардем, баҳс кардем, ҳамсафар будем. Маълум шуд, ки устод аз беҳтарин инсонҳо аст. Зиндадил, бекина, беғараз, инсондӯст, миллатдӯст, меҳанпараст аст ва виҷдони пок дорад. Ҳамаи гумонҳои бади мутаассибон ботил баромад.

Ӯро бехудо мегуфтанд, аммо дарёфтам, ки бехудо нест ва худои ӯ виҷдони ӯст. Виҷдонаш ӯро ба роҳи рост ҳидоят карда ва мекунад. Виҷдонаш ба ӯ фармуда, ки дар хидмати ватану миллат бошад. Ӯ ҳам дар хидмат аст.

Ӯро бедин мегуфтанд, аммо дарёфтам, ки бедин нест ва дини ӯ инсофи ӯ ва пиндору гуфтору рафтори неки ӯст. Тамоку намекашад, май наменӯшад, ғайбат намекунад, бадгӯйӣ намекунад. Ҳамаро эҳтиром мекунад, шӯхтабъ аст, кина меварзад, тарсу тамаъ надорад... Хуллас, диндорӣ агар дар ростгӯйӣ ва накукорӣ бошад, диндори асосӣ ӯст ва аз ӯ бояд диндориро омӯхт.

Арзишҳои асосии устод Комил Бекзода озодӣ, ишқ, шодмонӣ ва эҷодиёт аст. Мехоҳад саҳми худро дар сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд, зиндагидӯст ва орому пешрафта бигузорад. Одамӣ бар марг ғолиб ояд. Ӯ бо некӣ (пиндору гуфтору рафтори нек) мусаллаҳ шуда, бар зидди бадӣ мубориза мебарад.

Шояд устод Комил Бекзода дар ин роҳи интихобкардаи худ, худашро танҳо ҳис кунад, аммо, бешак, ҳақиқат ва ростӣ бо ӯст. Роҳ ҳам дар ҷаҳон якест ва он ростӣ аст - роҳи интихобкардаи устод Комил Бекзода.

**Абдуламин Маҷнун:**
**файласуф–адабиётшинос**



## ФАЙЛАСУФИ СОҲИБМАКТАБ

**Солҳо бояд, ки то як пора санге з-офтоб,**
**Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.**

Устод Комил Бекзода 9 январи соли 1945 дар деҳшӯрои Водхуд, ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар хонаводаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 1962-1967 донишҷӯйи шуъбаи арабии факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (имрӯза ДМТ) ва солҳои 1967-1973 аспиранти Шуъбаи таърихи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Зиёда аз даҳ сол дар кишварҳои арабӣ таҳсил ва ба ҳайси тарҷумон кор кардааст. Дар шаҳрҳои Қоҳира, Адан ва Санъо кору фаъолият кардааст. Чандин сол устоди фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва баъдҳо ДДМТ будааст. Солҳои 1973-1988 ходими илмии Шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, дар қисмати таърихи фалсафа фаъолият намудааст. Аз январи соли 1995 то моҳи марти соли 2006 корманди пешбари илм дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Пажӯҳишгоҳи фалсафа буда, айни ҳол ходими пешбари илмии Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии АИ ҶТ кор мекунад. Комил Бекзода ҳам шоиру ҳам файласуф аст. Зиёда аз 300 шеър эҷод кардааст, ки 70 - то ин шеърҳо ба чоп расиданд. Аксари онҳоро рубоӣ, қитъа ва ғазал ташкил медиҳад.

Комил Бекзода чандин китобҳо ва асарҳои бузургро аз забонҳои русӣ, арабӣ ва зиёда аз панҷоҳ китоби форсиро ба

хатти имрӯзаи тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ва чандин китоби дигарро барои хонандаи тоҷик навишта, рӯйи чоп овардааст, аз он ҷумла: «Муҳаммад Шаҳристони историк философии». - Душанбе, 1987; «Паёмбарони фарҳанги мо. (Маҷмӯаи мақолаҳо)» Ҷилди аввал. Душанбе, 2000; «Гурез аз Хайём». - Душанбе, 2002; «Аз таърихи худшиносии тоҷикон (Аз пайдоиши ислом то охири давлати Сомониён)». - Душанбе, 2006; «Бозгашти Ҷамшед: Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ. Маҷаллаи «Шоҳроҳи Ваҳдат». - Душанбе, 2001; «Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ». - Душанбе, 1986; «Ояндаи равшанфикрони миллӣ». Силсилаи мақолаҳо дар рӯзномаи «Мино» ва «Пайкон». - Душанбе, 2009 - 2011; «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ». - Душанбе, 2012; «Ҷаҳонбинии оянда». - Душанбе, 2013; «Шоирони Ванҷ». - Душанбе, 2013.

Як хислати барҷастаи устодро ман дар он мебинам, ки бо вуҷуди бо масоили фалсафа машғул будан, ба адабиёт низ майлу рағбати беандоза дорад. Меҳру муҳаббати зиёди устодро аз таълифоташон эҳсос менамоем. Бо ҳамин сабаб ӯ соли 2013 китоби калонҳаҷме бо номи «Шоирони Ванҷ»-ро рӯйи чоп овард. Ҷомеаи мутамаддин фарзандонеро мепарварад, ки мардум бо эшон ҳамеша фахр намуда, онҳоро дар роҳи рушду нумӯи худ ҳамчун чароғи нурафшон истифода мебарад. Маҳз тавассути чунин шахсиятҳо илму фарҳанг ва маънавиёти миллат пеш рафта, ҷомеа метавонад ба дараҷаҳои баланди инкишофи худ бирасад.

Устод пайвандгари дилҳову наслҳо буда, ҳамеша ба дуродури мақсуд менигарад. Мехоҳад доимо ҳар дилу мақсудро ба манзил бирасонад, худро азият медиҳад, вале касеро озор намехоҳад, ҳар хоҳишро бо таҳаммул мепазирад. Ҳарчанд синну соли устод баъд аз як моҳ (январи соли 2015) ба 70 мерасад, дар симои зоҳирӣ ва кору фаъолият чун як ҷавони серғайрат ба назар мерасад.

Касе дар умрномаи хеш бо ҳукми ақлу хирад амал кунад, муҳтараму муътабар хоҳад шуд. Ба ин маънӣ, шоир, файласуф ва олими номдори тоҷик Носири Хусрав дар «Рӯшноинома» хеле мӯшикофона ва хирадмандона фармудааст:

**Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,**
**Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.**

**Дигар ҳастанд ҳамчун баргу мо бар,**
**Туфайли мо шуданд инҳо саросар.**
**Шараф дорад дарахт аз мевадорӣ,**
**Набошад, к-ӯ намонад барқароре.**
**Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро**
**Шараф дорад чунон, к-аз ақл моро…**
**Ҳар он мева, ки набвад рангу бӯяш,**
**Набошад боғбон дар ҷустуҷӯяш.**
**Туро лаззат зи илму аз амал бӯй,**
**Камолатро ту аз илму амал ҷӯй.**

Дар ин мактаб, ки бо номи Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиятёфтааст, 11 нафар муҳаққиқ кору фаъолият мекунанд. Аксарияти онҳо устодони донишгоҳҳои пойтахт мебошанд. Аз ин қатор: Ҳафиз Холиқзода - директори Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии АИ ҶТ, Шодӣ Атоӣ - корманди ҳамин Марказ, Исомиддин Шарифзода - мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Нозим Нурзода - мудири кафедари филологияи ДДСТ ба номи М. Турсунзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ - устоди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Нуриддин Шаҳобиддин - устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Фирдавс Ниёзӣ - устоди ДМТ, Номвар Қурбон - аспиранти факултети физикаи ДМТ, Меҳр Собириён - корманди Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдуламин Маҷнун - аспиранти кафедраи назарияи адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филология ва афроди дигар, ки дар дигар муассисаҳо фаъолият менамоянд, мебошанд.

Хизмати шоистаи Комил Бекзода дар он аст, ки дар ин умри пурбаракати худ, доир ба муҳимтарин масъалаҳои фалсафаи тоҷик таҳқиқот бурдааст. Ҳоло устод ба синни мубораки 70 қадам гузоштаанд. Умри бобаракати устод ҳамагонро намунаи ибрат аст. Устод лаҳзаҳои беҳтарини ҳаёти худро дар миёни фарзандону наберагон ва шогирдонашон гузаронида истодаанд.

Ба устод, ки ба синни мубораки ҳафтод расидаанду ҳамчунон солоранду зиндадил, аз даргоҳи Худованд тансиҳатӣ, хонаободӣ, хотирҷамъӣ, бахту саодат ва ҳама некиҳои зиндагиро таманно дорам.

**Шодӣ Атоӣ:**
**файласуф–ҷомеашинос**



## ФАЙЛАСУФИ ҶАСОРАТМАНДИ МИЛЛАТ ВА ОЯНДАШИНОСИ ИНСОНИЯТ

**Комил Бекзода.** Номест шинохта. Пеш аз ҳама аз рӯйи ҷаҳонбинии фалсафӣ - илмӣ ва огоҳиаш аз зиндагӣ, вобаста ба андешапарвариаш , дар робита ба гуфтаҳояш, бо хондани навиштаҳояш аз рӯйи самимияташ ба фалсафа, яъне ба андеша ва хирад. Инсон, вақте дар ҷомеа шинохта мешавад, фарқият аз дигаронро пайдо менамояд, афроди ҷомеа номашро вирди забон месозанд, насабашро муҳтарамона талаффуз менамоянд, ба ӯ мақоми баланди иҷтимоиро барчасп медиҳанд, дар санадҳову ҳуҷҷатхо дар пешу охири ному насабаш ба рутбаву унвону ҷоизаҳо ва дигар комёбихояш ишора менамоянд.

Шинохти ман бошад нисбат ба шахсияти Комил Бекзода вижагии худро дорад. Комил Бекзода бароям Комил Бекзода аст. Бигзор, дар бораи дигар вижагиҳояш дигарон бигӯянд , агар гуфтанӣ бошанд. Бигзор, дар бораи ҷоизаву унвону рутбаву дигар арзишҳояш дигарон бинависанд, агар хоҳишу завқе дошта бошанд, аммо хоҳишу замони навиштани ман сарфи маънидод намудани андешаи Комил Бекзода хоҳад шуд. Бидуни шубҳа, дар ҳошияи ин суханҳо, албатта, мақомашро бо усули хоси худ муайян менамоям: Файласуфи воқеӣ бо ҷаҳонбинии фалсафӣ, ки дар гуфтаҳояш, навиштаҳояш ба таври возеҳу равшан маълум аст. Ба назари ман, Бекзодаро маҳз ҳамин ҷаҳонбинии ғайриодияш бо ному

насаби Комил Бекзода шинохтаи ҷомеа кардааст ва воқеан ҳам, ҷаҳонбинии ӯро метавон аз замони шаклгирияш ба ҳайси як падида қаламдод намуд. Чи хеле ки худи Комил Бекзода дар бисёр мавридҳо қайд менамояд, шаклгирии ҷаҳонбинии фалсафияш аз замони донишҷӯӣ оғоз ёфтааст ва то ба имрӯз ташаккулу такмил ёфтааст, на баръакс. Комил Бекзода баъд аз он ки Тоҷикистон соҳибихтиёр шуд, беш аз пеш, бо ибтикори шахсӣ, самимияташ ба фалсафа ва донишпазирияш ва ризояти Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Фарҳангистони илмҳои Ҷумхурии Тоҷикистон, зарур донистааст, маҳфили фалсафии "Ҷаҳони андеша" - ро созмон бидиҳад. Ин маҳфил, новобаста аз он ки фалсафа ва академизми расмӣ онро таҳтушшуур намепазируфт ва дар он танҳо қисмати кӯчаки ҳаводорон ва завқмандони андешапарварӣ, баҳси илмӣ ва хирадмандону хирадгароён иштирок менамуданд, хушбахтона, то ба имрӯз омада расид. Шоистаи зикр аст, ки заминаи меҳварии андеша кардан, андешапарвар будан барои инсон ҳолати муносиби равонӣ аст. Агар дар партави ин раванд огоҳии равонии Комил Бекзодаро баҳодиҳӣ намоем, меҳварашро ҷасорат ва иродатмандияш ташкил медиҳанд. Зеро чунин арзишҳои фитрие чун ҷасорат ва ирода метавонанд дар пешорӯйи ҳар гуна монеаҳо қарор гиранд ва сабабгор мешаванд, ки роҳи ҳалли куллии душвориҳо пайдо гарданд.

Метавон гуфт, Комил Бекзода, новобаста аз монеаҳои маънавӣ, моддӣ ва душвориҳо "Чаҳони андеша" - ро фаъол нигаҳ дошт. Чуноне ки дар боло ишора шуд, агар ба навиштаҳо ва пажӯҳишҳои Бекзода, аз замони худогоҳии солҳои донишҷӯияш то ба имрӯз назар андозем, мебинем, ки таҳлилҳо бисёр амиқ ва ошкоркунандаи ҳақиқатанд. Ба вижа, шинохти Комил Бекзода оид ба бунбастӣ будани ҷаҳонбинии Умари Хайём дар китобаш "Гурез аз Хайём" як гуна пажӯҳиши фарққунандае дар маърифати хайёмшиносӣ ба шумор меравад. Дар китоби зикршуда Комил Бекзода дар барои шинохти ғайримуносиби ҳамкешон ва ҳамвандон нисбат ба ҳаким Фирдавсӣ бо шеъри муносибе бардошти худро маънидод менамояд. Жарфнигарии Комил Бекзода нисбат ба Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ андар шинохти марг ва зиндагӣ дар чанд соли гузашта, шинохти наверо дар

робита ба ҷаҳонбинии воқеии Мавлоно ба бор овард. Дар китобаш бо номи “Таърихи равшинфикрӣ аз замони Ҷамшед то давраи Фирдавсӣ” ба таври умумӣ роҷеъ ба равшанфикрӣ дар раванди таърихии рушду ташаккулёбии кеши худ ва муборизаи мардум барои озодӣ, арзишҳои миллӣ ва худогоҳии миллӣ ба таври муфассал ва бо далелҳои мушаххас шарҳи худро овардааст. Комил Бекзода дар эҷодиёти худ бидуни фосилагирӣ оид ба худшиносии асили миллӣ ҷасоратмандона мавқеъгирӣ намудааст. **Бекзода вораста шудани миллатро аз ҳама гуна мафкураҳо ва парастишҳои бунбастии дигар миллатҳо, ки зиндагии воқеии инсонро бо эътиқод ва арзишҳои вижаи худ маҳдуд намудаанд, зарурати замон мешуморад ва комёб шудани чунин равандро, пеш аз ҳама дар рисолати ҷасоратмандонаи равшанфикрон мебинад.** Зеро ташаккулёбии фарҳанг ва тамаддуни ҳамаи инсоният то ба имрӯз гӯяндаи он аст, ки маҳз ҷасорати инсонҳои ҷасуру андешаманд миллатҳои ҷудогона ва ба таври куллӣ инсониятро аз ҷаҳолати эътиқодмеҳварӣ ва хурофоту таассуб ба зиндагии воқеӣ ва инсондӯстӣ расондаанд. Таҷаллои огоҳӣ дар зеҳни Бекзода бо шинос шудан ба эҷодиёти чунин инсонҳои ҷасур, ҳам дар фарҳанги худи мо ва ҳам дар дигар фарҳангҳо оғоз ёфта, шакл гирифтааст. Бекзода дар шахсияти Ҷамшед намоди инсони ҷасури қолабшикан, хурофазудо, созанда, зиндагидӯст, худбовар ва огоҳро дарёфааст, ки воқеият дорад. Рамзи Ҷамшед метавонад рамзи миллатсозии мо дар замони имрӯз ва оянда бошад, зеро ҷаҳонбинӣ ва фаъолияташ ҷавобгӯйи арзишҳои умумибашарӣ ва мутобиқ баояндашиносии илмӣ ҳастанд.

Ояндашиносии Бекзода ва ҳамфикронаш бо чоп шудани манифесте таҳти унвони “Ҷаҳонбинии оянда” исботкунандаи гуфтаҳои болост. Муҳтавои “Ҷаҳонбинии оянда” гӯяндаи масъалаи асосии фалсафа ва инсон дар замони имрӯз ва оянда, масъалаи марги ҷисмонии инсон муайян шудааст. Албатта, барои аксари инсоният ин андеша бегона маҳсуб мешавад, зеро ин аксарият чун инсон айни замон ҷисман миранда аст, бо ҷаҳонбиниҳои дигар ба зиндагӣ бовар дорад, ин ҳолатро метавон табиӣ арзёбӣ намуд. Вале ақаллияти ҷасоратманду огоҳ, аллакай аз ин масъалаи асосии воқеӣ хабар дорад ва ба

пажӯҳиши ҷиддии он оғоз намудааст. Барои чунинояндашинос будан, барои инсон ҷасорат даркор аст. Ба гунае ки дар замоне чунин далерӣ ва ҷасуриро Ҷамшед бароиояндаи инсонҳо нишон дода буд. Ҷасорати Ҷамшед қолаби зеҳнҳоро дар замоне ба таври куллӣ шикаста ва сабаб шуда буд, ки мардум, пеш аз ҳама, ба зиндагии воқеӣ ворид шаванд ва онро ба ҷашни ҳастӣ табдил диҳанд. Пайдоиши Наврӯз дар замони Ҷамшед далели гуфтаҳои болост.

Ҷасорати Бекзода бо чоп шудани "Ҷаҳонбинии оянда" моҳияти худро дар фазои маърифати Тоҷикистон зуҳур кард. Ин ҷасорати огоҳдиҳанда ҳар рӯз қолаби бунбастии зеҳни чанд инсонеро мешиканад ва онҳоро вораста аз хурофот намуда, ба зиндагии воқеӣ ва шинохти кайҳон ворид менамояд. Бинобар ин, **бо такя ба ҷасорати таърихии Ҷамшед ва дар баробари ҷасорати бамавриди Бекзода, ки ҷаҳонбинии навинро муайян намудааст,** ба ин боварам, ки мо ҳам зиндагии воқеиро ба ҷашни ҳастӣ табдил медиҳем ва дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии созандаи инсонҳо саҳми худро мегузорем. Ин суханҳо дар замоне навишта мешаванд, ки далертарин фарзанди миллати тоҷик, файласуф ваояндашиноси зиндагии инсоният Комил Бекзода ҳафтодсола мешавад. Барои ин инсони инсондӯст, васфкунандаи ишқу муҳаббат, зиндагипарасту зебоишинос умри ҷисмонии абадӣ мехоҳам.

Ҷасорат ва андешаи созандаи Комил Бекзода коста мабод! Хушҳоливу тараб барои Комил Бекзода муборак бошад!

**Ҷашни мавлуди Комил Бекзода ҳумоюн бод!**

**Номвар Қурбон:**
**файласуф–физикдон**



# «ҶАҲОНИ АНДЕША» - МАКТАБИ ФАЛСАФИИ КОМИЛ БЕКЗОДА

Аз таърихи тамаддун ва маданияти умумибашарӣ маълум аст, ки ҳанӯз ҳазорсолаҳои пеш аз милод мактабу маҳфил ва равияву ҷараёнҳои динию мазҳабӣ, маърифатию фарҳангӣ ва илмию фалсафӣ арзи вуҷуд карда буданд. Дар фалсафаи Юнони антиқа мактабҳои милетӣ, пифагориён, равоқиён, киникиҳо, софистҳо, Магар, академияи Афлотун, литсейи Арасту ва ғайра аз ҷумлаи чунин ҷараёну равияҳои илмӣ - фалсафӣ буданд. Марҳилаҳои асосии инкишофи фалсафаи Чини қадимро бошад, маҳз ҳамин гуна мактабу маҳфилҳо (аниқтараш, равияҳои даосизм, конфутсизм, легизм, моизм) ташкил медиҳанд. Барои пешрафти илм ва фалсафа дар Ҳинди қадим низ мактабҳои фалсафие (даршан), чун йога, веданта, вайтешина, нияя, санкхя ва миманса саҳми босазо гузоштанд. Дар инкишоф ва ташаккули фалсафаи классикии тоҷик ҳам мактабҳои бонуфузи фалсафӣ ва фалсафию мазҳабӣ - даҳрия, зурвония, асҳоби ҳаюло, машшоия, калом, тасаввуф, исмоилия, ихвон-ус-сафо, ишроқия, мутаолия ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд.

Дар ҳар давру замон гуногунандешию назароти мухталифи одамон ҷомеаи вақти хешро ба пеш мебарад, зеро ҷамъиятро фаъолияти одамон ба вуҷуд меорад. Агар дар ҷамъият ҳар қадар фикру ақида ва андешаю назарҳои мухталиф ҷой дошта бошанд, он ҷомеа ҳама вақт ҷамъияти созанда ва пешрафта

мебошад. Дар замони муосир ҳамин назароти мухталифи инсонҳо фаҳмиши онҳоро доир ба ҷамъият дигаргун сохтааст. Фикру ақоиди мухталифи одамони як ҷамъият ҳамеша дар бархӯрд аст ва ин бархӯрд боиси таҳаввулоту пешрафти ҳаёти иҷтимоии инсоният мегардад. Агар дар ҷамъият идеологияи ягона ҳукмфармо бошад, он ҷамъият ҳеҷ гоҳ ба пеш намеравад, чунки идеяи ягона одамонро ба парокандагӣ мебарад. Масалан, фалсафаи иҷтимоӣ ба он назар аст, ки яке аз сабабҳои парокандашавии собиқ давлати ИҶШС маҳз идеологияи ягонаи коммунистӣ буд.

Дар замони муосир бошад, падидаи бисёр хубе ба вуҷуд омад, ки инсонҳо озодона афкору назари худро баён менамоянд. Ин озодфикрию озодандешӣ, пеш аз ҳама, кулли мамолики Ғарбро фаро гирифт. Ва фалсафаи эшон чун фалсафаи гузаштагонашон, ки ҳамеша пешсаф аст, ба якчанд ҷараёнҳои ҷадиду созанда - неопозитивизм, прагматизм, персонализм, экзистенсиализм, неотомизм, структурализм, ратсионализми танқидӣ ва герменевтика ҷудо шуд. Пас аз соҳибистиқлол гардидан, халои илмию фикрии Тоҷикистон низ бо андешаҳои мухталиф пур намуданд. **Мутаассифона, аксари ин андешаҳо на афкори созандаю пешбаранда, балки фикру ақидаҳои кухнаю фарсудаи схоластикӣ ва ё ба ибораи дигар, «андешаи асри ҳафти араб» буданду ҳастанд.** Аммо ҳеҷ як ҷамъият яккутба нест ва дар ин ҷамъияти пасазистиқлолии мо низ буданд афроде, ки ҳамеша фикри озодии инсон, фикри ҳаёти осоиштаю ҷовидона, фикри баргаштан ба асли хеш, фикри ободии ватан, фикри пешрафти илму фалсафа, фикри созандагию навгонӣ ва ғайраро мекарданд. Яке аз чунин шахсиятҳои миллӣ файласуф ва шарқшинос, устоди гиромиқадр Комил Бекзода мебошад. Аллакай ин ном ба кулли ҳаводорони илму фалсафаи тоҷик шинос аст ва ҳоҷат ба муаррифӣ ҳам нест. Танҳо ҳаминро бояд гуфт, ки устод Бекзода инсонест ҳалиму меҳрубон, хушрафтор ва дорои ҳама хислатҳои неки инсонӣ.

Маҳз бо пешниҳоду дастгирии ӯ соли 1993 дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафаи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ маҳфили фалсафӣ - фарҳангии «Ҷаҳони андеша» таъсис ёфт. Ин маҳфили илмӣ ё «Мактаби фалсафии Бекзода» аз соли

таъсисёбӣ то имрӯз тавонист, ки дари илму хирад, фарҳангу маърифат ва озодихоҳию рӯшанфикриро ба рӯйи даҳҳо ҷавонони соҳибзавқу илмдӯсти тоҷикистонӣ боз намояд. Вале дар тамоми ҷомеаҳо тӯда (авом) инсонҳои озодандешу равшанфикрро ҳеҷ гоҳ чашми дидан надорад, зеро барои тӯдаи мардум эътиқод муҳим аст, на фикру андеша ва ё илму фалсафа. Ва дар бисёр ҷамъиятҳои инсонӣ файласуфони туфайлию безавқ ва тӯдамаобу ҳасудхӯр низ бисёранд. Ана ҳамин қабил, ба ном «файласуф»-он буданд, ки маҳфили илмӣ - фалсафӣ ва фарҳангии «Ҷаҳони андеша» моҳи феврали соли 2012 ба таври расмӣ баста шуд. Вале андешаи инсонро чӣ гуна метавон баст?. Маҳфили «Ҷаҳони андеша» дар ин умри кутоҳи худ барои инкишофу пешрафти фалсафаи муосири тоҷик хизмати босазо намуд. Ин мактаби фарҳангмеҳвару инсонпарвар дар тӯли фаъолияти пурсамари худ тавонист шахсиятҳои худогоҳу худшинос ва донишманду илмдӯстеро ба воя расонад, ки ҳар яки он халои ақлонию зеҳнии илми имрӯзаи кишварро пур менамоянд.

Ба гумонам, дар ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон аз мактаби устод Бекзода дида, бузургтар ва тавонотар мактаби фалсафие вуҷуд надорад, ки тавонад инсонҳоро аз бозиҳои маҳалгароӣ, аз пайравии мазҳабҳои аҷнабӣ, аз миллатгароиҳои хориҷӣ, аз бунбасти фикрӣ берун орад ва ба онҳо роҳ нишон диҳад, ки ба арзишҳои фарҳанги баланди умумибашарӣ ва инсонгароӣ арҷ гузоранд. Чунки устод Бекзода аз ҷумлаи он нобиғаҳоест, ки ҳеҷ гоҳ дар доираи синну сол, ҷинсу пӯст, маҳаллу миллат, дину мазҳаб, ҳайати этникию нажодӣ, ҳарф намезананд, илова бар ин, ӯ инсонест, ки ҳамеша ҷаҳонро бо чашми нек менигарад ва ҳамавақт дар бораи зиндагӣ ва ҳаёти воқеии тамоми аҳли башар сухан мекунад. Мактаби фалсафии Бекзода, дар маҷмӯъ таҷассумгари кулли фаъолияти накӯи инсонӣ буда, ҳамеша роҳҳои раҳоӣ аз маргро ҷустуҷӯ намуда, барои кулли инсоният ҳаёти ҷовидонагӣ, зиндагии осоишта, озодию истиқлолхоҳӣ, дӯстию рафоқат ва ҳадафҳои асосии соҳиб шудан ба фарҳанги миллии хешро пешниҳод менамояд. Ин мактаби илмӣ - фалсафӣ,бешубҳа, яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафаи муосири Шарқ буда, дар тӯли мавҷудияти хеш тавонист, ки барои дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани илми тоҷик, шахсиятҳои донишманд ва ҳувиятшиносро ба воя расонад.

**Комил Бекзода** файласуф, шарқшинос ва шоири тавонои миллат аст, ки фалсафаи тоҷик дар масири таърихии худ рӯйи мубораки ин қабил инсонҳои беғаразу гуманистро кам дидааст. Устод Бекзода аз зумраи он ашхоси нотакрорест, ки ба ҷаҳон ҳамеша бо чашми нек менигаранду аз ҳеҷ кас тамае надоранд. Ба андешаи ӯ, инсоният бояд, аз банди ҳама гуна дину мазҳаб, эътиқоду парастиш, хурофотҳои осмонӣ, ҷабру зулм, тарсу ҳарос, гирифторию бечорагӣ ва ғайра раҳо ёбад. Ва ҳамеша дар ҷаҳон абадӣ ва ҷовидонӣ бошад.

**Мирзо Боқӣ** шоири ширинкаломи тоҷик ва муаллифи китоби бузурги «Ҷовидоннома» аст. Устод Боқизода хотираи бисёр фавқулодае дорад, ки аз тамоми шоирони классики тоҷику форс, хориҷа ва адибони муосири Тоҷикистону Афғонистону Эрон ва дигар кишварҳои олам ҳазорҳо шеъру достон, ғазалу рубоӣ, қитъаю қасида ва порчаҳои алоҳидаи насриро аз ёд медонад. Ин марди оқилу фозил метавонад, ки на танҳо дақиқаю соатҳо, балки рӯзҳою ҳафтаҳо аз ашъори шоирони мухталиф шеърҳо қироат намояд. Вале аз байни ин ҳама шоирону носирон ва олимону мутафаккирон, устод Боқизода ду шахсияти писандида дорад: Муҳаммад Иқбол ва Фридрих Нитше. Ба андешаи ӯ, Иқбол шоири файласуф асту Нитше файласуфи шоир. Ва ӯ мегӯяд, ки: «Иқбол аз нигоҳи ҳунари шоирӣ нисбат ба Нитше хеле мақоми баланд дорад. Аммо Нитше бошад, файласуфест, ки Иқбол дар бисёр масъалаҳо аз ӯ пайравӣ намудааст …».

**Файзи Олӣ** новобаста аз ҳуқуқшиноси донишманду равшанфикр буданаш, ба таъриху адабиёт ва фарҳангу фалсафа шавқи беандоза дорад. Илова бар ин, устод Файз бисёр олими борикбину нуктасанҷ ва инсони дурандешу ҳушёр буда, зиракии фавқулодаи сиёсӣ дорад. Ӯ ҳамеша дар назди худ суол мегузорад, ки чаро мардуми соддаю гумроҳ ба қонунҳои аз ҷониби инсонҳои солимақл пешниҳодшуда, ки зиндагии эшонро дар ҷамъият танзим менамоянд, бовар надораду қонунияти бофтаи мутаассибону хаёлпарастони гумроҳро ҳамеша тарафдорӣ менамояд?. Ба андешаи устод Файз, инсоне, ки аз илму дониш ва фарҳангу маданият дур монд, ба дину мазҳаб наздик мешавад ва баъдан ба ривояту афсонаи осмонӣ, набию расули набуда мепайвандад, бахусус дар Шарқи исломӣ…

**Ҳафиз Холиқзода** аз зумраи он файласуфон ва равшанфикрони сатҳи ҷаҳонист, ки ба ҳар як падида, ҳодиса ва воқеа чунон шарҳи илмие медиҳад, ки ҳатто мутахассиси ҳамон соҳаи илм ба он падида ё ҳодиса чунин баҳои арзишманд дода наметавонад. Ӯро на танҳо дар Тоҷикистон медонанду мешиносанд, балки дар Аврупо низ медонанд ва ба донишу хиради тоҷиконааш арҷ мегузоранд. Ҳафиз бисёр инсони фарҳангӣ буда, ҳангоми суҳбат ҳеҷ гоҳ сари эҳсос сухан намекунад. Ҳар як фикрашро ҳамаҷониба санҷида, онро бо далелҳои қонеъкунанда ба сомеон мерасонад…

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ** файласуф, арабшинос ва синошиноси номвари тоҷик буда, бештар сари масоили худшиносии инсон тадқиқоти илмӣ мебарад. Андешаи устод Ниёзӣ дар мавриди худшиносӣ он аст, ки инсон дар асоси ангезаи ғаризаҳо, марҳила ба марҳила худшиносии худро ташаккул медиҳад. Он ғаризаҳое, ки дар худшиносии инсон муассиранд ва ӯро такон медиҳанд: яке, ғаризаи ҷустуҷӯгар ва дигаре ғаризаи шаҳват мебошанд…

**Нозим Нурзода** адабиётшинос ва файласуфи озодандешу рӯшанфикрест, ки барои ӯ маҳаллу мазҳаб ҳеҷ арзише надорад. Барои устод Нурзода, муҳимтар аз ҳама, ирода ва андешаи мустақили инсон аст, ки одам дар такя ба он ба пеш меравад ва дар ҷамъият мақоми муайянро ишғол менамояд. Агар андешаи инсон мустақил нест, пас ӯ инсон ҳам нест ва наметавонад, аслу насаби хешро шиносад. Ба гафтаи устод Айтматов, ин одам «манқурт» аст - меандешад муаллим Нурзода…

**Исомуддин Шарифзода** файласуфи рӯшанфикру соҳибиродаи имрӯзу ояндаи миллат буда, яке аз пайравони асосии «Мактаби фалсафии Бекзода» маҳсуб меёбад. Ва хушбахтии устод Шарифзода ҳам дар ҳамин аст, ки бисёр инсони миллатдӯст аст ва ба ҳеҷ дину мазҳаби аҷнабӣ бовар надорад. Ва ҳадафаш дар зиндагӣ баргаштан ба асли худ ва озод намудани тоҷикистониён аз ҳар гуна ривоёту хурофоти сохтаю бофтаи қадимулайёми аҷнабӣ мебошад. Шарифзода инсони ҳақиқатҷӯйи роҳи фалсафаи ҳаёти ҷовидонагист…

**Нуриддин Шаҳобуддин** аз зумраи файласуфон ва муҳаққиқони маъруфи таърихи фалсафаи тоҷик аст, бештар ба масоили таърихи фалсафаи Шарқу Ғарб машғул аст. Дар асл,

Урупо - ҷаҳони якум ҳеҷ гоҳ илму амали ҷаҳони сеюм (Осиёву Африқо) - ро қабул надорад ва барои мо тоҷикон боиси ифтихор аст, ки чунин олими ҷавони тоҷик фалсафаи муосири тоҷикро дар ҷаҳони аввал муаррифӣ менамояд. Устод Нуриддин низ нисбат ба кулли мардуми ҷаҳон назари гуманистона дорад ва хостори абадияти ҷисмонии инсон аст…

**Шодӣ Атоӣ** файласуф, ҷуғрофидон ва ҷомеашиносест, ки ҳар як ҳодисаю воқеа ва рӯйдодро на аз рӯйи гуфтаю шунидаи дигарон, балки аз рӯйи ақлу дарки худ ва бар далелҳои маърифати илмӣ ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ менамояд. Ва албатта, ҳар як таҳлили ӯ заминаи воқеӣ дошта, баҳри пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд. Устод Атоӣ, билкулл сабаби хурофтпарастӣ ва мутаассибии аксарияти мардумонро дар ноогоҳӣ ва нодонии онҳо медонад. Ба андешаи ӯ, эътиқод ба дин аз заъфияти худи инсон аст ва ҷомеае, ки дар он инсони озодандеш умр ба сар мебарад, ҷомеаи солим ва ормониро созмон медиҳад…

**Усмон Камолиён** файласуф ва муҳаққиқи таърихи фалсафаи тоҷик аст, ки ба олами атроф бо чашми хирад ва андешаи нек менигарад. Барои ӯ муҳим худи инсон аст, на дину мазҳаб ва миллату нажоди ӯ. Устод Камолиён ақида дорад, ки агар инсон бомаърифат ва соҳибхирад бошад, барои ӯ ҳеҷ дину мазҳабе муҳим нест, кадом динеро хоҳад, қабул менамояд. Чунки моҳияти ҳамаи динҳо ахлоқгароист, на андешагароӣ…

**Фирдавс Ниёзӣ** файласуфи забоншинос ва рӯзноманигори чирадастест, ки ҳар як ҳодиса ва воқеаро бе ягон далелу рақам тадқиқ наменамояд. Ӯ ба ҳар масъалаи ҳаётии инсон ба таври воқеӣ баҳо медиҳад. Ба ақидаи ӯ, ҳамон инсоне, ки бештар маълумотҳоро медонад, инсони ҳушёру закӣ аст. Зеро инсони ҳушёру зирак факту далелҳои бисёре медонад ва ин инсони воқиф чӣ гуна метавонад, ки ривояту афсонаҳои хурофотии авоми ноогоҳро қабул намояд?...

**Меҳр Собириён** (Лутфулло Баротов) иқтисоддони донишманд ва инсони озодандешу миллатдӯст буда, дар маркази таваҷҷуҳи андешаи ӯ ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, таҳаммул нисбат ба дигарон, гуфтор бо далоили илмӣ ва вуҷуд доштани ҳар гуна алтернативаи созанда нисбат ба

андешаи дигар меистад. Ӯ инсони бисёр ҳам ҳалиму меҳрубон ва худогоҳу дурандеше мебошад, ки нисбат ба ҳар як падидаю ҳодиса назари хоси худро дорад ва кӯшиш менамояд мавқеашро нисбат ба ҳамон ҳодисаю воқеа бо далелҳои қотеъи илмӣ муайян намояд.

Ҳамин тариқ, агар дар ҳар як пажӯҳишгоҳи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин гуна маҳфили тахассусии озодамалкунанда фаъолият мекард, итминони комил дорам, ки ин амал бахри ташаккули илми пасазистиқлолии тоҷик заминаҳои мусоидро фароҳам меовард. Вале афсӯс, ки ҳар мафҳил ба монанди «Ҷаҳони андеша» озод нест ва ҳар олиме чун Бекзода хайрхоҳу озодандеш…

**Ёрмуҳаммад Ниёзӣ: файласуф–арабшинос**



## <u>МАКТАБИ ШАХСИЯТОФАРИНИИ КОМИЛ БЕКЗОДА</u>

Шиносоии ман бо устод Комил Бекзода аз давраи донишҷӯиям дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) шуруъ шудааст. Сабаби шиносоӣ маҳфиле буд, ки аз тарафи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики донишгоҳ ба номи «Зиндарӯд», Нозими Нурзода, Нуриддин

Шаҳобуддин, Ҳафиз Холиқзода, Озоди Абдусабур ва чанд нафари дигар ташкил намуда буданд.

Шояд ин аввалин шиносоии моро дарси аввали мактабии Комил Бекзода номем, зеро дар ин маҳфил Устод гузоришгар буданд ва моро аз тақсими дурусти истифодабарии як рӯз, ҳафта ва солу умури худ, ки аз таҷрибаи шахсӣ ва мутолиоти доимии худ доштанд, огоҳ намуданд. Дар ин тақсимоти рӯз нуқтае, ки хотирмон буд ин фурсати ишқварзӣ ҷудо кардан ва ошноиву дӯстӣ пайдо кардан бо духтарон ва умуман ҷинси латиф буд. Шояд ин нукта аз назари имрӯз чандон муҳим набошад, аммо фикр мекунам, дар замоне, ки донишҷӯ ҳастӣ ва ба балоғати ҷисмию рӯҳи расидаӣ, хеле ҷолиб аст. Зеро мо аз илми биология ва физиологияи инсон медонем, ки дар организми инсонҳо табодули модда ва ҳосилшавии ҳармонҳо аз ҳадди маъмулӣ зиёд аст ва ҳар ҷавонро пеш аз ҳама тамоюли ишқӣ (ғаризаи шаҳвонӣ) бештар ҷалб мекунад ва аз роҳи методикаи суннатии таълимию тарбиявӣ (аз назари исломӣ ва расмиёти гузаштаи мо) роҳи чорасозии ин тамоюлот танҳо саркуб кардани ин ғаризаи ишқӣ ва парҳез кардан аз он аст. Аммо ин роҳи суннатӣ натавонист, ишқи воқеии инсониро ошкор созад, зеро ишқи суннатӣ ва таҷрибавии бузургони мо на ишқӣ заминӣ ва инсонӣ, балки ишқи илоҳӣ ё маънавии бидуни шаҳват буд. Ин ташхиси падидаҳои ишқ аз назари суннатӣ маҳдуд ба идеологияҳои расмӣ (исломӣ) ва ирфонӣ буд.

Аммо ин падида баъдан аз тарафи яке аз асосгузорони равонковии ҷадид Зигмунд Фрейд ва шогирдонаш Карл Юнг, Эрик Фромм, Алфред Адлер ва чанд тани дигари донишмандон ба таври илмӣ ва воқеӣ баррасӣ шуда, ҳамчун як хоҳиши табиии инсонӣ ва омили зиндагиофаринии инсон пайгирӣ шуда, имрӯз низ ишқ яке аз омилҳои пайвандгари муносибатҳои табиӣ, тафреҳӣ, завқӣ ва зебоиофариниву зебопарастӣ ва зебоишиносии инсон боқӣ аст ва боқӣ хоҳад монд. Инчунин ишқ нишоту фароғати зеҳниву равонии инсонро дар зиндагӣ саршор месозад.

Инҳо назарҳое буданд, ки ба таври мухтасар баён гардид ва бо роҳнамоии Устод аз матолиби боло огоҳ шудем.

Давоми муносибати баъдӣ ин буд, ки моро Устод ба Институти фалсафаи Академияи илмҳо ба маҳфили «Ҷаҳони андеша» (соли 1995) даъват кард. Гузоришҳо ва дарсҳои минбаъдаи ин мактаб, ки саршор аз андешаҳову назарҳо буд, моро ҳамсафарӣ мекард. Ин қофилаи умр дигар моро ба зиндарӯди худ, ки маҳфили «Ҷаҳони андеша» буд, дар оғӯш гирифт ва баҳсҳои гуногунҷанбаву бисёрсоатаи он, зеҳнҳои маҳдуд ва мунҷамиди хурофотиро рӯз аз рӯз бо нури офтоби андешаҳои илмӣ, густурда ва ба воқеият мерасонд. Зеро андешаи мо, дар хонаводаҳои суннатӣ ва кӯҳистонӣ ташаккул ёфта, як андешаи ғайривоқеӣ ва ғайри илмӣ буд ва агар ба забони тасвириву бадеӣ баён созем, воқеиятро мисли оинаи каҷнамо инъикос мекард. Тӯли фаъолияти маҳфил, фикр мекунам, ки садҳо гузоришгароне буданд, ки ба ақидаҳои гуногуни худ тавонистанд зеҳну андешаҳои моро бедор созанд ва сайқал диҳанд ва шояд баъзеи ин гузоришгарон дар ҳаёт набошанд (ёдашон ба хайр бод). Ҳоло низ ин маҳфил идома дошта, тағйиру таҳаввули тадриҷиро пайгирӣ мекунад.

Ҷанбаи дигари шахсиятофаринии ин мактаб, бевосита шахсияти худи устод Комил Бекзода мебошад, ки ба ҳеҷ сурат суннати устодиву шогирдиро қабул надорад. Аз ибтидои шиносоии мо бо Устод ин вижагии зикршудае, ки ҳар донишҷӯйи таҳқиршуда аз тарафи устодони донишгоҳӣ ва ҳар донишомӯзро ба шахсияти Устод ҷалб месохт, набудани суннати Устодиву шогирдии бардасозӣ буд. Устод то ба имрӯз ин принсипи устодиву шогирдиро қабул надорад, зеро ин принсипро принсипи ғуломона ва ғуломдорӣ мешуморад, ки дар мактабҳои суннатии гузашта ва баъзан имрӯза ҳам маъмул аст.

Аз рӯи методҳои самараноки таълимӣ - педагогии имрӯза низ ин метод кайҳо боз мамнӯъ шудааст. Ҳамон методи таълимие методи самаранок дар ҷаҳони имрӯз ҳисобида мешавад, ки байни донишманд ва донишпажӯҳ фосила ва бартариятҷӯйӣ набошад, зеро аз ҷиҳати равонӣ ин укда монеаи ноаёнеро дар зеҳни тарафи муқобил ба вуҷуд меоварад, ки сабаби канораҷӯӣ аз дониш ва эҳсоси нафратро

бедор месозад. Аз ин рӯ, бояд ба донишҷӯ тарзе рафтор кард, ки ӯ тавонад бинишҳо ва назароти ташаккулёфтаи ибтидоии худро ошкор ва боҷасорат изҳор намояд ва ба тааммулу тағйиру такомули фикрии худ боварӣ ҳосил кунад.

Албатта, ин бардошт ва таҷрибаи шахсии ман аст, ки аз чунин муносибати инсонвори Устод ҳосил кардаам. Вижагии дигари Устод ин шухтаъбӣ, зарофатҳои самимии ӯст. Аз латифагӯиҳо ва ҳозирҷавобии танзомези Устод аст, ки робитаи ҳар инсонро ба шахсияти ӯ табииву самимӣ месозад. Ин латифаҳо бештар хусусияти маҳалливу минтақавӣ дошта, бо як маҳорати хос баён мегардад, ки дар зеҳнияти инсон огоҳии ҳакимонаеро тавлид месозад.

Хусусияти шахсии дигаре, ки махсуси худи устод Бекзода мебошад, ин шоирии Устод аст. Шеърҳои Устод бо як самимият ва завқи баланди зебоишиносиву зебоиофарӣ суруда шуда, бозгӯйи масоили инсониву ҳаётианд.

Хулоса, шахсияти Устод, шахсияти табииву инсонӣ, дорои андешаи амиқу саршор аз баёноти ошкору возеҳ аст, ки тамоми масоили печидаи фалсафию илмиро бо як тарзи баёни «саҳли мумтанеъ» ба ҳамсӯҳбати худ мефаҳмонад. Маҳз ҳамин хусусияти нотакрори Устод ҳаст, ки теъдоди зиёде аз донишҷӯёну пажӯҳишгаронро ба худ ҷалб карда, ҳидоят ба илму фан кардааст.

**Ҳафиз Холиқзода:**
**файласуф–ҷомеашинос**



## КӮШИШҲОИ ТАҲРИФ ВА БАДНОМ КАРДАНИ МАКТАБИ ФАЛСАФИИ КОМИЛ БЕКЗОДА АЗ ДОХИЛ

Тирамоҳи соли 1992 буд ва охирин кӯшиши таҳким бахшидани ҳувият ва ҳукумати исломӣ дар Тоҷикистон ноком мегардид. Ҳанӯз ватану миллат дар пешорӯи интихоб қарор дошт; интихоб дар байни ду гузашта, ки дар тӯли зиёда аз 10 соли минбаъда ба ҷанги мусаллаҳона кашида шуд. Дар ин гирудори бераҳмона роҳи сеюми алтернативӣ фаромӯш гардида буд, роҳе, ки бо пайванди гузаштаҳо ояндаи миллати куҳанбунёд сохта мешуд. Ҳамаи роҳҳо ба сӯи сиёсату ҷанг мебурд, чун ҳомиёни ислом ва коммунизм ҳадафи умумӣ надоштанд. Балки онҳо аз тарафи бегонаҳо ҳидоят меёфтанд, то мардуми худро ба онҳо вафодор ва вобаста кунанд.

Бо вуҷуди ин, роҳи сеюм ва ё худ "ҷаҳонбинии алтернативӣ", ки бо пайванди гузашта ба оянда нигаронида шудааст, хеле пештар аз тарафи файласуфи номдори тоҷик Комил Бекзода пешниҳод гардида буд. Файласуф аз бозиҳои сиёсӣ парҳез мекард, гарчанде дар шахсият ва эҷодиёти ӯ ҳеч гуна аломати сӯфигарӣ ва дунёбезорӣ дида намешуд. Балки ӯ огоҳӣ дошт, ки бозиҳои сиёсии он шабу рӯз беоқибат ва хатарнок ҳастанд, дар ҳоле ки онҳо ифодагари хоҳишҳо ва нақшаҳои миллати тоҷик нестанд. Ҳанӯз ҳам тоҷикон ниёз ба эҳёи миллӣ доранд, аммо он бо роҳи сиёсӣ ба даст оварда

намешавад. Роҳи ягона роҳи бознигарии фалсафӣ ва фарҳангӣ аст. Чуноне ки худи устод дар мусоҳибааш бо рӯзномаи “Садои мардум” гуфта буд: “Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд давлатдории миллии худро аз илми фалсафа оғоз кунад...” (11 ноябри соли 2006).

Устод Бекзодаро нахустин бор тобистони соли 1992 дидам, вақте ки ба шаҳри Душанбе барои довталабӣ ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омада будам. Дар овезаи назди Донишгоҳ чашмам ба эълони маҳфили “Иқболшиносӣ” афтод, ки баъди нисфирӯзӣ дар “Нимҷазира” баргузор мегардид. Ҳамроҳи дӯстони худ ба маҳфил равона шудем. Дар роҳи нимҷазира марде болобаланд ва бо шиму костюм ва кулоҳи хокистарӣ пешопеши мо мерафт. Мо якҷоя ба маҳфил ворид шудем. Шоири афғон Латифи Пидром дар бораи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ суҳбат мекард. Тафсилоти он чӣ ӯ мегуфт, дар ёд надорам, вале ду саволе бисёр сода ва ҷолиб буданд, ки то ҳанӯз аз хотир намераванд. Марди болобаланд, ки худро Комил Бекзода муаррифӣ кард, ин саволҳоро дар миён гузошт:

1) Чаро Муҳаммад Иқбол ҳаҷ накард?
2) Чаро Иқбол, бо вуҷуди таваҷҷуҳи хоссаи худ ба фарҳанги Эрон, ба ин сарзамин нарафт?

Ҷавобҳои шоир муҷмал ва мубҳам буданд, аммо муҳимтар аз онҳо, худи саволгузорӣ буд, ки ба назар мерасид зеҳнҳоро такон дода буд ва дар мавриди аллома Иқбол омӯзиши бештар ва берун аз чорчӯбаи он замон маъмули исломгароиро талаб мекард.

Соли 1993 як мусоҳибаи Бекзодаро дар рӯзномае мутолиа кардам, ки масъалаи асосии фалсафаро “мушкилии марг” меномид. Дар дарси фалсафа ин матлабро ба муаллим ва ҳамдарсон баён кардам, ки хуш напазируфтанд. Баъд аз дарс бо як ҳамдарси худ қарор кардем, ки ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта бо Бекзода суҳбати рӯ ба рӯ дошта бошем. Ин аввалин вохӯрии мо бо ин файласуф буд. Ӯ моро хуш қабул кард ва ба саволҳои мо бо чеҳраи кушоду хандон ҷавоб гуфт. Баъди саволу ҷавоб ӯ моро ба Маҳфили “Ҷаҳони андеша” даъват кард, ки ба гуфтаи ӯ барои ҳамаи дӯстдорони ҳикмату фалсафа ва илму фарҳанг боз аст. Пас аз

он мо ба маҳфил меомадем ва гузоришҳои донишмандонро дар бораи мавзӯъҳои гуногун мешунидем. Маҳфил дар як ҳафта як маротиба, баъди нисфирӯзӣ дар бинои Институти фалсафа баргузор мегардид.

Муддати зиёда аз 20 сол Бекзода бо мост. Даҳҳо нафар дар маҳфили устод иштирок ва баромад мекарданд. Ба ҷуз сиёсат, дар тамоми мавзӯъҳои фалсафӣ, илмӣ ва фарҳангӣ суҳбатҳо мешуд. Чуноне ки худи устод дар мусоҳибаи худ бо рӯзномаи "Садои Мардум" (11 ноябри соли 2006) гуфтааст: "Ҳадафи маҳфил ҳадафи сирф фарҳангӣ буд ... дидаю дониста дар мавзӯъҳои сиёсӣ баҳс намекардем ... Мавзӯъҳои баҳс рангоранг буданд. Шеър, фалсафа, дин, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, озодандешӣ, равшанфикрӣ, худшиносии миллӣ, Иқбол, Хайём, Мавлоно, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Гегел, Шопенгауэр, Нитше, Камю, Сартр, Кафка, Бердяев, Достоевский, Толстой, Николай Федоров, Ясперс, Ҳайдеггер, Халилӣ, Нимо, Ихвони Солис, Нодирпур, Ҷамолиддини Афғонӣ, Абдураҳмон Бадавӣ, Закӣ Наҷиб Маҳмуд, Анис Мансур, Мустафо Маҳмуд, Закариё Иброҳим, Лоиқ, Бозор, Қаноат..."

Новобаста ба чунин ҳадафи сирф фалсафӣ ва фарҳангӣ доштан, маҳфили "Ҷаҳони андеша" чандин дафъа ба монеагузории маъмурӣ дар Институти фалсафа дучор мегардид. Чандин дафъа он аз тарафи маъмурият барҳам ва бо иваз шудани бозиҳои дохилӣ аз сар гирифта мешуд. Мутасаддиён фаъолияти маҳфили "Ҷаҳони андеша"-ро таҳаммул надоштанд, дар сурате ки дигар семинарҳои илмию методии Институт баргузор намегардиданд. Ҳамаи корҳо дар ҳисобот ва ба хотири унвонгирӣ буд.

Бо вуҷуди ин, роҳбари маҳфил - Комил Бекзода ва аъзои доимии он, ки аз ҳисоби олимони ҷавон ва аспирантону донишҷӯён иборат буданд, рӯҳафтода намешуданд ва маҳфили худро тӯли 13 сол (1993-2006) дар Академияи илмҳо, 4 сол дар Донишгоҳи миллӣ, 2 сол дар радиои "Садои Душанбе", 3 моҳ дар телевизиони "Пойтахт", 6 моҳ дар Кафедраи забонҳои хориҷии Академияи илмҳо ва қариб 1 сол дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор мекарданд. Даврахое буданд, ки маҳфил дар табиат ва чойхонаҳо баргузор мегашт. Аз соли 2012

то тобистони соли 2014, пеш аз он ки маҳфил дар назди Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми расмӣ пайдо кунад, ҷои доимӣ ва расмии баргузорӣ надошт, аз ин рӯ, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҷамъ меомад.

Имрӯз ба гузашта нигариста, бо итминон гуфта метавонем, ки маҳфили 21-солаи Комил Бекзода - "Ҷаҳони андеша" ба як марказ ва ё мактаби фалсафӣ ва фарҳангӣ табдил ёфтааст ва на камтар аз дигар ниҳодҳои таълимӣ ва илмӣ, аз қабили марказҳои илмӣ ва факултаҳои донишгоҳӣ дар тайёр кардани кадрҳои ҷавон саҳм гузоштааст. Агар муқоиса кунем, дар муассисаҳои илмию таълимии фалсафа мактабҳои дигари фалсафӣ вуҷуд надоранд ва ё дар ҳолати ҷанинӣ қарор доранд. Бисёре аз муҳаққиқони фалсафа аз мактаби марксистӣ баромадаанд, вале онро дуруст дарк накарда, ҳоло аз мактаби асримиёнагии тафсир ва теология пайравӣ мекунанд.

Айни ҳол намояндагони мактаби фалсафии Комил Бекзода дар муассисаҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ ва илмию фарҳангии кишвар машғули фаъолияти касбӣ мебошанд ва дар тарғиби арзишҳои дунявият, инсондӯстӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ саҳми босазо мегузоранд. Яке аз чунин муассисаҳое, ки дар инкишофи мактаби фалсафии "Ҷаҳони андеша" пешоҳанг аст, Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ мебошад, ки моҳи июни соли 2014 дар назди Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд. Дар ин муддати кӯтоҳи санҷишии худ, Марказ тавонист, ки бо роҳбарии Комил Бекзода зиёда аз 10 мутахассиси соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ ва дақиқро ба ҳам оварад. Дар давоми фаъолияти худ кормандони Марказ 5 маҷмӯа ва китоби илмӣ ва 80 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ омода ва ба чоп расонданд. Ин асарҳо аҳамияти назариявӣ-амалӣ дошта, равандҳои ҷаҳони муосир ва махсусан, Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ мекунанд. Аз ҷиҳати назариявӣ онҳо дар асоси принсипҳои фалсафии Мактаби "Ҷаҳони андеша" таълиф гардидаанд, ки дар китоби "Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)" (Душанбе: "Кайҳон". 2013. – 42 саҳ.) тавсиф ёфтаанд.

Принсипҳои марказӣ ба таври зеранд:

1) ҳимоят аз давлатдории миллӣ ва дунявии тоҷикон;

2) ҳимоят аз дунявият ва зиндагии заминӣ;

3) ҳимоят аз ҷаҳонбинии илмӣ ва барномаи рушди илму маориф.

Ҳар сеи ин принсипҳо таҷассуми худро дар устураи Ҷамшед ва ойини Наврӯз пайдо кардаанд. Бесабаб нест, ки Комил Бекзода мазмуни куллии мақолаҳо ва китобҳои худро бар ин сарчашмаҳо асос ниҳодааст. Аз як тараф, ӯ дунявият ва зиндагии заминиро дар меҳвари таълимоти фалсафии худ қарор медиҳад ва аз тарафи дигар, нишон медиҳад, ки ҳамин гуна ҷаҳонбинӣ барои миллати тоҷик бегона нест. Яъне зарурати аз пайи дигарон, чи ғарбиён ва чи шарқиён, рафтан вуҷуд надорад. Инро Бекзода ва аъзои дигари маҳфили "Ҷаҳони андеша" чандин дафъа изҳор кардаанд. Аммо онҳое, ки бо ҷаҳонбинии илмӣ ва давлатдории миллию дунявии Тоҷикистон хусумат меварзанд, дидаву дониста ин мавқеъро таҳриф ва намояндагони "Ҷаҳони андеша"-ро бо "атеизми ҷанговар" ва "ғарбгароӣ" маҳкум мекунанд. Боз ҳам, ин ду иттиҳом аз ҷониби "теологҳои Институти фалсафа" бештар садо медиҳад ва ба гӯши ифротгароён расонда мешавад. Ҳадаф яктост: бадном ва таҳриф кардани шахсият ва мактаби фалсафии Комил Бекзода.

Ин дар ҳолест, ки худи Бекзода мавқеи худ ва маҳфилро аллакай соли 2006 дар мусоҳибаи худ бо рӯзномаи "Садои мардум" (11 ноябри соли 2006) чунин возеҳ баён карда буд: "Имрӯзҳо дар синни 61-солагӣ эҳсос мекунам, ки ҳам аз дин ва ҳам аз атеизм дар он замон [дар ҷавонӣ, дар давраи омӯзиш ва ташаккули андеша] азоби рӯҳии фаровон кашидаам. Баъди шакку тардидҳо ва ҷустуҷӯҳои фаровоне охирҳои соли 1971 ба фалсафаи Ҷамшедӣ расидам. Фалсафаи Ҷамшедӣ як фалсафаи оптимистӣ, воқеъбинона ва реалистӣ аст. Асосҳои онро аз дидгоҳи назарӣ дар китоби "Бозгашти Ҷамшед ё фалсафаи оптимистӣ" баён намудам. Ин китоб соли 2001 дар шаш шумораи маҷаллаи "Шоҳроҳи Ваҳдат" дар Душанбе ба нашр расид."

Дар устураи Ҷамшед, ки қисман дар "Авесто" ва "Шоҳнома" достон шудааст, дунявият ба маънои арзиши олӣ

гузоштан ба зиндагии шахсӣ, моддӣ ва инҷаҳонии инсон ва аз ин рӯ, напазируфтани таълимоти динӣ дар бораи рӯҳ, ҷон, худо, ҷаҳони баъди марг ва образҳои ба он марбут мебошад. Бинобар ҳамин, Ҷамшед тамоми дониш ва ақлу заковати худро ба он равона мекунад, ки мушкилоти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро дар ин ҷаҳон ҳал кунад. Билохира, дониши илмӣ то ба дараҷае инкишоф мекунад, ки ӯ на фақат гуруснагию бемориӣ, балки маргро низ даво мебахшад. Маҳз ҳамин мақсад, яъне бартараф кардани нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ дар байни мардум ва махсусан беморию марг одамонро ба он водор мекунад, ки аз ҷаҳонбинии динӣ даст кашанд ва ба илм рӯ оранд.

На фақат устураи шоҳи муштараки ҳиндуэронӣ – Ҷамшед, балки ойини Наврӯз ва равияҳои фалсафии ин мардум собит месозад, ки ҷаҳонбинии илмӣ барои тоҷикон собиқаи таърихии дурудароз дорад. Инро Комил Бекзода дар асарҳои таҳқиқотии худ, аз қабили “Паёмбарони фарҳанги мо” (Маҷмӯаи мақолаҳо (Ҷилди аввал). Душанбе: Нодир. 2000. – 124 саҳ.), “Аз таърихи худшиносии тоҷикон. Аз пайдоиши ислом то охири давлати Сомониён” (Душанбе: Дониш. 2006. – 149 саҳ.), “Бозгашти Ҷамшед. Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ” (маҷаллаи “Шоҳроҳи Ваҳдат” (дар шаш шумора). Душанбе. 2001), “Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ” (Душанбе: Дониш. 1986. – 36 саҳ.), “Ояндаи равшанфикрони миллӣ” (Силсилаи мақолаҳо дар рӯзномаҳои “Мино” ва “Пайкон”. Душанбе. 2009-2011) ва “Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ” (Душанбе: Дониш. 2012. – 434 саҳ.) тасдиқ мекунад. Ҷамшед, Ибни Ровандӣ, Ибни Муқаффаъ, Закариёи Розӣ ва Фирдавсӣ на камтар аз донишмандони аврупоӣ дар инкишофи заминаҳои илму техникаи муосир саҳм гузоштаанд. Мутаассифона, ҷаҳонбинии динӣ ҳамеша пеши роҳи инкишофи илмҳои фалсафӣ, табиӣ ва дақиқро мегирифт. Бо иғвои рӯҳониёни замон донишмандонро ба таври ваҳшиёна ба қатл мерасонданд ва китобҳои онҳоро месӯзонданд. **Фирдавсӣ дар достони “Ҷамшед” нишон медиҳад, ки чӣ гуна золиме чун Заҳҳок Ҷамшедро барои андешаҳо ва фаъолиятҳои дунявиаш ба қатл мерасонад. Дар давраи ислом Ғаззолӣ яке аз нафароне**

**буд, ки дар нисбати ҷаҳонбинии фалсафӣ террори маънавӣ барпо карда буд.**

Охирин бархурди золимона ва бераҳмонаи хурофот бо илм дар замони мо, дар нисбати шахсият ва таълимоти фалсафии Комил Бекзода ва мактаби "Ҷаҳони андеша" сурат гирифтааст. Ин бархурд аз дохили Институти фалсафа ва аз тарафи шахсони алоҳидае, ки ҷаҳонбинии ғайриилмӣ доранд, сар задааст ва ба таври пинҳонӣ идома дорад. Чандин дафъа манъ кардани фаъолияти маҳфил ва таҳрифу бадном кардани шахсияти Комил Бекзода ва тарафдорони мактаби ӯ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад. Тамоми кӯшиш ба он равона гардидааст, ки бо ҳар роҳ Бекзода бадном карда шавад, то ки ба истилоҳ "Ҷаҳонбинии ҷамшедӣ", яъне таълимоти мустақили фалсафӣ, ки аз ҷаҳонбинии илмӣ, дунявият ва миллат ҳимоят мекард, рушд наёбад ва ҷаҳонбинии динӣ ва исломӣ ба хатти машйи фаъолияти Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад.

Саволе пайдо мешавад, ки решаи ин таззодҳо ва мухолифатҳо дар байни маъмурияти Институт ва маҳфили Комил Бекзода дар куҷо нуҳуфта буд. Яқин аст, манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар миён набуд, чун Бекзода ҳеч гоҳ дар пайи ба даст овардани мансабу манзалат, ҳатто дар сатҳи шуъбаи Институт ҳам набудааст, гарчанде дониши фалсафии устодро ягон нафар муҳаққиқи фалсафаи тоҷик надорад. На фақат мутолиаи ӯ густарда ва фарогир аст, балки ягона файласуфе мебошад, ки мактаб ва таълимоти хоси фалсафии худро дорад, ки дар китоби "Бозгашти Ҷамшед. Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ" (маҷаллаи "Шоҳроҳи Ваҳдат" (дар шаш шумора). Душанбе. 2001) ва дигар таълифоташ ҷамъбаст гардидааст. Яъне, устод Бекзода аз назари сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ марди вораста аст ва пойбанди ягон гурӯҳ ва доираи манфиатталаб нест.

Балки сабаби ноҳамвор гардидани муносибатро худи Бекзода дар як мусоҳибаи худ бо рӯзномаи "Садои мардум" (11 ноябри соли 2006) чунин шарҳ додааст: "Дар Институти фалсафаи мо ба ғайр аз фалсафа дигар ба ҳама масъалаҳо таваҷҷӯҳ доранд. Ман дар ин чиҳил соли кориям ягон бор

шоҳиди баҳси амиқи фалсафӣ нашудам. Ё завқи фалсафӣ надоранд ва ё қасдан фалсафаро сарфи назар мекунанд.”

Ҳамин гуна, ба истилоҳи файласуфи асри 18 - и Олмон - Артур Шопенгауэр “мубориза дар байни ҷаҳонбинии фалсафӣ ва тасаввуроти динӣ” тӯли ду даҳсолаи охир, новобаста ба чандин бор иваз гардидани маъмурияти Институти фалсафа идома дошт. Мо шоҳид ҳастем, ки барои бегона кардани Бекзода аз муҳити Институт чӣ чораҳое наандешидаанд: ба ӯ дар бораи хатарҳои будаву набуда ёдрас менамуданд, дар бораи “феодал” будани ӯ дар муносибати оилавӣ дар байни кормандон ва аспирантони ҷавон, ки аксаран шогирдони ӯ буданд, овозаҳои бардурӯғ паҳн мекарданд, файласуфон ва атеистони собиқ ӯро ба “атеисти ҷанговар” будан таъна мезаданд, ба ӯ пешниҳод мекарданд, ки Душанберо ба қасди “ватан” (ноҳияи Ванҷ) ва ё “муҳоҷират” (Сибир) тарк кунад.

Соли 2003 мусибати азиме ба сари хонадони Комил Бекзода омад ва бар асари масмумсозӣ, дар як рӯз тамоми хонавода, аз он ҷумла худи ӯ дар беморхона бистарӣ шуданд. Оқибат, ӯ як духтари донишҷӯи худро аз даст дод. Баъди як соли заҳролудшавӣ Бекзода ба худ омад ва боз дар саргаҳи ин муборизаҳо қарор гирифт.

Новобаста ба ҳамаи ин мушкилот, мактаби фалсафии “Ҷаҳони андеша” фаъолият мекард ва ҳар чӣ бештар ҷавононро дар гирди худ ҷамъ меовард. Дар даҳ соли минбаъда ҷавононе, ки дар ин мактаб ҷамъ омада буданд, ягона гурӯҳе дар доираҳои илмӣ ва таълимӣ буданд, ки ба ҷаҳонбинии илмӣ, принсипи дунявият ва давлатдории миллии тоҷикон бовар доштанд ва барои ҳифз кардани онҳо мубориза мебурданд.

Таваҷҷуҳи ҷавонон ба мактаби фалсафии “Ҷаҳони андеша”, пеш аз ҳама, ба оптимизм, инсонпарварӣ, зиндагидӯстӣ, болидарӯҳӣ, озодандешӣ ва беқайдии табақотии роҳбари маҳфил – Комил Бекзода бастагӣ дошт. Худи ӯ сабабҳои пешрафти маҳфилро чунин таъкид мекунад: “Сабаби пешрафти маҳфил чанд омил буд: Якум, гузоришгарон дар интихоби мавзӯъ озод буданд. Дуюм, мавзӯеро аҳли маҳфил дар асоси машварати коллективӣ интихоб мекарданд. Сеюм, дидаю

довиста дар мавзӯъҳои сиёсӣ баҳс намекардем. Чаҳорум, ҳар касе озодона нуқтаи назари худро баён мекард. Ва касе ҳақ надошт, ки ақидаи худро бар дигарон таҳмил кунад. Панҷум, нуқтаи меҳварӣ, ки озодии андеша ва баён буд, аз ҷониби аҳли маҳфил ба таври ҷиддӣ риоя мегардид" ("Садои мардум", 11 ноябри соли 2006). Ҳамин гуна, шахсияти Бекзода дар тарзи баргузорӣ ва фаъолияти минбаъдаи маҳфил таҷассуми худро ёфтааст.

Хислати барҷастаи Бекзода, ки аввал аз ҳама ба чашм мерасад, шӯхтабъӣ дар муносибат бо дигарон, напазируфтани фарқиятҳои синнусолӣ ва мартабаву табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин фазилатро дар аввалин суҳбат бо ин файласуф метавон мушоҳида кард. Ҳамин аст, ки Бекзода тавонистааст мактаби худро дар асоси ормонҳо ва арзишҳои баланди инсонӣ ва махсусан дар байни донишмандони ҷавон густариш диҳад. Маҳз ҳамин фазилатҳои шахсии Бекзода ҳастанд, ки ӯ дар байни мардуми одӣ маҳбубият ва мақоми хос пайдо кардааст. Ҳама ӯро эҳтиром мекунанд, чунки ӯ ҳамаро, новобаста ба синну сол, маҳал ва дину мазҳаб, эҳтиром мегузорад. Ин фазилатҳои Бекзода аз ҷаҳонбинии фалсафии ӯ бармеоянд, ки зиндагии фардии инсонро арзиши аз ҳама баланд мебахшад. Тибқи ин ҷаҳонбинӣ, зиндагии фардии одамон, новобаста ба ҷинс, нажод ва ақидаашон, мақоми бартар дорад. Ҳаракат ва ақидае, ки ба зиндагии фардии одамон хатар эҷод мекунад, ҳаракат ва ақидаи ифротгароӣ мебошад. Кормандони Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ зимни таҳлили ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ва ҷаҳон ин таълимотро асос қарор медиҳанд.

Дар асоси ҳамин характери шахсӣ ва ҷаҳонбинии фалсафӣ фазилати дигари Комил Бекзода ошкор мегардад. Ин фазилат оптимизм ва ё худ боварии том ба сиришти инсон ваояндаи ӯ мебошад. Устод борҳо ба шогирдонаш таъкид мекунад, ки зиндагидӯстӣ, рӯҳбаландӣ ва хушҳолӣ бояд дар лаҳзаҳои мушкили зиндагӣ низ инсонро тарк накунанд. Инсонро на вазъият, балки иродаи шикастнопазир ва боварии неки ӯ баояндаи инсоният рӯҳбаланд месозад. Шӯхтабъии устод маҳз ба ҳамин биниш бармегардад ва кӯшишест барои шикастани

оҳанги ҷиддияти зиндагибезории баъзе инсонҳо. **Бекзода дар ҳама ҳолатҳо ҷавоби шӯхиомез дорад, ки моҳияти ягонагии фоҷиавӣ ва мазҳакавии зиндагиро ошкор мекунад. Оптимизми Бекзода ҳамин гуна биниш аст, ки ба фоҷеа механдад, то ки дар ботини инсон тухми умед ва пойбандӣ ба зиндагӣ бикорад. Ин биниши фалсафии худро Бекзода ҳанӯз соли 2002 дар маҷмӯаи шеърҳои худ бо унвони "Гурез аз Хайём" (Душанбе: Нодир. 2002. – 136 саҳ.) ҷамъбаст карда буд.** Мазмуни куллии ин маҷмӯа ҷавоб ба биниши фалсафии Умари Хайём мебошад, ки дар баробари ҷаҳони охират ҷаҳони моддиро низ инкор кардааст. Албатта, ошкор аст, ки Хайём дар асре мезист, ки илму техника ба сатҳе инкишоф накарда буд, ки имрӯз кардааст. Чун файласуфи асримиёнагӣ аз "оқибати кор", яъне аз мирандагии инсон ноумед буд ва дар айни замон ба зиндагии пасазмаргӣ эътиқод надошт, ноумед гардида буд. Ба ҳар сурат, таълимоти Хайём аз "Ҷаҳонбинии ҷамшедӣ" сарчашма мегирифт, ки дар ойини Наврӯз рустаниро рамзи бемаргӣ ва ҷовидонагӣ медонист.

Аммо асри 21 асри амалисозии "Ҷаҳонбинии ҷамшедӣ" мебошад. Танҳо шахсон ва гурӯҳҳои тангназар ва пайравони ҷаҳонбинии ғайриилмӣ наметавонанд ба имконияти илму техникаи муосир бовар кунанд. Соли 2004 Институти ҷовидонагӣ, ки дар Амрико ҷойгир аст, маҷмӯаи мақолаҳои олимони соҳаҳои фалсафа, химия, биология, генетика, компютер ва ғайраро бо номи "Пирӯзии илмӣ бар марг" ("The Scientific conquest of death". Буенос Айрес: Либрос Ен Ред. 2004. – 296 саҳ.) ба чоп расонд. Дар ин китоб 18 олим аз марказу донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон (ба мисли Донишгоҳҳои Оксфорд, Ҷорҷтавн, Калифорния, Ҳарвард, Кембриҷ, Массачусетс, Мичиган ва Станфорд) дар бораи имконияти илму техника барои барҳам задани марги ҷисмонии инсон маълумоти илмӣ медиҳанд. Китоби дигареро соли 2013 донишмандони рус Алексей Турчин ва Михаил Батин аз Институти таҳлили системавии Академияи илмҳои Русия бо унвони "Футурология" ("Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа?" Москва: БИНОМ. Лаборатория знания. 2013. – 216 с.) ба чоп расонданд, ки дар

он дар бораи имкониятҳои барҳам задани марги ҷисмонии инсон маълумоти муфассал дода шудааст. Дар сомонаи интернетии Институти ҷовидонагӣ (Immortality Institute - www.longecity.org/forum) тарафдорони бемаргии ҷисмонӣ ва зиндагии абадии инсон дар ҷаҳон ҷамъ омадаанд ва вобаста ба кишварҳо, минтақаҳо ва забонҳои гуногун форумҳо ташкил кардаанд, аз он ҷумла форумҳои Осиё ва Ҳиндустон, Австралия ва Зеландияи нав, Кишварҳои олмонӣ, Кишварҳои испанӣ, Ҳавзаи фаронсавӣ, Исроил ва Шарқи Миёна, Ҳавзаи италиявӣ, Скандинавия, Нидерландия, Ҳавзаи португалӣ, Русия ва Аврупои Шарқӣ, Кишварҳои англисзабон, ИМА ва Канада.

**Тирамоҳи соли 2014**

ꕥ

**Нозим Нурзода: файласуф–фарҳангшинос**



## ФАЙЛАСУФӢ ЧУНИН БОЯД!

Ёдам ҳаст, вақте аввалин маротиба декабри соли 1994 тавассути шарикдарсони донишмандам Шаҳобиддинов Нуриддин, Абдусамадов Абдуссабур ва Ҳафиз Бобоёров дар доираи маҳфили илмӣ-адабии «Зиндарӯд», ки мазкурин муассисаш буданд, бо чеҳраи нотакрори фарҳангу фалсафаи

миллӣ, устод Комил Бекзода шинос шудам, ба таври куллӣ, аз назари фикрӣ ва равонӣ тағйири ҳол кардам ва то имрӯз ин чеҳраи истисноии фалсафа ва фарҳанги миллӣ, дар ҳама ҳолат кумакам мекунад. Устодро шарикдарсонам барои ироаи маърӯза дар мавзӯи **«Мақоми инсон дар тасаввуф»** даъват намуда буданд. Чун гирифториҳои зиёди молиявӣ дунболагирамон буд (он замон, бар асари ҷанги дохилӣ ва низоъҳои мазҳабию қавмӣ навад дар сади мардум мувоҷеҳи камбуду мушкилоти иқтисодию молиявӣ буд), баъди анҷом ёфтани дарсҳо, ғолибан дар пайи ҷустуҷӯйи нон мегаштем. Ногуфта намонад, ки он замон нонёбӣ ва нонкобӣ барои аксари кулли мардум ҳадафи ниҳойии зиндагӣ маҳсуб мешуд. Шароити сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии он солҳо ба ҳама маълум буд: ноҷуриҳои сиёсӣ, гирифториҳои зиёди иқтисодӣ, камбуди молиявӣ, заъфи фарҳангӣ, бетафовутӣ, саҳлангорӣ ва марказгурезии аҳли фарҳангу зиё ва муҳимтар аз ҳама, ноамнии ғизоӣ ва озуқаворӣ дунболагири аксари кулли мардуми минотиқи ҷангзадаи мо буд. Дар ин вазъи ногувор устод барои додани гузориш дар мавзӯи ба назари мо, донишҷӯёни он замон муҳимми рӯз – тасаввуф ва мақоми инсон омада буд, дар ҳоле ки бисёр донишмандону фарҳангиёни вақт, ки имрӯз ба мардум даъвиҳои фузулӣ ва бузургӣ мефурӯшанд, дар пайи бароварда сохтани ниёзҳои иҷтимоии худ саргардон буданд ва парвои сарнавишти фарҳангу маънавиёти миллию мардумиро надоштанд. Ба назари мо, ҷустуҷӯйи нон ҳадафи ниҳойӣ барои аксари мардум шуда буд. Дар чунин вазъият, ки беш аз пеш барои донишҷӯи бесарпаноҳ дар шаҳри Душанбе ҳар рӯз мушкил пайи мушкил эҷод мекард, шарикдарсони ҳувиятшиноси мо – Нуриддин, Ҳафиз, Усмон ва Абдуссабур дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон маҳфили «Зиндарӯд» таъсис дода, дар доираи он масоили муҳимми адабӣ-бадеӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фалсафиро матраҳ менамуданд.

Иттифоқан, охири декабри соли 1994 шарикдарсам Нуриддин (имрӯз Нуриддин Шаҳобиддинов шахсияти мустақил ва матраҳи фалсафист) маро иҷборан ба маҳфил даъват намуд ва қабл аз шурӯи маҳфил бо устод Комил Бекзода шиносам кард. Ман, ки баҳона пеш меовардам, то аз маҳфил рад шавам,

бо як дидани устод Бекзода ва суҳбати муқаддамотӣ маҷзуби муоширати самимӣ ва илтифоти инсонии ӯ гардидам. Нуриддин ҳам, қаблан ишора карда буд, ки танҳо як маротиба бо устод суҳбат кун, дигар ихтиёран ба маҳфил ҷалб мешавӣ. Баъди суҳбати кӯтоҳи муқаддамотӣ гуфтаи Нуриддин комилан тасдиқ шуд ва мисли ин ки устодро як умр мешинохта бошам, бо ӯ самимона (монанди одами худӣ) гуфтугӯ кардам. Исрори Нуриддин барои ҷалби ман ба маҳфил ва шиносоӣ бо устод Бекзода то имрӯз бароям чун «туҳфаи арзишманди зиндагӣ» боқӣ мондааст ва дар ин бобат аз шарикдарси донишмандам якумрӣ миннатдор ва сипосгузорам.

Идомаи қисса ин аст, ки гузориши устод Бекзодаро дар мавзӯи «Мақоми инсон дар тасаввуф» бо таваҷҷуҳ ва ихлоси тамом шунидем. Устод як байтро бад-ин шакл: «Мо намегӯем, ки чизе нест ғайри ошиқӣ, Ҳаст чизи дигаре, аммо намедонем мо» дар тахтаи дарсхона навишта, бар мабнои он дар мавзӯи тасаввуф, ки то имрӯз дар ҳавзаи илмию адабии мо матолиби калидии баҳсҳои адабӣ, фалсафӣ ва фарҳангии даврро дар худ таҷассум месозад, хеле табиӣ ва роҳат, бидуни такаллуфу таоруфи зиёдатӣ, ҳудуди зиёдтар аз ду соат суҳбат кард. Суҳбат ва гуфтугӯи озод ва табиии устод моро шигифтзада намуд, чаро ки то ин замон мо суҳбату баромадҳои расмиро медидем, ки дар онҳо, беш аз пеш ҷиддияти гузоришгар намоён мешуд ва матолиби илмӣ дар доираи таоруфоти расмӣ сурат мегирифт. Аммо бар хилофи ин гуна таоруф ва расмиёти илмӣ-идорӣ, мо шахсиятеро дидем, ки дар доираи мабоҳиси илмӣ-фалсафӣ суҳбати қолиби ихтисосӣ, гуфтугӯйи самимона, илтифотомез ва ҳувиятбарангези фалсафӣ анҷом медод. Ман, ки ин гуна суҳбатро аввалин бор мешунидам, бегумон, шефтаю мафтуни гуфтори ширин ва ишороти зарифи устод гардидам.

Дар ҷараёни суҳбат матолиби дигари динӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ, ки мо, аслан аз онҳо воқиф набудем, ба доираи баҳс кашида шуд ва аз ин тариқ иттилооти бештар сари масоили илмӣ-фалсафӣ касб намуда, сатҳи огоҳию бедории фикриамон боло рафт. Ростӣ, нахустин маротиба бо донишманде вохӯрдам, ки сатҳи биниши ҷаҳонӣ дошт ва дар дилхоҳ матлаб, бидуни тааммуқу тафаккури қаблӣ озодона суҳбат мекард, сарчашмаю манобеъ ва маводи илмӣ-таҳқиқии

муҷаддадро роҷеъ ба мавзӯи мавриди баҳс манзур месохт, аз дину дунё сухан дар миён меовард, бо самимият ва илтифоти хосса гуфтугӯ мекард, аз асотиру торих мисолҳои ҷолиб мезад, далелу арқом меовард, хулоса, доди сухан медод. Тайи зиёда аз ду соати суҳбат ман, барои нахустин маротиба «инсони комил»-ро, ки дар тасаввуф сатҳӣ омӯхта будам ва дар доираи осори ирфонӣ ва осмони илоҳӣ тасаввураш менамудам, дар пеши худ, бо чашми сар бидидам. Баъди анҷом ёфтани маҳфил бо устод чанд калимае бо ҳам радду бадал кардем ва дар зеҳну тафаккурам, ки хеле сода ва примитив буд, як тағйироти куллии фикрӣ эҳсос намудам, ки онро ба таври истилоҳӣ «бедории ибтидоии фикрӣ» меноманд. **Чун дар ҳолати равонию фикриам ноаён таҷаддуд ва таҳаввул эҳсос кардам, рамузи ишораи файласуфонаи қаблан ёддошткардаам «Философия изменяет человека незаметно» (Фалсафа инсонро номаълум тағйир медиҳад)-ро пай бурдам.**

Он дидори нахустин ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотирам намеравад ва борҳо, чи дар суҳбатҳои алоҳида ва чи дар гуфтугӯҳои маҳофил ва ҷараёни тадрис таъкид кардаам, ки ҳамон суҳбати дусоатии устод Бекзодаро, агар мунсифона дар мизон бо панҷ соли таҳсилам дар донишгоҳ баркашем, гаронарзиштар аст ва имрӯз ҳам бар ин назар устуворам, бо ин далелҳо**: а)** аваалин маротиба аз тариқи гузориши устод, ҷиддан ва илман бо фарҳанги бостонӣ, бовару асотири куҳани миллӣ, адёни атиқӣ, мабонии фалсафӣ, шаръиёти исломӣ, мазоҳиби динӣ, силсилаҳои ирфони исломӣ, арзиши вуҷуд ва зиндагии инсонӣ ошно шудам; **б)** барои нахустин маротиба бо биниши фалсафӣ канор омадам, дар ҳоле ки қаблан дар сатҳи дин ва фаротар, ирфони исломӣ меандешидам ва аз ин тарзи биниш сахт ифтихор мекардам; **в)** аз сатҳи огоҳиҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, динӣ, фалсафӣ ба таври муқаддамотӣ мутталеъ гардидам; г) бархӯрдҳои тамаддунӣ, таноқузи диният ва дунявиятро ба унвони падидаҳои муосири сиёсӣ ва фарҳангӣ шинохтам; **г)** чеҳраи ҷаҳони мутаноқизи имрӯз бароям бозкушоӣ шуд; **ғ)** ба оҳангу навои воқеият ва реализми андеша ҷур шудам ва барои аввалин бор ба муҳтавои байти Фирдавсӣ: «Хирад гар сухан баргузинад ҳаме, Ҳамон баргузинад, ки бинад ҳаме» сарфаҳм рафтам; **д)** масъалаи дуализми ахлоқӣ ва фалсафии неку бад, хайру шар, ростию

дурӯғ, хирад ва нодонӣ, вафо ва ҷабр, ҳастӣ ва нестӣ, вуҷуд ва адам, зиндагӣ ва маргро пай бурдам; **е)** ба марҳилаи ибтидоии огоҳӣ ва бедории фикрӣ расидам. Ин буд, ки дар симои устод Бекзода шахсияти комили фалсафиро дидам ва аз он ҳангом ба баъд бо устод ҳамкорӣ намудам. Он чӣ ки баён доштам ва ба сифати далел дастабандӣ намудам, бешак, тавассути як суҳбати устод Комил Бекзода насибам гашт.

Баъдан тавассути дӯстонам иттилоъ ёфтам, ки бо ибтикори устод Бекзода соли 1993 дар назди Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳо маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» таъсис ёфтааст ва устод ба хотири коҳиш додани халои фарҳангӣ ва эҷодӣ, ки ҷомеаи тоҷикӣ дар ибтидои солҳои навадум ба он мувоҷеҳ гардида буд, ин иқдомро роҳандозӣ намудааст. Минбаъд дар кори маҳфили устод, ки ҳафтае як маротиба дар Институти фалсафа (рӯзҳои панҷшанбеи ҳар ҳафта) доир мешуд, ширкат меварзидам ва дар имтидоди бист соли шиносоӣ ва ҳамкорӣ бо ин шахсияти вораста, муҳаққиқу донишманди варзида, файласуф ва равшанфикри миллӣ донишу тасаввурот ва бинишу андешаам тадриҷан таҳкиму тақвият ёфт. **Устод, мувофиқи савқу салиқа ҷиҳати ташаккул, такмил ва тақвият ёфтани донишу биниши мо китобу сарчашмаҳои адабӣ-бадеӣ, таърихӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бароямон медод ва мутолиаи маводи мазкур, ки дар шароити онрӯза, аксаран нодир ва камёфт буданд, дар таҳаввули андеша ва биниши мо нақши калидӣ доштанд. То имрӯз устод ин корро иҷро менамояд ва бедареғ ба китобдӯстону алоқамандони илму фарҳанг хидмат мекунад.**

Қатъи назар аз он ки шумори иштирокчиёни маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»-и устод ҳеҷ гоҳ зиёд набуд, он дар муддати зиёда аз бист сол тавонист, дар рангоранг гардидани фазои илмӣ, фалсафӣ, иттилоотӣ, эҷодӣ ва билохира фарҳангии ҷумҳурӣ саҳм бигирад. Аъзои фаъоли маҳфил дар тӯли ин солҳо, ҳам аз тариқи расонаҳои хабарию матбуоти даврӣ ва ҳам аз тариқи телевизиону радио доир ба мушкилот ва масоили фикрӣ, ақидатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва раванди ҳувиятсозиву бедории фикрӣ баромад намуда, рисолати илмию эҷодии худро ҳамчун равшанфикр дар ҷомеа адо карданд ва имрӯз низ дар ин пайроҳаи мушкилписанд гомҳои

сазовор бардошта истодаанд. Ҳамаи ин самараи кори як файласуфи рӯшангари миллӣ аст, ки бо исми Комил Бекзода дар муҳити фарҳангии мо шинохта шудааст.

Дар ташаккули шахсияти файласафӣ ва рӯшангарии устод Комил Бекзода шароит ва авомили зайл таъсиргузор буданд: **а) муҳити хонаводагӣ**. Устод дар муҳити фарҳангӣ ва эҷодии хонаводагӣ ба дунё омадааст. Падар ва ҳам модари устод замина ва пуштувонаи амиқи фарҳангӣ доштанд ва ин пуштувона дар зеҳниёт ва тафаккури пӯёю ҷӯёи устод нақш доштааст. Падари устод марди фозил ва донишманд буда, ҳанӯз аз синни хурдӣ ба устод хатти арабиро омӯзондааст ва аз ин тариқа бо адабиёти ибтидоии арабӣ ва форсӣ айёми наврасӣ шинос шуда, дар ин замина, маълумоти кофии илмӣ-оммавӣ андӯхтааст. **Устод бо такя ба одобу фарҳанги хонаводагӣ, ахлоқан устувор гардида, мушаххасоти ахлоқии оромона, бидуни ҷаҳлу хашм гӯш кардани мусоҳиб, таҳқир накардани ҳамсуҳбат, эҳтироми ақида ва афкору назари мусоҳиб, қатъи назар аз ихтилофоти ақидатӣ ва фикрӣ меҳр варзидан ба ҳамсуҳбат шахсияти ахлоқии устодро созмон додаанд. Устод шунидан ва таҳаммул кардани мусоҳибро, новобаста аз дараҷоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию маърифатӣ, орову афкор ва мафкураву эътиқод барои худ одати муқаррарӣ медонад. Мушаххасоти фавқи равонӣ ва ахлоқӣ дар сирати аксари кулли намояндагони барҷастаи табақоти фарҳангию маърифатии ҷомеа дида намешаванд ва ниҳодҳои фарҳангии мо имрӯз низ аз ин камбуд сахт танқисӣ мекашанд; б) таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон** (ҳозира ДМТ) ва шиносоӣ бо устоди маъруфи забон ва адабиёти арабӣ ан-Наққош дар ташаккули биниши илмӣ-фалсафии устод заминаи муҳим будааст. Тибқи гуфтаҳои устод Комил Бекзода, Наққош устоди донишманд ва сахт мутолиадида буд ва аз адабиёти илмии равоншиносӣ, инсоншиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва диншиносии урупоию арабӣ хуб мутталеъ буда, дар баробари тадриси забон ва адабиёти арабӣ, ба шогирдон омӯзиши манобеи зарурии илмиро тавсия медодааст; **в) коромӯзӣ ва таҳсил дар Донишгоҳи овозадори «ал-Азҳар» ва Донишгоҳи Давлатии шаҳри Қоҳираи Миср** дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тавсеи дониши устод ҷойгоҳи вижа доштааст. Ба нақли ҳолдонҳо, устод айёми таҳсил ва коромӯзӣ дар Миср аз

адабиёти гуногунсоҳаи китобхонаҳои илмӣ-оммавӣ бархӯрдор гардида, анбӯҳи китобҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва манобеи адабӣ-бадеӣ, динӣ ва таърихиро мутолиа мекунад ва шахсияти фалсафии ӯ бар мабнои мутолиоти густурдаи гуногунсоҳа тақвият меёбад; **г) пайвастагӣ бо ҷамъияти «Дониш»**, ки дар замони Шӯравӣ ниҳоди калидии фикрӣ, илмӣ, идеологӣ буда, маводи зиёди илмӣ-оммавиро барои мутолиа манзур месохт; **ғ) мутарҷимӣ дар мамолики арабӣ** (ҷумҳуриҳои Мисру Яман). Дар ин давра устод, дар баробари ба кори тарҷумонӣ иштиғол варзидан (устод ҳунари хуби забондонӣ ва дар тарҷумонӣ маҳорати фавкулода доштааст), ба китобхонаҳо робитаи мудавом барқарор намуда, ба ин восита раванди мутолиоти адабиёти фалсафӣ, адабӣ, динӣ, ахлоқӣ, кайҳоншиносӣ, биологӣ, физикӣ, кимиёӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносии худро рушду тавсеа мебахшад. Ин давра, ки даҳ сол тӯл мекашад, дар рушди шахсияти илмӣ ва фалсафии устод нақши калидӣ доштааст.

Шахсияти илмӣ-пажӯҳишӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии устод **дар се марҳила – муҳаққиқӣ, файласуфӣ ва равшангарӣ** ташаккул ва таҳаввул пазируфтааст. Қаблан таъкид кардам, ки устод дар муҳити фарҳангию ахлоқии хонаводагӣ тарбия ёфта, айёми туфулият ва наврасӣ, аз назари ахлоқӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ такомул пазируфта, бо таҷриботи фарҳангии хонаводагӣ ба муҳити донишгоҳӣ ворид мегардад. Дар фазои донишгоҳӣ навиштани мақолаҳоро дар мавзӯъҳои муҳимми илмӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ шурӯъ мекунад ва дар матбуоти даврии вақт мунташир месозад. Завқи беҳудуди ковишу ҷӯяндагӣ устодро ба дарёи бекарони таҳқиқи масоили умдаи фалсафӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва фарҳангӣ ғуттавар мекунад ва натиҷатан, баъди хатми шуъбаи арабии факултаи овозадори шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба самти якумрии таҳқиқу пажӯҳиш сафарбар мешавад. Минбаъд омӯзиш, таҳқиқ, ҷустуҷӯ ва мутаносибан, мутарҷимӣ дар иншоотҳои бузурги кишварҳои арабӣ тавозуни зиндагии фарҳангӣ ва эҷодии устодро ташкил медиҳад. Фаъолияти тарҷумонӣ дар мамолики арабӣ зеҳни ҷустуҷӯгари устодро такмилу тақвият дода, доираи мутолиоту пажӯҳиши ӯро тавсеа бахшидааст.

Аз соли 1971 шурӯъ намуда, **озодандешӣ ва ҳувиятшиносӣ** ба сифати мабодии илмию фалсафӣ ва фарҳангию эҷодӣ дар давра ва мароҳили минбаъдаи зиндагии инфиродии устод меъёри кору фаъолият қарор гирифта, ин иқдом то имрӯз, бидуни фосилаю таваққуф идома дорад. Устод дар асоси манобеъ ва мадорики мавҷуда – бовару асотири бостонӣ, осори мактуби юнонӣ ва паҳлавӣ, маохизи асримиёнагӣ ва муосири форсию арабӣ, маводи илмӣ-таҳқиқии муосири ба забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, франсавӣ) интишорёфта ба ин натиҷа расидааст, ки **Фарҳанги Ҷамшедӣ** ба сифати сарандешаи миллӣ тамоми паҳлуҳои зиндагии дунявии қавмию миллиро дар маҳдудаи асотир ва боварҳои бостонӣ таҷассум намудааст ва бо тамоми масъулият метавон аз он фарҳанги решадори миллӣ дар низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дар маҷмӯъ, моддию маънавӣ васеъ истифода кард. Ин нуктаи фалсафиро устод дар тамоми навиштору гуфтораш возеҳу равшан баён доштааст. Хатти марказии осори таҳқиқӣ ва фалсафии устод Комил Бекзода (Саҳифаҳо аз таърихи озодандешӣ (дар ҳаммуаллифӣ бо Мирбобо Мирраҳимов). - Душанбе: Дониш, 1986. - 36 с.; Паёмбарони фарҳанги мо. Ҷилди аввал. - Душанбе: Нодир, 2000. - 124 с.; Гурез аз Хайём. - Душанбе: Нодир, 2002. - 136 с.; Бозгашти Ҷамшед: Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ. // Шоҳроҳи Ваҳдат. - Душанбе, 2001 (дар шаш шумора); Аз таърихи худшиносии тоҷикон. - Душанбе: Дониш, 2006. - 149 с.; Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. - Душанбе: Дониш, 2012. - 433 с.) рӯйи меҳвари озодандешӣ ва ҳувиятсозии миллӣ чарх мезанад. Ҳамчунин мақолоти зиёди устод, ки дар рӯзномаву маҷаллоти замони Шӯравӣ ва матбуоти даврии давлатӣ ва мустақили замони истиқлол интишор ёфтаанд, ба муҳимтарин масоили фалсафӣ, ки марбути озодию истиқлоли фикрию равонии миллианд, ихтисос ёфтаанд.

Аммо, чӣ илоҷ ки ҷомеаи мо дар тӯли қарнҳои мутамодӣ вобасти афкору сиёсати бегонагон буд ва бар асари маҳрумиёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молӣ ва фарҳангӣ «дастнигар»-и аҷониба шуда, дар имтидоди тӯлонии замонӣ гирифтори укдаҳои равонию фикрӣ гардид ва дар натиҷа, ба

раванди худбохтагӣ ва бегонашавӣ (процесс самоотчуждение) мутамоил шуда, дар зоҳиру ботин тӯмори ҳайсияти бегонаро ба ҷойи ҳувияти худӣ барчаспонд. **Ин аст, ки ҳатто дар шароити имрӯзи таҳаввулоти бемайлони илмию техникӣ мо имкони озоди арзи матлабро дар хусуси воқеият ва ҳувияти миллӣ надорем ва бо баёни матолиб таҳти фишори шадиди бегонапарастон ва ҳувиятбохтагон, ки дар симои баъзе рӯзноманигорону олимон, сиёсиёну фарҳангиён зуҳур кардаанд, қарор мегирем ва таҳқири «кофру мулҳид»-ро ночор таҳаммул мекунем.** Вокунишҳои шадид ва омиёнаи расонаҳои хабарию иттилоотӣ ва фарҳангии мустақили ватанӣ тайи солҳои 2013-2014 алайҳи матолиби рисолаи хурди **«Ҷаҳонбинии оянда (ҷаҳонбинии алтернативӣ)», ки зери назари устод Комил Бекзода мунташир шуд, мисоли равшани онанд, ки қишри ба истилоҳ фарҳангии ҷомеаи тоҷикӣ ҳанӯз дар «гаҳвораи нози худбохтагӣ ва ҳувиятситезӣ» хоб аст ва ин гуна хоби гарони ширинро бар бедории талх тарҷеҳ медиҳад.** Ба сухани дигар, мо бедории риққатовар ва мусибатборро дар баробари шинохти воқеияти талх таҳаммул карда наметавонем. Аз назари равонковӣ (психоанализ), он кӣ дар маҳдудаи ҳувияти бегона зиндагӣ мекунад, ботинан таҳти фишори мудавоми ҳувияти худӣ қарор мегирад ва каронаҳои шахсияташ тавассути укдаҳои ҳувиятситез таҳким ёфта, ӯро дар баробари андешаҳои қавмӣ-нажодӣ, ки камокон рӯ мезананд, қоим месозанд. Ин аст, ки чунин шахсон дар баробари бурузи андешаҳои ҳувиятбарангез ҳассосият нишон медиҳанд ва ин навъ ҳассосиятҳо дар шакли ифротӣ ва тафритӣ рӯйи кор омада, боиси бурузи мушкилоти равонию фикрии фардият (индивид) мегарданд ва аксаран, барои заъфи бофтҳо ва осебпазир гардидани баданаҳои иҷтимоӣ аз ҳар ҷиҳат хатарзо мебошанд.

Устодро мардум ҳанӯз замони Шӯравӣ **«файласуфи озодандеши тоҷик»** унвон додаанд. Забон ва услуби нигориш, гузориш ва суҳбати устод равон, равшан, салис буда, аз овони ҷавонӣ то имрӯз доир ба муҳимтарин масъалаҳои илмӣ, иҷтимоӣ, динӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, равонӣ, инсоншиносӣ, табиатшиносӣ, биологӣ ва амсоли инҳо дар доираи фаҳми мардум озодона, бидуни суханбозӣ, лафзпардозӣ, худнамоӣ, ки солҳои сол махсуси як гурӯҳ интеллигенсияи ватанӣ

гаштааст, гуфтугӯ мекунад. **Устод дар майдони баҳси илмӣ ва фалсафӣ аз тариқи методу усулҳои таҳқиқу нигориши урупоӣ ҷилва мекунад, ки ин махсуси қалам ва сабки сухани ӯст. Устод дилхоҳ матолиби мавриди баҳсро дар доираи одоби илмӣ, бо сабки фасеҳу равони забони миллӣ дар сатҳи урупоӣ ба риштаи таҳлил, таҳқиқ, таҷзия, муқоиса, хулосабарорӣ ва натиҷагирӣ мекашад, ки ин навъи таҳқиқу нигориш дар муҳити илмии ватанӣ камназир аст.** Илова бар ин, устод дар омӯзиш, таҳлил ва накди осору орои фалосифаи башарӣ дасти тамом дошта, дар муаррифии бузургтарин чеҳраҳои фалсафаи ҷаҳонӣ дар матбуоти даврӣ саҳми асосӣ гирифтааст.

Масъалаи зиндагӣ ва марги инсонӣ дар фалсафаи устод Бекзода ба унвони масъалаи асосии фалсафӣ талаққӣ шуда, дар коргоҳи эҷодии ӯ, аз оғози фаъолияти пажӯҳишӣ то имрӯз мавриди радду бадал қарор дорад. Доир ба масъалаи маргу нестӣ ҳамеша ковишу ҷустуҷӯ мекунад. Ба сухани дигар, масъалаи маргу нестӣ ба сифати масъалаи ҷавҳарӣ дар фалсафаи устод Бекзода пайваста пайгирӣ мешавад ва онро, бо назардошти вазъи омӯзишӣ ва такмилу густариш ёфтани доираи иттилооту мутолиот, аз дидгоҳҳои гуногун мавриди бозбинӣ қарор медиҳад.

Беҳуда унвони мақоларо **«Файласуфӣ чунин бояд»** нагузоштаам. **Дар он ба таъбири файласуфи маъруфи олмонӣ Фридрих Нитше истинод рафтааст (Вай «Мардӣ чунин бояд» гуфтааст).** Воқеан, агар касе даъвии файласуфӣ мекунад, бояд мисли устод Бекзода симову сират, ҷуръату ҷасорат, хулқу фазилат, донишу маҳорат, лутфу назокат, ақлу фаросат, меҳру садоқат ва самимияту муҳаббат дошта бошад. **Файласуфӣ, қабл аз ҳама, бузургист ва бузургӣ, чуноне ки файласуфи бузурги олмонӣ Нитше ба он посух дода: <u>*«ҳадаф мушаххас кардан ва роҳ нишон додан» аст.*</u> Устод Бекзода тӯли ин солҳо дар пардаи бузургӣ пинҳон нашуда, таври шифоҳӣ ва хаттӣ ҳамеша ба ҳадафи ниҳоӣ ва шоҳроҳи идеологияи миллӣ, ки дар фарҳанг, хирад ва биниши воқеӣ-реалистии ҷамшедӣ ифода ёфтаанд, сареҳан ишорат кардааст ва имрӯз низ дар ин масир бардамона қадам мезанад.**

Устод роҳи худро, новобаста ба равиши иҷтимоӣ ва вазъи сиёсию идеологӣ таъйин кардааст ва дар паймудани роҳи

ниҳоят душвори фикрӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ, ки дар ҳар сари қадам, бадбахтона, тавҳину таҳқир, таҳдиду фишорҳои мутаассибину хурофотиёни ҷомеаи суннатӣ ва вопасгароро мутаҳаммил мешавад, қадамҳои устувор бармедорад. **Агар ба вазъи мавҷудаи фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоии қаламрави ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ кунем, ба осонӣ пай хоҳем бурд, ки аз миёни фарҳангиён касонеро метавон дарёфт, ки ба дунявият ва илму мантиқ муътақиданд, аммо аз тарси ҷомеа, вобастагиҳо ва суннатҳои иҷтимоӣ, рӯҳониятсолории саросарӣ ва муҳимтар аз ҳама, амнияти вуҷудӣ хомӯширо ихтиёр кардаанд.** Ин аст, ки қишри фарҳангӣ ва равшанфикрӣ ҳанӯз дар ҷомеаи мо ташаккул наёфтааст ва дар маҳдудаҳои хонаводагӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва эҷодӣ арзи ҳастӣ мекунад, ки садояш танҳо дар доираи муҳити танг шунида мешавад. **Аммо устод Комил Бекзода алорағми фалосифаи дурӯғин, ки худро бо навою садои муфассирину мубаллиғини афсонаю бофтаҳо, анъаноту маросими архаистӣ ҷур кардаанд, дар саросари фазо ва муҳити ватанӣ ҷасоратмандона аз озодӣ, ирода, андеша, ҳувият, дониш, маърифат ва фалсафаи зинда сухан дар миён меорад ва бад-ин васила рақами ҷуръату ҷасорат дар сафаҳоти таърихи фалсафаи муосири миллӣ мезанад. Бешубҳа, ман дар симои устод файласуфи воқеӣ, инсони шариф, наҷиб, рӯшангар, инсонсолор, хирадпараст, на материалист ва на идеалист, балки реалистро дидам.** Барҳақ, **«Файласуфӣ чунин бояд!»**. Маҳз бо чунин файласуфону равшанфикрон ҷомеаи моро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд ва вуҷуди ин гуна шахсиятҳо бурди миллияти тоҷик аст.

Устод Комил Бекзода марди солор аст, ба синни мубораки 70 расида истодааст ва дар арафаи зодрӯз ба устод беҳтарин хушиҳои зиндагӣ: дарозӣ ва саодати умр, сиҳатию тандурустӣ, хонаободӣ, амнияту устуворӣ, шӯхтабъиву болидарӯҳӣ, ҷуръату ҷасорати ҷадиди илмию эҷодиро таманно дорам.

**Худро мувazзаф меҳисобам, ки аз дӯстон ва шарикдарсонам Нуриддин Шаҳобуддинов, Ҳафиз Бобоёров, Абдуссабур Абдусамадов ва Усмоналӣ Камолов,** ки ба дараҷаи шахсиятҳои матраҳи ҷомеаи тоҷикӣ расидаанд ва шогирдони мактаби фалсафии устод Комил Бекзодаанд, самимона арзи сипос намоям. Агар эшон намебуданд, шиносоӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо

устод иттифоқ намеафтод ва андак донишу бинише, ки имрӯз дорам, рӯйи кор намеомад. Дар зимн, аз дӯстони дигарам Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Исомуддин Шарифзода ва дигарон ташаккур мекунам, ки дар доираи маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» наздик ба бист сол аст, ҳаққи дӯстию бародарӣ дорам ва то имрӯз аз илму хирад ва таҷриботи илмию эҷодии онҳо баҳравар мегардам. Мо, шогирдон аз он ҷӣ ки тайи фаъолияти илмию эҷодӣ дарёфтем, ба баракати ҳамкорӣ бо устод марбут медонем ва ҳамагӣ мадюни устод Комил Бекзодаем.

**Нуриддин Шаҳобуддин: файласуф–адабиётшинос**



## I

## <u>ИШҚ БА ЗИНДАГӢ ВА Ё ИНКОРИ МАРГ</u>

Фалсафа ва файласуфон беш аз ҳар ҳунари дигар ифодакунандаи хиради миллатҳои худ мебошанд. Миллатҳо метавонанд дорои як арзиши бунёдӣ ва устувор нисбат ба ҳар арзиши дигари гузаранда бошанд ва ё бо гуногунии арзишҳо ва бинишҳо ва таҳаввули онҳо шакли ба худ хоси хирадро аз худ ба ҷилва оранд. Масалан, фалсафаи Буддо дар тӯли

садсолаҳо ифодакунандаи хиради як миллат аст, ки нисбати ҳар як фалсафаи дигар решаи устувортар ва дар биниши мардумон таъсиргузортар аст. Мутаассифона, шахсиятҳои дигаре зуҳур накарданд, ки тавонанд мактаби андешаронӣ ва фалсафарониро ба анъана табдил диҳанд. Баръакси инро мо дар фарҳанг ва фалсафаи урупоӣ мушоҳида менамоем, ки дар ин ҷо фалсафа ва ё фикри ягона ва мутлақе, аслан вуҷуд надорад. Дар ин ҷо гуногунандешӣ ва фалсафаҳои гуногун, ифодакунандаи моҳияти як фарҳанг мебошад.

Суоли асосӣ дар ин маврид он мешавад, ки чи гуна ин тарзҳои аз ҳам фарқкунандаро тавассути шеваи таҳлили ягона таҳлил намуд. Ҳадаф аз ин гуна масъалагузорӣ ин шеваи бархӯрд бо фалсафаи Марги Комил Бекзода мебошад. Масъала он аст, ки фалсафаи асосии Комил Бекзодаро «Марг ва ё барҳам додани марг» ташкил мекунад, ки ягона фалсафа ва ормони файласуф мебошад. **Ба тариқи мухтасар Консепсияи марг аз дидгоҳи Бекзода бар асоси принсипи худшиносӣ тарҳрезӣ гардидааст, яъне инсон маҳз тавассути расидан ба марҳалаи худшиносӣ ба моҳияти марг сарфаҳм меравад.** Фалсафаи худро ба миён гузоштан хоси файласуфони бузурги ҳар замон ва ҳар таҳаввули фалсафие, ки дар таърихи фалсафа рух додааст, маҳз бо ҷойгузини андешаи нави фалсафӣ ба ҷойи биниши қаблӣ сурат гирифтааст. Барои мо маълум аст, ки дар таърихи фалсафаи мо, ҳудудан дар ҳазор соли охир масъалаи марг шояд, аслан мавриди андешаи фалсафӣ қарор нагирифта бошад ва ҳеҷ як эстафетаро дар муносибат ба ин масъала дар таърихи андешаи ҳазорсолаи худамон ба мушоҳида расонида наметавонем. Агар чунин анъана вуҷуд медошт, мо биниши Бекзода дар мавриди Маргро дар раванди умумии андешаи миллӣ, яъне дар муқоиса бо бинишҳои пешина ва баъдина мавриди таҳлил қарор медодем. Азбаски чунин нест ва чунин таҳлил ғайриимкон мебошад, мо масъалаи Марг дар фалсафаи Бекзодаро аз дигар зовия таҳлил ва ба шеваи дигар масъалагузорӣ мекунем. Аммо ин ҳанӯз маънии онро надорад, ки масъалаи мазкур дар таърихи фарҳанг ва маънавиёти мо аслан вуҷуд надошт, ба ин масъала дар идома дубора бармегардем.

«Чаро марг?» Ба он хотир, ки имкони ба хубӣ ошкорсозии масъалаи зикргардида маълум гардад, мо антитезиси он, яъне Зиндагиро низ бояд дар назар дошта бошем. Ин зиндагӣ аст, ки маргро барои мо муаррифӣ ва боаҳамият мегардонад. Агар шинохти басанда аз зиндагӣ вуҷуд надошта бошад, онгоҳ масъалаи марг ва шинохти он низ ғайри қобили пешбинӣ мебошад. Масъалаи Марг метавонад ё як бардошти ниҳоӣ ва натиҷа аз бархӯрд бо масъалаи зиндагӣ бошад ва ё аллакай худ сароғозе, ки шахсро аз имкони таҷриба ва худро дар айни зиндагӣ қарор додан, маҳрум созад. Ин тарзи масъалагузорӣ моро водор месозад, ки ба муддате масъалаи маргро ба канор бигзорем ва баръакс, масъалаи зиндагиро, чи дар муносибат бо фарҳанги як миллат ва чи дар муносибат бо шеваи зиндагии он шахс мавриди омӯзиш қарор диҳем. Сабаби чунин иқдоми мо ин шеваи бархӯрди файласуфони ҳаёт бо масъалаи зиндагӣ мебошад. Намояндагони ин мактаб ба чунин натиҷа расиданд, ки фалсафаи метафизикӣ тавассути мафҳумҳои дар асл холӣ, аз як тараф, боварӣ ва андешаҳои мардумро ба манфиати худ тағйир дод ва, аз дигар тараф, худи ҳақиқати зиндагиро ба боди фаромӯшӣ супорид. Хулосаи ниҳоие, ки дар ин маврид ба вуҷуд омад, он буд, ки вобаста ба арзишҳои ахлоқие, ки дар бунёди бинишҳои метафизикӣ қарор дорад, ин ҷараёнҳо тавонистанд, ки тавассути мунҳарифсозии андешаҳо «ишқ ба зиндагӣ»-ро аз байн бубаранд. Чизи дигаре, ки мо ба андешаи файласуфони ҳаёт илова менамоем, ин аст, ки гурез аз "ишқ ба зиндагӣ", тавъам аст ба боди фаромӯшӣ супоридани масъалаи марг. Ин дуро наметавон аз ҳамдигар ҷудо донист. Вақте ки масъалаи бунёдӣ «ишқ ба зиндагӣ» мебошад, ду шеваи бархӯрд ба вуҷуд меояд: якум, бархӯрди нисбӣ, яъне наҷот додани зиндагӣ аз банди арзишҳо, бовариҳо ва таълимотҳое, ки зебоии зиндагиро аз байн бурдаанд ва дувум, бархӯрди мутлақ, яъне барҳам додани он омиле, ки боиси азбайнбарии зиндагии воқеӣ ва дар айни ҳол "ишқ ба зиндагӣ" мегардад. Дар мавриди дуюм маҳз масъалаи марг дар назар дошта шудааст. Барҳам додани марг ба хотири ҷовидона гардонидани зиндагӣ. Бархӯрди дувумро метавон идомаи мантиқии бархӯрди авалӣ номид, аммо дар

айни ҳол дар муносибат бо бархӯрди авал он аз воқеият дур, аммо бо хушбоварии боварнакарданӣ омехта мебошад. Агар ин биниши худро ба воқеият наздик гардонем, онгоҳ мисоли шеваи аввали бархӯрд ин фалсафаи Фридрих Нитше ва мисоли шеваи дувуми бархурд ин фалсафаи Марги Комил Бекзода мебошад, ки дар идома моҳияти ҳар дуи ин бархӯрдҳоро равшан месозем:

**<u>Наҷоти зиндагӣ дар фалсафаи Фридрих Нитше</u>**. Дар ин ҷо матраҳсозии тамоми фалсафаи Нитше ғайримумкин мебошад ва аз ин ҷиҳат мо танҳо асари ба истилоҳи худи ӯ «шарқиёна»-и «Чунин гуфт Зардушт»-ро асоси биниши худ қарор медиҳем. Вобаста ба ҳадафгузории муаллифи ин асар, он то ба имрӯз ҳам барои фалсафаи Урупо ва ҳам барои хонанда як муаммо мебошад. Сабаби асосии чунин «нофаҳмӣ», ин берун аз анъана ва интизориҳо қарор доштани таълимотҳои асосӣ ва масъалагузориҳое, ки дар ин асар матраҳ мебошанд. Интизорӣ аз он чунин буд, ки бояд дар як асари фалсафӣ сухан, аслан сари таълимот ва мафҳумҳои абстрактӣ ва дар айни ҳол аз воқеияти зиндагӣ ба дур равад, ки батадриҷ зеҳни хонанда дар як фазои аз замин ба дури тасаввур, кӯшиши дарки моҳияти онро кунад. Шеваи дигари таҳлил ғайритасаввур буд. Бо вуҷуди он ки Шопенҳауер аллакай мактаби арзёбии дубораи арзишҳоро матраҳ сохта буд, ва фалсафаи Урупо худ бевосита ифодакунандаи ҷараёни ҳеҷангорӣ буд, аммо то ба ин андоза имкони арзёбии дубора ва ҳеҷангориро зеҳни урупоиҳо тасаввур намекард. Азбаски зеҳн аз худ бегона гардида буд ва таълимотҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва динии бо ҳақиқати зиндагӣ дар зиддият, чун ҳақиқат қабул гардида буданд, андешаҳои заминӣ ва табиии Нитше дар ин асар барои хонандагон чун «муаммо» боқӣ монданд. Агар ҳақиқати зиндагии онрӯзаи урупоӣ ва ҳақиқати асари «Чунин гуфт Зардушт»-ро дар як он ошкор карданӣ шавем, он чунин ифода меёбад: «Ишқ ба ҳақиқатҳои осмонӣ» ифодакунандаи моҳияти зиндагии маъмулӣ ва «ишқ ба зиндагӣ» моҳияти асари зикргардидаи Нитше. Ишқ ба ҳақиқати осмонҳо инсонҳоро ба бетафовутӣ ба зиндагии рӯзмарра ва то онҷое, ки амиқандешони онҳо ин падидаро

таҳлил кардаанд, ба «дӯст надоштани зиндагӣ» оварда расонидааст. Асари Нитше мехост, ки ҳамин суитафоҳумро ислоҳ созад ва ба ҷойи «ишқ ба ҳақиқати осмонҳо» «ишқ ба зиндагӣ ва ишқ ба замин»-ро биёмӯзонад. Хулосаи калом, чунин моҳияти асари Нитше танҳо дар тафсирҳое, ки орифи ҳиндӣ Ошо дар бораи «Чунин гуфт Зардушт» анҷом дод, таҷаллӣ ёфт. **Яке аз файласуфони бузурги имрӯзаи олмон Петер Слотердик тафсири Ошо дар бораи «Чунин гуфт Зардушт»-ро чунин хулоса намуд: «Алберт Камю пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ асрори ниҳони Урупоро фош кард, ки он *дигар зиндагиро дӯст надоштан* мебошад. Шояд баъзе урупоиҳо аз ҳоло сар карда дар заминаи тафсири орифи ҳиндӣ Ошо ба китоби «Чунин гуфт Зардушт»-и Нитше таҳрике барои як дини нави ишқ ба зиндагиро пайдо кунанд».**

**Ҳамаи таълимоте, ки Нитше дар «Чунин гуфт Зардушт» матраҳ месозад, «зидди таълимот» ва ё алтернатива мебошанд ба таълимотҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва динии то замони ӯ мавҷудбуда. Ба андешаи Нитше ин таълимотҳои гузашта дар заминаи «ишқ ба зиндагӣ» ба вуҷуд наомадаанд, баръакс, асли онҳоро «инкори зиндагӣ» ташкил медиҳад. Нитше мехоҳад, ки зиндагиро аз банди таълимотҳое, ки моҳиятан зиддизиндагӣ ҳастанд, наҷот диҳад ва ба ҷойи онҳо таълимотеро ба вуҷуд оварад, ки дар асоси он «ишқ ба зиндагӣ» қарор дорад.**

Он чӣ ки то ин ҷо матраҳ кардем, мисоле буд барои ифода кардани бархӯрди нисбӣ нисбат ба масъалаи зиндагӣ. Дар идома дар мисоли фалсафаи марги Комил Бекзода мехоҳем бархӯрди мутлақ дар ин муносибатро матраҳ намоем. Он гуна ки аллакай зикр намудем, **фалсафаи асосии Комил Бекзода марг ва ё умуман, барҳам додани марг ба хотири ба ҷовидонагӣ расидан мебошад. Ҳадафи мо аз «бархӯрди мутлақ» он аст, ки дар ин ҷо, он гуна, ки дар мисоли Нитше мушоҳида кардем, файласуф ба коркарди зиндагӣ, яъне орӣ гардонидани зиндагӣ аз алафҳои ҳарза ва ё таълимотҳои зиддизиндагӣ машғул намешавад, балки бо аз байн бурдани масъалаи марг, мехоҳад ҳамаи масъалаҳоеро, ки боиси ба мусибат табдил додани зиндагӣ гардидаанд, аз байн барад. Дар ин ҷо ҳадафи асосӣ**

**бедор кардани шеваи андешае мебошад, ки ҳадафи он бархӯрди бевосита бо масъалаи марг аст.**

Фалсафаи Бекзода ғайридонишгоҳӣ мебошад, яъне дорои системаи муайян, ки хоси файласуфони урупоӣ аст, нест. Бояд зикр намуд, ки Нитше низ асосгузори фалсафаи ғайридонишгоҳӣ дар Урупо мебошад. Ба тариқи возеҳтар Бекзода ба мисли файласуфони пешазсуқротӣ фалсафа эҷод кардааст ва ҳамингуна низ зиндагӣ кардааст. Бекзода идеяи худро дар асоси дастовардҳои навини илмҳои зистшиносӣ, физиологӣ ва ё генетикӣ ба вуҷуд наовардааст, баръакс дар марҳалаи минбаъда идеяи худро дар асоси дастовардҳои ин илмҳо асоснок гардонидааст. Аз ин ҷиҳат низ бояд сабаби зуҳури идеяи мазкур дар таълимоти Бекзодаро дар решаҳои фарҳангӣ ва шахсии ӯ ҷустуҷу намуд. Азбаски Нитше аз фарҳанги мо фақат бо таълимоти ахлоқӣ-метафизикии Зардушт ошно буд, гумон дошт, ки сароғози ғайривоқеӣ гардидани зиндагии башар маҳз аз ҳамин нуқта сарчашма мегирад. Аммо Бекзода бо фарҳанги қабл аз зардуштӣ ва хусусиятҳои он низ ба хубӣ ошно аст, ки дар он марҳалаи фарҳангӣ «ишқ ба зиндагӣ» дар баробари масъалаи марг асоситарин арзиш ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамин муносибат ва дар заминаи чунин огоҳиҳо бархӯрдҳои нисбӣ ва мутлақ ба вуҷуд омадаанд.

Ба хотири он ки ба баҳонаи ин масъала дар фарҳанги гузаштаи худ гум нагардем, танҳо як унсурро дар ин фарҳанг ҳамчун омили мушоҳида ҳадаф қарор медиҳем, ки он низ *марг* мебошад. Он гуна ки ҳоло қайд намудем, дар марҳалаи ҷамшедии фарҳанги мо масъалаи марг ва моҳияти пайвастхӯрдаи он бо масъалаи саодати зиндагӣ гиреҳ хӯрдааст. Маҳз ин равшаннамоӣ метавонад мушкили сарбастаи моро ҳал кунад. **Мувофиқи тасвири "*Шоҳнома*" ва дигар сарчашмаҳо, зиндагӣ дар ин марҳала ба авҷи тиллоии худ мерасад ва Ҷамшед ҳатто маргро барҳам мезанад.** Чаро Ҷамшед масъалаи маргро нодида нагирифт, балки баръакс, иқдом ба барҳам додани он кард? Ҷавоби ин суол моро водор ба ҷустуҷӯи марҳалаҳои боз ҳам қаблитари ин фарҳанг нисбат ба марҳалаи ҷамшедӣ раҳнамун месозад ва мо онро дар

устураи пайдоиши инсон дар фарҳанги бостонии форсӣ-тоҷикӣ, пайдо мекунем. Шарқшиноси оғози асри бистуми олмонӣ Ҳерманн Ломмел дар асари худ бо номи «Мазҳаби Зардуштия» бар он бовар аст, ки маънии аслии калимаҳои Машӣ ва Машиёна, Муртӣ ва Муртия мебошад, ки ҳар ду аз калимаи мирандагӣ гирифта шудааст (Ниг. Ломмел, Мазҳаби Зардуштия,Тубинген 1930. - 131 С.). Дар ин ҷо барои мо ба хубӣ маълум мегардад, ки аввалин биниш ва тасаввуроти форсӣ-тоҷикӣ чи дар нисбати зиндагӣ ва чи инсон, бо мафҳуми марг алоқамандӣ дорад. Дар ин оғоз ҳанӯз инсон, зиндагӣ ва охирати он бо боварихои ғайризаминӣ омехта нашудааст ва инсон ҳамчун як маҳсули замин ва табиат, дониста мешавад. Мутаассифона, аз сабаби бисёр куҳан ва камтар дар сарчашмаҳои хаттӣ тасвир гардидани махсусиятҳои ин фарҳанг маълумоти андак дар бораи он ба мо омада расидааст. Аммо ҳамин маълумотҳои боқимонда метавонанд, асосе барои тасаввур кардани образи зиндагии онрӯзаро ба мо диҳанд. Вақте ки зиндагӣ воқеӣ ва бинишҳо сирф табиӣ ва барӣ аз боварихои ғайривоқеӣ мегардад, наметавон ду чизро сарфи назар намуд: якум, зиндагӣ ба авҷи инкишоф ва ташаккули худ мерасад, зеро зеҳният тамоми неруи худро барои беҳтару хубтар гардонидани он сарф менамояд ва умеди ғайривоқеие наметавонад ин неруро хунсо созад ва дувум, марг ҳамчун муаммо, мояи ранҷ ва андешидан боқӣ мемонад. Як зеҳне, ки тасаввур ва боварие аз дунёи ғайб надорад, бидуни шак дар бораи барҳам додани марг меандешад. Шояд оҷиз мондани инсон дар ин марҳала дар баробари марг боиси бунбаст ва адами инкишофи минбаъдаи чунин шеваи андеша дар ин фарҳанг гардид ва ба ҷойи он таълимоте ба вуҷуд омаданд, ки тавассути боварӣ ва таълимоти ғайривоқеӣ, аммо умедворкунандаи худро густариш ва пайравони худро зиёд созанд. Бо таълимоти Зардушт сар карда, тадриҷан бинишҳои метафизикӣ нисбат ба бинишҳои табиӣ ва воқеӣ неруманд мегардиданд ва ҳамин гуна масъалаи марг низ дар пасманзари метафизика қарор мегирад. Динҳои минбаъда, бахусус динҳои монотеистӣ ин равандро ба дараҷаи боварнакарданӣ боваркунониданӣ гардониданд. Агар ба хубӣ моҳияти равандҳои навро

мушоҳида намоем, ду воқеиятро ошкор месозем: якум, инкишофи бинишҳои метафизикӣ, яъне инкишофи бинишҳое, ки зиндагии воқеӣ ё «ишқ ба зиндагӣ»- ро инкор месозанд ва зиндагии ғайривоқеиро ҷойгузини зиндагии воқеӣ месозанд; дувум, инкишофи бинишҳои метафизикӣ, яъне инкори шеваи андешаи воқеӣ дар нисбати масъалаи марг. Хулосаи инкишофи бинишҳои метафизикӣ он аст, ки он ду чизро: ҳам «ишқ ба зиндагӣ» ва ҳам «андешаи воқеӣ дар бораи марг»-ро аз байн бурдааст. Нитше мехоҳад таълимотҳои метафизикиро барҳам диҳад, то бадин васила «ишқ ба зиндагӣ»-ро ба инсон баргардонад. Бекзода бошад, мехоҳад масъалаи маргро ҳал намояд. Ин ҳам ба хотири «ишқ ба зиндагӣ». Ин ду омилро наметавон аз ҳам ҷудо намуд.

Вақте ки фарҳангҳо куллан тағйир меёбанд, пеш аз ҳама, арзишҳо, бинишҳо ва мантиқи бархӯрд бо зиндагӣ ва ҷаҳон тағйир меёбанд. Дар бинише, ки хоси фарҳанги ҷамшедӣ мебошад, марг ва барҳам додани марг бунёдитарин масъала мебошад, аммо дар фарҳангҳои дигар ин беаҳамият ва шояд хандадор мебошад, зеро роҳҳои метафизикии ҳалли ин масъала, яъне «зинда гардидан дар рӯзи қиёмат» алакай маълум ва ҳамафаҳм гардидаанд. Инсоне, ки айни зиндагӣ аст, таълимоти хусусияти зиддизиндагидошта ба ӯ ҳанӯз таъсир нарасонидааст ва ё инсоне, ки огоҳона худро аз таъсири он таълимотҳо озод сохтааст, бинишаш нисбати зиндагӣ фарқкунанда мебошад. Ҷаҳон дар назари ӯ дигаргуна ба ҷилва меояд. То он ҷо, ки Бекзодаро мешиносам, ӯ шевотарин ва шояд ягона инсони бидуни укдаи тамоми насли замони Шӯравӣ бошад. Аслан, чи фарҳанги исломӣ ва чи фарҳанги коммунистӣ фарҳангҳои укдазо буданд, зеро ҳар ду ҳам зиндагиро он гуна ки ҳаст, қабул намекарданд. Аввалӣ, инсонро ба воқеияти зиндагӣ наздик шудан намегузошт ва дувумӣ, инсон ва зиндагиро дар қолабҳои боварнакардании хушк, сард ва орӣ аз обу ранги зиндагӣ ҷой ва маҳдуд мекард. Аз ин рӯ, инсонҳои маҳсули ин фарҳангҳо пур аз укда мебошанд. Бекзода тавонистааст, ки ба мағфирати худо аз ин укдаҳо озод бошад ва дар фалсафаи худ қадимитарин ва хешмандтарин андешаи тоҷикиро дубора зинда созад.

Ҳамин тавр, фарзияи аввалин ва асосии мо дар бораи фалсафаи марги Бекзода он аст, ки он асоси фарҳангӣ дорад ва хоси шеваи ҷамшедии андешаи фарҳангии мо мебошад. Он асосҳое, ки ӯ дар нисбати имкони барҳам додани марг пешниҳод менамояд, танҳо дар марҳалаҳои минбаъда ба вуҷуд омадаанд. Решаҳои дигари фалсафаи марги Бекзодаро фалсафаи орифи рус Николай Федоров ва дастовардҳои илмҳои навтарини зистшиносӣ дар соҳаҳои ба марг алоқамандидошта, аз қабили «кланирование», суст кардани суръати пиршавии инсонҳо, фароҳам овардани шароит барои дарозумрӣ ва мисли инҳо тамоил медиҳанд.

**Ба тариқи хулоса, дар мавриди фалсафаи марги Бекзода мегӯем, ки он се реша дорад: якум, решаи фарҳангӣ, ки дар арзишҳои ибтидоии фарҳанги мо ба мушоҳида мерасад, дувум, решаи фалсафӣ, ки дар фалсафаи Федоров ифода ёфтааст ва севум, решаи илмӣ, ки дар соҳаҳои навтарин ва ояндадори илми имрӯзаи ҷаҳонӣ ба мушоҳида мерасад. Фалсафаи мазкур ибтидоитарин, хешмандтарин ва асилтарин андешаи фарҳанги миллиро бо ояндатарин умеди илми ҷаҳонӣ гиреҳ мезанад.**

## II
## ҲУНАРИ ДӮСТВАРЗИИ БЕКЗОДА

**Ин Комили мо комилтарин инсон аст,**
**“Андеша”–и Ӯ андешаи Кайҳон аст.**
**(Файзи Олӣ)**

Ҳар як инсон дорои дӯстон ва ҳадди ақал дорои дӯсти ягонае мебошад. Асоситарин омили устувории дӯстиҳо ин бо ҳам наздик будани дӯстон аз ҷиҳатҳои хулқу ахлоқ мебошад. Аммо дар муносибати дӯстони Бекзода ман хилофи ин принсипро мушоҳида кардам, яъне инсон метавонад бо инсонҳои аз ҷиҳати характер гуногун ва ҳатто мухолиф низ дӯстии арзанда ва пойдор дошта бошад. Ин андешаи худро ман дар муносибати ӯ бо дӯстонаш Файзи Олӣ ва Мирзо Боқӣ метавонам исбот намоям. Муносибате, ки Бекзода бо онҳо дорад, барои мо

ҷавонон қобили мушоҳида ва қобили ибрат мебошад. Асли гап дар он аст, ки ин дӯстон ба намудҳои батамом аз ҳам фарққунанда дохил мешаванд ва одатан, ин ғайримумкин аст, ки як шахс бо чунин типҳои дар қутбҳои аз ҳам фарққунанда қарордошта, дӯстии сазовор ва арзанда дошта бошад.

**Файзи Олӣ** густохи тамоман айёри шаҳри Душанбе мебошад. Ӯ эҳтироми ҳар касро медорад, аммо дар муносибатҳо ба мисли инсонҳои қолабӣ нест. Аслан дили танг надорад ва ҳар чӣ дилаш хоҳад, мегӯяд. Ҳеҷ қоида, ҳеҷ чаҳорчӯба, ҳеҷ ҳаду марзро ҳангоми баҳсҳо намешиносад. Зиёд бузургоне, ки дар ҷумҳурӣ муътабар ҳастанд, аз луқмапартоиҳо, густохиҳо ва ошкорбаёниҳои ӯ ҳарос доранд ва аз неши забони ӯ моҳҳою солҳо ранҷ бурда ва мебаранд, шояд аз ин ҷаҳон реҳлат ҳам карда бошанд! Чӣ қадар инсонҳое, ки тоби дӯстии ин густохро наёварда, аз ӯ дурӣ ҷуста бошанд? Файзи Олӣ аз методҳое, ки софистҳои юнонӣ ҳангоми баҳсҳо ва мурофиаҳои судӣ дар Юнони Бостон истифода мебурданд, ба хубӣ огоҳ аст ва шеваҳои онҳоро дар баҳсҳо ба хубӣ истифода мекунад. Шояд дар вуҷуди ӯ гени Пратагори юнонӣ нуҳуфта аст, кӣ медонад?. Чунин як шахси ғайриқолабӣ бо Бекзода дӯстӣ дорад ва дӯстии онҳо на дилгиркунанда аст ва на зоҳирӣ. Инсонҳои мисли Файзи Олиро дар равоншиносӣ инсонҳои баданӣ, берунгаро ва ё Extrowert меноманд. Чунин инсонҳо зоҳиран пуршӯру шар, исёнӣ ва пуртуғён мешаванд.

**Мирзо Боқӣ** дӯсти дигари устод Бекзода, муаллифи абаркитоби «Ҷовидоннома», аз ҷиҳати намуд, баръакси дӯсти аввалии ӯ мебошад. Ҳамон хусусиятҳое, ки Файзи Олӣ дар зоҳир нишон медиҳад, Мирзо Боқӣ, ботинан доро мебошад. Ӯ инсони ниҳоят ором ва сокит аст. Ба оҳистагӣ роҳ меравад, одатан танҳо аст ва як ҷаҳони оромӣ ва хомӯшӣ ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Дар баҳсҳо низ анқариб ҳарф намезанад, фақат моҳияти аслии масъалаҳои мавриди баҳсро, мухтасар иброз медорад. Ба сухан даровардани ӯ амри маҳол аст. Аммо ин ҳама фақат хусусияти зоҳирӣ доранд. Ботини Мирзо Боқӣ, баръакси зоҳири фиребандаи ӯ мебошад. Ботини Мирзо Боқиро уқёнуси хиради ҷаҳонӣ ташкил медиҳад. Ботинан, ӯ

пуртуғён, пурғурур ва пур аз ифтихор аст. Ҳеҷ як аз ҳамзамонон ва наздикони ӯ таҳаммули шаҳомати ӯро надоранд ва аз ин ҷиҳат, зоҳиран бо ӯ ҳусни тафоҳум нишон медиҳанд, вале дар асл, аз ин «офат» безор ҳастанд ва дӯсташ намедоранд.. Ин гуна инсонҳоро дар равоншиносӣ ба намуди дарунгаро, устухонӣ ва ё Introwert дохил мекунанд. Ба тариқи рамзӣ ин гуна инсонҳо мисли уқёнуси зоҳиран ором, вале дар ботин саршор аз мавҷҳои зиду нақизро мемонанд.

Дӯстии Бекзода бо нафарони зикркарда, даҳсолаҳо идома дорад. Масалан, бо Мирзо Боқӣ ӯ аз замони донишҷӯӣ дӯстӣ дорад. Бекзода тавонистааст, ки бо ин нафарони аз ҷиҳати характер аз ҳам мутафовит дӯстии огоҳонаро ба роҳ монад. Ҳар дуи онҳо ба назди Бекзода меоянд. Дӯстони ҷавон ва шогирдони ӯ, низ меҳмони маҳфили «Ҷаҳони андеша» ҳастанд. Дар муносибат бо онҳо як навъ бардамӣ ва чусту чолокӣ аз ҷониби Бекзода ба мушоҳида мерасад. Чи дар дафтари корӣ, чи дар ошхона, ва чи дар ҳар ҷойи дигаре мехоҳад, ки хизматеро барои дӯсташ анҷом диҳад. Хурдтарин имкони мавҷударо барои дӯсташ муҳайё месозад, масалан, мехоҳад дарҳол як чой ташкил кунад, ягон китоб, ё мақолаи навро барои хондан пешниҳод менамояд. Агар ягон сухан ё навиштае аз дӯстонаш шунавад, бо сарҷунбонӣ нишон медиҳад, ки чӣ кори арзандаеро, гӯё худи ҳозир дӯсташ анҷом додааст. Бекзода аз дӯстонаш ҳеҷ чизро интизор нест, на таъриф, на ситоиш ва на мисли инҳоро, баръакс, мехоҳад тарафи муқобилро бо лутфе хурсанд кунад.

Дӯстӣ варзидан ва дӯстиро пос ва нигоҳ доштан кори саҳл нест. Он ҳунари наҷиб ва зеборо метавон дар муносибати Бекзода бо дӯстонаш мушоҳида кард, ва ба ибрат гирифт.

Ҳафтаи ҷорӣ файласуфи тоҷик Комил Бекзода 70-сола мешавад. Барои файласуф ин ҳанӯз марҳалаи ҷавонӣ мебошад. Дар баробари беҳтарин таманниёт мехоҳам сифреро ба сифри рақами 70 илова намоям ва ба андозаи он барои ӯ зиндагӣ орзу намоям, зеро то ин муддат илми ҷаҳонӣ масъалаи маргро ҳал мекунад ва файласуфи мо ба орзуи ягонаи худ мерасад.

**4 январи соли 2015 ш. Душанбе**

## ТАҚРИЗ

**Муҳаммад Карим Каримзода:**
**(Рассом)**



## “БЕ ҲИММАТИ МО ҲЕҶ КАСЕ ЗИНДА НАГАРДАД!”

**Зиндагӣ дар қайду банди урфу одат мурдан аст,**
**Даст-дасти туст, бишкан, ин тилисми нангро!**
**(Бедил)**

Китобе, ки дар дасти ман аст, аз Устод Комил Бекзода мебошад. Ва он “Гурез аз Хайём” номгузорӣ шуда.

Ман мехоҳам баъзе андешаҳои парокандаи худро нисбати китоб, ҳамчун хонанда, иброз намоям. Ростӣ мо интизори он будем, ки мунаққидон, мутахассисон ва шоирони мо фикри хешро баён медоранд. Вале ҳайҳот...

Ҳама мӯҳри хомӯшӣ бар лаб зада.

Аз назари мо китоб бисёр арзанда ва пурмуҳтаво аст. Китобест барои зиндаҳо ва зиндадилону соҳибназарон. Ба қавли худи Устод: «Барои онҳоест, ки дар талоши ҷаҳоне нав ҳастанд».

Захмаест, ки ба тори дилу ҷон мезанад, то ки пунбаро аз гӯшҳои худ бигирем, ҳамеша бедор бошем ва ба қадри зиндагӣ бирасем. Ва худшинос бошем.

Ростӣ, Устод ба китоби худ, ки маҷмӯаи шеърҳо, рубоӣ, ғазал ва ҳар он чӣ ба он дохил аст, шарҳу тафсири мукаммале навиштааст. Ва ин маънои онро надорад, ки мо фикри мустақили худро надошта бошем. Ин кори муаллиф қобили дастгирист, то ки хонандагон дар вақти мутолиаи китоб ба ғалатфаҳмӣ роҳ надиҳанд. Ва дар оянда ҷое барои бофтаву тофта ва афсонасозиҳои дигар намонад. Аз гузашта ба мо маълум аст, ки то имрӯз ҳам дар атрофи баъзе шеърҳои классикон баҳсу мунозираҳо ҷараён дорад.

Чизи аз ҳама муҳимтар он аст, ки агар классикон зиндагиро аз рӯи принсипи панду андарз, ҳикмату зебоӣ, ҳунару ҳунармандӣ, ҷавонмардӣ, ба қадри зиндагӣ расидан, вақтро ғанимат шумурдан, некном будан, хушбахтӣ, дасти якдигар гирифтан ва инсондӯстию одамият, арзёбӣ карда бошанд, ба изофаи инҳо Устод зиндагиро аз рӯи таълимоти нав, роҳи нав, фалсафаи нав, ки ҳадафи он инсонро ба ҷовидонагӣ расонидан аст, шарҳу таҳлил кардааст.

Ҳар он чӣ менависам ва мегӯям, мадҳу санои касе нест. Танҳо мехоҳам гӯям, ки ман шеърро чунин мефаҳмам. Ва ба баҳри андешаҳои Устод ғӯта мезанам, то ба қадри фаҳмиши хеш ташнагиамро бишканам.

Қисмати якуми китоб дар бораи мавзӯъҳое аз қабили: шеър чист, шеър ҳамчун падидаи маънавӣ, шеър аз нуқтаи назари мазмун, шеър чӣ гуна эҷод мешавад, ва шеъру фалсафаи шеърӣ чист, баҳс менамояд. Ин қисмат бисёр сода, фаҳмо, равону равшан, шоирона ва ҳакимона шарҳу таҳлил шудааст.

Устод мефармояд:

“Дар олами ҳастӣ, ду ҳақиқат вуҷуд дорад.

Якум: ҳақиқати кайҳонӣ.

Дуюм: ҳақиқати инсонӣ.

Низои байни ин ду ҳақиқат, ҷавҳари мушкилоти башариро ташкил медиҳад”. (саҳ8).

“Ҳақиқати кайҳонӣ хеле бузург ва амиқ аст. Ҳақиқати инсонӣ нотамом ва ноқис аст. Ва шоир ба воситаи шеъри худ ҷаҳонро аз нав меофарад. Зеро шоир аз ҷаҳони мавҷуд розӣ нест. Шеър барои шоир васила аст. Васила яъне восита ва абзорест, ки кӯчакро бузург ва бузургро кӯчак нишон медиҳад. Ҳамин аст ҳунар ва дастгоҳи шоирӣ”.(Ҳамонҷо с.8).

Ба як калима ҷавҳари ҳунари шоирӣ маҳз аз ҳамин муболиға иборат аст. То ин дам худи ман чунин шаҳру таҳлили амиқу оригиналиро нахонда будам.

Ба ҳамаи он эҳтироме, ки нисбати муаллифи ин китоб дорам, баҳои ӯро дар хусуси шоирони пешин ва номи китоб қабул карда натавонистам. Зеро эҷоди классиконро нодида гирифтан ва фалсафаи онҳоро натиҷаи «як бемории иҷтимоӣ, биниши онҳоро сӯфиёна, орифона» гуфта, аз «Хайём ва Хайёмпарастон бигрезем», ба назари ман носавоб ва густохона аст.

Гарчанде ки номи Хайём ҳамчун рамз ва нишонаи фарҳанги гузашта истифода шуда бошад.

Чаро? Бо кадом далел?

Якум: Дар таърихи башарӣ ягон шоири қавме ба пояи шеъри форсӣ-тоҷикӣ нарасидааст. Бисёре аз онҳо инро эътироф кардаанд ва ҷавоб ҳам гуфтаанд.

Дуюм: То имрӯз ба шарофати шеъри форсӣ-тоҷикӣ моро ҷаҳониён мешиносанд.

Сеюм: Шеъри форсӣ-тоҷикӣ буд, ки мо дар заминаи он ташаккул ва тарбия ёфта, аҷаб нест, ки аз нобудшавӣ наҷотамон дод.

Чаҳорум: Шеъри форсӣ-тоҷикӣ ин гувоҳи равшани ҷонбозии мардуми мо дар тӯли таърих аст. Ва он орзую омоли мардуми моро таҷассум кардааст ва чун давраи Эҳёи Италиё ба ҷаҳониён хизмат мекунад. Шеъри форсӣ-тоҷикӣ, яъне: шукуфтани гул, хониши булбул, хиромидани ёр ва резиши обшорро мемонад. Хулоса, шеъри форсӣ-тоҷикӣ баҳор аст, баҳор. Зиндагиномаи шоирони пешин, ҳамвору дурахшон набуд ва ҳар он чӣ аз дасташон омад, бароиояндагон дареғ надоштаанд.

Барои ман, шахсан, муҳим он нест, ки онҳо ориф, диндор, бедин, суфӣ, ринд, дуалист, гуманист, ва ғайра будаанд, ва кадом роҳро интихоб намудаанд. Муҳимтар аз ҳама, онҳо, баояндагон ва ба ватан хиёнат накарда, умри хешро ба шеър бахшида, мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштаанд. Гарчанде бештари онҳо, овора дар зиндагӣ, сарсон, саргардон, дур аз ватан ва гуреза умр ба сар бурдаанд.

Дигар ин ки гузашта, гузаштааст ва бо гузаштани вақту замон ин осор, то андозае, баъзе паҳлӯҳои қиммати худро гум

мекунанд. Тараққиёти ҷамъияти мо, мехоҳем ва ё намехоҳем, таъсири худро мерасонад. Ва акнун навбати гиру дори мост…

Ба қавли Мавлоно:

“Навфурӯшонему ин бозори мост...”

Дар мавриди ояндаи шеъри форсӣ–тоҷикӣ маслиҳатҳои Устод барои ман чандон возеҳу фаҳмо нест. Чи гуна? «Мо бояд аввал урупоӣ шавем ва баъдҳо боз ба шарқигарии худ рӯй оварем»–мегӯяд Ӯ. (с.21).

Муаллиф чиро дар назар дорад, ман дарк накардам. Оё зиндагии хубу гуворотарро, ҳамқадами замон ва ҷаҳониён буданро, пешравии технологиро, истиқлоли фарду озодии андешаро.... Чиро? Оё шахсе, ки ҷавҳари азалии худро дигар мекунад, метавонад, боз ба шакли пештара баргардад?

Бо вуҷуди ҳамаи печидагиҳои ҷаҳони муосир, миллати тоҷик бояд бо ҷавҳари азалии худ бимонад, худшинос бошад ва ба роҳи худ равона бошад. Ба касе монанд шуданро орзу накунад, ки ин кор баробар ба худкушист. Ин аст ҳикмати зиндагӣ! Баҳра бурдан аз пешравии илму технологияи имрӯза, ин кори ҳамаи мардумони огоҳи ҷаҳон аст. Муҳимтар аз ҳама, дар ҳамаи давру замонҳо, аз он рӯзе, ки шахс ба худшиносӣ расид, огоҳона ва нохудогоҳ барои расидан ба ҷовидонагии худ, кӯшиш кардааст. Касе бо дин, дигаре бе дин, дигаре бо шеър, фалсафа, наққошӣ, илм, техника ва хулоса бо роҳҳои гуногун, ҳар он чӣ аз фитрату ботини онҳо бармехезад, ҷаҳду талош намудаанд ва менамоянд.

Мерасем ба қисмати шеърҳо. Шеърҳои писандидатарин бароям инҳоянд. Барои намуна, ин шеър:

<u>Шеъре барои ту:</u>

**Баҳри ту гуфтам, ки «Олам гулшанест»,**
**Мо дар он гулшан ҳама мастем, маст...**
**Баҳри худ гуфтам, ки Олам фитнаест.**
**Мо гирифтори чунин болову паст...**

Ин қитъа бароям равонтарин, муҳимтарин ва пурмазмунтарин қитъаи шеърӣ аст. Зеро дар он оқибати фоҷиаи умри инсон ба риштаи тасвир кашида шудааст. Он ба тарзи гуфтугӯ ва диалог эҷод шуда, муносибати Устодро ба Оламу

Одам, ба он гирифториҳое, ки инсон дар зиндагӣ дорад, нишон медиҳад. Инсонҳо ками дар кам аз зиндагӣ ибрат мегиранд ва ҳамеша дар паи озори якдигар буда ва ҳастанд.

Ин қитъа саропо романтикӣ ва пур аз фоҷиа аст. Бубинед зебоӣ ва равонии гуфторро, ки танҳо ба хотири Ту гуфта шудаанд.

Ва "Туро Худои олами зебоӣ" меномад.

Ва муамморо бубинед, ки устод дар идомаи шеър ба мо муроҷиат карда мегӯяд:

**Баҳри ту гуфтам: «Худои оламӣ!**
**Ин худоӣ бас туро зебанда аст!!!»**
**Баҳри худ гуфтам: «Чӣ фикри ботиле,**
**Сарвари олам магар миранда аст!!!»**

Ҳамаи нозукии масъала ва ҳикмати зиндагӣ, дар мисраи охир нуҳуфтааст. Ба замми ҳамаи он мастию мардонагӣ ва сарвари олам буданаш, Инсон то ҳол натавонистааст, худро аз марг наҷот диҳад. Чаро?? Зеро ки миранда будани мо сирру, асрор ва тилисмест нокушода. Касе барои кушодани он кӯшиши ҷиддие накардааст. Ин аст, хулосаи "Шеъре барои ту". Дар тӯли таърих шахсоне буданд, ки ишорае кардаанд, ки мушкилоти башар танҳо марг аст, вале гуфтаи онҳо бе далел, бе натиҷа, ва бе пуштибон монда...

То ҳол дасти дарозои аҷал дароз асту аз гиребони одамӣ гирифта.

Ҷаҳони одамӣ аз ин ҳақиқати талх гурезон аст, ҳарос дорад ва ба сӯи дигаре равона аст. Бале, равон асту равон.

Комил Бекзода дар ин китоб ба бисёр шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ, шахсиятҳои муосир шеърҳо бахшидааст, ки ниҳоят ҷолиб ва қобили таваҷҷӯҳанд. Бо эҳтирому арзу сипоси бепоён аз онҳо ёдоварӣ кардааст.

"Наврӯзи нобаҳангом" (дар ёдоварии Кароматулло, Дӯстмурод ва Одина Ҳошим), "Хандаи Муҳиддин Олимпур", "Баҳори бе шоир" ба ёди шодравон Сарвар Амирҷон бахшида шудааст:

**Баҳоро, омадӣ? Сарвар наёмад?**
**Куҷо шуд шоири гулҳо, куҷо шуд?**
**Ту танҳо омадӣ, бе дидаву дил?!**
**Баҳоро, шоири дилҳо куҷо шуд?**

Куҷо шуд? Мепурсад Устод... Дар ин мисраъҳои пурдарду зебо ва шоирона, ки аз баҳору гулу булбул, дидаву дил, некӯиву сангиндилӣ, имсолу пор, савти ҳазору сад баҳори дигар пурсон аст, чиро мехоҳад, чиро интизор аст? Дар зери ҳамаи ин пурсишҳои беҷавоб, чӣ сиррест аз назарҳо пинҳон? Бо сад дарду доғ мепурсад: Сарвар куҷо шуд?!! Ба куҷо рафт? Ин даҳшат касеро ба андеша кардан водор намекунад. Ва ё аз тарс ҳама хомушанд? Ба ӯ чӣ шуд?? Ҳамаи моро чунин ҳолу оқибате интизор аст. Ва касе ба ин саволҳо ҷавоб нададааст ва аз ҷавоб додан рӯй мегардонанд. Ин сукути ҳамагонӣ як навъ ғуломӣ, шикаст ва мутеият аст. Ин худро бохтан аст, ин дар зиндагӣ мурдан аст, мурдан. Мурдаи роҳрав ва зинданамо. Зинданамои мурдадил...

Муҳаббати Устод нисбат ба Инсон ҳадду андоза надорад.

Дар шеъри "Мақоми инсон", ки ба ёди аллома Муҳаммад Иқбол бахшида шудааст, хеле мастона ва мардона симои ин марди тавоноро тасвир намудааст. Ниёзе ба касе, ба чизе надорад, танҳо дар хизмати инсон буд ва мемонад:

**Эй ҳакими Шарқ, эй донои роз,**
**Эй зи дунёву зи уқбо биниёз,**
**Аз чӣ рӯ бутхонаҳо бишкастиву**
**Сӯи дайри одамӣ кардӣ намоз?!.**

Баъди хондани ин шеъри Устод ба хотирам гуфтаи аллома Муҳаммад Иқбол меояд, ки гуфтааст:

**Суруди рафта боз ояд, ки н-ояд?**
**Насиме аз Ҳиҷоз ояд, ки н-ояд?**
**Сар омад рӯзгори ин фақире,**
**Дигар донои роз ояд, ки н-ояд?**

Ростӣ ин мисраъҳоро Иқбол дар лаҳзаҳои пеш аз маргаш гуфтааст ва бубинед, ки ин марди инқилобӣ дар дами

марг ғами кӣ ва фикри киро дар дил доштааст. Дар чӣ орзӯст, ба умеди кист, киро интизор аст. Ӯ дар орзуи як донои розест, ки омада, мушкилоти моро ҳал мекарда бошад. Ин аст фикру орзуи охирини ӯ…

Дар назарам ин гуфтаи устод Комил Бекзода ба сурудаи Муҳаммад Иқбол алоқамандие дорад.

Бисёр шеърҳо ва ғазалҳои ин китобро номбар метавонӣ кард, ки дар адабиёти классик ва муосир назирашон кам аст. Мисолаш ин шеърҳоанд:

“Мақоми шеъру шоирӣ”,“Ин ҷаҳон чист ва мо кистем?”, “Ман тоҷики деринаам”, “Қасидаи Ванҷ”, “Шаҳиди роҳи истиқлол”, “Хоҷа бархез”, “Фирдавсӣ-файласуфи ношинохта”, “Мақоми Иқбол”, “Гуфтушуниде фалсафӣ бо Ҳаким Умари Хайём”, “Ҳадафи куллии ҷаҳониён”.

Таваҷҷӯҳи маро бештар мазмуни баланди шеърҳо, равонӣ, шӯрангезӣ, мусиқӣ, пайванди гузашта ва имрӯза, мақоми шахс дар ин ҷаҳон, ватандорӣ ва ватанпарастӣ, озодӣ ва озодагӣ, ҷасорат, ҳаётдӯстӣ, инсондӯстӣ, набард бо марг, нотарсӣ, худшиносӣ ва бениёзӣ аз ҳар касе ба худ ҷалб кардааст.

Ва вақте, ки шеъри “Ман тоҷики деринаам”–ро мехонам, ёде аз гузаштаи дур, аз оғози таърих-таърихи халқи тоҷик, аз ибтидо то ин дам аз назарам, чун дар оинаи нилгун мегузарад.

**Ҷамшед бобои ман аст, бар тахти Яздон бурда даст,**
**Аз хонадони Ориён-аз хонадони Ориён,**
**Ман тоҷики деринаам.**

**Меҳробу минбар борҳо, шуд мавҷиби кушторҳо,**
**Дар давраи Сосониён, дар давраи Сосониён,**
**Ман тоҷики деринаам...**

Гумон мекунам, ки ин шеър бояд, гимни ҳар хонадони тоҷики ватандӯст ва ватанпараст бошад. Ин шеър аз гузаштаи таърихи халқи тоҷик қисса мекунад. Ва аз он душманони қасамхурдаи халқи тоҷик, ки дар ҳар давру замон ба сари он теғ кашидаанд. Ва ҳоло ҳам теғи онҳо тез аст. Муаллиф Наврӯзро, оғози ҳамаи оғозҳои халқи тоҷик медонад. Аз ин рӯ эҳёи халқи тоҷикро, бо Наврӯз пайванд медиҳад, то ба

ҷовидонаҳо. Боқӣ чӣ метавон гуфт, он чи аён аст, ҳоҷат ба баёнаш нест. Ин оғозу парвози нав, роҳи нав, ҷаҳонбинии наву фалсафаи нав аст. Ва инро бояд таҳаммул кард. Андеша кард. Аз пешдовариҳои шитобзада бояд эҳтиёт намуд.

Баъди хондани ғазали “Хоҷа Бархез” маро ёд аз ғазали Хоҷа Камол, ки хеле пурдарду пурсӯзу пургудоз, эҷод шудааст, меояд. Манзурам ин ғазали Хоҷа Камол аст, ки чунин мисраҳоро дорост:

**“Дил муқими куи ҷонон асту ман инҷо ғариб,**
**Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб...**
**Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,**
**Во ғарибо, во ғарибо, во ғарибо, во ғариб”.**

Ва ин намунаи олитарин ва беҳтарини эҷоди ғазал аст...

Ғазали Устод Комил Бекзода низ аз ин фазилатҳо бархурдор мебошад. Аз ин гузашта вақте ки мисраҳои зеринро мехонем:

**... Шаҳри Табрез биҳиштест бари аҳли назар,**
**Ҷоми андеша ба каф масту хумор омадаем.**
**Каъбаву қиблаи риндони ҷаҳон аст ин ҷо,**
**Бар дари пири харобот қатор омадаем..**
**Хез бо ёди Ватан наъраи мастона занем,**
**Гарчи аз баҳри дуо, сӯи мазор омадаем..**

Аз ин шеър, ҳисси ифтихори Ватану Ватандорӣ даҳчанд зиёда мешавад. Ғазали Устод даъват ба созандагӣ ва эҷодкорӣ дорад. Ва бисёр самимона аз ёру диёр, Помиру Ҳисор, гулзору баҳор, масту хумор ҳикоят мекунад. Ғазали Устод бисёр ҷолиб ва саршор аз муҳаббату пур аз латофату назокат аст.

Дар мавриди «Гуфтушуниде фалсафӣ бо Ҳаким Умари Хайём”, ки қисмати муҳимтарини ин китоб аст, сухане чанд гуфтанӣ ҳастам.

Дар аввал бояд бигӯям, ки Умари Хайёмро чӣ гуна шинохтаам ва чӣ гуна ҳакимро фаҳмидаам... Дуруст аст вақте ки Ҳаким Умари Хайём дар рубоиёташ аз ҷому бода, қиссаву

афсона, соқиву май, Ковуси Кай, Баҳроми Гӯр , ёру диёр, зулфи нигор, лаби ҷӯю сабзаву дашт, мастиву пастӣ ва ғайраву ғайраҳо ҳарф мезанад, манзураш вақт ва умри гузарони инсонӣ аст. Ба қадри зиндагӣ ва умр расидан аст. Бикӯшем то некном бошем. Аммо ҳадафи ниҳоӣ ва ботинии Ҳаким Умари Хайём расидан ба ҷовидонагӣ аст. Гарчанде дар ин боб боре ҳам сухан нагуфтааст. Чаро ки ӯ дилшикаста ва дар шакку шубҳа қарор дорад. Ҳаким Умари Хайём дар рубоие, ки ҷавҳари таълимоти фалсафии ӯро ифода мекунад, чунин гуфта:

**Эй кош, ки ҷои орамидан будӣ,**
**Ё ин раҳи дурро расидан будӣ.**
**Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок,**
**Чун сабза умеди бардамидан будӣ.**

Бубинед, ки Ҳаким то ба куҷо расида. Ӯ доду фарёд мезанад, ки умеде вуҷуд надорад, ки ҳатто баъд аз сад ҳазор сол ҳам аз дили хок зинда берун меомада бошем. Бале, Ҳаким ҳамаи ин ҷонбозиҳоро ба хотири як умеде ба абадият ва ҷовидонагӣ суруда. Боварию эътимодро нисбат ба хеш ва дигарон аз даст дода, ояндаи нек ва дурахшонеро дар ин дашту гулгашту биёбони зиндагӣ намебинад…

Ва ҳама гуна эҷод, заминаест, ба хотири ин ки Кохи Зиндагиро зеботару дилработар бино кунанд; То ба мадори ситораҳо бирасанд. Чаро? Гузаштаро гаштаю баргашта меомӯзем ва таҳқиқ мекунем. Танҳо ба хотири он ки андеша ва таълимоти бузургони гузашта чун «догма» қабул нашавад, чун Девори Бузурги Чин сади роҳи ояндагон набошад. То сабаби шикасти зиндагӣ нагардад. Ба шарте ки холисона, рост ва одилона бошад.

Изтироби ботинии худи ман аз он аст, ки мабодо назди ин бузургон беэҳтиромие содир карда бошам.

Ростӣ, ҳарду Ҳаким, Умари Хайём ва Устод Комил Бекзода доди сухан додаанд. Офарин бар онҳо: бар онҳое, ки бар зиндагӣ нуру зиё бахшидаанд ва мебахшанд. Инак, чанд муқоисаи мухтасар:

1) Ҷавобҳои Устод Комил Бекзода аз ҷиҳати мазмуну равонӣ, шӯридагӣ, банду баст  аз рубоёти Ҳаким Умари Хайём кам нестанд.

2) Зиндадилӣ, дурандешӣ ва  латофату ҳайётдӯстӣ дар рубоиёти Устод Комил Бекзода мавҷ мезанад. Ва ин ҳам намуна ва мисолаш:

**Марди хирад аз бими аҷал банда нагардад,**
**Навмед зи пирӯзии оянда нагардад.**
**Моем, ки он қофиларо боз бихонем,**
**Бе ҳиммати мо ҳеҷ касе зинда нагардад!**

3) Бештари мазмуни рубоиёти Ҳаким Умари Хайёмро озурдагӣ, пушаймонӣ, афсусу надомат, ошуфтагӣ ва рӯҳафтодагӣ аз тарси  марг фаро гирифтааст:

**Афсӯс, ки сармоя зи каф берун шуд,**
**В-аз дасти аҷал басе ҷигарҳо хун шуд.**
**Кас н-омад аз он ҷаҳон к-орад хабаре,**
**К-аҳволи мусофирон бигӯяд чун шуд!**

4) Мастонагию озурдагии ҳар ду ҳаким аз зиндагӣ сарчашма мегирад. Вале Ҳаким Умари Хайём аз май ва бода ёд мекунад ва ҳамеша тараннумгари онҳост:

**Майлам ба шароби ноб бошад доим,**
**Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.**
**Гар кӯзагарон хоки маро кӯза кунанд,**
**Ин кӯза пур аз шароб бошад доим.**

5) Рубоиёти Ҳаким Умари Хайём низ пурсӯзу пургудоз эҷод шуда, вале аз онҳо дурнамое пайдо нест, яъне  ки даричае ба сӯи фардо боз нагузоштааст:

**Дунё ба мурод ронда гир, охир чӣ?**
**В-ин номаи умр хонда гир, охир чӣ?**
**Гирам, ки ба коми дил бимондӣ сад сол,**
**Сад соли дигар бимонда гир, охир чӣ?**

6) Рубоиёти Устод Комил Бекзода умеду орзуро ба сӯи фардо зинда нигоҳ дошта, даричаи боввариро ба сӯи оянда боз гузоштааст:

**Оламеро аз ҳаёти нав хабар хоҳем кард,**
**Маргу мурданро аз ин олам бадар хоҳем кард.**
**Қиссаи умри абад к-афсонаи афсонаҳост,**
**Оқибат афсонаро умри башар хоҳем кард.**

7) Рубоиёти Устод Комил Бекзода дар ниҳояти кор ҳамчун раҳнамое барои ба ҷовидонагӣ расидани аҳли башар хизмат мекунанд.

Хулосаи калом, ин китоб дар заминаи мероси фарҳангии халқи тоҷику форс навишта шуда, бо такя ба мероси пешқадамтарин, навтарин роҳҳу равишҳо ва анъанаҳои созандаи илми ҷаҳон эҷод шудааст. Муҳтавои он моро барои сохтани ҷаҳони нав ҳидоят хоҳанд кард ва мекунанд.

Дар охир, ба устод Комил Бекзода танҳо ва танҳо саломатӣ мехоҳам. Ва орзу мекунам, ки андешаҳои ӯ ҳарчи зудтар ба фаҳму дарки мардум бирасанд. Пирӯзии ҳамаи мо оқибат рӯзе фаро хоҳад расид. Бошад, ки нашри ин китоб уфуқҳои наверо дар роҳи таҳқиқи амалии ин ҳадафи муборак оғоз намояд.

**Рӯзномаи “Бидуни Сиёсат” №15.14.06.2007**

## АДАБИЁТ

### А – Аз рӯи номи китобҳо


1 – “Мусиқии шеър” – Муҳаммад Шафеъии Кадканӣ. Теҳрон, 1993.

2 – “Накди адабии муосир” – Муҳаммад Ғунаймӣ Ҳилол. Бейрут, 1973.

3 – “Мушкилоти шеъри муосир” – Нозик – ул – Малоика. Қоҳира, 1967.

4 – “Шеъри муосири араб” – Муҳаммад Шофеъии Кадканӣ. Теҳрон, 1358.

5 – “Тасаввути исломӣ ва робитаи инсон бо Худо” – Рейнолд Николсон. Теҳрон, 1358.

6 – “Хуршедҳои гумшуда”. (Осори сад шоири тоҷик дар сад соли охир) – Алиризои Қазва. Теҳрон, 1998.

7 – “Шеъри муосири Урупо” – Абдурраҳмон Бадавӣ. Қоҳира, 1964.

8 – “Инқилоби шеъри муосир” – Абдуғаффор – ал – Маковӣ. Қоҳира, 1973.

9 – “Аз Нимо то рӯзгори мо” (Таърихи адаби муосири форсӣ). – Яҳёи Оринпур. Теҳрон, 1998.

10 – “Шеъри нав аз оғоз то имрӯз” – Муҳаммад Ҳуқуқӣ. Теҳрон, 1351.

11 – “Мудрость Запада”. (Ҳикмати Мағрибзамин) – Бертран Рассел. Москва, 1998.

12 – “Теология мистика”. (Худошиносии орифона) – Багван Шри Раджниш. Москва, 2000.

13 – “Ду қарни сукут” – Абдулҳусайни Зарринкуб. Теҳрон, 1970.

14 – “Фалсафаи сиёсат” – Освальд Шпенглер. Теҳрон, 1989.

15 – “Дунёе, ки ман мебинам” – Альберт Эйнштейн. Теҳрон, 1339.

16 – “Тафсирҳои зиндагӣ” – Вил Дюрант. Теҳрон, 1985.

17 – “Адабиёт чист?” – Жан Поль Сартр. Теҳрон, 1992.

18. – Равшанфикрони Эронӣ ва Ғарб” – Меҳрзоди Station Бруҷердӣ. Теҳрон, 1378.

19 – “Наврӯзи Ҷамшедӣ” – Манучеҳри Ҷамолӣ. Лондон, 1996.

20 – “Дар хидмат ва хиёнати равшанфикрон” – Ҷалол Оли Аҳмад. Теҳрон, 1979.
21 – “Ҳикмати хусравонӣ” – Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 2001.
22 – “Таърихи фалосифаи Эронӣ” – Алиасғари Ҳалабӣ. Теҳрон, 1973.
23 – “Мо чигуна мо шудем? Решаёбии сабабҳои ақибмондагӣ дар Эрон” – Содиқи Зебокалом. Теҳрон, 2000.
24 – “Бунтующий человек” (Инсони исёнгар” – Албер Камю. Москва, 1990.
25 – “Таърихи илм дар Эрон” – Маҳдии Фаршод. Теҳрон, 1987.
26 – “Инсон дар шеъри муосир” Муҳаммад Мухторӣ. Теҳрон, 2000.
27 – “Ҷаҳон ва Инсон дар фалсафа” – Шарофуддини Хуросонӣ. Теҳрон, 1996.
28 – “Ишқи суфиёна” – Ҷалол Сатторӣ. Теҳрон, 1978.
29 – “Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон” – Алиасғари Шеърдуст. Теҳрон, 1998.
30 “Симои фалсафии зиндагӣ: Оё зиндагӣ падидаи пуч ва бемаънӣ аст?” – Муҳсини Фаршод. Теҳрон, 1985.
31 – “Маъқул ва номаъқулии адабиёти имрӯзаи Урупо” – Колин Вилсон. Бейрут, 1981.
32 – “Офаринандагони ҷаҳони нав” – Луис Унтермайер. Теҳрон, 1999.
33 – “Муҳокима” – Франц Кафка. Теҳрон, 1992.
34 – “Ҳама мардум бародаранд” – Муҳандос Гандӣ. Теҳрон, 1988.
35 – “Чунин гуфт Зардушт” – Фридрик Нитше. Теҳрон, 1968.
36 – “Осиё дар баробари Ғарб” – Дориюши Шойгон. Теҳрон, 1978.
37 – “Чаҳор зиндони Инсон” – Алии Шариатӣ. Теҳрон, 1983.
38 – “Сайре дар андешаи сиёсии араб” – Ҳамид Иноят. Теҳрон, 1980.
39 – “Асрори ақибмондагии Шарқ” – Носир Макорими Шерозӣ. Шаҳри Қум, 1970.
40 – “Хайёмӣ ё Хайём?” – Саид Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Теҳрон, 1992.

41 – “Симои тамаддуни Ғарб” – Саид Муҷтабо Мусавии Лорӣ. Қум, 1982.

42 – “Инсон дар Ислом ва мактабҳои Ғарбӣ” – Алиасғари Ҳалабӣ. Теҳрон, 1993.

43 – “Гурез аз Хайём” – Комил Бекзода. Душанбе, 2002.

44 – “Ҷаҳонбинии оянда” ва бархурди андешаҳо” – аз маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша” – [Ҷилди аввал. Маҷмӯаи мақолаҳои кормандони Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Академияи илмҳои ҶТ. Душанбе, 2015].

45 – “Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ” – Комил Бекзода. Душанбе, 2012.

46 – “Паёмбарони фарҳанги мо” – Комил Бекзода. Душанбе, 2000.

47 – “Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ” – Абдулло Ҳакими Раҳнамо. Душанбе, 2008.

48 – “Эҳёи Аҷам” – Акбари Турсон. Душанбе, 1984.

49 – “Тоҷикон дар қаламрави Ориёно” – Мирзо Шукурзода. Душанбе, 2007.

50 – “Аз таърихи фалсафаи тоҷик” – Мусо Диноршоев. Душанбе, 1988.

51 – “Исмоилия ва озодаандешии Шарқ” – Хаёлбек Додихудоев. Душанбе, 1989.

52 – “Эстетика Зороастризма” – Саъдулло Раҳимов. Душанбе, 2006.

53 – “Золотая ветвь” – Джемс Фрэзер. Москва, 1980.

54 – “Памир – страна Ариев” – Абусаид Шохуморов. Душанбе, 1997.

55 – “Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли” – Насрин Идибеков. Душанбе, 1987.

56 – “Гурез аз озодӣ” – Эрик Фром. Теҳрон, 1992.

57 – “Фирор аз фалсафа” – Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Теҳрон, 1998.

58 – “Зардушт – паёмбари Эрони бостон” – Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 2010.

59 – “Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ” – Абдуррафеъи Ҳақиқат. Теҳрон, 1994.

60 – “Сайри фалсафа дар Эрон” – Муҳаммад Иқбол. Теҳрон, 2002.

61 – “Таърихи андешаи миллигарой дар ҷаҳони ислом” – Наҷоҳ Ато ат-Тойӣ. Теҳрон, 1991.

62 – “Ҷаҳонбинии эронӣ” – Ҳушанги Меҳргон. Табрез, 1973.

63 – “Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ” – Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой. Душанбе, 1999.

64 – “Смысл и назначение истории” – Карл Ясперс.Москва, 1991.

65 – “Матолиби фалсафаи Ибни Сино” – Мусо Диноршоев. Душанбе, 2011.

**Б – Аз рӯи номи муаллифон**

66 – Фёдоров Николай. Философия общего дела (в 2-х томах). Москва, 2003.

67 – Рязанцев Сергей. Философия смерти. Санкт-Петербург, 1994.

68 – Ошо Раджниш. Бог умер. Москва, 1998.

69 – Раймонд Муди. Жизнь после смерти. Душанбе, 1993.

70 – Корлисс Ламонт. Иллюзия бессмертия. Москва, 1984.

71 – Бертранд Рассел. Ҷаҳонбинии илмӣ. Теҳрон, 1999.

72 – Алберт Эйнштейн. Дунёе ки ман мебинам. Теҳрон, 1960.

73 – Луис Унтермайер. Офаринандагони ҷаҳони нав. Теҳрон, 1998.

74 Фридрих Нитше. Чунин гуфт Зардушт. Теҳрон, 1996.

75 – Алберт Камю. Афсонаи Сизиф. Теҳрон, 2003.

76 – Абдулқасим Фирдавсӣ. Шоҳнома (Нашри Ҷон Мул). Теҳрон, 1966.

77 – Мигел де Унамуно. Дарди ҷовидонагӣ. Теҳрон, 2009.

78 – Юсуф Қарзовӣ. Нақши имон дар зиндагӣ. Теҳрон, 2006.

79 – Мустафо Маҳмуд. Гуфтугӯе бо як дӯсти мулҳидам. Қоҳира, 1964.

80 – Маҳмуд Ошур. Ҳаёти мо баъд аз марг. Қоҳира, 1985.

81 – Институти Ҷовидонагӣ. Пирӯзии илмӣ бар марг. Аргентина, 2004.

82 – Бедорӣ (Конуни фарҳангии зидди хуруфот). www.bidari.org.

83 – Абдуламир Ал-Аъсам. Таърихи Ибни Ровандии мулҳид. Бейрут, 1975.

84 – Абдурраҳмон Бадавӣ. Таърихи илҳод дар ислом. Бейрут, 1980.

85 – Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. Лос-Анҷелос, 1994.

86 – Абдуллоҳ Саллум Ас-Сомаройӣ. Фирқаҳои ифротӣ дар тамаддуни исломӣ. Бағдод, 1972.

87 – Абдурраҳим ал-Хайёт. Радия ва ҷавоб ба Ибни Ровандии мулҳид. Бейрут, 1957.

88 – Абдуламир ал-Аъсам. Ибни Ровандӣ дар сарчашмаҳои қадим ва ҷадиди арабӣ (2 ҷилд). Бейрут, 1978-1979.

89 – Абуҳомид Ғаззолӣ. Фазоиҳ-ул-ботиния (Расвоиҳои ботиниён). Қоҳира, 1964.

90 – Абдуллоҳ Ас-Сомаройӣ. Шуубия ҳаракати зиддиисломӣ ва зиддиарабӣ. Бағдод, 1981.

91 – Абдурраҳмон Бадавӣ. Мазҳабҳои исломӣ (2 ҷилд). Бейрут, 1973.

92 – Абдурраҳмон Бадавӣ. Нақш ва мақоми маданияти араб дар ташакулли фикри Урупо. Қоҳира, 1965.

93 – Умар Фаррух. Таърихи асри ҷоҳилӣ. Бейрут, 1964.

94 – Карл Поппер. Озодӣ ва масъулияти равшанфикрон. Теҳрон, 2001.

95 – Ҷуэл Кремер. Инсонгаройӣ дар асри ренессанси исломӣ. Теҳрон, 1997.

96 – Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар ислом. Теҳрон, 1952.

97 – Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, 1956.

98 – Забеҳулло Сафо. Ҳамосасаройӣ дар Эрон. Теҳрон, 1956.

99 – Рустам Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии Зардуштӣ. Теҳрон, 2001.

100 – Ҳошим Разӣ. Адёни бузурги ҷаҳон. Теҳрон, 1965.

101 – Ҳошим Разӣ. Ҳикмати Хусравонӣ. Теҳрон, 2001.

102 – Ҳошим Разӣ. Донишномаи Эрони бостон. Теҳрон, 2003.

103 – Ҳошим Разӣ. Авесто – куҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон. Теҳрон, 2009.

104 – Радҳа Кришнан С. Таърихи фалсафаи Шарқ ва Ғарб. Теҳрон, 1989.
105 – Абдулкарими Суруш. Роздонӣ, равшанфикрӣ ва диндорӣ. Теҳрон, 2000.
106 – Сайид Ҳусайни Наср. Маърифати исломӣ дар ҷаҳони муосир. Теҳрон, 1969.
107 – Абдуррафеи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён (2 ҷилд). Теҳрон, 1969-1990.
108 – Абдуррафеи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои миллии Эрон (2 ҷилд). Теҳрон, 1970-1976.
109 – Ғуломҳусайн Иброҳимии Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом (3 ҷилд). Теҳрон, бетаърих.
110 – Юсуф Қарзовӣ. Бедории исломӣ ва буҳрони ҳувият. Санандаҷ (Эрон), 2000.
111- Қосим Ғанӣ. Таърихи тасаввуф дар ислом. Теҳрон, 1961.
112 – Нозим-ул-исломи Кирмонӣ. Таърихи бедории эрониён. Теҳрон, 1985.
113 – Радҳа Кришнан. Адёни Шарқ ва фикри Ғарб. Теҳрон, 1966.
114 – Ортега-и-Гассет. Туғёни тудаҳо. Теҳрон, 1955.
115 – Гейман Душен. Дини Эрони бостон. Теҳрон, 1996.
116 – Муҳаммад Ҷавод Соҳибӣ. Андешаиислоҳӣ дар наҳзатҳои исломӣ. Қум, 1998.
117 – Ҷавоншери Мизонӣ. Ҳамосаи дод (=Достони адолат): Баҳсе дар муҳтавои сиёсии Шоҳномаи Фирдавсӣ. Теҳрон, 1980.
118 – Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Теҳрон, 1967.
119 – Муҳаммад Муҳаммадӣ. Фарҳанги Эрон пеш аз ислом. Теҳрон, 1996.
120 – Ҳусайналии Мумтаҳан. Наҳзати шуубия. Ҷунбиши миллии эрониён дар баробари хилофати умавӣ ва аббосӣ. Теҳрон, 2008.
121 – Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих то имрӯз. (7 ҷилд). Теҳрон, 2533 шоҳаншоҳӣ.
122 – Маҳмуд Ризо Ифтихорзода. Шуубия ё национализми эронӣ. Теҳрон, 1988.

123 – Ниберг Ҳ.С. Динҳои Эрони бостон. Теҳрон, 1981.
124 – Виденгрен Г. Динҳои эронӣ. Теҳрон, 1999.
125 – Ҳушанги Меҳргон. Ҷаҳонбинии эронӣ. Табрез, 1973.
126 – Арабзода Н. Носири Хусрав: Таҳқиқи назариёти фалсафӣ. Душанбе, 1994.
127 – Дарси хештаншиносӣ (2 ҷилд). Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 1989-1991.
128 – Ҳафиз Бобоёров. Методологияи “бехатарии вуҷудӣ”: мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб. Душанбе, 2015.
129 – Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Назари муҳаққиқони муосири араб ба фалсафаи Ибни Сино. Душанбе, 2008.
130 – Холиқ Мирзозода. Ақидаҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик. Душанбе, 1966.
131 – Муҳаммад Алӣ Музаффарӣ. Антропологияи ориёӣ. Душанбе, 2006.
132 – Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон, 2003.
133 – Ҳансбергер Алиса. Носири Хусрав – лаъли Бадахшон. Душанбе, 2003.
134 – Тойнби А.Ф. Постижении Истории. Москва, 1991.
135 – Султон Наврузов. Наука: развитие или кризис? Душанбе, 2012.
136 – Великовский С.Н. В поисках утраченного смысла: Очерки литературы трагического гуманизма во Франции. Москва, 1979.
137 – Долгов К.М. От Киркегора до Камю: Очерки европейской философско-эстетической мысли XX века. Москва, 1990.
138 – Кушкин Е.П. Альбер Камю. Ранние годы. Ленинград, 1982.
139 – Ницше Фридрих. Воля к власти. Опыт переоценки всех ценностей. СПб, 2010.
140 – Турчин Алексей и Батин Михаил. Футурология. XXI век: бессмертие или глобальная катастрофа? Москва, 2013.
141 – Франкфорт Г. и другие. В преддверии философии. Духовные искания древнего человека. Москва, 1984.
142 – Андреев Леонид. “Жан-Поль Сартр. Свободное сознание и XX век”. Москва, 2004.

143 – Климишин И.А. Астрономия наших дней. Москва, 1990.

144 – Тоффлер Э. Шок будушего. М.: АСТ, 2008.

145 – Тургин А.В. Война и ещё 25 сценариев конца света. М.: Европа, 2008.

146 – Турчин А.В. Структура глобальной катастрофы. Риски вымирания человечества в XXI веке. М.: УРСС, 2010.

147 – Фёдоров Н.Ф. Собрание сочинений: в 4 т. М.: Традиция, 1997.

148 – Фридман Дж. Следующие 100 лет: прогноз событий XXI века. М.: ЭКСМО, 2010.

149 – Эттингер Р. Перспективы бессмертия. М.: Научный мир, 2003.

150 – Фукуяма Ф. Наше постчеловеческое будущее. Последствия биотехнологической революции. М.: АСТ, 2002.

151 – Моисеев Н.Н. Судьба цивилизации. Москва, Путь разума, 1998.

152 – Лем С. Фантастика и футурология. М.: АСТ, 2007.

153 – Докинз Р. Эгоистический ген. М.: Мир, 1993.

154 – Абрамян Е.А. Долго ли осталось нам жить? Судьба цивилизации: анализ обстановки в мире и перспектив будущего. М.: Терика, 2006.

155 – Мирзо Боқизода. “Ҷовидоннома”. Душанбе, ҷилди 1, 2006; ҷилди 2, 2014.

# ФЕҲРАСТИ НОМИ МУҲИМТАРИН КИТОБҲО ДАР МАВЗӮИ РАВШАНФИКРӢ

1) “Анатомия человеческой деструктивности” - Эрих Фромм, 1973.

2) “Антихрист. Проклятие христианству” - Фридрих Ницше, 1895.

3) “Археология знания” - Мишел Фуко, 1969.

4) “Бегство от свободы” - Эрих Фромм, 1941.

5) “Будущее одной иллюзии” - Зигмунд Фрейд, 1927.

6) “Бунтующий человек” - Алберт Камю, 1951.

7) “Бытие и время” - Мартин Хайдеггер, 1927.

8) “Бытие и ничто (Опыт феноменологической онтологии)” - Жан Поль Сартр, 1943.

9) “Ввдение в экзистенциализм” - Никола Аббаньяно, 1924.

10) “Воля к власти” - Фридрих Ницше, 1906.

11) “Воля к власти. Посмертные афоризмы” - Фридрих Ницше, 1999.

12) “Восстание масс” – Ортега–и–Гассет, 1930.

13) “Весёлая наука” - Фридрих Ницше, 1822.

14) “Втени молчаливого большинства, или конец социального” - Жан Бодрийяр, 1982.

15) “Гуманизм другого человека” - Эммануэль Левинас, 1973.

16) “Диалектика просвщения. Философские фрагменты” - Хоркхаймер и Адорно, 1947.

17) “Европейские революции и характер нации” - Розентока-Хюсси, 1431.

18) “Загадка смерти” - Альберт Налчаджян, 2004.

19) “Звёзди Искупления” - Франц Розенцвейг, 1918.

20) “Золотая ветв” – Джемс Джордж Фрейзер, 1980.

21) “Иметь или быть?” - Эрих Фромм, 1976.

22) “Истина и метод. Основные черты философской герменевтики” - Ганс - Георг Гадамер, 1960.

23) “Истоки тоталитаризма”- Ханна Арендт, 1969.

24) “История безумия в классичускую эпоху” - Мишел Фуко, 1961.

25) “К генеологии морали” - Фридрих Ницше, 1887.

26) “Козёл отпущения” - Рене Жирар,198.
27) “Критика и истина”- Ролан Барт, 1966.
28) “Критика диалектического разума” - Жан Пол Сартр, 1985.
29) “Левиафан” или “Политическая власть” - Томас Гоббс, 1651.
30) “Лекции по введению в психоанализ” - Зигмунд Фрейд, 1933.
31) “Логико-философский таракиат” - Людвиг Витгейнштейн, 1921.
32) “Логика и смысла” - Жил Делёз, 1969.
33) “Мир как воля и представление” - Артур Шопенгуаэр, 1918.
34) “Миф о вечном возвращении (Архетипы и повторение)” - Мирча Элиаде, 1949.
35) “Мудрость Запада” - Бертран Рассел, 1998.
36) “Надзирать и наказывать” - Мишел Фуко, 1975.
37) “Насилие и сакральное” - Рене Жирар, 1972.
38) “Негативная диалектика” - Визенгрунд Адорно, 1966.
39) “Неудовлетворенность культурой” - Зигмунд Фрейд, 1930.
40) “Новый органон. Или Истинные указания для истолкования природы” - Френсис Бэкон, 1620.
41) “О пользе и вреде истории для жиэни” - Фридрих Ницше, 1874.
42) “Одномерный челолвек. Исследование идеологии развитого индустриального общества” - Герберт Маркузе, 1964.
43) “Основные понятия метафизики” - Мартин Хайдеггер, 1929.
44) “Памир страна Ариев” - Абусаид Шохуморов, 1997.
45) “Похвала глупости” - Эразм Роттердамский, 1511.
46) “Позитивный экзистенциализм” - Никола Аббаньяно, 1948.
47) “Постмодернизм, или логика культуры позднего капитализма” - Фридрик Джимисон, 1991.
48) “По ту сторону добра и зла (Прелюдия к философии будущего)” - Фридрих Ницше, 1886.
49) “Постижение истории” - Джон Арнольд Тойнби, 1991.

50) “Прозрачность зла” - Жан Бодрийяр, 1990.
51) “Разум и революция. Гегель и становление социальной теории” - Герберт Маркузе, 1941.
52) “Рассуждение о методе” - Ренэ Декарт, 1637.
53) “Рассуждение о происхождении и основаниях неравенство между людьми” - Жан Жак Руссо, 1755.
54) “Рождение трагедии из духа музики” - Фридрих Ницще, 1872.
55) “Слова и вещи: археология гуманитарных наук” - Мишел Фуко, 1966.
56) “Смысль и назначение истории” - Карл Ясперс, 1949.
57) “Становление теории нелинейных динамик в современной культьтуре”- Марина Можейко, 1999.
58) “Так говорил Заратустра” - Фридрих Ницше, 1883-1885.
59) “Творческая эволюция” - Анри Бергсон, 1907.
60) “Теология мистика”- Бхагван Шри Раджниш, 2000.
61) “Толкование о сновидений” - Зигмунд Фрейд, 1990.
62) “Фенеменология восприятия” - Мерло - Понти, 1945.
63) “Философские исследования” - Людвиг Витгенштейн, 1953.
64) “Фрагменты любовного дискурса” - Ролан Барт, 1977.
65) “Хайдеггер. Германский мастер и его время” - Рюдигер Сафрански, 2005.
66) “Человек для себя. Исследование психологических проблем этики” - Эрик Фромм, 1947.
67) “Человек по имени Мойсей и монотеистическая религия” - Зигмунд Фрейд, 1939.
68) “Что такое критика?” - Ролан Барт, 1963.
69) “Что такое философия”- Делёз и Гваттари, 1991.
70) “Эристическая диалектика” - Артур Шопенгауэр, 1990.
71) “Эрос и цивилизация” - Герберт Маркузе, 1995.
72) “Эстетика зороастизма” - Саъдулло Рахимов, 2006.
73) “Я и Она” - Зигмунт Фрейд, 1920.
74) “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”–Садриддин Айнӣ, 1918.
75) “Тоҷикон: таърихи қадим, қадимтарин ва асрҳои миёна”–Бобоҷон Ғафуров, 1983.

76) “Пантуркизм дар сарнавишти тоҷикон”–Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, 2013.

77) “Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ”–Комил Бекзода, 2012.

78) Аз “Гули хор” то “Симхор”–Бозор Собир, 2003.

79) “Фарёди бефарёдрас”–Лоиқ Шералӣ, 1997.

80) “Сакарот” –Гулрухсори Сафӣ, 2003.

81) “Эҳёи Аҷам”–Акбар Турсон, 1983.

82) “Бодгиреҳ”–Зиё Абдулло, 2008.

83) “Ислом ва муносибатҳои миллӣ”–Қамар Нурулҳақов, 1989.

84) “Ҷовидоннома”–Мирзо Боқӣ. Ҷилди 1, 2006; Ҷилди 2, 2014.

# ФЕҲРАСТИ НОМИ РАВШАНФИКРОНИ ҶАҲОН

1. Николай Федоров
2. Содиқ Ҳидоят
3. Теодор Адорно
4. Анаксагор
5. Аристотел
6. Раймонд Арон
7. Анри Бергсон
8. Николай Бердяев
9. Брентано Франс
10. Ҷордано Бруно
11. Фрэнсис Бэкон
12. Людвиг Витгенштейн
13. Волтер (Франсуа Мари Аруэ)
14. Гадамер Ганс Георг
15. Галилей Галилео
16. Гераклит
17. Гёте Иоганн Волфганг
18. Голбах Пол Анри
19. Данте Алигери
20. Дарвин Чарлз Роберт
21. Декарт Рене
22. Демокрит
23. Дидро Дени
24. Диогени Синопӣ (Калбӣ)
25. Ибни Рушд Абувалид
26. Ибни Сино Абуалӣ
27. Камю Албер
28. Кант Иммануил
29. Кассирер Эрнст
30. Конт Огюст
31. Конфутсий (Кун–цзы)
32. Коперник Николай
33. Кроче Бенедетто
34. Ксенофан
35. Кёркегор Сёрен

36. Макиавелли Николло
37. Маркс Карл
38. Маркузе Герберт
39. Мерло Понти
40. Муние Эмманюэл
41. Нитше Фридрих
42. Ортега–и–Гассет
43. Паскал Блез
44. Пифагор
45. Платон (Аристокл писари Аристон)
46. Протагор
47. Рассел Бертран
48. Руссо Жан Жак
49. Сартр Жан Пол
50. Суқрот
51. Соловёв Владимир Сергеевич
52. Спенсер Герберт
53. Спиноза Бенедикт
54. Тейяр де Шарден
55. Фейербах Людвиг
56. Фихте Иммануил
57. Фрейд Зигмунд
58. Фромм Эрик
59. Хабермас Юрген
60. Хайдеггер Мартин
61. Ситсерон Марк Туллий
62. Швейтсер Алберт
63. Шопенгауэр Артур
64. Эйнштейн Алберт
65. Эмпедокл
66. Энгелс Фридрих
67. Эпикур
68. Ясперс Карл
69. Аренд Ҳанна
70. Беккет Семюэл
71. Борхес Хорхе Луис
72. Бродский Иосиф Александрович
73. Кафка Франс

74. Лукач Георг
75. Манн Томас
76. Карл Поппер
77. Ковиш Саиди Нурулҳақ
78. Дориюши Ошурӣ
79. Ҷамолиддин Сино Далерӣ
80. Роже Гародӣ
81. Ҷорҷ Элиот
82. Робиндронат Тагор
83. Ҷемс Ҷойс
84. Симона де Бовуар
85. Эрнст Ренан
86. Франс Фанон
87. Анатол Франс
88. Антонио Грамшӣ
89. Андре Молруа
90. Франсуа Мориак
91. Генрих Гейне
92. Алтюсер Луи Пер
93. Ҷамолиддин Афғонӣ
94. Алиасғари Ҳалабӣ
95. Меҳрини Меҳрдод
96. Вилл Дюрант
97. Нозимулисломи Кирмонӣ
98. Ҳамид Иноят
99. Аҳмад Амини Мисрӣ
100. Ҷурҷӣ Зайдон
101. Аббос Маҳмуди Аққод
102. Абдурраҳмон Бадавӣ
103. Анис Мансур
104. Тавфиқ-ул-Ҳаким
105. Таҳо Ҳусейн
106. Хусрави Фаршедвард
107. Муҳаммадалии Надушан
108. Маҳдии Муҳаққиқ
109. Абдулҳусайни Зарринкуб
110. Парвиз Нотил Хонларӣ
111. Ризо Бароҳанӣ

112. Ҳошим Разӣ
113. Сирус Шамисо
114. Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканӣ
115. Ҷалолуддини Ҳумоӣ
116. Саид Нафисӣ
117. Муҳаммад Муин
118. Ҷамил Салибо
119. Иброҳим Пури Довуд
120. Меҳрдоди Баҳор
121. Лев Толстой
122. Вилям Ҷеймс
123. Ҷон Деви
124. Муҳандос Гандӣ
125. Носируддини Соҳибуззамонӣ
126. Жило Равшанзамир
127. Ҷалол Сатторӣ
128. Муҳаммад Фурӯғӣ
129. Шиблии Нӯъмонӣ
130. Шарофуддини Хуросонӣ
131. Закариё Иброҳими Мисрӣ
132. Саид Ҳусайни Наср
133. Ҷалили Дӯстхоҳ
134. Роже Гародӣ
135. Алиасғари Ҳикмат
136. Аҳмади Касравӣ
137. Ибни Ровандӣ
138. Абулалои Мааррӣ
139. Абуҳаёни Тавҳидӣ
140. Абурайҳони Берунӣ
141. Ҳаким Умари Хайём
142. Алиакбари Деҳхудо
143. Салома Мусо
144. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ
145. Абунасри Форобӣ
146. Қосим Амини Мисрӣ
147. Муҳаммад Закариёи Розӣ
148. Мулло Садро - Садриддини Шерозӣ
149. Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ)

150. Носири Хусрав
151. Монӣ писари Фотик
152. Маздак писари Бомдод
153. Бузургмеҳри Ҳаким
154. Абусулаймони Сиҷистонии Мантиқӣ
155. Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ
156. Насириддини Тӯсӣ
157. Қутбиддини Шерозӣ
158. Сайид Шаҳобуддини Шаҳрзурӣ
159. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ
160. Шайх Баҳоӣ
161. Абулқосими Партав
162. Фаридуни Ҷунайдӣ
163. Сайид Ҳасани Тақизода
164. Дориюши Шойгон
165. Эҳсон Табарӣ
166. Маликушшуарои Баҳор
167. Фурӯғи Фаррухзод
168. Борбади Марвазӣ
169. Мансури Халлоҷ
170. Муҳаммад Хусайни Шаҳриёр
171. Забеҳуллои Сафо
172. Муҳаммади Қазвинӣ
173. Нимо Юшиҷ
174. Эҳсон Ёршотир
175. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
176. Сӯҳроби Сипеҳрӣ
177. Закӣ Наҷиб Маҳмуд
178. Аҳмад Маҳдуми Дониш.
179. Садриддин Айнӣ
180. Абулқосими Лоҳутӣ
181. Зиё Абдулло
182. Бозор Собир
183. Лоиқ Шералӣ
184. Маҳмуди  Тарзӣ
185. Халилуллоҳи Халилӣ
186. Шамсулҳақи Ориёфар
187. Константин Сиолковский

188. Пётр Анохин
189. Владимир Ленин
190. Мартин Лютер
191. Чингиз Айтматов
192. Стивен Ҳокинг
193. Алии Даштӣ
194. Алии Шариатӣ

## Боби шашум

## <u>АЛБОМИ СУРАТҲО</u>


- Аҳли хонаводаи муаллиф.....................................................
- Симои чанде аз шахсиятҳои Шарқ (гузашта ва муосир).
- Намунае чанд аз симои шахсиятҳои Ғарб ва Шарқ (гузашта ва муосир)......................................................................
- Ҳамдарсон, устодон ва ёру дустон...........................................
- Шахсиятҳои маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша”...........

# БОБИ ШАШУМ
## АЛБОМИ СУРАТҲО

Қоидаҳои шинохти суратҳо чунин аст:

1. Ҳамеша аз тарафи чап ба тарафи рост ишора карда мешавад.
2. Ҳамеша аз қатори якум оғоз мегардад ва ба қаторҳои дуюм, сеюм...равона мешавад.
3. Номи ҳар шахс танҳо як бор ба таври пурра ва муфассал зикр мегардад. Борҳои дигар номҳо бо ихтисор зикр мешаванд.
4. Шарҳу эзоҳи зери ин суратҳоро худи муаллиф навиштааст.

**1. АҲЛИ ХОНАВОДАИ МУАЛЛИФ.**



1



2



3



4



5



6



7



8



9



10



11



12



13



14



15



16



17



18



19



20





21

22





23

24



25



26



27



28



29



30



31



32



33



34





35



36



37



38



39



40



41



42



43



44



45



46



47



48



49



50



51



52



53



54



55



56



57



58



59



60


61


62


63


64



65



66



67



68


69


70


71


72



73



74



75



76



77



78



79



80


81


82


83


84



85



86



87



88



89



90



91



92



93



94



95



96



97



98



99



100



101



102




103



104



105



106



107



108



109



110



111



112



113



114



115



116



117



118




119



120



121




122



123



124



125



126



127



128



129



130



131



132



133



134



135



136



137



138



139



140


141


142


143


144



145



146



147



148



149



150



151



152



153



154



155



156



157



158



159



160

# 2. СИМОИ ЧАНДЕ АЗ ШАХСИЯТҲОИ ШАРҚ. (ГУЗАШТА ВА МУОСИР)



161



162




163



164



165



166



167



168



169




170



171



172



173



174




175



176



177



178



179



180



181




182



183



184







185

186







187

188



189



190



191



192

## 3. НАМУНАЕ ЧАНД АЗ СИМОИ ШАХСИЯТҲОИ ҒАРБ ВА ШАРҚ. (ГУЗАШТА ВА МУОСИР)



193



194



195



196


197


198


199


200



201



202



203



204



205



206



207



208



209



210



211



212



213



214



215



216




217



218



219



220

## ҲАМДАРСОН, УСТОДОН ВА ЁРУ ДУСТОН



221



222



223



224



225



226



227



228


229


230


231


232



233



234



235



236



237



238



239



240


241


242


243


244



245



246



247



248



249



250



251



252



253



254



255



256



257



258



259



260



261



262



263



264



265



266



267



268





269

270





271

272



273




274



275



276



277



278



279



280





281

282





283

284





285

286





287

288



289



290



291



292



293



294



295



296

# 4. ШАХСИЯТҲОИ МАҲФИЛИ ФАЛСАФИИ “ҶАҲОНИ АНДЕША”



297



298



299



300



301



302



303



304



305



306



307



308



309



310



311



312



313



314



315



316



317



318



319



320



321



322



323



324



325



326



327



328


329


330


331


332



333



334



335



336



337



338



339



340



341



342



343



344



345



346



347



348



349



350



351



352



353



354



355



356



357



358



359



360



361



362



363



364

## ШАРҲ ВА ТАФСИРИ СУРАТҲО.

1. Комил Бекзода–муаллифи китоб ва ҳамсараш Арус бинти Сафӣ (Устоева Одинамо) бо писарашон Ҷовидон Комилзодаи якмоҳа соли 1979 дар шаҳри Адани Ямани ҷанубӣ аксбардорӣ шудаанд.
2. Дидавар Бекзода писари хурдии муаллиф бо модараш.
3. Сурате аз муаллиф дар Китобхонаи Миллӣ.
4. Ҷовидон Комилзода дар ҳавлии падараш воқеъ дар маҳаллаи “Меҳробод”–и Душанбе (Калинини собиқ).
5. Дидавар дар назди дарахти анор дар ҳавлии падараш.
6. Сабзинаи хурдсол дар дасти модараш дида мешавад.
7. Ҷовидон, Комил Бекзода, Дидавар, Зулфона, Сабзина ва Рухшона. Аксбардор: Нозанин Бекзода.
8. Ҷовидон Комилзода дар ҳавлии падараш.
9. Нозанин, Сабзина бо модарашон дар иди Навруз.
10. Сабзина, модараш ва Нозанин дар боғи устод Рудакӣ.
11. Ҷовидон бо ҳамсараш Рухшонаи Убайдулло.
12. Рухшона, Сабзина, Бекзода, Нозанин, Дидавар ва Зулфона.
13. Бекзода, Мирзонасриддин Саидов (нависанда) ва овидон.
14. Дидавар, Муаллиф ва нависанда Мирзонасриддин Саидови ҳамсоя.
15. Рухшона, Зулфона, Дидавар, Нозанин, Муаллиф ва Ҷовидон.
16. Муаллиф бо духтараш Сабзина.
17. Ҷовидон бо падараш дар ҳавлии худашон.
18. Муаллиф бо писараш Дидавар.
19. Сабзина–духтари хурдии Муаллиф.
20. Нозанин бо модараш дар боғи устод Рудакӣ.
21. Муаллиф, Ҷовидони хурдсол ва модараш дар “Майдони сурх”–и шаҳри Москва.
22. Муаллиф машғули хондани китоби “Таърихи зебошиносӣ” аст.
23. Ҷовидон, Рухшона, Нозанин, Убайдулло Тирандозов (падари Рухшона) ва Муаллиф.
24. Муаллиф дар ҳавлии худаш китоби профессор Султон Наврузов “Игры в науку”–ро дар даст дорад.

25. Дар расм Муаллиф бо писари хурдиаш Дидавар.

26. Сабзинаи хурдсол дафтари падарашро дар даст дорад.

27. Нозанин ва падараш. Дар дасти Муаллиф набераашЗебандаи Дидавар дида мешавад.

28. Сурате алоҳида аз Нозанин.

29. Ҷовидон ва Рухшона баъд аз туй.

30. Муаллиф, Сабзина, Вазирова Мошариф (модари Муаллиф), Нозанин, (дар қатори дуюм) Ҷовидон, Арус бинти Сафӣ ва Зебандаи Бекзода).

31. Нозанин, падараш, Сабзина ва Зебандаи Дидаварзодаи хурдсол.

32. Саломатшо Қаҳҳоров (писари аммаи Муаллиф), Ҳалима (ҳоҳари Муаллиф), Иззатов Бек (падари Муаллиф), дар қатори дуюм, Арус бинти Сафӣ ва Комил Бекзода дар минтақаи Яккачинори Душанбешаҳр, воқеъ дар назди кинотеатри ба номи “Горкий”.

33. Сурате аз Нозанин Бекзода дар ҳавлии падараш.

34. Нозанин, Зебанда, Ҷовидон, Муаллиф, Арус бинти Сафӣ бо Сабзинаи хурдсол.

35. Дидавар, духтараш Зебанда, хоҳаронаш: Нозанин ва Сабзина.

36. Дидавар барои суратгирӣ омода шудааст.

37. Муаллиф дар Китобхонаи Миллӣ.

38. Зебандаи Дидавар ба сӯи суратгир менигарад.

39. Нозанин, Зебанда, Сабзина ва Зулфона (модари Зебанда) дида мешаванд.

40. Нозанин, Зебанда ва Сабзина.

41. Нозанин ва Сабзина дар ҳавлии падарашон.

42. Сурати алоҳида аз Сабзина.

43. Ҷаъфар Нуъмонов–устоди фалсафа дар Донишгоҳи Давлатии Тиҷорати Тоҷикистон.

44. Садбарг Бачабекова, Нозанин, Ҷовидон, Вазиров Назарӣ (тағои Муаллиф), Муаллиф, Дидавар ва Абубакри Вазирзода.

45. Муаллиф бо писараш Дидавар дар назди муҷассамаи Сино дар минтақаи “Қаряи боло”.

46. Сурати танҳо аз Ҷовидон.

47. Ҷовидон ва арусаш Рухшона дар рӯзи тӯй.

48. Дидавар бо арӯсаш Зулфона ва духтари аммаи Дидавар– Нисо дар рӯзи тӯӣ.

49. Садбарг (ҳамсари Назрӣ Устоев, тағои Нозанин), Нозанин ва Фотима Бекзода хоҳари муаллиф.

50. Дидавар Бекзода дар Китобхонаи Миллӣ.

51. Нозанин Бекзода дар дасти падараш.

52. Дидавар дар ҳоли андеша...

53. Нафари чаҳорум Зебанда Бекзода дида мешавад, дар байни ҳамкурсонаш дар риштаи забони англисӣ.

54. Сабзина бо падараш ба сӯи суратгир Дидавар– менигаранд.

55. Танзимкунандаи суратҳои ин китоб Дидавар Бекзода тасвир шудааст.

56. Нозанин, Муаллиф ва Сабзина ҳангоми чойнушӣ.

57. Дидавар дар назди дарахти анори ҳавлӣ қарор дорад.

58. Зебанда Бекзода дар рӯзҳои донишҷӯияш дар курси забони англисӣ.

59. Зебанда ва модараш.

60. Сабзина, Зебанда бо модарашон.

61. Муаллиф ҳангоми бозгашт ба шаҳри Душанбе (1 январи соли 2015), бори дигар ба сӯи деҳааш–Узбай, менигарад. Аксбардор Дидавар.

62. Зебанда дар назди мактаби №33 воқеъ дар маҳаллаи “Меҳробод”–и ноҳияи Сино. Таърих: 25 майи соли 2003.

63. Беҳтарин сурати Зебанда ва модараш дар байни гулҳои ҳавлии худашон. Аксбардор: Сабзина Бекзода.

64. Аз пушти сари Дидавар гӯшае аз деҳаи падараш– деҳаи Узбай, менамояд. Ин расмро худи Муаллиф гирифтааст.

65. Ин расм дар яке аз студияҳои суратгирии шаҳри Адан соли 1976 гирифта шудааст.

66. Дар ин расм Ҷовидон бо падару модараш дида мешавад. Иди Наврӯзи соли 1981, дар боғи Марказии шаҳри Душанбе ба номи Ленин. Ҳоло боғи устод Рудакӣ аст.

67. Расми хонаводагӣ дар яке аз рӯзҳои иди Наврӯз. Зебанда дар китфи падараш ва Сабзина дар дасти модараш дида мешаванд.

68. Ҷовидон дар дафтари кориаш қарор дорад.

69. Нафаре аз сокинони ноҳияи Ашт, Муҳиддин Фатҳиддинов (ҳамкурси Муаллиф), Асадулло, Лутфулло (писари Асадулло), Муаллиф, ҳамкурси Лутфулло аз Ғарм, ки баҳори соли 1968 дар тӯйи арусии Лутфулло Асадуллоев иштирок намуда будем.

70. Муҳиддин Фатҳиддинов–арабшинос, адиб ва тарҷумон. Ҳамкурси Муаллиф, ки солҳои 1962 то соли 1967 дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, шӯъбаи арабӣ таҳсил намуда буд.

71. Бодуров Раҳматихудо, Ишратбеков Раҳимбек, Муаллиф, Равшан Рақибов, Давлатсаид Абдулшаҳидов ва Иброн Вазиров дар ҳавлии Давлатсаид, (деҳаи Бунига), деҳшӯрои Вотхуд дида мешаванд.

72. Чеҳрае аз Ҷовидон, ки дар соли 1986 дар синфи 1–уми мактаби рақами №33, маҳаллаи "Меҳробод" (Каленин) мехонд, дида мешавад.

73. Аксе аз ду хонавода: Якум, хонаводаи Муъминов Файзуллобек ва дар пушти сари ӯ келин ва наберааш. Дуюм, Муаллифи китоб бо модараш ва ҳамсару фарзандонаш дида мешавад.

74. Дар ин сурат Арус бинти Сафӣ бо духтараш Нозанин тасвир ёфтаанд.

75. Дар ин расм Дидаварро бо Назрӣ Устоев (бародари Модараш) мебинед.

76. Нозанин, модараш ва Сабзина дар ҷашни иди Навруз қарор доранд.

77. Сабзина ва Модараш дар иди Навруз.

78. Дидавар хостааст, ки бо кулоҳи падараш сурат бигирад.

79. Як сурати наврузӣ аз Арус бинти Сафӣ.

80. Ҷовидон аз он, ки Ӯро барои суратгирӣ танҳо гузоштаем, норозӣ ва нороҳат аст.

81. Муаллиф, Ҷовидон ва Модараш.

82. Дидавари хурдсол дар дасти падараш дида мешавад.

83. Ҷовидон хостааст, ки бо ҳамроҳи бародараш–Дидавар сурат бигирад.

84. Як сурати Нозанин бо нигоҳе сахт ҷиддӣ.

85. Вазирова Мошариф модари Муаллифи китоб дар ин сурат дида мешавад.

86. Муаллиф дар иҳотаи фарзандон.

87. Сурате дигар аз Ҷовидон.

88. Расме алоҳида аз Арус бинти Сафӣ.

89. Сурати хонаводагӣ дар иди Навруз.

90. Модар, ҳамсар ва Зебанда духтари Муаллиф.

91. Муаллиф бо духтараш Зебанда.

92. Муаллиф бо писараш Дидавар дар тӯйи арӯсии Мазориев Мирзо дида мешаванд.

93. Нозанин дар назди мизи кориаш.

94. Расми оилавӣ дар иди Наврӯз.

95. Муаллиф, Ҷовидон, Нозанин, Арус бинти Сафӣ ва Аҳмад Бекзода (бародари Муаллиф) дар иди Навруз.

96. Дар ин сурат Сабзина ва Зулфона дида мешаванд.

97. Нишона–духтари Ҷовидон, тани танҳо сурат гирифтааст.

98. Муаллиф дар ҳавлии худ бо меҳмонон суҳбат дорад.

99. Ин расм аз Арус бинти Сафӣ соли 1977 дар шаҳри Адан (Ямани ҷанубӣ) гирифта шудааст.

100. Нозанин Бекзода. Боғи Устод Рудакӣ. Соли 2013.

101. Сурате Наврӯзӣ аз Арус бинти Сафӣ.

102. Нишона духтари Ҷовидон дар иҳотаи лухтакҳои худ.

103. Ҷовидон бо духтараш Нишона.

104. Нишона бо модараш Рухшона ва ҳамсояаашон дар гирди мизи идона.

105. Узбай. Тобистони соли 2004. Маъракаи аввалин соли даргузашти Зебанда Бекзода. Дар сурат: Арус бинти Сафӣ, Латифа (модари Арус), Нисорат, Шафиаллоҳ, Покиза, Гулҳо, Бодиламоҳ ва Вазиров Назарӣ.

106. Комил Бекзода ва Арус бинти Сафӣ дар ҳавлии худашон.

107. Зебанда Бекзода. 25 майи соли 2003. Курси 2–уми англисӣ.

108. Бекзода дар ҳавлии худаш.

109. Солҳои кӯдакии Зебанда Бекзода.

110. Гулсуман Бекзода (хоҳари) Муаллиф.

111. Садбарг Назриддинова–духтари амаки Муаллиф.

112. Аврод Вазиров–писари тағои Муаллиф.

113. Дидавар дар тобистони соли 2014.

114. Арус бинти Сафӣ. Сурат 22 марти соли 2011 гирифта шудааст. Рӯзи даргузашт: 6 апрели соли 2011.

115. Зебанда духтари Дидавар бо модараш Зулфонаи Саламшо. Моҳи июли соли 2015.

116. Зебандаи тани танҳо дар ҳавлии худашон.

117. Нозанин. Октябри соли 2012.

118. Дидавар дар моҳи майи соли 2015.

119. Дидавар дар синфи 11–ум. Соли 2007.

120. Сабзина. Майи соли 2003.

121. Дидавар Бекзода дар симои як шахсият.

122. Чеҳраи андешаманди Нозанин.

123. Ҳафт қаҳрамони як хонавода: Ҷовидон, Дидавар, Зебанда, Сабзина, Нозанин, Муаллиф ва Арус бинти Сафӣ.

124. Нафари чаҳорум Зебанда Бекзода бо ҳамкурсонаш дар риштаи забони англисӣ.

125. Сабзина ва Зебанда бо модарашон.

126. Арус, Муаллиф ва духтарашон Нозанин дар иди Навруз.

127. Сабзина ва Зебанда дар байни ҳамсинфонашон. Мактаби №33.

128. Нафари сеюм Зебанда дар рӯзи хатми мактаби миёна. Соли 2000–ум. Маҳаллаи “Меҳробод”–и (Калинини собиқ), ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.

129. Хоҳарон Сабзина ва Зебанда.

130. Сурати ёдгорӣ дар иди Наврӯз.

131. Зебанда дар байни ҳамсинфон.

132. Як сурати Наврӯзӣ аз Нозанин.

133. Дидавар, Муаллиф ва устод Файзи Олӣ дар хиёбони Рӯдакии назди Донишгоҳи Миллӣ. (Бинои асосӣ).

134. Муаллиф дар собиқ чойхонаи рӯ ба рӯи бинои шабакаи телевизионии “Сафина”.

135. Муаллиф дар ҳавлии худаш ҳангоми мутолиаи рӯзномаҳо. (Маҳаллаи “Меҳробод”–Калинини собиқ).

136. Муаллиф бо наберааш Зебандаи Дидавар бо меҳмонон суҳбат дорад.

137. Муаллиф бо наберааш дар нақши меҳмондор.

138. Сурати дигаре аз муаллиф бо набераааш.

139. Муаллиф бо набераааш омодаи суратгирӣ ҳастанд.

140. Муаллиф яке аз шахсиятҳои ноҳияи Ванҷ, устод Анвар Нилобековро пазироӣ мекунад.

141. Шахсияти давлатӣ ва фарҳангӣ, устод Анвар Нилобеков.

142. Нозанин бо падараш дар ҳавлии худашон.

143. Дидавар бо падараш дар ҳавлии худашон.

144. Дидавар ва Нозанин бо падарашон.

145. Сабзина дар ҳоли табассум.

146. Зебандаи Дидаварзод бо модараш Зулфонаи Саламшо.

147. Сабзина бо духтари бародараш Зебандаи Дидавар.

148. Зебанда дар канори модараш.

149. Аз пушти сари Дидавар кӯҳҳои барфолуди Афғонистон менамоянд. Муаллиф аксбардорӣ намудааст.

150. Аз пушти сари Дидавар гӯшае аз деҳаи Узбай–зодгоҳи падараш намоён аст.

151. Лаҳзае хотирмон дар ҳавлии падарӣ аз Дидавар.

152. Нозанин дар фасли тобистон дар ҳавлии худашон дида мешавад.

153. Як сурати дигар аз Нозанин.

154. Муаллиф дар ҳоли мутолиаи китоби “Корномаи Зарринкуб” аст.

155. Сабзина дар хонаи худаш.

156. Сурате аз Шарифамоҳи Назрӣ ва Нозанин.

157. Сурате ба расми ёдгорӣ аз: Шарифамоҳи Назрӣ, Нозанин ва Дидавар.

158. Сабзина дар ҳавлии худашон.

159. Аввалҳои баҳор. Сурате алоҳида аз Сабзина.

160. Комил Бекзода ҳангоми мутолиаи китобе аз Волтер.

## 2.СИМОИ ЧАНДЕ АЗ ШАХСИЯТҲОИ ШАРҚ (ГУЗАШТА ВА МУОСИР).

161. Чеҳраи Ҷамшед писари Вивангаҳони Ориёӣ (асрҳои 20–21 пеш аз мелод).

162. Зардушт аз хонадони Спитамон–паёмбари қавмҳои эронитабор (асрҳои 17–18 пеш аз мелод).

163. Маздак писари Бомдод–муборизи роҳи адолати иҷтимоӣ (498–562 мелодӣ).

164. Монӣ писари Фотик наққош ва мутафаккири динӣ ва сиёсӣ (216–242 мелодӣ).

165. Абулқосими Фирдавсӣ–муаллифи китоби овозадори "Шоҳнома" (944–1020 мелодӣ).

166. Абӯалӣ ибни Сино–бузургтарин табиб ва файласуфи эронитабор (980–1037).

167. Ибни Ровандӣ–файласуфи ринд ва озодандеши асрҳои миёна (825–911 мелодӣ).

168. Муҳаммад Закариёи Розӣ бузургтарин табиби олами ислом. (865 – 925 мелодӣ).

169. Ибни Муқаффаъ–бузургтарин тарҷумони мероси пеш аз исломӣ ба забони арабӣ (вафоташ 762 мелодӣ).

170. Носири Хусрав–мутафаккири миллӣ ва мазҳабӣ (1004–1088).

171. Абуалӣ Мискавейҳ–мутафаккир, муҳаққиқ ва таърихнигори эронӣ (вафоташ 1030 мелодӣ).

172. Насириддини Тусӣ–сиёсатмадор, риёзидон ва мунаҷҷими эронӣ (1200–1273 мелодӣ).

173. Ҷобир ибни Ҳайён–донишманди илми кимиё.

174. Абунасри Форобӣ–бузургтарин файласуфи исломӣ (865–950 мелодӣ).

175. Муҳаммад ал–Хоразмӣ–риёзидон ва мунаҷҷими эронӣ (163–235 ҳиҷрии қамарӣ).

176. Рудакӣ нахустин ва бузургтарин шоири форсигӯй (858–940 мелодӣ).

177. Ибни Муқаффаъ–бузургтарин тарҷумони мероси пеш аз исломӣ ба забони арабӣ (вафоташ 762 мелодӣ).

178. Сурате дигар аз Рӯдакӣ.

179. Умари Хайём–файласуф, мунаҷҷим, риёзидон ва шоири рубоисарои эронӣ (1048 – 1131 мелодӣ).

180. Аллома Аҳмади Дониш–мутафаккир ва равшанфикри Бухоро дар асри 19 (1826 – 1897 мелодӣ).

181. Абулало ал–Мааррӣ–шоири мутафаккир ва нобинои араб (973–1057 мелодӣ).

182. Умари Хайём– машҳуртарин рубоисарои адабиёти форсӣ.

183. Абуҳайёни Тавҳидӣ–адиби файласуф ва мунаққиди ичтимоӣ.

184. Ҷалолиддини Румӣ–муаллифи “Маснавии маънавӣ”.

185. Шамси Табрезӣ–орифи шӯрида ва устоди Ҷалолиддини Румӣ.

186. Сурате дигар аз Ибни Сино.

187. Носири Хусрави Қубодиёнӣ–мутафаккири миллӣ ва мазҳабии форсу тоҷик.

188. Абурайҳони Берунӣ–файласуф ва муаррихи илм.

189. Чеҳраи ичтимоии Муҳаммад Иқбол.

190. Чеҳраи сиёсии Муҳаммад Иқбол.

191. Муҳаммад Иқболи андешаманд ва мутафаккир.

192. Аллома Муҳаммад Иқбол.

## 3. НАМУНАЕ ЧАНД АЗ СИМОИ ШАХСИЯТҲОИ ҒАРБ ВА ШАРҚ (ГУЗАШТА ВА МУОСИР).

193. Ҳаким Суқроти юнонӣ (469–399 пеш аз мелод).

194. Афлотун (427–347 пеш аз мелод) ва шогирдаш Арасту (384–322 пеш аз мелод).

195. Гераклит (544–483 пеш аз мелод).

196. Эпикур (342–271 пеш аз мелод).

197. Демокрит (460–371 пеш аз мелод).

198. Лукретсий (96 пеш аз мелод–55 баъд аз мелод).

199. Волтер (1694–1778).

200. Нависандаи ҷаҳонии рус Федор Достоевский (1821–1881).

201. Ҷон Пол Сартр–файласуф ва нависандаи бузурги фаронсавӣ (1905–1980).

202. Фридрих Вилгелм Нитше–шоир ва файласуфи овозадори Олмон дар асри 19 (1844–1900).

203. Федоров Николай Федорович–мутафаккир, философ ва равшанфикри рус (1828–1903).

204. Алломаи Мағрибзамин дар асри 20 Бертран Рассел (1872–1970).

205. Файласуф ва нависандаи инқилобии фаронсавӣ Албер Камю (1913–1960).

206. Мигел де Унамуно–шоир, файласуф ва озодандеши инқилобии Испания (1864–1936).

207. Пешвои занони инқилобӣ дар асри 20 Симон де Бовуар (1908–1986).

208. Файласуф ва назарияпардози сиёсӣ Ҳанна Арендт (1906–1975).

209. Раймонд Мудӣ–муҳаққиқи масъалаҳои марг ва зиндагии амрикоӣ (таваллудаш соли 1944).

210. Лоиқ Шералӣ–шоири ғазалсаро ва озодандеши тоҷик.

211. Соҳиб Табаров–адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик.

212. Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ–муҳаққиқи таърихи ҳаракати равшанфикрӣ дар Осиёи Миёна.

213. Бозор Собир–шоири равшанфикр ва ватанпарасти тоҷик.

214. Хаёлбек Додихудоев–муҳаққиқи фалсафаи исмоилия бо хонумаш.

215. Академик Муҳаммад Осимӣ–муҳаққиқи масъалаҳои фалсафии физика.

216. Академик Акбари Турсон–муҳаққиқи масъалаҳои фалсафӣ ва физикии Кайҳоншиносӣ.

217. Аллома Садриддини Айнӣ–муаллифи китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”.

218. Устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ бо дастаҳои гул дар ҷашне қарор доранд.

219. Академик Бобоҷон Ғафуров–муаллифи китоби машҳури “Таърихи халқи тоҷик”.

220. Сиёсатшинос Рашид Ғанӣ Абдулло.

## 4.ҲАМДАРСОН, УСТОДОН ВА ЁРУ ДУСТОН.

221. Хушқадам Холиқов–муҳаққиқи таърихи фарҳанги ноҳияи Ванҷ.

222. Шоири мардумӣ устод Шоҳзамон Асоев.

223. Шоир Ибодулло Раззоқов.

224. Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев–муаррихи робитаҳои Осиёи Миёна ва Руссия дар асри 19 (Ҳамсинфи Муаллиф дар мактаби миёна).

225. Равшанфикри мардумӣ Ҳайдар Қуқанов.

226. Шоири озодаи ноҳияи Ванҷ–Тозаев Ёрмуҳаммад (Тозаёр).

227. Давлатшо Қаноатов–дуст ва ҳамдарси Муаллиф дар мактаби миёна.

228. Абдурраҳим Раҳимов олими физикдон.

229. Устод Басир Расо ва Ҳоҷӣ Ҳабиб Раззоқов дар меҳмонии Муаллиф.

230. Гурӯҳе аз фарҳангиёни деҳшӯрои Вотхуди ноҳияи Ванҷ: Раҳматихудо Бодуров, Раҳимбек Ишратбеков, Муаллиф, Равшан Рақибов, Давлатсаид Абдулшаҳидов ва Иброн Вазиров.

231. Муаллиф бо чанде аз фарҳангиёни деҳшӯрои Вотхуд: Мирзо Давлатёров, Муҳаммадкарим Каримзода, Муаллиф, Насиб Шомаҳмадов, Давлатмаҳмад Шомаҳмадов ва Иброн Вазиров.

232. Чанде аз фарҳангиёни ноҳияи Ванҷ дар чойхонаи "Роҳат"–и ш. Душанбе: Рассоми ҷумҳурӣ Мурувват, шоир Басир Расо, таърихнигор Ҳайдаршо Пирумшоев, Муаллиф, корманди иниститути фалсафа Кишвар Аскардаев ва рассом Муҳаммад Карим Каримзода.

233. Донишманди илми риёзӣ, академик Мамадшо Илолов.

234. Аъзо корреспонденти Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаффор Ашуров, муҳаққиқи осори Носири Хусрав.

235. Доктори илми фалсафа, профессор Абдулвоҳид Шамолов.

236. Доктори илми фалсафа, профессор Иброн Шарифов.

237. Доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Сӯҳроб Шарифов.

238. Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев–аъзо корреспонденти Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳаққиқи осори ирфонии Шайх Аттор ва Хоҷа Аҳрор.

239. Нодир Одилов–муҳаққиқи аҳвол ва осори Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.

240. Ҳоким Муҳаббатов–файласуфи сиёсатшинос ва муҳаққиқи масъалаи озодиҳои иҷтимоӣ.

241. Оҳангсоз, Файзи Олӣ, Муаллиф ва Тоҷиддинӣ шоири эронӣ.

242. Гурӯҳе аз ҳамдиёрон дар меҳмонии Муаллиф: Мухтор Қаҳҳоров, Абдулкарим Каримов, Дидавар, Ҳоҷӣ Ҳабиб, Муҳаммадкарим, Абдурраҳим Раҳимов, Басир Расо ва Муаллиф.

243. Меҳмонони Муаллиф: Аҳмад Шарифов, Абдурраҳим Раҳимов, Ҳоҷӣ Саидалӣ Мунавваров, Салом Нуриёни Баравнӣ ва Муаллиф.

244. Гурухе аз ҳамдиёрон дар меҳмонии рассом Муҳаммадкарим: Дидавар, Назарӣ Вазиров, Ҳабиб Раззоқов, Ибодулло Раззоқов, Басир Расо, Муаллиф ва Иззатманд Катамардов.

245. Нафароне дар меҳмонии Муаллиф: Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев, Ҳайдаршо Пирумшоев, Муаллиф, Дидавар, Салом Нуриёни Баравнӣ, Аҳмад Шарифов ва Ҳоҷӣ Саидалӣ Мунавваров.

246. Ҳафиз Холиқзода, Озод Абуссабур, Муҳаммадкарим, Дидавар, Муаллиф ва Нозим Нурзода.

247. Файласуфи озодандеш ва муҳаққиқи фарҳанги мардумӣ Мирбобо Мирраҳимов.

248. Шоир ва мутафаккир Мирзо Боқизода, муаллифи китоби “Ҷовиддоннома”.

249. Назарияпардози фалсафаи равшанфикрӣ дар Тоҷикистон устод Тоҳири Абдуҷаббор.

250. Муҳаққиқи масъалаҳои зебошиносии мероси ниёгон, доктор Саъдулло Раҳимов.

251. Шоири ватандӯст Давлат Сафар.

252. Муаллиф бо дусти ҳамхизматаш Сайфулло Солеҳзода.

253. Устод Муъмин Қаноат бузургтарин шоири достонсарои муосир.

254. Гулрухсори Сафӣ–шоири равшанфикр ва инқилобӣ.

255. Академик Раҳим Масов–муҳаққиқи таърихи муосири Тоҷикистон.

256. Муҳаққиқи таърихи фарҳанги ниёкон Зафари Мирзоён.

257. Гулрухсори Сафӣ бо нигоҳи ҷиддӣ.

258. Устод соҳиб Табаров бо ҳамсараш.

259. Дидавар Бекзода суратҳои китобро ба танзим медарорад.

260. Устод Бозор Собир бо нигоҳи маҳзун дида мешавад.

261. Академик Фарҳод Раҳимӣ–муҳаққиқи масъалаҳои физикии ташаккули Кайҳон.

262. Шоири халқии Тоҷикистон устод Гулназар Келдӣ.

263. Адиб ва муҳаққиқ Умари Шерхон дар лаҳзаи илҳом ва эҷод.

264. Устод Шакурӣ ба нуктаи муҳимме ишора мекунад.

265. Нигоҳи устод Акбари Турсонро тафсир кардан кори осон нест!

266. Академик Мусо Диноршоев–муҳаққиқи аҳвол ва осори Ибни Сино ва Муҳаммад Закариёи Розӣ.

267. Профессор Самиев Абдусамад Ҳасанович–муаррихи фалсафа.

268. Искандар Асадуллоев–файласуфи сиёсатшинос ва шоири нуктасанҷ.

269. Муҳаммадалӣ Музаффарӣ–доктори илми фалсафа ва муҳаққиқи масъалаҳои инсоншиносӣ.

270. Чеҳрае аз адабиётшинос профессор Худойназар Асоев.

271. Сафири илму адаби тоҷик дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, доктор Сафар Абдулло.

272. Муҳаққиқ ва муаррихи масъалаҳои мазҳабӣ дар Тоҷикистони муосир Абдулло Ҳакими Раҳнамо.

273. Шоири озодандеш ва мутафаккир Зиё Абдулло.

274. Шоири озода ва ватандӯст Искандари Хатлонӣ.

275. Навсандаи чирадаст ва ватанпараст Муҳаммадзамони Солеҳ.

276. Устод Урун Кӯҳзод–нависандаи муҳаққиқ ва сермутолиаи муосири Тоҷикистон.

277. Устод Мирзо Боқизода ҳатто дар ҳолати танҳоӣ ҳам гиреҳи мушташро кушоданӣ нест.

278. Рустам Файзуллобеков ва Назарӣ Вазиров ҳангоми суҳбат.

279. Муаллифи бузургтарин фарҳанги арабӣ–тоҷикӣ, профессор Саидраҳмон Сулаймонов.

280. Шоир ва файласуфи тоҷик Назри Яздонӣ ҳангоми суханронӣ.

281. Доктори илми фалсафа Аҳмад Саидов дар дафтари кориаш.

282. Шоир ва муҳаққиқи ватандӯст Абдулқодири Алавӣ.

283. Адабиётшиноси озода ва фарзона устод Холиқ Мирзозода.

284. Академик Кароматулло Олимов дар дафтари кориаш аксбардорӣ шудааст.

285. Файласуфи сиёсатшинос, профессор Абдурраҳмон Маҳмадов.

286. Арабшинос ва муҳаққиқи масъалаҳои сиёсӣ Рашид Ғанӣ Абдулло.

287. Наққош ва шоири андешаманд Муҳаммадкарим Каримзода.

288. Шоир ва муҳаққиқи адабиёти мардумии ноҳияи Ванҷ, устод Басир Расо.

289. Ҳамкурси Муаллиф Олимхон Қорихонов, доктор Тоҷиддин Мардонӣ ва Ҳафиз Холиқзода дар меҳмонии Муаллиф ба муносибати 70–солагиаш.

290. Ҳамкурсони Муаллиф: Ғолиб Ғоибов, Саиднуриддин Шаҳобиддинов, Эргаш Қосимов ва Олимхон Қорихонов дар ҷашни 70–солагӣ.

291. Муаллиф, Ғолиб Ғоибов, Саиднуриддин Шаҳобиддинов, Олимхон Қорихонов ва Тоҷиддин Мардонов.

292. Баъд аз тӯйи сиёсатмадор Абдулло Юлдош дар тарабхонаи "Роҳат": Аҳмадҷон Ҳоҷиев, Муаллиф ва Тоҷиддин Мардонӣ.

293. Шоири ринд ва мутафаккири муосир Абдулфаттоҳ Кулолии Хуҷандӣ.

294. Шоир ва рӯзноманигори пуркор Шарифи Мисайзод.

295. Доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоҳназар Шоҳисматуллоев дар минбари маҳфили илмӣ дида мешавад.

296. Доктори илми фалсафа, муҳаққиқи фалсафаи ишроқ Муҳаммадқул Ҳазратқулов дар минбари конфронси илмӣ.

297. Комил Бекзода дар назди бинои телевизиони "Сафина".

298. Муаллифи консепсияи "бехатарии вуҷудӣ", файласуфи ҷомеашинос, доктор Ҳафиз Холиқзода.

299. Муҳаққиқи фалсафаи Нитше дар Тоҷикистон, доктор Нуриддин Шаҳобиддинов.

300. Муаллиф ва муҳаққиқи масъалаи сайри андешаи Ибни Сино дар ҷаҳони муосири араб, докторант Ёрмуҳаммад Ниёзӣ.

301. Файласуфи озодандеш ва Волтери тоҷик Шодӣ Атоӣ.

302. Муҳаққиқи масъалаҳои фалсафаи ҳуқуқ ва адолати иҷтимоӣ, устод Файзи Олӣ.

303. Муҳаққиқи масъалаҳои фалсафии физика ва астрономияи муосир Номвари Қурбон.

304. Файласуфи шарқшинос ва муҳаққиқи масъалаҳои мақоми Инсон дар ирфони исломӣ, Исомиддин Шарифзода.

305. Муҳаққиқи масъалаҳои фалсафии иқтисод ва фарҳанги ҷомеа, Меҳр Собириён.

306. Муҳаққиқи масъалаҳои фалсафии журналистикаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ, Фирдавс Ниёзӣ.

307. Шоири файласуфон ва файласуфи шоирон устод Мирзо Боқизода.

308. Муҳаққиқи зариф ва адабиётшиноси нуктасанҷ, Абдуламини Маҷнун.

309. Нигоҳи хайрхоҳонаи Шодӣ Атоӣ.

310. Ҳолати табиии Номвари Қурбон.

311. Нигоҳи оптимистонаи шоир Мирзо Боқизода.

312. Номвари Қурбон, Шодӣ Атоӣ ва Мирзо Боқизода ба расми ёдгор сурат гирифтаанд.

313. Устод Абдуғаффор Шарифзода дар ҳолати андеша ва тафаккур.

314. Дидавар Бекзода дар байни гул ва дарахти анор дида мешавад.

315. Шодӣ Атоӣ ва Комил Бекзода дар назди Китобхонаи Миллӣ.

316. Ҳафиз Холиқзода дар дафтари кориаш қарор дорад.

317. Файласуфи эронӣ ва муҳаққиқи масъалаи маънобохтагӣ (абсурд) дар фалсафаи муосир, Сайид Сиёмаки Мусавӣ.

318. Ёрмуҳаммади Ниёзӣ дар  Китобхонаи Миллӣ.

319. Намояндагони "Ҷаҳони андеша" дар боғи ИРАМ–и шаҳри Душанбе.

320. Маҳмуд Ғиёсӣ ва Муаллиф дар тӯйи устод Абдуғаффор Шарифзода.

321. Дидавар Бекзода дар олами андеша қарор дорад.

322. Фирдавс Ниёзӣ ва Шоир Латифи Латиф дар Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.

323. Сайёҳати намояндагони "Ҷаҳони андеша" дар боғи ИРАМ.

324. Аспирант Илҳом Қурбоншоев (нафари аввал) бо дӯстонаш дар Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.

325. Ҳафиз Холиқзода, Муаллиф, профессор Маҳкамбой Аслонов ва доктор Муҳсин Раҳимӣ дар мулоқоти дӯстона бо донишҷӯёни Институти политехникии шаҳри Душанбе.

326. Дар ин расм Ҳафиз Холиқзода, Сайид Сиёмаки Мусавӣ ва Муаллиф дида мешаванд.

327. Як нигоҳи хушбинона аз Муаллиф.

328. Лаҳзае аз мулоқот бо донишҷӯёни Институти политехникӣ.

329. Ҳафиз Холиқзода  ва Муаллиф дар яке аз маҳфилҳо.

330. Комил Бекзода дар маҷлисгоҳи марказии Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

331. Дидавар ва Ҷовидон дар тӯй.

332. Як сурати хотирмон аз Дидавар Бекзода.

333. Як нигоҳи бетарафона аз Муаллиф.

334. Шояд ин беҳтарин сурати Ҳафиз Холиқзода бошад, ки то имрӯз ба назари ман расида.

335. Табиитарин сурати Шодӣ Атоиро мебинед.

336. Ҳафиз Холиқзода аз минбари маҷлисгоҳи Академия гузориш медиҳад.

337. Ёрмуҳаммад Ниёзӣ–дар Маркази омузиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Академия дида мешавад.

338. Фирдавс Ниёзӣ дар Марказ.

339. Меҳр Собириён дар Марказ.

340. Дидавар Бекзода дар Марказ.

341. Номвари Қурбон дар дафтари кориаш.

342. Боз як сурати табиии Ҳафиз Холиқзода.

343. Чеҳраи дигар аз Муаллиф.

344. Намояндагони “Ҷаҳони андеша” дар боғи ИРАМ–и шаҳри Душанбе.

345. Чеҳраи дигар (маҳзун) аз Ҳафиз Холиқзода.

346. Дидавар дар ҳавлии худаш.

347. Шоир Латиф ва Нуриддин дар меҳмонии Ҳафиз.

348. Шодӣ Атоӣ ва Номвари Қурбонро дар назди дастархон.

349. Муҳаққиқи афғон Муҳаммад Набии Яқин, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ ва Исомиддин Шарифзодаро дар маҳфили “Ҷаҳони андеша” мебинед.

350. Манзарае аз як вохурӣ дар Институти Политехникӣ дар қатори аввал: Фирдавс Ниёзӣ ва Сайид Сиёмаки Мусавӣ.

351. Шодӣ Атоӣ– барандаи маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша” дар маҷлисгоҳи Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

352. Як сурати шоирона аз Латифи Латиф (Китобхонаи Миллии Тоҷикистон).

353. Сурате аз Дидавар дар тарабхонаи “Роҳат”–и шаҳри Душанбе.

354. Табиитарин сурат аз устод Файзи Олӣ.

355. Аспирант Амир дар яке аз маҳфилҳои “Ҷаҳони андеша”.

356. Нуриддин Шаҳобиддинов, Ҳафиз Холиқзода ва Ёрмуҳаммад Ниёзӣ дар маҷлисгоҳи марказии Академия.

357. Чанде аз ширкаткунандагони маҳфили “Ҷаҳони андеша” дар Академия. Дар қатори аввал Шаҳривар Қурбонов.

358. Фирдавс Ниёзӣ зери таъсири андешаҳои гузоришгари маҳфил ба олами фикр фуру рафтааст.

359. Зебандаи хурдсол дар дасти падараш дида мешавад.

360. Як сурати тирамоҳӣ аз Муаллифи китоб.

361. Исомиддин Шарифзодаро дар дафтари Марказ мебинед.

362. Як сурати шоиронаи дигар аз Латиф.

363. Усмон Камолиён бо табассуми софу беғубораш дар ин сурат дида мешавад.

364. Оқои Сайид Сиёмаки Мусавӣ дар меҳмонии Ҳафиз Холиқзода.

## ИЗҲОРИ СИПОС ВА ЭЪТИРОФ

Ман, Дидавар Бекзода–тартибдиҳандаи китоб ва танзимкунандаи суратҳои он ба хонандагони арҷманд изҳор медорам, ки дар нашри китоб хизматҳои ҳамкорон ва дӯстони ман ва Муаллиф сазовори сипос ва қадрдонӣ ҳастанд:

1–Академик Мусо Диноршоев қисмати "Бозгашти Ҷамшед"–ро таҳрири филологӣ ва фалсафӣ намуд. Пешниҳодоти Устодро ба китоб ворид намудам.

2–Устод Ҳафиз Холиқзода қисмате аз суратҳои файласуфони Юнони қадимро дар ихтиёри мо гузошт. Баъзе аз онҳо дар қисмати шашуми китоб истифода карда шудаанд.

3–Устод Номвари Қурбон чанде аз суратҳои равшанфикрони олами исломӣ дар асрҳои миёна ва баъзе намояндагони Урупои муосирро дастраси мо намуд. Аксарияти он суратҳоро истифода намудаам.

4–Устод Фирдавс Ниёзӣ дар масъалаи ҷобаҷогузории суратҳо ва табақабандии онҳо маслиҳатҳои муфид дод.

5–Шоир Мирзо Боқизода баъзе аз қисматҳои китобро таҳрири филологӣ намуд.

6–Устод Исомиддин Шарифзода дар тартиб ва таснифи сарчашмаҳои китоб моро раҳнамоӣ кард.

7–Устод Нозим Нурзода чун муҳаррири масъули китоб ҳамаи маводи мавҷударо борҳо мавриди бозбинӣ ва таҳрир қарор дод.

8–Муаллифи китоб, устод Комил Бекзода нусхаи охирини китобро бозбинӣ намуда, ба нашриёт супориданашро ба мақсад мувофиқ донист. Дар ин асос, қарзи виҷдонӣ ва инсонии худ медонам, ки ба ҳамаи ин устодон, донишмандон, ҳамкорон ва ёру дӯстоне ки дар тартиб ва таҳияи китоб ба ман кӯмакҳои бедареғ намудаанд, изҳори ташаккур ва қадрдонӣ намоям.

Дар охир умедворам, ки бо кӯшиши хонандагони нуктасанҷ иштибоҳоти руҳдода дар китоб ислоҳ карда мешаванд. Мо омодаи қабули ҳамагуна маслиҳат, машварат ва раҳнамоиҳои созанда ва илмии Шумо будем ва хоҳем буд.

Бо арзи эҳтиром, Дидавар Бекзода

Имзо:

Таърих: 16 августи соли 2015

Макон: Душанбешаҳр, маҳаллаи "Меҳробод"–и ноҳияи Сино.

# МУНДАРИҶА

Ҳафиз Бобоёров. Татбиқи методологияи бехатарии вуҷудӣ дар Фалсафаи Ҷамшедии Комил Бекзода. (Сарсухан)............ 5
Тақриз ба дастхати китоби Комил Бекзода таҳти унвони “Фалсафаи марг ва зиндагӣ”-Душанбе, 2015, 675 с. (А4)........................................................................ 26

**Боби якум**
**ФАЛСАФА ВА ҶАҲОНБИНӢ**

- Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Зиндагонии фалсафӣ чист?........ 31
- К. Бекзода: “Соли 1971 Ҷамшедро шинохтам”!........ 34
- Бозгашти Ҷамшед: Зиндагӣ ба Марг чӣ гуфт? (Посух ба китоби “Чунин гуфт Зардушт”–и Фридрих Нитше).. 44
- Оё халқи тоҷик фалсафаи миллӣ дорад?................ 118

**Боби дуюм**
**ФАЛСАФА ВА ТАЪРИХИ РАВШАНФИКРӢ**

- Заминаҳои худшиносии тоҷикон пеш аз ислом......... 133
- Шуубияи фалсафӣ. (Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ)........................................................................ 161
- Абуҳайёни Тавҳидӣ–равшанфикри Шероз................. 181
- Абулқосими Фирдавсӣ ва шуубиён............................ 215
- Бузургӣ чист ва бузургон кистанд?.......................... 227

**Боби сеюм**
**ФАЛСАФА ВА ФАРҲАНГ**

- Бузургони фарҳанги тоҷик. (Чанд ишораи муқаддимавӣ).......................................................................... 242
- Фарҳанге ки ИНСОНИ НЕК–ро меситояд!................. 245
- Фирдавсӣ–файласуфи ношинохта.............................. 252
- Ибни Сино дар ҷаҳони муосири араб...................... 261
- Фидокориҳои Носири Хусрав.................................... 267
- Гуфтушуниди фалсафӣ бо ҳаким Умари Хайём......... 274
- Шамси Табрезӣ кист?................................................ 278
- Ҷалолиддини Румӣ дар талоши ИНСОНИ ХУДШИНОС.............................................................................. 285

- Ҳастӣ ва Нестӣ. (Ҷавоби номаҳо)............................ 294
- “Ҷаҳд бинмо, то ки бедорам кунӣ!” (Мусоҳиба)...... 321
- Зарби путку осоиши Намруд. (Мусоҳиба).................. 328


**Боби чаҳорум**

**ФАЛСАФА ВА ШЕЪР**


- Шеър чист?............................................................... 337
- Мақоми миллат дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол......... 352
- Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз. (Ҷавоби анкетаи фалсафӣ)............................................................ 365
- Бухрони оиладорӣ дар Тоҷикистони муосир........... 389


**Боби панҷум**

**ФАЛСАФА ВА ЗИНДАГӢ**


- Саргузашти адабии Комил Бекзода бо қалами худаш.. 402
- Нозим Нурзода. Муждаи уммеди умри ҷовидон меоварӣ................................................................ 425
- Давлат Сафар. Ҷаҳон бо ту бувад.............................. 426
- Нозим Нурзода. Менаёбад ҷовидонӣ ақли бебокат шикаст!........................................................................ 427
- Умари Шерхон. Файласуфе сахт шево. (Мусоҳиба)... 429
- Фирдавс Ниёзӣ. Комил Бекзода–муҳаққиқи дерошно.. 435
- Номвар Қурбон. Инсони комил ва олими фозил......... 438
- Исомиддин Шарифзода. Хирадманди равшанзамир.. 442
- Меҳр Собириён. Роҳи ӯ ростист. ............................ 446
- Абдуламин Маҷнун. Файласуфи соҳибмактаб............ 448
- Шодӣ Атоӣ. Файласуфи ҷасоратманди миллат........ 451
- Номвар Қурбон. “Ҷаҳони андеша”–мактаби фалсафии Комил Бекзода............................................ 455
- Ёрмуҳаммад Ниёзӣ. Мактаби шахсиятсози Комил Бекзода........................................................................ 461
- Ҳафиз Холиқзода. Кӯшишҳои таҳриф ва бадном кардани мактаби фалсафии Комил Бекзода ............ 465
- Нозим Нурзода. Файласуфӣ чунин бояд!................. 475
- Нуриддин Шаҳобиддин. Ишқ ба зиндагӣ ё инкори марг................................................................... 486

➢ Муҳаммад Карим Каримзода. “Бе ҳиммати мо ҳеҷ касе зинда нагардад!”........................................ 497
➢ Адабиёт.................................................................... 508
➢ Феҳрасти номи муҳимтарин китобҳо дар мавзӯъи равшанфикрӣ.......................................................... 516
➢ Феҳрасти номи равшанфикрони ҷаҳон........................ 520

## Боби шашум
## АЛБОМИ СУРАТҲО

➢ Қоидаҳои шинохти суратҳо........................................ 527
➢ Аҳли хонаводаи муаллиф.......................................... 528
➢ Симои чанде аз шахсиятҳои Шарқ (гузашта ва муосир).................................................................... 568
➢ Намунае чанд аз симои шахсиятҳои Ғарб ва Шарқ (гузашта ва муосир)................................................ 576
➢ Ҳамдарсон, устодон ва ёру дустон............................. 583
➢ Шахсиятҳои маҳфили фалсафии “Ҷаҳони андеша”..... 602
➢ Шарҳ ва тафсири суратҳо.......................................... 619
➢ Изҳори сипос ва эътироф.......................................... 636